**Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ**

**дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД 297 (100)
ТКБ 86.38(00
А - 14

**Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил**

# ИСЛОМ ВА АРЗИШҲОИ ДУНЯВӢ

диссертатсия барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ

**Мушовири илмӣ:**

**д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ Музаффари М.**

**Душанбе – 2024**

Мундарича


Муқаддим……………………………………………………………………………….4

**Боби 1. Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи дунявият** ………………………………...23

1.1. Моҳият ва мундаричаи мафҳум……………………………………………23

1.1.1. Шарҳи мафҳуми дунявият дар доираҳои илмӣ ва татбиқи он .........23

1.1.2. Таҳаввули мундаричаи мафҳуми дунявият.......................................29

1.1.3. Дунявият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ...................................................37

1.2. Ҷанбаҳои дунявӣ дар эҷодиёти Эпикур ва Марсили Падуянӣ ..........................................................................................43

1.3. Ғояҳои дунявӣ дар эҷодиёти мутафаккирони давраи Эҳё ва Замони Нав .............................................................................................62

1.4. Ҳадафҳои дунявӣ дар динҳои сомии тоисломӣ ....................................73

**Боби 2. Заминаҳои дунявият дар ислом ……………………………………………...**87

2.1.Асосҳои иҷтимоии муқаррар гардидани арзишҳои дунявӣ дар ислом ..........................................................................................................87

2.2. Мақоми арзишҳои дунявӣ дар Қуръон ..............................................110

2.3. Масъалаи ҳокимият дар ислом ………………………………………....137

2.4. Нақши омилҳои дунявӣ дар пирӯзӣ ва густариши ислом ..................163

**Боби 3. Ҳаракатҳои дунявигароӣ дар оламӣ ислом** ......................................181

3.1.Таҳаммулпазирӣ ҳамчун шакли зуҳури дунявият дар ислом ..............181

3.2. Ҳаракатҳои дунявигароӣ дар олами араб ...........................................199

3.3. Ғояҳои дунявигароии маорифпарварони мусулмони Эрон ва Ҳиндустон ................................................................................................222

3.3.1. Дунявигароии маорифпарварони Эрон ...........................................222

3.3.2. Ҷанбаҳои дунявӣ дар фаъолияти ислоҳотчигии маорифпарварони мусалмони Ҳиндустон .........................................244

3.4. Муосирсозӣ (модернсозӣ) - и дини ислом ҳамчун омили амиқ ва қавӣ гардидани дунявият ..............................................................250

**Боби 4. Ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон** ..................................................272

4.1. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат
Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ.. 272
4.2. Асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ
дар Тоҷикистон ..........................................................................286
4.3. Вижагиҳои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ
дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон......................................................... 299
Хулоса.................................................................................................. 313
Адабиёт................................................................................................ 321

## Муқаддима

**Муҳим будани мавзуи таҳқиқот.** Омӯзишу таҳқиқи раванду ҳодисаҳои динӣ нишон медиҳад, ки инъикоси арзишҳои дунявӣ дар дин ҷанбаи кампажӯҳишшудаи таҳқиқотҳои илмӣ дар диншиносии муосир маҳсуб мебошад. Ин камбудӣ дар робита ба дини ислом боз ҳам бештар мушоҳида мешавад.

Муҳимтарин омили мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда инъикоси тахайюлии равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ-иқтисодии дар садсолаҳои охир дар ҷомеаи башарӣ ба вуҷуд омадаистода дар дини ислом мебошад. Равандҳои мазкур дар ибтидои асри XX ба пайдоиши ҷунбишҳои ислоҳотхоҳӣ дар ҷаҳони ислом сабаб гардиданд. Ислоҳотгарон ҳамчун вокуниш ба таҳаввулот кӯшиш мекарданд, ки аз як тараф, исломро ба воқеиятҳои нав мутобиқ созанд, аз тарафи дигар, саъй менамуданд, ки исломи бунёдгароро тавлид созанд.

Муносибати манфии исломгароён ба дигаргунсозиҳои муосир имрӯз низ идома дорад. Бар асари баҳои нодуруст ба таҳаввулоти замони муосир ва муносибати манфӣ ба онҳо имрӯз дар миёни қишрҳои исломгарои аҳолӣ ақида ва дидгоҳҳои ифротгароёна ба вуҷуд омада истодаанд, ки ба ҳамзистии осоиштаи фарҳангҳои гуногун хатари ҷиддӣ менамоянд. Муаллифони афкор ва дидгоҳҳои ифротии муосир ба дунявият ва арзишҳои дунявӣ ҷанг эълон намуда, бо ҳар роҳу восита кӯшиш мекунанд, ки дунявиятро дар чашми мардуми мусулмон сиёҳ карда нишон диҳанд. Зарарнок будани чунин баҳо ва муносибат дар он ифода меёбад, ки агар чунин дидгоҳ аз ҷониби як исломгарои маъруф интишор ёфта бошад, пас, вай ба воситаи каналхои худ зуд ба диндорони оддӣ рафта мерасад. Бар асоси гуфтаҳои боло, таҳқиқи мавзуи “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Мубрамияти мавзуи пажӯҳишро инчунин шароити муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ-иқтисодии ҷаҳони ислом ба миён мениҳад. Ҳеҷ кас инкор карда наметавонад, ки ҷаҳони ислом дер боз зери таъсири

падидаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷаҳони Ғарб қарор дорад. Дар ҷаҳони Ғарб бошад, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа принсипҳои дунявӣ комилан ҳукмрон мебошанд, ҳарчанд иҷрои баъзе меъёрҳои динӣ то ҳол қисман расман нигоҳ дошта мешаванд. Ҷаҳони Ғарб то андозае худро аз занҷири асорати дин раҳо карда, арзишҳои дунявиро пайгирӣ карда истодааст ва дар соҳаи иҷтимоӣ ба комёбиҳои назаррас ноил шудааст. Мусаллам аст, ки тағйироти иҷтимоиву фарҳангие, ки дар ҷаҳони Ғарб сурат мегиранд, меъёрҳои диниро ҳамчун танзимгари ҳаёти ҷамъиятӣ маҳдуд намуда, тадриҷан ба ҳаёти фардӣ ва ҷамъиятии мусулмонон низ ворид шуда истодаанд.

Ҳарчанд ҷаҳони ислом низ талош дорад бо ҳамон роҳе, ки ҷаҳони Ғарб аст, рушд кунад, аммо бо мухолифати чашмгире аз ҷониби назарияпардозон ва мутаассибони мазҳабӣ, ки дар миёни мардум нуфузи азим доранд, рӯбарӯ шуда истодааст. Маҳз онҳо дунявиятро душмани дин маҳсуб медонанд. Ҳамин тариқ, ҷаҳони ислом бо як масъалаи мушкил рӯбарӯ шудааст: мехоҳад бо шаъну шараф зиндагӣ кунад, дар рушди ҷомеа ба пешравӣ ноил шавад, аз вобастагӣ ва таъсири кишварҳои хориҷӣ ва фарҳанги онҳо раҳоӣ ёбад, аз тарафи дигар, аз роҳи дунявии рушд канорагирӣ менамояд. Аз ин нигоҳ омӯзиши мавзӯъ мубрам ҷилвагар мешавад.

Тағйироти иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи муосир, албатта, наметавонист, ки ба вокуниши ҷиддии пешвоёни дин ва исломгароёни ба меъёрҳои иҷтимоию фарҳангии куҳнашуда одатнамуда, ки дар тағйироти иҷтимоиву фарҳангӣ таҳдиди шадиде ба тасаввуроти динӣ мебинанд, дучор нагардад. Яке аз чунин дигаргуниҳои ҷолиби иҷтимоию фарҳангии ҷаҳони Ғарб ин пойбанд будан ба принсипхои дунявӣ ва ба он додани мавқеи афзалиятнок дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт аст. Табиист, ки назарияпардозон ва донишмандони дини ислом дунявиятро як падидаи хоси Ғарб ва аслан ба арзишҳои исломӣ бегона муаррифӣ мекунанд. Зеро таҳқиқи дунявият ба унвони як асли давлатдорӣ ва ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ метавонад ба

масъалаи дарки моҳияти дунявият ва созгор будани он дар ҷаҳони ислом равшанӣ андозад. Исломгароён, ки дунявиятро танҳо ҳамчун ҷудоии дин аз давлат мефаҳманд, ҷанбаи фарогир будани он - падидаи ба ҳамаи шаклу гуногунии ҳаёти ҷамъиятӣ хос будани онро ба эътибор намегиранд. Омӯзиши дунявият ҳамчун принсипи муайянкунандаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳаввули он имкон медиҳад, ки дунявият ҳамчун падидаи хоси тамоми марҳалаҳои инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ баррасӣ шавад. Ба ибораи дигар, метавон таъкид кард, ки авлавияти арзишҳои дунявӣ, ки як шакли ифодаи дунявият аст, хосияти ногузири ҳаёти фард дар ҷомеа мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми омӯзиши ин мавзуъ мафҳумҳои «дунявият» ва «арзишҳои дунявӣ» баробар дониста шудаанд, зеро онҳо аз ҳамдигар на бо мазмун, балки танҳо бо шакл тафовут доранд. Ба ибораи дигар, дунявият ҳамчун принсипи фаъолияти ҷомеаи башарӣ падидаи иҷтимоӣ буда, шарти ҳатмӣ ва зарурии мавҷудият аст, ки дар он нақши бартаридоштаро арзишҳои дунявӣ мебозад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур дунявият ва арзишҳои дунявӣ вобаста ба зерматни худ дар ҳоле ки ҳадафи яххела доранд, ҳамчун шаклҳои гуногуни як падида истифода мешаванд. Чунин биниш бо тафсири мафҳуми дунявият дар доираҳои илмӣ асоснок мешавад. Дар асари Аҳмад ат-Таон «Ал-Алмониюна ва-л-Қурон-ул-карим» (Дунявиён ва Қуръони карим) ва инчунин дар як қатор луғатномаҳои аврупоӣ[1] дунявият ҳамчун падидае муаррифӣ шудааст, ки асосан ба умури заминии инсон алоқаманд мебошад.

Мубрамияти мавзуи мавриди омӯзишро инчунин мавқеъгириҳои духӯраи доираҳои динии ҷаҳони ислом ба ин мавзуъ тақвият медиҳад. Моҳияти дунявиятро дуруст дарк намуда, худи қишри мазкур умуман дар

---

[1] Аҳмад Идрис ат-Таъон. Ал-алмонийюна в-ал Қуръон-ул-карим (Секуляристы и священный Коран). Ар-Риёз, 1428. - С.122; Алмония (Дунявият) [Манбаи электронӣ] / http://ar. wikipedia, org/w/index. Phr (Санаи муроҷиат: 20.04.2020); Oxford Advanced Leaner's Dictionary of Current English.Seventh Edition. A S Hornby Oxford University Press. – C.1371; Oxford Encyclopedic English dictionary. Clarend press. Oxford.1991. - C.1311; Collins Cobuild Advanced Learner's English Dictionary. New Edition. Canada.2006. - C. 1301.

амал тарзи ҳаёти дунявиро пеш мебаранд, агарчанде аз ҷихати назариявӣ ба он мухолифанд.

Омӯзиши таърихи фарҳанги башарӣ нишон медиҳад, ки на арзишҳои динӣ, балки арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти одамон мавқеи барҷаста доранд. Ҳолати мазкур бо ҳаёти амалии одамон алоқаманд будани принсипҳои дунявӣ асоснок мегардад. Зимни гузаронидани таҳқиқот дар самти мазкур аҳамияти бузурги кашфи заминаҳои иҷтимоии пайдоиши худи дин, дар мавриди мо дини ислом ошкор мегардад. Чунин шакли таҳқиқ ҳатто асосҳои дунявии (ҳамчун унсури заминаҳои иҷтимоӣ) ташаккули динро равшан нишон медихад. Зеро ягон дин бидуни асоси иҷтимоию фарҳангӣ ба вуҷуд намеояд. Маҳз ҳамин омилҳо барои зарурати ташаккули ислом сабаб гардидаанд.

Заминаҳои дунявӣ барои пайдоиши ҳамаи динҳо ва падидаҳои динӣ замина гузоштанд ва ислом ин ҷо истисно нест.

Дар бораи заминаҳои дунявии пайдоиши дини ислом сухан ронда, таъкид кардан лозим аст, ки чунин омилҳои иҷтимоӣ, аз қабили зарурати ташкили давлати ягонаи муташаккил ва муттаҳид кардани мардум ба воситаи дин ҳамчун заминаҳои дунявии ташаккули дини ислом арзёбӣ мегарданд. Дар бораи омилҳои боло сухан ронда, албатта, зарурати дигаргунсозиҳои ахлоқиро дар ҷамъият иловатан бояд таъкид намуд.

Ҳаводиси ёдрасшуда ҳамчун шакли зуҳури дунявият қадам ба қадам ба ҳаёти мусалмонон ворид шуда, ба он мазмуни дунявӣ бахшидаанд. Пӯшида нест, ки дигаргуниҳои зикршуда наметавонистанд ба донишмандон ва мутаассибони дин, ки дар дунявият барои мавҷудияти худи дин хатареро медиданд, беасар бошанд. Зеро дар дунявият ҳарчанд ҳаққи мавҷудияти дин инкор карда намешавад, дин имкони густариши худро то андозае аз даст медиҳад. Таваҷҷуҳи онҳое, ки тарзи зиндагии дунявиро пеш мебаранд, дар нисбати дин ва арзишҳои динӣ тадриҷан коҳиш меёбад. Таҳаввулоти мазкур на танҳо ба тарзи зиндагии

мусулмонони оддӣ, балки ба ҷаҳонбинии пешвоёни мазҳабӣ низ таъсири ҷиддие ворид карда, онҳоро ниммазҳабӣ ва нимдунявӣ менамояд.

Воқеан ҳам бидуни арзишҳои дунявӣ ҳастии инсон маънои худро гум мекунад. Арзишҳои дунявӣ бо дин ба он маъно созгор нестанд, ки дин ин арзишҳоро ба инсон на дар ҳаёти заминии ӯ, балки дар он дунё ваъда медиҳад. Аммо маънии ҳастии инсон мавҷудияти он арзишҳоро дар ҳаёти заминии ӯ тақозо менамояд. Дар акси ҳол, инсон мавҷудияти биологии худро зери хатар мегузорад. Аз ин рӯ, дар мероси эҷодии башарият ақида ва дидгоҳҳои дунявӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол кардаанд.

Аҳамияти мавзуи мазкур боз дар он ифода меёбад, ки дар ҷомеаи дунявии муосири мо на танҳо назарияпардозон ва донишмандони дин, балки ҳатто қисмате аз зиёиён низ дину дунявиятро муқобили ҳам қарор медиҳанд. Албатта, ин мавқеъ аз дарки нодурусти ҳам моҳияти дунявият ҳамчун падидаи иҷтимоъӣ ва ҳам асли дини ислом ва таърихи он сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур аҳамияти методологии фарогир дорад.

Барои равшану асоснок инъикос намудани арзишҳои дунявӣ дар ислом, баррасии онҳо дар ду сатҳ: назариявӣ ва амалӣ ба мақсад мувофиқ ҳисобида мешавад. Зеро исломе, ки дар китобҳои муқаддас, махсусан дар Қуръон инъикос ёфтааст, аз замони шаклгирияш то ба имрӯз бетағйир боқӣ мондааст, дар ҳоле ки исломи амалӣ, ки дар ҳаёти амалии мусулмонон аз замони пайдоиш то имрӯз мушоҳида мешавад, пайваста ба тағйироти муайян дучор омадааст.

Дар исломи назариявӣ, асосан дар Қуръон, ки сарчашмаи асосии таълимоти ислом маҳсуб methodically дониста мешавад, арзишҳои дунявӣ чун дар исломи амалӣ шомили ҷойгоҳи муҳим нестанд. Зеро, Қуръон ба сабаби таъиноти динии худ ба арзишҳои дунявӣ авлавият дода наметавонад. Авлавият додан ба арзишҳои дунявӣ дар Қуръон, бе шак, омили коҳиш ёфтани қудсияти он мегардид. Бинобар ин, маҳз авлавияти арзишҳои фавқуттабиии динӣ асли таъиноти динии Қуръон маҳсуб меёбад. Аммо дар

исломи амалӣ ҷойгоҳи афзалиятноки арзишҳои дунявӣ дар қиёс бо арзишҳои динӣ ба таври равшан ва мушаххас мушоҳида мешавад. Дар робита ба таъиноти исломи амалӣ меарзад, ки аз сухани зерини файласуфи машҳур Гегел ёдрас шуд: "Аммо дар парастиш ман дар як тараф истодаам, Худо дар тарафи дигар ва асли таъинот дар он ифода меёбад, ки ман бояд дар Худо бошам ва Худо дар ман ва ин ягонагии мушаххас эҷод карда шавад"[2]. Доир ба моҳияти ибодат мутафаккири бузург комилан дуруст қайд кардааст ва дар парастиши ҳақиқӣ бояд чунин ваҳдат вуҷуд дошта бошад, вагарна он ҳамчун парастиш аз рисолати худ маҳрум мегардад. Парастиш бошад, дар навбати худ, шакли мавҷудияти дин аст.

Мутаассифона, дар исломи амалӣ арзиши динӣ на ҳамеша ҷойгоҳи сазовор доштааст. Пас аз даргузашти паёмбар дида мешавад, ки ҳокимият ҳамчун муҳимтарин унсури арзиши дунявӣ дар қиёс бо арзиши динӣ мақоми афзалро касб менамояд. Маҳз ҳокимият ҳамчун арзиши дунявӣ сабаби асосии тақсимоти ислом ба ду ҷараёни мухолиф гардид; маҳз ҳокимият боиси кушта шудани баъзе халифаҳои исломӣ шуд; маҳз ҳокимият сабаби ҷангҳои байниҳамдигарии асҳоби паёмбар гардид; маҳз ҷойгоҳи муҳими ҳокимият барои хунрезии азим дар байни сулолахои араб маншаъ мегардад; маҳз ҳокимият барои ҷанги байниҳамдигарии бародарон сабабгор мешавад. Ҳамаи ин ҳодисахо бар хилофи талаботи меъёрҳои динӣ сурат мегиранд. Ҳамин тавр, бисьёр меъёру муқарраротӣ динӣ ба хотири талош бахри ҳокимият зуд-зуд вайрон карда мешаванд. Аз ин далоил бармеояд, ки таҳқиқи мавзуи ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар байни мусулмонон нишон медиҳад, ки дини ислом барои қишрҳои болоии ҷомеа ҷуз абзори дар итоат нигоҳ доштани қишрҳои поёнӣ чизе беш набудааст.

[2] Гегель Г. В. Ф. Философия религии. В двух томах. Том 1.Москва: «Мысль»,1975. – с.371.

Таҳқиқи холисона ва беғаразонаи ислом нишон медиҳад, ки дар пирӯзӣ ва густариши ислом арзишҳои дунявие, мисли сарват, маҳорат ва тактикаи ҷангӣ низ нақши бузург доштааст. Яъне, на хости илоҳӣ ва на тақдир, балки унсурҳои дунявии дар боло зикршуда омилҳои асосии пирӯзӣ ва густариши ислом будаанд. Хусусан сарват ангеза ва таҳрикдиҳандаи ҷиддие барои забт ва тасарруфи сарзаминҳои бегона ва ғанӣ гардонидани сарони низомии исломӣ будааст. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки арзишҳои дунявии дар боло зикршуда дар таърихи амалияи исломӣ ҷойгоҳи ҳалкунанда доштаанд.

Аҳамияти омӯзиши унсурҳои зикршуда ҳамчун арзишҳои дунявӣ дар он аст, ки он моҳият ва табиати дини исломро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ васеътар ифшо мекунад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими мавзуи мавриди таҳқиқ дар зери таъсири дигаргуниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир баррасии раванди модернсозии ислом мебошад. Омӯзиши раванди модернсозии ислом ҳамчун падидаи дорои хусусияти дунявидошта, ки дар зери таъсири шадиди дигаргуниҳои дунявии ҷаҳони Ғарб ба вуқӯъ пайваста истодааст, ҷанбаи дигари муҳими мавзуи мавриди таҳқиқ аст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» ба мо имкон медиҳад, ки ба таърихи ислом ва моҳияти он ҳамчун ба падидаи муайяни иҷтимоӣ назар андохта шавад ва заминаҳои иҷтимоии пайдоиши ислом ва таҳаввулоти он мавриди таҳқиқ қарор гирад.

**Дараҷаи коркарди илмии мавзуи таҳқиқот**. Таҳқиқи мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» имкон медиҳад, ки заминаҳои воқеии пайдоиш, ташаккул ва рушди ислом аз нигоҳи нав мавриди таҳқиқ қарор гирад. Дар канор мондани таҳқиқи он ба фаҳмиши мухталиф ва ҳатто дар баъзе маврид зиддиятноки моҳият ва ҳадафи ислом аз ҷониби муҳаққиқон алоқаманд мебошад. Тасаввуроти яктарафаи баъзеи онҳо дар бораи дунявият, аз як тараф, ва масъалаи созгории арзишҳои дунявӣ бо дин, аз ҷониби дигар, муҷиби канорагирӣ аз таҳқиқи мавзуи мазкур гардидааст,

зеро ҳамзистии дин ҳамчун унсури манфӣ бо дунявият ҳамчун падидаи мусбат дар тасаввури онҳо чандон имконпазир наменамуд. Маҳз ҳамин фаҳмиш, ба фикри мо, барои ҷустуҷӯи роҳи ҳамзистии онҳо то андозае монеа ба вуҷуд оварда буд. Аз ҷумла, биниши сирф илҳодӣ нисбат ба дин дар замони шӯравӣ доираи баҳогузориҳои диншиносиро дар таҳқиқот маҳдуд сохта буд.

Танҳо солҳои охир мавзуи дунявият мубрамият пайдо кард. Албатта яке аз сабабҳо метавонад, ки фаҳмиши яктарафа ва маҳдуди дунявият дар шакли ҷудоии дин аз давлат бошад. Чунин фаҳмиши аслан дар нисбати дини масеҳӣ хос дар нисбати дини ислом бегона арзёбӣ мегардид ва бад-ин сабаб мавзуи зикршуда мубрамият пайдо накарда буд.

Азбаски мавзуи таҳқиқшаванда аз ҷиҳати назариявӣ як давраи азими таърихӣ - аз зуҳури ислом то замони мо, аз ҷумла сарчашмаҳои ғоявии онро фаро мегирад, паҳлӯҳои гуногуни он аз ҷониби коршиносони сершумори хориҷӣ ва ватанӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар омӯзиши мавзуи бо арзишҳои дунявӣ дар ислом алоқаманд олимони давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ, аз қабили Е.А.Беляев, Н.В. Жданов, А.А.Игнатенко, Т.Иброхим, З.И.Левин, М.А.Абдуллоев, В.Г.Малушков, К.А.Хромов, Т.С.Саидбоев, С.К. Прозоров, А.Хасанов, Л.Сюкияйнен, А.Муминов, С.Эршахин, З.Мунавваров, М.Диноршоев, К.Олимов, С.Ахмедов, Х.Додихудоев, Ш.Абдуллоев, К.Бекзода, Р.М. Маҷидов, М.Д.Ғоибов, З.М.Диноршоева, Абдулло Раҳнамо, К.Нурулҳақов, Ғ.Мирзоев ва дигарон саҳми назарраси худро гузоштаанд[3].

---

[3]Беляев Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннем средневековье. - М.: Наука,1966. – 268 с; Жданов Н.В., Игнатенко А.А. Ислам на пороге XXIв. – М.,1989; Ибрагим Тауфик. Коранический гуманизм (Толерантно-плюралистические установки). Москва, ИД. «Медиана», 2015; Левин З.И. Реформа в исламе: быть или не быть? Опыт системного и социокультурного исследования. – М.: Крафт+, 2005. – 240с.; Его же. Ислам и национализм в странах зарубежного Востока. – М., 1988. – 233с.; Абдуллаев М.А. Реформация ислама в конце XIX и начале XX вв. и основные тендеции эволюции ислама в современных условиях. – Махачкала: ИД «Эпоха», 2010. – 124с.; Малушков В.Г., Хромова К.А. Поиски путей реформации в исламе. – М.: Наука, 1991. – 206с.; Саидбаев Т.С. Ислам и общество. – М.: Наука, - 1984, - 302с.; Прозоров С.К. К проблеме верховной власти в исламе// Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. В Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). – С.31-35; Хасанов А. Первая мусульманская община: переход от религиозности к

Таҳқиқотҳои олимони рус - Е.А.Беляев, Н.В. Жданов, А. Игнатенко, З.И.Левин, Тавфиқ Иброҳим, инчунин нашрияҳои С. Прозоров ва Л.Сюкияйнен барои таҳқиқоти мо шомили аҳамияти зиёд мебошанд. Агар муаллифони номбурда дар асарҳои худ хусусиятҳои инкишофи исломро дар марҳилаи мушаххаси таърихӣ таҳқиқ карда бошанд, пас Тавфиқ

---

секуляризму// Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. в Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). – С.26-31; Сюкияйнен Л. Мусульманско-правовая культура и светское государство (на примере Росии и стран Центральной Азии) // Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. в Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). – С.78-86; Муминов А. Светское и религиозное в интерпретации ‘улама ’ в средневековой Центральной Азии // Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. в Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). – С. 86-92; Эршахин С. Джадидистские политические партии Туркестана о светском государстве (1917-1920). // Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. в Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). - С.92-98; Мунавваров З. Становление нового соотношения между светскостью и религиозностью в Республике Узбекистан// Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. в Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). – С.129-137; Диноршоев М. Д. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе, 1998; Его же. Вклад эпохи саманидов в развитие духовной культуры Центральной Азии//Фалсафа дар аҳди Сомониён–Душанбе: Дониш,1999. - С.66-81; Олимов К. Диалектика светского и религиозного мировоззрения в условиях построения национального государства//Построение доверия между исламистами и секуляристами. – таджикский эксперимент. – Душанбе, 2004. – С. 65-78; Ахмедов С.А. Философия калама в современном исламе. – Душанбе, 2004. – 278с; Его же. Светские и религиозные элементы в национальном государстве// Построение доверия между исламистами и секуляристами. – таджикский эксперимент. – Душанбе,2004. – С.88-108; Додихудоев Х. Очерки философии исмаилизма. – Душанбе: Дониш, 1976. – 144с; Абдуллоев Ш. Фалсафаи одамият. Масъалаи инсон ва гуманизм дар адьён. – Душанбе: Эр-граф,2003. – 106с; Его же. Ислом ва ҳаёти маънавии ҷомеа: Таносуби дин ва маданият// Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. – 1992, №4, С.23-34; Его же. Исломи муосир дар арсаи сиёсат ва идеология. – Душанбе: Ирфон, 1990. -152 с; Бекзода К.Свободомыслящие идеи ДжамаладдинаАфғани в его работах // Исследование в истории таджикской и персидской философии (XVI- начало XX в.):Журн.науч.стат. – Душанбе: Матбуот, 2002. – С.548-549; Маджидов Р.М. Утверждение социалистического образа жизни в республиках Советского Востока и его влияние на процесс секуляризации (на материалах Таджикистана): Автореф.дисс. …докт.философ.наук. – М., 1982; Гаибов М.Д.Вклад школы Саида Джамаладдина Афгани и Махмуда Тарзи в развитие культурной и политической культуры Востока и Запада. –Душанбе, 2010. – 244с.; Диноршоева З.М. Муҳаммад ал-Газали и его отношение к философии. Дисс…на соиск.учен.степ. канд.философ.наук. –Душанбе, 2000. – 147с.; Абдулло Раҳнамо.Потребность и адаптация политического ислама к задачам построения национального государства в Таджикистане//Построение доверия между исламистами и секуляристами-таджикский эксперимент. – Душанбе, 2004.- С.161-184; Его же. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ. – Душанбе,2008. – 226с.; Нурулҳақов Қ. Таҳаммулпазирӣ – андешаи калидии динӣ-мазҳабии ниёгон.//Мақом ва накши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе «Андалеб Р», 2016; Мирзоев Г. Дж. Особенности формирования и трансформации исламского религиозного сознания таджиков. – Душанбе: Дониш, 2011. – 124с.

Иброҳим ба паҳлӯҳои мусбати дунявии он таваҷҷӯҳи хоса доштааст. С.К. Прозоров дар кори илмии худ ба масъалаи ҳокимияти олӣ дар ислом маҳз дар марҳилаи ташаккули он дахл карда, қайд мекунад, ки бо вафоти паёмбар якҷоя бо нубувват идоракунии динӣ низ ба охир мерасад[4].

Инчунин асарҳои иштирокчиёни симпозиуми байналмилалии илмию назариявии «Ислом ва давлати дунявӣ», ки соли 2002 дар Ӯзбекистон баргузор шуда буд, барои мо шомили аҳамияти махсус мебошанд. Дар баробари осори дигар муаллифон асари муҳаққиқи ӯзбек А.Ҳасанов «Нахустин ҷомеаи мусулмонӣ: Гузариш аз диндорӣ ба дунявият»[5] хеле таъсирбахш аст, ки дар он олим қайд мекунад, ки гузариши давлат аз ҳолати давлати динӣ ба далати дунявӣ XXXXV аср пеш дар Шумери бостон, XXVI аср пеш дар Арабистони Ҷанубӣ ва дар ислом дар замони халифаҳои аввал ба амал омада буд. Аммо муаллифони дар боло зикршуда дунявиятро на ҳамчун як тарзи зиндагӣ, балки як навъи идоракунии давлатӣ баррасӣ кардаанд.

Дар байни осори хориҷие, ки дар онҳо масъалаи мавриди таваҷҷӯҳи мо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, асарҳои Аҳмад Идрис ат-Таон, Назик Сабо Яред, Юсуф Қарзовӣ ва Саломата Мусо[6] сазовори таваҷҷуҳи бештар мебошанд. Аммо бояд гуфт, ки осори номбурда танҳо ба бахшҳои алоҳидаи масъалаи арзишҳои дунявӣ дар ислом маҳдуд шудаанд. Аҳмад Идрис ат-Таон ба масъала аз мавқеи биниши душманона ба дунявият назар андохта, ба ташаккул ва рушди дунявият дар афкори фалсафии Ғарб

---

[4] Прозоров С.К. К проблеме верховной власти в исламе// Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. в Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). – С.33.

[5]Хасанов А. Первая мусульманская община: переход от религиозности к секуляризму// Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. в Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). – С.26-31.

[6]Аҳмад Идрис ат-Таъон. Ал-алмонийюна в-ал Қуръон-ул-карим (Дунявиҳо ва Қуръони карим). Ар- Риёз, 1428; Nazik Saba Yared, Secularism and the Arab World (1850-1939) (Дунявият ва ҷаҳони араб) (London: Saqi Books, 2002; Қарзовӣ Юсуф. Муҷиботу тағайюри -л- фатво фи асрино (Воҷибкунандагони тағйири фатво дар замони мо), Бейрут, 2011; СаломатМусо. Ал-явм в-ал-ғад (Имрӯз ва пагоҳ). Миср, Ҳиндови, 2019.

таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Ва асари Нозик Сабо асосан ба ташаккули дунявият дар ҷаҳони араб бахшида шудааст. Аммо Юсуф Қарзовӣ дар асари худ бар зарурати тағйири меъёру муқаррароти динӣ вобаста ба тағйир ёфтани шароити ичтимоию фарҳангӣ таваққуфи бештар намудааст. Саломат Мусоро бештар масъалаи даст кашидан аз ҳамаи он чизе, ки бо Шарқ алоқаманд аст ва тақлид дар ҳама чиз ба Ғарб ба худ ҷалб намудааст. Ҳамин тавр, ҳеҷ кадоме аз осори зикршуда мавзуи мавриди таваҷҷухи моро пурра фаро нагирифтааст.

Аз миёни муҳаққиқони тоҷик, ки дар осори худ масъалаи арзишҳои дунявиро таҳқиқ намудаанд, метавон осори чунин донишмандонро зикр кард: С.А. Ахмедов, Ш Абдуллоев, К. Олимов, Х, Додхудоев, К. Бекзода, Р. Маҷидов, З.М. Диноршоева, М. Гаибов, Г Мирзоев, Нурулҳақ Қамар, Абдулло Раҳнамо ва ғайра[7]. Аммо муаллифони номбурда, чун муҳаққиқони хориҷӣ арзишҳои дунявиро аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ кардаанд: ё онҳоро дар зерматни давлати миллӣ таҳқиқ намудаанд; ё аз

---

[7]Ахмедов С.А. Философия калама в современном исламе. – Душанбе, 2004. – 278с; Его же.Светские и религиозные элементы в национальном государстве// Построение доверия между исламистами и секуляристами. –таджикский эксперимент. – Душанбе,2004. – С.88-108; Додхоев Х. Очерки философии исмаилизма. – Душанбе: Дониш, 1976. – 144с; Абдуллоев Ш. Фалсафаи одамият. Масъалаи инсон ва гуманизм дар адьён. – Душанбе: Эр-граф,2003. – 106с; Его же. Ислом ва ҳаёти маънавии ҷомеа: Таносуби дин ва маданият// Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. – 1992, №4, С.23-34; Его же. Исломи муосир дар арсаи сиёсат ва идеология. –Душанбе: Ирфон, 1990. -152 с; Олимов К. Диалектика светского и религиозного мировоззрения в условиях построения национального государства//Построение доверия между исламистакми и секуляристами. –таджикский эксперимент. – Душанбе, 2004. – С. 65-78; Бекзода К.Свободомыслящие идеи ДждамаладдинаАфғани в его работах // Исследование в истории таджикской и персидской философии (XVI- начало XX в.):Журн.науч.стат. – Душанбе: Матбуот, 2002. – С.548-549; Маджидов Р.М. Утверждение социалистического образа жизни в республиках Советского Востока и его влияние на процесс секуляризации (на материалах Таджикистана): Автореф.дисс. …докт.философ.наук. – М., 1982; Гаибов М.Д.Вклад школы Саида Джамаладдина Афгани и Махмуда Тарзи в развитии культурной и политической культуры Востока и Запада. –Душанбе, 2010. – 244с.; Диноршоева З.М. Муҳаммад ал-Газали и его отношение к философии. Дисс…на соиск.учен.степ. канд.философ.наук. –Душанбе, 2000. – 147с.; Абдулло Раҳнамо.Потребность и адаптации политического ислама к задачам построения национального государства в Таджикистане//Построение доверия между исламистами и секуляристами-таджикский экспернимент. – Душанбе, 2004.- С.161-184; Его же.Абдулло Раҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ. – Душанбе,2008. – 226с.;Нурулҳақов Қ. Таҳаммулпазирӣ – андешаи калидии динӣ-мазҳабии ниёгон.//Мақом ва накши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе «Андалеб Р», 2016; Мирзоев Г. Дж. Особенности формирования и трансформации исламского религиозного сознания таджиков. – Душанбе:Дониш,2011. – 124с.

лиҳози мушкилоти дигаргунсозии шуури динии исломии миллатҳои алоҳида мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили мухтасари адабиёти мавҷуда оид ба мавзуи диссертатсия нишон медиҳад, ки ҳарчанд дар ин самт коркардҳои муайян ба назар мерасанд, лекин дар маҷмӯъ мавзуи мазкур дар сатҳи кофӣ таҳқиқ нашудааст ва мавзуи хоси таҳқиқотӣ набудааст. Таҳлили бевосита ва муқоисавии арзишҳои дунявӣ ҳам дар исломи назариявӣ ва ҳам амалӣ вуҷуд надорад. Ҳамаи ин моро водор сохт, ки мавзуи мазкурро ҳамчун мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ интихоб намоем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти мазкур мувофиқи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016-2019 аз рӯи мавзуи «Мақом ва нақши ислом дар Тоҷикистон» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии ин кор аз муайян намудани муносибати дини ислом ба арзишҳои дунявӣ иборат мебошад.

Мутобиқи ҳадафи асосӣ зимни таҳқиқот як қатор масъалаҳои мушаххас ва ба ҳам алоқаманд ҳал карда мешаванд, ки дар байни онҳо муҳимтаринашон масъалаҳои зерин мебошанд:

- омӯзиш ва ошкор сохтани заминаҳои иҷтимоии пайдоиши дини ислом;
- муайян намудани авлавияти арзишҳои дунявӣ дар фаъолияти паёмбари ислом;
- баҳогузорӣ намудани муносибат ба арзишҳои дунявӣ дар давраи ҳукмронии халифаҳои аввали ислом;
- равшан намудани ҷойгоҳи ҳокимият дар марҳилаи ибтидоии рушди ҷомеаи исломӣ;
- тавсифи муносибат ба сарват ва сарватҷӯйӣ дар раванди пирӯзшавӣ ва густариши ислом;

- омӯзиш ва таҳлили инъикоси арзишҳои дунявӣ дар Қуръон ва тафсири муқоисавии онҳо аз ҷониби муфассирони гуногун;
- ошкор намудани моҳияти таҳаммулпазирии дарназардошташаванда дар таълимоти исломӣ;
- ошкор намудани ҳаракатҳои дунявигароӣ дар манотиқи мухталифи олами ислом дар натиҷаи таъсири давлатҳои пешрафта;
- муайян намудани вижагиҳои модернсозӣ дар таълимоти баъзе донишмандони маъруфи дини ислом ҳамчун кӯшиши мутобиқ намудани таълимоти ислом ба шароити нави иҷтимоию фарҳангӣ.

**Объекти таҳқиқоти рисола** муносибати ислом ба арзишҳои дунявӣ маҳсуб меёбад.

**Предмети таҳқиқот** омӯзиш ва пайдо намудани арзишҳои дунявӣ дар ислом, ҳамчунин муайян намудани аҳамияти арзишҳои мухталиф дар назария ва амалияи дини ислом мебошад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот**. Доираи таърихии таҳқиқот аз таърихи тоисломии арабҳо то марҳилаи рушди ҷаҳони ислом дар садаҳои охирро фаро мегирад.

**Заминаҳои эмпирики таҳқиқотро** далелҳои илман асоснок ва муътамад дар ибтидои ислом ва ҳодисаҳое, ки дар баъзе кишварҳои мусулмонӣ дар марҳилаҳои баъдӣ ҷой доштанд, ташкил менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** бори нахуст дар илми фалсафӣ-диншиносӣ масъалаи муносибати ислом ба арзишҳои дунявӣ мавриди таҳлили мавзуӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин, ба ҷумлаи навгониҳои диссертатсия метавон чунин ҷанбаҳоро мансуб донист, ки дар он аввалин маротиба:
- равишҳои методологӣ оид ба омӯзиш ва ошкорсозии моҳияти мафҳуми дунявият асоснок карда шудаанд; робитаҳои мантиқии дунявият ва арзишҳои дунявӣ равшан карда шудаанд;
- таҳлили муқоисавии таносуби мафҳумҳои «дунявӣ» ва «динӣ» бо нишон додани ҷойгоҳи афзалиятноки «дунявӣ» амалӣ гардидааст;

- шакли зуҳури принсипҳои дунявӣ дар дигар динҳо, аз ҷумла дар сиёсати Куруши Кабир дар нисбати дини яҳудӣ тавсиф ёфтааст; ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар мавъизаҳои паёмбарони яҳудӣ, инчунин дар асарҳои илмии мутафаккири масеҳӣ Марсили Падуянӣ муайян карда шудааст;
- муносибати Паёмбари ислом ба арзишҳои дунявӣ дар асоси маводи мушаххас ва муътамади таърихӣ нишон дода шудааст;
- кӯшишҳои ғарбисозии давлатҳои исломии араб аз ҷониби ислоҳталабон ва модернистҳо ҳамчун талошҳои нақшавии онҳо барои ҷорӣ кардани арзишҳои дунявӣ ба ҷои арзишҳои динӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст;
- нақши ислоҳотгарони мусулмони Ҳиндустон дар мутобиқ кардани таълимоти исломӣ ба воқеиятҳои нави иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеа нишон дода шудааст;
- асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик тавсиф ёфтаанд ва шарҳ дода шудаанд;
- нақши Пешвои миллат дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:**

1. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бисёр вақт дар зери мафҳуми дунявият ҷудоии дин аз давлат фаҳмида мешавад. Чунин фаҳмиш бештар хоси исломгароёни ҷомеа аст. Бар асоси ин фаҳмиш онҳо дунявиятро хоси фарҳанги ғарбӣ ҳисобида, онро ба фарҳанги исломӣ бегона медонанд. Дар доираҳои илмӣ дар зери мафҳуми «дунявият» тарзи зиндагие фаҳмида мешавад, ки дар он ба хушбахтии заминии инсон бар ивази хушбахтии "ондунёӣ" бартарӣ дода мешавад.

Бояд таъкид кард, ки дунявият ва арзишҳои дунявӣ аз ҷиҳати мазмун бо ҳам наздиканд, вале ҳар ду яксон нестанд. Дунявият асли давлатдориест, ки тибқи он дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба арзишҳои заминӣ, дунявии инсон афзалият дода мешавад. Арзишҳои дунявӣ бошад, дар навбати худ он чизе мебошад, ки барои инсон дар зиндагии рӯзмарраи ӯ

муҳиманд. Ҳамин тариқ, арзишҳои дунявӣ ба сифати омили асосӣ, зарурӣ ва ногузири таъмини дунявият дар ҷомеа баромад мекунанд.

2. Дунявият ҳамчун мафҳум пайваста дар ҳолати таҳаввул қарор дорад. Агар шакли англисии он secularity дар Юнони кадим бар зидди Иклирус (қишри болоии ҷомеа) истифода шуда, оммаро ифода мекард, пас дар Аврупои асримиёнагӣ вай маънои аз давлат ҷудо кардани динро ифода менамояд. Дар давраи Эҳё он масъалаҳоеро фаро мегирад, ки ифодакунандаи манфиати омма мебошанд. Имрӯз бошад, дунявият дар баъзе кишварҳо ҳатто маънои ҳифзи динро низ ифода менамояд. Аммо дар фазои пасошӯравии мо асли дунявият маънои ба арзишҳои дунявӣ бартарӣ доданро ифода мекунад.

3. Дунявият аслан як падидаи иҷтимоист. Ба он маъно иҷтимоӣ аст, ки принсипҳо ва меъёрҳои онро одамон эҷод мекунанд. Муаррихон дар бораи мавҷудияти давлати дунявӣ ҳатто дар Шумери қадим - дар асри XXXXVI пеш аз милод ҳарф мезананд. Дар мавриди ислом бошад, ҳамин нуктаро бояд таъкид намуд.  ки ҳатто ҳукмронии халифаҳои аввалро муҳаққиқон комилан теократӣ намешуморанд. Аз ин бармеояд, ки ҳатто ҳеҷ як давлати теократӣ ҳам дар идораи давлат ва ҳам дар таъмини ҳаёти ҷамъиятӣ бидуни арзишҳои дунявӣ фаъолият карда наметавонад. Ба ибораи дигар, давлати комилан теократӣ вуҷуд надорад.

4. Дар динҳои тоисломии тавҳидии масеҳӣ ва яҳудӣ арзишҳои дунявӣ нақши бузург доштанд. Қариб ҳамаи пайғамбарони Яҳудияи қадим танҳо дар бораи манфиатҳои заминии халқи яҳуд сухан мегуфтанд. Дар мавриди масеҳият бошад, ҳарчанд дар таълимоти он унсури рӯҳонӣ бештар вуҷуд дорад, аммо ба фирқаҳо ҷудошавии дин дар зери таъсири омилҳои заминӣ ва дунявӣ сурат гирифтааст. Маҳз ҷудошавии Рум ба Руми Шарқӣ ва Ғарбӣ ба пайдоиши калисоҳои Ғарбӣ ва Шарқӣ сабаб гардиданд. Илова бар ин, анъанаи индулгенсия ҷойгоҳи афзалиятноки арзиши дунявиро нисбат ба арзиши динӣ ба маърaз мегузорад.

5.Паёмбар аз номи Аллоҳ сухан мегуфт. Зимни бастани сулҳи Ҳудайбия ӯ ҳатто арзишҳои диниро ба хотири арзиши дунявӣ қурбон кард. Вақте намояндаи мушрикони Макка Суҳайл зимни бастани сулҳ талаб мекунад, ки сифатҳои «Раҳмону раҳим» - ро аз «Бисми-л-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» - и ҳуҷҷати паймона ва ҳамчунин дар он вожаи «расул» - ро аз ибораи «Расуллуллоҳ» ҳазф намояд, вай бидуни дудилагӣ ба он розӣ мешавад. Дар бораи дарки нақши омили дунявӣ аз ҷониби Муҳаммад зикри чунин ривояте кофист, ки дар як набард ӯ боре гуфта буд: «О, Аллох, агар ин лашкар мағлуб шавад, дигар туро касе парастиш наменамояд».

6. Фавти паёмбар ва масъалаи интихоби вориси раҳбари ҷамоаи мусалмонон нақши омили дунявиро дар ҳаёти динии асҳоби Муҳаммад хеле равшан нишон дод. Якчанд гурӯҳ барои ишғоли ин вазифа талош карданд. Мадиниён боварӣ доштанд, ки азбаски Муҳаммадро дар лаҳзаҳои душвор пуштибонӣ кардаанд, онҳо ҳаққи ишғоли тахтро доранд, хешовандони Муҳаммад низ бо истинод ба робитаҳои хешутаборӣ барои ин мансаб умед мебастанд, аммо қурайшиҳо, ки худро қабилаи асосӣ ва калонтарини Макка медонистанд, онҳо низ мансаби раҳбарии ҷамоаро даъво мекарданд. Ҳамин тариқ, ҳангоми интихоби раҳбари нави ҷамоа на омили динӣ, балки омили дунявӣ нақши асосиро бозидааст. Маҳз омили дунявӣ омили асосии тақсими ислом ба равияҳои ба ҳам зидди шиа ва суннӣ гардид.

7. Қафомонии ҳаматарафаи ҷомеаи араб тарғиби ғарбикунонии ҷомеаро ҳамчун роҳи наҷот аз ақибмонӣ ба миён овард. Бархе аз мутафаккирони араб ба сабаби қафомонии ҷомеаи худ онро ба андозае бад медидагӣ шуданд, ки аз мансубияти худ ба ин ҷомеа пурра даст кашида буданд. Онҳо ғарбикунонии ҷомеаро ягона роҳи дурусти раҳоӣ аз ҷаҳолат медонистанд. Ҳамин тариқ, кӯшиши ғарбисозии ҷомеа дар фаъолияти илмӣ-сиёсии онҳо худ маънои дунявикунонии ҷомеаро ифода мекард.

8. Кӯшишу талоши гирифтани таҳсилоти аврупоӣ худ кӯшишу талош баҳри дунявӣ кардани ҷомеа ва эътирофи мавқеи афзалиятноки арзишҳои

дунявӣ ҳисобида мешавад. Шиносоӣ бо фарҳанги нави Европа табақаҳои тараққипарвари ҷаҳони исломро ором нагузошт. Онҳо қафомонии худро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт равшан медиданд. Роҳи ягонаи дурусти баромадан аз ин вазъиятро онҳо дар гирифтани таҳсилоти аврупоӣ медиданд. Раванди мазкур дар нимаи дуюми асри XIX қариб дар тамоми кишварҳои мусалмонӣ мушоҳида мешуд. Ҷои шубҳае нест, ки гирифтани маълумоти аврупоӣ худ гирифтан ва рушд бахшидани иттилооти илмии дорои хусусияти дунявиро ифода менамояд.

9. Модернсозии таълимоти динӣ моҳиятан худ дунявисозӣ аст, яъне мутобик кардани таълимоти динӣ ба воқеиятҳои нави иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсии инсон мебошад. Эҳсоси қафомондагӣ ва номутобиқии таълимоти динии куҳна донишмандони динро водор намуд, ки мазмуни онҳоро бо назардошти манфиатҳои дунявии инсон аз нав дида бароянд. Ҳарчанд ин раванд кӯшиши наҷоти таълимоти кӯҳна аз нобудшавӣ аст, аммо дар ҳар сурат вай маънои коҳиш ёфтани қудсияти таълимоти динӣ ва бо фарогирии тамоми қишрҳои аҳолӣ, аз ҷумла зиндагии рӯҳониён тавсеа ёфтани аҳамияти омили дунявиро дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, тадриҷан афзудани нақш ва ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти инсон омили асосии заиф гардидани унсури қудсӣ дар ҳаёти фардӣ ва ҷамъиятии инсон мебошад, ки дар натиҷаи он ҷой ва нақши арзишҳои динӣ зина ба зина коҳиш меёбад. На муборизаи иттилоотии якҷониба, балки баланд бардоштани нақши арзишҳои дунявӣ дар ҷомеа воситаи асосии муассир ва маҳсулноки рафъи тасаввуроти қафомондаи хурофотӣ дониста мешавад.

**Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқотро** равиши диалектикӣ ба ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, инчунин истифодаи равиши муқоисавӣ-таърихӣ дар таҳқиқи равандҳои маънавию иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Асарҳои диншиносони шуравӣ, пасошуравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ, файласуфон, ҷомеашиносон, этнографҳо, фарҳангшиносон, санъатшиносон,

адабиётшиносон оид ба масъалаҳои дин манбаи муҳими назариявии таҳлили мавзуи мазкур қарор гирифтанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори таҳқиқотӣ.** Натиҷаҳои ба даст овардашудаи кори таҳқиқот шомили аҳамияти муайяни назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Онҳо дар бораи ҷойгоҳ ва нақши арзишҳои дунявӣ дар дин тасаввуроти комил ва асоснок медиҳанд.

Муқаррарот ва хулосаҳои диссертатсия дар кори таълимӣ-педагогӣ ҳангоми хондани лексияҳо аз фанҳои диншиносӣ, таърихи дин, фалсафаи дин, фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, курси махсус оид ба масъалаи «Ҷойгоҳ ва нақши арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти фард», инчунин дар фаъолияти амалии сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои динӣ метавонанд истифода шаванд.

**Сарчашмаҳои кори таҳқиқотӣ**. Сарчашмаҳои асосии диссертатсияи илмӣ маҳсуб меёбанд: Қуръони карим. Матни асл ва тарҷимаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. (Қуръони карим бо тарҷумаи тоҷикӣ) – Душанбе: "ЭР-граф", 2011. – 640 с.; Коран. Перевод Э. Кулиева (Т. ас-Саади и Ибн Касира). [Захираиэлектронӣ], - Низоми дастрасӣ: http://play.google. com>store>apps>details; Коран /Введение, перевод смыслов и комментарии И.В. Прохоровой. Третье издание, дополненное и переработанное – М., 1997. – 799 с.; Библия. Навиштаи муқаддас. Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид. Стокгольм, 1992; Библия. Книги священного писания Ветхого и Нового Завета. Канонические. Russian Bible. United Bible Societies 1995; Зайдон Ҷурҷӣ. Таърихи тамаддуни ислом. (История исламской цивилизации). - Теҳрон, 1382. – 1031с.; Таърихи ислом (История ислама). Пажӯҳиши донишгоҳи Кембридж. Зери назари Ҳ. П. Малколн, А. К. С. Ламбтон. Тарҷимаи Аҳмади Ором. Теҳрон-1386. – 946 с.; Шайх Муҳаммад Хузари. «Сирату-л-якин» тарҷумаи «Нуруляқин». Тарҷумаи Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ (Марҳум Домулло Эшонҷон). Душанбе, 2010; Қарзовӣ Юсуф. Муҷиботу тағайюри-л-фатво фи асрино (Объязывающие изменения фетвы в нашей времени). Бейрут, 2011. – 105 с. Шоҳ Абдулқайюм. Сайид

Ҷамолуддини Афғон, шахсият ва афкор. Мутарҷим: Абдураҳим Аҳмад Парвонӣ. - Кобул: Бунгоҳи интишорот ва матбааи Пайванд, 2010. – 116с.

**Тасвиб (Апробатсия) - и кори таҳқиқотӣ**. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқот дар асарҳои илмии муаллифи рисола, инчунин дар маърӯзаҳои ӯ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ: «Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ» (Душанбе, 27.05.2015); "Ифротгароии динӣ ва роҳҳои амалии пешгирии он дар маҳалҳо (Бохтар, 25 апрели 2018); "Комёбиҳо ва мушкилоти илми бунёдӣ ва тибби клиникӣ" (Душанбе, 17 ноябри 2021); дар конфронси илмӣ-амалии Донишкадаи исломии ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа таҳти унвони «Дунявият ҳамчун як асли конститутсионӣ ва нақши он дар таҳкими таҳаммулпазирии динӣ ва пешгирии ифротгароӣ», (Душанбе, 17 майи соли 2022); конфронси ҷашнии 70-солагии илмӣ-амалӣ бо иштироки муҳаққиқони байналмилалӣ «Тибби муосир: анъанаҳо ва навовариҳо» (Душанбе, 25 ноябри 2022); конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (03 октябри соли 2023); дар семинарҳои назариявӣ дар Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар лексияҳо, курсҳои махсус ва семинарҳо барои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино оварда шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шӯрои илмии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Суратҷаласаи № 2 аз 19 феврали соли 2024), дар ҷаласаи кафедраи диншиносиии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Суратҷаласаи №4 аз 22 апрели соли 2024)) мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Сохтори** диссертатсияи таҳқиқотӣ мутобиқи ҳадаф ва вазифаҳои асосии он мураттаб карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, чор боби шомили чордаҳ зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат аст.

# Боби 1. Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи дунявият

## 1.1. Моҳият ва мундариҷаи мафҳум

### 1.1.1. Шарҳи мафҳуми дунявият дар доираҳои илмӣ ва татбиқи он дар ҷомеа

Агарчанде имрӯз мафҳуми «дунявият» хелу маъмул гардидаасту доир ба шаклҳои татбиқи он дар ҷомеа конфронсҳои зиёде доир гардидаанд, бо вуҷуди ин аз баъзе баҳсу мунозираҳо бо ашхоси гуногунтахассус чунин натиҷагирӣ карда мешавад, ки моҳияти мафҳуми мазкур, мундариҷаи он ва падидаҳои ба он марбут то ба имрӯз дар сатҳи зарурӣ ба ҳамагон равшан нест. Баъзан мо бо чунин масъалагузориҳое дучор меоем, ки дунявият асл аст ё низомест, ки тибқи он ҳаёти ҷомеа сурат мегирад? Баъзе шахсиятҳо онро чун падидаи зиддидинӣ, баъзеи дигар онро чун ҷудоии дин аз давлат, иддае онро пешбурди ҳаёт мутобиқи конститутсия, иддаи дигар онро хоси тафаккур ва тарзи зиндагии ғарбӣ ба қалам дода, барои ҷомеаҳои мусулмоннишин бегона маҳсуб медонанд.

Бинобар ин, бештар равшанӣ андохтан ба мундариҷаи мафҳуми дунявият барои аҳли ҷомеа ҳам аҳамияти амалӣ ва ҳам назарӣ дорад. Аҳамияти назариявии раванди мазкур дар дуруст муайян намудани самти андешаи шахс, ки оё ӯ тамоюл ба дастгирии арзишҳои динӣ дорад ё арзишҳои дунявиро афзал мешуморад, ифода меёбад. Аҳамияти амалии раванди маърифатии зикршуда дар он ифода меёбад, ки вай имкон медиҳад, то мавқеи инфиродию ҷамъиятии шахс дуруст муайян гардад.

Пеш аз шарҳи мундариҷаи мафҳуми «дунявият» зарур мегардад, ки худи вожаи «дунявият» аз лиҳози забонӣ возеҳ гардад. Вожаи «дунявият» аз лиҳози забонӣ худ исми маънист. Он тавассути суффикси исмсози «-ят» пайдо шуда, ҳамчун мафҳум маҷмӯи падидаҳо, робитаҳо, муносибатҳо ва арзишу меъёрҳоеро ифода менамояд, ки инъикоскунандаи ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти заминӣ – дунёиянд. Сифати «дунявӣ» аз исми моддии дунё тавассути суффикси сифатсози «-явӣ»сохта шудааст. Вай тамоми сифату

аломатҳои марбут ба дунё (на уқбо), ҳаёти заминӣ (на ухравӣ) - ро ифода менамояд.

Дар асоси ковишҳои илмӣ маълум мегардад, ки шакли инглисии мафҳуми «дунявият» - секуларизм аз ҷиҳати этимологӣ аз забони юнонӣ ба забонҳои инглисию фаронсавӣ интиқол ёфтааст ва баръакси иклирус, ки ифодакунандаи табақаи динии ҳоким аст, вай маънои Ом, халқро ифода менамояд. Мафҳуми мазкур баъд аз асри Наҳзат фарогири масоиле будааст, ки бар муқобили масоили мавриди таваҷҷуҳи Хос (қишри болои ҷомеа), мавриди таваҷҷуҳи маҳз халқ, Ом будааст. Аммо шакли арабии дунявият-алмония дар забонҳои ба забони арабӣ наздики ибрӣ, бобулӣ ва суриёнӣ танҳо ба масоили заминӣ ишора менамояду халос[8].

Аҳмад Идрис ат-Таъон мавзӯи дунявиятро хеле васеъ ва амиқ мавриди таҳқиқ қарор дода, як фасли махсусро ба «Таърифи дунявият дар сарчашмаҳои ғарбӣ»[9] бахшидааст. Дар «Қомуси забони бритонӣ» омадааст:

1-Дунявият (алмония) secularism чизе аст, ки ба дунявӣ ё оламӣ ҳамчун антоними умури руҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, аз лиҳози таъриф вай эътиқод ба дунявиёт аст.

2-Дунявӣ (алмонӣ) secularist ҳамон шахсест, ки бидуни эътибор ба назми динӣ ё шаклҳои ибодат саодати ҷинси башарро дар ҳамин олам мебинад.

3-Дунявият (алмония) secularism ё secularity, яъне муҳаббати ҳамин олам ё амалия ва манфиате, ки ба таври мутлақ хоси ҳаёти ҳозира аст.

Моҳияти истилоҳии мафҳуми «дунявият» - ро Доират-ул-маорифи Бритониё хеле воқеъбинона ва дақиқ ба таври зер шарҳ додааст, ки ҷалб намудани таваҷҷуҳи хонанда ба муҳтавои он аз манфиат холӣ нахоҳад буд: «Дунявият ҳаракати иҷтимоиест, ки бар ивази эҳтимому назар ба умури ухравӣ ба умури заминӣ таваҷҷуҳ зоҳир месозад. Вай ҷузъе аз ақоиди инсонист, ки аз асри Наҳзат ин ҷониб ҳукмрон буда, бар ивази иҷтиноби беҳад аз ҳаёт ва тааммул ба Худо ва рӯзи охир ба баланд бардоштани

---

[8] Алмония (Дунявият) [Манбаи электронӣ]/ http://ar.wikipedia,org/w/index.phr (санаи мурочиат: 20.04.2023).

[9]Аҳмад Идрис ат-Таъон. Ал-алмонийюна в-ал Қуръон-ул-карим. Ар-Риёз, 1428. –С. 122.

шаъну шарафи инсон ва умури марбут ба он даъват менамояд. Дастовардҳои мухталифи фарҳангии башарият дар асри Наҳзат аз боризтарин комёбиҳои ӯ ба ҳисоб меравconfigured. Аз ин рӯ, бар ивази амалисозии ҳадафҳои инсонӣ барои дарёфти саодату хушбахтӣ дар ҳаёти ахират дунявият барои амалисозии он аҳдоф дар дунёи имрӯза саъй намудааст[10].

Қобили зикр аст, ки нависандаи британиягӣ Ҷорҷ Ҳулбук дар мавриди дунявият андешае ироз доштааст, ки моҳиятан ба андешаи фавқуззикр хеле шабоҳат дорад. Ӯ навиштааст: «Дунявиятро зидди масеҳият фаҳмидан мумкин нест. Вай танҳо аз он мустақил аст. Дунявият принсипҳо ва ҳудудҳои худро барои шахсе, ки худро мусталзими он намеҳисобад, фарз намегардонад. Маърифати дунявӣ ба ҳамин ҳаёт таваҷҷуҳ зоҳир месозад ва барои пешрафту накӯаҳволӣ дар ҳамин ҳаёт саъй менамояд ва натоиҷи худро дар ҳамин ҳаёт месанҷад»[11].

Тибқи андешаи Аҳмад Идрис ат-Таъон Ҳулбук (1817-1906) аввалин шахсе ҳисобида мешавад, ки маънои муосири истилоҳро коркард намудааст. Ҳулбук барои иҷтиноб аз бархӯрди адъён дунявиятро шакле муаррифӣ намудааст, ки аз он ҳолати бетарафӣ бардошт мегардад. Вай навиштааст: «Дунявият бидуни дахолат ба қазияи имон, яъне новобаста ба қабул ё инкори он боварӣ ба имконияти ислоҳи аҳволи инсон тавассути роҳҳои моддӣ аст»[12].

Нуқтаи назари ба андешаи баёншуда монандро инчунин миссионери амрикоӣ Ҷим Петерсен низ ироз доштааст. Вай бо масъалаи инҷиликунонии мардумон машғул гардида, навиштааст, ки предмети асосии китоби вай «бо Инҷил фаро гирифтани мардумони фарогирифтанашуда» мебошад. Ба андешаи ӯ қисми зиёди сокинони ШМА ва Бразилия маҳз ба навъи дунявӣ тааллуқ доранд. Дар оғози кори худ вай

[10] Алмония (Дунявият) [Манбаи электронӣ]/ http://ar.wikipedia,org/w/index.phr (санаи муроҷиат:20.04.2023).
[11]Ҳамон ҷо.
[12]Аҳмад Идрис ат-Таъон. Ал-алмонийюна в-ал-Қуръон-ул-карим (Дунявиҳо ва қуръони каритм). Ар-Риёз, 1428. -С. 127.

чунин таърифи дуняviро пешниҳод намудааст: «дунявӣ», пас ғайрикалисогӣ, ғайрирӯҳӣ, ҷаҳонӣ, дунявӣ будан. «Дунявишуда», пас бо ҳадафҳои дунявӣ маҳдудгардида, ҷонибдори ҷудоӣ аз таъсир ё робитаҳои рӯҳӣ, яъне бо арзишҳои заминӣ ва лаззатҳои дунёӣ ғутавар будан аст. Таърифи якум маънои мавҷудияти ғайридиниро дорад. Таърифи дуюм аз ҳаёти динӣ ба мавҷудияти ғайридинӣ гузаштанро дар назар дорад»[13]. Ба фикри ӯ «барои дақиқтар тасвир намудани ҳолати аксарияти сокинони олам мо метавонем ин ду мафҳумро бо ҳам якҷо намуда, ҳамин тавр, онҳоро ҳамчун «одамони берун аз доираи дин зиндагӣ намоянда» таъриф диҳем. Дин дар ҳаёти онҳо омили ҳаётан муҳим нест. Фалсафаи шахсии ҳаёти онҳо дар асоси мафҳумҳои динӣ бунёд намеёбад.

Чунин таъриф, чуноне ки Ҷ. Петерсен менависад, на танҳо одамони дунёиро бо фалсафаи комилан ғайридинии ҳаёт, балки инчунин атеистҳо, агностикҳо ва он утопистҳоеро дарбар мегирад, ки фалсафаи моддагароёнаашон барои онҳо чун дар ҳолати марксистон дини дурӯғин гардидааст.

Вай инчунин он одамонеро низ фаро мегирад, аз фалсафаи динӣ ба фалсафаи ғайридинӣ гузашта, дунявӣ «гардиданд»[14].

Барои дақиқтар кушодани моҳияи дунявият андешаи донишмандони зерини араб аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Устози фалсафа Мурод Ваҳба ва нависандаи суриягӣ Ҳошим Солеҳ ба тарафдории «дунявияти фарогир» мавқеъ гирифтаанд. Тибқи андешаи эшон дар ин навъи дунявият фард таваҷҷуҳи хешро ба илм ва таҷрибаи моддӣ мутамарказ менамояд, ки дар натиҷа ӯ аз бандубасти мавҷуди мутлақу ғайбӣ озод мегардад ва барои рафтори ӯ танҳо роҳи ақлонӣ боқӣ хоҳад монд. Донишманди судонӣ ал-Хотам Удлон, ки аз боризтарин мунодиёни дунявият дар минтақаи араб маҳсуб мегардад, дар ин мавридмегӯяд: «Чуноне ки дар таърифи дунявият ҳамчун майли фард ё ҷомеа барои истифодаи натоиҷи дастовардҳои башарӣ дар роҳи дарёфти накӯаҳволии ӯ тамоюли нав ба мушоҳида

[13]Петерсен Джим. Евангелизм как образ жизни. (Перевод с английского издания). –С.22-23.
[14]Ҳамон ҷо; -С.23

мерасад, метавон ба чунин хулоса расид, ки дунявият идораи умури ҳаётиро беназардошти ягон навъи руҳоният ифода дорад»[15].

Дар заминаи таҳлили забонӣ, этимологӣ ва истилоҳии мафҳуми дунявият ва шарҳи он дар доираҳои илмии мухталиф метавон ба чунин натиҷа расид:

- дунявиятро нашояд бо атеизм айният дод. Зеро дар сиёсати атеистӣ инкори дин ҳадаф аст. Аммо дунявият ҳамчун принсип низоми дунявиеро (махсусан, дар низомҳои дунявии ғарбӣ) роҳандозӣ менамояд, ки ҳаққи зистани динро эътироф менамояд ва нисбати дин дар ҳаёти шахсӣ бетараф аст;

- дунявият, пеш аз ҳама, ҷудоии дин аз давлат аст, аммо бо ин маҳдуд намегардад. Ҷудоии дин аз давлат маънои онро дорад, ки вай ба корҳои давлат дахолат наменамояд. Зеро вай аз рӯи моҳияти худ эътиқод буда, худқаноатимандию худтасаллоёбӣ ҳадафи асосии он маҳсуб меёбад, дар ҳолате ки давлат, ки вазифаи асосияш идораи ҷомеа дар қаламрави муайян аст, ба дин ва равандҳои динӣ ба хотири манфиатҳои аҳли ҷомеа дахолат менамояд;

- дунявият идораи ҷомеаро тибқи қонунҳои башарӣ дар назар дорад, на тибқи аҳкоми илоҳӣ ё фармудаҳои китобҳои муқаддас. Қонунҳои башарӣ догма набуда, бо пешрафти ҷомеа тағйир мепазиранд, аммо қонунҳои динӣ моҳиятан тағйирнопазиранд;

- дунявият ҳаққи фаъолияти динро эътироф менамояд, аммо онро кори шахсии шаҳрвандон маҳсуб медонад. Дар ҳар гунна шакли дунявият дин хоҳ-нохоҳ маҳдуд мегардад, зеро вай манфиатҳои моддии имрӯзаи инсонро бештар ифода менамояд, дар ҳолате ки ҳадафи асосии дин ондунёст.

- дунявият аз рӯи табиати худ барои пешрафти ҳаматарафа ва амиқи илм, махсусан улуми табиатшиносӣ бештар мусоидат менамояд, дар

---

[15] Алмония (Дунявият) [Манбаи электронӣ]/ http://ar.wikipedia,org/w/index.phr (санаи муроҷиат: 20.04.2023).

ҳолате, ки динният тибқи табиат ва таъинноти худ ба он монеа эҷод менамояд;

- дунявият инчунин тавассути унсури муҳими худ – таҳаммулпазирии динӣ низ аз худ дарак медиҳад. Зеро дар низоми дунявӣ дину оинҳои мухталиф баробарвазн буда, эътирофи бартарияти ҳеҷ яке аз онҳо ба чашм намерасад.

- дунявият – ин мақоми муайянкунанда ва нақши пешбар доштани арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти инфиродӣ ва ҷамъиятии аҳли ҷомеа аст. Дар он арзишҳои динӣ низ аз мақом ва нақше бархӯрдор мебошанд, аммо дар умум ин мақом ва нақш тобеъ аст, на муайянкунанда.

Ҳамин тариқ, дунявият тарзи пешбурди ҳаёти инфиродӣ ва ҷамъиятӣ ва асли танзими робитаю муносиботи байниҳамдигарии одамон дар ҷомеа, ба хусус манфиатҳои моддии эшон мебошад. Зимни баррасӣ намудани таърихи рушди ҷомеаи инсонӣ мо равшан мушоҳида менамоем, ки ҳар чӣ бештар ба умқи таърихи инсонӣ таваҷҷӯҳ кунем, ба ҳамон андоза бартарияти ҷанбаи диниятро, ва ҳар чӣ қадар ба ҷомеаи навину пешрафта бингарем, ба ҳамон андоза бартарияти ҷанбаи дунявиятро мушоҳида менамоем.

Бо назардошти ин гуфтаҳо ва таърифҳои зиёди дар боло зикр гардида аз ҷониби худ таърифи зерини дунявиятро пешниҳод менамоем. Дунявият чунин шакли ташкил ва пешбурди ҳаёти инфиродӣ ва ҷамъиятии инсон аст, ки дар қонеъ гардонидани талаботу манфиатҳои заминии вай ифода меёбад. Аз ин рӯ, шарҳи дунявият бо назардошти бартарият ё авлавияти арзишҳои заминӣ ва ҳамзамон дар ин самт ба роҳбарӣ гирифтани ақл ва илм ҳамчун роҳбаладӣ воқеии ҳаёт ба ҳақиқат наздиктар ҳоҳад буд. Чӣ хеле ки дида мешавад, дар фаҳмиши мазкури дунявият ба арзишҳои заминии инсон авлавият дода шудаанд, аммо онҳо ягона нестанд. Дар ин фаҳмиш арзишҳои руҳонӣ ё мовароии инсон низ дар назар дошта мешаванд, агарчанде бевосита зикр нашудаанд. Яъне, онҳо истисно нестанд, агарчанде шомили авлавият нестанд. Ҳамзамон бояд ёдовар шуд,

ки таърифи мазкур танҳо кӯшише дар роҳи муаррифӣ намудани моҳияти дунявият асту халос.

### 1.1.2. Таҳаввули мундариҷаи мафҳуми «дунявият»

Мусаллам аст, ки ҳар гуна мафҳум ҳамчун ифодакунандаи робитаю муносибатҳои муҳими ашёю ҳодисаҳо бо тағйирёбии ин робитаю муносибатҳо тағйир меёбад. Чӣ хеле ки аз қисмати аввал равшан мегардад, шакли юнонии мафҳуми дунявият – секуляризм дар ибтидо баръакси иклирус, ки табақаи Хосро ифода мекардааст, табақаи Ом, халқро дар назар доштааст. Ҳамчунин шакли арабии он – алмония дар забонҳои ба арабӣ наздики ибрию бобулию сурёнӣ ифодагари масоили заминӣ будааст. Аммо зимни тавсифи равандҳои сиёсӣ-иҷтимоии қуруни вусто дар зери мафҳуми мазкур танҳо ҷудоии дин аз давлат фаҳмида мешавад, ки ин бесабаб нест. Маҳдуд будани мундариҷаи мафҳум ба муҳити маънавии ҳукмрон вобастагӣ дошт. Чун муҳит муҳити динӣ буд, ҷудоии дин аз давлат иқдоми аввалин ва асосие дар раванди ташаккули низоми дунявӣ маҳсуб меёфт. Бо амалигардии иқдоми мазкур тавсифи аввалини дунявият оғоз мегардад. Бояд қайд намуд, ки ҳама гуна мафҳум сохта ва бофтаи тафаккури инсонист. Тафаккурҳо бошанд маҳсули муҳити моддӣ ва маънавие мебошанд, ки дар он инсонҳо зиндагӣ менамоянд.

Хулоса, чун муҳити имрӯзаи инсонӣ аз муҳити асримиёнагии ӯ комилан фарқ менамояд, пас мундариҷаи мафҳуми «дунявият» низ вобаста ба гуногунии ҳаёти имрӯзаи моддию маънавии инсон фарохтар гардидааст. Ба қавли дигар, муҳити дунявии ҳоло дар ҷомеа ҳукмрон мундариҷаи мафҳуми дунявиятро зина ба зина бою ғанӣ гардонида истодааст. Фаҳмиши маъмули асримиёнагии дунявият дар шакли ҷудоии дин аз давлат имрӯз танҳо яке аз унсурҳои мундариҷаи мафҳуми дунявиятро ташкил менамояд. Мафҳуми дунявият дар зери таъсири равандҳои нави моддию маънавӣ мавриди таҳаввул қарор гирифта, маонии нав касб намуда истодааст, ки поёнтар мо онҳоро шарҳ хоҳем дод.

Зимни шарҳи мундариҷаи мафҳуми дунявият ва хусусиятҳои таҳаввули он муайян намудани муносибат ва робитаи онҳо бо дин ва диният нақши муҳим мебозад. Робитаи онҳо диалектикӣ буда, яке шарти ҳастии дигарӣ мебошад. Қавӣ будани дин ё диният ба заифии дунявият ва ҳамчунин қавӣ будани дунявият ба заифии дин ва диният оварда мерасонад. Аз ин нуқтаи назар мақом ва нақши онҳо дар робита бо падидаи дигарӣ дуруст кушода мешавад. Яъне, бидуни ба инобат гирифтани робитаи байниҳамдигарии падидаҳои мазкур бисёр ҷанбаҳои ҳодисаҳои дунявӣ, баъзе унсурҳои мундариҷаи мафҳуми мазкур дар паси парда мемонанд. Ҳамин тавр, барои воқеъбинона ва нисбатан дақиқ равшан намудани мафҳуми мазкур зарур аст, ки ҳадди ақал унсури асосӣ ва муҳими мафҳуми дин кушода гардад. Зимни омӯзиши ҷиддии дин ва ҳодисаҳои динӣ эътиқод ба қудрати беинтиҳои мавҷуди фавқуттабиа ва мавҷудияти олами мобаъдуттабиа ҳамчун ҳамчун ҳадафи ниҳоии ҳаёти заминӣ ба сифати унсури асосӣ ва муҳим баромад менамоянд. Ба андешаи мо бартарияти нақши ду унсури фавқуззикри дин дар пешбурди ҳаёти инфиродӣ ва ҷамъиятии шахс метавонад дин ва нишонаи диндории ӯро муайян намояд ва тавсиф диҳад. Дар робитаи зич бо падидаҳои мазкур инчунин равандҳои дунявии ҳаёти шахс қарор доранд. Ба қавли дигар, агар дар зери мафҳуми дин ва диндорӣ бартарияти аҳкоми илоҳиро аз болои қонунҳои заминӣ ва авалиндараҷа будани аҳамияти олами ондунёиро дар нисбати арзишҳои заминӣ дар назар гирем, пас дунявият ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ, баръакс ба ин ҳодисаҳо аҳамияти дуюмдараҷа қоил хоҳад буд. Дунявият арзишҳои диниро инкор накарда, ба арзишҳои дунявӣ, заминӣ, ғайридинӣ афзалият медиҳад. Зимни кушодани мундариҷаи мафҳуми дунявият ошкор намудани таносуби омили инсонӣ ва фавқуттабиӣ, нақши арзишҳои заминӣ ва ондунёӣ, мақоми ақл ва имон дар пешбурди ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии одамон муҳим мебошад. Ба андешаи мо дар ҳар ҷомеа ё дар ҳаёти ҳар фард ба зоҳир расидани бартарияти яке аз се унсури мазкур, яъне мақоми омили инсонӣ ва илоҳӣ, нақши арзишҳои заминӣ ва ондунёӣ,

мақоми ақл ва имон аз мақоми динният ва дунявиятдар пешбурди ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии одамон шаҳодат медиҳанд.

Таваҷҷуҳ ба маонии нави дунявият аз он ҷиҳат бештар мубрам гардида истодааст, ки дар фаъолияти ҳам зиёиён ва ҳам намояндагони ходимони динӣ самтгирӣ ба арзишҳо дақиққории бештарро тақозо менамояд. Махсусан, манфиатҷӯёни динӣ дар ҳаёт ва фаъолияти инфиродию ҷамъиятии одамон ҳар чӣ бештар ҳукмрон гардидани арзишу талаботҳо ва манфиатҳои дунявиро равшан эҳсос намуда, барои барқарор кардани мавқеи аздастрафта ба гуфтору рафтори гӯшношунид даст зада истодаанд. Албатта, рафтори онҳо як шакли эътироз ба муқобили муҳити дунявии ҳукмрон аст. Онҳо ҳамзамон афзалияти муҳити дунявиро амалан собит намуда, бо афкори ифротӣ ва бунёдгароёнаи худ маонии нави дунявиятро ҷилои бештар бахшида истодаанд. Ба қавли дигар, тавассути зидмаъно моҳияти маъно равшан гардида истодааст.

Ҳамин аст, ки имрӯз дар фазои маърифатии ҷомеа мо бо калимаву ибороте дучор меоем, ки воқеан ҳам аз тавсеа ёфтани мундариҷаи мафҳуми дунявият дарак медиҳанд. Мавриди тааммулу тааққул қарор додани иддае аз он ибораҳо ва дар таносуби байниҳамдигарӣ таҳлилу баррасӣ намудани онҳо аз қавӣ гардидани раванди дунявӣ дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳад. Аз ҷумла, дар таносуби байниҳамдигарӣ таҳлилу баррасӣ намудани маонии ибораҳое, чун низоми дунявӣ - низоми динӣ, тафаккури дунявӣ – тафаккури динӣ, андешаи дунявӣ – андешаи динӣ, кутуби дунявӣ – кутуби динӣ, адабиёти дунявӣ – адабиёти динӣ, арзишҳои дунявӣ – арзишҳои динӣ, қонунҳои дунявӣ – қонунҳои динӣ, давлатдории дунявӣ ва давлатдории диинӣ ва ғайра моро ба доираи маъниҳои нави дунявият ворид месозанд ва далели қатъӣ бар исботи гуфтаҳои боло маҳсуб меёбанд.

Таҳлилу баррасӣ намудани хусусан, таносуби низоми дунявӣ ва динӣ барои фаҳмидани моҳият, мундариҷа ва таҳаввули дунявият кӯмаки зиёд менамояд. Низоми дунявӣ низомест, ки бар қонунҳои аз тарафи аҳли ҷомеа таълиф ва аз тарафи онҳо қабулгардида асос меёбад. Чун ҷомеа пешрафт намуда тағйир ёфт, вобаста ба тағйиротҳо бо мақсади дурусттар, дақиқтар,

одилонатар ба танзим даровардани муносибатҳои байниҳамдигарии шаҳрвандон дар ҳамаи соҳаи ҳаёти ҷомеа қонунҳои нав қабул мегарданд. Яъне, дар низоми дунявӣ қонунҳо догма набуда, тағйирпазиранд ва асоси такмилу дигаргун шудани қонунҳо манфиатҳои аҳли ҷомеа маҳсуб меёбанд. Сарчашмаи қонунҳо бошад, дар низоми мазкур тафаккури инсонӣ ҳисобида мешавад. Баръакси низоми дунявӣ низоми динӣ низомест, ки ба қонуну қоидаҳои дар кутуби муқаддас дарҷ гардида такя менамояд.

Зимни муқоисаи ду низоми таҳлилшаванда шахс бараъло дарк менамояд, ки низоми дунявӣ бар низоми динӣ аз ҷиҳати сохтори иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ ба таври ҷиддӣ афзалият дорад. Сохтори иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа дар марҳилаи тадвини кутуби муқаддас хеле соддаву оддӣ буд. Аввалан, шумори аҳли ҷомеа хеле кам буд. Сониян, зан ҳамчун қишри асосӣ ва идомабахши ҳаёт аз мавқеъ ва нақши муайяне дар ҳаёт бархӯрдор набуд.  Аҳли ҷомеа аслан ба деҳқону феодал ё ғулому ғуломдор тақсим буда, аксаран бо чорводорӣ ва кишоварзӣ машғул буданд. Зимни мутолиаи кутуби муқаддас ба масъалаҳои фавқуззикр, ки хеле муҳим ва бунёдӣ ҳастанд, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дарк менамоем, ки танзими муносибатҳои аҳли ҷомеа дар онҳо аслан аз доираи муносиботи мазкур убур накардааст. Яъне, шумораи хеле ками аҳолӣ, паст будани нақш ва мақоми зан дар ҷомеа ва аз ҳама муҳимтар соддаву оддӣ будани сохтори иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа дар якҷоягӣ аз муҳите дарак медиҳанд, ки дар он дин пайдо ва ташаккул ёфта метавонист. Ба қавли дигар, соддаву оддӣ будани ҷомеа бо тафаккури динии моҳиятан хоси ҷомеаҳои рушднокарда созгор буд.

Баръакси ҳолати мазкур дар ҷомеаҳои низоми дунявии ҳукмрони имрӯза шумори аҳолӣ нисбат ба даврони пешин садчанд зиёд гардидааст, мақом ва нақши занон дар пешбурди ҳаёти ҷомеа баръакси ҷомеаҳои фавқуззикри пешин бо мардон баробар шудааст, дар ҳар соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ чандин зерсоҳаҳое пайдо гардидаанд, ки аз вуҷуди фаъолияти онҳо дар кутуби муқаддас ҳатто ишорае ҳам нест. Ин зерсоҳаҳо аз мавҷудияти қишрҳои нави иҷтимоии ҷомеа дарак дода, ҳамзамон ниёз ба қавонину қавоиде

мебошанд, ки бо дарназардошти хусусиятҳои тахассусии онҳо фаъолияти онҳоро ба танзим медарорад. Ҷои шубҳае нест, ки тамоми кутуби муқаддас ҳамчун поягузорони низоми динӣ ҳатто дар якҷоягӣ бо парчамбардорони низоми динӣ дар масъалаҳои фавқуззикр ба ҷуз хомӯшӣ чорае надоранд.

Қиёси соҳаҳои сиёсию маънавии ду низом низ ба афзалияти назарраси низоми дунявӣ ва танҳо дар осорхона мақом додани низоми динӣ ишора менамояд. Зарурат ба ёдоварист, ки принсипи «Подшоҳ сояи Худо дар замин аст» принсипи муайянкунанда ва тақдирсоз дар низоми динии тамоми кишварҳои қадиму асримиёнагӣ ба ҳисоб мерафт. Принсипи мазкур, ки дар мафкураи аҳли ҷомеа аз тарафи зимомдорони дин амиқ ҷо карда шуда буд, ба подшоҳ дар идоракунии ҷомеа имкониятҳои васеъ ва номаҳдуд медод ва табиист, ки яке аз монеаҳои асосӣ дар пешрафти ҷомеа маҳсуб меёфт. Табиист, ки сиёсати низоми мазкур бар хилофи манфиатҳои кулли ҷомеа барои ҳимои манфиатҳои ақаллияти аҳли ҷомеа нигаронида шуда буд. Ҳамзамон пӯшида нест, ки аҳли башар барои растан аз чунин низом дар тамоми тӯли таърихи худ бар зидди он мубориза бурдааст ва раҳоии имрӯзаи ҷомеаи башарӣ аз низоми динӣ маҳсули хунрезию ҷоннисоркуниҳои қишри бофарҳанг ва пешрафтаи аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад.

Дар низоми дунявӣ бошад, соҳаи сиёсии ҳаёти кишвар аз дастуру қонунҳои он, ки аз тарафи аҳли ҷомеа ва ё намояндагони он қабул гардидаанд, маншаъ мегирад. Аз ин нуқтаи назар, вай мантиқан барои ифодаи манфиатҳои тамоми аҳли ҷомеа нигаронида шудааст. Илова ба ин, бояд қайд намуд, ки на саодати ондунёӣ ё ухравӣ, балки таъмини саодату хушбахтӣ маҳз дар ҳамин дунё моҳияти сиёсати низоми дунявиро ташкил менамояд, ки ин ҳам яке аз афзалиятҳои бузурги низоми дунявӣ дар муқоиса ба низоми динӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тафовути ҷиддӣ дар соҳаи маънавии ду низоми мавриди таваҷҷуҳ низ ба мушоҳида мерасад. Чӣ хеле ки аз таърихи гузашта ба мо маълум аст, омили муайянкунандаи ҳаёти маънавӣ дар низоми динӣ арзишҳои эътиқодӣ маҳсуб меёбанд. Табиист, ки дин аз рӯи табиати худ бо илм ва

дастовардҳои илмӣ созиш наменамояд, зеро илм бо дастовардҳои худ имкон дорад, ки пояҳои бунёдии динро заиф созад. Маҳз ба сабаби мазкур донишмандону мутафаккирони барҷастаи аҳли башар дар асрҳои миёна аз тарафи пешвоёни дин ҳамеша мавриди таҳқир қарор мегирифту ба онҳо ҷурми «кофир» ё «аҳли бидъат-ро насб мекарданд. Аз ин нуқтаи назар, низоми динӣ бо муборизаҳои шадид ва оштинопазираш бар зидди илм ва намояндагонаш монеи асосии пешрафти ҷомеа ва аз ин ҷо муқобили саодату хушбахтии инсон дар ҳаёти заминӣ ба ҳисоб меравад.

Дар низоми дунявӣ баръакси низоми динӣ илм шакли асосии ҳастии он ба ҳисоб меравад. Яъне, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа маҳз бо истифода аз илм роҳандозӣ мегардад. Илм аз тарафи аҳли ҷомеа ҳамчун воситаи асосии сабук намудани мушкилоти зиндагӣ ва василаи ягонаи таъмини саодату хушбахтӣ пазируфта мешавад. Маҳз ба сабаби мазкур мо имрӯз ба хубӣ эҳсос менамоем, ки тамоми ҷомеаи башарӣ, ҳатто ҷомеаҳое, ки дар Конститутсияашон низоми динӣ низоми ҳукмрон муқаррар гардидааст, бар хилофи табиати дин ва таълимоти он рӯ ба илм овардаанд.

Умуман, дар муҳити қарни XXI тибқи муқаррароти низоми динӣ пеш бурдани ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳатто дар муайян намудани ҷаҳонбинии хеш ба он афзалият додан маънои онро дорад, ки муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии афроди замони мазкур тавассути меъёрҳои барои афроди асрҳои миёна ва дунёи қадим мутобиқ ба низом дароварда шаванд. Агарчанде нигоҳ ва мавқеи мазкур хеле ва хеле хандаовар аст, лекин ҳоло ҳам чунин тафаккур дар ҳаёти воқеӣ аз мақоми муҳим бархӯрдор аст.

Ба сифати далели иловагӣ барои собит намудани тавсеа ёфтани мундариҷаи мафҳуми дунявият ва таҳаввули он шарҳу таҳлили таносуби мафҳумҳои «тафаккури динӣ» ва «тафаккури дунявӣ» низ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Бояд таъкид намуд, ки ифодаҳои тафаккури динӣ ва дунявӣ дар сарчашмаҳо гоҳ-гоҳ ба назар мерасанд. Бо вуҷуди ин яке аз муаллифон тафаккурҳои устуравӣ, динӣ ва илмиро мавриди таҳқиқ қарор дода, онҳоро

ба сатҳи пешрафти ҷомеа ва рушди кӯдак алоқаманд намудааст[16]. Дар забони русӣ ифодаи «тафаккури дунявӣ» дар шакли «светское мышление» вомехӯрад.

Таснифи тафаккур ба дунявӣ ва динӣ ва шарҳу тафсири он барои аҳли ҷомеа, хусусан насли ҷавон аз аҳамияти бузурги маърифатӣ ва методологӣ бархурдор аст. Комилан равшан аст, ки тафаккур фаъолияти мағзи сари инсон буда, аз инъикоси бавосита ва ҷамъбастии воқеият иборат аст. Ба қавли дигар, тафаккур фаъолияти маърифатии инсон маҳсуб меёбад. Аммо барои таҳлилу баррасии матлаби баёнгардида муайян намудани мавзӯи тафаккур, ба кадом самт нигаронида шудани раванди тафаккур ва барои дарёфти дониши саҳеҳу муфид шомили кадом сифатҳо будани тафаккур хеле муҳим мебошад. Андеша ва тааммули ҷиддӣ дар болои масъалаҳои гузошташуда бар тафовути тафаккури дунявӣ аз динӣ ва афзалияти аввалӣ бар дуюмӣ ишора менамояд. Аввалан, тафаккури дунявӣ олами заминиро бо тамоми аҷзоъ ва хусусиятҳояш фаро мегирад, дар ҳоле ки мавзуи тафаккури динӣ аслан олами фавқуттабиа маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки олами заминӣ низ мавзӯи тафаккури динӣ қарор мегирад, аммо он ҷавҳарӣ набуда аразист. Яъне дар дин ва тафаккури динӣ унсури асосӣ Худо, аҳкоми дин ва олами фавқуттабиа ба ҳисоб меравад. Бидуни унсурҳои фавқуззикр тасаввури дин душвор аст. Дар дин олами заминӣ ба сифати унсури тобеъ хидмат менамояд.

Ҳамчунин самти тафаккури дунявӣ барои кашфи асрори олами заминӣ ба хотири таъмини зиндагии хуб, гуворо ва осуда барои инсон дар ҳаёти заминӣ нигаронида шудааст. Маърифати Худо ва аҳкоми он, хусусиятҳои ҳаёти ондунёӣ, омодагии инсон барои зиндагии ҷовид дар он дунё маҳз самти тафаккури диниро ташкил менамояд. Аз ҳамин мавқеъ вақте ба маҳсули ҳар ду навъи тафаккур назар меандозем, мебинем, ки маҳсули тафаккури дунявӣ ҷомеаи муосири пешрафта бо технологияи муосир,

[16]WWW.paganism.ru (Санаи муроҷиат: 18.06.2022).

шароити хуби накӯаҳволии мардум, сатҳи баланди хидматрасонии тиббӣ, низоми хуби маориф ва ғайра маҳсуб меёбад. Вақте баҳри дарёфти маҳсули тафаккури динӣ саъй менамоем, мутаассифона имрӯз ҷуз таассубу хурофот ва ҷангу ҷидолҳои мазҳабӣ чизи дигаре пайдо карда наметавонем. Албатта, дар қуруни вусто дар доираи тафаккури динӣ осори манзуми ахлоқии зиёде офарида шуда буданд, аммо бояд ёдовар шуд, ки талаботҳои моддӣ ва маънавии қарни XXI тамоман дигаргу шудаанд. Рақобатҳои пуршиддати илмӣ, саноатӣ, тиҷоратӣ ва сиёсӣ на танҳо дар байни қишрҳои алоҳидаи ҷомеа, балки ҳатто кишварҳои мухталиф мақоми аввалиндараҷа ва афзалиятноки тафаккури дунявиро бар тафаккури динӣ таъкид менамоянд. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки шахсиятҳо, гурӯҳҳо ва ҳатто кишварҳои дар интихоби самти тафаккур ба хатогӣ роҳ дода, ё дар интихоби самти тафаккур саҳлангорӣ намуда, ва ҳатто дар ин самт ба таъхир роҳ дода мубталои мушкилоти азими иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ гардидаанд.

Вижагиҳои ду навъи тафаккури матраҳшавандаро мавриди таҳлил қарор дода, таъкид менамоем, ки дар ин ҷода низ онҳо аз ҳам тафовут доранд. Аз ҷумла, қобили зикр аст, ки шакли асосии тафаккури дунявӣ тафаккури илмист. Зеро табиати ҳаёти дунявӣ маърифати амиқи қонунҳои пайдоишу инкишофи ҳаётро бо тамоми асрори он дар назар дорад. Бинобар ин, вижагии махсуси тафаккури илмӣ ҳадафнокӣ, мунтазамӣ, беинтиҳоӣ, сарнобастагӣ ва новобастагӣ маҳсуб меёбад. Яъне, то дарёфти ҳақиқати илмӣ раванди тафаккур ба сӯи ҳадафи хеш новобаста аз ҳар гуна омилҳо пайваста ҷараён мегирад.

Вижагиҳои зикршударо дар муносибат ба тафаккури динӣ иқрор намудан душвор аст. Зеро омили муайянкунандаи мавзӯъ, самт ва аҳдофи тафаккури динӣ фармудаҳои китобҳои муқаддас ба ҳисоб меравaнд. Яъне, тафаккур дар ин ҷода то ба ҳамон андозае фаъолият менамояд, ки онро китобҳои муқаддас ҷоиз медонанд. Ба қавли дигар, тафаккури динӣ сарбаста буда, нуқтаи интиҳоии он чорчӯбаи китобҳои муқаддас маҳсуб меёбад. Дар нуқтаи китобҳои муқаддас муайяннамуда тафаккур қатъ

мегардаду эътиқод оғоз мегардад. Мисоли равшани гуфтаҳои мазкур баҳси Имом Ашъарӣ бо аҳли муътазила дар хусуси сифатҳои Худо мебошад, ки ахиран Ашъарӣ дар мавзӯи зикршуда андешаҳои худро бо ифодаи «било кайфа» (бе чуну чаро) ба анҷом мерасонад[17]. Бояд ёдовар шуд, ки хусусиятҳои зикршудаи тафаккури динӣ имрӯз низ дар баъзе баҳсу мунозираҳо аз ҷониби чалласаводони динӣ равшан ба мушоҳида мерасад. Эътиқоди кӯр-кӯронаи онҳо зимни масъалаҳои бунёдӣ одатан дар шакли зерин асоснок мешавад: «Ақли инсонӣ барои дарки ин масъалаҳо қодир нест».

Хулоса, дар асоси шарҳ ва таҳлили муқоисавии мафҳумҳое, чун низоми дунявӣ ва низоми динӣ, тафаккури дунявӣ ва тафаккури динӣ, давлатдории дунявӣ ва давлатдории динӣ, арзишҳои дунявӣ ва арзишҳои динӣ ва амсоли онҳо метавон мутмаин гардид, ки мундариҷаи мафҳуми дунявият васеъ гардида, бо тағйиротҳои назаррас дар ҳаёти моддӣ ва маънавии аҳли ҷомеа таҳаввулоти сифатиро паси сар намуда истодааст. Яъне дар зери мафҳуми дунявият акнун на танҳо ҷудоии дин аз давлат, балки доираи васеи масоили инҷаҳону онҷаҳон ё дар шакли дигар арзишу талабот ва манфиатҳои дунявию динии инсон фаҳмида мешавад.

### 1.1.3. Дунявият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ

Чуноне ки болотар қайд карда будем, дунявият ҳамчун мафҳум мухтасаран афзалият додан ба арзишу манфиатҳо ва талаботҳои дунявӣ дар муқобили арзишу талабот ва манфиатҳои ухравӣ ё диниро дар назар дорад. Вай ба сифати принсипи ҳаётие баромад менамояд, ки ноил шудан ба саодату хушбахтии индунёии инсонро аз саодату хушбахтии ондунёии инсон муқаддам мешуморад. Бинобарин, дунявият ҳамчун мафҳум низ худ ба худ дар ҷойи хушку холӣ насабзида, балки реша дар ҳаёти моддӣ ва маънавии инсон дорад. Аз ин нуқтаи назар, вай ба сифати ифодакунандаи

[17]Абулҳасан ал-Ашъарӣ. Ал-ибона ан усул-ид-диёна. (Ба забони арабӣ), Тунис, 1994. – С. 7.

робитаю муносибатҳои устувор ва ногузири ҳаёти инсон баромад менамояд. Яъне, вай ҳамзамон падидаи иҷтимоиест, ки дар мафҳум шакл гирифтааст.

Барои равшан шарҳ додани дунявият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба ҷанбаҳои зерини ҳаёти моддию маънавии аҳли ҷомеа таваҷҷуҳ намудан зарур аст:

- тарзу усулҳои қонеъ гардонидани талаботҳои аввалияи моддии инсон;

- тадриҷан тағйир ёфтани талаботҳои моддӣ ва маънавии инсон;

- тадриҷан дунявӣ гардидани қишри дингаро ва рӯҳонии ҷомеа;

- равшан таҷассум ёфтани принсипи дунявият дар ҳаёти моддӣ ва маънавии занон ҳамчун қишри иҷтимоии дар тӯли таърих аз тарафи дин дар ҳолати маҳдудӣ қарордошта.

Дар робита ба ҷанбаи якум бояд ёдовар шуд, ки инсон ҳамчун мавҷуди биоиҷтимоӣ дар табиати худ ниёз ба талаботҳои моддии хӯрдан, пӯшидан, нӯшидан, сарпаноҳ доштан, дар ҳолати бехатарӣ зистан ва амсоли инҳоро нуҳуфта аст. Пӯшида нест, ки ниёзҳои зикршуда талаботҳои аввалияи табиии инсон буда, ба ҳайвонот низ хос мебошанд. Аммо бояд қайд намуд, ки талаботҳои баёнгардида тадриҷан хусусияти иҷтимоӣ касб менамоянд. Хусусияти иҷтимоии талаботҳои зикршуда дар шаклҳо ва тарзҳои қонеъ гардонидани онҳо ифода меёбад.

Инсон ҳамчун мавҷуди соҳибақл пайваста дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳои беҳтарину гуворотарини талаботҳои моддию маънавии хеш аст. Бо тағйирёбии шароитҳои моддии ҳаёт ва афзудани имкониятҳои инсон ақли вай ба ӯ роҳу усулҳои боз ҳам беҳтару гуворотарро талқин менамояд. Агар пӯхта хӯрдани гушту бо намак хӯрдани намакро иқдоми аввалин дар самти мазкур маҳсуб донем, пас дар шароитҳои хуби санитарию гигиенӣ ва аз тарафи мутахассисони нағз омода намудани хӯроку дар шароити гуворою муҳити зебо ошомидани он аз талаботҳои инсони имрӯза ба ҳисоб меравад. Чунин тарзи қаноатмандкунӣ бешак дар нисбати дигар талаботҳои аввалияи инсон, аз ҷумла нӯшидану пӯшидан ва муҳити зисти ӯ низ вуҷуд дорад. Пас, инсони соҳибақл мутобиқи талаботи табиати ҳастии худ тибқи

ҳукми ақли худ амал карда, ҳеҷ гоҳ аз арзишҳои дунявии хусусияти ҳиссӣ-амалӣ дошта даст намекашад. Баръакс, тамоми саъйу талоши худро баҳри ҳар чӣ беҳтару бештар қонеъ гардонидани талаботҳои дунявии худ сарф менамояд. Раванди мазкур дар замири ҳар фарди ҷамъиятӣ нуҳуфта будани дунявиятро собит намуда, падидаи ҷамъиятӣ будани онро амалан асоснок менамояд.

Дар робита ба ҷанбаи дуюм – тадриҷан тағйир ёфтани талаботҳои моддию маънавии инсон ҳаминро бояд гуфт, ки худи пешрафти ҷомеа ин тағйиротро муайян менамояд. Аз маврид истифода бурда ин ҷо мехоҳем, ки дар бораи мухолифони назарияи мазкур низ ёдовар шавем, зеро афкори ба он шабеҳ дар ҷомеаи мо низ интишор ёфтааст. Юсуф Қарзовӣ ба муқобили ҷонибдорони дунявият андеша ронда, пеш аз ҳама чунин мавқеи онҳоро қайд менамояд, ки ба масъалаи матраҳшаванда робитаи зич дорад. Дунявият бар мо таъин шудааст, яъне падидаи зарурист. Отатурк ва пайравонаш мегӯянд, ки ҳаёт тағйирёбанда ва таҷдидшаванда аст, шариат бошад, собит ва устувор аст. Аз ин рӯ, чӣ тавр мо метавонем, ки бар ҳаёти тағйирёбандаю навшаванда бо шариати аҳкомаш устувор ҳукм намоем. Қарзовӣ ҳар ду масъалаи баёншударо қобили қабул намеҳисобад. Ба андешаи ӯ тамоми ҳаёт навшаванда нест, ва тамоми он тағйирёбанда низ нест. Дар ҳаёт баъзе ҷанбаҳо тағйирёбанда буда, баъзе собит аст. Дар ҳаёт ашё тағйир меёбанд, лекин ҷавҳари он устувор аст. Дар ин ҳаёт дар инсон низ бисёр чизҳо тағйир ёфтаанд: маълумоташ, маорифаш, олоту адавоташ тағйир ёфтаанд, лекин ҷавҳари инсон ҳамон аст. Аз рӯи ақл ва ғароизаш инсон ҳамон инсони замони Қобилу Ҳобил аст, танҳо сураташ дигаргун шудааст. Яъне, ҳам дар ҳаёт ва ҳам инсон ашё тағйир ёфтаанд, лекин ҷавҳарашон устувор аст[18]. Дар робита ба ин андешаҳои беасос ҳаминро гуфтанием, ки пеш аз ҳама мо бояд муайян намоем, ки дар зери ҷавҳар мо чиро дар назар дорем. Аз нигоҳи дин ҷавҳари инсонро рӯҳ ташкил менамояд, аммо аз нигоҳи илм инсон мавҷуди биоиҷтимоист, яъне асоси

[18]Юсуф Қарзовӣ. Муҷиботу тағайюри фатво фи асрино. (Ба забони арабӣ). –С. 20.

ҳастии онро қонунҳои биологияю ҷомеа муайян менамоянд. Яъне, инсон агар нахӯраду напӯшад, мемирад. Ҳамчунин дар ҷомеа вай ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ шакл гирифта, дар доираи қонунҳои он мезиҳад. Берун аз қонунҳои ҷомеа низ ҳастии ӯ ҳамчун инсон моҳияти худро гум менамояд. Ҳамчунин дар хусуси ҷавҳари ҳаёт сухан ронда, таъкид менамоем, ки онро бузургон мубодилаи моддаҳои сафеда таъриф додаанд. Яъне, чӣ дар олами наботот, чӣ ҳайвонот ва чӣ инсоният гирифтани ғизо ва зистан дар шароити сазовор асоси ҳастӣ ба шумор меравад. Аммо ба сабаби он ки инсон, ки мавҷуди соҳибхирад аст, шакли ҳастии ӯ тадриҷан либоси фарҳангӣ мегирад. Маҳз аз рӯи шакли ҳастӣ, ки шомили орзуву омол, нияту ғараз ва талаботу манфиатхост, вай аз дигар намуди мавҷудот фарқ менамояд, ки ин ҳақиқат барои дингаро ба сабаби ҷаҳонбинии маҳдуд даркнашавандааст.

Ҳамин тавр, пешрафти назарраси ҷомеа барои инсон дар баробари арзишҳои пешина боз истироҳати бофароғат доштан, ба кашфи асрори табиат даст задан, унсурҳои мухталифи санъатро ҷузъи муҳими ҳаёти маънавии хеш ҳисобидан, баҳрамандӣ аз зебоиҳои манзараҳои табиат, иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, соҳиби озодиҳои васеъ будан ва амсоли инҳоро ҳамчун ҷузъи муҳими ҳаёти ҷамъиятии ӯ дар madди аввал мегузорад. Албатта арзишҳои мазкур барои қишри болои ҷомеа, ки ақаллияти хурдтаринро ташкил мекарданд, дастрас буданд, аммо барои аксарияти оммаи мардум онҳо шомили аҳамияте ҳам набуданд, зеро зиндагии тоқатфарсои аксарият барои онҳо танҳо қонеъ гардонидани талаботҳои аввалияро дар мадди аввал гузошта буд. Дар ин сатҳи инкишофи ҷомеа қишри мазкур ба дарёфти лаззатҳои фаровони зиндагӣ танҳо дар он дунё умед мебаст. Чун пешрафти зарурии ҷомеа ба қишри мазкур баҳрамандӣ аз арзишҳои бештари дунявиро имконпазир мегардонад, вай барои дарёфт ба он саъй менамояд. Яъне, на танҳо кишри боло, балки аксарияти кулли ҷомеа кӯшиш менамояд, ки саодату хушбахтиро тавассути баҳрамандӣ аз арзишҳои нав на дар он дунё, балки дар ҳамин дунё соҳиб гардад. Аз ин гуфтаҳо метавон чунин бардошт

намуд, ки дунявият ҳамчун талош бахри саодату хушбахтӣ дар рӯи замин дар сиришти ҳар як инсон нуҳуфта аст ва аз табиати ботинии ӯ сар мезанад.

Дар хусуси тадриҷан дунявӣ гардидани қишри дингаро ва рӯҳонии ҷомеа ҳаминро гуфтанием, ки аз қонунияти дар боло зикргардида қишри дингарою рӯҳонии ҷомеа истисно нестанд. Ҳамчун мавҷуди биоиҷтимоӣ онҳо наметавонанд, ки аз лаззатҳои дунявӣ комилан даст кашанд, агарчанде дар мавъизаҳои хеш дар хусуси гузаранда, фонӣ, бозии беҳуда будани ҳаёти индунё ва ҳаёти ҷовидонӣ будани ондунё, қавли қуръонии «Ва ҳар оина охират барои ту беҳтар аз дунё хоҳад буд» (93:4), танҳо мазраи охират будани индунё сухан меронанд. Дар таърихи интишори ислом ва ҳамчунин дар ҳаёти имрӯза пайваста мушоҳида менамоем, ки арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти индунёии рӯҳониён мақоми баланд дошта, маҳз онҳо чӣ дар байни рӯҳониёни як деҳа, чӣ як ноҳия, чӣ як минтақа ва чӣ худи дин дар умум яке аз сабабҳои тафриқа будаанд. Ин ҷо аз овардани мисолҳои мушаххас дар ин самт худдорӣ намуда (агарчанде намунаи онҳо дар ҷомеаи мо беҳисобанд), танҳо бо овардани иқтибосе аз мақолаи Домулло Маъруфҷони Истаравшанӣ «Ислом ба зоти худ надорад айбе…», ҳафтаномаи «Фараж», 11.12.2013 иктифо менамоем: «Пешвоёни давлатҳои исломӣ орзуи амалӣ кардани нақшаҳои ғаразнокро тавассути ҳадафҳои моддӣ ба роҳ мемонанд. Мардуми оммӣ ба чанд нафар рӯҳониёни аввалиндараҷа тақлид мекунанд ва дар масъалаҳои динӣ ва фиқҳӣ ба фатво ва рисолаҳои онҳо муроҷиат менамоянд ва аз рӯи гуфташон амал мекунанд. Онҳоро «марҷаъҳо» низ меноманд. Ҳар сол марҷаъҳо аз пайравонашон «хумс» ё ин ки панҷяки даромади солонаи ҳар як шахсро аз худ мекунанд. Агар нафаре аз даромади солонаи худ панҷякашро ба марҷааш пардохт накунад, гӯё намозу рӯза ва ҳаҷҷу дигар ибодатҳояш қабул намешавад. Ҳамин аст, ки марҷаъҳои кишварҳои исломӣ миллиардерони бузург ҳастанд…». Ҷои шубҳае нест, ки муносибати байни марҷаъ ва пайравонаш муносибати соф дунявӣ буда, ба хотири арзишҳои заминӣ танҳо зоҳиран либоси «динӣ» касб намудааст. Дар замони мо

муносибати байни пиру мурид ба муносибати марҷаъҳо ва пайравонашон шабоҳат дошта, маҳз тавассути арзишҳои дунявӣ маънӣ пайдо менамояд. Хулоса, аз равандҳои дунявӣ дар канор набудани ҳатто қишри рӯҳонии ҷомеа падидаи иҷтимоӣ будани дунявиятро сароҳатан ба маъраз мегузорад.

Барои собит намудани дунявият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мо инчунин ҳаёти занонро ҳамчун намуна иловатан таъкид намудем, зеро онҳо дар тӯли таърих қариб дар доираи ҳамаи динҳо дар ҳолати ногувор қарор доштанд. Баъд аз пешравиҳои азим дар ҷомеа ва қабул гардидани қонунҳои зиёд дар хусуси баробарҳуқуқии шаҳрвандон вазъият ба таври куллӣ тағйир ёфт. Ба зудӣ эҳсос гардид, ки занҳо нисбат ба мардҳо бештар дунявитаранд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, махсусан дунявишавии ҷомеаи башарӣ, ки маҳсули пешрафти илму технологияи ҷадид ва инъикоси он дар ҳаёти башарӣ буд, ба ҳаёти мусулмонони олам бетаъсир намонд. Оятулло Ҳумайнии бунёдгаро, ки дар оғози инқилоби худ барои ба шавҳар баромадани духтарон синну соли диниро муқаррар намуда буд, маҷбуран қарори худро иваз намуд. Арабистони Саудӣ, ки дер боз занҳоро аз иштирок дар майдонҳои варзишӣ ва дигар чорабиниҳои хусусияти ҷамъиятӣ дошта маҳрум карда буд, ночор қарорҳои худро иваз намуд. Имрӯз баръало мушоҳида менамоем, ки дар тамоми кишварҳои исломӣ ҳар чӣ бештари занон ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуда истодаанд, ҳар чӣ бештари онҳо азми таҳсил дар макотиби олиро доранд, ва аз ҳисоби онҳо тимҳои мухталифи варзишӣ ташкил ёфта истодаанд. Зиёд шудани иштироки онҳо дар чунин навъҳои варзиш, ба мисли шиноварию рақси бадеӣ, футболу волейбол, боксу ҷудо таҷдиди назар намудани шарҳи ҳукми ояти 31 аз сураи «Нур» - ро тақозо намуда, ҳамчунин ногузирии дунявиятро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба масъалаи умдаи рӯз мубаддал менамояд.

Хулоса, дунявият ҳамчун мафҳум дар садаи XIX мавриди истеъмоли аҳли илм қарор гирифт ва моҳиятан ифодакунандаи на манфиатҳои ухравӣ, балки манофеъ ва ниёзҳои заминии инсон аст. Ҳамчун падида вай аз инсон

ҳеҷ гоҳ ҷудо набуд. Дар ҳаёти инсони ҷамъиятӣ арзишҳои дунявӣ ҳамеша вуҷуд дошт. Аммо бо пешрафт ва хусусиятҳои рушди ҷомеа мундариҷаи мафҳуми дунявият таҳаввулпазир маҳсуб меёбад.

## 2. Ҷанбаҳои дунявӣ дар эҷодиёти Эпикур ва Марсили Падуянӣ

Анъанаи фалсафӣ Эпикурро яке аз саромадони ғояҳо дар бораи дунявият ба қалам медиҳад. Агарчанде Эпикур дар таълимоти худ бевосита истилоҳи дунявиятро истифода набурдааст, лекин мавқеъ, нигоҳ ва муносибати вай ба ҳаёт ва арзишҳои он аз ҷаҳонбинии дунявии ӯ дарак медиҳанд. Ҷаҳонбинии дунявии мутафаккир аз ҷаҳонбинии фалсафии мутафаккир оғоз мегардад. Аллакай барвақт Эпикурро саволҳои хусусияти моддагароёна доштаи «Ҷаҳони мо чист?», «Аз куҷо пайдо шудааст?», «Барои чист?», «Чӣ онро ба ҳаракат медарорад?», «Одамон ба куҷо азм менамоянд?» ба худ мутаваҷҷеҳ сохта буданд.

Мувофиқи ҷаҳонбинии Эпикур якҷоя бо марги бадан ҳаёти ҷон низ ба охир мерасад, вай бо вайроншавии организм пароканда мегардад. Дар вобастагӣ ба таълимоти мазкур андешаи мутафаккир дар бораи марг шакл гирифтааст. Эпикур пайваста шогирдони худро таълим медод:«Худро ба фикре одат кунон, ки марг ба мо ягон хел муносибат надорад. Зеро ҳама чизи хуб ва бад дар эҳсос ифода меёбанд, марг бошад, маҳрумшавӣ аз эҳсос аст. Бинобар ин, дуруст донистани ин ки марг бо мо ягон хел муносибат надорад, фаношавии ҳаётро ҳаловатбахш мегардонад, - на барои он ки вай ба он миқдори бемаҳдуди вақтро диҳад, балки барои он ки вай ҳирси зиндагии ҷовидонаро мегирад. Ва воқеан ҳам, дар ҳаёт барои шахс ягон чиз даҳшатовар нест, вақте ӯ бо тамоми дилу ҷон дармеёбад, ки дар беҳаётӣ низ ягон чиз барои ӯ даҳшатовар нест»[19].

Ҳамин тавр, барои оқилона, дуруст ва хурсандона зиндагӣ кардан, таълим медод Эпикур, пеш аз ҳама мақсади воқеии ҳаётро бояд муайян

[19]Татяна Гончарова. Эпикур. Жизнь замечательных людей. Серия биографий основана в 1933 году М.Горьким. Выпуск 3 (685). Москав «Молодая гвардия», 1988. -С. 290.

кард то барои дарёфти он тамоми аъмоли шахс мутобиқ карда шавад. Барои худи Эпикур бошад, мақсади ягона ва асосии ҳаёт озодӣ буд, ҳамон озодии олие, ки танҳо ба шахсони воқеан ҳам оқил ва аз қонунҳои коинот ва ҳастии одамон огоҳ дастрас аст. Шахсе барои мутафаккир ҳаким маҳсуб меёбад, ки дар ҳаёт, дар аъмол ва афкори худ озодии фардиро бо он заруратҳои ногузир, ки тибқи онҳо тамоми ҳастӣ рушд менамояд, тавонад ҳамоҳанг созад. Эпикур пайваста пайравони худро таълим медод, ки қонунҳои ахлоқ ва муқаррароти умумиро доир ба ахлоқ вайрон накарда, ҳамон тавре зиндагӣ кунанд, ки мехоҳанд ва ба вижа ҳамзамон ҳамон тавре ки онҳо мукаллаф шудаанд, яъне бар онҳо воҷиб гардидааст.

Чӣ хеле ки дарк карда мешавад, дар таълимоти мутафаккир озодӣ мавқеи муҳимро ишғол менамуд. Вай онро мақсади ниҳоии аз худ намудани фалсафа маҳсуб медонист. Ба андешаи ӯ озодӣ шарти ягонаи фаъолияти инсони эҷодкор аст, ки маҳз ба шарофати он ҷаҳонро маърифат менамояд. Мутафаккир таълимоти худро ба шогирдонаш дар боғ бо суханони: «Суханони он файласуфе, ки ҳеҷ яке аз дарду аламҳои инсонро табобат намекунанд, хушку холиянд. Чуноне ки аз тиб ягон нафъе нахоҳад буд, агар бемориро аз бадан дур насозад, ҳамин тавр аз фалсафа низ ягон нафъе нахоҳад буд, агар вай бемориҳои рӯҳиро рафъ нанамояд» оғоз намуда, ба онҳо ваъда медод, ки онҳоро ҳамон тавре, ки мехоҳанд, ҳамон тавр зиндагӣ намуданро, ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда озоду хушнуд буданро таълим медиҳад[20]. Яъне, озодӣ мақсади асосӣ ва ягонаи сӯҳбатҳои Эпикур буданд. Шахс боядҳадди ақал озодии ботиниро соҳиб гардад, агарчанде озодии зоҳириро ба даст оварда наметавонад. Барои ӯ озодии дуруст андеша намудан, оқилона ва хурсандона зиндагӣ намудан аҳамияти калон доштанд. Мутафаккир имконияти озодии шахсиро дар маркази таълимоти хеш қарор дода, аз шогирдонаш талаб менамуд, ки ба хотири ин озодии пурқимат аз бисёр унсуру ҷанбаҳои дуюмдараҷа, сатҳӣ, ғайримуҳим, беарзиш, ки зарурарзёбӣ мегарданд, пеш аз ҳама ғамхорӣ дар бораи некӯаҳволии моддӣ даст кашанд. Ӯ аз шогирдонаш даъват ба амал

[20]Ҳамон ҷо; - С. 149.

меовард, ки аз мушкилоти рӯзмарраи пурнуқсу пурмаҳзун болотар мақом гиранд, аз шароитҳое, ки мустақилияти руҳу фикрро осеб мерасонанд, қавитар бошанд[21].

Дар худ майл ба молғункуниро бартараф карда тавонистан лозим аст. Аз онҳое, ки таъиноти воқеии ҳаёт ва маънии онро фаромӯш намуда, «тамоми ҳаёт барои худ воситаи зиндагиро омода менамоянд» болотар бояд буд; «фараҳи олии ақлро» аз ҳама болотар баҳогузорӣ намуда, пеш аз ҳама бо ҳаёти ботинӣ зиндагӣ намуданро омӯхтан лозим аст, - танҳо дар ҳамин ҳолат озодии воқеӣ, ва аз ин ҷо хушбахтӣ ба даст оварда мешавад. Аз ҳама асосӣ хуҷаини хоҳишҳои худ, ромкунандаи ҳирсҳои худ бояд буд, дар чунин ҳолат бисёре аз мушкилот ва ғамҳое, ки одатан мавҷудияти одамонро душвор месозанд, рафъ хоҳанд гардид. Зеро ашхосе, ки дар зиндагӣ ба кам (ба маънои неъматҳои зоҳирӣ, ҷисмӣ) қаноат мекунанд, онҳо аз пушти сарват намедаванд ва озодиро ба ғуломии ихтиёрӣ, тобеият ва чоплусӣ, ки бидуни онҳо «маблағи бисёр ба даст оварда намешавад» иваз наменамоянд. Аз қафои ҳеҷ чиз надавед, бо он чи доред, қонеъ бошед, барои ба кам ва дастрас маҳдуд гардидан худро одат кунонед, – мегуфт мутафаккир[22]. Мо якбор таваллуд мешавем, ду маротиба таваллуд шудан номумкин аст, лекин мо бояд то абад дигар вуҷуд надошта бошем. Дар ҳоле, ки барои рӯзи фардо ту ҳоким нестӣ, хурсандиро ба таъхир мегузорӣ, ҳаёт бошад бо таъхиргузорӣ мемирад, ва ҳар яки мо бидуни истифода аз фароғат мемирад.

Инсон танҳо дар ҳоле, ки оқилона, муътадилона, мардонавор ва одилона зиндагӣ менамояд, метавонад хушҳолона зиндагӣ намояд. Эпикур[23].

Аз ҷумлаи мавзуъҳое, ки ба хусусияти дунявии таълимоти ӯ ишора менамоянд, мавзӯи «лаззат» аст. Фаҳмиши «лаззат» дар таълимоти Эпикур аз фаҳмиши анъанавӣ фарқ менамояд. Мутафаккир дар бораи моҳияти лаззат дар таълимоташ менависад: «Ҳамин тавр, вақте мо мегӯем, ки лаззат

[21]Ҳамон ҷо; - С. 160.
[22]Ҳамон ҷо; - С. 177.
[23]Ҳамон ҷо; - С. 186.

ҳадафи ниҳоист, мо на лаззати фосиқон ва на лаззатеро мефаҳмем, ки дар кайфияти ҳиссӣ ифода меёбад, чуноне ки баъзе…нодуруст фаҳмандаҳо фикр мекунанд, балки озодӣ аз дарду азобҳои ҷисмӣ ва изтиробҳои рӯҳиро мефаҳмем. Эпикур пайваста таъкид менамуд, ки лаззат барои вай пеш аз ҳама надоштани ҷабру ситам аст, ки ин ҳеҷ гоҳ мақсади ягона набуда, балки танҳо шарти зарурии ҳаёти хушбахтона аст[24]. Ҳамзамон мақсади ниҳоиро накуаҳволии рӯҳӣ пиндошта, Эпикур мефаҳмид, ки асоси табиӣ ва зарурии «накуаҳволии рӯҳӣ» беҳбудии ҷисмӣ аст, яъне ягон кас дар фақру ситам ором ва хушбахт буда наметавонад, ҳар чӣ қадаре ки худро ба он талқин нанамояд. Барои ӯ хурсандии оқилона ва солим бо ҳамаи шаклҳои зуҳуроташ воқеан ҳам муқаддас буд.Ӯ бо исрор таъкид менамуд, ки аввал сер бояд буд, либоси гарм пӯшид, баъд дар бораи муътадилӣ ваъз гуфта, фалсафаро таълим дод. Ҳамзамон ӯ бо исрор талаб менамуд, ки талаботҳои ҷисмӣ бояд оқилона бошанд, яъне аз доираи зарурат барои ҳаёт берун набошанд: «Бадан марзҳои лаззатро беҳуҳуд маҳсуб медонад…Ақл бошад, беҳии ниҳоии ҷисм ва ҳудуди онро дарк намуда, ва тарсро оид ба абадият дур намуда, ба мо ҳаёти воқеиро муҳайё месозад ва мо ҳеҷ вақт ба замони беҳудуд ниёз эҳсос намекунем»[25].

Дар умум «азоб» ва «хушбахтӣ» ду мавзуи марказии таълимоти Эпикур маҳсуб меёбанд. Вай кӯшиш мекард пайравони худро таълим диҳад, ки аз бадбахтӣ, дард, факр, бемориҳо натарсанд, умуман аз ҳаёт, новобаста аз он киҷӣ тавр сурат мегирад, натарсанд ванаҷобати андешаҳоро ҳатто зимни «бад шакл гирифтани ҳаёт низ» ҳифз намуда, ҳамин тавр ба хушбахтӣ бояд ноил гарданд. Ягона роҳи имконпазири дарёфти хушбахтӣ ором намудани рӯҳ аст. Худи ӯ тамоми ҳаёт бо бемории пуразобаш мубориза бурда, аз дард, ки ба он «рӯҳҳои паст муросо мекунанд, натарсиданро талқин менамуд; тавсия медод, ки нисбат ба ҳама гуна дард, ҳам ҷисмонию ҳам

[24]Ҳамон ҷо; - С. 167.
[25]Ҳамон ҷо; - С. 168.

рӯҳонӣ, нафрат дошта бошанд. Ӯ чунин меҳисобид, ки шахси боҳикмат оромии рӯҳро ҳатто зимни зулму ситам низ ҳифз намояд[26].

Чунин нигоҳи муттафаккирро доир ба хушбахтӣ, лаззат ва азоб дигар муҳаққиқони осори мутафаккир низ таъкид намудаанд. Аз ҷумла, А.С.Шакир-зода менависад, ки хушбахтиро вай дар лаззат медид ва дар ҳамин ҷанбаи асосии таълимоти ахлоқии ӯ ифода меёбад. Дар «Мактуб ба Менеккей» вай навиштааст: «Оре, вақте ки аз набудани лаззат азоб мекашем, мо ба лаззат зарурат дорем; вақте, ки азоб намекашем, мо ба лаззат ниёз надорем». Аз ин ҷо вай ба чунин хулоса меояд: «Бинобар ин, мо лаззатро ибтидо ва интиҳо (альфа ва омега) –и ҳаёти хушбахтона меномем». Баръакси киренаикҳо, ки лаззатро ҳолати мусбии организм – ҳолати лаззат меномиданд, Эпикур чунин мепиндошт, ки лаззат пеш аз ҳама дар набудани азоб (страдание-дард) ифода меёбад. «Ҳудуди бузургии лаззат, - навиштааст Эпикур, - бартараф намудани ҳама гунна дард аст. Ҳар ҷое, ки лаззат ҳаст, дар он ҷо то даме, ки вай ҳаст, дард ё ғам ё ҳар дуи онҳо дар якҷоягӣ нахоҳад буд[27].

Идеали олии ҳаётӣ барои ҳакими эпикурӣ атараксия буд, ва худи ҳаким таҷассуми зиндаи атараксия – тамкин(ҳаяҷоннопазирӣ)-и ҷисмонӣ ва рӯҳӣ буд, ки он ба шарофати сабабҳои равандҳои табиӣ ва озодшавӣ бо ин роҳ аз тарс ва безобитагӣ ба даст оварда мешавад. Бояд қайд кард, ки Эпикур дар фаҳмиши атараксия аз стоикҳо ва скептикҳо ба таври назаррас фарқ менамояд. Агар орому осудагии онҳо маҳсули муносибати бетафовутӣ ба олам, баҳои паст ба хурсандиҳо ва неъматҳои ҳаёти заминӣ, худдорӣ аз ҳар гунна муҳокимаҳо ва бетарафии пурра нисбат ба тамоми олами атроф бошад, пас оромии Эпикур таълимдиҳанда на ботарки ҳаёту зоҳидӣ, балки бо омӯзиши табиат, донистани асрори пинҳони он ба даст оварда мешавад[28].

---

[26]Ҳамон ҷо; - С. 253.

[27]А.С.Шакир-заде. Эпикур. Издательство социально-экономической литературы. Москва. 1963. – С. 96.

[28]Ҳамон ҷо; - С. 114.

Дар асрҳои миёна бошад, ғояҳои дунявӣ дар таълимоти Марсили Падуянӣ бештар ҷилвагар мешавад. Чизе ки зимни омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Марсили Падуянӣ, хусусан асари қиматбаҳо ва барои олами ислом аз нигоҳи мо намунавии ӯ - «Ҳомии сулҳ» аз ҳама бештар пеши назар ҷилвагар мегардад, аз рӯи касб рӯҳонӣ будани ӯ ва ҳамзамон аз андешаҳои муҳими хусусияти дунявӣ доштаро собитқадамона дифоъ намудану зарурати онҳоро барои ҷомеа собит кардани ӯст. Омӯзиши пайгиронаи раванди андешаҳои мутафаккир барои дарёфти сарчашмаҳои назариявии таълимоти башардӯстонаи ӯ зарурате пеш намегузорад. Истифодаи васеи осори файласуфон, хусусан Арасту бидуни шак аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки маҳз таълимоти фалсафӣ боиси пешрафте дар афкор ва ҷаҳонбинии мутафаккир гардидаанд. Яъне, таълимоти фалсафӣ мутафаккирро водор намудааст, ки ба таври диалектикӣ андешаронӣ намояду бо вуҷуди рӯҳонӣ будан афкори комилан ақлонӣ ва хусусияти дунявӣ доштаро шоҳсутуни таълимоти хеш қарор диҳад. Пайрави Арасту будани М.Падуяниро дигар муҳаққиқон низ қайд менамоянд. Аз ҷумла М.С.Стам менависад: «Падуании бузург, чуноне қайд гардид, пайрави фалсафаи ратсионалии Арастуи Бузург буд, ки нисбат ба он Лютер душмании худро пинҳон намедошт. Лютер аз он оташин мегардид, ки дар университетҳо «дар баробари Массеҳ муаллими мушрики кӯр ҳукмфармоӣ менамояд» ва маслиҳат медод, ки асарҳои муҳимтарини Стагиритиро аз истифода бардоранд»[29].

Аммо заминаи иҷтимоии тавлиди афкори пешқадами ӯ бешак ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии ҷомеа маҳсуб меёбад. Муҳаққиқи таърихи калисо Д.И.Михневич таъкид менамояд, ки «Калисои католикӣ мағз андар мағзи олами феодалӣ реша давонда буданд. Роҳбарони вай умуман намехостанд, ки бо аъмоли осмонӣ маҳдуд бошанд. Баръакс, дар бораи ҳокимияти бемаҳдуди заминӣ орзу мекарданд ва кӯшиш мекарданд, ки ба он ноил

[29]Стам *С.* М. Гуманизм и церковно-реформаторская идеология // Культура эпохи Возрождения и Реформация. JL, 1981. - С. 30.

гарданд»[30]. Ҳамин кӯшишу талошҳои қудрати бемаҳдудхоҳии калисо эътирозу муқовимати шадидро ҳам аз тарафи ҳокимияти сиёсӣ ва ҳам аҳли ҷомеа ба вуҷуд меоварад. Муҳаққиқони таърихи калисо В.Л.Керов ва С.Г. Лозинский мавҷудияти муборизаҳои шадидро ба муқобили калисо ва папачигӣ зикр месозанд. «Ҳокимияти шоҳӣ дар Фаронса барои пурра ба зери таъсири худ даровардани калисоҳо дар қаламрави кишвари худ чораҳои қатъӣ дид. Ҳамзамон вай боҷуръатона ба муқобили дахолати курияҳои Рим дар корҳои давлатӣ, барои озодии калисоҳои миллӣ аз зери таъсири Рим баромад намуда, кӯшиш мекард, ки онро ба папачигӣ муқобил гузорад»[31]. Дар таҳқиқоти С.Г.Лозинский бошад, бештар муқовимат ба муқобили папачигӣ садо медиҳад. Ӯ менависад: «Ҳамин тавр, муборизаи сиёсӣ бо муборизаи динӣ махлут гардида, ҷӯшиши сахти ақлҳоро ба вуҷуд овард: асарҳои маъруфи Марсили Падуянӣ, Вилям Оккам ва Жан Жанден пайдо шуданд. Дар онҳо ғояҳо ва фикрҳои барои он замон нав садо доданд». Дар китобҳои ин мутафаккирон дар хусуси фаъолияти бомуваффақи калисо бидуни папачигӣ сухан ронда мешавад. Ба андешаи онҳо на ба Папа, балки ба сарвари дунявии давлат бояд ҳама тобеъ шаванд[32].

Инчунин В.Ф Баранов низ қайд менамояд, ки М.Падуянӣ сохти ҷумҳуриявии шаҳри худро бо чашми худ мушоҳида менамуд. Яъне ӯ медид, ки вазифаи ҳокимияти олии қонунбарорро зоҳиран бошад, ҳам шурои шаҳрии аз тарафи шаҳрвандон интихобшуда, ки аз ҳазорҳо узв иборат буд, иҷро мекард[33].

Вақте дар хусуси ҷанбаҳои дунявӣ дар таълимоти мутафаккир андеша менамоем, на бояд аз мадди назар дур андохт, ки худи шарҳи мафҳуми қонун дар шакли манфиатовар будани он барои давлат ва одилона

---

[30]Михневич Д.И. Очерки из истории католической реакции. М.:1955. саҳ. 18
[31]Керов В.Л. в Борьба народных масс против католической церкви в Франции в конце XIII-начале XIV вв. М.:1977. - С.16.
[32]Лозинский С.Г. История папства. М.:1986. - С. 169.
[33]Баранов В. *Ф*. Политическое учение Марсилия Падуанского и его связь с коммунальным движением Северной и Средней Италии // Ученые записки Петрозаводского государственного университета: Сб. статей. Т. 16. Вып. 7. Вопросы истории. Петрозаводск, 1970. – С. 127.

роҳандозӣ намудани муносибатҳо дар қаламрави давлат ва бо ҳамин маъно дастрас ва мавриди татбиқ қарор ёфтани онро эҳсос намудани ҳар шаҳрванд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки барои мутафаккир манофеи дунявии инсон мақоми баландро шомил мебошанд[34].

Мутафаккир таълимоти Арастуро дар ин маврид маҳаки таълимоти хеш қарор дода, дар пайравӣ ба ӯ таъкид месозад, ки қонунбароранда, яъне сарчашмаи қонун худи халқ ва ё аксарияти он ба ҳисоб меравад. Ҳамин аксарият дар маҷлиси умумӣ бояд мундариҷаи қонунро муайян намуда, зери таҳдиди ҷазо равшан созанд, ки барои инсон кадом навъи рафтор ҷоиз асту кадомаш не. Яъне, ӯ бо вуҷуди рӯҳонӣ будани худ на таълимоти китоби муқаддас ва ё дастуроти пешвоёни дин, балки иродаи тамоми халқ ва ё аксарияти онро барои танзими муносибатҳои байниҳамдигарии шаҳрвандон меъёр қарор додааст, ки ин мавқеъ ва андешаи ӯ барои олами ислом ва пешвоёни динии оншомили аҳамияти бузурги ҳам назаривӣ ва ҳам амалӣ мебошад.Илова ба ин, зимни қабули қонун ӯ ҳама гуна маросиму анъанаи диниро орӣ аз зарурат ба қалам медиҳад[35], ки ин мавқеи ӯ низ аз нигоҳи дунявӣ ва прогрессивияш ҳатто дар умқи қуруни вусто дарак медиҳад. Зимни танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ё ба қавли дигар, зимни қабули қонунҳо орӣ аз зарурат донистани мавқеъ ё нақши анъанаву маросимҳои динӣ маънои моҳиятан маҳдуд намудани мақом ва нақши рӯҳониёни динро дар ҷомеа дорад.

Хусусияти дунявии таълимоти ӯро ҳамин андешаи ӯ бештар ҷилвагар месозад, ки вобаста ба талаботи замону авзои ба амал омада қонунҳо ва ҳамаи он чизе, ки тавассути овоздиҳӣ қабул мегарданд, бояд мувофиқи ҳуқуқи ибтидоии қонунбарор мавриди ислоҳу такмил қарор гиранд[36]. Ин ақидаи ӯ низ, аз як тараф, маънои аз назари эътибор соқит намудани таълимоти догматикии динро ифода намуда, аз тарафи дигар, вобаста ба

[34]Марсилий Падуанский. Защитник мира. Defensorpads/ Марсилий Падуанский: Пер. с франц. Б. У. Есенова; науч. ред., вступит, ст., примеч. Г. П. Лупарева. — М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К$^0$», 2014. – С. 123.
[35]Ҳамон ҷо; - С. 124.
[36]Ҳамон ҷо;

сурат гирифтани тағйиротҳои мухталиф дар ҷомеа пайваста ба инобат гирифтани талаботҳои рӯзафзуни аҳли ҷомеаро дар назар дорад, ки бидуни тардид дар интишори афкор ва низоми дунявӣ дар ҷомеаи асримиёнагӣикдоми муҳимест. Эҳтимол чунин нигоҳи пешқадами мутафаккир сабаб гардидааст, ки интишори асари пурқимати ӯ мамнуъ эълон гардида, худи ӯ зери таъқиб қарор гирифта будааст.

Чизи дигаре, ки ҷанбаи дунявии таълимоти ӯро сероб мегардонад, аз он иборат аст, ки мутафаккир дар бораи интишор ва муқаррар намудани қонунҳо андешаронӣ намуда, барҳақ таъкид менамояд, ки ҳеҷ чиз ба муқаррар намудани накӯаҳволии умум бояд монеа нагардад ва ҳеҷ кас ба сабаби ихтилоф ва ё эътирози беақлонаи худ нисбат ба он бояд беэътиноӣ нанамояд. Бинобар ин, қайд месозад мутафаккир, танҳо маҷмӯи шаҳрвандон ё аксарият ҳақ доранд, ки қонунҳоро муқаррар намуда, интишор намоянд[37]. Ӯ низ дар пайравӣ ба Арасту таъкид месозад, ки беҳтарин қонун ҳамон қонунест, ки барои накӯаҳволии умум нигаронида шуда, бошад[38]. Ба ақидаи муаллиф, ба як нафар ва ё гурӯҳи хурд ҳаққи эҷоди қонун бояд дода нашавад, зеро дар ин ҳолат ё қонунҳои золимона ва ё қонунҳои ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳи хурд интишор мегарданд. Илова ба ин, зимни эҷоди қонун одамони маҳрум аз ақли солим, ба хусус бадхашмону ҷоҳилон низ бояд аз ҳокимияти қонунбарор дар канор бошанд[39].

Ҳамин тариқ, дар хусуси он ки «Кӣ бояд қонун эҷод намояд? (як шахс, гурӯҳи хурд ва ё аксарият)» андешаронӣ намуда, дар охир М.Падуянӣ бори дигар таъкид менамояд, ки маҳз ба оммаи халқ ва ё аксарияти он ҳаққи эҷоди қонун ва тасдиқи он бо таъиноти маҷбурии риояи он тааллуқ дорад[40].

Умуман, китоби М.Падуянӣ аз се қисмат иборат буда, ҳар қисмат вобаста ба предмети таҳқиқи худ микдори бобҳои аз ҷиҳати шумора

---

[37]Ҳамон ҷо; - С. 125.
[38]Ҳамон ҷо; - С. 126.
[39]Ҳамон ҷо; - С. 128.
[40]Ҳамон ҷо; - С. 129.

гуногунро дарбар гирифтааст. Масалан, агар қисмати дуюм аз 30 боб иборат бошад, қисматҳои дигар хурдтар мебошанд. Дар бобҳои китоб масоили мухталиф роҷеъ ба таносуби байниҳамдигарии инсон, қонун ва дин аз нигоҳи муаллиф баррасӣ гардидаанд. Номи бобҳо низ муъҷаз набуда, тавассути як ё якчанд ҷумла ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, боби чорум, ки бештар мавриди таваҷҷуҳи мо қарор хоҳад гирифт, чунин номгузорӣ шудааст: «Доир ба маслиҳатҳо ва амалкардҳои Исо, доир ба далелҳои Қонуни Инҷил, доир ба амрҳо ва матнҳои қонунии аз тарафи олимон ва шахсиятҳои муқаддас маъқул донисташуда, ки тавассути онҳо мо ба таври боваринок исбот мекунем, ки на усқуфи Рим, на ҳеҷ як усқуфи дигар дар асоси гуфтаҳои Навиштаи Муқаддас наметавонанд, ки идоракунии маҷбурӣ ва ҳукми мурофиаи судиро аз они худ намоянд, ҳамчунин наметавонанд, ки барои доштани ҳокимияти олӣ аз болои ҳар як ходими калисо ва ё халоиқ даъво намоянд. Дар ҳолате, ки агар чунин ҳокимият ба онҳо пешниҳод карда шавад ё аз тарафи шахсе ки ба он ҳақ дорад, чунин ҳокимият ба онҳо бовар карда шавад, онҳо мутобиқи маслиҳат ва амалкарди Масеҳ бояд аз он даст кашанд»[41].

Баъд аз зикри номи дарози боб, ки дар он ҳадаф равшан муайян гардидааст, М.Падуянӣ ба шарҳ ва асосноккунии далелӣ ва мантиқии он мепардозад. «Мутобиқи чунин ҳақиқатҳо на усқуфи Рим, ки Папа номида мешавад, на ягон усқуфи дигар, инчунин на руҳонӣ ё диакон ҳақ надоранд ва бояд ҳақ надошта бошанд, ки аз болои дилхоҳ руҳонӣ ё ғайрируҳонӣ новобаста аз рутба ва мақомаш, ҳамчунин аз болои ҳоким ё ҷомеа ҳукм барорад»[42].

Яъне, М.Падуянӣ ба се далели қатъӣ – гуфтор ва рафтори Исо, фармудаҳои китоби асосии муқаддаси масеҳиён – Инҷилҳо ва фармудаҳои донишмандон ва шахсиятҳои муқаддаси дини масеҳӣ такя намуда, ба чунин хулосаи муҳим расидааст, ки ҳеҷ як усқуф ҳақ надорад, ки ба таври иҷборӣ ҷомеаро идора намояд ва ё дар ин ё он мурофиаи судӣ ҳукм

[41]Ҳамон ҷо; - С. 215.
[42]Ҳамон ҷо;

намояд, ва ё барои доштани ҳокимияти олӣ аз болои ходими калисо ё халоиқ даъво намояд. Чизе, ки инҷо хеле ҷолиб ва таваҷҷуҳангез аст, аз он иборат аст, ки агар ба ин ё он сабабе ба шахсиятҳои номбурда, яъне усқуфҳо чунин ҳокимият пешниҳод карда шавад, онҳо тибқи гуфтору рафтори Исо аз чунин ҳокимият бояд даст кашанд.

Ба қавли дигар, мутафаккир фаъолияти ҷамъиятии мансаборони диниро танҳо бо фаъолияти комилан хусусияти динидошта маҳдуд намуда, бо ин роҳ барои ташаккул ва интишори равандҳои дунявӣ дар ҷомеа мавқеъгирӣ намудааст. Матлаби баёнгардидаро боз ҳам соддатар намуда, ҳатто метавон гуфт, ки дар андешаи фавқуззикр ҷудоии дин аз давлат сареҳона ифода ёфта, аз ҳама гуна кори сиёсӣ, ба хусус умури идорию судӣ худро дар канор гирифтани ходими дин ҳатмӣ шуморида шудааст, ва ногузирии чунин иқдом баъдан муфассал асоснок карда шудааст. Асосноккунии иқдоми мазкур дар таълимоти ӯ ба таври зер сурат гирифтааст: «Воқеан ҳам тамоми масеҳиёни диндор чунин далелро бидуни шубҳа мепазиранд, ки Исо чун Худои ҳақиқӣ ва инсон метавонист, ки ҳокимият ва ҳуқуқи судкунии маҷбуриро аз болои тамоми қаламравҳо ва ҳокимон, аз болои ҳар шахси алоҳидаи ин олам, ҳатто, ҳокимияти аз ҳама бузург, чун офаридани мавчудоти зинда, вайрон кардан ё барқарор кардани осмону замин ва ҳамаи он чизеро, ки дар онҳо вучуд доранд, ҳатто ба фариштаҳо амр намуданро на танҳо ба ҳавориён, балки ба дилхоҳ шахс диҳад. Аммо амалан Исо инро ба ҳеҷ кас надодааст ё барои додан азм накардааст»[43].

Баъд аз умури идорӣ ва ҳукмбарорӣ мантиқан барканор намудани ходими динӣ М.Падуянӣ ба равшан намудани таъиноти иҷтимоии Исо, ба қавли дигар ба муайян намудани рисолати набавии Исо даст мезанад: «Ба хотири ҳамин барои предмети таҳқиқи мо нишон додан кифоя аст, ва ман аз оғоз ин корро иҷро мекунам, ки Исо ба ин дунё на барои он омадааст, ки аз болои одамон бартарӣ дошта бошад, на барои он ки масоили ҳаётиро идора намояд, ва на барои он ки аз болои онҳо ҳукми судӣ барорад, балки яқинан барои он ки дар ҳаёти воқеӣ аз рӯи мақом тобеъ

---

[43]Ҳамон ҷо; - С. 216.

бошад. Илова ба ин, бо ин мақсад вай хостааст, ки чунин ҳукмкуниро бар худ ҳаром гардонад, ҳам худ ва ҳам ҳавориёнро бо пайравонашон – усқуфҳо ва руҳониён – аз чунин идоракунӣ ё ҳар намуди ҳукмфармоӣ дар ин олам, яъне аз доштани ҳукумати зурӣ барканор намояд, ва барои онҳо танҳо таъсиррасонии каломиро - маслиҳат ё аҳдро ҷоиз шумораду халос. Ман инчунин нишон медиҳам, ки ҳавориёни аввал, пайравони воқеии Масеҳ, худи ҳаминро эътироф кардаанд ва онро ба шогирдони худ омӯзонидаанд. Ғайр аз ин, ҳам Исо ва ҳам ҳавориёни ӯ ба арзишҳои худ такя мекарданд, мехостанд ба ҳуқуқи судкунии маҷбурии ҳокимони замон тобеъ бошанд ва дар оянда тобеъ гардиданд; онҳо ҳамин тавр таълим доданд ва ба таври хаттӣ ба ҳама, ҳар касе, ки Қонуни ҳақиқиро ниёиш менамояд, амр карданд, ки дар зери таҳдиди лаънати абадӣ ҳамин тавр рафтор намоянд»[44]. Дар андешаи мазкур ҳафт нуктаест, ки ба сабаби ошкор намудани моҳияти рисолати набавии Исо таваҷҷуҳи махсусро тақозо менамояд:

- Аз болои одамон бартарӣ надоштан;
- Масоили ҳаётиро идора накардан;
- Аз болои одамон ҳукми судӣ набаровардан;
- Бо таъсиррасонии каломӣ, ё мушаххасан маслиҳатдиҳӣ маҳдуд гардидан;
- Ба ҳокимони замон тобеъ будан;
- Эътироф гардидани чунин рисолат аз тарафи ҳаввориёни аввал, пайравони воқеии Исо;
- Ҳамин рисолатро ба дигарон таълим додан.

Бояд ёдовар шуд, ки чунин нигоҳи мутафаккир барои олами ислом низ шомили аҳамияти бузурги ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Аввалан, ин ки Исо дар дини ислом ҳамчун пайғамбар эътироф шудааст. Сониян, ҳам ислом ва ҳам масеҳия ба сабаби дин будан бисёр ҷанбаҳои умумӣ доранд. Маҳз ҳамин сифати «диният», ки дар ҳар дуи онҳо ба мушоҳида мерасад, аз нигоҳи илмӣ ҳар дуи онҳоро ба ҳам қарин менамояд. Аз ин

[44]Ҳамон ҷо; - С. 216-217.

нуқтаи назар, мушаххас сохтани самти фаъолияти дин бо такя ба гуфтор ва рафтори Исо ба дини ислом низ тааллуқ дорад.

М.Падуянӣ барои собит намудани дурустии ҳадафи пайгирӣ кардаистодааш ба Инҷил рӯ меорад: «Исо мувофиқи мақсад ва нияташ, гуфтор ва рафтораш ба таври воқеӣ мехост, ки худ ва ҳавориёни худро аз ҳама гунна вазифаи идоракунӣ, ҳукмфармоӣ ё ҳуқуқи судкунӣ дар олами воқеӣ дур кунад ва инро кард. Бешубҳа, маҳз ҳаминро мо дар порчае аз боби XVIII «Инҷили Юҳанно» мушоҳида менамоем. Вақте Исо дар назди Понтий Пилат – волии императори Рим дар Яҳудия, ки худро шоҳи яҳудиҳо медонист, истода буд, Понтий Пилат аз Исо пурсид, ки оё ӯ гуфтааст, ки вай шоҳ мебошад. Ва Исо ба саволи Пилат бо чунин суханон ҷавоб дод: Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон нест, яъне ман на барои он омадаам, ки ҳокимияти шоҳӣ ё ҳокимияти дунявиро, чуноне ки шоҳон дар ин дунё идора менамоянд, идора намоям. Исо ба ин гуфтааш ба сифати бурҳони равшан гуфт: Агар Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон мебуд, мулозимони Ман меҷангиданд, то ки Ман ба яҳудиён таслим карда нашавам (Юҳанно; 18,36). Ба назар чунин мерасад, ки Исо ин андешаро дар назар дошт: агар ӯ ба ин олам ба хотири ҳукмронии дунявӣ ва иҷборӣ меомад, вай бо ин мақсад маҳз барои тобеъ гардонидани вайронкунандагони қонун мулозимон медошт, чуноне ки дигар шоҳон доранд; аммо ӯ чунин мулозим надорад, чӣ хеле ки худи Пилат ошкоро дид»[45]. Бо порчаи овардашуда М.Падуянӣ бо истифода аз гуфтор ва рафтори Исо равшан нишон додааст, ки ходимони дин бояд ба умури идорӣ дахолат нанамоянд. Гузашта аз ин дар порчаи зер мо мебинем, ки Исо ба хотири рад намудани вазифаи ҳукмфармоӣ ба кӯҳ мебарояд ва аз он ҷо ба хотири худро аз сарват дар канор гирифтан ва дар ҳамин рӯҳия таълим додани мардум мефарояд. «Дар «Инҷили Юҳанно» мо мехонем: Лекин Исо чун дарёфт, ки мехоҳанд омада, Ӯро ба зӯрӣ баранд ва подшоҳ кунанд, боз танҳо ба кӯҳ баромад (Юҳанно; 8,15). Дар поёни матн ҳошияи зерсатр чунин садо медиҳад: «Вай аз он ҷо мефарояд то дар олам барои

[45]Ҳамон ҷо; - С. 217.

худро аз сарват дар канор гирифтан ва барои ҳолати муқобил дуо намудан халқҳоро таълим дода, роҳбарӣ намояд»[46].

М.Падуянӣ барои нишон додани ин, ки Исо аз қазоват намудан аз болои мунокишаҳои заминии одамон даст мекашад, аз боби XII Инҷили Луқо чунин мисол меорад: «Шахсе аз миёни мардум ба Ӯ гуфт: Эй Устод! Ба бародарам бигӯй, ки меросро бо ман тақсим кунад». Ба вай гуфт: «Эй одамизод, кӣ Маро бар шумо қозӣ ё ҳакам таъин кардааст? (Луқо; 12,13-14). Бо ҳамин вай гӯё гуфт: «Ман на барои он омадам, ки ин вазифаро иҷро намоям, яъне аниқтараш доир ба мунокишаҳои дунявӣ ҳукм намоям; баръакс, бидуни шубҳа, ин вазифаи бевоситаи ҳокимон ва судҳои дунявӣ мебошад. Аз ҷумла, Амвросийи хушҳол, сухани Масеҳро шарҳ дода, мегӯяд: «Бо далели равшан Вай, ки барои аъмоли илоҳӣ фуруд омадааст, ҳамчун ҳаками хидматҳои онҳо, аз баррасӣ намудани аъмоли заминӣ даст мекашад ва намехоҳад, ки ҳаками мунокишаҳои заминӣ ва тақсимкунандаи сарватҳои зиндаҳо ва мурдаҳо бошад». Ва каме поёнтар илова менамояд: «Ахирӣ (Масеҳ-А.К.), - мегӯяд вай, - бо далели комил аз аъмоли заминӣ даст мекашад», яъне аз муқаррар кардани адолат дар корҳои судӣ, зеро Масеҳ «барои аъмоли илоҳӣ фуруд омадааст»[47].

Дар хусуси он ки ходимони дин бидуни истисно ба ҳукумати дунявӣ тобеъ бошанд, М. Падуянӣ менависад: «Вай бо гуфторҳову рафторҳо мутмаин мегардонд, ки тамоми одамон, ҳам рӯҳониён ва ҳам ғайрирӯҳониён, ҳамчунин бояд ба суди иҷбории ҳокими дунявӣ тобеъ бошанд. Аз ҷумла, инро Исо зимни муносибат ба арзишҳо дар матне аз боби XXII «Инҷили Матто» нишон дод. Вақте яҳудиён аз ӯ пурсиданд: Пас ба мо бигӯ, ки фикри ту чист? Оё ба қайсар ҷизья додан ҷоиз аст, ё не? Аммо Исо макри онҳоро дарёфта, гуфт: Пас, он чи аз они қайсар аст, ба қайсар диҳед, ва он чи аз они Худост – ба Худо». Дар ҳошияи зерсатр дақиқ карда мешавад: «яъне ҷизья ва пул»[48].

[46]Ҳамон ҷо; - С.  220-221.
[47]Ҳамон ҷо; - С. 222.
[48]Ҳамон ҷо; - С. 222-223.

Таълимоти мазкури Исо барои ташаккули афкори динӣ-сиёсии ходимони дин минбаъд ба сифати заминаи назариявӣ хидмат намуда, қутбнамои таълимоти динӣ-сиёсии онҳоро ташкил намуд. Амвросии хушҳол дар паёми худ бар зидди император Валентиниана, ки «Ба халқ» ном дорад, мегӯяд: «Мо ба Қайсар он чизеро медиҳем, ки ба ӯ тааллуқ дорад ва ба Худо он чизеро, ки ба Худо тааллуқ дорад. Ҷизья - ба Қайсар, бидуни эътироз»[49].

Марсили Падуянӣ ба қонунҳои дунявӣ ҳатман тобеъ будани ходимони динро инчунин бо чунин намуна аз ҳаёти Исои Масеҳ бо иқтибос аз боби 17, Инҷили Матто асоснок менамояд: ҷамъоварандагони дидрахм [ду драхма] ба назди Пётр омаданд ва гуфтанд: «Устоди шумо оё ду дидрахм намедиҳад? Иисус ба Петр мегӯяд: Ба баҳр рав, моҳӣ дор. Аз даҳони моҳӣ чор дидрахм мебарояд, ду дидрахмро ба ҷои ман ва ду дидраҳмро ба ҷои худат супор, ҳам ба ҷои ман ва ҳам ба ҷои худат [Матто; 17, 24 ва 27]. Ин ҷо Худованд нагуфтааст: инро ба онҳо деҳ, балки гуфт: ҳам ба ҷои ман ва ҳам ба ҷои худат деҳ.

Бинобар ин, М. Падуянӣ саволгузорӣ менамояд, кибаъд аз чунин суханони дар Инҷил баёнгардида, оё мумкин аст, ки усқуфҳо ва рӯҳониён аз ҷизья ва умуман аз юрисдикцияи ҳокимон озод бошанд, дар ҳолате, ки Исо ва Пётр, ки барои мо намуна мебошанд, чунин ҷизьяро супориданд?[50]

Марсили Падуянӣ зимни ошкор намудани моҳияти рисолати заминии Исои Масеҳ боз як ҷанбаи дигар ва хеле муҳимеро аз гуфтори Исо барои мо ошкор намудааст. Илова бар эътирофи мақоми авлавияти ҳокимияти дунявӣ, зикр кардани зарурати ба ҳокимияти дунявӣ тобеъ будану ҷизя супоридани ходимони дин боз эътирофи ҳокимияти дунявӣ чун ҳокимияти аз тарафи Худо таъиншуда низ дар таълимоти Исои Масеҳ шомили аҳамияти бузурги назариявию амалӣ мебошад. М. Падуянӣ ба Августин в Бернарди хушҳол такя намуда зикр месозад, ки ҳокимияти юридикии иҷбории Пилат аз болои шахсияти Исои Масеҳ аз Худо маншаъ мегирад:

[49]Ҳамон ҷо; - С.223.
[50]Ҳамон ҷо; -С. 225.

«Исо, чуноне ки гуфтааст, инчунин эътироф менамояд, ки ҳокимияти ҳокими Рим аз болои ӯ аз боло дода шудааст»[51]. Аз ин гуфта метавон ба чунин хулоса расид, ки Пилат низ татбиқкунандаи иродаи Худо дар сарзамини мазкур аст. Бо вуҷуди ин М.Падуянӣ иловатан чунин саволгузорӣ менамояд: Аммо, агар ҳокимияти иҷбории ҳуқуқии Пилат аз болои Масеҳ аз Худо маншаъ гирад, Ӯро (Масеҳро) чӣ лозим буд, ки худро тавассути неъматҳои ҷисмониву дунявӣ дучори озмоиш гардонад, агар танҳо ӯ шомили онҳо бошад, ё метавонист, ки шомил бошад? М.Падуянӣ андешаи худро идома дода менависад: «Ва баъд, ба хотири ба ҳама нишон додан, ки модом чунин ҳокимият аз болои шахсияти Масеҳ ва ҳамаи арзишҳои дунявии ӯ амалӣ гардид, пас, албатта вай нисбат ба шахсҳо ва арзишҳои тамоми ҳавориён ва пайравони онҳо, ҳамаи усқуфҳо ё рӯҳониён татбиқшавандааст»[52].

Аз хулосаи М.Падуянӣ чунин бардошт ҳосил мегардад, ки ҳокимияти дунявии ҳокимони замон аз болои ходимони дин дар ҳамаи давру замонҳо аз Худо маншаъ мегиранд. Пас, ҳама гуна эътироз аз тарафи ходимони дин бар зидди ҳокимони дунявӣ мантиқан эътироз бар зидди иродаи Худо маҳсуб меёбад.

Марсили Падуянӣ баъд аз таҳқиқи муносибати ходими дин ба ҳоким, муносибати ходими дин ба қонуни дунявӣ ва масъулияти ӯ дар назди қонун ба мушаххас намудани мақоми иҷтимоии ходими дин ҳамчун қишри иҷтимоӣ даст мезанад. Бо ин мақсад ӯ порчаҳоро аз Инҷили Луқо, боби 22, бандҳои 24-27 ва Инҷили Матто, боби 20, бандҳои 25-28 мавриди истифода қарор медиҳад: «Дар миёни онҳо (ҳавориҳо) баҳсу мунозира шуд, ки кадоме аз онҳо бузургтар ҳисоб ёбад. Вале Ӯ ба онҳо гуфт: «Подшоҳони халқҳо бар онҳо ҳукмронӣ мекунанд. Ва ҳокимони онҳо валинеъмат хонда мешаванд»; Аммо шумо ин тавр не: балки он ки дар байни шумо бузургтар аст, боял монанди хурдтарин бошад, ва сардор монанди хизматгузор. Зеро кадоме бузургтар аст: он, ки назди суфра менишинад, ё он ки хизматгузор

[51]Ҳамон ҷо; -С. 229.
[52]Ҳамон ҷо;

аст? Оё на он аст, ки назди суфра менишинад? Аммо Ман дар миёни шумо монанди хизматгузор ҳастам» (Луқо; 22, 24-27). Дар «Инҷили Матто» маънии мазкур бо чунин шакл баён ёфтааст: Аммо Исо онҳоро назди худ хонда гуфт: «Шумо медонед, ки мирони халқҳо бар онҳо ҳукмронӣ мекунанд, ва акобирашон бар онҳо фармонраво мешаванд; Лекин дар миёни шумо на бояд ин тавр шавад: балки ҳар кӣ дар байни шумо хоҳад бузург бошад, хизматгузори шумо шавад. Ва ҳар кӣ хоҳад дар байни шумо нахустин бошад, ғуломи шумо шавад; Чунки Писари Одам на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидияи бисёр касон бидиҳад» ((Матто;20,25-28). Дар порчаи мазкур бори дигар таъкид мегардад, ки Исо на барои аз болои одамон ҳукмравоӣ намудан, балки барои дар хидмати онҳо будан омадааст.

Қобили зикр аст, ки М.Падуянӣ дурравӣ аз таълимоти Исои Масеҳро равшан мушоҳида намуда, ҳолати мазкурро низ мавриди таҳқиқ карор додааст. Мутобиқи нишондоди М.Падуянӣ аллакай баъд аз чанде дар дар фаъолияти пайравони Исо ва ходимони дин чунин дурравӣ мушоҳида мегардад. Ба сифати далел ӯ гуфтаҳои Ориген ва дигар ҳомиёни маъруфи динро истифода мебарад. Аз ҷумла Ориген менависад: «Ва ҷони худро барои кафорати бисёриҳо бояд дод. Ҳамин тавр, ҳокимони калисо бояд ба Исои хоксор, бо занҳо гапзананда, ба кӯдакон дуои хайркунанда, пойи шогирдони худро шӯянда пайравӣ кунанд, то ин ки онҳо нисбат ба бародарони худ ҳамин тавр рафтор кунанд. Мо ҳамин таврем (вай дар хусуси саррӯҳонии замони худ мегӯяд), эҳтимол, ё мо дар такаббур аз ҳокимони замони худ афзалият дорем, ё худро намефаҳмем, ё ба фармудаҳои Исо беэътиноӣ мекунем ва чун подшоҳон талаб мекунем...»[53]. Доир ба рафтори ходимони дин инчунин Василий гуфтааст: «Ба онҳое, ки бартарият доранд, вогузор мегардад, ки мувофиқи намунаи Исои пойи шогирдони худро шӯянда хизматҳои ҷисмонӣ кунанд». Зеро Исо мегӯяд:

[53]Ҳамон ҷо; - С. 231.

Подшоҳон аз болои халқҳо ҳукмфармойӣ мекунанд. Аммо шумо (ҳавориён) ин тавр нестед (Луқо; 22, 25-26)[54].

М. Падуянӣ баъд аз таҳқиқи Инҷилҳо ва гуфтаҳои шахсиятҳои бузурги дини масеҳӣ ба чунин хулосаи хеле муҳим мерасад: «Бинобар ин, ба далели ҳақиқатҳои инҷилии иқтибосгардида ва шарҳи онҳо аз тарафи шахсиятҳои муқаддас ва дигар донишмандони муътамад ба ҳама бояд фаҳмо бошад, ки Исо ҳам дар гуфтор ва ҳам рафтор аз ҳама гуна идоракунӣ ё ҳукмфармоӣ, аз ҳама гуна суди иҷборӣ ё ҳокимият дар ин олам даст кашидааст ва инро ихтиёрӣ кардааст. Ва Ӯ худ хост, ки табааи ҳокимони заминӣ ва дар доираи ҳуқуқи судкунии иҷбории онҳо бошад»[55].

Таълимоти дунявии М.Падуянӣ воқеан ҳам аллакай дар қарнҳои миёна ба сиёсати ҳокимони давр таъсири амиқи худро гузошта буд. Муҳаққиқи таърихи асримиёнагии калисо М.С.Корелин менависад, ки «Дар зери таъсири ғояҳои Марсилийи Падуянӣ доир ба ҳатмӣ набудани гузаронидани маросими тоҷгузории подшоҳ тавассути калисо курфюрстҳои олмонӣ соли 1338 қарор бароварданд, ки императори ба таври озод интихобгардида барои тасдиқ гардидан аз тарафи Папа ниёз надорад.Бо ҳамин онҳо империяро ба таври қонунӣ аз ҳукмфармоии папачигӣ озод намуданд. Дере нагузашта дар Англия шоҳ Эдуард III интишор кардани буллҳо (булл-ҳуҷҷати асосии асримиёнагии Папа, ки муҳри сурбдор дорад-А.К.) - и Папаро, агар онҳо ба ҳуқуқҳои подшоҳ ё манфиатҳои халқ зарар расонанд, манъ намуд»[56]. Намунаи овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки таълимоти М.Падуянӣ аллакай дар қарнҳои миёна ба кам кардани нуфузи калисо дар ҷомеа ва аз зери сиёсати калисо озод намудани давлат нақши ҳалкунанда бозидааст. Муҳаққиқи таълимоти М.Падуянӣ В.Ф.Баранов қайд менамояд, ки чунин равиши таълимот дар асари дигари ӯ «Доир ба интиқоли империяи Рим» низ ҳифз гардидааст. Ба андешаи муҳаққиқи номбурда «Рисолаи мазкур дар асоси намунаҳои

---

[54]Ҳамон ҷо; - С.232.
[55]Хамон ҷо; - С. 233.
[56]Корелип М. С.Важнейшие моменты в истории средневекового папства. СПб., 1901. – С. 118.

таърихии интиқоли империя кӯшиш кард, ки хусусияти дунявии ҳокимияти империяро нишон диҳад, иддаои папачигиро барои ҳокимияти ҷаҳонӣ ботил созад, ҳуқуқи Людовики Баварскийро ҳамчун соҳиби ягонаи ҳуқуқии ғояи империя асоснок намояд»[57].

Б.И.Чичерин дуруст қайд мекнамояд, ки таълимоти М. Падуянӣ аз замони худ хеле пеш рафта буд. Таълимоти ӯ ба афкори ҷамъиятии замонаш мухлолифат менамуд, бинобар ин наметавонист, ки қабул гардад[58]. Зери фишор қарор доштани таълимоти М.Падуяниро муҳаққиқони дигар низ қайд менамоянд[59].

Қобили зикр аст, ки чунин андешаҳои пешқадам ва барои пешрафти ҷомеа муфид наметавонист, ки аз назари муҳаққиқони таълимоти ӯ дар канор монад.

Муаррихи калисо Ф.Шафф, рушди танқиди адабии папачигиро қайд намуда, эътироф менамояд, ки муаллифи машҳури ҳамон замон Марсилий Падуанӣ буд[60]. Таваҷҷуҳ ба асари М.Падуанӣ дар қарни XVII низ суст нашудааст: Аз соли 1599 то соли 1692 тавассути нашриёҳои аврупоӣ на камтар аз ҳафт маротиба нашрҳои нави «Ҳомии сулҳ» ба чоп расиданд.

Хулоса, ғояи дунявӣ дар таълимоти Эпикур дар хушбахтона зиндагӣ намудан дар ҳаёти заминӣ ифода меёбад. Хушбахтии Эпикур дар навбати худ бо касби лаззат амалӣ мегардад, ки он дар оқилона зиндагӣ намудан, яъне дар талабот муътадилиро ба роҳбарӣ гирифтан ва аз дарду азоби зиндагӣ тавассути ақл раҳоӣ ёфтан ифода меёбад.

Таҳқиқи асари «Ҳомии сулҳ» - и М.Падуяниро ҷамъбаст намуда, бояд таъкид намуд, ки ин асар то ба имрӯз аҳамияти бузурги худро гум накардааст. Факту далелҳо ва хулосаҳои мантиқии асар имкон доранд, ки бар зидди раванди сиёсисозии дин, аз ҷумла ислом низ, ки ҷомеаи

---

[57]Баранов В. *Ф.* Политическое учение Марсилия Падуанского и его связь с коммунальным движением Северной и Средней Италии // Ученые записки Петрозаводского государственного университета: Сб. статей. Т. 16. Вып. 7. Вопросы истории. Петрозаводск, 1970. – С. 105.
[58]Михневич Д.И. Очерки из истории католической реакции. М.:1955. – С. 104.
[59]Курантов А. П., Стяжкин Н. И. Уильям Оккам. М., 1978. – С. 61
[60]Шафф Ф.История христианской церкви. Т. VI. Средневековое христианство. М., 2009. – С. 34.

башариро ба ташвиш овардааст, васеъ истифода шаванд. Зеро Исо ҳамчун шахсияти муътабари динӣ на танҳо дар дини масеҳӣ, балки дар дини ислом низ эътироф шудааст.

## 1.3. Ғояҳои дунявӣ дар эҷодиёти мутафаккирони давраи Эҳё ва Замони Нав

Дунявият дар Дунёи Қадим агар дар шакли дарёфти лаззат ва қаноатмандӣ аз зиндагӣ бевосита дар таълимоти Эпикур ба таври барҷаста ифода ёфта бошад, дар қуруни вусто дар таълимоти Марсили Падуянӣ дар шакли ҷудоии дин аз давлат бо далоилии навиштаҳои муқаддаси дини масеҳӣ хеле равшан зоҳир шуда бошад, пас, дар таълимоти мутафаккирони давраи Эҳё вай бо хусусиятҳои хоси худ ва нигоҳу биниши нав ифода гардид.Таълимоти яке аз мутафаккирони давраи Эҳёро таҳқиқ намуда, Г.И. Самсонова менависад, ки «Проблемаи таносуби мабдаи динию дунявӣ дар фарҳанги давраи Эҳё, муносибати гуманистҳо ба дини масеҳӣ, калисо, раҳбоният дер боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд. Мавқеи этикии гуманистҳо, ки бо афзалият доштани унсурҳои ҷаҳонбинии дунявӣ ба муқобили зуҳдгароии асримиёнагӣ алоқаманд мебошад, асоси аз тарафи онҳо танқид ва маҳкум намудани раҳбониятро ташкил менамояд»[61]. Г.И.Самсонова осори адабии Поджо Браччолиниро таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки маҳкум намудани раҳбоният дар мактубҳои ӯ ва чунин асарҳои калонҳаҷмаш, чун «Дар бораи чашмгуруснагӣ» ва «Ба муқобили мунофиқон» инъикос ёфтаанд.

Дар бораи эҷодиёти мутафаккирони давраи Эҳё сухан ронда, бояд махсус қайд намуд, ки ҳатто худи фалсафаи давраи мазкур бо хусусиятҳои зиддидинӣ, зиддикалисогияш ҷанбаи секуляристӣ касб менамояд.

---

[61]Г.И.Самсонова. Критика монашества в произведениях италянского гуманияти XV в. Поджо Браччолини//Общество и государство в древности и средние века в странах Западной Европы. Изд. Московского университета. 1985. – С. 68.

Таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки яке аз сабабҳои ташаккули ғояҳои секуляристӣ дар давраи Эҳё хусусиятҳои хоси масеҳият дар Аврупои Ғарбӣ мебошад. Аввалан, ҷанбаи зоҳирии ҳаёти католикӣ барои пайдоиши ғояҳои озодандешонаи мутафаккирон омили муҳиме гардидаанд. Махсусан, асорати Папаҳо дар Авиньон ва эътирозҳои мардум бар зидди папаҳо (вақте Папаҳо бо вайрон намудани меъёрҳои ахлоқии масеҳият барои ҳокимият мубориза мебаранд) дар мафкураии мардум дар нисбати меъёрҳои ахлоқии ҳукмрон шубҳа эҷод намуда, барои инкори идеалҳои масеҳӣ замина мегузоранд.

Дар маркази таълимоти иддае аз мутафаккирон қарор гирифтани худи инсон, баланд бардоштани мақому манзалаи вай дар ҳаёт, боварӣ ба имкониятҳои ҷисмонию рӯҳии шахс, талош барои хушбахтии заминии ӯяке аз шаклҳои боризи ифодаи секуляризм арзёбӣ мегардад.Ҳамчунин рушди индивидуализм дар ҷаҳонбини замони мазкур ва зуҳуроти гуногунҷабҳаи фардият дар ҳаёти ҷамъиятӣ  яке аз хусусиятҳои хоси фарҳанги давраи Эҳё ба шумор рафта, ба тамоюли секуляристии афкори мутафаккирон далолат менамоянд. Суханони зерини Козимо Медичи – ҳокими  Флоренсия, ки гуфтааст: ҳар касе, ки барои нардбони ҳаёти худ дар осмон такягоҳ меҷӯяд, хоҳад афтид ва ӯ худ шахсан ҳамеша нардбони худро дар замин мустаҳкам намудааст, аз мавқеи аллакай устувор пайдо намудани ғояҳои секуляристӣ дар давраи Эҳё башорат медиҳад.

Бидуни тардид яке аз шаклҳои хоси дунявият дар фарҳанги давраи Эҳё – гуманизм маҳсуб меёбад. Гуманизм ба маънои васеяшчунин мазмуну мундариҷаи  фикррониро дар назар дорад, ки ғояи накӯаҳволии инсонро ҳадафи асосии рушди иҷтимоию фарҳангӣ ба қалам дода, арзиши инсонро ҳамчун шахсият дар мақоми баланд мегузорад.Мутобиқи ҷаҳонбинии гуманистҳои давраи Эҳё Худо ба инсон озодии иродаро дода, дар назди ӯ ҳадафи ҳайкалтарош ва офаридгори худ будан ва барои такмили беинтиҳои табиати худ саъй намуданро гузоштааст. Метавон гуфт,  ки агар Дунёи Қадим қаҳрамононро ва Асрҳои Миёна ашхоси муқаддасро парастиш намуда бошанд, пас давраи Эҳё инсонро парастидааст.

Барои дуруст фаҳмидани хусусияти дунявии ҷаҳонбинии давраи Эҳё афкори ду шоир-мутафаккири бузурги давраи Эҳё – Данте ва Петрарка хеле зарур ва муфид мебошанд. Данте Алигьери (1265-1321) таълимот дар бораи офаринишро инкор накарда, таълим медод, ки инсон табиати дугона – миранда ва ҷовид дорад. Аз ин рӯ, таъиноташ низ дуқутба аст, яъне «барои ду мақсади ниҳоӣ нигаронида шудааст». Яке аз онҳо дар ҳаёти заминии ҳозира ба даст оварда мешавад ва дар содир намудани аъмоли ахлоқӣ ифода меёбад, дигараш баъд аз марг бо мусоидатии иродаи илоҳӣ касб карда мешавад. Барои ду мақсад ду роҳ ҷавобгӯ мебошанд: роҳи «андарзҳои фалсафӣ» ва роҳи «андарзҳои рӯҳӣ». Роҳи якум ба шарофати ақли табиӣ боз гардидааст ва таъиноти заминии инсон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ тибқи андарзҳои фалсафа дар зери роҳбарии ҳокими заминӣ татбиқ мегардад. Роҳи дуюм «ба шарофати Рӯҳи муқаддас» кашф гардида, ба боварӣ ба ваҳй асос меёбад. Ва аз рӯи мақсад ба калисо мебарад, ки онро сарруҳонии олӣ сарварӣ менамояд. Данте инчунин дар бораи озодии иродаи инсон, озодие, ки заминаи онро масъулияти шахсӣ барои амали содиршуда, ки арзишу шарафи инсонро муайян менамоянд, таълим медиҳад. Таълимоти инсонпарваронаи ӯ дар он ифода меёбад, ки тамоми паҳлӯҳои ҳаёти инсонӣ дар вобастагӣ ва тобеият ба ақл қарор мегиранд. Гуманизми вай ба зуҳдгароӣзид буда, аз боварӣ ба нерӯи инсон мураттаб гардидааст. Дар «Комедияи илоҳӣ» ва рисолаҳои «Базм» ва «Монархия» - аш таълимоти масеҳиро ҳамчун ҳақиқати тағйирнаёбанда қабул менамояд, аммо муносибати омили инсонӣ ва илоҳиро дар шакли нав пешниҳод менамояд. Ӯ ин ду омилро ба ҳам муқобил нагузошта, балки дар ягонагӣ таҳқиқ менамояд. Худоро ба неруҳои эҷодии инсон набояд муқобил гузошт. Моҳияти инсон аз ду ҷиҳат – ҳам илоҳӣ ҳам табиӣ бояд муайян гардад. Чунин биниши Данте агарчанде аз таъсири Ибни Рушд ва назарияи ҳақиқати дугонаи ӯхабар медиҳад, бо вуҷуди ин вобастагии аъмоли инсонӣ аз ақли ӯ ба мавҷудияти ҷанбаи дунявӣ дар таълимоти ӯ ишора менамояд. Яъне, вай нақши ақли инсониро дар фаъолияти ҳаётии ӯ баланд мебардорад. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки ғояҳои дунявӣ на дар шакли

муқобилгузории омили илоҳию таббиӣ, омили моддию рӯҳӣ дар инсон, балки дар зуҳури ягонагии мутавозуни онҳо ифода меёбад.

Ҳамзамон баъзе муҳаққиқон дар таълимоти Данте боз андешаҳои дунявигароёнаи қатъиро низ қайд менамоянд. Аз ҷумла, муаллифони китоби «Таърихи фалсафа: Запад- Россия –Восток» зикр намудаанд, ки «Дар мубориза ба муқобили «шарҳ» - и назарӣ-калимавии ҳақиқат вай таъкид намудааст, ки он илмҳое, ки бо таҷриба, падари ҳаргуна ҳақиқат тавлид намегарданд, бо таҷрибаи айёнӣ ба анҷом намерасанд, яъне илмҳое, ки аз оғоз, миёна ва анҷомашон яке аз панҷ узви ҳис гузашт намекунад, саршори гумроҳиянд»[62]. Бешак андешаи мазкури ӯ аз афзалияти нигоҳи дунявии ӯ дар таълимоташ дарак медиҳад. Данте инчунин мустақилии подшоҳро аз калисо шарти асосии осоиш ва накӯаҳволии инсон ҳисобида, таъкид намудааст, ки бидуни он амалӣ намудани таъиноти заминии инсон имконнопазир мебошад[63].

Ба таври мушаххас гуманизм ҳамчун падидаи дунявӣ дар таълимоти асосгузори ин ҳаракат, шоир ва файласуф Франческа Петрарка (1304- 1374) хеле равшан ифода ёфтааст.Дар рисолааш «Дар бораи ҷаҳолати худӣ ва бисёр чизҳои дигар» донишгароии схоластикии асримиёнагиро ба таври қатъӣ инкор намуда, онро барои инсони замони худ комилан орӣ аз манфиат ба қалам медиҳад. Дар рисолаи мазкур як биниши комилан нав нисбат ба осори антиқа ба мушоҳида мерасад. Ба ақидаи мутафаккир на тақлиди кӯр-кӯрона ба афкори ҳолиби гузаштагон, балки кӯшиши то баландиҳои фарҳанги атиқа боло баромадан ва ҳамзамон онҳоро ба тарзи нав маънидод намудан ва ҳатто дар баъзе бахшҳо аз он гузаштан овардаба рушди нави адабиёт, санъат ва илм мерасонад. Ба ақидаи Петрарка мундариҷаи фалсафаи ҳақиқиро илм дар бораи инсон бояд ташкил намояд. Дар тамоми осори ӯ чунин даъват садо медиҳад, китаҳқиқи фалсафӣ бояд ба сӯи инсон ҳамчун объекти арзандаи маърифат самт гирад.

---

[62]История философии: Запад – Россия – Восток». Книга вторая: Философия XV-XIXвв.: Учебник для вузов. М.: Академический проект, 2012. – С. 23.
[63]Ҳамон ҷо; - С. 5.

Петраркаро инчунин масоили ахлоқии инсон, ки нишонаи индивидуализми давраи Эҳё маҳсуб меёбад, ба худ ҷалб мекард. Дар мусоҳибаи фалсафии «Сирри ман» вай тазодҳои ботинии амиқтарини инсон ва тарзҳои бартараф намудани онҳоро ошкор месозад. Эҷодиёти Петрарка бо хусусияти заминии худ, фаҳмиши комили хурсандиҳо ва талошҳои инсон барои ноил гардидан ба онҳо ғояҳои дунявии замони худро бой мегардонанд.

Ба ҷумлаи онҳое, ки барои тавлиди анъанаҳои нави гуманистӣ мусоидат кардаанд, дӯсти Петрарка Ҷованни Боккаччо (1313-1375) дохил мешавад. Вай дар асараш «Декамерон» руҳонияти фиребгарона ва аблаҳонаро зери мазаммат қарор дода, ақл ва нерӯи инсониро тавсиф намудааст. Дар таълимоти ӯ низ хислатҳои муҳими давраи Эҳё: хусусияти заминӣ, эҳсоси ҷисмӣ, утилитаризми амалӣ, ки он зинда ифода менамояд, инъикос ёфтаанд.

Тамоюли гуманистие, ки Данте ва Петрарка пойдеворашро гузошта буданд, инчунин аз тарафи Салютати (1331-1406), ки дӯст ва идомадиҳандаи кори Петрарка буд, инкишоф дода мешавад. Барои Салютати аз ҳама муҳим тарбияи инсони наве маҳсуб меёбад, ки хосияти humanitas-ро шомил мебошад. Ин хосиятро ӯ ҳамчун қобилияти содир намудани аъмоли нек шарҳ медиҳад. Ба андешаи Салютати, агарчанде ҳаёти заминӣ ба одамон аз тарафи худо дода шудааст, вазифаи бевоситаи онҳо аз он иборат аст, ки онро мутобиқи қонунҳои табиии некӣ ва адолат ба роҳ монанд.

Яке аз шаклҳои зуҳури дунявият дар давраи Эҳё ба омӯзиши табиат рӯ овардани мутафаккирон ба ҳисоб меравад, ки он бештар бо номи натурфалсафа маълуму машҳур мебошад. Агарчанде мутафаккирон дар ин самт ба сабаби андешаҳои зиддидинияшон ба таъқиби руҳониён дучор мегардиданд, бо вуҷуди ин, онҳо андешаҳои илмии худро пайгирона дифоъ менамуданд. Яке аз чунин олимон Н.Коперник мебошад (1473-1543), кидар асараш «Дар бораи гардиши ҷирмҳои осмонӣ» ақидаи динии ҳукмрони геосентрӣ (заминмарказият)-ро бо гелиосентризм (офтобмарказият) иваз

намуда, таълимоти қарнҳо ҳукмрони диниро нодуруст ҳисоб менамояд. Системаи таълимоти ӯро доир ба сохтори олам Ҷордано Бруно (1548-1600) инкишоф медиҳад.

Дар пайдоиш ва рушди афкори натурфалсафии давраи Эҳё саҳми Бернардино Телезио (1509-1588) низ бузург мебошад. Вай зимни омӯзиши табиат мабдаи илоҳиро истисно намуда, онро мутобиқи мабдаъҳои худи он мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Тибқи андешаи ӯ сабаби ҳаракат – на худо, балки «моҳияти аслӣ» - и табиат аст. Аз нигоҳи Франческа Патрици (1529-1597) бошад, сарчашмаи тамоми ашё «фазо, нур, ҷараён ва гармӣ» аст. Нури ҳамарофарогиранда ва аз ҳама чиз убуркунанда ягонагии олам ва худоро ба маъраз мегузорад. Худо бо табиат як мешавад, табиат худо пиндошта мешавад. Парасельс (1493-1541) дар табиат ким-кадом ҳадафи зиндаеро мебинад, ки шомили нерӯҳои сеҳрнок мебошад.

Андешаҳои мазкур аз тарафи Леон Баттиста Альберти (1404-1472), Лоренца Балла (1407-1457), Пико дела Мирандола (1463-1494), Мишель Монтень (1533-15920, Эразм Роттердамский (1469-1536) инкишоф дода мешаванд.

Ғояҳои дунявӣ дар афкори фалсафию илмии донишманди сатҳи ҷаҳонӣ, пайрави Коперник – Галилео Галилей (1564-1642) хеле равшан ва барҷаста ифода ёфтаанд. Галилей асосгузори илми муосир ҳисобида мешавад. Ӯ яке аз аввалин олимоне маҳсуб меёбад, ки эксперименти илмиро ба кор бурда аст. Бо ин мақсад ӯ телескопе, ки то ин вақт дар Голандия кашф гардида буд, истифода бурдааст. Бо истифода аз ин асбоб Галилей бисёр чизҳоеро кашф намуд, ки барои то абад даст кашидан аз тасвири арастуии схоластии олам имкон додаанд.  Ӯ дар бораи сайёраҳои Зӯҳра, Моҳ, Сатурн, Муштарӣ андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Мушоҳида ва хулосаҳои ӯ дар бораи ҳаракати ҷисмҳо низ бо номи принсипи нисбияти Галилей маъруф мебошанд.

Истифодаи эксперимент зимни таҳқиқи табиат ба ҷои муҳокимаҳои мантиқӣ дар атрофи матнҳои қадим навоварии бузурги ӯ дар илм маҳсуб меёбад. Саҳми дигари бузурги Галилей дар илм нишон додани нақши

муайянкунандаи усулҳои миқдорӣ бо истифода аз математика зимни тавсифи табиат ба ҳисоб меравад. Вай талаб мекард, ки дар масоили илмӣ на обрую нуфуз, балки ба мушоҳидаю эксперимент бояд такя намуд. Аммо ӯ таълимоти масеҳиро бевосита зери шубҳа қарор надода, аксаран мегуфт, ки имон ба мо на чӣ тавр таркиб ёфтани осмон, балки чӣ гуна ба он афтиданро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, Галилей низ ба сабаби ғояҳои пешқадами дунявӣ ва хусусияти зиддидинии эҷодиёташ мавриди таъқиби калисо гардида, ба маҳкама кашида мешавад. Калисо аз ӯ талаб мекард, ки аз таълимоти Коперник, ки аз тарафи калисо бидъат маҳсуб меёфт, даст кашад. Аммо ӯ то охири умр ба омӯзиши физикӣ-математикии олам машғул гардида, ба ҷараёни рушди ғояҳои дунявӣ, инкишофи афкори фалсафӣ ва илмии ҷаҳонӣ таъсири бузург мерасонад. Танҳо имрӯз калисои католикӣ бегуноҳии Галилей ва нодуруст будани ҳукми маҳкамаро дар нисбати ӯ расман эълом доштааст.

Дар байни мутафаккирони давраи Эҳё, ки эҷодиёташон хусусияти дунявӣ доранд, яке аз ҷойҳои намоёнро Леонардо да Винчи (1452-1519) ишғол менамояд. Ӯ ҳамчунрассоми бузург, муҳандис ва олими маъруф шухрат ёфтааст. Ҳамчун олим математика ва механикаро ба мақоми аввал гузошта, дар маърифат намудани олам аз нақши ҳалкунандаи таҷриба дифоъ намудааст. Ӯ таълим медод, ки барои маърифати табиат руҳи озоди инсонӣ кофӣ нестанд, балки методи илмие лозим аст, ки асоси онро таҷрибаи ҳиссии ба олами воқеӣ нигаронида шуда ташкил намояд. Аммо ин танҳо оғози маърифат аст. Вазифаи вай аз он иборат аст, ки аз эҳсосот оғоз гардида, ба сӯи хулосаҳои умумӣ самт гирад.

Хулоса, дар эҷодиёти мутафаккирони давраи Эҳё озод гардидани ақли инсонӣ аз таъсири догмаҳои шахшудамондаи динӣ ва ба сӯи мавзӯъҳои хусусияти дунявӣ дошта, чун инсондӯстӣ, инсонмеҳварӣ, масоили ахлоқии тарбияи инсони нав, таҳқиқи илмии табиат, истифодаи эксперимент ҳамчун василаи дарёфти ҳақиқати илмӣ, маърифати ба эҳсосот

такянамоянда самт гирифтани тафаккур мавқеи муҳим касб намуда, барои рушди ғояҳои дигари дунявӣ дар оянда замина мегузоранд.

Ғояҳои дунявӣ дар таълимоти мутафаккирони Замони Нав - Ҷон Локк ва Бенедихт Спиноза низ равшан ба чашм мерасад. Спиноза ақли инсониросарчашмаи ташаккули ҷомеаи инсонӣ ва зиндагии беҳтару бехатар маҳсуб медонад. Ба андешаи ӯ одамон барои он ки бехатару беҳтар зиндагӣ намоянд, бояд бо ҳам аҳд намуда, созишномае ба тасвиб бирасонанд ва ҳамин тавр, соҳиби ҳуқуқе шаванд, ки дар асоси қудрат ва иродаи ҳама ташаккул ёфтааст. Андешаи мазкурро Спиноза ба таври зер асоснок намудааст: «Маълум мегардад, ки онҳо бояд комилан қатъӣ қарор ҳосил мекарданд ва ба муоҳада мерасиданд, ки ҳар чизро тибқи нишондоди ақл( ки ба он ҳеҷ кас кушоду равшан ихтилоф карда наметавонад то беақл натобад) равона намоянд ва хоҳишро лаҷом зананд. Зеро хоҳиш чизе бар зарари дигар маслиҳат медиҳад. Ҳеҷ кас набояд коре кунад, ки барои худ намехоҳад, ва ахиран ҳуқуқи дигарро чун ҳуқуқи худ ҳифз намояд»[64]. Яъне, шахс бояд аз баъзе манфиатҳои худ даст кашида, дар манфиати дигарон бояд манфиати худро бинад. Дар натиҷа ҳадафҳо, манфиатҳо ва ҳуқуқҳои умумие ташаккул меёбанд, ки ҳеҷ кас аз онҳо дар канор нахоҳад буд. Ҳамин тавр, бо ин роҳ ҷамъият бидуни ҳар гуна ихтилоф бо ҳуқуқи табиӣ метавонад, ки сохта шавад, ва ҳар гуна шартнома бо олитарин дақиқият риоя гардад, агар, албатта ҳар фард тамоми қудратеро, ки дорад, ба ҷамъият интиқол диҳад[65].

Аз таҳлили раванди андешаҳои мутафаккир маълум мегардад, ки вай дар ҷомеа тарафдори маҳдуд намудани фаъолияти хидматгорони дин буда, зидди дахолати онҳо дар корҳои давлатӣ аст. Ба андешаи мутафаккир ба хидматгорони дин додани ҳуқуқи декрет баровардан ё ба корҳои давлат машғул гардидан ҳам барои дин ва ҳам барои давлат марговар аст. Маҳдуд намудани фаъолияти онҳо дар шакли ҷавоб додан танҳо зимни пурсиш ё таълим додани чизе, ки қабул шудааст ё одат гардидааст, ба

[64]Б. Спиноза. Религиозно-политический трактат.Б.Спиноза. Избранные произведенив в двух томах. Том второй. М.: Гос. Изд. Полит.литература. 1957. – С. 205.
[65]Ҳамон ҷо; - С. 207.

мустаҳкамшавии ҳама чиз дар ҷомеа оварда мерасонад[66]. Ахиран Спиноза дар охири «Рисолаи динӣ-сиёсияш» ба хулосаҳои хеле муҳими барои ҳаёти ҷамъиятии одамон мухим мерасад:

- маҳрум сохтани одамон аз озодии баёни андешаашон номумкин аст;

- ин озодӣ бидуни зарар ба ҳуқуқ ва нуфузи ҳокимияти олӣ метавонад, ки ба ҳар кас дода шавад ва ҳар кас метавонад онро бидуни зарар ба ҳамон ҳуқуқ ҳифз кунад, агар зимни он ҷасорат нишон дода, чизе мисли ҳуқуқ ба давлат ворид накунад ё зидди қонунҳои қабулшуда амале содир нанамояд;

- сулҳу оромиро дар давлат ҳифз намуда, аз ин озодӣ ҳар кас метавонад бархӯрдор бошад, ва аз он ягон навъи нороҳатие, ки бартараф карданаш душвор бошад, пайдо намешавад;

- бидуни зарар ба парҳезгорӣ ҳар кас метавонад аз ин бархӯрдор бошад;

- қонунҳое, ки дар нисбати маводҳои ҳаннотӣ содир мегарданд, комилан бенафъ ҳастанд;

- ахиран, ин озодӣ на танҳо бидуни халалдор сохтани сулҳу оромӣ, тақводорӣ ва ҳуқукҳои ҳокимияти олӣ дар давлат иҷозат дода мешавад, балки ба он иҷозат дода мешавад то ҳамаи инҳо ҳифз гарданд[67].

Қобили зикр аст, ки ғояҳои дунявии Б. Спиноза дар асари дигари ӯ «Рисолаи сиёсӣ» идома меёбанд. Дар ин асар низ вай ба мақом ва нақши инсон дар ҷомеа дахл намуда, таъкид менамояд, ки тавоногӣ ва соҳибҳуқуқии инсон чун тавоногию соҳибҳуқуқии давлат аз ақл вобаста аст. Танҳо ҳамон инсон ва давлате тавоно ва соҳибҳуқуқ хоҳад буд, ки дар фаъолияти худ ақлро ба асос гирифта, бо ҳукми он сафарбар карда шавад[68]. Мутафаккир дар асари мазкур инчунин ба яке аз арзишҳои олитарини дунявӣ – сулҳу оромӣ ва бехатарии ҳаёт дахолат намуда, онро ба фаъолияти ҳокимияти олӣ вобаста дониста аст. Ба андешаи мутафаккир ҳамон ҳокимияти олӣ беҳтарин ҳисобида мешавад, ки одамон зимни он ҳаёти худро дар ризоият мегузаронанд ва ҳуқуқҳои онҳо бидуни халал риоя

---

[66]Ҳамон ҷо; - С. 243.
[67]Ҳамон ҷо; - С. 267.
[68]Б. Спиноза. Политический трактат.Б.Спиноза. Избранные произведенив в двух томах. Том второй. М.: Гос. Изд. Полит.литература. 1957. – С. 302.

мегардад.Зеро бидуни шак шӯришҳо, ҷангҳо, нафрат доштан ё вайрон кардани қонунҳоро ҳамон қадаре ба бадхашмии тобеон бояд мансуб донист, ки ба ҳолати бади ҳокимияти олӣ мансуб дониста мешаванд. Зеро одамон шаҳрванд таваллуд намешаванд, балки шаҳрванд мегарданд. [69]

Аз таҳлили андешаҳои Б.Спиноза мо ба хулосае хоҳем омад, ки одамон на ба хоҳишҳои худ, балки ба ақл такя намуда, ба муоҳада барои ташаккули ҷомеа расидаанд. Дар ҷомеа озодии баёни андеша хеле муҳим мебошад. Кормандони дин бояд ба давлат дахолат нанамоянд ва танҳо зимни пурсиш онҳо бояд садо бароранд. Ахиран, вазифаи муҳимтарини ҳокимияти олӣ таъмини сулҳу оромӣ ва бехатарии шаҳрвандон маҳсуб меёбад.

Яке аз мутафаккирони маъруфи Замони нав, ки дар бораи масъалаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии дину давлат ва озодии виҷдон андешаҳои ҷолиб баён намудааст, Ҷон Локк (1632-1704) мебошад. Дар асараш «Таҷриба дар бораи таҳаммулпазирии динӣ» вай ба шоҳ мурочиат намуда, мехоҳад вайро бовар кунонад, ки озодии виҷдон ва таҳаммулпазирӣ шартҳои нисбатан мақбули мавҷудияти давлатиҳои муосир мебошанд. Ба андешаи ӯ ягон кас ҳақ надорад, ки ба ҳаёт, саломатӣ, боигарӣ ва озоди дигар шахс таъсир расонад, зеро ҳамаи одамон аз ҳолати «табиӣ» - и баробарӣ бархӯрдор мебошанд. Ба масъалаи ҷудоии дин ва давлат дахл намуда, ӯ изҳор медошт, ки ҳамаи андешаҳои хусусӣ дар бораи предмети эътиқод, амалия ва тарзи парастиши динӣ ба доираи масоили давлатӣ дохил намешаванд. Ягон асосе вуҷуд надорад, ки аз шакли парастиши диние, ки шаҳрванд қабул менамояд, давлат нороҳат гардад[70]. Тибқи таълимоти мутафаккир маҷбур намудани шаҳрвандон дар масоили марбут ба эътиқод амали аз ҳама бад маҳсуб меёбад, ва онро бо эҳтиёткории бузург ва танҳо дар ҳолати ниҳоӣ бояд истифода бурд.

Локк дар асараш «Ҳимояи нонконформизм», ки то ҳанӯз ба чоп нарасидааст, собитқадамона мувофиқи назарияи ҳуқуқҳои табиӣ ва

[69]Ҳамон ҷо; - С. 311.
[70]Локк Дж. Опыт о веротерпимости/Сочинения в 3 т. Т. 3. –М.: Мысль, 1988. – С. 69-70.

фаҳмиши табиати шаҳрвандии инсон, таълимоти худро дар бораи таҳаммулпазирии динӣ ва муносибатҳои динӣ-давлатӣ инкишоф медиҳад. Вай зарурати эътироф намудани ҷамоаҳои автономии протестантӣ ва муносибати таҳаммулпазиронаро дар нисбати онҳо дар муқобили барқароршавии католисизм таъкид менамояд. Калисоро ҳамчун маҳсули манфиатҳои табиии одамон тасаввур намуда, онро дар низоми мунояибатҳояш ба давлат на ҳамчун органи фавқуттабиӣ, балки ҳамчун органи табиӣ арзёбӣ менамояд. Дар асари мазкур Локк таълимоташро дар бораи ҷудоии калисо аз давлат инкишоф дода, изҳор медорад, ки ниҳодҳои мазкур аз оғоз вазифаҳои мухталиф доштанд[71].

Мутафаккир дар асараш «Мактуб доир ба таҳаммулпазирии динӣ» чунин меҳисобад, ки вазифа инаҷоти рӯҳи инсон барои давлат мушкил буда, бо он усуле, ки вай истифода мебарад, ҳал намегардад. Мақсади давлат дигар аст. Вай пурра ба ҳалли масоли дунявӣ «танҳо барои ҳифз ва беҳ кардани накӯаҳволии шаҳрвандӣ нигаронида шудааст»[72]. Зарурати таҳаммулпазирии васеъро Локк аз фаҳмиши калисо ҳамчун ҷамоаи озод ва ихтиёрии ҳамфикрон бардошт намуда, ғояи аз рӯзи таваллуд мансуб будан ба калисоро бемаънӣ маҳсуб медонад. Одамон ба сабаби бо онҳо муносибати бад намудан шӯришгар мешаванд. «Тафовутҳои ҳуқуқии беадолатонаро нест кун, қонунҳоро ислоҳ намо, ҷазои қатлро иваз кун, он гоҳ мебинӣ, ки ягон хатар нахоҳад буд»[73], - таълим медиҳад Ҷ.Локк.

Андешаҳои Локк доир ба таҳааммулпазирӣ, ки дар асари мазкур баён намудааст, то ба имрӯз аҳамияти бузурги назариявию амалӣ доранд. Ба андешаи мутафаккир дар нисбати ашхосе, ки дар масоили динӣ ақидаи дигар доранд, таҳаммулпазир будан то андозае бо таълимоти Инҷил ва ақл мувофиқат менамояд, валекӯрии одамоне, ки онро намебинанд, даҳшатнок ба назар мерасад[74].Мутафаккир таъқиботҳои шадиди масеҳиятро маҳкум

---

[71]Белкина Тамара Леонидовна ва Комаров Антон Станиславович.Апология свободы совести в трудах Джона Локка.http://cyberleninka.ru/article/n/apologiya-svobody-sovesti-v-trudah-dzhona-lokka/viewer

[72]Локк Дж. Послание о веротерпимости/Сочинения в 3 т. Т. 3. –М.: Мысль, 1988. – С. 94.

[73]Ҳамон ҳо; - С. 128.

[74]Ҳамон ҷо; - С. 93.

намуда, таъкид менамояд, ки бигзор ягон нафар чунин таъқиботҳои бераҳмонаи ба масеҳият бегонаро дар зери ниқоби ғамхорӣ дар бораи давлат ва риоя намудани қонунҳо содир нанамояд ва бигзор ягон нафар барои ҷиноят беҷазо мондану аз нигоҳи ахлоқӣ ба ҳар амал рухсат доштанашро бо ишора ба дигар динасоснок накунад[75]. Яъне, Локк ҳамчун гуманистсаъй намудааст, ки озодии инсонро бар ақида ҳимоя намояду вайронкунандагони чунин низом ба ҷазо маҳкум карда шаванд.

Хулоса, ғояҳои дунявии таълимоти Ҷ.Локк, аввалан, дар дахлнопазир будани ҳаёт, саломатӣ, боигарӣ ва озоди инсон ифода меёбад. Ин назарияи ӯ аз таълимоти фалсафии «ҳуқуқи табиӣ» бардошт мегардад. Сониян, мутафаккир ҷудоии дин ва давлатро амали ногузир маҳсуб медонад, зеро вазифаҳои онҳо дар ҷомеа гуногун мебошанд.

## 1.4. Ҳадафҳои дунявӣ дар динҳои сомии тоисломӣ

Дини ислом аз лиҳози умумияти ғояву мундариҷа ба гурӯҳи динҳои сомӣ дохил мешавад[76]. Муҳаққиқони зиёд мавҷудияти умумияти ғояҳо ва таъсири мундариҷавии динҳои қаблан пайдошударо ба динҳои баъдан тавлидгардида дар гурӯҳи мазкур тасдиқ намудаанд. Чун ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлил ва таҳқиқи «Арзишҳои дунявӣ дар ислом аст», пас баррасӣ намудани ҳадафҳои дунявӣ дар динҳои тоисломӣ, аз як нигоҳ, ҷолиб, ва аз нигоҳи дигар, тақозои мундариҷаи кори таҳқиқотист. Иҷрои амали мазкур имкон медиҳад, ки гуногуние, ки дар ин самт дар байни динҳои мазкур мавҷуд аст, равшан сохта шавад.

Аз байни динҳои зиндаи гурӯҳи динҳои сомӣ аз лиҳози таърихӣ аввалин дин яҳудия маҳсуб меёбад.Бидуни тардид барои ҳар шахс ё гурӯҳи иҷтимоӣ арзиши олитарин дар ҳаёт озодӣ аз асорат аст. Озодӣ арзишест, ки қадру манзалаи он танҳо баъди раҳоӣ аз асорат пурра муайян мегардад. Ин маънои онро надорад, ки бидуни асорат озодӣ шомили арзише нест. Дар моҳияти худ озодӣ олитарин арзиш буд, ҳаст, ва ҳамин тавр мемонад, ин

---

[75]Ҳамон чо; - С.94.
[76]Шерзот Абдуллозода. Асосҳои диншиносӣ. Душанбе, «Дониш», 2001. – С.348.

ҷои баҳс нест. Аммо ба таври воқеӣ онро танҳо шахс ё гурӯҳи иҷтимоие арҷгузорӣ карда метавонад, ки боре дар асорат будааст. Аз ҳамин нуқтаи назар, озодӣ ё раҳоӣ аз асорат яке аз арзишҳои олитарини қавми яҳуд буда, ба он дар китоби муқаддаси яҳудиён – Таврот мақоми хос дода шудааст. Китоби дуюми «Панҷкитоб» - е, ки ба Мусо нисбат дода мешавад, номи «Хуруҷ» (баромадан аз асорати Миср) - ро гирифта, пурра ба раванди раҳошавӣ бахшида шудааст. Аллакай дар оғози китоб – боби якум, бандҳои XIII ва XIV бо зулму зӯрӣ кор фармуда шудани банӣ-Исроил зикр мегардад.

Аз мутолиа ва таҳлили мундариҷаи китоби «Хуруҷ» маълум мегардад, ки Худои қавм нисбат ба тақдири қавм бетараф нест. Дар боби се, бандҳои 7 ва 8 Худои қавм нороҳатии худро аз азобу мазаллати қавми яҳуд баён сохта, сабаби нузули худро ба Мусо маҳз раҳо сохтани қавм аз асорати Мисрэълом медорад: «Ва Худованд гуфт: «Мазаллати қавми Худродар Миср дидам, ва фиғони онҳоро аз дасти зулмкунандагонашон шунидам, ба тавре, ки зулму осори онҳоро медонам.

Ва фуруд омадам, то ки онҳоро аз дасти мисриён раҳо кунам, ва онҳоро аз он замин ба замини некӯ ва фарох барорам, ба замине, ки шир ва асал дар он ҷорист, яъне ба макони канъониён, ва ҳиттиён, ва амӯриён, ва фаризиён, ва ҳиввиён, ва ябусиён»[77].

Маънии мазкур чанд бор такрор мешавад ва аз он чунин бардошт ҳосил мегардад, ки агар аввалин арзиши дунявӣ барои қавми яҳуд раҳоӣ аз асорат буда бошад, баъд аз он муҳити хуби табиӣ, ки бо номи «замини некӯ ва фарох, замине, ки шир ва асал дар он ҷорист» ёдрас мегардад, арзиши дигари муҳими зиндагӣ маҳсуб меёбад.

Бояд гуфт, ки дар байни арзишҳои дунявӣ тиллову нуқра мақоми махсусро ишғол менамоянд. Қобили зикр аст, ки ин навъи арзишҳои дунявӣ низ аз madди назари Худои яҳуд дур намондааст. Мусо пеш аз баромадан аз замини Миср аз номи Худо ба қавм мегӯяд: «Балки ҳар зан аз

[77]Ин ҷо ва баъд матнҳои китоби муқаддас аз китоби асл «Библия. Навиштаи Муқаддас. Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид. Институти тарҷимаи Библия. Стокгольм. 1992» оварда мешаванд.

ҳамсояи худ ва аз сокинаи хонаи худ колои нуқра ва колои тилло ва либос хоҳад пурсид; ва ба писарон ва духтарони худ хоҳед пӯшонид» (Хуруҷ, 3:22). Ҳамчунин зимни мусоҳибаи Мусо бо фиръавн, ки кӣ аз Миср хоҳад баромад, Мусо ҷавоб медиҳад: «Бо ҷавонон ва пирони худ хоҳем рафт, бо писарон ва духтарони худ, бо гӯсфандон ва говони худ хоҳем рафт» (Хуруҷ, 10:8). Чӣ хеле ки аз ду банди иқтибосгардида маълум мегардад, арзишҳои моддие, чун нуқраю тилло ва ҳайвоноти хонагӣ, ки барои таъмини сатҳи хуби зиндагӣ заруранд, дар ҷомеаҳои қадими яҳудӣ мақому манзалаи баланд доштаанд ва зарурати мавҷудияти онҳоро Худованди яҳуд барои қавми худ ҳатто дар ҳамон давра ногузир шумурдааст.

Комилан равшан аст, ки ҳеҷ як ҷомеаи башарӣ бидуни танзими муносибатҳои гуногунҷабҳаи байни одамон фаъолияти худро пеш бурда наметавонад. Аз ин нуқтаи назар, танзими муносибатҳои ахлоқӣ ва коркарди меъёрҳои батанзимдорорандаи рафтору гуфтори одамон низ аз ҷумлаи арзишҳои муҳим ва ногузири ҳаёти индунёии аҳли ҷомеа арзёбӣ мегардад.Китоби муқаддаси яҳудиён – Таврот ба ин самти ҳаёти ҷамъиятии мардуми яҳуд низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Аллакай дар китоби «Хуруҷ», дар боби 20 дар доираи мавзуи «Фароизи Сино» Худованди яҳуд иҷрои талаботҳоеро барои қавми худ ҳатмӣ шумурдааст, ки воқеан ҳам барои танзими муносибатҳои ахлоқии мардуми ҳар гуна ҷомеа хеле муҳиманд ва ба сабаби муҳимӣ ва ногузирияшон дар ҳаёт онҳоро дар фарҳанги динии ҳар қавму миллат мушоҳида кардан мумкин аст. Аҳкоми ба танзимдорорандаи муносибатҳои ахлоқӣ дар бобҳои баъдинаи китоби «Хуруҷ» ва бобҳои алоҳидаи китобҳои «Ибодат» ва «Такрори шариат» низ ба таври васеътар бо ҷузъиёташ дарҷ мегарданд, ки бешак аз хусусияти баланди дунявии дини яҳудия гувоҳӣ медиҳанд.

Арзишҳои дунявӣ на танҳо дар «Панҷкитоб» - и ба Мусо нисбат додашаванда, балки инчунин дар китобҳои дигар пайғамбарони яҳуд низ собитқадамона ва пайгирона дифоъ гардидаанд. Ҳар як пайғамбар аз вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии барои қавм ногувор ва хатарбор нороҳат гардида, онро маҳкум менамояд ва ҳатман муҳити хуберо орзу

менамояд, ки дар он қавм дар муҳити ором осуда ва хурсанду хушбахт умр ба сар мебарад.

Баъд аз он ки шоҳигарии Сулаймон дар қарни Х то мелод ба ду қисмат тақсим мегардад, ба ҷои он ду давлати алоҳида – дар ҷануб Яҳудия ва дар шимол Исроил пайдо мегарданд. Аз як тараф, дар тӯли тамоми қарнҳои минбаъда муносибатҳои байниҳамдигарии ду давлати яҳудӣ тезутунд буданд, аз тарафи дигар, аз қарни Хто мелод ин тараф ҳуҷумҳои ғоратгаронаи неруҳои ҳарбии ошуриҳо, ки ташнаи ғанимат буданд, оғоз мегарданд. Шоҳигариҳои хурди Сурия ва Фаластин баъзан бо ҳам муттаҳид мегардиданд, лекин аксаран бо ҳам ҷангида, барои кӯмак боз ба онҳо муроҷиат менамуданд. Тахминан соли 722 то мелод давлати Исроил пурра аз тарафи ошшуриҳо тасхир карда мешавад. Дар натиҷа давлат ба харобазор мубаддал мегардад. Тамоми боигариҳоро ошшуриҳо ғорат менамоянд. Қисми зиёди аҳолӣ ба асирӣ бурда мешаванд. Дар ҷои онҳо тасхиркунандагон муқимӣ мегарданд. Кишвар хусусияти этникии яҳудии худро аз даст медиҳад ва аҳолии он сомирӣ номида мешаванд. Агарчанде яҳудия дар тули зиёда аз як қарни дигар мустақилияти давлатии худро ҳифз мекунад, лекин вай ҳамеша ба ошшуриҳо хироҷ месупорид то худро аз ҳуҷумҳои ғоратгаронаи онҳо дар амон нигоҳ дорад. Танҳо соли 597 Яҳудия низ аз тарафи Бобул пурра забт карда мешавад. Дар натиҷаи ин тасхир маъбади Байтулмуқаддас пурра хароб карда мешавад, ашрофон ба Бобул ба асирӣ бурда мешаванд. Танҳо баъд аз ним аср, вақте ки Бобул аз тарафи Форс мағлуб карда мешавад, яҳудиҳо аз асорат озод мегарданд ва маъбад аз нав бунёд карда мешавад. Ҳукмронии форсҳо низ аз болои яҳудиҳо қариб ду қарн идома меёбад. Ҳамаи ҳодисаҳои таърихии зикршуда бо тамоми ҷанбаҳои мусбӣ ва манфияшон дар китобҳои пайғамбарони яҳуд инъикос ёфта, аз мавқеи эҳсоси худшиносии миллӣ ва масъулиятшиносӣ дар назди наслҳои минбаъда баҳогузорӣ карда мешаванд.

Таърихан аввалин китоби пайғамбарони яҳуд китоби пайғамбар Омӯс ба ҳисоб меравад, ки дар миёнаҳои қарни VIII пайдо шудааст. Пайғамбар дар китоб аз беадолатиҳои ҳокимон ва фақри бенавоён сухан ронда, дар

хусуси ҷазоҳои худованд ба сабаби ҷиояткориҳои зиёд хабар медиҳад (Омӯс, 1:13). Китоби дуюми пайғамбарони дини яҳудия китоби Ҳушаъи набӣ аст, ки соли 735 пайдо шудааст. Мундариҷаи он ба мундариҷаи китоби якум наздик аст. Пайғамбар аз шароити бади зиндагии қавм норохатӣ изҳор намуда, он рӯзеро ёдовар мешавад, ки фарзандони Яҳуд ва Исроил бо ҳам омада, як сардорро барои худ интихоб менамоянд (Ҳушаъ, 1:11). Дар вуҷуди пайғамбар ҳамчунин эҳсоси шарафу номуси қавмдӯстӣ авҷ мегираду вай аз интишори васеъи зинокорӣ дар байни занҳо, ки ба сабаби мушкилии зиндагӣ пайдо шуда буд, нороҳатии сахт изҳор менамояд. Бинобар ин, пайғамбар аз номи Худованд мегӯяд: «Ва бар фарзандони вай марҳамат нахоҳам кард, зеро ки онҳо фарзандони зино мебошанд, зеро ки модари онҳо саргарми зино шудааст, онҳоро ҳомила гардида, худро расво кардааст, чунки гуфтааст: «Аз паи хушдоронам, ки нон ва об, пашм ва катон, равған ва машрубот ба ман медиҳанд, хоҳам рафт» (2:4-5).Чӣ хеле ки мебинем, пайғамбарони яҳуд на дар бораи ҳаёти ондунёии қавм, балки дар бораи мушкилоти имрӯзаи зиндагии вай андеша намуда, пайваста ҳалли мусбии онҳо, хушбахтии индунёии қавм ва муттаҳидии ду давлати ҷудогардидаро хоҳон будаанд. Таълимоти мазкур асоси бунёдии дигар китобҳои пайғамбарони яҳудро ташкил менамоянд.

Дар охири қарни VIII дар як вақт китобҳои пайғамбарон Мико ва Ишаёи якум пайдо мешаванд. Китоби пайғамбар Мико низ чун китобҳои пайғамбарони зикргардида бухрони иҷтимоию маънавии ҳукмронро ошкоро фош намуда, ба таври қатъӣ маҳкум менамояд. Пайғамбар аз номи Худо ба сарварони Яҳудо ва Исроил муроҷиат намуда, онҳоро барои зулму тааддӣ аз болои табақаи поён ва содир намудани беадолатиҳо гунаҳгор месозад(3:3). Пайғамбарро нороҳат месозад, ки дар ҷомеа ришвахӯрӣ авҷ гирифтаасту байни падару писар, духтару модар ва келину модаршӯ адоват ҳукмрон шудааст(7:3-6). Пайғамбар чун орзу ва ҳадафи худ аз он рӯзҳое ёдовар мешавад, ки Худо дар байни қавмҳои мухталиф доварӣ менамояду онҳо бидуни ихтилоф дар фазои сулҳу осоиш бидуни ҷанг умр ба сар мебаранд ва ҳар қавм худои худро ибодат мекунад(4:3-5). Дар робита ба

андешаи овардашуда мо таъкид мекунем, ки ин андеша аз ҷанбаи таҳаммулпазиронаи афкори пайғамбар Мико гувоҳӣ медиҳад.

Қобили зикр аст, ки мундариҷаи китоби Ишаёи набӣ низ чун мундариҷаи китобҳои дигар набиҳо хусусияти қавмдӯстона ва норизогӣ аз муҳити носозгори ҳукмронро дорад. Зарурат ба таъкид аст, ки дар китоби мазкур дар боби ду бандҳои 2-4-ро бо бандҳои 1-3 аз боби дуюми китоби Мико аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ва такрори калимаҳо ҳамсон ёфта, ба чунин хулоса мерасем, ки китобҳои мазкур ҳадафнок мураттаб гардида, орзуву омоли пайғамбарони яҳудро дар бораи тақдири қавм ифода мекунанд. Ҷанбаи қобили таваҷҷуҳ дар он ифода меёбад, ки тибқи порчаи мазкур каломи Худованд аз Сион бармеояд.  Ӯ дар миёни халқҳо доварӣ карда, қавмҳои бисёрро танбеҳ хоҳад намуд, ва ҳеҷ халқе бар халқе шамшер нахоҳад кашид ва ҷангро дигар таълим нахоҳанд гирифт.

Пайғамбар Ишаъёро низ чун дигар пайғамбарон мушкилоти сиёсӣ-иҷтимоӣ сахт нороҳат мекард. Ӯ дар ташвиш афтода буд, ки «Замини шумо харобазор гардидааст; шаҳрҳои шумо ба оташ сӯхтааст; саҳроҳои шуморо дар пеши назари шумо бегонаҳо мехӯранд, ва харобӣ асари торумори бегонаҳост» (1:7). Пайғамбар аз номи Худованд овоз баланд мекунад, ки «Мирони ту худсар шуда, шарики дуздон гардидаанд; ҳар яке аз онҳо ришваро дӯст медоранд ва аз паи бахшишҳо медаванд; ба ятим додгарӣ намекунанд, ва даъвои бевазан назди онҳо намеояд» (1:23). Ӯ хеле дар изтироб аст, ки подшоҳи Ашшур сарвати Димишқу ғанимати Сомарияро бурда, туғёнаш ба Яҳудо расидааст (8:4-10). Ахиран ҳамчун орзую омоли як ватандӯст Ишаъё низ аз он рӯз пешгӯӣ мекунад, ки Худованд Бобилу Ошшурро шикаст медиҳаду (14:22-25) қавми ӯ аз болои ситамгарон ҳукмронӣ хоҳад намуд(14:1-2).

Ин ҷо мо бо овардани чанд намуна аз китобҳои пайғамбарони яҳуд иктифо намуда, қайд намудан мехоҳем, ки мазмуну мундариҷаи дигар китобҳои пайғамбарони яҳуд дар Таврот ба онҳо шабоҳат доранд. Пайғамбарони яҳуд воқеан ҳам зиёиёни бонангу номус ва ватандӯсти қавми худ ҳастанд, ки аз нобасомониҳои замона, беадолатиҳои подшоҳон,

бешарафии занҳо, парокандагии қавм ва ғайра ба дод омада, баъзан аз номи Худованд барои силсилаи гуноҳояшон қавмро ҷазо медиҳанд, ва баъзан орзую омоли худро дар хусуси салтанати қавм пешгӯӣ менамоянд.

Хулоса, огоҳии муфассал аз мазмуну мундариҷаи китобҳои пайғамбарони яҳуд гувоҳӣ медиҳанд, ки дини яҳудия моҳиятан дини дунявият. Вай ба хушбахтии қавм дар он дунё кор надорад. Мавзӯи мавриди таваҷҷуҳи дин, ки тавассути ҷазою пешгӯиҳои Худовандаш ошкор мегардад, ҳаёти индунёист.Пайғамбарони қавм бо истифода аз дин мехоҳанд қавмро муттаҳид сохта, аз тамоми мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ раҳо намоянд.  Чун қавм пайваста дар зери зулми дигарон будааст, пайғамбарон ҳамчун миллатдӯстони пештози қавм аз он рӯзе пешгӯӣ мекунанд, ки қавм аз болои дигарон ҳукмронӣ менамояд.

Ба масъалаи арзишҳои дунявӣ дар дини масеҳӣ даст зада, аллакай дар ибтидо таъкид намудан мехоҳем, ки агарчанде ҳам дини яҳудия ва ҳам масеҳия ба ҷумлаи динҳои сомӣ тааллуқ дошта, аз байни як қавм нашъа задаанд, лекин чун муҳити пайдоишу ташаккули онҳо гуногун буд, арзишҳои дунявӣ дар онҳо мақоми мухталифро касб намудаанд. Агар дини яҳудияро бидуни дудилагӣ дини дунявӣ номем, мо бо чунин дилпурӣ дини масеҳияро дини зуҳду тақводорӣ (дунёбезорӣ) меномем. Дини парҳезгорӣ номида шудани масеҳия бар он асос меёбад, ки вай дар оғоз дар байни он қишри ҷомеа ташаккул ёфт, ки пурра хусусияти парҳезгорӣ доштанд. Ба қавли дигар, дини масеҳӣ дар қарни I дар даврони салтанати империяи Рим дар байни қишре бо номи эссейҳо ташаккул меёбад. Вақте дар давраи мазкур зулму ситами империяи Рим аз болои қавмҳои мухталиф, ба хусус яҳудиҳо зиёд мешавад, аз байни қавм якчанд қишр ташаккул меёбанд, ки нисбат ба сиёсати римиҳо муносибати мухталиф доштанд. Агар дигар қишрҳо роҳҳои мухталифи мубориза ро ихтиёр намуда бошанд, пас эссейҳо гӯшанишиниро ихтиёр намуда, тибқи нишондоди муаллимашон амал мекарданд. Тарзи зиндагии зоҳидонаи онҳо, нафрат ба боигарӣ ва лаззатҳои заминӣ, боварӣ бо ҷовидонии рӯҳ ва ҳаёти баъд аз марг, мукофот ба аъмоли хайру ҷазо ба кирдори бад, эҳтироми қавӣ дар нибати

пешвои худ ба ҳаёт ва ҷаҳонбинии масеҳиёни аввал хеле шабоҳат доштанд[78].Бинобар ин, ҷои шубҳае нест, ки масеҳия маҳз аз байни чунин гурӯҳ нашъа зада баромадааст[79].Ба таври илова, доир ба хусусияти масеҳия метавон ба параграфи дуюми боби якуми «Хомии сулҳ» - и Марсили Падуянӣ муроҷиат намуд. Барои собит намудани хусусияти зоҳидона доштани дини масеҳӣ бо овардани порчаи зерин аз Инҷили Марқус иктифо менамоем: «Вақте ки ба роҳ мебаромад (манзур Исо аст – А.К.), касе назди ӯ шитофта, зону бар замин задва пурсид: «Эй, Устоди некӯ, чӣ кунам то вориси ҳаёти ҷовидонӣ шавам?» Исо ба вай гуфт: «Чаро маро некӯ мегӯӣ? Ҳеҷ кас некӯ нест, ҷуз Худои ягона. Аҳкомро медонӣ: «Зино накун; қатл накун; дуздӣ накун; шаҳодати бардурӯғ надеҳ; озор надеҳ; падару модаратро ҳурмат кун». Вай ба ҷавоби ӯ гуфт: «Эй Устод! Ҳамаи инро ман аз кӯдакӣ нигоҳ доштаам». Исо ба вай нигариста, дӯст дошт ва гуфт: «Туро як чиз намерасад: бирав, ҳар он чӣ дорӣ, бифурӯш ва ба мискинон бидеҳ, ва дар осмон ганҷе хоҳӣ ёфт; ва омада салиб бардор ва Маро пайравӣ кун». Лекин вай аз ин сухан ошуфта ва ғамгин шуда, рафт, чунки молу мулки бисёр дошт» (Марқӯс, 10:17-22).

Аммо дар асоси намунаи зикршуда набояд чунин бардошт намуд, ки дар дини масеҳӣ арзишҳои дунявӣ мақоме надоранд. Аввалан, саломатӣ ҳамчун арзиши олии инсонӣ дар масеҳия ҷойгоҳи хосе дошт. Аз мутолиаи Инҷил мо пайхас менамоем, ки ба ҳар куҷое, ки Исо мерафт, ҳатман ба муолиҷаи беморон даст мезад. Сониян, масеҳия танҳо кутуби муқаддас набуда, балки кирдору рафтори пешвоёни дин низ мебошад, зеро мардуми диндор ба онҳо эътиқод доранд. Ба қавле дин он нест, ки дар китобҳо навишта шудааст, балки ҳамон аст, ки мардум эътиқод дошта, парастиш менамоянд. Аз ин нигоҳ, агар ба фаъолияти калисо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои таълимотии дини масеҳия назар андозем, ҳолати баръаксро мушоҳида менамоем.Калисо барои тарафдорони папа худ ба худ предмети эътиқод буд. Аз ин ҷо ба бегуноҳии папа ва хайру баракати аз ӯ

[78]Иосиф Флавий. Иудейская война. Минск. 1991. – С. 401-402.
[79]Ниг.Абдулхаев Караматуллоҳ Абдухалилович. Основы эволюции идеи Бога в семитских религиях. Душанбе, 2003. – С. 17-20.

содиршаванда боварӣ ҳосил мегардад.Дар робита ба фаъолияти папа метавон аз анъанаи индульгенсия, ки дар равияи католикӣ маъмул аст, ёдовар шуд. Шахси гунаҳгор ба ивази пулу мол ё чизи арзишманде ба калисо муроҷиат менамояд ва калисо бар ивази подош шахсро аз гуноҳ пок месозад. Худи амали мазкур аз мақоми арзишҳои дунявӣ дар дини масеҳӣ гувоҳӣ медиҳад.

Калисо ҳамчун ниҳоди муҳими дини масеҳия дар тӯли фаъолияти худ ба арзишҳои дунявӣ, махсусан ҳокимияти дунявию васеъ намудани таъсиру нуфузи худ пайваста талош менамояд ва ҳамзамон бо ин рафтори худ сабаби асосии мушкилоти зиёди сиёсӣ-динӣ ва иҷтимоӣ дар олами масеҳӣ мегардад. Ба қавле талош барои ҳокимияти дунявӣ ва саъй барои васеъ намудани таъсиру нуфуз аз оғоз калисоро ҳамроҳӣ менамуд ва сабаби асосии тафриқа ва ҳатто адоват дар байни католикҳо ва православҳо гардида буд. Сиёсатшинос ва рӯзноманигори итолиёвӣ Ҷовани Бенси инчунин омилҳои дигари тафриқаро дар байни масеҳиён ёдовар мешавад. Ӯ менависад, ки «Исои Масеҳ ба шогирдон васият кардааст: «Бигзор ҳама ягона бошанд», аммо ҳеҷ яке аз фароизи Худо мисли ин ҳукм пайваста вайрон нагардидааст. Ҷудоӣ ва тафриқа таърихи калисои масеҳиро аз худи оғоз ҳамроҳӣ менамоянд. Ҳавворӣ Павел шикоят кардааст, ки баъзе «ҳавввориён» ва пайравони онҳо «Инҷили дигарро таълим медиҳанд». Аллакай дар қарнҳои аввали масеҳия таълимотҳое пайдо мешаванд, ки таълимоти калисоро мутобиқи хоҳиши худ шарҳ медиҳанд»[80]. Барои собит кардани андешаи худ Ҷовани Бенси гурӯҳҳои зеринро зикр менамояд: монтанизм, ҷараёнҳои монофелитӣ, монофизитӣ (калисоҳои эфиопӣ, арманӣ ва коптӣ пайравони онҳо гардиданд), арианӣ, несторианӣ (дар калисоҳои сурияӣ ва малабарӣ-сурияӣ муаррифӣ мегардад), инчунин иконаношиносӣ. Ҷои тааҷҷуб нест, ки ҷараёнҳои зикршуда на ба сабаби омили динӣ, балки маҳз омили дунявӣ ташаккул ёфтаанд.

---

[80].https: // www.ng.ru › ng_religii › 2_raskol Джованни Бенси, Великий раскол или борьба за власть в Церкви. Рӯзи муроҷиат:15.09.2021. соат: 8-30.

Ҳамзамон Михаил Поснов ба омили дигари дунявие ишора менамояд, ки дар ҷудоии калисо саҳим будааст. Ӯ менависад: «Бисёре аз рӯҳониён, муаррихон далелҳои бадбинии миллии лотиниҳо ва юнониҳоро дар қарнҳои XI-XII, ки ба бетаҳаммулии динӣ оварда буданд, фаромӯш намуда, бо тамоми нерӯ кӯшиш менамоянд собит намоянд, ки ҷудоии калисоҳо сабабҳои ҷиддӣ дошт ва мутлақо ногузир буд. Дар ҳақиқати ҳол баҳсҳои догматикӣ дар ҷудоии калисоҳо, махсусан пайдоиши сепаратизми динии русӣ таъсири зиёд надошт»[81]. Тибқи ақидаи муҳаққиқи мазкур бадбинии миллӣ, ки омили дунявист, сабаби ҷудогии калисо будааст.

Шиносоии ҷиддӣ бо таърихи калисо собит менамояд, ки аз байни омилҳои дунявӣ маҳз ҳокимиятхоҳӣ дар ҷудоии калисоҳо мақом ва нақши боризтар доштанд.Маҳз талош барои ҳокимияти дунявӣ ва васеъ намудани доираи таъсиру нуфуз сабаби асосии тафриқа дар дини масеҳӣ гардида, ихтилофҳои дигарро эҷод сохтаанд. Вақте ки Константини Бузург пойтахти Римро дар қарни IV ба Константинопол мекӯчонад, ин кӯчиш ба пайдоиши ду калисо-калисои шарқӣ ва ғарбӣ сабаб гардида, муҷиби рақобат дар оянда мегардад. Дар раванди ин рақобат патриархҳои Константинопол аз ҳолати ба пойтахт ва император наздик буданашон сӯиистифода мебурданд. Ҳамин тавр, тақсимшавии империяи бузург ба Рими Ғарбӣ ва Рими Шарқӣ ва вобаста ба он пайдоиши ду калисо – калисои ғарбӣ ва шарқӣ муҷиби рақобат ва муборизаҳои байниҳамдигарӣ барои васеъ намудани таъсиру нуфуз мегардад, ки бешак аз нақши боризи омили дунявӣ гувоҳӣ медиҳад.

Агарчанде баъд аз ҷудоӣ патриархи Константинопол мақоми муҳимро соҳиб мегардад, аммо вай дар низоми идоракунии Византия яке аз ҳалқаҳое маҳсуб меёфт. Дар муқобили он усқуфи Римро (Баъд аз афтиши империяи Рим) лозим мегардад, ки уҳдадориҳои ҳокими дунявиро низ ба зима гирад, чун вазъи сиёсӣ дар Италия, Испания, Фаронса ва Олмон муддати дароз ноустувор монда буд. Ҳамин тағйирёбии вазъи сиёсӣ ва васеъ гардидани имкониятҳою ба ҳокимияти дунявӣ даст ёфтани усқуфҳои

[81]Opusdoi.org/ru/article/15-krankaya-is. Рӯзимуроҷиат 10.09.2021. Соат 20-20.

Рим сабаб мегарданд, ки онҳо дар оянда низ барои ҳокимияти дунявӣ ва васеъ намудани он пайваста талош намоянд. Дар қарнҳои VIII-IX папаҳо барои худ пуштибонҳои нав – шоҳони франкҳо ва баъд императорони германиро интихоб мекунанд. Папаҳои Рим устуворона талош мекарданд, ки даъвои худро барои ҳокимияти давлатӣ ва рӯҳонии бартариятноки ҷаҳонӣ будани худро асоснок намоянд. Бо ин мақсад ҳуҷҷатҳои худсохти бисёр истифода мебаранд. Гӯё, бартарияти калисои Рим аз он бармеомада бошад, ки Пётр, ки ба он Исои Масеҳ «калиди осмон» - ро супоридааст, марги шаҳидиро маҳз дар Рим чашидааст[82]. Таваҷҷуҳ бояд намуд, ки барои ба ҳокимияти давлатӣ таъсиргузор будан соҳибони дин ба макру ҳила низ рӯ меоранд.

Дар ду муҳити мухталиф фаъолият намудани калисоҳо омили эҷодкориҳои мухталиф дар таълимотҳои динӣ мегарданд. Вобаста ба ин, зиддият байни патриархи Константинопол ва папаи Рим дар қарни IXшакли идеологиро касб менамояд. Масъалаи филиоква (лотинӣ: руҳи муқаддас ҳам аз Падар ва ҳам Писар судур менамояд. – А.К.) мубрам мегардад.  Руҳониёни шарқӣ қатъиян рад мекунанд, ки ба рамзи никео-константинополии имон муқаррароти «рӯҳи муқаддас на танҳо аз Падар, балки аз Писар низ судур менамояд», ки онро аз «овард» - ҳои Карли Бузург қабул карда буданд, ворид кунанд.  Дар солҳои 60-ум барои таъсир расонидан ба Булғория мубоҳиса боз авҷ мегирад, ки дар раванди он патриарх Фотий ба рақибони ғарбии худ як қатор эътирозҳои маросимии худро пешниҳод мекунад. Ғайр аз филиоква, ки масъалаи бунёдӣ буд, боз онҳоро дар чанд масъалаи дигар низ гунаҳгор менамояд, аз ҷумла, дар тарошидани риш, рӯзагирӣ дар рӯзи шанбе, на бо хлеби «зинда» - и квасӣ, балки бо нони бенамак чашидан, нисбат ба рӯҳонии зандори шарқӣ сухани беэҳтиромона гуфтан. Фотий акнун расман патриархи ҷаҳонӣ ҳисобида мешавад. Ин амал аз тарафи калисои ғарбӣ ҳамчун дастдарозӣ барои авлавият арзёбӣ мегардад. Агарчанде баъд аз чанд муддат зиддият

[82]Protocol.ua/ru/globalnaya_tragediya. Рузимуроҷиат 10.09.2021. Соати 23-20

хомӯш меёбад, лекин баҳсҳо қатъ намегарданд, зеро руҳониёни калисои ғарбӣ дар рақибони шарқии худ шахсиятҳои ба сарвату шукӯҳ додашуда ва ба ҳокимияти дунявӣ тобеъро мебинанд, ки решаҳои калисои сахтгирро хароб менамояд.Калисодорони шарқӣ бошад, дар мухолифони худ ёрдамчиёни дағали ваҳшиеро мебинанд, ки ҳокимонашон бисёр фаъолона ва таҷовузкорона ба масъалаи имон қонунҳои навро дохил намуда, ба таълимоти калисо дахолат менамоянд. Яъне, манфиатҳои сиёсии папачигӣ ва императори Византия боҳам бармехӯранд. Византия кӯшиш мекард, ки ба корҳои калисо дар соҳаҳое, ки папа аз они худ меҳисобид, дахолат намояд. Папа Лев IX кӯшиш мекард, ки маросимҳои лотиниро дар вилоятҳои юнонии Италияи Ҷанубӣ, ки дар зери роҳбарии византиягиҳо аст, интишор намояд. Байни патриарх Михаил Керуларий ва Леви IX мукотиба сурат мегирад. Папа дар бартарияти худ устуворӣ нишон медиҳад. Михаил бошад, эътироз менамояд. Дар атрофи масоили динии фавқуззикр мубоҳисаҳо шадид мегарданд.

Дар оғози соли 1054 легат(расул)-ҳои папабарои гуфтугӯ бо император бо сардории усқуф Гумберт ирсол мегарданд. Онҳо барои гуфтугӯ бо калисои Константинопол низ супориш доштанд. Сафирони Леви IX дар нисбати Михаил ва тарафдорони вай такаббурӣ зоҳир менамоянд. Онҳо бо Никита Стифат (намояндаи донои патриарх) мубоҳиса ороста, ӯро мағлубшуда меҳисобанд. Патриарх низ кӯшиш менамояд, ки манзалаи сафирони омадаро паст намояд. Ӯ Гумберт ва дигар легатҳоро ба маҷлиси ҷомеъ даъват намуда, онҳоро дар қафои архиерҳои юнонӣ ҷой нишон медиҳад.

16 июни соли 1054 кардинал Гумберт дар бораи такфири Михаил Керулария ва баъзе тарафдоронаш дар маъбади Софияи муқаддас бо садои «худо мебинад ва ҳукм мекунад» дар алтар булла мегузорад. Ба сифати вокуниш ба ин амал дар шаҳр изтироб ба вуҷуд меояд ва легатҳо маҷбур мегарданд, ки гурезанд. Кӯшиши император барои мусолиҳаи руҳониён натиҷа намедиҳад. Патриарх Михаил дар пойтахт маҷлиси ҷомеъ ҷамъ

оварда, ҳамаи онҳоеро, ки буллаи мазкурро таълиф медиҳад, ба анафема (лаънат хондан) медиҳад.

Ҳамин тавр, ба сабаби омили дунявӣ калисои масеҳӣ ба ду қисмат тақсим мегардад ва хоҳишу талош барои яке аз арзишҳои муҳими дунявӣ - ҳокимияти дунявӣ ва васеъ намудани доираи таъсиру нуфуз рақобату муборизаро дар байни онҳо эҷод менамояд. Дар натиҷа унвони «православие» ба калисои шарқӣ баъд аз ҷудоии расмии калисо дар соли 1054, вақте калисои ғарбӣба худ унвони «католикӣ», яъне куллиро ба худ касб мекунад, насб мегардад, агарчанде истилоҳи мазкур то ҷудоии калисо вуҷуд дошт. Климент Александрийский бо он дини ҳақиқӣ ва ягонафикрии тамоми калисоро дар муқобили дигарандешӣ ифода намудааст.

Қобили зикр аст, ки дар таърихи калисо мафҳуми «Асорати Авиньон» ва ҳодисаҳои марбут ба он маҳз дар натиҷаи мубориза барои арзишҳои дунявӣ – сарват пайдо шудааст. Масъалаҳои андоз супоридан ё насупоридани рӯҳониён, пур кардани хазинаи папа аз ҳисоби сарватҳои Фаронса, ба хотири сарват таҳдиди бо такфири шоҳи Фаронса, куштори папа Бонифитсий VIII, кӯчонидани пойтахти папа аз Рим ба шаҳри Авинъони Фаронса ва таъин гардидани папаҳо аз ҳисоби фаронсавиҳо дар солҳои асорат – аз соли 1309 то 1377 аз ҷумлаи ҳодисаҳои асосии асорати Авинъон маҳсуб ёфта, маҳз дар натиҷаи ихтилофи папа бо шоҳи Фаронса барои сарват сурат гирифтаанд.

Хулоса, агар дар сарчашмаи асосии дини масеҳия – китобҳои муқаддаси он арзишҳои дунявӣ мақоми арзишманде надошта бошанд ҳам, аммо дар ниҳоди татбиққунандаи арзишу ҳадафҳои динӣ – калисо арзишҳои дунявӣ, махсусан ҳокимият ва сарват мақоми муҳимро дошт.

Боби мазкурро ҷамъбаст намуда, ба хулосае меоем, ки дунявият ба маънои ифодаи манфиату талабот ва ниёзҳои заминӣ (дунявӣ) – и инсон вобаста ба сатҳи рушди ҷомеа ҳамеша дар ҳаёти башарӣ ҷойгоҳи худро дошт. Ғояҳои дунявӣ дар таълимоти аксари мутафаккирони барҷаста бо шаклу анвои гуногун ба чашм мерасад. Ифодаи ғояҳои дунявӣ дар динҳои сомии тоисломӣ низ бо шаклҳои гуногун барҷаста ба чашм мерасад.

Агарчанде дар Аврупои қуруни 16-19 вай маънои ҷудоии дин аз давлатро ифода намуд, лекин имрӯз то андозае муқобилмаънои диният гардида, қариб дар тамоми ибораҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, адабӣ ва амсоли инҳо ба манфиатҳои заминии инсон ишора менамояд. Гузашта аз ин, дунявият ҳамчун унсури аз сиёсат вобаста дар зери таъсири муҳитҳои мухталиф таҳаввул ёфта, то андозаи шомили тобишҳои маъноии нав мегардад.

## Боби 2. Заминаҳои дунявият дар ислом

### 2.1.Асосҳои иҷтимоии муқаррар гардидани арзишҳои дунявӣ дар ислом

Дин ниҳодест, ки худ ба худ ҳеҷ гоҳ вуҷуд надошт ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Агар вай вуҷуд дорад, пас инсон ба вай ниёз доштааст. Чун ниёзу талаботҳои инсон ба дин хотима ёфтанд, дин низ аз фаъолият бозмемонад. Пас, дин танҳо ва танҳо тавассути ниёзу талаботҳои инсон арзи ҳастӣ менамояд.

Мушаххасан дин ниҳодест, ки ба қонеъ гардонидани талаботҳои маънавии инсон, хусусан ба вокуниш нишон додан ба ҳисси кунҷковии инсон оид ба муаммоҳои табиӣ ва иҷтимоии инсонро иҳотанамуда нигаронида шудааст. Аммо талаботҳои маънавии инсон аз ҳаёти моддии инсон, махсусан талаботҳои он ҳеҷ гоҳ ҷудо набуданд ва нестанд. Чун дар марҳилаи ибтидоии инкишофи ҷомеа ҳаёти моддӣ оддӣ буд, мутаносибан талаботҳои моддии инсон низ оддӣ буданд. Ин талаботҳои оддӣ аз дарёфти хӯрок, аз таъмини бехатарӣ, аз бартараф намудани зарарҳои моддӣ ва маънавии муҳити зисти худ ва амсоли инҳо иборат буданд. Қонеъ гардонидани талаботҳои мазкур аксаран бо ибодати арвоҳ ва маъбудони мухталиф ҳамчун самти муҳими ҳаёти маънавии одамон ва василаи иловагии пешбурди зиндагӣ ҳамроҳӣ мегардид.

Дар динҳои рушднамуда низ иҷрои вазифаҳои мазкури дин боқӣ мемонад, аммо вай шакли навро касб менамояд. Чун ҳаёти моддӣ пешрафт менамояд, муаммоҳои пешин қисман ҳал мегарданд ва ҳамзамон муаммоҳои нав пайдо мешаванд. Муаммоҳо ва талаботҳои нав ва ҳалли онҳо дар ҳар дини нав вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоии муҳити ташаккули онҳо аз ҳам фарқ менамоянд.

Чун асосгузори буддоия – Гаутамаро масъалаҳои пирӣ, беморӣ ва марг нороҳат карда буданд, растан аз хоҳишу талаботҳоро чун сабаби азобу дарди зиндагӣ роҳи ҳалли масоили мазкур маҳсуб медонад. Яъне, чун ӯ писари шоҳ буд, ӯро на ниёзмандӣ ба талаботҳои моддӣ, балки арзишҳои ҳаётан боз ҳам муҳимтар нороҳат карда буданд. Пайғамбарони

яҳуд, ки қавми худро дар зери зулм ва истибдоди дуру дарози Ошӯриҳо, Мисриҳо ва Бобулиҳо дида буданд, масъалаи аввалиндарачаи ҳаётии худро дар зери партави худои миллии худ – Яҳве муттаҳид гардидан ва арзишҳои комилан миллиро ҳифз кардан диданд. Муҳити пурзулму пуристибдоди римиҳо дини масеҳиро ба вучуд овард ва буҳрони сиёсӣ-ичтимоии давлати Рим дар қарнҳои II-IVба хотири чалби таваччуҳи мардум аз мушкилоти ба вучудомада сабаби давлатӣ гардидани дини мазкур гардид.

Дар нимчазираи Арабистон низ дар арафаи ташаккули ислом як идда масъалаҳои ҳаётан муҳими ичтимоии ҳалталаб пухта расида буданд. Аз чумла, ниёз ба умумияти сиёсӣ, ниёз ба сарвари ягона, ниёз ба умумияти этникии қавӣ, ислоҳи ахлоқии чомеа пайдо шуда буданд. Қонунияти сурат гирифтани як тағйироти куллиро дар дилхоҳ чомеа муҳаққиқи маъруф ва барчаста Чурчӣ Зайдон хеле равшан ба таври зер ба қалам додааст: «Он чӣ мусаллам аст, афроди оддӣ то дар фишори факр воқеъ нашаванд, барои маош талош намекунанд ва то хорӣ накашанд, барои тараққии худ намекӯшанд ва камтар иттифоқ афтода, ки фарде бидуни тамос бо мардуми мутамаддин ва бидуни ин ки таҳти фишор қарор гирифта бошад, барои пешрафт ва тараққии худ бикӯшад. Ин вазъи афроди мардум аст, ва аммо ҳайъатҳои ичтимоъ ғолибан баъд аз чангҳои хоричӣ ва ё инқилоботи дохилӣ ба ҳаячон меоянд ва барои тараққӣ ва таолии хеш мекӯшанд ва албатта чангҳои хоричӣ дар ин маврид муассиртар аст, зеро дар замони чанг миллатҳо бо якдигар тамос пайдо мекунанд ва муҳассаноту маойиби худро дарк менамоянд ва биттабъ дар садади ислоҳи нақисаҳои худ бармеоянд. Далоили таърихӣ барои сиҳати ин гуфтор бисёр аст.

Иттифоқан дар ду қарни қабл аз ислом ҳамин вақоеъ барои аъроб пеш омад ва ононро такон дода ба фикри тараққӣ ва таолӣ андохт бо ин маънӣ, ки дар он авқот сипоҳиёни Ҳабаша бар Яман даст ёфтанд ва дар авосити қарни аввал пеш аз ҳичрат ҳабашиҳо ба қасди тасхири Макка ва Каъба ба Ҳичоз омаданд.

Арабҳои Ҳичоз, ба хусус мардуми Макка ва Қурайш то он рӯз чунон хатареро пешбинӣ намекарданд, зеро ҳар чӣ дида ва шунида буданд,

эҳтirому ситоиши соири қабоил аз Каъба ва Макка будааст, вале ҳамин ки Абдулмуталлиб ҷадди пайғамбари акрам (с)пардадор ва нигаҳбони Каъба аз омадани сипоҳиёни Ҳабаша бо филҳои ҷангӣ хабардор шуд, худ ва қавмаш (қурайш) ногаҳон донистанд, ки чӣ хатари бузурге мутаваҷҷеҳи онон гаштааст ва мутобиқи қонуни табиат қуввои руҳӣ ва ҷисмии хешро ҷамъоварӣ карда, муҳайёи дифоъ шуданд ва ҳушёрӣ ва хирадмандии ниҳонии худро ошкор сохтанд ва ба қадре ин пешомад дар авзои мардуми Ҳиҷоз таъсир дошт, ки соли воқеаро мабдаи таърих қарор дода, соли пил (ом- ул- фил) хонданд. Таъсири ин воқеа на танҳо муҷиби наҳзати адабӣ ва динии ҳиҷозиён гашт, балки дар натиҷаи он сиёсатмадорон ва нобиғаҳое миёни онҳо зуҳур кард, ки дар пешрафти ислом вуҷуди онон муассир воқеъ шуд, ҳамчунон ки пас аз инқилоби Фаронса ашхосе мисли Бонапарт падид омаданд ва дар пешрафти сиёсати Фаронса омили муҳиме ба шумор омаданд.

Боре воқеаи (омулфил) оғози наҳзати аъроби Ҳиҷоз намегардад, балки фатҳи Яман пеш даромад ва омулфил мутаммими он наҳзат мебошад ва дар ҳар ҳол чӣ фатҳи Яман ба дасти ҳабашиён муъҷиби наҳзати аъроби Ҳиҷоз бошад ва чӣ омадани сипоҳиёни ҳабаша бо филҳои ҷангӣ ба тарафи Макка боиси ҷанбу ҷуши он мардум гашта ва чӣ муъҷиботи дигаре барои он наҳзат буда, дар ҳар ҳол пеш аз зуҳури ислом як навъ ғалаёни фикрӣ аз назари дин ва адабиёт миёни аъроб падид омада буд, ки барои пешрафти ислом муқаддимаи лозим ва табиӣ маҳсуб мешуд ва ғолибан даъватҳои динӣ дорои чунин муқаддимоте мебошад, яъне ибтидо як наҳзати динӣ ва адабӣ дар иҷтимоъ эҷод мегардад ва сипас замина барои интишор ва таъйиди диёнати ҷадид фароҳам мешавад»[83].

Бо андешаҳои мазкури Ҷурҷӣ Зайдон розӣ нашудан душвор аст. Дар воқеъ ҳам ҳодисаҳои сиёсии пеш аз пайдоиши ислом, ки таҳдиди ҷиддие ба қавм маҳсуб меёфт, дар пеши қавм масъалаҳои ҳифз ва ташкили умумияти сиёсии муташаккил ва умумияти этникии ягонаро дар мадди аввал гузошта

[83]Ҷурҷӣ Зайдон. Таърихи тамаддуни ислом. Теҳрон, 1382. – С. 18-19.

буд. Зеро арабе, ки ҳамеша дар ҳолати тохтутозу ҷанг  қарор дошт, аз қобилият ва маҳорати ҷангии хуб бархӯрдор буд, наметавонист, ки таҳдидҳои ҳарбии суратгирифтаро нодида бигирад.  Бинобар ин, вай нағз дарк менамуд, ки ба муқобили лашкарҳои қавӣ ва муташаккили давлатҳои комил бо умумияти  хурде, чун қабила ва авлод истодагарӣ намудан ғайриимкон аст. Яъне,  қавм истеъдоди ҷангии хуб дорад, аммо бо умумиятҳои нокомил бар зидди таҳдидҳои  нави динӣ-сиёсӣ муқовимат кардан ғайриимкон буд.  Умумияти этникӣ-сиёсии мавҷуда қудрат надошт, ки қавмро аз ҳуҷуми аҷнабиҳо ҳифз намояд. Муносибатҳои қабилавӣ-авлодии ҳукмрон ҷавобгӯи талаботи замон набуд.Дар Арабистони Марказӣ бошад то пайдоиши ислом аксаран сохти қабилавӣ-авлодӣ ҳукмрон буд. Яъне, ҳам дар биёбон ва ҳам дар воҳаҳо фард худро пеш аз ҳама узви қабилаи худ эҳсос менамуд. Танҳо дар қабила ва тавассути он фард метавонист, ки зиндагияшро пеш барад ва барои худ ҳадди ақалли бехатариро таъмин намояд.

Дар ҳолате, ки дар шимолу ҷануби Арабистон давлатҳои муташаккили сиёсӣ ташкил шуда буданд, Арабистони Марказӣ, махсусан баъд аз таҳдидҳои хатарнок аз тарафи ҳабашиҳо наметавонист дар ҳолати қабилавӣ –авлодӣ боқӣ бимонад.Яъне, зарурати бунёди умумияти сиёсӣ-этникии муташаккилро мавҷудияти шаҳрҳою давлатҳои аллакай вуҷуддошта дар шимолу ҷануби ниҷазира низ ногузир сохта буданд. Ин ҷо ба хотири огоҳии бештар пешкаш намудани маълумоти мухтасар дар бораи он давлатҳое,  ки дар шимолу ҷануби Арабистони Марказӣ дар қарнҳои VI-VII ( пеш  аз  ислом) арзи вуҷуд намудаанд,  аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аллакай, дар қарни II то мелод дар қисмати шимолу ғарбии Арабистон шоҳигарии Набатея пайдо мешавад. Ғайр аз ҳудуди Урдун набатейҳо қисмати ғарбии Арабистони имрӯзаро низ таҳти назорат доштаанд. Набатейҳо хати набатеӣ доштаанд, ки барои алифбои арабӣ ҳамчун асос хидмат намудааст. Баъд аз сесад сол римиҳо шоҳигарии Набатеяро забт менамоянд.

Дар қарнҳои IV –V бошад, дар Арабистони Шимолӣ шоҳигариҳое ташкил мешаванд, ки ба онҳо қабилаҳои Ғассониҳо ва Лаҳмиҳои Арабистони Ҷанубӣ асос гузошта буданд. Шоҳигариҳои мазкур дар ҳамшафатӣ бо минтақаҳои наздисарҳадии Рум ва Форс - абарқудратҳои пайваста бо ҳам ҷангкунандаи ҳамон замон - қарор доштанд, ва ба пуштибонҳои худ пайваста майл менамуданд. Яъне, Ғассониҳо ба юнониҳо ва Лаҳмиҳо ба форсҳо такя менамуданд. Пойтахти шоҳигарии Ғассониҳо Ҷабия ва пойтахти Лаҳмиҳо Ҳира буд. Лаҳмиҳо дар рушди фарҳанги арабҳо нақши бузург бозидаанд. Ба он ҷо шоирони араб аз Арабистони Шимолӣ ва Марказӣ меомаданд ва шояд, ки хати арабӣ аввалин маротиба дар мукотибаҳои расмӣ дар он ҷо мавриди истифода қарор гирифта бошад. Ҳар ду қабила пайрави масеҳият буданд, аммо ғассониҳо ҷараёни монофизитӣ ва лаҳмиҳо несторианиро пайравӣ менамуданд.

Дар қисмати ҷанубӣ-ғарбии Арабистон шоҳигарии Ҳимяр соҳибнуфуз гардида буд. Шоҳигарии мазкур соли 115 то мелод шоҳигарии Сабаъро иваз намудааст. Тадриҷан дар замони ҳукмронии Зу - Нувос дар шоҳигарии Ҳимяриҳо мақоми қавиро яҳудия ишғол менамояд. Дар қарнҳои IV-VI ҳабашиҳо ду маротиба ба Арабистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ ҳуҷум намуда, онро торумор менамоянд. Баъд аз ҳуҷуми дуюм гарнизони ҳабашиҳо бо сардории гумоштаи ҳабашиҳо Абраҳа шӯриш мебардорад ва давлати мустақили Ҳимярро бо пойтахташ Сана, ки зердасти Рум маҳсуб меёфт, ба вуҷуд меоварад. Сана бошад, ба маркази интишори масеҳият дар Арабистони Ҷанубӣ табдил меёбад.

Мувофиқи маълумоти муаррихон чанд муддат дар Арабистони Марказӣ низ давлати Кинд, ки асоси онро қабилаи киндаи Арабистони Ҷанубӣ асос гузоштааст, арзи ҳастӣ намудааст. Равандҳои давлатсозӣ инчунин дар дигар шаҳрҳои Арабистони Марказӣ ҷой доштааст. Мувофиқи баъзе маълумотҳо чанде пеш аз таваллуди Муҳаммад шахсе

қариб, ки шоҳи Макка мегардидааст. Чунин ҳодиса дар Ясриб низ сурат гирифта будааст[84].

Чуноне ки маълум мегардад, дар қисматҳои шимолу ҷануби нимҷазираи Арабистон давлатҳои муташаккили сиёсӣ кайҳо боз вуҷуд доштаанд, дар Арабистони Марказӣ низ новобаста аз ҳукмронии муносибатҳои қабилавӣ - авлодӣ кӯшиши бунёди умумияти сиёсии нисбатан муташаккил сурат гирифта будааст. Воқеан ҳам дар ҳолате, ки байни шимолу ҷануби нимҷазира тавассути Арабистони Марказӣ муносибатҳои тиҷоратӣ сурат мегирифт, вай наметавонист ба ҳаёти сиёсию динии Арабистони Марказӣ дуру дароз бетаъсир боқӣ монад. Гумон меравад, ки дар байни несторианҳои Ҳира ва Месопотамияи Марказӣ пайдо шудани ҷамоаи "Ибод" (Бандагони худо) маҳсули ҳамон таъсири робитаҳои фарҳангӣ маҳсуб меёбад. Г. Э. Грюнебаум менависад, ки "Ибодро ҳамчун пешгузаштаи уммаи (ҷамоа) исломӣ бояд арзёбӣ намуд, зеро вай аввалин намунаи маълуми муттаҳид гардидани "воизон"-и араб дар зери идеологияи умумӣ аст. Ин гурӯҳ, чун ҷамоаи мусулмонон дар солҳои аввали мавҷудияташ, вазифаи идоравии қабиларо бо вазифаҳои бародарии динӣ муттаҳид менамуд[85]. Дар асоси гуфтаҳои Г.Э. Грюнебаум метавон ба чунин хулоса омад, ки "умма"- и исломӣ дар ҷойи хушку холӣ пайдо нашудааст. Вай ҳам заминаҳои идеявӣ ва ҳам иҷтимоӣ доштааст.

Ҳамин тавр, вақте ки афкору ақоиди мухталифҷанбаи Юнон баъд аз ҳазор сол дар олами ислом аз худ дарак дод, имкон надорад, ҳаводиси сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии худи Арабистон дар тӯли ҳадди ақал аз 200 то 400 соли охир ба фаромӯшӣ рафта бошаду ба мафкураи наслҳои баъдина бетаъсир монда бошад. Ҳол он ки бобои Муҳаммад Абдулмуталлиб якҷоя бо қавмаш аз ҳуҷуми ҳабашиҳо огоҳ гардида будааст. Дар Қуръон бошад, дар хусуси қавмҳои Од ва Самуд, ки дар Арабистони Ҷанубӣ зиста, ҳамзамони шоҳигариҳои Калдониёну Ошшуриён дар Шимол будаанд, маълумот дода мешавад.

---

[84]http: www.ahmerov.com/book (Санаи мурочиаат: 18.06.2021).
[85]Г.Э. фон Грюнебаум. Классический ислам. М.: 1988. – С. 23.

Хулоса, дар арафаи пайдоиши ислом барои дар Арабистони Марказӣ ташкил ёфтани як умумияти сиёсии нисбатан муташаккил тамоми шароитҳо фаро расида буданд. Барои аз умумияти қабилавӣ- авлодӣ ба умумияти нисбатан пешрафта табдил ёфтани ҷомеа омили муҳим ва такони ҷиддие зарур буд. Ҳамин омили муҳим ва такони ҷиддӣ дини ислом гардид.

Қобили зикр аст, ки дар арафаи пайдоиши дини ислом Арабистони Марказӣ на танҳо аз лиҳози сохтори сиёсӣ, балки аз лиҳози фазои маънавӣ, махсусан шакли эътиқоди динӣ низ хеле қафомонда буд ва ба як таҳаввулоти ҷиддӣ ниёз дошт. Новобаста ба таъсири зиёд ва афзояндаи динҳои бегона дар охири қарни VI дар нимҷазирраи Арабистон бутпарастӣ бартарият дошт. Арабҳо ситораҳоро мепарастиданд ва ба бутҳо дар шакли сангҳо эътиқод доштанд. Дар Каъба (парастишгоҳ дар шакли куб) - и Гайман (шаҳр дар Арабистони Ҷанубӣ) худо дар шакли «санги сурх», дар Каъбаи ал-Абалата дар шакли «санги сафед» мавриди парастиш қарор дошт. Дар Макка бошад, «санги сиёҳ» мавҷуд буд. Каъбаи шаҳрҳои зикршуда ҳам аз рӯи шакл ва ҳам мундариҷа якхела будаанд. Дар Каъбаи Макка 360 бут мавҷуд будааст. Дар қисмати шарқии бино «санги сиёҳ» - метеорити обгардида маҳкам гардидааст. Дар марказ бути Ҳубал ҷойгир будааст. Дар ҳамшафатии Каъба ду теппаи на он қадар калон ас-Сафо ва ал-Марва қарор доштаанд. Дар теппаи якум бути Исаф ва дар теппаи дуюм бути Наил мавҷуд будаанд. Ҳар як қабила худо-нигаҳбони худро доштааст. Ба ҷумлаи худоҳое, ки арабҳо мепарастидаанд, Аллоҳ низ дохил будааст. Номи мазкур аз калимаи «илоҳ» бо пайваст намудани артикли муайянии «ал» ташаккул ёфтааст. Тибқи фармудаҳои Қуръон бутпарастон аксаран зимни дар баҳр будан ба кӯмаки Аллоҳ ниёзманд мешудаанд. Баъзе худо-занҳои парастандашаванда - ал-Лот (шакли ҷинси занона аз Аллоҳ), ал-Узза (бузург) ва Манат (замон) «духтарони Аллоҳ» маҳсуб меёфтаанд. Падари худи Муҳаммад Абдуллоҳ, яъне бандаи Аллоҳ ном дошт.

Дар тасаввуроти динии арабҳо мақоми муҳимро инчунин ҷинҳо ва шайтонҳо, ки байни олами одамон ва олами худоҳо миёнҷӣ маҳсуб меёфтанд, ишғол менамудаанд. Ин рӯҳҳои нек ва бад тибқи иродаи худоҳо

ба одамон рафтору пиндорро талқин менамудаанд. Чунин ҳисобида мешуд, ки онҳо ба одамони муқаррарӣ аҳьён-аҳьён зоҳир мегарданд, лекин боз одамоне будаанд, ки тавассути онҳо ба дигарон пешгӯӣ менамудаанд. Онҳо Арроф (пешгӯикунандаҳо) ва коҳинон номида мешудаанд. Онҳо ояндаро пешгӯӣ менамудаанд, чизи гумшударо меҷӯстаанд, чизи пинҳонро дармеёфтаанд. Ҳар як қабила арроф ё коҳини худро доштааст.

Тасаввуроти аксари арабҳои минтақаи мазкур дар марҳилаи пайдоиши ислом хеле оддӣ ва ҷоҳилона буда, мавриди истеҳзою тамасхур қарор мегирифт. Араби бадавӣ ба зиндагии ухравӣ, ҳаёти баъд аз марг ва рӯзи ҳашр бовар надошт. Чун зиндагии ӯ дар сахроҳо дар фақирию муҳтоҷӣ мегузашт, дар хотири ӯ барои рӯҳи диёнат ва ҳисоби охират ҷое набуд. Яъне, тамоми ҳастии ӯ барои таъмини моддии зиндагияш нигаронида шуда буд. Агар бутҳои худро парастиш мекард ва аҳёнан ҳадя ва қурбонӣ ба онҳо тақдим менамуд, ин ҳам барои рафъи ниёзмандиҳои моддӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои дигари хеш буд. Баъзан ба бути хеш назр мекард, ки агар хатареро аз вай дафъ кунад, гӯсфанде ё шутуреро қурбонӣ мекунад. Аммо чун хатар мегузашт, ба ҷои гӯсфанду шутур, ки назди араб қимати зиёдтар дошт, оҳуи саҳроиеро сайд намуда, мекушт. Ӯ бовар дошт, ки бут намефаҳмад ва байни қурбониҳо тафовут гузошта наметавонад.  Аммо дар бисёр ҳолатҳо вақте ҳоҷати ӯ раво намегашт ва ё қурбонии ӯ мақбул намешуд, ба хашм меомад ва бутҳои худро дашном дода, онҳоро сангсор менамуд. Ҳато дар ҳолатҳои тангдастии сахт худои худро, ки солҳо ибодат карда буду аз орду хурмо иборат буд, мешикаст ва мехӯрд. Дар баъзе мавридҳо бутро аз худоии худ халъ мекард, ва сохтагӣ будану ночиз будани онро ошкор ба ӯ гушзад мекард[86]. (Қобили зикр аст, ки дар Қуръон низ сохта будани бут, ба офариниш қодир набудан, надоштани қудрати на манфиат ва на зарар расонидан дар оятҳои зерин зикр шудаанд: (5:76); (7:191,192); (10:18); (19:42); (21:66); (22:12)). Ин бутҳо баъзе ба ин ё он хонавода тааллуқ доштанд ва баъзеи дигар аз они тамоми

[86]Абдулҳусайни Заррикуб. Таърихи Эрон баъд аз ислом. Чопи даҳум. Теҳрон. Муассисаи интишороти кабир. 1383, Ҷилди 3. – С.8.

қабила буданд. Дар Макка аҳли ҳар хонае буте дошт, ки парастиш мекард. Пеш аз сафар рафтан ва баъди бозгашт аз сафар бути худро масҳ мекарданд. Ҳар кӣ аз Макка сафар мекард, санге ҳамроҳи худ мебурд ва дар макони нави худ сангро насб карда, гирди он тавоф менамуд. Ба ғайр аз бутҳои хонагӣ боз бутҳое низ вуҷуд доштанд, ки онҳоро як ё якчанд қабила ибодат мекарданд. Баъзе бутҳо аз санг тарошида шуда буданд. Боз пормасангҳое низ буданд, ки арабҳо онҳоро ҷо-ҷо насб мекарданду гирди он тавоф мекарданд. Хуну чарби қурбониро бар он мемолиданд. Ҳар яке аз ин бутҳо дар миёни қабила «хона» ё маъбаде дошт ва онро хидматгузоре буд. Чунон ки маъбади Лот дар Тоиф парастишгоҳи муътабар буд, маъбади Фалас дар байни қабилаи Тай макони эътибори махсус буд, Каъба парастишгоҳи бути Ҳубал бут, ки чун Уззо назди Қурайш ва аҳли Макка парастиш мешуд. Маъбади Уззо дар беруни Макка қарор дошт. Манот буте буд, ки дар Ясриб қабилаҳои Авс ва Хазраҷ ибодат мекарданд[87]. Араб дар бодия ҳафтаҳо сафар мекард. Гуруснагӣ ва гармои ҳаво дар мафкураи араб чунин андешаро ҷой карда буд, ки бодия аз ғулу ҷин пур аст. Ин ғулу ҷинҳо метавонистанд ҳам некӣ кунанд ва ҳам бадӣ. Бинобар ин араб мекӯшид, ки бо онҳо робитаи дӯстӣ барпо намояд. Ҷин дар воқеъ аз таҷассуми ваҳшат ва ҳарос иборат буд, ки сахтӣ ва шиқои он дар зеҳни он талқин мекард. Ҷин аз нигоҳи араб мавҷуди номаръӣ буд ва вай метавонист дар ҳар шакле, ки хоҳад дарояд.

Чунин тасаввуротҳои содда ва хоси ҷамоаҳои қабилавӣ - авлодӣ ҷавобгӯи талаботи замон набуд. Зеро аллакай на танҳо дар кишварҳои ҳамсояе, ки бо онҳо арабҳои Ҳиҷоз доду гирифт мекарданд, балки дар худи Ҳиҷоз низ тасаввурот дар бораи худои тавҳидӣ пайдо шуда буд ва ногузирии таҳаввулоти эътиқодиро ба маърaз гузошта буд.

Ин ҷо месазад ёдрас намуд, ки дар Макка ғайр аз тасаввуротҳои зикршуда боз тасаввурот дар бораи Аллоҳ низ шакл гирифта буд. (Ниг.Сураи «Анкабут», ояти 61). Тибқи ақидаи Грюнебаум Г.Э. Каъба то Муҳаммад на ибодатгоҳи Ҳубали набатеӣ ё 359 бути дигар, балки маъбади

---

[87]Ҳамон ҷо; - С. 9.

аввалин ва асосии маҳз Аллоҳ будааст[88]. Мувофиқи маълумоти Қуръон онҳоро ҳаниф меномиданд. Онҳо танҳо худои ягонаро ибодат менамудаанд.

Ҳамзамон дар арафаи пайдоиши дини ислом дар кишварҳои ҳамсояи нимҷазираи Арабистон динҳои яҳудию масеҳӣ ва эрониасос аллакай пайдо шуда қувват гирифта буданд ва барои интишор додани таълимоти динии худ ба кишварҳои ғайр, аз ҷумла Арабистон мубориза мебурданд. Чуноне, ки фактҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, муборизаи динҳои мазкур барои тасхири Арабистон бенатиҷа наанҷомидааст. Дар натиҷаи чунин муборизаҳо дар қисматҳои ҷанубу шимоли Арабистон ва манотиқи сарҳадии он динҳои яҳудию масеҳӣ ва зардуштӣ ҷойгоҳи муносибе барои худ касб мекунанд ва барои интишор додани доираи нуфузи худ ба Арабистони Марказӣ саъю талоши зиёде ба харҷ медиҳанд.

Набояд фаромӯш сохт, ки мавқеи ҷуғрофии Ҳиҷоз барои огоҳӣ бо таълимотҳои динии зикршуда хеле мувофиқ буд, чун вай дар сари роҳи корвонҳои тиҷоратии шимолу ҷануб қарор дошт. Доир ба мавқеи Ҳиҷоз ва таъсири фарҳанги ғайр ба он муҳаққиқони бонуфузи Ғарб хеле дуруст зикр сохтаанд: «Ҳиҷоз ба унвони бахше аз Арабистони бохтарӣ, ки роҳи буҳур аз он мегузашт, пайваста аз лиҳози суқулҷайшӣ (тиҷорати пурҷӯш) вазъе мумтоз дошт. Ва ин вазъ дар давраи пас аз суқути Тадаммур мазияти бештар пайдо кард, ки тадриҷан бозаргонии ҷаҳонӣ аз роҳи Байнаннаҳрайн ба роҳи Арабистони ғарбӣ интиқол ёфт. Аз лиҳози фарҳангӣ низ Ҳиҷоз аз ин вазъ баҳраманд шуд, чи дарҳои он бар рӯи ду нуфузи динии муҳим дар ҷазиратулараб боз буд: масеҳият бо пойгоҳи он дар Наҷрон ва яҳудият бо пойгоҳи он дар Ясриб. Вазъи ҷуғрофиёи Макка бар сари роҳи адвия дар нимароҳи Наҷрони масеҳӣ ва Ясриби яҳудӣ табиатан ин шаҳрро дар маърази ду ҷараёни ҳаёти иқтисодӣ ва динӣ қарор дода буд, ки дар Арабистони бохтарӣ ғалаба дошт. Ногузир Макка маҳалли талоқии ин ду ҷараён шуд ва ин шаҳр дар давраи пеш аз ислом ба сурате ғайри қобили тафкик ҳам як корвоншаҳр буд ва ҳам як шаҳри

[88]Г.Э. фон Грюнебаум. Классический ислам. М.: 1988. – С. 25.

муқаддас»[89]. Дар воқеъ ҳам мавқеи ҷуғрофии Макка, яъне дар роҳи тиҷоратии шимол ва ҷануб қарор доштан вайро ба шаҳр мубаддал сохта, ба ҳаёти сиёсию динии он таъсири зиёд мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, он дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти сиёсию динии қисмати шимолу ҷануби нимҷазираи Арабистон рух медиҳанд, тадриҷан дар ҳаёти динӣ – сиёсии Арабистони Марказӣ низ инъикос меёбанд. Ҳаводиси назарраси дар қисмати шимолу ҷануби нимҷазираи Арабистонсуратгирифта асосан аз ҳуҷуми ҳабашиҳо ва бо суръати баланд интишор гардидани динҳои яҳудию масеҳӣ ва то андозае эронӣ иборат мебошанд. Интишори динҳои мазкур ба вазъи динии минтақаҳои номбурда бетаъсир набуд. Худи таҳаввулотҳои динии дар ҷануби Арабистон суратгирифтаистода хеле ҷолиб мебошанд. Чуноне, ки таърихнигорони машҳури Ғарб менависанд, «... рақобате миёни динҳои Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид пайдо шуд, ки метавон онро «мубориза барои тасхири Арабистон» номид. Мубориза дар рубъи аввали қарни шашум ба авҷ расид ва он ҳангоме буд, ки шоҳи яҳудӣ дар он мекӯшид, ки дини яҳудиро ба сурати муназзам дар ҷануб истиқрор бахшад. Бархӯрд бо масеҳият иҷтинобнопазир шуд ва бо қатли омми масеҳиёни Наҷрон анҷомид»[90].

Воқеан ҳам вақте ба далелҳои таърихӣ рӯ меорем, пеши назари мо як манзараи ҷолиби Арабистони Марказӣ ҷилвагар мешавад. Аллакай дар қарнҳои IV-V дар ҷануби Арабистонба таври васеъ яҳудия интишор ёфта буд. Шоҳ Кариб дини яҳудияро қабул менамояд. Писар ва ворисиӯ Зу Нувос бошад, арабҳои масеҳиро мавриди таъқиби шадид қарор медиҳад. Вай ба таври фиреб шаҳри масеҳии Наҷронро ғасб намуда, амр намудааст, ки хандаққо канда, ба он моддаҳои сӯзанда резанд. Ҳар касе, ки аз қабули дини яҳудӣ даст кашидааст, зинда ба он хандақ партофтаанд. Мавъизаҳои яҳудӣ инчунин дар қисматҳои марказӣ ва шимолии нимҷазираи Арабистон

[89]Таърихи ислом. Пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ. Алберри Артур Ҷон, Нолт Петер Малколм, Ламптон Анн Катерин Свунфорд, Тарҷумаи Аҳмади Ором. (Ба хатти форсӣ), Теҳрон, 1386. – С. 56.
[90]Ҳ амон ҷо; - С. 45.

низ бо муваффақият сурат мегирифтааст. Мустамликаҳои яҳудӣ дар бисёр воҳаҳои Ҳиҷоз ва Наҷд мавҷуд будаанд. Дар қисмати шимол аз шаҳри Макка  қабилаҳои зиёди яҳудӣ зиндагӣ менамудаанд. Дар шаҳри Ясриб (ҳоло Мадина) бошад се маскани яҳудӣ мавҷуд будааст. Дар он вақт дар байни яҳудиҳои Арабистон ғояҳои масеҳӣ дар бораи омадани масеҳ васеъ интишор ёфта буд.

Ҳамчунин чунин падида низ шомили аҳамияти бузург аст, ки аз қарни IV инҷониб арабҳо мавриди таваҷҷуҳи мубаллиғони масеҳии Сурия, Ҳабашистон ва то андозае юнониён қарор мегиранд. Монофизитҳо пайваста барои ба масеҳӣ табдил додани бадавиҳо талош менамуданд, дар қароргоҳҳои калон усқуфҳоро (епископҳо) таъин менамуданд. Несторианҳо низ фаъолияти таблиғотии васеъ мебурданд. Аз қарни V инҷониб дар Ҳира  ҳокимияти усқуфи несторианӣ вуҷуд дошт. Соли 410 дар Ҳира дайр (монастыр) таъсис дода мешавад ва усқуф таъин мегардад. Княз Ал-Мундир III (с.в. 554) зани масеҳӣ доштааст ва баъзе аз ашрофони ӯ низ масеҳӣ будаанд. Усқуфҳо дар соли 424 дар Уммон ва дар минтақаи Баҳрайн фаъолият мекардаанд ва соли 575 масеҳия аз ин манотиқ ба манотиқи ғайр интишор мегардад. Усқуфҳо инчунин дар Айл, Дума, Тайма мавҷуд будаанд ва аксари қабилаҳои шимол дар бораи масеҳия маълумоте доштаанд. Ҳокими охирини давлати Лаҳмиҳо дини масеҳиро қабул менамояд. Дар қисмати ба ҷануби Арабистон наздиктар шаҳри Наҷрон бунёд мегардад, ки он ба маркази масеҳия табдил меёбад. Шаҳри мазкурро мубаллиғи несторианӣ Фамийӣу таъсис дода, тамоми одамони минтақаро масеҳӣ мегардонад.

Тибқи баъзе маълумотҳо хати арабии шимолӣ, ки бо он Қуръон навишта шудааст, сад сол пеш аз ислом аз тарафи мубаллиғони масеҳии Ҳира сохта шудааст. Аввалин навиштаҷотҳои арабии мутааллиқи соли 512 дар шимоли Арабистон дар дарвозаҳои калисо дар Забади Сурия ва навиштаҷотҳои соли 568 дар Ҳаррон ёфт шудаанд.

Аз таърихи фаъолияти таблиғотии православӣ ҳаминро бояд зикр намуд, ки соли 450 Евфимийи муқаддас Ассаб ал-Байт, доҳии қабилаи

бадавиро бо писараш, ки аз дуои ӯ шифо ёфта будааст, масеҳӣ мегардонад. Баъди чанде доҳии масеҳигардида Петр тамоми қабилаи худро барои таъмид овардааст. Баъд аз чанде Петр тавассути дастгузорӣ аз тарафи патриархи Иерусалим усқуфи бадавиҳо таъин мегардад, зеро ҳокимияти усқуфӣ дар биёбон ягон шаҳр ё маҳалли муайяне надоштааст. Аз қабилаи Петр масеҳият ба дигар қабилаҳои ҳамҷавор интишор меёбад. Ибодати нимирӯзии масеҳиён дар маъбадҳои интиқолёбанда дар ҷои кӯчидашуда муқаррар мегардид. Онҳо аз пашми гӯсфанд меҳроб тайёр мекардаанд.

Аз раванди масеҳигардонии минтақаҳои наздисарҳадӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дигар минтақаҳое, ки дар он ҷо мушрикон маскан буданд, то андозае аз таълимоти масеҳӣ огоҳ буданд. Масеҳиён ҳатто дар зиёрати ҳаҷҷи Макка, ки нигаҳбонашон танҳо «худо» номида мешуд, ширкат мекардаанд. Тибқи маълумоти таърихнигорон дар Каъба тасвири модархудо бо Исо низ вуҷуд доштааст. Дар шаҳрҳое, чун Сано ва Наҷрон мавҷудияти ҳатто калисоҳо низ зикр мешаванд. Чунин қабилаҳои шимоли Арабистон, чун бану таглиб, бану акул, бану танух ва бану тау пурра масеҳиро қабул намуда ё монофизит ё несторианӣ будаанд.

Қобили зикр аст, ки на танҳо динҳои яҳудию масеҳӣ, балки динҳои эронӣ низ ба мафкураи арабҳои давраи пайдоиши ислом таъсир гузошта буданд. Ба андешаи шарқшиноси рус Е.А. Беляев дар Макка таъсири зиёд ва бардавоми фарҳанги эронӣ эҳсос мегардид[91]. Аз мундариҷаи ояти 51 аз сураи «Наҳл» маълум мегардад, ки динҳои эронӣ воқеъан ҳам дар ҳолати интишорёбӣ дар байни арабҳо қарор доштаанд: «Худо гуфт: Ду маъбудро фаро магиред.Ҷуз ин нест,  ки вай маъбуди  ягона аст. Пас аз ӯ битарсед». Ояти мазкур ба таври зер тафсир шудааст: Худованд фармуд: ду маъбудро барои худ нагиред. Чунон ки санавиҳо ба пиндори худ ду худоро ба убудият мегиранд: худои нур ва худои зулматро[92]. Ҳамчунин Абдулҳусайни Зарринкӯб зикр менамояд, ки «назди шаҳрнишинони Яман ва Ҳиҷоз ва

[91]Беляев Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в ранее средневековье. М.: 1965. – С. 80.
[92]Тафсиру анвор ил- Қуръон (Баргузидае аз се тафсир: Фатҳулқадири Шавконӣ, Тафсири Ибни Касир, ва Тафсир-ул-мунири Ваҳбаи Зуҳайлӣ). Тартиб ва Тарҷимаи Абдуррауфи Мухлис. Copyright@ 2008 ahlesonnat.com.

Ироқ ва дигар нуқот на фақат бутпарастӣ ривоҷ дошт, балки ойини яҳуд ва насоро ва ҳатто ойини маҷусу Монӣ ва Маздак низ пайравоне ёфта буд»[93].

Қобили зикр аст, ки сифатҳои васеъ паҳнгардидаи Раҳмон ва Раҳим дар забонҳои сафаӣ, палмирӣ ва сабеӣ вомехӯранд ва баъди мутааллиқ гардиданашон ба Аллоҳ маъруф шудаанд.

Вақте дар хусуси нақши робитаҳои фарҳангӣ ва ногузирии таҳаввулоти динӣ сухан меронем, зикр намудани дини сабеиҳо, ки дар Қуръон дучор мегардад (2:59; 22:17), аз аҳамият холӣ нест. Агарчанде доир ба эътиқоди динии сабеиҳо муҳаққиқон андешаҳои гуногун баён менамоянд, нуқтаи назари муҳаққиқ ва сайёҳи рус П.Цветков хеле ҷолиб мебошад. Ба ақидаи ӯ то ислом дини сабеиҳо дар байни арабҳо васеъ паҳн гардида буд. Дини сабеиҳо боварӣ ба худои ягона, ҷазо ва сазои баъд аз марг ва зарурати накӯкориро барои дастрасӣ ба ҳаёти хушбахтонаи ҷовидона дар назар дорад. Сабеиҳо дар як рӯз се маротиба намоз мехонданд: ним соат то баромадани офтоб, дар нисфирӯзӣ ва ҳангоми ғуруби офтоб. Се маробита дар як сол рӯза мегирифтанд ва 30, 9 ва 7 рӯз рӯза идома меёфт. Макони ҳаҷҷашон Ҳарон дар Месопотамия ва Каъба дар Макка будааст. Ба ақидаи муаллифи зикршуда дини зардуштиҳо сабеизми тоза маҳсуб меёбад[94].

Қисмати мазкурро ҷамъбаст намуда, таъкид менамоем, ки маълумоти сершумори овардашуда дар хусуси вазъи динӣ дар Арабистони Марказӣ шаҳодат медиҳанд, ки таҳаввулоти динӣ дар минтақаи мазкур ногузир гардида буд. Зеро динҳои яҳудияю масеҳия ва то андозае зардуштия дар нимҷазираи Арабистон бо суръат паҳн мегардид ва эҳтимол дошт, ки ба ғайр аз Арабистони ҷанубию шимолӣ дар Арабистони Марказӣ низ пурра ҷойгузини бутпарастӣ гардад. Ҳамин тариқ, барои ақли фикркунандаю огоҳкомилан равшан будани моҳияти объекти эътиқод, дарки ногузирии ба анҷомрасии анъанаҳои динии пешин ва ҳамзамон маълумоти зарурӣ доштан аз таълимоти динҳои тавҳидӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳим ва

[93]Абдулҳусайни Зарринкуб. Таърихи Эрон, чилди 3. – С. 7.
[94]Цветков П. Исламизм. Т.1. Мухаммед и Коран. Ашхабад. 1912. – С. 31-32.

ногузири тағйири афкору ақоид ва муҷиби таҳаввулоти динӣ дар қисмати марказии Арабистон маҳсуб меёбанд.

Қобили зикр аст, ки додугирифтҳои шимолу ҷануби Арабистон на танҳо барои таҳаввули сиёсӣ, балки пеш аз ҳама барои таҳаввули динии ҷомеа низ заминаи мусоид тайёр карда буданд. Дар ҳолате, ки мардуми Макка ба сафарҳои тиҷоратии дуру дароз ва мунтазам мебаромад, наметавонист, ки аз олами маънавии дигар кишварҳо бархӯрдор набошад. Сафарҳои тиҷоратӣ, будубоши чандрӯза ва муомила бо тамаддунҳои нисбатан пешрафта ҳатман ба олами маънавии онҳо низ таъсири худро мерасонд. Аз тарафи дигар, Ҳиҷоз, махсусан Макка бо мавқеи ҷойгиршавияш нуқтаи бархӯрди фарҳангҳои мухталиф низ гардида буд. Аз ин самт низ фарҳангу тамаддунҳои пешрафтаи ҳамсоя низ ба мафкураи мардуми Макка то ҳадде таъсиргузор буданд.

Ҳамин буд, ки дар манотиқи мухталифи Арабистон дар арафаи пайдоиши ислом шахсиятҳое аз худ дарак медиҳанд, ки онҳо барои дар атрофи худ ҷамъ намудани мардум ва пешвои онҳо гардидан хеле талош меварзанд. Баъзе аз онҳо худро пайғомбар - набӣ меномиданд. Тибқи суханони онҳо, ҳақиқате, ки онҳо эълом медоштанд, аз тарафи Худои олӣ ба онҳо талқин мегардидааст. Яке аз аввалин намояндагони ин ҳаракат дар вилояти Йемамаи Арабистони Шарқӣ «пайғомбар» Маслама будааст, ки баъд бо лақаби Мусейлима машҳур гардидааст. Тибқи ривоят, Мусейлима зиёда аз сад сол умр дида, соли 633 дар муҳорибаи тарафдоронаш бо мусулмонон кушта мешавад. Мусейлима дар бораи худои ягонаи раҳмон ваъз мегуфтааст. Вай низ «ваҳй»-ҳои худро дар шакли китоби муқаддас ҷамъ оварда будааст.

Дар як вақт бо ӯ дар қисмати ҷанубӣ-ғарбии Яман «пайғамбар» Асвад фаъолият намудааст. Вай худро «расули Аллоҳ» номида, дар як муддати кӯтоҳ ҳам ҳокимияти ҳарбию ҳам сиёсиро соҳиб мегардад. Инчунин «пайғамбарзан» Саҷҷа аз қабилаи тамимитҳо дар шимол аз нуфузи баланд бархӯрдор будааст. Мусейлима маҷбур будааст, ки бо ӯ аҳд бандад. Мусейлима, Асвад, Талҳа-Тулейҳа (боз як «пайғамбар»-и дигари

араб аз Арабистони Марказӣ), Саҷҷа ва дигар «пайғомбару пайғомбарзанон» дар назди муъминон бо рӯйи пӯшида ҳозир мешудаанд ва дар ҳолати ибодат ба ҳолати изтироб афтода, дар болопӯш ё либоси дигаре худро мепӯшонидаанд.

Дар чунин шароит ва заминаҳои мавҷуда пайдоиши Муҳаммад ва сифатҳои асосии мавъизаи ӯ, чуноне ки маълум мегардад, ҳодисаи тасодуфӣ маҳсуб намеёбад, чун нубуввати ӯ нубуввати ягона набудааст. Гузашта аз ин, баъзе маводҳо дар бораи тарҷимаи ҳоли ӯ хабар медиҳанд, ки мушрикони Макка ӯро маломат мекардаанд, ки ӯ ба рафтор ва таълимоти Мусейлима «шахсе аз Ямама» пайравӣ менамудааст[95]. Қобили зикр аст, ки дар Қуръон пайғамбароне чун Мусейлима фиребгар зикр гардидаанд: «Ва кист ситамгортар аз касе, ки ба Худо дурӯғ барбаст, ё гуфт: «Ба ман ваҳй фиристода шудааст» Ва (ба ҳақиқат) ба сӯи ӯ чизе фиристода нашудааст» (6:93)[96].

Пӯшида нест, ки аз байни ҳамаи онҳое, ки дар арафаи пайдоиши ислом худро пайғомбар эълом дошта буданд, Муҳаммад бо хислатҳои шахсии иродаи қавӣ, мавқеи устувор, дуруст баҳо додан ба вазъият, баровардани хулосаи қатъӣ дар ҳолатҳои зарурӣ, қобилияти баланди ташкилотчигӣ, дуруст ва мақсаднок истифода бурдани захираҳои кадрӣ, эҳсоси хатару таҳдидҳо ва амсоли инҳо фарқ менамояд. Маҳз ӯ ҳамчун нобиғаи оламшумул зарурати ташкили давлат ва ҳифзи миллатро аз таҳдидҳои беруна ба хубӣ дарк намуд ва онро тавассути дин ҳамчун роҳи дар он вақт ягона дуруст ва татбиқшаванда ба воқеият табдил дод. Дар воқеъ ҳам саъю талошҳои Муҳаммад баҳри бунёди ҷамоаи мусулмонон ва тадриҷан табдил додани он ба як давлати мутамарказ ва пурқуввати замони худ аз қобилияти бузурги сиёсатмадории ӯ шаҳодат медиҳанд.

Мансубият ба табақаи боло ва ниёзмандӣ дар овони кӯдакӣ дар ӯ шахсияти фавқулодда хушахлоқ, матинирода, парҳезгор, ҳидояткунанда, ташкилотчӣ, ғамхор, раҳнамо, ояндабин ва соҳибраъйро ташаккул

---

[95]Ҳамон ҷо.
[96]Ин ҷо ва баъд тарҷимаи тоҷикии оятҳо аз «Қуръони карим (асл ва матни тарҷимаи тоҷикӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2011» оварда мешаванд.

додааст.Чӣ хеле ки баъдтар хоҳем дид, ӯ воқеан ҳам як шахси заковатманд, сиёсатмадори ҳушёр ва матинирода ба воя мерасад, ки дар вақти зарурӣ ё бо ҳамроҳонаш машварат мекунад, ё қарорҳои барои ҷамоаи хеш манфиатбахш қабул менамояд. Маҳз ба сабаби зарурат Муҳаммад баъдан тиҷорати молҳои Хадичаро низ ба зимма мегирад. Ӯ зимни сафарҳои тиҷоратӣ дониши сиёсӣ ва динии хешро хеле ғанӣ мегардонад. Далели ин гуфтаҳо ҳадиси мазкур маҳсуб меёбад: Адӣ ибни Ҳотами Тай, ки масеҳӣ буд, мебинад, ки сипоҳиёни ислом қасди шаҳри ӯро доранд, ба шаҳри Шом мегурезад. Хоҳараш Саффона ба Шом рафта, ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки ба назди Муҳаммад биёяд, ӯ вайро мебахшад. Вақте Адӣ ба хонаи пайғомбар меояд, пайғамбар ба ӯ мегӯяд: Мусулмон шав, саломат мемонӣ. Ин ҷумларо се бор такрор мекунад. Вале Адӣ мегӯяд: Ман дорои дин мебошам. Ӯ масеҳӣ буд. Пас пайғамбар ба ӯ мегӯяд: Ман ба дини ту аз ту дида олимтарам. Пас Адӣ гуфт: Оё ту ба дини ман аз ман дида олимтарӣ? Пайғамбар мегӯяд: Оре[97]. Аз ҳадиси мазкур маълум мегардад, ки Муҳаммад доир ба дини масеҳӣ маълумоти хуб дошт.

Бузургии шахсияти ӯро ҳамчун пайғомбар ва сиёсатмадор ҳамчунин шарқшиносони Ғарб низ эътироф намудаанд. Аз ҷумла, Вотт Монтгомери бо номи «Муҳаммад - пайғомбар ва сиёсатмадор» асаре таълиф намуда, дар қатори рисолати пайғомбарӣ дар шахсияти ӯ нақши сиёсатмадориро низ махсус қайд менамояд. Иддаи дигаре аз шарқшиносони ғарбӣ дар шахсияти Муҳаммад истеъдодҳое(талант)-ро зикр месозанд, ки муҷиби на танҳо ғалабаи мусулмонон дар ҷомеаи арабҳо дар қарни VII, балки умуман густариши ислом дар ҳудуди берун аз Арабистон гардидааст: «Дар дараҷаи аввал воҷиди мавоҳибе (истеъдод, талант-А.К.) буд, ки метавон онро мавоҳиби як пайғамбар ном ниҳод. Ба хубӣ аз решаи динии танишҳо ва нороҳатиҳои Макка огоҳ буд, бо қарор додани ихтилофоти мавҷуд дар Макка дар чорчӯбе васеътар онҳоро ба василаи маҷмӯае аз афкор ва андешаҳо то ҳадде ҳал кард…

[97]Шайх Муҳаммад Хузари. «Сирату-л-якин» тарҷумаи «Нуруляқин». Тарҷумаи Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ (Марҳум Домулло Эшонҷон). Душанбе, 2010. – С. 325.

Муҳаммад барои он ки ин афкор ва андешаҳоро амалӣ созад ва онҳоро ба сурати ниҳодҳо дароварад, мавоҳиби фаровоне аз худ ба унвони як сиёсатмадор ошкор сохт. Бо басират ва зиракӣ дар ҷанбаҳои мухталифи ҳар вазъият назар мекард ва тамоми таваҷҷуҳи худро ба он маътуф медошт…

Мавҳибати дигари вай ҳусни муошират ва лутфе буд, ки нисбат ба пайравони худ дошт, ва медонист чӣ гуна ихтилофоти гуногуни мавҷуди миёни онро аз байн бибарад. Эътимоди онон ба доварии вай худ ба худ сабаби он буд, ки бисёре аз танишҳо ва кашмакашҳо аз миён биравад. Дар интихоби ашхос барои маъмуриятҳои гуногун бисёр ба ҳикмат рафтор мекард ва медонист, ки ҳар касро бинобар шоистагии вай барои чӣ коре баргузинад ва ба ҳангом аз баёни калимоте, ки мояи ташвиқи хидматгузорон бошад, худдорӣ надошт.

Пешрафти сариъи аъроб ва густариши ислом ва рушди фарҳанги исломӣ аз натоиҷи маҷмӯае аз авомили таърихӣ будааст; вале маҷмӯаи афкор ва дастаи мардони шоистае, ки битавонанд ҷиҳати воҳиде ба ин тавсиа бидиҳанд, бидуни дахолати мавҳибатҳои шахсии Муҳаммад ҳаргиз наметавонист вуҷуд пайдо кунад»[98].

Дуруст аст, ки дар хурдсолӣ ӯ бевосита ба омӯзиши илм машғул нашудааст, лекин қобилияти зеҳнии фавқулодда ва тааммулу тааққул зимни сафарҳои тиҷоратӣ ва гӯшанишиниҳо дар ғори Ҳира маълумоти ӯро хеле васеъ ва амиқ намуда буданд. Бидуни шак, Муҳаммад ҳамин маълумоти сиёсӣ-динии мустақилона касбнамудаи худро баҳри наҷоти арабҳои ҷоҳил ва ғафлатмонда хеле ба маврид истифода мебарад. Баъд аз огоҳӣ ёфтан аз динҳои тавҳидии замони худ ӯ нағз дарк менамояд, ки баҳри расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ - ваҳдати араб ва сохтмони давлати қавӣ воситаи ягона танҳо дин мебошад. Ӯ чун эҳсос менамояд, ки ширк рамзи парокандагӣ буда, эътирофи ягонагии Худо рамзи қудрат ва ваҳдати миллист, ширкро комилан мамнуъ эълон намуда, ноил шудан ба ваҳдати диниро ҳадафи ягона ва асосии таъмини ваҳдати миллӣ қарор медиҳад.

[98]Таърихи ислом. Пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ. Теҳрон, 1386. – С. 98-100.

Баъзе аз муаррихони ғарбӣ дуруст қайд менамоянд, ки «пешрафти яктопарастӣ дар миёни аъроб намояндаи дигаре аз аҳамияти омили сиёсӣ будааст»[99].

Зарурат ба таъкид аст, ки дар ташаккули шахсияти ӯ вохӯрии ӯро бо намояндагони дигар адён набояд аз мадди назар дур андохт. Ӯ дар вохӯриҳояш доир ба динҳои мухталифи замони худ маълумоти зиёде касб намудааст. Ҳамин аст, ки Элиаде Мирча менависад: ««Пурра эҳтимол дорад, ки Муҳаммад аз вохӯрӣ бо масеҳиёни роҳиб ё аз нақли онҳо дар бораи бедорхобиҳои шабонаашон, намозҳо ва медитатсияашон, ки дар рафти сафарҳояш шунидааст, таассуроти зиёд бардоштааст. Холабачаи Хадича масеҳӣ будааст. Ғайр аз ин, то шаҳрҳои Арабистон акси садоҳои мавъизаҳои бунёдӣ ё мазҳабии масеҳия (ҷараёни несторианӣ ё гностикӣ), ғояҳо ва амалияҳои динии яҳудӣ рафта расида буданд. Шумораи масеҳиёни дар Макка истиқоматкунанда кам буд. Аксаран одамони қишри поён ва камсаводон(эҳтимол ғуломони ҳабашӣ) буданд. Яҳудиҳо асосан дар Ясриб (Мадинаи оянда) иқомат мекарданд ва дар оянда (параграфи 262) мо мебинем, ки пайғамбар то кадом андоза ба дастгирии онҳо умед баста будааст»[100].

Қобили зикр аст, ки вохӯрии Муҳаммадро бо намояндагони дигар адён Қуръон низ инкор намекунад. Дар сураи “Наҳл”, ояти 103 омадааст: “Ҳамоно мо медонем, ки кофирон мегӯянд: “Ҷуз ин нест, ки пайғамбарро одамие меомӯзад». Забони касе, ки ба ӯ нисбат мекунанд, аҷамӣ аст; ва ин Қуръон забони арабии возеҳ аст».Тафсиру анвор-ил-Қуръон ояти зикршударо ба таври зер шарҳ медиҳад: «...ва нек медонем, ки кофирон мегӯянд: ҷуз ин нест, ки башаре ба ӯ омӯзиш медиҳад», яъне бегумон Муҳаммад (с) Қуръонро аз башаре аз бани Одам меомӯзад на аз фариштае. Хотирнишон мешавад: башаре, ки ин гумонро ба ӯ бастанд - бино ба

[99]Ҳамон ҷо; - С. 53.
[100]Элиаде Мирча. История веры и религиозных идей. Том.3. От Магомета до Реформации – royallib. ru. – С.43.

ривояте дар баёни сабаби нузул - ғулом Фокиҳ ибни Муғира  ба номи «Ҷабар» буд, ки дар оғоз ақидаи насронӣ дошт ва баъдан ба ислом гаравид. Ин ғулом дар пойи кӯҳи Сафо  ба шуғли фурӯшандагӣ  машғул буд ва гаҳ-гоҳе, ки расули худо (с) бо ӯ менишастанд,  ва чанд калимае бо ӯ сухан мегуфтанд, забони ин калом аҷамӣ (рӯмӣ) буд ва ӯ забони арабиро фақат дар ҳадде медонист, ки посухи тарафро - бисёр ба мушкил он ҳам дар ҳадди зарурат - дода метавонист». Аз маънии оят ва шарҳи он бармеояд, ки Муҳаммад  воқеан ҳам бо намояндаи дини тавҳидӣ на якбору ду бор гуфтугӯҳо доштааст.  Новобаста ба он ки сӯҳбат чӣ тавр ва бо кадом забон сурат мегирифт,  зимни шарҳи сабабҳои пайдоиши дини ислом мубодалаи афкори байни Муҳаммад ва намояндаи дини тавҳидиро  набояд нодида гирифт.

Таҳлили баъзе оятҳои Қуръон ва огоҳӣ бо баъзе маводҳои таърихӣ пурра аз он далолат мекунанд, ки дар фаъолияти динӣ-сиёсии  Муҳаммад арзишҳои дунявие, чун оромию сулҳу суббот, сарвату боигарӣ, ба ҳисобгирии вазъияту баҳогузории вақт ва ташкили давлати тавоно аз мадди назар он қадар дур набудаанд. Зимни бастани сулҳи Ҳудайбия байни Муҳаммад ва мушрикони Макка барои ба ҳамдигар ҳуҷум накардан дар муддати даҳ сол иттифоқ мебанданд, ки ин як имконияти хеле хуб барои мустаҳкамшавии иттиҳоди мусулмонон буд. Агар мо худи раванди бастани қарордодро таҳлил намоем, тағйири арзишҳоровобаста ба шароит хеле равшан пайхас менамоем.   Зимни бастани қарордод Алӣ нависандаи пайғамбар буд. Вақте пайғамбар гуфт, навис: Бисми-л-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим, вакили мушрикон Суҳайл гуфт, навис: Бисмика-л-лоҳу. Муҳаммад мегӯяд: гуфтаи ӯро бинавис. Вақте Муҳаммад мегӯяд: Ин қарордодест, ки бастааст онро Муҳаммад Расули Худо, Суҳайл мегӯяд, навис: Муҳаммад ибни Абдуллоҳ. Пайғамбар амр мекунад ба Алӣ, ки онро маҳв кун ва гуфтаи Суҳайлро навис, аммо Алӣ аз маҳв кардани он худдорӣ менамояд. Пас, пайғамбар худаш онро маҳв менамояд[101]. Аз амалҳои Муҳаммад

[101]Шайх Муҳаммад Хузари. «Сирату-л-якин» тарҷумаи «Нуруляқин». Тарҷумаи Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ (Марҳум Домулло Эшонҷон). Душанбе, 2010. – С. 252..

зимни бастани қарордод маълум мегардад, ки барои ӯ дар марҳилаи мазкур бастани қарордоду ноил шудан ба сулҳу оромӣ хеле муҳим будаанд. Бинобар ин, вай ба тобеъ сохтани арзишҳои динӣ ба арзишҳои дунявӣ, яъне оромию сулҳ розӣ мегардад.

Ҳамчунин Табарӣ ҳадисеро зикр намудааст, ки хеле ҷолиб буда, таваҷҷуҳи ҷиддиро тақозо менамояд: «Ибни Аббос гӯяд: Вақте Абутолиб бемор шуд, гурӯҳе аз қурайшиён пеши вай шуданд - ва Абуҷаҳл низ аз он ҷумла буд - ва гуфтанд: «бародарзодаат худоёни моро носазо мегӯяд ва чунину чунон мекунад ва фулону баҳмон мегӯяд, ӯро аз ин кор боздор!» Абутолиб паямбарро бихост ва чун ӯ биёмад, миёни Абутолиб ва қавм ба андозаи нишастани як кас ҷой буд ва Абуҷаҳл бим кард, ки агар паямбар паҳлуи Абутолиб нишинад, ӯ риққат кунад ва барҷасту он ҷо нишаст ва паямбари Худо наздики амуи хеш ҷое барои нишастан наёфт ва наздики дар нишаст.

Абутолиб бад-ӯ гуфт:

- Бародарзода, қавмат аз ту шикоят доранд, ки носазои худоёни онҳо мегӯӣ.

Ва қурайшиён бисёр сухан карданд ва паямбар сухан карду гуфт:

- Мехоҳам калимае бигӯянд, ки арабон мутеъашон шаванд ва аҷамон боҷгузорашон бошанд.

Ин сухан дар қавм асар кард ва гуфтанд:

- Даҳ калима гӯем. Он калима чист?

Паямбар гуфт:

-Бигӯед: «Ло илоҳа илла-л-Лоҳ».

Ва қавм хашмгин бархостанду гуфтанд:

- Мехоҳад ҳамаи худоёнро яке кунад»[102].

---

[102]Абуҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. (Иборат аз 16 ҷилд дар 8 китоб). Мутарҷим Абулқосими Поянда. Китоби 2, иборат аз ҷилдҳои 3,4. Душанбе – 2014. – С. 790-791.

Дар ривояти зикршуда ҳадафи сиёсӣ доштани рисолати Муҳаммад ва ҳамчун васила хидмат кардани дин бараъло маълум мегардад.

Ҳамин тариқ, дар хусуси асосҳои иҷтимоии муқаррар гардидани арзишҳои дунявӣдар ислом андеша намуда, бояд тазаккур дод, ки агарчанде Муҳаммад расман бесавод эълом мегардад, аммо дар воқеъ вай аз раванду падидаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии муҳити зисти худ ноогоҳ набуд. Шиносоӣ бо мазмуну мундариҷаи аҳодиси набавӣ, ки тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятии инсонро фаро мегиранд, инчунин бобарор анҷом додани сафарҳои тиҷоратӣ ба сифати садрнишини корвони тиҷоратии Хадича аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки пайғамбар аз лиҳози сиёсӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ шахси хеле огоҳ ва бомаҳорат буд. Бинобар ин, чунин пиндоштан, ки пайғамбар ба сифати садрнишини корвони тиҷоратӣ ба сӯи Шом сафар кард, лекин аз ваҳдати этникии қавмҳо, аз давлат ҳамчун воҳиди ягонаи муташаккили сиёсӣ, аз фарҳангҳои қавмҳои дар сари роҳи сафари тиҷоратӣ буда бехабар буд, маънои пайғамбарро хеле сода, қафомонда, бесавод пиндоштанро ифода менамояд.

Тарзи зиндагии араби тоисломиро Абдулҳусайни Зарринкуб хеле воқеъбинона ба таври зер тавсиф намудааст: "ҳамин зиндагии инфиродӣ ва ҳамин эҳтимому муроқибати доим дар ҳифзи зот сабаб шудааст, ки ҳисси эътимод ба нафс дар вуҷуди бадавӣ русух биёбад ва ӯро густоху чолок ва ҷангҷӯ биёварад. Дар ҳақиқат ғорат ва яғмо, ки назди ақвоми мутамаддин роҳзанӣ ва дуздӣ ба шумор аст, дар зиндагии бадавӣ аз туруқи васоили оддии маишат аст. Бадавӣ, ки аз кору кишоварзӣ ор дорад, ғоратгариро кори дархӯри хеш мешуморад ва бад-он фахр мекунад. Бар қабилаи мухолиф метозад ва амволу мавошӣ ва ағноми ӯро ғорат мекунад ва агар лозим шавад ҳатто бар қабилаи муҷовири хешованди хеш низ дастбурд мезанад"[103].

Хулоса, омӯзиш ва таҳлили ҳодисаю падидаҳои динӣ-сиёсӣ ва фарҳангии арафаи пайдоиши ислом аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар

[103]Абдулҳусайни Зарринкуб. Таърихи Эрон, ҷилди 3. – С. 4.

арафаи пайдоиши ислом ва новобаста аз он дар Арабистони Марказӣ ва Шимолӣ равандҳои гузариш ба шакли олии давлатдорӣ сурат гирифта истода буд. Масъалаи марказӣ аз он иборат буд, ки дар байни қавмҳои ба урфу одатҳои қабилавӣ-авлодӣ сахт пайваста чӣ гуна имкон дошт, ки як умумияти этникии ягона ё як умумияти сиёсии муташаккил, ки битавонад ба ҳуҷуму равандҳои сиёсӣ-фарҳангии таҳдидкунанда муқовимат карда битавонад, ташкил намуд.

Ҳамзамон таъсири динҳои бегона, махсусан яҳудияю масеҳӣ ва раванди ба динҳои мазкур гаравидани арабҳои бутпараст хеле равшан ва ошкор буд. Аллакай дар боло қавли муаррихонро зикр намудем, ки чӣ тавр ҳатто дар байни яҳудияю масеҳия барои тасхир намудани Арабистон муборизаҳои қавӣ сурат гирифта истода буданд. Аз ин нуқтаи назар, роҳи ягонаи муттаҳидсозии қавм дин буд ва ин аз тарафи ашхоси соҳибистеъдод, соҳибирода, мавқеъдор, соҳибақл ва дурандеш ба хубӣ дарк гардида буд. Бинобар ин, "пайғамбарон"-и зиёде ба майдони фаъолият баромада буданд. Ҳамзамон худи дин низ ба як таҳаввули ҷиддӣ ниёз дошт. Шакли ҳукмрони дин хусусияти хеле оддӣ ва ҷоҳилона дошта, барои муттаҳидсозии қавм созгор набуд. Аллакай иддае аз мардумон дар зери таъсири динҳои яҳудию масеҳӣ афтода буданд ва раванди мазкур дар ҳолати тавсеаёбӣ қарор дошт. Ба сифати далел шарҳеро аз «Тафсир-ул-анвор» зикр намудан хеле ба маврид хоҳад буд. Дар китоби мазкур дар тафсири ояти 256 аз сураи «Бақара» «Барои дин ҷабр кардан (раво) нест» омадааст: яъне ҳеҷ кас аз куфорро –дар сурате, ки ба пардохти ҷизя тан дардиҳад-ба қабули ислом иҷбору икроҳ нанамоед, зеро далоил ва бурҳонҳои дини ҳақ ошкору равшан аст ва ниёзе ба ин вуҷуд надорад, ки касеро ба иҷбор ба он ворид намуд. Дар баёни сабаби нузули ояти карима омадааст: гурӯҳе аз ансори Мадина гуфтанд: «Мо қабл аз ислом бо ин эътимод, ки дини яҳуд аз дини мо беҳтар аст, фарзандонамонро ба дини онон даровардем ва ҳоло, ки Худои азза ва ҷалла исломро намоён

гардонид, дигар мебояд фарзандонамонро ба ҷабру икроҳ ба пазириши ислом водор намоем»[104].

Бинобар ин, дар асоси далоили зиёди овардашуда метавон изҳор дошт, ки дар арафаи пайдоши ислом масъалаҳои зарурати ташкили умумияти сиёсӣ, муттаҳид намудани аъроб, ҳифзи марзу буми кишвар, таҳаввули дин, ҷорӣ намудани муносибатҳои нави ахлоқӣ, ташаккули шахсияти роҳбари ягона ва ғайра пурра пухта расида буданд.

## 2.2. Мақоми арзишҳои дунявӣ дар Қуръон

Бидуни тардид мавзуи муносибати дин ва дунё аз ҷумлаи мавзуъҳои хеле баҳснок, пурихтилоф ва гуногунпаҳлӯ маҳсуб меёбад. Комилан равшан аст, ки мавзӯи мазкур дар доираи ҳар дин ҳар хел матраҳ мегардад. Бо вуҷуди ин дар муносибати байниҳамдигарии онҳо ҷанбаҳои умумие ба чашм мерасанд. Бояд эътироф намуд, ки дар муносибати дин ва дунё робитаи мутақобилаи равшан мушоҳида мегардад. Аслан дунё ва арзишҳои дунявӣ дар динҳо аз мақоми сазоворе бархӯрдор нестанд, агарчанде дин, худ бидуни дунё арзи вуҷуд карда наметавонад. Ба қавли дигар, дунё шарти ҳастии дин асту аммо дин, баръакс дунёро ҷойгоҳи сазоворе қоил нест. Дар воқеъ аз қадимулайём то ба имрӯз дар ҳеҷ гӯшае аз олам аз тарафи муҳаққиқон дине бидуни оламу одам ва дунёи ӯ зикр нашудааст. Пас, барои он ки дин вуҷуд дошта бошад, бояд оламу одам вуҷуд дошта бошад. Аммо дин сарчашмаҳои ҳастии худро пасту ҳақир шуморида, аз эътирофи воломақомию пурарзишии онҳо рӯ метобад. Хеле тааҷҷубовар аст, ки дин, худ барои дунё вуҷуд дорад, аммо беинсофона онро хуш надорад.

Зимни таҳқиқи мавзуи таносуби дин ва дунё суоле пеши назар меояд, ки чаро дар байни дин ва дунё чунин ҳолати ихтилофнок вуҷуд дорад? Ин ҷо бояд таъкид намуд, ки дин барои мавҷудияти худ ба дунё ниёз дорад, аммо

---

[104]Тафсир-ул-анвор. Тартиб ва тарҷимаи Абдуррауфи Мухлис. Ба хатти форсӣ. http://www.qurancomplex.com

дунё ниёз надорад. Зеро дин, бидуни инсоне, ки ӯро парастиш менамояд, маҷмӯи се ҳарфи хушку холӣ асту халос. Инсон бо парастиши худ ба дин ҳастӣ мебахшад. Дунё бошад, ҳастиест, ки метавонад бидуни инсону дини ӯ вуҷуд дошта бошад. М-н, мавҷудияти дигар сайёраву галактикаҳо, баҳру уқёнусҳо ва кӯҳсору биёбонҳои аз оддитарин шароити зисти инсонӣ маҳрум аз ҳеҷ як дини гузаштаву имрӯзаи башарӣ нишоне ба маъраз намегузоранд. Пас, сабаби мавҷудияти ихтилоф дар байни онҳо ба ҳадафҳои онҳо аз ҳастияшон алоқаманд мебошад. Дунё мавҷуди худкифо ва бениёз аст. Дин бошад, мавҷуди ниёзманд ва вобаста аст. Дунё бидуни дин вуҷуд дошт ва дар оянда ҳам мавҷудияти худро беохир идома хоҳад дод. Аммо дин ҳамчун ниҳоди вобастаю ниёзманд барои ҳастии худ ба дунё ва унсури фаъол ва эҷодкори он – инсон мухҳтоҷ буда, вобаста ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ тағйир ёфтан мегирад. Дар оғози ҳастии худ дин ҳамчун падидаи аз муҳити иҷтимоии инсон вобаста дунёро «як кафи даст» пиндошта, онро бозичаи хеш маҳсуб медонад. Ҳамчун буқаламун дин бо тағйирёбии муҳити иҷтимоию маънавии инсон худро тағйир дода, кӯшиш менамояд, ки ба дигаргуниҳои суратгирифта худро мутобиқ намояд. Аммо ин мутобиқшавӣ то абад давом намекунад. Табиати ҳақиқии ӯ ахиран ошкор гардида, тадриҷан ба «бозича» - и дунё табдил меёбад.

Чуноне ки зикр гардид, дин ва дунё дар робитаи мутақобила қарор дошта, ҷониби муқобилро чун васила истифода мебаранд. Дин барои он ки вуҷуд дошта бошад, мавҷудоти фавқуттабиаро, ки дар шакли мубҳамоту маҷҳулот баромад менамоянд, мақоми баланд қоил мегардад, зеро маҳз мубҳамоту маҷҳулот шарти асосии ҳастии он мебошанд. Аммо ҳастии мазкур «воқеият» пайдо наменамояд, то ҳастии воқеӣ (дунёи моддӣ) - ро васила қарор надиҳад. Яъне, дар дин ҳар «ду» дунё шаклҳои ҳастии дин маҳсуб меёбанд. Аммо дар дин дунёи фавқуттабиа мақоми афзалиятнок дорад, зеро он василаи асосии ҳастии дин ба шумор меравад. Вай маҳз ба сабаби мубҳаму маҷҳул буданаш ба оламу одаму дунёи вай «роҳ» ёфтааст. Дар баробари ин оламу одам низ то вақте аз «асрор» - мавҷуди маҷҳулу мубҳам воқиф нагарданд, зарурати ҳастии динро бо дунёи офаридааш

мепазиранд. Аммо барои он ки дин ба оламу одам ба таври воқеӣ роҳ ёфта, барои худ мақоми сазовореро касб намояд, бояд масоили дунявиро низ дар сатҳи фаҳмиши худ мавриди матраҳ қарор диҳад. Яъне, дин дар худ дунёву арзишҳои дунявиро то ба андозае мақоме қоил хоҳад буд, ки ҳастии худи ӯро ботил насозад. Яъне, дар дин дунёву арзишҳои он ҳам арзишманд ҳастанд ва ҳам нестанд, онҳоро баҳое медиҳад ва ҳам бебаҳо маҳсуб медонад. Яъне, дин наметавонад, ки аз арзишҳои дунявӣ пурра даст кашад, зеро дар чунин ҳол вай шарти ҳастии худро аз даст медиҳад. Ҳамзамон дин наметавонад, ки ба дунё арзиши воло қоил шавад, зеро дар чунин ҳолат дунёи офаридаи ӯ беарзиш хоҳад гардид. Дин чун дарк менамояд, ки инсон бидуни арзишҳои дунявӣ вуҷуд дошта наметавонад, онҳоро дар «дунёи офарида» - и худ низ ҷой медиҳад, то одам пойбанди онҳо гардида, пурра аз зиндагӣ ноумед нашавад. Ҳамин тариқ, дини аз дунё безор боз ҳам арзишеро барои дунёву арзишҳои он қоил мегардад.

Баҳси робитаи диалектикии дину дунёро идома дода, бояд таъкид намуд, ки бо пешрафти ҷомеаю рушди назарраси улуми табиатшиносӣ таносуби дину дунё ба манфиати дунё тадриҷан тағйир меёбад. Ба ҳамон андозае, ки ҷанбаи мубҳаму маҷҳули унсури марказии дин равшан ва ошкор шудан гирифт, ба ҳамон андоза динният қудсияти худро аз даст дода, бозичаи дунё қарор мегирад. Ва дар он марҳилаи инкишофи ҷомеа, ки мубҳаму маҷҳул маълум мешавад, дин ҳастии худро қатъ менамояду дунёро танҳо «маълум» идора менамояд.

Агар мантиқи андешаҳои фавқуззикрро маҳак қарор дода, мақоми арзишҳои дунявиро дар сарчашмаҳои муқаддаси ислом муайян карданӣ шавем, мебинем, ки масъалаи мазкур аз ҷумлаи масоили мураккаб буда, асли мураккабӣ ва нозукии он дар ҳадаф ва таъиноти дини мазкур ва васоили амалӣ намудани аҳдофи мазкур нуҳуфта аст. Аслан ҳадафи бевоситаи дин, чуноне ки аллакай зикр гардид, худи дунё буда, дар он мақоми муайянкунандаро соҳиб гардидан асли таъиноти ӯст. Аммо барои ба ин ҳадаф расидан василаи хеле муҳим ва муассире зарур ва ногузир аст. Ин василаи хеле муҳим коркарди ғояи дунёи фавқуттабиа ва ҳаёти абадӣ ва

лаззатбахш дар он аст. Бидуни шак барои мусаххар намудани мафкураи тафаккури эътиқодӣ истифодаи ғояи дунёи фавқуттабиа ҳамчун дунёи ҷовид ва умедбахш ва маъвои аз нигоҳи дин воқеии хушбахтӣ зарур аст, он ҳамзамон бекурб, муваққат ва камарзиш будани дунёи моддии воқеиро дар назар хоҳад дошт. Дин ҳамчун ниҳоди аз ҳадафҳои иҷтимоии индунёии инсон огоҳ ба инсон амалӣ гардидани он ҳадафҳоро дар шакли боз ҳам комилтар ваъда медиҳад. Аз ин нуқтаи назар он қишре, ки дар ин дунё ҳадафҳои моддии худро амалӣ карда наметавонанд, ночор ба он дунё умед мебанданд. Дин ҳам пайваста дил набастан ба ин дунё ва арзишҳои онро талқин менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар ҳаёти ҷомеа арзишҳои дунявӣ хеле зиёданд, аммо чун кутуби муқаддас маҳсули муҳити маънавии қуруни гузашта буда, як навъи инъикоси хайёлии ҳаёти модии он ҷамоа маҳсуб меёбанд, аз ин рӯ арзишҳои дунявӣ низ дар онҳо мутобиқ ба сатҳи рушди он ҷавомеъ қарор доранд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо инъикоси арзишҳои дунявиро дар сарчашмаҳои муқаддас мутобиқи тартиби зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- дунё ва ҳаёти дунявӣ дар Қуръон;
- мол ва зану фарзанд;
- масъалаи мундариҷаи амал;
- баҳраварӣ аз дунё;
- зиндагонии пурфараҳ ва лаззатбахш;
- накӯкорӣ;
- муносибат ба адёни дигар.

Ҷои шубҳае нест, ки мантиқан барои дуруст муайян намудани инъикоси арзишҳои дунявӣ ва мақоми онҳо дар Қуръон, пеш аз ҳама, муайян намудани мавқеи худи дунё ва ҳаёти моддӣ ногузир мебошад. Аз ҳалли масъалаи мазкур дар бисёр ҳолатҳо ҳалли масъалаҳои дигари дунявӣ вобастагии зич доранд. Комилан равшан аст, ки дине, ки охират ва ҳаёти ухравиро «офарид», бидуни тардид дунё ва ҳаёти дунявиро дар ҳошия қарор хоҳад дод, зеро дар акси ҳол «офариниш» - и мазкур аҳамияти худро аз даст медиҳад. Риояи қонунияти мазкурро мо дар сарчашмаи асосии

таълимоти дини ислом - Қуръон хеле барҷаста мушоҳида менамоем. Қуръон дунёи моддиро дунёи муваққат, фаноёбанда ба қалам дода, дунёи фавқуттабиаро дунёи ҷовид маҳсуб медонад. Маънои мазкур дар сураи Ғофир, ояти 39 дар шакли зер баён ёфтааст: «Эй қавми ман, ҷуз ин нест, ки ин зиндагонии дунё (андак) баҳрае аст; ва ба ростӣ ки охират сарои ҳамеша будан аст!» (Ғофир, 40:39). Маҳз ба сабаби «баҳраи андак» доштани дунёи заминӣ Қуръон онро «бозӣ» ва «беҳудагӣ» арзёбӣ намуда, «сарои охират» -ро сарои беҳтар ба қалам медиҳад (Анъом, 6:32).

Шарҳи оятҳои 18-21-и сураи «Исро» аз тарафи муфассири машҳур Ибни Касир мақоми дунё ва арзишҳои дунявиро дар ислом боз ҳам равшантар муаррифӣ менамояд:

Шарҳи ояти 18: «Мо барои ӯ (ҳар кӣ дунёи гузаронро хоста бошад – А. К.) дар он ҳар чӣ хоҳем, барои ҳар ки ҳоҳем, тезонидем; баъд мо барои вай дӯзахро муқаррар намудем» - яъне дар ҳаёти абадӣ; (яслоҳо) – «дар он месӯзад» - яъне вай дар он ворид мешавад, ва он вайро аз ҳама тараф фаро мегирад; (мазмуман) - «мазамматшуда» -яъне барои рафтор ва аъмоли бади худ. Зеро вай олами фониро аз боқӣ афзал шуморид; (мадҳуран)- «таҳқиршуда» -яъне дуркардашуда, манфур, шармандашуда».

Шарҳи ояти 19: «Ва ҳар ки охиратро хоҳад» -яъне сарои охират ва неъмату фараҳи онро;(ва саъо лаҳо сайяҳо) – «дар шакли зарурӣ ба сӯи он талош намояд» -яъне онро бо роҳи дуруст ҷустуҷӯ намояд, яъне роҳи расулро (С) пайравӣ намуда; (ва ҳува муъминун) «ва худи он муъмин бошад» - яъне боваркунанда ва муътақид ба аҷру подош; (фаулоика кона сайюҳум машкуро)»-ин ҳамонҳоеанд, ки кӯшишашон аҷргузорӣ карда мешавад (аз тарафи Аллоҳ)».

Шарҳи ояти 21: «Назар кун, ки Мо бар баъзе аз болои баъзе афзалият додем» - дар ин ҳаёт. Аз онҳо баъзе бойанд ва баъзе фақиранд. Баъзе дар кӯдакӣ мефавтад ва баъзе то пиронсолӣ умр ба сар мебарад, ва баъзе дар байни онҳо (ва ла-л-охирату акбару дараҷотин ва афзалу) «охир, ҳаёти охират – аз рӯи дараҷа ва афзалиятнокӣ бузургтар аст» - тафовут дар мақоми ҳаёти ҷовидона хеле бузургтар аст нисбат ба ин ҳаёт…».

Маънои фавқуззикр дар оятҳои зерини Қуръон бо каме тафовут такрор ёфтаанд: Қасас, 28:77; Муҳаммад, 47: 36; Анкабут, 29: 64, Оли Имрон, 3: 185.

Қобили зикр аст, ки баъзе оятҳои Қуръон дар масъалаи муносибат ба ин дунё зуҳди боз ҳам қатъитарро ба маъраз гузошта, дунёро хоси кофирон маҳсуб медонад. Маънои баёнгардида дар оятҳои зерини Қуръон хеле равшан мушоҳида мегардад: «Зиндагонии ин ҷаҳон барои кофирон ороста карда шудааст; ва (онҳо) ба аҳли имон тамасхур мекунанд. Ва касоне, ки парҳезгорӣ доранд, рӯзи қиёмат аз онҳо болотар бошанд. Ва Худо ба ҳар ки хоҳад, бешумор рӯзӣ медиҳад» (Бақара, 2:212) ё «Ин (хашм) ба сабаби он аст, ки онҳо зиндагонии дунёро бар охират дӯст доштанд ва (ба сабаби он аст, ки) Худо гурӯҳи кофиронро роҳ наменамояд» (Наҳл, 16:107). Дар баъзе оятҳо ҳатто изҳор мегардад, ки барои шахсе, ки «зиндагонии ин ҷаҳонро баргузида бошад», дӯзах маъвои ӯст: «Аммо касе, ки аз ҳад гузашта бошад(37); ва зиндагонии ин ҷаҳониро баргузида бошад(38), пас, ҳамоно дӯзах ҷои ӯст» (39) (Нозиот, 37-39) ё «Ҳар ки зиндагонии дунё ва зинати онро хоста бошад – ба онҳо (ҷазои) аъмолашонро ба тамом мерасонем ва онҳо дар ин ҷо кам дода намешаванд(15). Онҳо касонеанд, ки дар охират ба ҷуз оташ барояшон чизе нест ва он чи карда буданд, дар охират нобуд карда шавад ва он чи ба амал меоварданд, ботил аст» (Ҳуд, 11:15-16).

Қобили зикр аст, ки дар баъзе оятҳои Қуръон ғояи ба хотири он дунё аз баҳри ин дунё гузаштан низ талқин мегардад. Мувофиқи дастури ояти 74 аз сураи «Нисо» барои шахсе, ки бар ивази ин дунё нияти сазовор шудан бар сарои охиратро дорад, бояд дар роҳи Худо ҷанг кунад.  Тавассути ҷанг ба сарои охират соҳиб шудан аз маънии ояти 77 аз сураи «Нисо» низ бармеояд: «Оё касонеро надидӣ, ки ба онҳо гуфта шуд: «Дасти худ боздоред ва намозро барпо кунед ва закотро бидиҳед»? Пас, чун бар онҳо ҷанг навишта шуд, ногоҳ гурӯҳе аз онҳо, монанди тарсидан аз Худо ё сахттар (аз он), аз мардум метарсиданд ва гуфтанд: «Эй Парвардигори мо, чаро корзорро бар мо навиштӣ? Чаро то вақте наздик моро (зинда)

нагузоштӣ?» Бигӯ: «Баҳрамандии дунё андак аст ва охират барои касе, ки парҳезгорӣ кунад, беҳтар аст ва миқдори риштае ситам карда нахоҳед шуд». (Нисо, 4:77). Ин ҷо бояд тазаккур дод, ки дар Қуръон ҳамчунин онҳое, ки дар роҳи ҷанг дар сарфи мол хасисӣ мекунанд, мавриди маломат қарор дода шудаанд: «Огоҳ шавед, шумо, эй ҷамоае, ки хонда мешавед, то дар роҳи Худо харҷ кунед! Пас, аз шумо касе ҳаст, ки бухл мекунад. Ва ҳар ки бухл кунад, ҷуз ин нест, ки аз хеш бухл мекунад (Яъне: Манфиати дар роҳи Худо карданро аз худ боз медорад). Ва Худо Тавонгар аст ва шумо муҳтоҷед. Ва агар рӯйгардон шавед, гурӯҳи дигарро ғайри шумо бадал меорад: пас (он ҷамоа) монанди шумо набошанд» (Муҳаммад, 47: 38).

Аз маънои умумии оятҳои овардашуда ба осонӣ ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки шахси мусулмон бояд тамоми кӯшишу ғайрат ва дороии худро баҳри ба подоши он дунё мушарраф гардидан сафарбар намояд. Ба қавли дигар, дунёи моддӣ дар ислом, махсусан дар сарчашмаи асоси он – китоби Қуръон аз арзиши назаррасе бархӯрдор нест.

Ҷои пӯшида нест, ки дар ислом, аз ҷумла дар Қуръон ба зану фарзандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудаасту, онҳо мавриди нигаҳбонию ғамхории зиёд таъин гардидаанд. Бо вуҷуди ин дар баъзе оятҳо мақому манзалаи зану фарзанд ва моли дунё аз мақоми воқеии онҳо дар ҳаёти ҷомеа пасттар арзёбӣ гардидаанд. Чунин маъно дар оятҳои 46 аз сураи «Каҳф», ояти 28 аз сураи «Аҳзоб», ояти 20 аз сураи «Ҳадид», ояти 15 аз сураи «Оли Имрон», ояти 28 аз сураи «Анфол» равшан баён ёфтаанд. Чун масъалаи матраҳшаванда хеле нозук аст, барои баёни маънои оятҳо ба тафсир рӯ меорем. Ибни Касир ояти 46 аз сураи «Каҳф»-ро, ки шомили маънои «Молу фарзандон ороиши зиндагонии дунё аст ва некиҳои пояндаи шоиста назди Парвардигори ту аз рӯи савоб беҳтаранд ва аз рӯи умед доштан хубтаранд» (Каҳф, 18:46) аст, ба таври зер шарҳ медиҳад: «Сухани Худованд (ал-молу в-ал-бануна зинат-ул-ҳаёт-ид-дунё) «молу фарзандон ороиши зиндагонии дунё аст» мисли суханони Ӯ (зуййина ли-н-носи ҳубб-уш-шаҳавоти мин-ан-нисои в-ал-банина ва-л-қантири-л-муқантарати мин-аз-заҳаби) «Дӯстии орзуҳои нафс аз занон ва фарзандон ва хизонаҳои

ҷамъсохта аз зару сим барои мардум ороста карда шудааст»(3:14), инчунин (иннамо амволукум ва авлодукум фитнатун ва-л-лоҳу индаҳу аҷрун азим) «Ҷуз ин нест, ки амвол ва авлоди шумо имтиҳон аст ва музди бузург назди Худост»(64:15) мебошанд. Яъне, барои шумо вақт ва таваҷҷуҳи зарурӣ ба ибодати Аллоҳ сарф кардан аз машғул шудан танҳо бо фарзандон ва мол барои онҳо ва муҳаббати зиёд ба онҳо беҳтар аст; (ва-л-боқиёту-с-солиҳоту хайрун инда раббика савобан ва хайрун амалан) «некиҳои шоистаи поянда назди Аллоҳ беҳтаранд». Ибни Аббос, Саид ибн Ҷубайр ва дигарон аз ҷумлаи салафи солеҳ гуфтанд, ки некиҳои шоистаи поянда ин суханони «Субҳоналлоҳ, в-алҳамду лиллоҳ ва ло илоҳа илаллоҳ валлоҳу акбар» гуфтан аст. Инчунин Амир-ул- муминин Усмон ибни Аффонро пурсиданд, ки дар зери «Некиҳои шоистаи поянда» чӣ фаҳмида мешавад? Вай ҷавоб дод: «Суханони «Субҳоналоҳ, Алҳамду лиллоҳ ва Аллоҳу акбар, Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи-л- алиюл азим»...». Ҳамин тариқ, аз шарҳи муфассири машҳур бармеояд, ки барои шахси мусулмон ҳамди Аллоҳ аз молу зану фарзанд боарзиштар мебошад.

Маънои мазкур дар ояти 28 аз сураи «Аҳзоб» «Эй Пайғамбар, ба занони худ бигӯ: «Агар зиндагонии дунёву ороиши онро мехоста бошед, пас биёед, то ба шумо матоъ диҳам ва ба раҳо кардани нек шуморо раҳо кунам» (Аҳзоб, 33:28), ки ба занони пайғамбар нигаронида шудааст, равшантар баён ёфтааст. Ояти мазкурро Ибни Касир ба таври зер шарҳ медиҳад: «Аллоҳ ба пайғамбар (С.) амр медиҳад, ки ба занони худ имконияти интихоб диҳад: онҳо метавонанд, ки аз вай ҷудо шуда, ба никоҳи дигар мардҳо, ки ба онҳо некӯаҳволии индунёӣ ва лаззати ин дунёро медиҳанд, дароянд, ё бояд ба шароити танги он (пайғамбар) тоқат намоянд ва дар ин ҳол онҳоро аҷри азим дар назди Аллоҳ интизор хоҳад буд...». Аз маънои оят ва шарҳи он бармеояд, ки зан бояд бо дода қаноат кунаду аз мард ҳеҷ яке аз арзишҳои дунявиро талаб нанамояд. Вай бояд бо орзуи расидан ба биҳишт зиндагӣ кунад.

Ҳамин хусусияти муваққатӣ ва гузарандаю беманфиат доштани дунёю арзишҳои он дар ояти зерин низ баён ёфтааст: «Бидонед, ки зиндагонии

дунё бозӣ ва беҳудагӣ ва ороиш ва дар миёнатон худситоӣ ва дар молҳову фарзандон зиёда талабист. Монанди боронест, ки рустании он зироаткунандагонро ба шигифт оварад, сипас хушк шавад ва онро зард бибинӣ, сипас дарҳам шикаста гардад. Ва дар охират азоби сахт аст ва низ аз ҷониби Худо омурзиш ва хушнудист. Ва зиндагонии дунё чизе нест, магар баҳрае, ки боиси фиреб бошад» (Ҳадид, 57:20). Ибни Касир ояти мазкурро ба таври зер шарҳ медиҳад: «Аллоҳ Таоло аҳамияти ҳаёти заминӣ ва аъмоли барои он иҷрошавандаро паст зада (Иъламу аннамо-л-ҳаёт-ад-дунё лаибун ва лаҳвун) «бидонед, ки ҳаёти дунёӣ танҳо бозӣ ва беҳудагист», (ва зинатун ва тафохурун байнакум) «ва ороиш ва худситоӣ дар байни шумост» (ва такосурун фи-л-амволи ва-л-авлодӣ) ва кӯшиши бисёртар амвол ва авлод ба даст овардан аст» - яъне барои одамон тамоми моҳияташ дар ҳамин аст. Чуноне, ки Аллоҳ боз гуфтааст: «барои одамон муҳаббат ба лаззатҳои аз занҳо, фарзандон, қантараҳои тиллову нуқра, аспҳои зебо, чорпо ва киштзор ҳосилшаванда музайян карда шудааст. Чунин аст лаззати гузарандаи ҳаёти заминӣ, аммо бозгашти беҳтар назди Аллоҳ аст» (3-14). Баъд Аллоҳ дар бораи ин ҳаёти наздики (заминӣ) бо лаззатҳои муваққати гузарандааш масал оварда, мегӯяд: (ка масал-ил ғайси) «вай мисли бороне аст», ки баъди он ки одамон тамоми умедро аз даст медиҳанд, меборад. Чуноне, ки Аллоҳ дар дигар оят гуфтааст: (ва ҳува-л-лазӣ юназзилу-л-ғайса мин баъди мо қанату) «Ӯ Ҳамон аст, ки боронро баъди он ки онҳо ноумед шуданд, мерезонад» (42:28). Сухани Аллоҳ (аъҷаба ал-куффора наботуҳу) «Растании он зироаткоронро мафтун менамояд» - яъне, ҳосили аз ин борон ба даст оянда фермерҳоро хурсанд менамояд. Мисли он ки растаниҳо зироаткоронро мафтун менамояд, ҳаёти заминӣ кофиронро мафтун менамояд. Вай барои онҳо аз ҳама матлуб ва пурқимат мебошанд. (сумма яҳиҷу фатароҳу мусфарран сумма якуну ҳутоман) «Баъд онҳо хушк мегарданд, ва ту онҳоро зардшуда мебинӣ, ки баъди вай онҳо ба гарду чанг мубаддал мегарданд. Баъд аз он ки растаниҳо сабзу тоза буданд, онҳо зард мегарданд, баъд пажмурда шуда пош мехӯранд. Худи ҳаминро дар нисбати ҳаёти заминӣ, ки марҳилаи

ҷавонӣ, балоғат, пирӣ ва пажмурдагиро мегузаронад, гуфтан мумкин аст. Худи ҳамин ба ҳаёти инсон тааллуқ дорад. Дар оғози ҳаёт шахс ҷавон аст, нерӯманд аст ва зебо аст. Тадриҷан вай ба воя мерасад то вақте, ки пурра ба муйсафеди беқувват табдил намеёбад. Мисли ҳамин Аллоҳ гуфтааст: «Аллоҳ - ҳамон аст, ки шуморо аз заъф офаридааст (шуморо аз қатра меофарад ё шуморо заиф меофарад). Баъди заифӣ ба шумо нерӯ мебахшад, баъд нерӯро ба заъф ва муйсафедӣ иваз менамояд. (30:54). Ин масал ба тезгузарии ҳаёти заминӣ ва интиҳои ҳатмии он ишора менамояд, дар ҳолате, ки ҳаёти Охират аллакай меояд. Аллоҳ даъват менамояд, ки маҳз бояд барои ҳаёти Охират ғамхорӣ намуд ва барои накӯиҳои он кӯшиш кард. Вай гуфтааст: (ва фи-л-охирати азобу шадидун) «Ва дар ҳаёти охират азоби шадид аст» (ва мағфиратун мин аллоҳ ва ризвон) ва (мағфират аз ҷониби Аллоҳ ва ризоият». (ва мо-л-ҳаёт-уд-дунё илло мато-ул-ғурур) «Аммо ҳаёти заминӣ танҳо предмети дилрабоист» - яъне вай лаззати муваққат буда, онҳоеро, ки онро ҳаёти ягона пазируфта, ба ҳаёти Оянда боварӣ надоранд, мафтун менамояд. Аммо дар муқоиса бо ҳаёти Охират вай кӯтоҳ буда, беарзиш аст. Ибни Ҷарир ривот мекунад, ки Расули Худо (с.) гуфт: мавзиун савтун фи-л-ҷаннати хайрун мин-ад-дунё ва мо фиҳо ақрау» «Мавзеи қамчин дар Биҳишт аз ин дунё бо тамоми он чи ки дар он ҳаст, беҳтар аст». Хонед, (агар хоҳед): (ва мо-л-ҳаёт-уд-дунё илло матоъул-ғурур) «Аммо зиндагонии дунё - танҳо боиси фиреб аст».

Зарурат ба таъкид аст, ки имрӯз дар байни донишмандони дин ҳамчун натиҷаи раванди дунявишавии ҷомеа чунин андешае шакл гирифтааст, ки беманфиат ва беарзиш нишон дода шудани зиндагонии дунё дар Қуръон ҳолати истисноӣ аст. Онҳо бо ин роҳ исломро шомил, яъне фарогири тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла сиёсат нишон дода, мехоҳанд аъмоли ифротгароию раванди сиёсисозии исломро асоснок намоянд. Дар Қуръон ба муқобили чунин андешаҳои беасос ғайр аз оятҳои фавқуззикр боз ояти зерин низ садо медиҳад: «Ва бидонед, ки молҳои шумову фарзандони шумо озмоиш аст; ва он ки назди Худо музди бузург аст» (Анфол, 8:28) дар тафсири Ибни Касир пешниҳод менамоем:(ваъламу

аннамо амволукум ва авлодукум фитнатун) «Бидонед, ки боигарии шумо ва фарзандони шумо – озмоиш – озмоиш аз Аллоҳ аст. Вай онро ба шумо ҳадя кардааст, то бидонад, ки шумо ба Вай барои онҳо шукргузор мегардед, дар он ки ба онҳо дахл дорад, ба Ӯ итоат менамоед, ё шумо танҳо бо онҳо машғул мегардед ва (муҳаббат) ба Аллоҳро бо муҳаббат ба онҳо иваз менамоед? Аллоҳ инчунин гуфтааст: (Иннамо амволукум ва авлодукум фитнатун валлоҳу индаҳу аҷрун азимун) - «Дар воқеъ, боигарии шумо ва фарзандони шумо озмоиш ҳастанд. Аҷри бузург бошад, дар назди Аллоҳ аст»… Ҳамчунин дар ҳадиси саҳеҳ оварда шудааст: «Валлазӣ нафсӣ биядиҳи, ло юъмину аҳадукум ҳатто акуна аҳабу илайҳи мин нафсиҳи ва аҳлиҳӣ ва молиҳи ва-н-носи аҷмаин» « Қасам ба зоте, ки ҷони ман дар дасти ӯст, ҳеҷ яке аз шумо имон наовардааст, то он вақте, ки ман барои ӯ аз худи ӯ, аҳли оилааш, молаш, боигарияш ва тамоми башар маҳбубтар набошам». Аз шарҳи маънии оят ва ҳадиси зикршуда чунин бардошт ба даст меояд, ки инсон, амволи ӯ, оила ва фарзандони ӯ дар дин он арзишеро шомил нестанд, чуноне ки дар дунё шомиланд.

Чун ин дунё аз нигоҳи Қуръон дунёи фонӣ, камарзиш, бозии беҳуда, гузаро арзёбӣ мегардад, пас ҳама гуна сарф дар ин дунё низ аз арзише бархӯрдор нест. Яъне, сарф кардан барои ободии дунё, аз нигоҳи Қуръон, барои инсон манфиате намеорад. Мисоли чунин ақидаи баёнгардида ояти 117 аз сураи «Оли Имрон» шуда метавонад. Ибни Касир ояти мазкурро ба таври зер шарҳ медиҳад: Аллоҳ дар хусуси сарфи кофирон дар ин ҳаёт мисол меорад. Муҷаҳид, ал-Ҳасан ва ас-Судди ояти (масалу мо юнфиқуна фи ҳазиҳи-д-дунё ка масали риҳин фиҳо сиррун) он чизе, ки онҳо дар ин ҳаёти наздиктарин сарф мекунанд, монанд шамоли тундбод аст, ки дар он «сир» - яъне хунукӣ аст.Ибн Аббос, Икрима, Катода, аз-Заҳҳок, ар-Раби ибн Анас ва дигарон ҳамин тавр шарҳ додаанд. Ато гуфт: «сир» маънои хунукӣ ва яхро дорад. Муҷаҳид инчунин гуфт, ки маънои «оташ» - ро дорад. Дар ҳолати мазкур оташ ва хунукӣ аз лиҳози маъно наздиканд, зеро хунукӣ низ чун оташ киштзорҳоро чун меваҳо нест мекунанд. (Асобат ҳарса қавмин заламу анфусаҳум фааҳлакатҳу), ки киштзори одамонеро

осеб расонид, ки нисбат ба худ ноодилона рафтор карданд, баъд онро нест намуд, - яъне сӯзонд. Ин оят дар бораи офати табиие, ки дар мавсими ҷамъоварии ҳосил рух медиҳад, нақл менамояд. Шамол (тундбод) тамоми ҳосилро, вақте, ки инсон ба он хеле эҳтиёҷ дорад, хароб мекунад ва нест менамояд. Ҳамчунин аст аъмоли кофирон, Аллоҳ мукофоти онҳоро барои аъмолашон хат мезанад ва аллакай дар ҳамин олам онҳоро аз маҳсули аъмолашон маҳрум месозад, чуноне ки Вай маҳсули меҳнати одамонро барои гуноҳҳояшон нест менамояд. Зеро онҳо тамоми аъмоли худро бидуни асос ва таҳкурсии қавӣ бунёд намудаанд (ва мо заламаҳум ва локина анфусаҳум язлимуна) Аллоҳ нисбат ба онҳо ноодил набуд, худи онҳо нисбат ба худ ноодил буданд.

Бояд таъкид намуд, ки мо ин ҷо танҳо чанд намунаро дар хусуси камарзишии зиндагонии дунё ва арзишҳои он зикр намудем, дар ҳолате ки чунин намунаҳо дар Қуръон бисёранд. Худи мисолҳои овардашуда, аз нигоҳи мо, мавқеи присипиалии Қуръонро дар муносибат ба ин дунё равшан муайян менамояд. Яъне, мусулмон бояд саодатро дар он дунё бинад, на дар ин дунё. Чун саодати ин дунё беарзиш аст, пас мантиқан ҳар гуна саъю талош ва меҳнат барои ободӣ низ аз арзиши назарасе орӣ аст.

Қобили зикр аст, ки мавқеи зикршудаи Қуръон дар муносибат ба дунё ва арзишҳои он дар ташаккули шахсиятҳои динии донишманд, вале мутаассиби ҷомеа саҳми бузург мегузорад. Чунин шахсиятҳои мутаассиб шарҳи таълимоти исломро дар муносибат ба дунё ва арзишҳои он ба ифрот бурда расониданд. Ин ҷо мо метавонем ба сифати далел иқтибосеро аз таълимоти яке аз нобиғагони фарҳанги исломӣ дар қарнҳои миёна Муҳаммад Ғазолӣ, ки дар кишти тухми ҷаҳонбинии ғайриилмӣ дар мафкураи аҳли ҷомеа нақши бориз дорад, зикр намоем: «Ва агар аҳли басират нестӣ, аҳли тақлид бош ва ба он имон биёвар ва таҳдидҳое, ки Худо ва расулаш кардаанд, диққат кун ва дар оёт ва аҳодисе, ки туро аз дунё барҳазар медоранд, биёндеш. Худои Таоло мефармояд: «Онҳо (Ҳар ки зиндагонии дунё ва зинати онро хоста бошад – А.К.) касонеанд, ки дар охират ба ҷуз оташ барояшон чизе нест ва он чӣ карда буданд, дар охират

нобуд шавад ва он чи ба амал меоварданд, ботил аст» (Ҳуд, 16) ва низ мефармояд: «Куфри он қавм баъд аз имон бад-ин сабаб буд, ки зиндагии дунёро бештар аз охират дӯст доштанд ва худованд гурӯҳи кофиронро ҳидоят намекунад» (Наҳл, 107)( Тарҷимаи ояти мазкур аз поварақи «Китоб-ул-арбаин»-и Ғазолӣ – А.К.), ва низ мефармояд: «Аммо касе, ки туғён кард, ва кофир шуд ва зиндагии дунёро бар охират тарҷеҳ дод, бешак дӯзах ҷойгоҳи ӯст» (Нозиот, 38,39) шояд сулси Қуръон дар замм (мазаммат)-и дунё ва замми аҳли он аст. Ва ҳазрати расули Худо (с) фармудааст: «Дунё ва ҳар чӣ дар он аст, малъунанд, магар чизе, ки барои Худо бошад», ва низ фармудааст: «Бисёр ҷои тааҷҷуб аст касе, ки сарои охиратро бовар мекунад, чӣ гуна барои сарои ғурур мекушад»[105]. Ғазолӣ ҳамчунин дар ҷои дигари асари мазкур боз фармудааст: «Бидон, ки муҳаббати дунё бузургтарини гуноҳон аст ва агар тамоми хатоҳоро ҷамъ карда, аз он муҷассами инсонӣ бисозанд, муҳаббати дунё ба манзалаи сари он аст ва дунё фақат ҷоҳу мол нест, балки қисматҳо ва шуъбаҳои зиёд дорад ва сарвату ҷоҳ ду шуъба аз онҳо мебошанд. Тамоми ҳолатҳои қабл аз марг дунё ва ҳолатҳои баъд аз он охират ба ҳисоб меоянд. Ба иборати дигар ҳар чизе ба ҷуз илму маърифат ва озодӣ, ки дар дунё аз онҳо баҳраманд мешавӣ ва марг туро аз он ҷудо месозад, аз умури дунявӣ ба шумор меояд ва чизҳое, ки баъд аз марг бо худ мебарӣ, аз умури ухравӣ маҳсубанд ва аҳли басират аз онҳо лаззат мебаранд»[106]. Чунин мавқеъгирии яктарафаи донишмандони шинохтаи ислом дар инқирози фарҳанги исломӣ бидуни тардид саҳим буда, омили асосии дур аз илму маърифат гардидани мардум дар саросари олами ислом гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар баробари оятҳои фавқуззикр дар Қуръон боз ҷо-ҷо оятҳое вомехӯранд, ки дар онҳо, аз як нигоҳ, таваҷҷуҳе ба дунёю арзишҳои он зоҳир карда мешавад. Чунин навъи оятҳоро дингароёни дунёпарасти ҷомеа чун асл ва маҳаки таълимоти ислом ба қалам медиҳанд, ки ин комилан хато аст. Зеро, ки аввалан, шумори онҳо дар муқоиса бо

---

[105]Имом Муҳаммад Ғазолӣ. Китоб-ул-арбаин. Тарҷумаи Бурҳониддин Ҳамдамӣ. Интишороти иттилоот. Теҳрон-1381. – С. 147-148.
[106]Ҳамон ҷо; - С.144.

оятҳое, ки дунёро беарзиш ба қалам медиҳанд, хеле кам аст, сониян, шарҳи онҳо аз тарафи муфассирони маъруф боз ҳам далолат ба он менамояд, ки таваҷҷуҳ ба ин дунё ва арзишҳои он хусусияти лаҳзавӣ, тасодуфӣ, дуюмдараҷа дошта, ҳеҷ гоҳ мақоми ин дунёро аз дунёи фавқуттабиаи динӣ боло намеҳисобад. Барои огоҳии дуруст мо рӯ ба оятҳои Қуръон меорем. Барои осонии таҳлил чунин зумраи оятҳоро мо шартан ба се навъ тақсим менамоем: оятҳое, ки дар онҳо ишора мегардад, ки ҳар қавм бояд худ худро тағйир бидиҳад. Агар қавм худро тағйир надиҳад, Худо низ онҳоро тағйир намедиҳад. Дар навъи дигари оятҳо рӯ ба амал овардани инсон таъкид мегардад ва дар навъи сеюми оятҳо арзишҳои дунявии оламро талаб намудани инсон ба мушоҳида мерасад. Барои навъи аввали оятҳо ояти 11-и сураи «Раъд»: «Ба дурустӣ, Худо ҳолатеро, ки бар қавме бошад, тағйир намедиҳад, то вақте ки онҳо (худ) он чиро, ки дар замирашон аст, тағйир диҳанд.» мисол шуда метавонад. Ибни Касир дар тафсири худ шарҳи зерини оятро пешниҳод менамояд: «Ибн Абу Ҳатим аз номи Иброҳим ривоят мекунад: «Аллоҳ ба яке аз пайғамбарон-фарзандони Изроил талқин намуд: «Ба халқи худ бигӯ, ки агар сокинони дилҳоҳ деҳ ё хона аз ибодати Аллоҳ ба гуноҳ рӯ биоранд, Аллоҳ он чиро, ки онҳо дӯст медоранд, ба он чи ки онҳо бад мебинанд, иваз менамояд, ва ин қавл бо суханони зерини Аллоҳ тасдиқ меёбад: (Инна-л-лоҳа ло юғаййиру мо биқавмин ҳатто юғаййиру мо бианфусиҳим) – «Ба дурустӣ, Худо ҳолатеро, ки бар қавме бошад, тағйир намедиҳад, то вақте ки онҳо (худ) он чиро, ки дар замирашон аст, тағйир диҳанд». Чӣ хеле ки маълум мегардад, мақсад аз тағйирдиҳии қавм дар оят аз содирнамудани гуноҳ боз ба ибодати Аллоҳ рӯ овардани онҳост. Яъне, аз оят набояд маънои тағйирдиҳии муҳити зисти инсон ё камоли маънавии он фаҳмида шавад. Хулоса, ҳадаф дар оят танҳо ҳадафи динӣ аст, на дунявӣ. Маънои мазкур дар ояти 53-и сураи «Анфол»: «Ин ба сабаби он аст, ки Худо ҳаргиз тағйирдиҳандаи ҳеҷ неъмате нест, ки онро ба қавме инъом карда бошад; то он ки онҳо ҳолатеро, ки дар худашон аст, тағйир диҳанд. Ва (ба сабаби он аст, ки) Худо Шунавои Доно аст. (Анфол, 8:53) низ ба мушоҳида мерасад. Ибни Касир ояти мазкурро ба

таври зер шарҳ додааст: «Аллоҳ таоло дар бораи комилии адолати Худ ва беғаразии қарораш хабар медиҳад. Зеро Ӯ таоло неъматеро, ки ба касе дода бошад, тағйир намедиҳад, магар ба сабаби гуноҳоне, ки ӯ содир карда бошад. Чуноне ки Аллоҳ таоло дар ин хусус гуфтааст: «Ба дурустӣ, Худо ҳолатеро, ки бар қавме бошад, тағйир намедиҳад, то вақте ки онҳо (худ) он чиро, ки дар замирашон аст, тағйир диҳанд» (13:11). Аз мундариҷаи оятҳо чунин хулосагирӣ карда мешавад, ки мақсад аз «Тағйир дар замир» маҳз аз содир намудани гуноҳ ба ибодати Аллоҳ рӯ овардан аст.

Барои навъи дуюми оятҳо, ки дар онҳо мафҳуми «амал кардан» ба мушоҳида мерасад, оятҳои зеринро метавон мавриди таҳқиқ қарор дод. Дар оятҳои 39-40-и сураи «Наҷм» гуфта мешавад: «Ва аз он ки одамиро ҷуз он чи амал кардааст, (чизе) нарасад; (39) ва аз он ки саъйи ӯ дида хоҳад шуд» (Наҷм, 53: 39-40). Ибни Касир ояти мазкурро ба таври зер тафсир намудааст: «яъне, чуноне ки нафс вазнинии гуноҳи дигар шахсро ба уҳда намегирад, ҳамчунин вай наметавонад подошеро бигирад, магар ин ки онро (бо меҳнати худ) касб карда бошад. Ба ояти муқаддас такя намуда аш-Шофеӣ чунин меҳисобид, ки подоши қироати Қуръон аз тарафи дигар одамон ба шахси мурда рафта намерасад, зеро ки ин подош маҳсули амали вай нест. Бад-ин сабаб Расули Худо ба ин амал ҳеҷ касро талқин накардааст. Амали мазкурро ҳеҷ яке аз саҳобаҳои ӯ низ накардааст.Агар ин амал накӯкорӣ мешуд, онҳо ҳатман дар ин (кор) пешдастӣ мекарданд. Аммо дуо ва садақа барои мурда бошад, онҳо таъин шудаанд ва то инсон рафта мерасанд». Аз маънои оят ва шарҳи он бармеояд, ки мурод аз амал дар оят ибодати динист, на тавассути амал обод кардани дунё.

Мазмуни ояти 105 аз сураи «Тавба: «Ва бигӯ: «Амал кунед, пас Худову пайғамбари Ӯ ва мӯъминон амали шуморо хоҳанд дид; ва ба сӯи Донандаи пинҳону ошкоро баргардонида хоҳед шуд! Он гоҳ шуморо аз он чи мекардед, хабар медиҳад» (Тавба, 9:105) ба маънои ояти мазкур наздик аст. Ояти мазкурро Ибни Касир ба таври зер шарҳ медиҳад. «Бигӯ: «Амал кунед, ва амалҳои шуморо Аллоҳ, Расул ва муъминон мебинанд. Шумо дар назди Донандаи ошкору ниҳон хоҳед истод, ва Вай шуморо аз он чӣ содир

кардед, огоҳ менамояд». Муҷоҳид гуфт, ки ин огоҳонидани сахте аст ҳамаи вайронкунандагони аҳкоми Аллоҳро дар хусуси он ки аъмоли онҳо дар назди Аллоҳ ва расули Ӯ (с), инчунин дар назди муъминон ба маъраз гузошта мешаванд. Ин ҳолат дар рӯзи Қиёмат ҳатман ҳамон тавре рух хоҳад дод, ки Аллоҳ васф намудааст: (явмаизин туъразуна ло тахфо минкум хофиятун) «Он рӯз шумо пеш оварда шавед, ки аз ҳоли шумо ҳеҷ сире пинҳон намонад» (69:18).

Доир ба маънои ду ояти овардашуда ҳаминро бояд гуфт, ки агарчанде онҳо инсонро ба амал намудан ҳидоят менамоянд ва ин амалкард (чун ба маънои мутлақ гуфта шудаанд) ғайр аз аъмоли динӣ боз метавонанд аъмоли неки ободкориро низ дар назар дошта бошанд, аммо мутаассифона маъноҳои мазкур дар муқоиса бо ҳукми оятҳои ба тақдир ишоранамоянда (87:1-3; 20-50; 25:2) дар амалияи динӣ муайянкунанда нестанд.

Чуноне ки зикр гардид, навъи сеюми оятҳоро оятҳое ташкил менамоянд, ки мазмуни онҳо майли инсонро ба арзишҳои дунявии манфиатбахш ифода менамоянд. Барои мисол мазмуни чанд оятро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳем. Ибни Касир ояти 156 аз сураи «Аъроф» - ро ба таври зер тафсир намудааст: «Барои мо дар ин ҳаёти наздиктарин ва дар ҳаёти оянда аъмоли нек навис – қисми аввали дуо ин муҳофизат кардан аз хатар, қисми дуюм ҳоҳиш барои дарёфти ҳадафи орзушаванда аст. «Навис барои мо дар ин ҳаёт (некӣ) ва накӯкорӣ дар ҳаёти оянда. Ин накӯкориро бар мо муқаррар кун ва мустаҳкам намо». Шарҳи калимаи (ҳасана) амали нек – аллакай зимни шарҳи сураи «Бақара» оварда шудааст…».

Мафҳуми «ҳасана», ки дар ояти маъмулии 201 аз Сураи «Бақара» дида мешавад, аз тарафи Ибни Касир чунин шарҳ ёфтааст: «Вақте муъминон омаданд, пурсиданд: (раббано отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фи-л-охирати ҳасанатан ва қино азоб-ан-нор) «Парвардигоро! Бидеҳ ба мо некӣ дар ин дунё ва некӣ дар ҳаёти охират ва ҳифз намо моро аз азоби оташ», Аллоҳ он гоҳ ояти зеринро фиристод: (улоика лаҳум насибун миммо касабу валлоҳу сариъ-ул-ҳисоб» Онҳоро ба сабаби он чӣ касб карданд, насиб аст. Аллоҳ зудҳисоб аст. Аллоҳ онҳоеро ситоиш намудааст, ки ҳам аз неъматҳои ин

дунё ва ҳам неъматҳои он дунё мепурсанд. Дар бораи онҳо мегӯяд: (ва минҳум ман яқулу раббано отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фи-л-охирати ҳасанатан ва қино азоб-ан-нор) «Аммо дар байни онҳо нафароне ҳастанд, ки мегӯянд: ««Парвардигоро! Бидеҳ ба мо некӣ дар ин дунё ва некӣ дар ҳаёти охират ва ҳифз намо моро аз азоби оташ». Ин дуо тамоми некиҳоро дарбар гирифта, тамоми бадиҳорорад менамояд. Ба «некӣ дар ин ҳаёт» мансуб донистан мумкин аст: саломатӣ, хонаи меҳмоннавоз, зани хуб, мулки васеъ, донишҳои нофеъ, аъмоли манфиатбахш, нақлиёти мувофиқ, овозаи хуб ва амсоли инҳо, ки бисёр муфассирон ёдрас менамоянд. Ҳамаи андешаҳои онҳо бо ҳам мухолифат намекунанд ва ҳамаи онҳоро ба неъматҳои ин дунё дохил намудан мумкин аст. Ба «некӣ дар ҳаёти охират» арзишҳои нисбатан баландтарро, чун ба биҳишт даромадан, бехатарӣ аз даҳшатҳои бузурги рӯзи Қиёмат, сабук намудани ҳисобу китоб ва дигар тобишҳои ҳаёти охиратро дохил намудан мумкин аст. Дар зери «наҷот аз оташи Дӯзах» сабукӣ дар худдорӣ аз мамнуъот, шубҳаҳо ва гуноҳон аллакай дар ҳаёт дар назар дошта мешавад. Бинобар ин, дар бораи бартарияти ин дуо ҳадисҳо вуҷуд доранд. Имом Бухорӣ аз номи Анас(р) нақл мекунад, ки пайғамбар (с) зуд-зуд мегуфтааст: «Аллоҳума раббано отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фи-л-охирати ҳасанатан ва қино азоб-ан-нор» «Ё Аллоҳ, парвардигоро, ба мо дар ин дунё некӣ бидеҳ ва дар он дунё некӣ бидеҳ ва моро аз азоби дӯзах наҷот бидеҳ!» (Саҳеҳ ал-Бухорӣ, 4522). Ин ҷо бояд таъкид намуд, ки Носир Абдураҳмон Саъдӣ дар тафсири худ зимни шарҳи ояти 201 аз сураи «Бақара» менависад, ки «Дар зери некӣ дар зиндагонии дунё хӯроки лазиз ва ҳалоле, ки бо меҳнати пок ба даст оварда шудааст, сарват, ҳамсари худотарс, кӯдаки хурсандибахш, ҳаёти ором, донишҳои муфид, аъмоли хайр ва бисёр чизҳое, ки ба одамон иҷозат дода шудаасту ба онҳо мақбул аст, фаҳмида мешавад».

Дар робитаи ба шарҳи мафҳуми «ҳасана» (некӣ), ки аз тарафи ду муфассири маъруф оварда шудааст, ҳаминро бояд таъкид намуд, ки онҳо мафҳуми мазкурро аз доираи арзишҳои моддию маънавии қуруни вусто ва замони муосир тафсир намудаанд. Аммо муфассирони замони пайдоиши

Қуръон мафҳум «ҳасана» - ро мутобиқи фаҳмиши худ шарҳ додаанд. Аз ҷумла, Ибни Аббос менависад: «Касоне, ки мегӯянд: Парваригоро, ба мо дар дунё (шутур, гов, гӯсфандон, ғуломон, канизон ва мол) бидеҳ, онҳоро дар охират насибе нест. Аз онҳо касоне мегӯянд: Парвардигоро, дар дунё некӣ (илм, ибодат, покӣ аз гуноҳ, шаҳодат ва ғанимат) ва дар охират некӣ (биҳишт ва неъматҳои онро) бидеҳ, онҳоро дар биҳишт насиби фаровон аст».

Чӣ хеле ки аз муқоисаи мундариҷаи мафҳуми «ҳасана» дар тафсирҳои мухталиф маълум мегардад, фаҳмиши мафҳум дар тафсирҳо то андозае аз ҳам тафовут доранд. Пешрафти ҷомеа дар фаҳмиши мафҳум тағйирот ворид намудааст. Дар тафсири Ибни Аббос, ки бояд мантиқан ба ҳақиқат наздик бошад, аз арзишҳои моддии дунявӣ танҳо «ғанимат» зикр шудааст. Мафҳуми «ғанимат» дар доираҳои динӣ аслан арзишҳои моддии тавассути ҷанг аз кофирон ба даст овардашударо ифода менамояд. Мафҳуми мазкурро агар аз нигоҳи имрӯза шарҳ диҳем, вай ба ноҳақ касб кардан ё ғорат намудани амволи ғайрро дар назар дорад.

Новобаста ба тафовути фаҳмиши мафҳуми «ҳасана» маълум мегардад, ки ислом арзишҳои моддиро то андозае барои инсон инкор намекунад. Аммо ҷанбаи ҳассос дар моликшавӣ ва истифода аз арзишҳои моддӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо на тавассути меҳнати фидокоронаи шахс, балки бояд бо кӯмаки Худо бе меҳнат ба даст оварда шаванд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳамчунин ояти 77 аз сураи «Қасас»: «Ва дар он чи Худо ба ту ато кардааст, (салоҳи) сарои охиратро биҷӯй ва аз дунё ҳиссаи худро фаромӯш макун; ва некӯӣ кун – чунон ки Худо бар ту некӯӣ кардааст ва дар замин фасод маҷӯ; ба дурустӣ, ки Худо фасодкунандагонро дӯст намедорад» (Қасас, 28:77) низ барои дарёфти арзишҳои дунявӣ дар зиндагонии дунё раҳнамоӣ менамоянд. Ибни Касир ояти мазкурро ба таври зер шарҳ додааст: (в-абтағи фи мо атока-л-лоҳу –д-дор-ал-охирата ва ло танса насибака мин-ад-дунё) Дар он, ки Аллоҳ барои ту сарои охиратро додааст, саъй кун! Ва насиби худро дар ин дунё фармомӯш макун – яъне, «сарвати бузург ва неъмати калонеро, ки Аллоҳ ба ту додааст, барои

хидмати Худои худ истифода бар». Ибодатҳои гуногунро, ки ба ту дар ҳаёти заминӣ ва ҳаёти охират подош медиҳанд, иҷро намуда, кӯшиш кун, ки ба вай наздик шавӣ. (ва ло танса насибака мин-ад-дунё) «Насиби худро дар ин дунё, мисли хӯрокӣ, нушокӣ, либос, маскан, занҳо аз ҳамаи он чи ки Аллоҳ ҳалол шумурдааст, фаромуш накун. Аллоҳ аз болои ту ҳақ дорад, ва ҳамчунин ту соҳиби ҳуқуқҳои худ ҳастӣ. Ҳамчунин оилаи ту ва зани ту бар ту ҳақ доранд. Ҳуқуқи ҳар яки онҳоро риоя намо» (ва аҳсин камо аҳсана – л-лоҳу илайка). Ва некхоҳона рафтор намо, чуноне ки Аллоҳ нисбат ба ту некхоҳона рафтор менамояд – яъне дар нисбати офаридаҳои Аллоҳ сахӣ бош, чуноне ки Вай нисбат ба ту сахӣ будааст; (инна-л-лоҳа ло юҳиббу-л-муфсиддин» Ба дурустӣ, ки Аллоҳ фасодкоронро дӯст намедорад!».

Дар ояти мазкур низ зарурати арзишҳои моддӣ барои ҳаёти инсонӣ таъкид мегардад, аммо роҳи ба даст овардани онҳо равшан нест. Дар қисмати аввали оят гуфта мешавад, ки неъматҳо ба ту аз тарафи Аллоҳ дода шудаанд. Аммо дар қисмати дуюм амр карда мешавад, ки насибатро фаромӯш макун, яъне насибат дода шудааст ва ту ҳақ дорӣ аз онҳо баҳра барӣ. Гӯё он арзишҳо дар куҷое хобидаанду шахси ниёзманд бояд бидуни меҳнате онҳоро соҳиб гардад. Хулоса, дар оят ҷанбаи муҳими мавриди таваҷҷуҳ дар он ифода меёбад, ки дар он маънои тавассути меҳнат ба даст овардани неъматҳоми моддӣ вуҷуд надорад.

Дар хусуси арзишҳои дунявӣ сухан ронда таъкид бояд намуд, ки Қуръон зидди ҳаёти фараҳбахшу дилрабоянда нест. Аммо онро танҳо дар он дунё ваъда медиҳад, на дар ин дунё. Барое ашхосе, ки ибодати Худоро ба ҷо меоранду амалҳои нек менамоянд, Аллоҳ ҷаннатро бо шароитҳои беҳтарини фараҳбахш омода намудааст, ки чунин навъи зиндагӣ барои муъминон дар зиндагонии дунё таъин нагардидааст. Аз он ҷумла, дар сураи «Нисо», ояти 57 гуфта мешавад: «Ва касонеро, ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд, зуд ба бӯстонҳое дарорем, ки аз зерион ҷӯйҳо мераванд, (дар ҳоле, ки онҳо) дар он ҳамеша ҷовидонанд; дар он ҷо барои онҳо занони поккардашуда ҳаст; ва онҳоро ба сояи бардавом дарорем»

(Нисо, 4:57). Шабеҳи маънии мазкур инчунин дар оятҳои зерини Қуръон низ мушоҳида мегарданд: (Нисо, 4:122; Наҳл, 16:30-31; Тавба, 9:72).

Вақте дар хусуси зиндагии фараҳбахш ҳамчун арзиши муҳими дунявии инсон сухан меронем, Қуръон онро комилан рад наменамояд. Аз ҷумла, барои мардон ба ғайр аз ваъдаи ҳуррони биҳиштӣ боз издивоҷро бо чор зан дар ин дунё низ ҷоизмешуморад. Аммо саволи матраҳ ин ҷо аз он иборат аст, ки магар зан ҳам ҳамчун узви дар ҷомеаҳои дунявӣ бо мард баробарҳуқуқ барои зиндагии фараҳбахш, чун ҳолатҳои фавқуззикр, ҳақ дорад ё не? Мутаассифона, дар Қуръон дар хусуси чунин ҳуқуқҳои зан чизе гуфта нашудааст.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҳама гуна ҷомеаҳо - ҳам ҷомеаҳои динӣ ва ҳам дунявӣ - ахлоқ, яъне рафтори байниҳамдигарии одамон дар ҷомеа арзиши махсусан муҳим ба ҳисоб мераваду баҳри роҳандозии он дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Мундариҷаи ахлоқ ва талаботҳои он дар ҳар дин аз роҳи пешгирифтаи ҷомеа ва хусусиятҳои инкишофи он сахт вобаста мебошад. Бо вуҷуди тафовутҳо боз талаботу меъёрҳои умумие вуҷуд доранд, ки аз хусусияти умумибашарӣ доштани ахлоқ гувоҳӣ медиҳанд. Аз ин рӯ, дар доираи арзишҳои динии ҳамаи динҳо, махсусан китобҳои муқаддаси адён ахлоқ ҳамчун воситаи хеле муҳими танзими муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, аз ҷумла василаи муайян намудани муносибати диндор бо объекти эътиқод мақоми муҳимро ишғол менамояд.

Дар баробари дигар динҳо дар ислом низ, махсусан дар китоби муқаддаси Қуръон ахлоқ хеле масъалаи муҳим маҳсуб меёбад ва он баъд аз масъалаи «имон» масъалаи зарууртарин арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, қариб дар аксари оятҳои Қуръон ба мавзӯи мазкур дар ин ё он шакл ба андозае дахл карда шудааст. Дар ин ҷода бояд таъкид намуд, ки Қуръон ҳатто зимни даъват ба ислом ба риояи талаботҳои ахлоқӣ амр менамояд: «Ба сӯи роҳи Парвардигори хеш ба донишу панди нек даъват кун; ва бо онҳо бо тариқе мунозира кун, ки вай нек аст!» (Наҳл, 16:125). Мувофиқи ҳукми ояти мазкур даъват ба ислом бояд шакле сурат гирад, ки

даъватшаванда ҳеҷ нороҳатие эҳсос нанамояд, зеро даъват бо истифода аз донишу панд ва нарасидан ба иззати нафси даъватшаванда бояд сурат гирад.

Яке аз талаботҳои ахлоқии дини ислом содир намудани амали солеҳ (нек, манфиатовар) аст. Дар робита ба мафҳуми «амали солеҳ» таъкид намудан мехоҳем, ки танҳо он амал амали солеҳ маҳсуб дониста мешавад, ки дар он бевосита ё бавосита манфиати шахс ё гурӯҳи одамон ифода ёфта бошад. Дар бисёр оятҳо вақте имон доштани шахс зикр мегардад, ҳатман содир намудани амали солеҳ низ таъкид мегардад. Ва дар ояти 110 аз сураи «Каҳф» ба амали солеҳ ҳатто мақоми аввалиндараҷа дода шудааст: «пас, ҳар ки мулоқоти Парвардигори худро умед дорад, бояд, ки кори писандида (солеҳ) кунад ва дар ибодати Парвардигори хеш ҳеҷ касро шарик наоварад». Арзишмандии амали солеҳ дар ислом аз он ҷиҳат боз соҳиби мақоми баланд аст, ки вай ҳамзамон маҳвкунандаи аъмоли бад маҳсуб меёбад. Дар ин хусус дар сураи «Анкабут», ояти 7 омадааст: «Ва корҳои бади касонеро, ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд, албатта маҳв кунем ва ба онҳо некӯтар аз он чи мекарданд, подош диҳем».

Қобили зикр аст, ки дини ислом ба пайравони хеш дар он дунё биҳиштро ваъда менамояд. Аммо биҳишт на бар ҳама, балки бар касоне ваъда карда мешавад, ки ғайр аз имон доштан ба арзишҳои эътиқодии дин боз амали солеҳ низ содир карда бошанд, яъне яке аз шартҳои воридшавӣ ба биҳишт барои мусалмон содир намудани амали солеҳ маҳсуб дониста мешавад («Бақара, 2: 82). Ҳадафи ахлоқии дини ислом махсусан, дар сураи Наҳл, ояти 90 хеле барҷаста баён ёфтааст: «Ҳамоно Худо ба инсофу накӯкорӣ ва ато кардан ба хешовандон мефармояд ва аз беҳаёӣ ва кори нописандида ва бедодӣ манъ мекунад; шуморо панд медиҳад то бувад, ки пандпазир шавед». Барои васеъ ва амиқ интишор намудани некӣ бояд пеш аз ҳама тухми бадиро нест бояд кард, яъне бар зидди вай мубориза бояд бурд. Ҳамин аст, ки Қуръон нигоҳ доштан аз ҳирси нафсро барои шахс яке аз шартҳои растагорӣ маҳсуб медонад: «Ва ҳамонҳое, ки аз ҳирси нафси худашон нигоҳ дошта шудаанд, растагоронанд» (Ҳашр, 59:9).

Махсусан, шеваи мубориза бар зидди бадӣ дар Қуръон хеле ҷолиб ва мароқангез мебошад. Барои гирифтани пеши роҳи бадӣ ва интишори некӣ Қуръон ба бадӣ бо некӣ ҷавоб доданро тавсия медиҳад: «Ва ба шевае, ки он нек аст, бадиро дафъ кун!» (Муъминон,23: 96); «Ва некию бадӣ баробар нест; бадиро бо он чизе ҷавоб деҳ, ки беҳтар аст. Он гоҳ (бибинӣ, ки) он кас, ки миёни туву миёни вай душманист, гӯё дӯсти қариб шудааст» (Фуссилат, 41: 34). Барои тарғибу ташвиқи амали солеҳ Қуръон инчунин подоши даҳчанд зиёдтарро ваъда медиҳад: «Ҳар кӣ некие оварад, ӯро даҳчанд (подош) аст ва ҳар ки бадие оварад, ба ҷуз мисли он ҷазо дода нахоҳад шуд» (Анъом, 6:160).

Зарурат ба таъкид аст, ки дар Қуръон дар хусуси иҷтиноб аз аъмоли бад ва ҳукм барои содир намудани аъмоли мухталифи нек оятҳои зиёд мавҷуданд. Ин ҷо намунаҳои овардашударо барои нишон додани мақоми ахлоқ дар Қуръон ҳамчун арзиши муҳими дунявӣ комилан кофӣ маҳсуб дониста, нигоҳи китоби муқаддасро доир ба ду мушкилиахлоқии хеле маъмули ҷомеаи имрӯза мехоҳем қайд намоем. Яке аз ин мушкилот дурӯғгӯист. Новобаста аз он ки оятҳои зер дар кадом маврид баён ёфтаанд, дар онҳо дурӯғгӯӣ пурра маҳкум карда мешавад: «… ва лаънати Худоро бар дурӯғгӯён бигардонем!» (Оли Имрон, 3:61); «Ва ба сабаби он ки дурӯғ мегуфтанд, барои онҳо азоби дарддиҳанда ҳаст» (Бақара, 2:10).

Мушкили дигар вафо ба аҳд аст. Қуръон барои ҳар муъмин ба аҳдҳо вафо намуданро ҳукм менамояд: «Ва ба моли ятим ба ҷуз ба тариқе, ки он нек аст, наздик машавед, то ки ба ниҳояти қуввати худ бирасад; ва ба паймон вафо кунед; ба дурустӣ, ки аз паймон пурсида хоҳад шуд»; (Исро, 17:34); «Эй муъминон, ба паймонҳо вафо кунед!» (Моида, 5:1).

Аҳамияти аъмоли солеҳ ва подоши онҳоро дар ислом зикр намуда, ҳамзамон ёдовар мешавем, ки ҳамаи аъмоли нек ва писандида дар ислом ба шарте мавриди қабули Худо аст, ки агар содиркунандаи он мусулмон бошад. Тибқи таълимоти Қуръон ҳама гунна амали солеҳ ва нафъовар, новобаста аз ҳаҷмаш, агар содиркунандаи он мусулмон набошад, чунин амал аз тарафи Худо пазируфта намешавад. Яъне, тибқи таълимоти

Қуръон аз тарафи шахс пазируфтани дини ислом дар мақоми аввал буда, вай ҳатто аз ҳама гунна аъмоли нафъовари аҳамияти умум дошта авлотар аст. «Ҳароина ба касоне, ки ба оятҳои Худо кофир мешаванд ва пайғамбаронро ба ноҳақ мекушанд ва аз мардум онҳоеро мекушанд, ки ба адл мефармоянд, аз азоби дарддиҳанда хабар деҳ!» (ояти 21); «Ин гурӯҳ касонеанд, ки амалҳояшон дар дунё ва охират нобуд шуд; ва онҳоро ёридиҳандае нест» (Оли Имрон, 3:21-22); «Ба дурустӣ, касоне, ки кофир шуданд ва кофир мурданд: агар касе аз онҳо миқдори пурии замин аз зар ба ивази худ диҳад, ҳаргиз аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд. Барои он гурӯҳ азоби дарддиҳанда ҳаст ва онҳоро ҳеҷ ёридиҳандае нест» (Оли Имрон, 3:91). Ояти мазкурро Ибни Касир шарҳ дода менависад, ки касе, ки кофир мурд, аз ӯ некие, ки барои он баробари ҳаҷми замин тилло сарф карда бошад, қабул карда намешавад.

Дар байни арзишҳои дунявии ҷанбаи башардӯстонадошта муайян намудани муносибат бо адёни ғайр ва намояндагони он хеле муҳим мебошад. Муҳимияти мавзӯи мазкур дар он ифода меёбад, ки дин бо роҳи интихобнамудааш дар муносибат бо адёни дигар метавонад тақдири ояндаи худро муайян намояд, яъне вай метавонад ё роҳи муросою ҳамзистиро пеша намояд ё дар мубориза барои ҳукмронии ягона пурра аз байн равад ё ғолиб ояд. Комилан маълум аст, ки дини ислом дар раванди ташаккулёбии худ давраҳои мухталифи рушдро паси сар намудааст. Дар оғози пайдоиш ҳарифи ғоявии он танҳо бутҳои Макка буданд. Баъдтар ба сифати ҳарифони вай пайравони динҳои дар он замон аллакай дар Маккаю атрофи он қувватгирифта, чун яҳудияю масеҳия баромад менамоянд. Чуноне ки аз мазмуни оятҳои Қуръон бармеояд, муносибат бо динҳои мазкур ҳамеша яксон набудааст. Баъзан динҳои мазкур ва пайравони онҳо мавриди илтифоти Худои ислом мегарданд, баъзан онҳо маҳкум гардида, дурӣ аз онҳо ногузир ҳисобида мешавад. Бидуни тардид чунин ихтилофи муносибат аз давраҳои ташаккулёбию нерӯгирии дини ислом вобастагии зич дорад. Вақте пайғамбари ислом зимни рисолати хеш ба сабаби мавҷудияти ғояҳои умумию пайғамбарони умумӣ ва ҳамчунин дини

«осмонӣ» будан ба дастгирии намояндагони динҳои яҳудию масеҳӣ умед мебандад, чунин умед дар оятҳои Қуръон низ инъикоси худро меёбад. Дар баробари ин, дар Қуръон инчунин қатъ гардидани умед аз дастгирии пайравони дини мазкур, дилхунукӣ аз онҳо ва ҳатто қатъи алоқа низ ифода мегарданд. Бинобар ин, дар Қуръон дар муносибат ба адёни дигар ду навъи муносибатро равшан мушоҳида менамоем. Дар оятҳои зерин муносибати некхоҳона бо адёни дигар равшан ба чашм мерасад:

«Ҳамоно (аз) имоноварандагон ва яҳудиён ва собииён ва насрониён ҳар ки ба Худо ва рӯзи охир имон орад ва кори шоиста кунад, бар онҳо ҳеҷ тарсе нест ва онҳо андӯҳгин нашаванд (Моида, 5:69);

«Ва аз қавми Мусо гурӯҳе ҳастанд, ки (мардумро) ба роҳи рост ҳидоят мекунанд ва ба ростӣ ҳукм мекунанд (Аъроф, 7:159).

«Аз аҳли Китоб ҳама баробар нестанд: гурӯҳе дар вақтҳои шаб истода ояти Худоро мехонанд ва саҷда мекунанд. (113) Худоро ва рӯзи қиёматро бовар меоранд ва ба кори писандида мефармоянд ва аз нописандида манъ мекунанд ва дар некиҳо шитоб мекунанд; ва онҳо аз шоистакоронанд» (Оли Имрон, 3: 113-114).

«Ҳамоно Худо миёни онон, ки имон оварданд ва онон, ки яҳудӣ шуданд ва собииён ва тарсоён ва габрон ва мушрикон рӯзи қиёмат ҳукм хоҳад кард. Ба дурустӣ, ки Худо бар ҳар чиз огоҳ аст» (Ҳаҷ, 22:17).

«Эй Бани Исроил, неъмати Маро, ки бар шумо инъом кардаам ва он ки шуморо бар ҳамаи оламиён фазл додаам, ёд кунед!» (2:122).

«Ва бо аҳли Китоб ҷуз ба он сурате, ки некӯ бошад, муҷодала макунед, магар бо касоне аз онҳҳо (муҷодала кунед), ки ситам карданд ва бигӯед: «Ба он чӣ ба сӯи мо фурӯ оварда шуд ва ба он чи ба сӯи шумо фуруд оварда шуд, имон овардем ва Худои мо ва Худои Мусо Яке аст ва мо Ӯро фармонбардорем» (Анкабут, 29:46).

Дар баробари оятҳои зикршуда боз оятҳое мавҷуданд, ки дар онҳо дурӣ гузидан аз пайравони динҳои зикршуда амр карда мешавад:

«Ва яҳудиёну тарсоён ҳаргиз аз ту хушнуд намешаванд, магар ин ки кеши онҳоро пайравӣ кунӣ». Бигӯ: «Ба дурустӣ ки ҳидоят ҳидояти Худо

аст». Ва агар баъд аз он чӣ аз дониш ба ту омадааст, орзуҳои (ботили) онҳоро пайравӣ кунӣ, (пас) туро (барои халосӣ) аз (азоби) Худо ҳеҷ дӯсте ва ёридиҳандае набошад» (2:120;).

«Эй муъминон, яҳудиён ва насрониёнро дӯст магиред! Баъзеи онҳо дӯсти баъзеанд. Ва ҳар ки аз шумо онҳоро дӯст дорад, пас, ҳамоно ӯ аз онҳо аст. Ба дурустӣ ки Худо гурӯҳи ситамгаронро роҳ наменамояд» (Моида, 5: 51).

Қобили зикр аст, ки дар Қуръон боз оятҳое вуҷуд доранд, ки аз худ таҳаммулпазирии равшанро ба маъраз мегузоранд. Бибуни тардид чунин оятҳо маҳз дар вобастагӣ бо муҳити мухталифи сиёсӣ-иҷтимоӣ шакл гирифтаанд. Агарчанде дини ислом маҳз дар муборизаи шадид бо динҳои дигар, махсусан бутпарастӣ ташаккул ёфта бошад ҳам, дар Қуръон боз оятҳое вомехӯранд, ки дар онҳо иҷтиноб аз ҳар гуна маҷбуркунӣ дар қабули дин амр карда мешавад. Оятҳои зеринро ба ҷумлаи оятҳои хусусияти таҳаммулпазиридошта дохил кардан мумкин аст:

-ояти 256 аз сураи «Бақара» - «Дар дин маҷбуркунӣ нест»;

- ояти 99 аз сураи «Юнус» - «Ва агар парвардигорат мехост, ҳамаи онон, ки дар заминанд, якҷоя имон меоварданд. Оё ту мардумонро маҷбур менамоӣ, то муъмин шаванд?»;

- ояти 6 аз сураи «Кофирун» - «Шуморо дини шумост ва маро дини ман аст»;

- ояти 8 аз сураи «Шуро» - «Ва агар Худо мехост, онҳоро як уммат мегардонид; валекин ҳар киро хоҳад, дар раҳмати худ дармеорад»; Аз оят метавон чунин бардошт намуд, ки чун дар динҳои мухталиф будани одамон тибқи иродаи Худо сурат гирифтааст, на тибқи иродаи худи одамон, пас, ҳама гунна маҷбуркунӣ барои қабули дин маънои муқовимат намудан ба иродаи Худоро дорад.

-ояти 29 аз сураи «Каҳф» - «Ва бигӯ: «Ин сухани рост аз Парвардигори Шумо омадааст. Пас, ҳар кӣ хоҳад, имон оварад, ва ҳар кӣ хоҳад кофир шавад»; Агарчанде идомаи ояти мазкур ба золимон азоби дӯзахро ваъда медиҳад, лекин ин ҷо муҳим он аст, ки дар ин дунё шахс

зимни қабули дин метавонад тибқи хоҳтишаш амал кунад ва барои вай ягон навъи маҷбуркунӣ дар ин дунё тибқи ояти мазкур пешбинӣ намегардад.

-ояти 41 аз сураи «Зумар» - «Ҳамоно Мо китобро ба ростӣ барои мардумон ба ту фуруд овардем, пас, ҳар кӣ роҳёб шавад, ба (фоидаи) худи ӯст; ва ҳар кӣ гумроҳ шавад, пас, ба ҷуз ин нест, ки ба зарари худ гумроҳ мешавад. Ва ту бар онҳо нигаҳбон нестӣ» (Қобили зикр аст, ки маънии мазкур дар ояти 108 аз сураи «Юнус» такрор шудааст). Тибқи ояти мазкур низ интихоби дин бар зиммаи худи шахс вогузошта шудааст ва ҳатто пайғамбар дар ин ҷода аз масъулият озод аст.

Аз маънии баъзе оятҳо ба осонӣ чунин бардошт кардан мумкин аст, ки барои дин ягон навъи маҷбуркунӣ бояд набошад, зеро тибқи маънои баъзе оятҳо дар қабули дин шахс соҳибихтиёр аст, аммо тибқи оятҳои дигар дар ин ё он дин будани шахс тибқи иродаи Худо сурат гирифтааст. Пас, дар ҳар ду ҳолат ҳам дар қабули дин маҷбуркунӣ бояд набошад. Барои иттилои бештар тафсири се оятро аз «Тафсир-ул-анвор», ки баргузидаи се тафсир: тафсири «Фатҳ-ул-қадир» - и Шавконӣ, тафсири Ибни Касир ва «Тафсир-ул-мунир» - Ваҳбаи Зуҳайлист, мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳем.

Дар «Тафсир-ул-анвор» дар тафсири ояти 256 аз сураи «Бақара» «Барои дин ҷабр кардан (раво) нест» омадааст: яъне ҳеҷ кас аз куфорро – дар сурате, ки ба пардохти ҷизя тан дардиҳад,-ба қабули ислом иҷбору икроҳ нанамоед, зеро далоил ва бурҳонҳои дини ҳақ ошкору равшан аст ва ниёзе ба ин вуҷуд надорад, ки касеро ба иҷбор ба он ворид намуд. Дар баёни сабаби нузули ояти карима омадааст: гурӯҳе аз ансори Мадина гуфтанд: «Мо қабл аз ислом бо ин эътимод, ки дини яҳуд аз дини мо беҳтар аст, фарзандонамонро ба дини онон даровардем ва ҳоло, ки Худои азза ва ҷалла исломро намоён гардонид, дигар мебояд фарзандонамонро ба ҷабру икроҳ ба пазириши ислом водор намоем». Пас, чун ин ояти карима нозил шуд, расули Худо (с) фарзандони ансорро мухайяр сохта ва ононро ба пазируфтани ислом иҷбору икроҳ накарданд. Оре, икроҳ ва иҷбор мунтафӣ

(инкоршуда) аст, чаро ки рушд (роҳнамоӣ) аз ғай (гумроҳӣ, торикӣ) ба равшанӣ ошкор шуда аст». Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар ҳолате, ки нерӯҳои исломӣ дар оғози ислом дар Мадина бо нерӯҳои ансор пурқувват мегарданд, ислом ҷабрро раво намебинад.

Дар «Тафсир-ул-анвор» дар хусуси ояти 99-и сураи «Юнус» оварда шудааст: «Ва агар парвардигори ту мехост, қатъан ҳар ки дар замин аст, ҳама якҷо имон меоварданд» ба тавре ки ҳама бар имон якдил ва якдаст мебуданд ва дар он ҳеҷ парокандагӣ ва ихтилофе намедоштанд. Вале парвардигори ту ин амрро нахост, зеро имоне инчунин, мухолифи маслаҳате аст, ки Худойи субҳон онро ирода дорад. Ин маслаҳат ҳамоно ҳикмати болиғаи парвардигор дар ин аст, ки қазияи имонро ба ихтиёри инсон вогузорад. «Оё ту» эй, Муҳаммад! (с) «мардумро ба икроҳ вомедорӣ то муъмин шаванд»? Бидон, ки на ин кор дар вусъ ва тавони туст ва на ҷузъи таколифи ту, зеро дар амри пазируфтани дин ҳеҷ гуна иҷборӣ нест ва суннати илоҳӣ бар он рафта, ки фосиқони ситамгари гарданкашро ҳидоят накунад.

Дар хусуси сураи «Кофирун» бошад, дар «Тафсир-ул-анвор» омадааст: «Ин сура дар бораи гурӯҳе аз Қурайш нозил шуд, ки назди расули Худо омаданд ва гуфтанд: Эй Муҳаммад! Ба ту пешниҳоде дорем. Биё ту аз дини мо пайравӣ кун ва мо аз дини ту пайравӣ кунем, ба ин тартиб, ки муддати як сол худоёни моро парастиш кунӣ ва мо муддати як сол худои туро мепарастем…Расули Худо (с) фармуданд: паноҳ бар Худои Субҳон, ки ман дигареро бо вай шарик гардонам. Ҳамон буд, ки Худованд ин сураро нозил кард»[107].

Қобили зикр аст, ки дар «Тафсири кобулӣ»[108] низ зимни мутолиаи шарҳи оятҳои фавқуззикр мо маъниҳои ба маъонии баёнгардида шабеҳро мушоҳида менамоем.

---

[107]Тафсири «Анвор-ул-Қуръон» (Гузидае аз се тафсир: «Фатҳ-ул-қадир»-и Шавконӣ, Тафсири Ибни Касир ва «Тафсир-ул-мунир»-и Ваҳбаи Зуҳайлӣ). Тартиб ва тарҷимаи Абдурауфи Мухлис.Copyright/ 2008ahlesonnat.com.

[108]Тафсири кобулӣ (Тарҷима аз урду ба форсӣ), Пешовар, Покистон.Бе С/Н.

Хулоса, дар сарчашмаи асосии таълимоти ислом – Қуръон арзишҳои дунявӣ дар умум хеле беарзиш, ночиз ва беаҳамият нишон дода шудаанд. Ба шахси дини исломро қабулнамуда талқин карда мешавад, ки ин дунё бо тамоми арзишҳояш бо шумули зану фарзанд ва оила дар муқоиса бо арзиши олии динӣ – ба даст овардани ризоияти Худо ночиз аст, аз ин рӯ, вай бояд барои сазовор гардидан ба ҳаёти ҷовидона бо зиндагии пурфараҳу лаззатбахш дар он дунё талош намояд. Новобаста ба таълимоти мазкур Қуръон ба ҷанбаи иҷтимоии ҳаёти мусулмонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои ба танзим даровардани самти мазкур дастурҳое арза доштааст, ки барои давраи пайдоиши ислом бештар созгору муфид мебошанд. Қобили зикр аст, ки Қуръон чун тамоми динҳои соҳибкитоб ба ахлоқ ҳамчун василаи асосии танзими муносибатҳои байниҳамдигарии одамон таваҷҷуҳи ниҳоят зиёд зоҳир намуда, содир намудани аъмоли шоистаю некро тарзи ҳастии мусулмонон муқаррар намудааст.

## 2.3. Масъалаи ҳокимият дар ислом

Барои дақиқ ва воқеъбинона матраҳ намудани масъалаи гузошташуда зарур мегардад, ки мафҳуми “ҳокимият” таъриф дода шавад. Бертранд Рассел ҳокимиятро ҳамчун “Маҳсули ҳадафи нияткардашуда”[109] таъриф додааст.Тибқи нуқтаи назари сарчашмаи зикршуда ҳокимият қобилияти шахсро барои иҷрои хоҳишҳои худ ё даст ёфтан ба мақсадҳои худро ифода менамояд. Умуман истилоҳи “Ҳокимият” шомили маъноҳои мухталиф аст. Дар гуфтугӯи рӯзмарра ва баъзан адабиётҳои илмӣ низ мо дар хусуси ҳокимияти инсон аз болои табиат ё ҳокимияти як шахс аз болои шахси дигар сухан меронем. Аксарияти назариячиёни “ҳокимият” маҳдуд сохтани истифодаи онро бо маънои “ҳокимият аз болои ҳастии инсон” афзал мешуморанд. Роберт Даҳл бошад, ҳокимиятро чун як шакли таъсиррасонӣ тавсиф додааст[110]. Бояд таъкид намуд, ки маҳз фаҳмиши

[109]G.P. Gauba. An introduction to political theory. 7 th edition Thoroughly Revised. India. Al-Aziz Book Binding House, Sahibabad (U.R.).2014. - C.323.
[110]Ҳамон ҷо;

“Дахл”-ии ҳокимият дар таҳқиқи мазкур мавриди баррасӣ қарор дорад. Вобаста ба фаҳмиши мазкур ҳокимият барои он ки маҳсулнок ва устувор бошад, аксаран характери “нуфуз”-ро, мегирад, ки маънои машруиятро низ дар назар дорад. Танҳо дар ҳолати кор надодани машруият аз нерӯ ё зӯроварӣ ё муҷозот истифода бурда мешавад. Маҳз нуфуз аст, ки қабули иҷтимоӣ ва татбиқи маҳсулноки қоидаҳо, сиёсатҳо ва қарорҳоро таъмин менамояд. Бинобар ин, зарур аст, ки мавҷудияти муносибати дақиқ дар байни ҳокимият, нуфуз ва машруият фаҳмида шавад. Дар масъалаи мавриди таҳқиқи мо маҳз нуфуз сарчашмаи ташкили ҳокимият ва заминаи воқеии машруияти ҳокимият маҳсуб меёбад. Зеро мафҳуми нуфуз дар худ мавҷудияти имконияти таҳмил намудани иродаи худро аз болои дигарон нуҳуфта аст. Ҳолати мазкур бошад, худ ҳокӣ аз мавҷудияи ҳокимият аст. Маҳз нуфуз аст, ки ҳокимиятро қавӣ ва пойдор нигоҳ медорад. Маҳз нуфуз аст, ки дигар шаклҳои татбиқи ҳокимият, чун зӯроварӣ ва муҷозотро истисно менамояд.

Вақте масъалаи ҳокимиятро дар ислом таҳқиқ карданӣ мешавем, мо бояд ба масъала аз ду ҷиҳат назар андозем: аввалан ҳокимият ҳамчун органи идоракунанда, чун ҳокимияти сиёсӣ, ҳокимияти иқтисодӣ ё ҳокимияти судӣ ё иҷроия ва амсоли инҳо. Сониян, ҳокимият ҳамчун василаи амалӣ намудани иродаи шахс. Илова ба ин, зарур мегардад, ки ҳар ду фаҳмиши ҳокимият ҳам дар исломи назариявӣ, яъне сарчашмаҳои асосии таълимоти дини ислом - Қуръон ва аҳодис ва ҳам исломи амалӣ, яъне шакли танзим ва идораи ҳаёти мусулмонон мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар сарчашмаи асосии таълимоти дини ислом – Қуръон масъалаи ҳокимият ҳамчун органи идоракунанда ва ё ҳамчун василаи ба низом даровардани ҳаёти ҷамъиятӣ бевосита матраҳ нагардидааст. Дар ин хусус исломшиноси маъруф Тавфиқ Иброҳим хеле дуруст қайд менамояд: “Дар заминаи Қуръонро дар баъзе кишварҳои муосири исломӣ “конститутсия” эълон намудан ва дар рӯҳияи тасаввурот дар бораи Қуръон ҳамчун танзимгари ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии ҷамоа-давлати мусулмонии дар Мадина

аз тарафи Муҳаммад идорашаванда далели дар Қуръон набудани маҳз унсури сиёсӣ ғайричашмдошт ба назар мерасад. Дар китоби муқаддас амалан ягон меъёри ҳуқуқии муносибатҳои ҳокимиятро идоракунанда вуҷуд надорад. Дар он инчунин дар бораи шакли идоракунӣ – монархӣ ё ҷумҳуриявӣ, мардумсолорӣ ё истибдодӣ; дар бораи таносуби ҳокимиятҳо – динӣ ё дунявӣё қонунбарор, иҷроия ва судӣ; дар бораи тарзҳои таъсиси ҳокимият – интихоби ҳоким, таъин намудани  вай аз тарафи ҳокими пешина ё интиқоли ҳокимият тавассути мерос; дар бораи машруияти ҳокимият – вожгун намудани мустабид ё ғосиб ва ғ. дастури равшан дида намешавад”[111]. Чуноне ки муҳаққиқи зикршуда қайд менамояд, дар Қуръон ҳамагӣ ду ё се ояте ҳастанд, ки онҳоро  аз  нигоҳи сиёсӣ шарҳ додан мумкин аст. Яке аз онҳо ояти зер аст: “Эй муъминон, Худоро фармонбардорӣ кунед ва пайғамбару фармонравоёнро аз ҷинси хеш фармонбардорӣ кунед! Пас, чун дар чизе ихтилоф кунед, агар ба Худо ва рӯзи охир эътиқод доред, онро ба сӯи Худо ва Пайғамбар бозгардонед”(Нисо, 4:59). Ал-Бухорӣ аз номи Ибн  Аббос нақл мекунад, ки ояти мазкур дар нисбати Абдулло  ибн  Ҳузафа ибн Қайс ибн  Ади, ки онро пайғамбар бо лашкаре ба тохтутози ҳарбӣ  мефиристад, нозил шудааст. Аз маънои  оят бармеояд, ки муъминон ба ғайр аз Худову расул ба ҳокимон низ бояд фармонбардорӣ намоянд, агарчанде ҳокимияти ниҳоӣ ва мутлақ боз ҳам ба Худову расули ӯ мансуб дониста мешавад. Ояти дигар чунин садо медиҳад: ”Пас, ба сабаби меҳрубонии Худо барои онҳо нарм шудӣ; ва агар дуруштхӯи сахтдил мешудӣ, аз атрофи ту пароканда мешуданд. Пас, аз онҳо даргузар ва барои онҳо омурзиш хоҳ ва дар ин кор бо онҳо машварат кун; (Оли Имрон, 3:159). Аз маънои оят чунин хулосагирӣ карда мешавад, ки пайғамбар дар қабулии  қарор бо атрофиёни худ машварат мекардааст, яъне омили дунявӣ дар шакли андешаи саҳобаҳо низ дар қабули қарор нақши муайяне доштааст.

[111]Megaуфик Ибрагим. Коранические чтения. III. «Неужто они не разумеют»! – Москва – Нижный Новгород: Издательский дом «Медина», 2008. – С.25.

Қобили зикр аст, ки фармонбардорӣ ба соҳибамрҳо ё вазифадорон дар ҳадисҳо бештар муфассалтар баён ёфтааст. Пайғамбар гуфтааст, ки "итоат кардану фармонбардорӣ намудан, новобаста ба он ки ба вай маъқул аст ё не, вазифаи мусулмон аст"[112]; "агар ба касе қарори амир маъқул наафтод, бигзор тоқат намояд"[113]; "итоат кунед ва фармонбардорӣ намоед, агарчанде аз болои шумо ғуломи сиёҳпӯстро таъин намоянд ҳам"[114]; инчунин дар ҳадисе омадааст: "касе бар ман фармонбардорӣ намояд, вай ба Худо фармонбардорӣ менамояд, ва касе, ки аз итоати ман сар мепечад, вай аз итоати Худо сар мепеяад; касе, ки ба амири ман фармонбардорӣ менамояд, вай ба ман фармонбардорӣ менамояд, ва касе ки аз итоати ӯ сар мепечад, вай аз итоати ман сар мепечад"[115]. Мутобиқи ҳадисҳо итоати амир мутлақ ва бидуни шарт нест. Дар яке аз суханрониҳои худ пайғамбар ба амир итоат намуданро васият намуда, боз илова намудааст "агар мутобиқи Китоби Худо аз болои шумо роҳбарӣ намояд"[116]. Ҳамчунин пайғамбар тибқи як ривояти дигар гуфтааст: "Агар ба мусулмон амр карда шавад, ки вай ба сарпечӣ аз Худо оварад, вай вазифадор нест, ки итоат намояду фармонбардорӣ кунад"[117]. Ҳамчунин дар хусуси масъулияти амир дар назди тобеон пайғамбар гуфтааст: "Ҳар яке аз шумо чӯпонед ва барои қавм масъулед. Имом чӯпон аст ва барои қавм ҷавобгӯ аст; мард дар хона чӯпон аст ва барои аҳли он ҷавбгӯ аст"[118]. Хулоса, масъалаи фармонбардор будан ба соҳибамр то андозае дар ҳадисҳо матраҳ гардидааст.

Масъалаи дигари пурихтилоф масъалаи "кӣ будани ҳоким ва ё аз кадом қавм будани ҳоким" аст. Як идда ҳадисҳое ҳастанд, ки онҳо аз аҳли қурайш будани амир ё имомро таъкид менамоянд. Аз ҷумла Ибни Ҳанбал овардааст: "Имомҳо аз қурайшанд"[119]. Дар маҷмуаҳои ҳадисҳо низ дар

[112]Б 7144; М 1839.
[113]Б7053; М1849.
[114]Б693,696,7142; М1838.
[115]Б7137; М1835.
[116]М1838; Ж2861; Н4192; Т1706; Х16213.
[117]Б7144; М1839.
[118]Б7138; М1829.
[119]NN11898, 12489.

ҳамин рӯҳия ҳадисҳои гуногун вуҷуд доранд: “Дувоздаҳ амир хоҳад буд..., ва ҳамаи онҳо аз аҳли қурайшанд” (7223); “Ислом то дувоздаҳ халиф..., ки ҳамаи онҳо аз аҳли қурайшанд, дар ҳолати тавоноии худ боқӣ хоҳад монд” (М1821; Д4280); “Одамон дар ин амр ба қурайш (тубба`) пайравӣ менамоянд” (Б3496;М1818); “Агарчанде аз одамон ду нафар ҳам боқӣ монад, ин амр дар дасти қурайш хоҳад буд”(Б3501;М1820); “Ин амр дар дасти қурайш хоҳад буд, ва то он даме, ки онҳо динро парастиш менамоянд, Худо рӯи ҳар нафари ба онҳо душманӣ мекардаро ба замин мезанад” (Б3500).

Қобили зикр аст, ки бо ҳадисҳои овардашуда аз рӯи маъно гурӯҳи дигари ҳадисҳо зид мебошанд. Ба ҷумлаи онҳо ҳадисҳо дар хусуси 30 сол тӯл кашидани халифат, ки баъди он ҳукмронии шоҳӣ фаро мерасад, (Д 2646-2647; Т 2226; Х 21412,21421); ҳадисҳо дар хусус итоат намудан ҳатто ба “ғуломи сиёҳпӯст” (Б7142; М1838;Ж2861;Н4192), инчунин қавли пайғамбар дар бораи Абдуллоҳ ибни Масъуд (ғайриқурайшӣ): “Агар ман худам ворис таъин , бидуни машварат бо ягон нафар, Абдуллоҳ ибни Масъудро ворисӣ худ таъин мекардам” (Ж137;Т 3809; Х567,741) дохил шуда метавонанд. Инчунин баъзе далелҳои равшанро аз ҳаёти пайғамбар метавон ёдовар шуд, ки зимни ба тохтутозҳо рафтан вай аксаран намояндагони дигар қабилаҳо-авсҳо, ҳазраҷиҳо, ғифориҳоро дар Мадина ба ҷои худ ҳоким таъин мекард. Баъд аз ҳукми миёнҷиҳо дар байни Алӣ ва Муовия соли 658 хориҷиҳо на қурайшӣ, балки намояндаи росибит – Абдуллоҳ ибни Ваҳбаро имоми худ таъин намуданд. Инчунин баҳс дар байни ансор ва муҳоҷирон дар хусуси ворисӣ пайғамбар ҳатто то супоридани майит ба хок мавриди таваҷҷуҳ аст. Ансориҳо мехостанд пешвои худ Сад ибн Убодро таъин намоянд. Ва рақибони онҳо Абубакру Умар ва дигар қурайшиҳо барои меросбар будани аҳли қурайш пофишорӣ мекарданд. Чӣ хеле ки дида мешавад, ҳадисҳо доир ба мансубияти қавмии ҳоким гуногун ва ҳатто хилофи ҳамдигаранд. Аммо як чиз аз таърихи ислом равшан ва бебаҳс аст, ки аллакай аз худи оғози ислом, ба таври

дақиқ баъд аз вафоти пайғамбар зимни таъин намудани ҳоким афзал шумоdefault авлод, қавм, миллати арабҳо равшан ба чашм мерасид.

Ба масъалаи ҳокимият ҳамчун арзиши дунявӣ дахл намуда, месазад, ки чанд ҳадисеро ёдовар шуд, ки ба ширкати занҳо дар ҳокимият бахшида шудаанд. Дар хусуси манъ карда шудани ширкати занҳо дар ҳокимияти сиёсӣ суханони зерини пайғамбар вуҷуд доранд: "Шахсе, ки кори худро ба зан бовар мекунад, муваффақ нахоҳад буд"(Б4425;Н5388;Т2262; Х19889"), варианти Х19942 боз илова менамояд: "Мардҳо мемиранд, агар онҳо ба занҳо итоат намоянд".

Оятҳои қуръоние, ки дар онҳо мутобаатӣ ба соҳибамрҳо дар қатори мутобаати ба Аллоҳу расули ӯ таъкид мегардад, ангуштшуморанд, яъне чунин амалкард чун бисёр аҳкоми шаръӣ пайваста дунболагирӣ карда намешавад. Аммо бояд таъкид намуд, ки он чӣ дар Қуръон омадааст, назарияи исломист. Дар амалияи исломӣ мо баръакси онро мушоҳида менамоем.

Аз баррасии китобҳо доир ба таърихи пайдоишу интишори ислом чунин бардошт ҳосил мегардад, ки пайғамбар зимни тарғибу ташвиқи дини худ пурра ба интишори дин машғул гардида, ҳеҷ таваҷҷуҳе ба арзишҳои дунявӣ, чун ҳокимият ва сарват зоҳир намекардааст. Аммо ҳадисе, ки онро Табарӣ[120] зикр намудааст, ҳамчунин онро Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал дар китобаш "Зиндагонии Муҳаммад"[121], (Китоб дар рӯҳияи ҳифзи шадид ва тавсифи муболиғаомези арзишҳои дини ислом навишта шудааст –А.К.) ва Сафийюрраҳмон Муборакпурӣ дар китобаш "Гулшани таърих"[122] овардаанд, ба ҳолати баръакс далолат менамояд. Тибқи ҳадис "Ибни Аббос гӯяд: Вақте Абутолиб бемор шуд, гурӯҳе аз қурайшиён пеши вай шуданд - ва Абуҷаҳл низ аз он ҷумла буд - ва гуфтанд:

[120]Абуҷаъфар Муҳаммад ҶаририТабарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. (Иборат аз 16 ҷилд дар 8 китоб). Мутарҷим Абулқосими Поянда. Китоби 2, иборат аз ҷилдҳои 3,4. Душанбе – 2014. – С. 790-791.

[121]Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Мухаммад (с), ҷилдҳои 1-2 ((нашрисеюм). Тарҷумаи Абулқосими Поянда. –Душанбе: Русская литература, 2018. – С. 170.

[122]Сафийюрраҳмон Муборакпурӣ. Гулшани таърих. Душанбе – 2004. – С.89.

«бародарзодаат худоёни моро носазо мегӯяд ва чунину чунон мекунад ва фулону баҳмон мегӯяд, ӯро аз ин кор боздор!»

Абутолиб паямбарро бихост ва чун ӯ биёмад, миёни Абутолиб ва қавм ба андозаи нишастани як кас ҷой буд ва Абуҷаҳл бим кард, ки агар паямбар паҳлуи Абутолиб нишинад, ӯ риққат кунад ва барҷасту он ҷо нишаст ва паямбари Худо наздики амуи хеш ҷое барои нишастан наёфт ва наздики дар нишаст.

Абутолиб бад-ӯ гуфт:

- Бародарзода, қавмат аз ту шикоят доранд, ки носазои худоёни онҳо мегӯӣ.

Ва қурайшиён бисёр сухан карданд ва паямбар сухан карду гуфт:

- Мехоҳам калимае бигӯянд, ки арабон мутеъашон шаванд ва аҷамон боҷгузорашон бошанд.

Ин сухан дар қавм асар кард ва гуфтанд:

- Даҳ калима гӯем. Он калима чист?

Паямбаргуфт:

-Бигӯед: «Ло илоҳаилла-л-Лоҳ».

Ва қавм хашмгин бархостанду гуфтанд:

- Мехоҳад ҳамаи худоёнро яке кунад».

Агарчанде дар ҳадиси мазкур бевосита ҳадафи ҳокимиятро ба даст овардани пайғамбар пайхас карда намешавад, лекин ба осонӣ дарк карда мешавад, ки вай ҳисси баланди миллатдӯстӣ нишон дода, мехоҳад бо истифода аз дин аз миллати худ як умумияти сиёсӣ-динии муташаккил созмон диҳад. Яъне, дар ҳадиси мазкур ҳадафи сиёсӣ асосӣ ва муайянкунанда буда, ҳадафи динӣ тобеъ, думдараҷа ва васила қарор гирифтааст. Воқеан ҳам вақте муҳит муҳити динӣ буд, дин ягона роҳи амалӣ намудани ҳадафи сиёсӣ маҳсуб меёфт.

Қобили зикр аст, ки зимни фаъолияти Муҳаммад дар Макка ҳанӯз дар хусуси мавҷудияти ягон навъи ҳокимияти ӯ сухан гуфтан душвор аст. Зеро нуфузи ӯ аз доираи мусулмонон, ки ангуштшумор буданд, убур накарда буд. Аммо бидуни тардид метавон гуфт, ки бо ҳиҷрати вай ба

Мадина ҳокимияти вай ташкил мешавад. Ин ҳокимият бо шартномаҳои Ақаба заминагузорӣ мегардад ва бо шартгномаҳои бо яҳудиҳои Мадина басташуда таҳким меёбад. Дар Паймони аввали Ақаба зимни ба фармонбардорӣ розӣ шудани ясрибиҳо барои ташкили ҳокимият қадами аввалин гузошта мешавад. Аммо ҳангоме, ки Паймони дуюми Ақаба баста мешаваду Муҳаммад мегӯяд: "Аз шумо паймон мегирам, ки маро монанди занону фарзандони худ ҳимоят кунед"[123]ба таври амалӣ  ҳокимият ташкил мегардад. Шарқшиносони ғарбӣ дар хусуси моҳият ва аҳамияти ин паймон таъкид намудаанд: " Мабнои ин қонуни асосӣ эҷоди як иттиҳод ё ташкили иттиҳодияе миёни нуҳ гурӯҳи мухталиф аст, 8-тои онҳо ашоири Мадина буданд ва яке ашираи муҳоҷирон, ки аз қабилаи Қурайш ҷудо шуда ва ба Мадина омада буданд. Ҳамаи ин гурӯҳҳо паёмбарии ҳазрати расул (с)-ро пазируфта буданд"[124]. Ҳамин тариқ, паймонҳои Ақаба то андозае аз созмони ҳокимияте далолат менамоянд. Муҳаққиқони фавқуззикр ҳокимияти мазкурро дар ҷои дигар иловатан ба таври зер тавсиф намудаанд: "Тарзи ҳукумате, ки бад-ин тартиб дар шаҳри Мадина такомул пайдо кард, бинобар тарзи тафаккури аъроб, иттиҳодияе аз қабоил буд. Ва аз ҳамин ҷо фаҳмида мешавад, ки чаро, то муддате беш аз як қарн пас аз вафоти ҳазрати расул (с), мардумони ғайриарабе, ки ба дини ислом дармеомаданд, мебоистӣ вобастагон (маволӣ) ба қабилаи арабӣ бошанд. Ин тарзи ҳукумат як мабнои динӣ низ дошт, бад-он маънӣ, ки ҳамаи қабоил ё ашоире, ки вориди иттиҳодия мешуданд, мебоистӣ мусалмон шуда бошанд; вале то муддати дарозе ин мабнои динӣ дар амалӣ шудани ин сиёсат ва тарзи ҳукумат ҷанбаи сонавӣ доштааст"[125]. Ҳамин тариқ, фаъолияти ошкори ҳокимиятро, ки ҳам ҳадафи сиёсӣ ва ҳам динӣ дошт, мо амалан баъд аз ҳиҷрати пайғамбар дар Мадина мебинем.

Аҳамияти паймонҳои мазкур на танҳо дар ташкили ҳокимият зоҳир мегардад, балки ҷанбаи муҳим ва муфиди он  дар он ифода меёбад,  ки

---

[123]МуҳаммадҲусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди аввал ва дуввум, нашри сеюм. Душанбе – 2018. – С. 197

[124]Таърихи ислом. Пажӯҳиши донишгоҳи Кембридҷ. Теҳрон, 1386. – С.79-80.

[125]Ҳамон ҷо; - С. 95.

ҷамоаи мусулмонон бо роҳбарии Муҳаммад чун як умумияти динӣ-сиёсии муташаккилаз тарафи тамоми аъзоёни иттиҳодия эътироф мегардад, таъмини бехатарии ӯву мусулмонон таъмин мегардад ва ҳамчунин якҷоя фаъолият намудани муҳоҷирону ансор таъкид мегардад. Паймонҳои мазкур ба Муҳаммад имкон медиҳанд, ки тамоми ҳадафҳои худро бидуни тарсу ҳарос татбиқ намояд. Ба қавли Ҷурҷӣ Зайдон "ҳамин ки мусалмонон аз анҷоми умури дохилӣ фориғ шуданд, ба фикри мағлуб сохтани душманон ва мухолифони худ, яъне аҳли Макка афтоданд ва дар садади ҷанг бо онон баромаданд ва монанди аъроби замони ҷоҳилият ибтидо ба ҷанги дохилӣ пардохта, онгоҳ ба кишваркушоӣ машғул шуданд"[126].

Ҳокимияти дар Мадина таъсис додаи пайғамбар бо ташкили ҷамоа-давлати хурди мусулмонон сурати амалӣ мегирад. Агарчанде дар Мадина органи махсуси идоракунандаи ҷамоаи мусулмонон ташкил намегардад, худи фаъолияти рисолатии пайғамбар иҷрои тамоми вазифаҳои ҳокимиятро дар назар дошт. Яъне, ҷамоа-давлати мусулмонон ташкил шуда буд ва иҷрои иродаи роҳбари он барои тамоми аъзоёни ҷамоа ҳукми ҳатмиятро дошт. Зеро дар Мадина байни Муҳаммад ва нуҳ роҳбар аз қабилаи Ҳазраҷ ва се роҳбар аз қабилаи Авс бо маънои зерин паймони нав баста мешавад: "Паймон мебандем, ки дар сахтию сустӣ ва роҳату ранҷ фармонбардори ту бошем. Ҳар куҷо бошем, бе тарсу бим аз сарзаниши касон ҳақиқатро изҳор дорем"[127].

Баъдан Муҳаммад бо чандин амалкардҳои дигар ҳокимияти худро нерӯмандтар мегардонад. Маълум аст, ки то ҳанӯз дар Мадина мушрикон, мунофиқон, бадхоҳон ва қабилаҳои яҳуд мезистанд ва онҳо омили воқеии хатар ба ҷамоа-давлати мусулмонон ва ҳокимияти он ба ҳисоб мерафтанд. Ҳар чӣ зудтар бартараф намудани таъсири харобиовари ин гурӯҳҳо бешак омили муҳими таҳкими ҳокимияти Муҳаммад маҳсуб меёфт. Бинобар ин, Муҳаммад бо яҳудиҳо низ дар хусуси дӯстию эҳтиром байни ҳамдигар ва кӯмак дар мубориза бар зидди душмани умумӣ паймон мебандад.

---

[126]Ҷурҷӣ Зайдон. Таърихи тамаддуни ислом. Теҳрон, 1382. - С. 32.
[127]Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. – С. 198.

Паймонҳои мазкур барои зиёд гардидани нуфузи пайғамбар ва қудрати мусулмонон имкониятҳои зиёд фароҳам меоварад. Пайғамбар барои интишори дини худ баъд аз ин дилпуронатар фаъолият менамояд.

Барои таҳким бахшидани ҳокимияти сиёсии расман эълоннашудаи Муҳаммад аз байн бурдани душманони хавфноки ҷамоаи мусулмонон низ хеле муҳим буд. Муҳаммад дар оғози ҳиҷрат ба масъалаи мазкур аҳамият намедод. Аммо вақте, ки мусулмонон дар ҷанги Бадр ғолиб меоянд, онҳо хеле далер гардида, ба таҳкими мавқеи худ даст мезананд. Аз ҷумла, Абуафак, Асмо ва Абуноиларо, ки аз Муҳаммад ва мусулмонон айбҷӯӣ намуда, дар ҳаққи онҳо шеърҳои масхаромез мегуфтанду мардумро бар зидди онҳо тарғиб менамуданд, бо роҳҳои мухталиф - якеро дар ҷойгоҳи хоб, дигареро зимни синамаконии кӯдак ва савумиро бо роҳи фиреб ба қатл мерасонанд. Яъне, мусулмонон амали дар ҷанг маъмулии “Тозакунӣ” - ро ба роҳ меандозанд, то ҳокимияташонро нерӯе таҳдид накунаду дилпурона ва пайгирона амали тарғибу интишори дини худро идома диҳанд.

Ба назар чунин мерасад, ки аз Мадина пеш кардани қабилаи бани Қайнуқоъ низ маҳсули сиёсати фавқуззикр буд. Омили рух додани тезутундшавии муносибати мусулмонони Мадина бо қабилаи зикршуда ҳамин буд, ки зани арабе ба бозори яҳудони бани Қайнуқоъ назди заргари яҳудӣ меравад. Ин ҳангом яҳудие аз пушти сари ӯ меояду ҷомеаи ӯро бо хор ба пушти сараш медӯзад. Вақте зан бармехезад, бадани ӯ намоён мешаваду ӯ фарёд мебарорад. Яке аз мусулмонон бар заргари яҳудӣ ҳамла карда, ӯро мекушад. Яҳудиҳо низ мусулмони қотилро мекушанд. Дар натиҷа муносибати мусулмонон бо яҳудиҳо сахт тира мегардад. Мусулмонон яҳудони бани Қайнуқоъро понздаҳ рӯз муҳосира намуда, намегузоранд, ки касе бо онҳо робита намояд. Дар натиҷа онҳо таслим мешаванд. Муҳаммад бо машварати сарони қавм тасмим мешгирад, ки ҳамаи онҳоро бикушад. Танҳо бо дархостҳои пайдарпайи Абдуллоҳ ибни Убай Муҳаммад аз хуни онҳо дармегузарад, ин ҳам ба шарте, ки онҳо молҳои худро гузошта, ба дигар макон ҳиҷрат намоянд. Онҳо ба сӯи Шом раҳсипор мегарданд. Агар ҳодисаи мазкурро бо ҳодисаи ҷанги Савиқ

муқоиса намоем, мебинем, ки мусулмонон аз ҷанги Савиқ бештар зарар дидаанд. Аммо онҳо барои ҷуброни он зарар чунин талош намекунанд. Моҳияти ҷанги Савиқ чунин буд, ки Абусуфён барои баровардa сохтани нанги бохт дар ҷанги Бадр дусад ҷангиро ба сӯи Мадина мефиристад. Дар наздикии Мадина онҳо як намояндаи ансорро бо рафиқаш мекушанду ду хона ва як нахлистон оташ мезананд. Мусулмонон аз пайи онҳо ҷангиёнро мефиристанд. Қурайшиҳо роҳи фирорро пеш мегиранд ва барои сабук гардидани гурез савиқҳои (тушаҳои барои роҳ гирифтаашонро) худро мепартоянд. Мусулмонон онҳоро ҷамъ кардан мегиранд. Лекин мусулмонон то охир қурайшиҳоро дунболагирӣ накарда, аз роҳ бармегарданд. Агар мо ду ҳодисаро муқоиса намоем, дар байни онҳо тафовути зиёдро мушоҳида менамоем. Дар ҳодисаи пеш кардани бани Қайнуқоъ як мусулмон ва як яҳудӣ кушта мешавад. Гӯё хисороти ҳар ду тараф баробар буд. Аммо дар ҷанги Савиқ ду мусулмон кушта, духонаю як нахлистон сӯзонида мешавад, лекин аз тарафи мусулмонон ғайр аз дунболагирӣ чорае дида намешавад. Бинобар ин, дар шарҳи ҳодисаи пеш кардани яҳудиҳо аз Мадина аз тарафи Муҳаммад (ҳатто дар оғоз нияти саросар куштану баъдан ба муҳоҷирати онҳо розӣ шудани ӯ) ғояи авло ҳамин аст, ки амали мазкур бешак ба хотири мустаҳкам намудани ҳокимияташ дар Мадина сурат гирифта буд. Андешаи мазкур аз тарафи дигар муҳаққиқон низ таъйид мегардад. Аз ҷумла, Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал менависад, ки “пас аз рафтани тоифаи банӣ Қайнуқоъ Мадина аз яҳудон холӣ шуд, зеро дигар яҳудони Мадина дур аз шаҳр, дар Хайбар ва Умму-л-Қуро муқим буданд. Муҳаммад(с)аз берун кардани яҳудон ҳамин мақсадро дошт. Ин кор аз рӯи сиёсат нишонаи хирадмандию диққати назар аст, зеро анҷоми он барои пешрафти сиёсати Муҳаммад(с) зарур буд”[128].

Барои мустаҳкам гардидани мавқеъ ва ҳокимияти Муҳаммад ғалаба дар ҷанги Хандақ низ нақши муҳим бозида буд. Чуноне ки Г.Э. фон

[128]Ҳамон ҷо; - С. 305.

Грюнебаум менависад, баъд аз “ҷанги Хандақ” бадавиҳо ҳар чӣ зиёдтар ҷозибанокӣ ва қудрати ҳокимияти Муҳаммадро эҳсос менамоянд”[129].

Барои мустаҳкам намудани ҳокимияти Муҳаммад ҳамчунин аз пеши роҳ бартараф намудани қабилаи дигари яҳудӣ – бани Қурайза низ зарур буд. Онҳо низ дар ҷанги Хандақ паймоншиканӣ намуда, қурайшиҳо ва арабҳои Ғатофонро бар зидди мусулмонон таҳрик дода буданд. Бинобар ин, баъд аз ҷанг мусулмонон тамоми мардони қабилаи мазкурро кушта, занону кӯдаконро асир мегиранд ва моли онҳоро байни худ тақсим менамоянд. Баъд аз пеши роҳи худ дур сохтани қабилаи сеюми яҳудӣ ҳокимияти мусулмонҳо хеле қавӣ мегардад ва онҳо дилпуронатар фаъолияти худро густариш медиҳанд ва чанд қабилаи дигар, чун бани Лиҳён, Зӣ-Қарад ва бани Мусталиқро ғасб мекунанд.

Ҳодисаи дигаре, ки ҳокимияти мусулмонҳоро хеле нерӯ мебахшад, сулҳест, ки баъди шартномаи Ҳудайбия ба даст оварда мешавад ва бо номи сулҳи Ҳудайбия маъруф гардидааст. Агар дар шартномаи Ақаба ҳокимияти мусулмононро танҳо қабилаҳои араби Мадина эътироф намуда бошад, пас дар натиҷаи сулҳи мазкур ҳокимияти онҳо аз тарафи душманони асосияшон – мушрикони Макка низ эътироф мегардад. Сулҳи мазкур ба Муҳаммад имкон медиҳад, ки сиёсати ғосибонаи худро дилпурона боз ҳам қавитар намуда, ҳатто барои ба ислом даъват намудани подшоҳони кишварҳои бегона низ ҷуръат намояд. Сулҳи мазкур ба Муҳаммад инчунин имконият медиҳад, ки аз таҳдидҳои минбаъдаи арабҳо то андозае хотирҷамъ гардида, яҳудони Хайбар ва Фадакро ба зери тоати худ даровард. Ин ҷо бояд қайд намуд, ки Мухаммад амволи яҳудони Хайбарро дар байни ҷанговарон тақсим намуд, чунки вай тавассути ҷанг ба даст омада буд, аммо амволи яхудони Фадакро Муҳаммад барои худ нигоҳ медорад, зеро дар ба даст овардани он амвол ҷанговарон ҷанг накарда буданд. Ҳамин тариқ, нуфузи мусулмонон хеле афзун меёбаду

---

[129]Грюнебаум Г.Э.фон.Классический ислам. Очерк истории (600-1258). М., Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1988. – С.41.

нуфузи яҳудон аз байн меравад, ки ин боиси муҳоҷирати қатъии онҳо аз Арабистон мегардад.

Баъд аз як сол баъди иҷрои умраи Қазо мусулмонон барои густариши ҳокимияти худ ба ҷониби тоифаи бани Сулайм панҷоҳ нафарро мефиристанд, лекин ҳамаи онҳоро ба қатл мерасонанд. Ҳамчунин понздаҳ нафарро ба Зоту-т-талҳ мефиристанд, ки онҳо ҳам кушта мешаванд. Баъд аз ин, мусулмонон барои интишори ҳокимияти ислом ба ҷанги Муъта мераванд, ки дар он комёбиеро соҳиб нагардида, бармегарданд.

Барои тавсеа ёфтани ҳокимияти мусалмонон шикастани қарордоди Ҳудайбия имконияти хубе эҷод месозад. Муслмонон бе шак мунтазири чунин имконият буданд. Баъди шикасти қарордоди зикршуда мусулмонон Маккаро қариб бидуни ҷанг ғасб намуда, нуфузи худро хеле мустаҳкам менамоянд ва барои тасхири манотиқи нав дилпурона даст мезананд. Зеро мардуми Макка низ аксаран ислом оварда, ҳокимияти мусулмононро нерӯи иловагӣ мебахшанд. Мусулмонон бо даҳ ҳазор ҷанговари пешинаи худ ва ду ҳазор ҷанговари маккагӣ барои тобеъ сохтани тоифаҳои Ҳавозин ва Сақиф раҳсипор мегарданд. Лекин онҳо дар наздикии Ҳунайн дар тангнои дара зарбаи сахт мехӯранд. Барои тобеъ сохтани онҳо мусулмонон ба сӯи Тоиф мераванд ва онҳоро тобеъ гардонда натавониста, токзорҳоро оташ мезананд ва бидуни ғалаба бармегарданд.

Бо вуҷуди ин, ислом қариб дар тамоми сарзамини Арабистон паҳн гардида, хеле нерӯ мегирад. Ин нерӯмандӣ сарчашмаи истилоҳои нав мегардад. Чуноне ки Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал зикр менамояд, “Муҳаммад ҳамеша дар бораи сарзамини Шому Миср ва Ироқ, ки дар он аср таҳти тасаллути Эрону Рум буданд, андеша мекард, зеро арабҳо даста-даста мутеи ислом шуда ва гуӯҳ-гурӯҳ барои изҳори итоат ба Мадина омада буданд...”[130].Андешаи мазкур боз ҳам ҳамон ривояти Табарӣ овардаро, ки “агар мушрикони қурайш як калима гӯянд, араб ҳама тобеи онҳо шуда, аҷам боҷсупори онҳо мешавад” ба ёд меорад. Ба қавли дигар,

[130]Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Ҳамон ҷо, - С. 615.

ҳадафи дунявии дини ислом низ дар андешаи мазкур ифодаи худро меёбад. Аз тарафи дигар, Шому Мисру Ироқро ҳадаф намудани пайғамбар аз табиати ҳокимият бармеояд. Зеро ҳокимият аслан кам ё қаноаткунанда буда наметавонад. Ҳар чӣ қадар ҳокимият васеъ бошад, вай боз ҳам кам аст.Ҳақиқати мазкурро таърихи империяҳои бузурги башарӣ собит менамоянд. Аз ин рӯ, чун ҳокимияти ислом дар Арабистон қавӣ гардид, интишори он ба хориҷ ба ҳадафи аввалиндараҷа мубаддал шуд. Гузашта аз ин, баъдан мо хоҳем дид, ки интишори ҳокимият ва нерӯманд сохтани он ғаниматҳои иловагии зиёдро дар назар дорад. Бо ҳамин мақсад Муҳаммад лашкари бузурге ташкил намуда, ба сӯи Рум ҳадаф мегирад.

Мақому манзалаи ҳокимият ва талош баҳри он дар ислом баъд аз марги пайғамбар ба таври дигар ҷилвагар мегардад. Вақте Муҳаммад мефавтад, масъалаи "Кӣ бояд раҳбари мусулмонон гардад?" ё "Ҳокимияти Муҳаммад ба дасти кӣ интиқол меёбад?" мавриди таваҷҷуҳи атрофиёни Муҳаммад қарор мегирад. Гурӯҳе аз аҳли ансор (мусулмонони Мадина, ки пайғамбарро дар ҳолати тангдастияш пуштибонӣ карда буданд, яъне ӯро дар Мадина ҷой дода, зери ҳимояи худ қарор дода буданд) дар Сақифа бани Соида ба назди Саъд ибни Убода рафта, масъалаи роҳбари ояндаи мусулмононро мавриди матраҳ қарор медиҳанд. Ин хабарро Абубакру Умар фаҳмида, ба он ҷо ҳозир мешаванд. Дар он ҷо хатиби ансор мегӯяд: "...Мо ансори Худо ва ҷанговарони исломем. Шумо, эй гурӯҳи муҳоҷирон, дастае аз мо ҳастед ва ҷамъе аз шумо омадаанду мехоҳанд моро ба худ якҷо кунанду ҳаққи моро ғасб намоянд". Абубакр рӯй ба ансор намуда, дар ҷавоб мегӯяд: "Эй мардум! Мо-муҳоҷирон пеш аз дигар мардум ислом овардаем ва насаби мо аз онҳо беҳтару хонаҳои мо аз онҳо миёнатар ва руҳоямон беҳтару фарзандонамон бештар асту ба пайғамбари Худо(с) наздиктарем. Пеш аз шумо ислом овардаем ва дар Қуръон пештар аз шумо ёд шудаем. Худованди таборак ва таоло гӯяд: "Ва пешравони нахустин аз муҳоҷирону ансор ва онон, ки ба некӯкорӣ ба онҳо пайравӣ карданд." (сураи Тавба, ояти 100). Мо муҳоҷирону шумо ансоред. Бародарони динии мо ва шарикони мо дар ғанимат ва ёвари мо бар зидди душманон ҳастед.

Он чи аз хубии худатон гуфтед, шумо ба он сазовореду аз ҳамаи мардуми ҷаҳон ба сано лоиқтаред, аммо мардуми араб ҷонишинии пайғамбарро (с) ҷуз барои тоифаи Қурайш муносиб намедонад. Бинобар, ин, амирон аз мову вазирон аз шумо бошанд!". Яке аз мардуми ансор пешниҳоди мазкурро напазируфта, бо ҳаяҷон мегӯяд: "Эй гурӯҳи Қурайш, як амир аз мову як амир аз шумо бошад". Абубакр дар ҷавоб мегӯяд: "На, балки амирон аз мову вазирон аз шумо бошанд!". Баъдан Умар дасти Абубакрро гирифта, ба ӯ паймон мебандад ва мегӯяд: "Магар пайғамбар (с) фармон надод, ки ту бо мусалмонон намоз бигзорӣ?! Ту ҷонишини ӯӣ ва мо бо ту паймон мебандем, то бо беҳтарин касе, ки маҳбуби пайғамбар (с) буд, паймон баста бошем"[131]. Суханони мазкурро ҳозирин менисанданд ва бо Абубакр паймон мебананд. Рӯзи дигар Умар сухан гуфта, мардумро барои паймон бастан бо Абубакр даъват мекунад ва пас аз паймони Сақифа мардум бо Абубакр паймони умумӣ мебананд. Ҳамин тавр, Абубакр аввалин халифаи ислом – ҷонишини Муҳаммад интихоб мегардаду, давлати ташкилнамудаи ӯ хилофат номида мешавад.

Баъд аз ду соли ҳукмронӣ соли 634 Абубакр вафот мекунад. Ӯ пеш аз вафоташ аз саҳобаҳо хоҳиш мекунад, ки Умарро ҷонишинаш интихоб намоянд. Интихоби ӯро мепазиранд.

Умар соли 644 баъд аз даҳ соли ҳукмронӣ ба сабаби кинаи шахсӣ аз тарафи як ғуломи эронӣ захмдор мегардад ва ахиран мефавтад. Писари Умар ба гумони он ки сардори эронӣ Ҳурмузон, ки ба бардагӣ ба Мадина оварда шуда буд, ғуломи мазкурро ба куштани Умар таҳрик додааст, Ҳурмузонро ба қатл мерасонад. Умар пеш аз маргаш дар ҳолати захмӣ буданаш ҳайъатеро иборат аз шаш нафар, ки ҳама қурайшӣ буданд, ҷамъ меоварад у амр медиҳад, ки якеро ба сифати сардори хилофат интихоб намоянд. Аз аҳли Мадина ҳеҷ нафаре ба сифати намоянда иштирок надошт. Аз шаш нафар ду нафар имконияти бештари интихобшавӣ доштанд: яке Усмон аз хонадони Умия, падарзани пайғамбар ва дигаре

[131]Ҳамон ҷо, - С. 638-640.

Алӣ –амакписар ва домоди пайғамбар.  Ба андешаи муҳаққиқон[132] Алӣ, ки худ парҳезгори сахт буду дар тақво сахтгир буд, агар ба хилофат расад, имкон дошт, ки  тамоми тадбирҳои ду халифаи аввалро мутобиқ ба Қуръону суннати пайғамбар арёбӣ нанамояду баъзе тартиботи мавҷударо, ки бо манфиатҳои дунявии иддае созгор набуд,  тағйир бидиҳад. Ба ин сабаб, ӯро он қадар хуш надоштанд. Аз ин рӯ,  аз ҳамон замони интихоби Усмон ба сифати халифа Алӣ ба ӯ ихтилоф меварзад. Баъди халиф интихоб шудани Усмон Алӣ ва баъзе саҳобаҳои дигар талаб менамоянд, ки писари Умар, ки ноҳақ Ҳурмузонро куштааст, бояд мувофиқи шариат мавриди қасос қарор гирад. Усмон ба душворӣ ҷони ӯро аз марг наҷот медиҳад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаи зикршуда дар тӯли дувоздаҳ соли ҳукмронии Усмон шумораи мухолифони ӯ зиёд мегардад ва Алӣ яке аз раҳбарони онҳо будааст. Онҳо халифаро бо ҷонибдорӣ аз хешовандону наздикон ва газофкорӣ муттаҳам менамоянд. Аксари мухолифон сипоҳиён буддаанд. Онҳо талаб мекарданд, ки заминҳои байтулмол ё ҳадди ақал даромади онҳо байни онҳо тақсим шавад. Сабаби ихтилоф аслан амволи дунё маҳсуб меёфт. Дар оғоз, ҳангоме ки ғаниматҳои ба даст овардашуда фаровон будааст, ҳеҷ кас парвои чизе надоштааст. Вақте равшан дида мешавад, ки миёни зиндагии сахти онҳое, ки дар ҷанг ҷон ба гарав мемонанд, ва зиндагии пурдабдабаи онҳое, ки дур аз майдони ҷанг буда, аз ҳуқуқҳои газоф ва имтиёзҳои фаровон бархӯрдоранд, тафовут зиёд аст, ихтилоф авҷ мегирад. Ба шӯришгарони Мадина шӯришгарони Миср ва Ироқ низ ҳамроҳ мешаванд. Онҳо аз халифа талаб мекунанд, ки ислоҳот ҷорӣ намояд. Чун шӯришгарон дарк мекунанд, ки халифа на танҳо ислоҳот намегузаронад, балки барои пахши шӯриш сипоҳи халифа аз ноҳияҳои дурдаст омада истодааст, онҳо дари хонаи халифаро шикаста, вориди он мешаванд ва халифаро зимни хондани Қуръон ба қатл мерасонанд. Хулоса, маълум мегардад,  ки Усмон, ки яке аз чор халифаҳои рошиддин маҳсуб меёбад, ба сабаби омили дунявӣ ба қатл расонида мешавад. Ва ҳамин

[132]Ниг. Таърихи ислом. – С. 114.

арзишҳои дунявӣ сабаби асосии бархӯрдҳои шадид байни саҳобаҳо дар оянда мегарданд.

Баъд аз Усмон Алӣ халифа интихоб мегардад. Тамоми шахсиятҳои маъруфи Мадина ба ӯ байъат мекунанд. Баъди замоне Талҳа ва Зубайр байъати худро шикаста, ба Макка меоянд ва Оишаро ба худ ҳамроҳ намуда, ба исёни зидди Алӣ даст мезананд. Онҳо талаб менамоянд, ки кушандагони халифа Усмон бояд ҷазо дода шаванд. Онҳо барои пурқувват намудани нерӯи худ ба Ироқ раҳсипор мегарданд. Алӣ низ мехоҳад, ки пеши роҳи онҳоро гирад. Дар наздикии Басра байни ду гурӯҳ задухӯрд сар мезанад. Оиша дар каноре дар болои шутур(ба арабӣ ҷамал) нишаста буд. Бинобар ин, ҷанги мазкур номи ҷанги Ҷамалро мегирад. Дар ҷанг Алӣ ғалаба мекунад ва Талҳаю Зубайр кушта мешаванд.

Пас аз ин воқеа Алӣ гумон менамояд, ки даъвогарони хилофатро аз миён бурдааст, ғофил аз ин ки марди ҷоҳталаб ва нерӯманде бо номи Муовия дар Шом нишаста буду барои худ хилофат мехост. Ин ҷо бояд тазаккур дод, ки Абусуфён ва писараш то аз шикасти қатъии куффори Қурайш навмед нашуда буданд, ислом наёварда буданд. Муовия ҳам барои дунё ва ҷоҳу ҷалол дунболи хилофат афтода буд. Иддаи зиёде аз мардуми нерӯманди дунёталаб (тоифаи бани Умайя) дар Шом аз Муовия ҳимоят мекарданд то хилофатро дар хонадони Бани Умайя мустақар созанд. Онҳо бар нуфуз ва қудрати бани Ҳошим, ки соҳиби мақоми нубувват буданд, ҳасад мебурданд.

Ҳангоме ки пайғамбари ислом бо бани Ҳошим ба сабаби фишори рӯзафзуни мушрикони Макка ба Мадина муҳоҷират карда буд, Макка ба дасти Бани Умайя афтода буд ва тоифаи мазкур бо пешвоии Абусуфён бо тамоми қувва дар ҷанги Бадр ва соири ҷангҳо бар зидди Бани Ҳошим (хонадони нубувват) ҷангида буд. Баъд аз ғасби Макка онҳо ислом меоваранд. Дар замони Абубакр Бани Умайя дар ҷангҳо фаъолнокӣ нишон медиҳанд ва оқибат Язид ибни Абусуфён ба фармонравоии Шом мансуб дониста мешавад. Пас аз марги Язид бародараш Муовия ҷойи ӯро гирифт. Ҳамин тавр, раёсат ва хилофат ба хонадони Банӣ Умайя (Усмон ва Муовия

аз Бани Умайя буданд) интиқол ёфт. Дар натиҷа монанди рӯзҳои пеш аз ислом сарпарасти Қурайш Банӣ Умайя шуд ва Бани Ҳошим ба масоли динӣ банд гардида, аз ҳокимият дар канор мемонанд.

Пас аз кушта шудани Усмон Муовия баҳонаи муносибе барои халифа шудан ба даст овард ва пероҳани хунолуди Усмонро ба мардуми Димишқ нишон дода, онҳоро ба хунхоҳии Усмон даъват кард. Ӯ Алиро ба қатли Усмон муттаҳам мекард. Ин ҳангом ҷанги Алӣ бо Талҳа ва Зубайр рух дод. Муовия умед дошт, ки мухолифати онҳо кори Алиро яксара месозад, вале ҳамин ки Алӣ дар он ҷанг пирӯз гашт, Муовия дубора дар садади хунхоҳии Усмон баромад ва дастае аз мардони кордони дунёталабро даври худ ҷамъ кард, ки Амр ибни Ос аз ҷумлаи онҳо буд. Амр ибни Ос дар замони Умар бар кишвари Миср ҳукумат мекард, аммо Усмон ӯро аз мансаб дур карда буд. Муовия ӯро назди худ хонда, ҳукуматии Мисрро ба вай ваъда дод ва бо пуштибонии Банӣ Умайя ва кордонии Амр ибни Ос ба ҷанги Алӣ омад. Соли 37 ҳиҷрӣ миёни Алӣ ва Муовия ҷанги машҳур ба номи ҷанги Сиффин (маҳале миёни Ироқ ва Шом) воқеъ шуд. Дар он афзалияти сипоҳиёни Алӣ аз ҳар ҷиҳат эҳсос мегардид. Амр ибни Ос чун ин ҳолатро дид, фавран ба сипоҳиёни Муовия фармон дод то Қуръонҳоро бар сари найзаҳо боло карда, фарёд бизананд, ки мо ва шумо аҳли Қуръон ҳастем, ба рӯи Қуръон шамшер накашед ва бо Қуръон дар миёни мо ҳукумат кунед. Сипоҳиёни Алӣ, ки Қуръонҳоро сари найза диданд, даст аз шамшер боздоштанд ва аз пешвои худ хостанд, ки даст аз ҷанг бардорад. Алӣ ночор хоҳиши ононро пазируфт ва кор ба ҳукми ҳакамон кашида шуд. Муовия Амр ибни Осро ҳакам қарор дод ва ёрони Алӣ Абӯмусои Ашъариро ҳакам интихоб карданд, ки аввалӣ (Амр ибни Ос) сар то по маккор, фиребгар ва зираке буд ва дуввумӣ (Абумусо) аз ҳуши оддие ҳам баҳра надошт. Ин ду ҳакам ба мушовара пардохтанд ва қарор карданд, ки дар рӯзи муайяне назари худро ба тарафайн бигӯянд ва он чи онон гуфтанд, Алӣ ва Муовия бипазиранд. Амр ибни Ос ба Абӯмусо фаҳмонд, ки Алӣ ва Муовия ҳеҷ кадом шоистаи амри хилофат нестанд ва беҳтар ин аст, ки ҳар дуро аз вазифа дур кунанду мусулмонон худ ҳар киро хоҳанд ба

вазифаи сардори хилофат халифа интихоб намоянд. Абӯмусо ин назарро пазируфт ва дар рӯзи муайян сипоҳиёни тарафайн барои шунидани андешаи онҳо гирд омаданд. Амр ибни Ос ба Абӯмусо, ки аз вай кӯҳансолтар буд, пешниҳод кард, ки аввал сухан бигӯяд, зеро ӯ калонсолтар аст. Абӯмусо ҳам фиреби ӯро хӯрда гуфт: Эй мардум, ман ва Амр ибни Ос муддате дар кори шумо мутолиа кардем ва шоиста чунон дидем, ки барои рафъи ин ихтилоф Алӣ ва Муовияро халъ кунем ва корро ба дасти худи шумо бидиҳем то ҳар касро бихоҳед ба хилофат интихоб кунед. Акнун ман Алиро халъ кардам, ҳар касро мехоҳед ба ҷойи ӯ баргузинед». Пас аз Абӯмусо Амр ибни Ос омада гуфт: «Албатта шунидед, ки ӯ чи гуфт. Ӯ Алиро халъ кард. Ман ҳам Алиро халъ мекунам ва Муовияро ба хилофат барқарор медорам. Муовия аз ҳар кас ба Усмон наздиктар аст, бояд хунхоҳии ӯро бикунад ва ҷонишини ӯ бошад»[133]. Мубоизаҳои байниҳамдигарии саҳобаҳо ва ҳатто найрангу маккории баъзе аз онҳо аз мақому манзалаи ҳокимият ҳамчун арзиши дунявӣ шаҳодат медиҳад. Ин ҷо муфассал оварда шудани таърихи муборизаҳои байниҳамдигарии саҳобаҳо низ ба хотири нишон додани муҳимияти ҳокимият барои онҳо сурат гирифтааст.

Муаррихони ғарбӣ раванди муборизаи Алӣ ва Муовияро дигар хел инъикос менамоянд. Дастае аз пайравони мутассиби Алӣ бар зидди хоҳиши ӯ ӯро барои қабули пешниҳоди Амр ибни Ос (Қуръон бояд ҳакам бошад) таҳти фишор қарор медиҳанд ва водор месозанд, ки шахси бетарaферо чун Абӯмусо Ашъариро барои ҳакамият баргузинанд. Вазифаи ду ҳаками зикршуда аз он иборат будааст, ки маълум кунанд, ки оё Усмон ба ноҳақ кушта шудааст ё қатли ӯ ба дасти мардумони хашмгин натиҷаи бидъатҳои норавое будааст, ки худ гузошта будааст. Ду ҳакам баъд аз чанд моҳ дар воҳаи Давмат-ул-ҷандал ҷамъ шуда, ҳукми худро, чуноне ки баён ёфт, изҳор медоранд. Аммо, тибқи маълумоти муаррихини ғарбӣ Алӣ

[133]Ниг.Таърихи тамаддуни ислом. Таълифи Ҷурҷи Зайдон. Тарҷима ва нигориши Алӣ Ҷавоҳири Калом. Ба хатти форсӣ. Теҳрон. 1382. – С. 58-61.

эътироз карда, раъйи ононро мутобиқи Қуръону суннат наҳисобидааст ва хостори ҷанг бо Муовия будааст.

Баъзе аз ҳаводорони Алӣ дар Сиффин чунин мепиндоранд, ки қабули ҳакамият дар Сиффин ноҳақ будааст, зеро доварӣ кардан махсуси худост на инсон, зеро Қуръон дастур додааст, ки бо гарданкашон чандон бояд биҷангид, ки ё кушта шаванд ё ба ҳақ гардан ниҳанд (Ҳуҷурот, ояти 9). Чун Муовия ва ёронаш бидуни шак бар зидди Алӣ  сар ба нофармонӣ бардоштаанд, оштӣ кардан ва қарордод бастан бо онҳо нодуруст будааст. Шумораи мухолифони Алӣ рӯз ба рӯз афзуда, ахиран мепиндоранд, ки наметавонанд баъд аз ин Алиро пайравӣ намоянд. Бинобар ин аз Алӣ ҷудо мешаванду лақаби хавориҷ (хориҷшудаҳо)-ро мегиранд. Алӣ пеш аз он ки ба муқобили Муовия мубориза барад, дар паи фурӯ нишондани фитнаи хавориҷ гардида, бо онҳо ба ҷанг даст мезанад. Хавориҷ мардумони муттақӣ буда, гумон мекарданд, ки аз Худо фармон мебаранд. Алӣ бошад, бар зидди фармони Худо бархестааст. Гурӯҳи дигар ба он сабаб аз Алӣ норозӣ буданд, ки чун довариро пазируфт, чаро бар он гардан намениҳад. Бинобар ин, ҳангоме, ки вай барои ҷанг бо Муовия раҳсипор гардид, бисёре аз ҷанговарони ӯ гурехтанд. Вай ногузир ба Куфа бозмегардад. Чун маҷлиси ҳакамон ба хулосаи муайян намеояд,  Алӣ дар сарзамине, ки дар итоати ӯ буд, фармонравоиро идома медиҳад. Муовия, ки дар ин вақт Мисрро низ ба зери тасарруфи худ дароварда буд, кӯшиш мекард, ки бо Алӣ рӯбарӯ нашавад. Чанде баъд Алӣ аз шамшери хориҷие дар масҷиди Куфа захм хӯрда, ахиран мефавтад. Муовия чунон рафтор кард, ки Ҳасан писари Алӣ аз даъвои хилофат даст мекашад ва хилофат ба зери итоати Муовия - асосгузори сулолаи умавиҳо меафтад.

Ҷурҷӣ Зайдон ҷанбаи заъфи Алӣ ва пешрафти сиёсати Муовияро ба таври зер баён кардааст, ки он барои огоҳӣ аз нозукиҳои фаъолияти сиёсии халифаҳои ислом хеле ҷолиб мебошад: “Муҷиби дигари пешрафти Муовия он буд, ки Алӣ (а) аз ҳиласозиҳои сиёсӣ ва афсуну фасонаҳои дунявӣ бар канор буд ва дар ҷамиъи умур ростӣ ва дурустӣ пеша дошт. Масалан, ҳамин ки мардум бо ӯ байъат карданд, Муғира назди Алӣ омада, гуфт:

Зубайру Муовиява Талҳа ва соири ҳуккомро ҳамон тавр, ки Усмон таъйин карда буд, бар сари корҳояшон боқӣ бидор, то ин ки корат собит шавад ва мардум даврат гирд оянд, он гоҳ ҳар чӣ хоҳӣ бикун. Албатта аз назари сиёсӣ ва хилабозиҳои оддӣ ин назари оқилона буд. Аммо Алӣ, ки ҷуз роҳи ростӣ намепаймуд, ин пешниҳодро, ки навъе маккорӣ буд, рад кард. Абдуллоҳ ибни Аббос писари амуи Алӣ низ ҳамин назарро дошт. Аммо Алӣ ҳарфи ӯро напазируфт. Муғира ҳам, ки исрори Алиро дар он кор дид, рӯзи дигар пеши ӯ омада, назари Алиро тамҷид ва таҳсин карда, дунболи кор рафт. Оре, агар Алӣ ба сиёсатбозӣ ва ҳилагарӣ тан дармедод, на ёронаш аз гирдаш пароканда мешуданд, на Муғира ва ғайра аз наздаш мерафтанд, на ҷанги Ҷамал ва Сиффин дармегирифт ва на хилофат ба умавиён мерасид"[134].

Бо ба сари тахти хилофат нишастан Муовия мақому манзалаи худро боло бардошта, шукӯҳу шаҳоматашро афзун мегардонад ва ҷоҳу ҷалолашро ба намоиш мегузорад. Ӯ дар охири салтанати худ зиракии зиёдро ба кор бурда, бузургони исломро барои писари худ-Язидро валиаҳди худ хондан розӣ мекунонад то баъдан ба ӯ байъат кунанд. Вай низоми интихобии то ӯ иҷрошавандаро сарфи назар намуда, низоми меросиро анъанавӣ мегардонад. Ҳамин бидъати вай сабаб мегардад, ки умавиён навад сол ва аббосиён панҷсад сол ҳукмронӣ мекунанд. Ҳамин анъанаи меросӣ будани хилофат дар оянда дар ташкили давлатҳо низ идома меёбад.

Дар замони ҷонишинони Муовия интиқоли ҳукумат аз сурати динӣ ба сурати ғайридинӣ ва дунявӣ ошкортар ба мушоҳида мерасад. Дар байни мусулмонон чунин андеша вирди забон будааст, ки дастгоҳи умавӣ нисбат ба рӯҳи худосолории рӯзгорони гузаштаи ислом хиёнат карда, ба сурати ҳукумати истибдодӣ амал мекардааст[135]. Воқеан ҳам яке аз омили таъсирноке, ки Муовия ва дигар халифаҳои умавӣ дар фаъолияти сиёсии худ ба кор мебурдаанд, бахшиши амволу амлок будааст, ки маҳз аз ҳамин

---

[134]Ҳамон ҷо; - С. 64.

[135]Таърихи ислом, ҳамон ҷо; - С. 124-125.

ҷиҳат аз Алӣ ва фарзандони вай бартарият пайдо намудаанд. Он кореро, ки Муовия мекардааст, Алӣ пастӣ ва нобакорӣ арзёбӣ мекардааст. Вақте Муовия наметавонистааст, ҳарифро бо зару зӯрӣ ром намояд, бо макру ҳила ӯро заҳролуд мекардааст. Абдураҳмон ибни Холид ибни Валид, ки пулу моли зиёд доштааст, ба пулу моли Муовия эътиное намекунад. Мардуми Шом ӯро ба хотири падараш – Холид ибни Валид эҳтиром мекардаанд. Чун Муовия Абдураҳмонро ром карда наметавонад, пизишкеро мегӯяд: агар ту ба Абдураҳмон заҳр бидиҳӣ, туро то охири умрат аз пардохти андоз озод менамоям, то охири умрат молиёти шаҳри Ҳумсро ба ту мебахшам. Пизишк тавассути ғуломе ба Абдураҳмон заҳр менӯшонад.

Албатта, дар замони пайғамбар ва хулафои рошиддин,- менависад Ҷурҷӣ Зайдон,- сифатҳои ахлоқӣ аз муҳаббат ба ҷоҳу мол боломақом будаанд. Аммо баъд, ҳолати баръакс падид омад ва афкору орои Алӣ дар миёни мардум беасар мемонад. Маҳз ба хотири ҷоҳу мол мардуми Куфа байъатеро, ки бо Ҳусайн ибни Алӣ карда буданд, шикастанд ва ҳатто ӯро куштанд. Ҳамин ҳолат бо Абдуллоҳ ибни Зубайр низ рух додааст. Агар Абдуллоҳ пул харҷ мекард, хилофат дар хонадони ӯ мемонд ва ба Бани Умая намерасид. Абдулмалик аз душманони сарсахти Абдуллоҳ мегӯяд: “Ҳеҷ кас дар кори хилофат аз ман нерӯмандтар набуд. Дуруст аст, ки Абдуллоҳ зиёд намоз мехонд ва бисёр рӯза мегирифт, аммо чун марди бахиле буд, ба дарди сиёсат намехӯрд”[136].Ва баръакс Мусъаб-бародари Абдуллоҳ баръакси бародараш хеле саховатманд буда, барои худ ва касонаш моли зиёд харҷ менамудааст.  Аз ҷумла, барои Сакина духтари Имом Ҳусайн як миллион дирҳам харҷ кардааст. Ҳамон вақт сипоҳиён ба пул ниёз доштаанд, аммо Мусъаб пулро барои онҳо дареғ медоштааст. Абдуллоҳ Ҳамом ба ин муносибат ба Абдуллоҳ ибни Зубайр менависад:”Эй амири муъминон! Аз рӯи насиҳат мегӯям: сазовор нест, ки бародари ту як миллион дирҳам барои маҳр ба зане бидиҳад ва сардорону

---

[136]Ҷурҷӣ Зайдон, ҳамон ҷо; - С. 64.

сипоҳиёни ту шикамгурусна бихобанд”[137]. Абдумалик аз сахитарин подшоҳони Бани Умая будааст. Вақте Абдуллоҳ ибни Зубайр дар хонаи Каъба паноҳ мебарад, Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф фармон медиҳад, ки Каъбаро муҳосира намуда, ҳарами онро бо манҷаниқ вайрон кунанд. Ҳангоме, ки тирандозон аз иҷрои ин фармон худдорӣ мекунанд, Ҳаҷҷоҷ мегӯяд: “Эй ёрон Каъбаро тирборон кунед ва аз ҳадяҳои Абдулмалик баҳраманд шавед”. Тирандозон, ки саховати Абдулмаликро медонистанд, фавран ба иҷрои фармон даст мезананд.

Абдулмалик бо пул ҷамъиятҳоро пароканда намуда, зарари онҳоро аз худ дур мекардааст. Умар ибни Саид бар зиддди Абдулмалик хуруҷ намуда, ҳукумати Шомро барои худ дархост менамояд. Абдулмалик ӯро бо ҳила ба девонхона даъват намуда, ӯро мекушад ва сарашро аз баданаш ҷудо намуда, ба байни ёронаш, ки дар гирди девонхона ҷамъ омада буданд, мепартояд. Ин ҳангом Абдулазиз писари Абдулмалик пули зиёде дар байни ҷамоаи гирдомада мепартояд. Ҷамъомадагон пулҳоро ғун дошта, пароканда мешаванд.

Аз Бани Умая Умар ибни Абдулазиз халифаи машҳур ба ҳисоб меравад. Вай дар зуҳду тақво ва парҳезгорию додгустарӣ ба бобояш Умар шабоҳат доштааст. Вай лаънатеро, ки бар Алӣ фиристода мешудаасту расм гардида будааст бекор менамояд. Инчунин одамони худро аз ҷамъоварии молу манол бозмедорад. Бани Умая аз ин рафтори Абдулазиз озурда гардида, аз тарси он ки мабодо хилофат аз дасти хонадони онҳо биравад, ӯро баъди дую ним соли халифагӣ ба қатл мерасонанд.

Пас аз Умар амакаш Язид ибни Абдулмалик ба хилофат мерасад ва ӯ ҷуз боданӯшию занбозӣ ба коре таваҷҷуҳ надоштааст. Шабу рӯз базми айшу нӯш барпо месохт ва бо ду канизак Салома ва Ҳубоба хуш мезистааст. Ҳубоба рақиби худ-Саломаро аз роҳ барканор намуда, ақлу ҳуши Халифаи исломро пурра тасхир карда буд ва амалан фармонравои тамоми хилофат гардида буд, ҳар киро мехост ба кор мегирифт ва ҳар киро мехост, аз кор меронд. Бародари халифа Мусайлима ҳолати мазкурро дида,

[137]Ҳамон ҷо; - С. 65.

ба ӯ мегӯяд: Бадбахтона баъд аз Умар ибни Абдулазиз,  ки додгустар ва парҳезгор буд, ту халифа шудию ҷуз бодагусорию шаҳватронӣ коре надорӣ. Умури кишварро ба дасти Хубоба супурдаӣ, ситамдидагон фарёд мекунанд, ҷамъиятҳо аз атроф омада, мунтазири ту истодаанд, ту бошӣ аз ҳамаи ин ғофил ҳастӣ. Язид ин гуфтаҳоро дуруст шуморида, аз Ҳубоба худро ба канор мегирад. Ҳубоба аз ин ҳол ошуфта шуда, ба даст уд мегирад ва дар рӯ ба рӯи халифа ин шеърро мегӯяд: (тарҷима) "Агар ақлу ҳуш аз сари дилдода рафта, ӯро маломат макун. Бечора аз шиддати андӯҳ сабур шудааст". Халифа ӯро аз хондани шеър боздоштанӣ мешавад. Аммо Ҳубоба идома медиҳад: "Зиндагонӣ ҷуз хушгузаронӣ ва ком гирифтан чизи дигар нест". Язид дар ҷавоб мегӯяд: "Эй ҷони ҷонон, дуруст гуфтӣ, Худо нобуд кунад онро, ки маро дар меҳри ту сарзаниш кард. Эй ғулом, бирав ба бародарам Мусайлима бигӯй ба ҷои ман ба масҷид биравад ва намоз бихонад".

Баъд аз Язид бародараш Ҳишом ба сари хилофат мешинад. Ӯ марди доно ва кордоне будааст, аммо чун ниёгони худ гузашту бахшиш надоштааст. Баъд аз Ҳишом Валид ибни Язид ба хилофат мерасад. Ин халифаи ислом мисли падараш бодапаймо ва айёш ва хушгӯзарон буд. Ӯ инчунин  шеър низ мегуфт ва дар ситоиши бодапаймоию хушгузаронӣ шеърҳои бисёре низ гуфтааст. Халифаи мазкур кори идоракуниро ба як тараф гузошта, маҷлиси базму айшу тарабро пайваста барпо медоштааст. Ин амалро то ҳадде мерасонад, ки наздиконаш ӯро ба қатл расонда, Язид ибни Валид ибни Абдумаликро ба тахт мешинонанд. Ӯ шахси боирода буда, мехост корҳои парешони хилофатро дуруст ба роҳ монад. Аммо авзои Бани Умая ногувор буд, чун аббосиҳо аллакай сар бардошта буданд.

Ба андешаи Ҷурҷӣ Зайдон мусулмонон аллакай дар оғоз намехостанд, ки хилофат ва нубувват дар хонадони ҳошимӣ бошад. Бинобар ин, бо Абубакр, ки қурайшӣ, лек ғайриҳошимӣ буд, байъат карданд[138]. Аммо ҳошимиҳо аз фикри ба даст овардани хилофат даст накашида, барои ба

---

[138]Ҳамон ҷо; - С. 70.

даст овардани он кӯшиш мекарданд. Аз ҷумла, алавиён баҳри ҳадафи ба даст овардани ҳокимият ба ду даста тақсим шуда буданд. Дастае хилофатро барои фарзандони Алӣ аз насли Заҳро мехостанд. Дастаи дигар барои Муҳаммад ибни Ҳанафия писари дигари Алӣ аз насли Абӯтолиб талош менамуданд. Фарзандони Аббос, амаки пайғамбар низ барои хонадони худ мекӯшиданд.

Баъдтар баъди нерӯ гирифтани ҷараёни дигари нисбатан пурқуввати олами ислом-фотимиён душманӣ дар нисбати аббосиҳо нерӯи дигар мегирад, агарчанде ҳамаи онҳо аз авлоди пайғамбар мебошанд. “Фотимиён аз оғози ҳукуматашон ин орзуро дар сар мепарвариданд, ки султаи худро бар саросари дунёи ислом бигустаронанд. Аммо оҷилтарин ҳадафи онҳо ҳар оина барандохтани аббосиён буд, ки боризтарин душманони онҳо буданд”[139].

Зулму бедодиҳои халифаҳои умавӣ ҷомеаро ба дод оварда буд. Аббосиҳо мехостанд аз вазъият истифода баранд. Онҳо бо дастгирии зиёди Абумуслими Хуросонӣ ба сари хилофат мерасанд. Аммо боз хоинона ӯро ба қатл мерасонанд. Нахустин халифаи аббосӣ Абулаббос буд, ки бо лақаби Саффоҳ (хунрез) машҳур буд. Хилофати ӯ ду-се сол тӯл намекашад. Баъд аз маргаш бародараш Абуҷаъфар Мансур ба хилофат мерасад. Зарурат ба таъкид аст, ки дар замони аббосиён унсурҳои эронӣ зиёд мегардад. Онҳо таъйини вазоратро аз эрониён омӯхта, онро дар идоракунии хилофат роҳандозӣ менамоянд. Ҳам Мансур ва ҳам ҷонишинонаш эрониёнро ба корҳои муҳими давлатӣ сафарбар мекунанд.

Пас аз халифа Маъмун Муътасим халифа шуду турконро ба дарбор наздик намуда, ба корҳои муҳим таъин менамояд. Дар оғози хилофати аббосиён волиҳои халифа, ки дар Туркистон истиқомат мекарданд, кӯдакони туркро ба сифати ҳадя ба дарбори хилофат мефиристоданд. Халифаҳо низ қавитарину зеботарини онҳоро барои иҷрои корҳои дарборӣ тарбият мекарданд. Онҳоро мамлук (зархарид) меномиданд. Ҳар халифае,

---

[139]Фарҳод Дафтарӣ. Таърих ва ақоиди исмоилия. Тарҷимаи Доктор Фаридун Бадраӣ. Чопи саввум. Теҳрон,1383. – С. 181.

ки ба мақоми хилофат мерасид, дар зиёд намудани онҳо нисбат ба халифаи пешина бартарӣ меҷӯст. Ҳамин тавр, шумораи мамлукҳо дар замони халифа Муътасим ба бист ҳазор нафар расид. Мамлукҳо тадриҷан ба вазифаҳои баланд, чун сардори амoратҳо таъин мегарданд. Тадриҷан қуввату қудрати дарбори аббосиён дар байни туркҳою эрониҳо тақсим мегардад. Халифа Муътасим ба ҷуз турку эрониҳо боз иддае аз сипоҳиёни Мисру Фарғона низ барои худ тарбият карда буд. Дастаи дуюмӣ аз мардумони Самарқанду Ушрусана ва Фарғона иборат буданду онҳоро фароғина меномиданд. Пас аз Муътасим халифаҳои дигар низ ин сиёсатро идома медиҳанд. Ҳамин ки қавму тоифаҳои мухталиф ба унвони сипоҳӣ ба дарбор роҳ меёбанд, ихтилофот авҷ мегираду ҳокимияти марказӣ заиф мегардад ва ахиран бо Бағдод маҳдуд мегардад.

Бадбахтии халифаҳои аббосӣ бештар аз он ҷо сар мезанад, ки сипоҳиён ва мулозимони дарборӣ тадриҷан ҳуқуқу имкониятҳои бисёре пайдо мекунанд. Таърих ҳолатҳоеро низ зикр месозад, ки сипоҳиён халифаҳоро шиканҷа дода, ба онҳо ҳар навъи таҳкирро раво мебинанд. Масалан, соли 255 ҳиҷрӣ ал-Муътаз, халифаи аббосӣҳуқуқи сипоҳиёни туркро кам кард. Онҳо ба сарои халифа омада, ӯро ба кати хобаш бастанд, ӯро рӯ-рӯи замин кашида, ба зиндон андохтанд ва дар он ҷо либосҳои халифаро кашида, чамоққӯбаш карданд. Сипас, халифаро бо сару пои бараҳна дар офтоби сӯзон нигоҳ доштанд, ки ӯ аз шиддати сӯзиш бо навбат поҳои худро ба замин мегузошт. Саранҷом туркон қозиро оварда, халифаро аз вазифа озод карданд, ва се шабу рӯз бе обу нон гузошта, ва ахиран ба сардоба бурда, ба марг мерасонанд.

Бо вуҷуди ин, на турку эронӣ ва на фарғонию ғарбӣ дар паи он намешуданд, ки хилофатро аз араби аббосӣ биситонанд. Бо ин ҳол хилофат дар дасти аббосиҳо то омадани муғулҳо монд. Вақте муғулҳо омада, Бағдодро забт карданд, халифа Мустаъсимро куштанд. Боқимондаҳои аббосиҳо ба Миср паноҳ бурданд. Дар он ҷо мамлукҳо онҳоро хуш пазируфтанд ва халифаро расман халифаи хеш меҳисобанд. Чун султон

Салими усмонӣ соли 923 ҳиҷрӣ аз болои мамлукҳо ғолиб меояд, ӯ халифаи дурӯғини мамлукҳо-Мутаваккилро низ ба қатл мерасонад.

Тамоми андешаҳоро ҷамъбаст намуда, қайд менамоем, ки агар проблемаи ҳокимиятро дар таълимоти дини ислом мавриди хулосабарорӣ қарор диҳем, мебинем, ки масъалаи мазкур аз лиҳози назарӣ дар шакли зарурӣ мавриди матраҳ қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили раванди сурат гирифтани ҳокимиятдории асосгузорони дини ислом – аз Муҳаммад сар карда то халифаҳои охирин моро ба чунин хулоса меорад, ки ҳокимияти исломӣ дар умум аз таъсири арзишҳои дунявӣ дар канор набудааст. Агар ташкили ҳокимият дар давраи Муҳаммад бо шартномаи дуюми Ақаба оғоз гардида, дар шакли интишори таъсиру нуфузи пайғамбар арзи ҳастӣ карда бошад, баъд аз марги вай ҳокимият дар шакли хилофат амал намуда, пайваста дар зери таъсири равандҳои дунявӣ қарор доштааст. Яъне, халифаҳои ислом ба истинои баъзе аз онҳо пайваста ба ҷангу ҷидол, ҷамъоварии сарват, ва ҳатто айшу ишрат машғул будаанд. Агарчанде онҳо аз фармудаҳои қуръонӣ бохабар будаанд, лекин дар фаъолияти амалии хеш ҳеҷ гоҳ дар хусуси ҳатмияти иҷрои онҳо фикр ҳам намекардаанд. Дар хусуси одилона ҳукмфармоӣ кардани онҳо ҳоҷати гап ҳам нест. Зеро агар онҳо одилона раҳбарӣ менамуданд, на халифаҳо кушта мешуданду на аббосиён бар зидди умавиён шӯришҳои пайдарпай намуда, онҳоро ҳатто баъд аз маргашон аз гӯр бароварда шиканҷа медоданд. Аз ин лиҳоз, ислом динеро мемонад, ки ҳатмияти иҷрои қонунҳои он гӯё барои табақаи бесавод ва қишри поёни ҷомеа нигаронида шудааст.

### 2.4. Нақши омилҳои дунявӣ дар ғалаба ва интишори дини ислом

Ислом дар минтақаи аз лиҳози сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ хеле қафомонда пайдо гардид ва зуд дар як муддати кутоҳ на танҳо дар нимҷазираи Арабистон, балки берун аз он интишор ёфта устувор гардид. Саволе, ки ин ҷо мавриди матраҳ карор мегирад, аз он иборат аст, ки кадом омилҳо барои ғалаба ва интишори босуръати дини ислом муассир

буданд? Оё ғалабаи ислом аз болои дигар тоифаҳои араб ва ҳатто сипоҳҳои дар он замон хеле неруманди Форсу Рум тавассути кумаки бевоситаи Худо сурат гирифтааст (чун дини ислом аз нигоҳи таълимоти динӣ дини аз тарафи Худо нозилшуда маҳсуб меёбад), ё омилҳои дунявии муассире буданд, ки чунин пешрафтро таъмин намудаанд? Комилан маълум аст, ки ҳомиёни дин бевосита бидуни далели илмӣ назарияи диниро дастгирӣ намуда, омилҳои дунявиро сарфи назар менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки ғояи тавассути кумаки Худо дастболо гардидан ва ё зуд интишор ёфтани дини исломро ҷонибдорӣ намудан душвор аст, зеро дини мазкур тадриҷан дар паи аз тарафи Муҳаммад таҳаммул карда шудани таҳқиру озорҳои шадид, муборизаҳои хунини бардавом ва ғоратгариҳои бемисл устувор гардид ва интишор ёфтааст. Пазируфтани назарияи динии ғалаба ва интишори ислом маънои онро дорад, ки тамоми нокомиҳои мусалмонон ҳам дар оғоз ва ҳам дар охир тавассути иродаи Худо сурат гирифтааст. Ба назарияи мазкур чунин андеша низ мухолиф қарор мегирад, ки магар Аллоҳ қодир набуд, ки дини худро бидуни душворӣ ва таҳқиру озор ва ҳатто марги пайравони худ дар мубориза бар зидди мушрикон ба осонӣ ҳам дар Арабистон ва ҳам берун аз он мунташир намояд? Назарияи мазкур мантиқан ба таълимоти дини ислом дар бораи қудрату тавоноӣ ва иродаи Худо зид хоҳад буд.  Аз ин рӯ, танҳо таҳқиқи илмии раванду ҳодисаҳои таърихӣ бояд ягона роҳи дурусти дарёфти сабаби ғалаба ва интишори дини ислом ҳисобида шавад. Зимни омӯзиши ҷиддии таърихи пайдоишу густариши дини ислом арзишу омилҳои дунявӣ, чун нақши шахсияти Муҳаммад, ҷойгоҳи сарват ҳамчун омили таҳрикдиҳандаи аъмоли ғосибона, мақоми маҳорат ва тактикаи ҷангӣ хеле барҷаста ҷилвагар мегарданд.

Бояд эътироф намуд, ки ғалабаи дини ислом аз болои динҳои ғайр ва интишор ёфтани он дар манотиқи мухталиф амали дастаҷамъона маҳсуб меёбад, на амали инфиродӣ. Агарчанде ки дар тавлиди дини ислом ва интишори он Муҳаммад нақши калидиро бозидааст, бо вуҷуди ин, саҳми пайравони ӯро на бояд нодида гирифт. Мантиқан саволе пайдо мешавад,

ки чӣ омили хеле муҳим ва муҳаррики хеле қавие вуҷуд дошт, ки мусалмононро барои фидокориҳо равона карда, ғалаба ва интишори дини исломро барқвор дар ҳудуди ниҳоят калон таъмин намуд? Агар ба таври муқоиса дини масеҳиро пеши назар оварем, мебинем, ки дини мазкур дар қарни Iпайдо шуда, дар тӯли чор қарни минбаъда дар ҳолати таъқиб аз тарафи ҳукуматдорон ва рақобати доимӣ бо дигар динҳо қарор дошт. Ё дини Буддоия дар қарни VI пеш аз милод дар Ҳиндустон пайдо гардид ва тахминан баъд аз чор қарн маҷбур шуд, ки Ҳиндустонро тарк намояд. Аз ин рӯ, саволи пайдошуда дар хусуси омили муҳим ва қавии таъминкунандаи ғалабаи дини ислом аз болои ҳам қабилаҳои сершумори мушрику ҳам баъзе динҳои бузурги тавҳидии замона саволи мубрам маҳсуб меёбад.

Ҷои шубҳае нест, ки дингароён «имон» - и мардуми мусалмонро омили асосӣ маҳсуб медонанд. Аммо ҷавоби мазкур, аз нигоҳи мо, дуруст ва қаноаткунанда нахоҳад буд. Зеро ҳам мушрикони сершумори Арабистон ва пайравони динҳои тавҳидӣ низ ба буту худоҳои худ имон доштанд. Онҳо низ барои ҳифзи дини худ сахт мубориза бурдаанд. Масалан, ҳам яҳудиҳои Мадина ва ҳам Хайбар молу амволи худро аз даст доданд, ватани худро тарк намуданд, ҷони худро нисор карданд, лекин дини худро ҳифз карданд. Тоифаҳои Ҳавозин ва Сақиф ҳатто баъд аз ғасби Макка низ барои ҳифзи дини худ сахт мубориза бурданд. Мушрикон дар Тоиф ҳатто баъд аз муҳосираи қариб як моҳа низ таслим нагардиданд. Пеш аз ҷанги Муъта бошад, панҷоҳ нафар намояндаи мусалмононро, ки бояд тоифаи Банӣ Сулаймро ба ислом даъват менамуданд, тоифаи мазкур ба қатл мерасонанд. Ҳамчунин намояндаҳои Мусалмонро дар Зот-ут-талҳ (маҳале дар Шом) низ пурра ба қатл мерасонанд. Бешак амалкардҳои онҳо низ ба сабаби ҳифзи имонашон сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, омили муҳим ва хеле муассир, ки барои ғалаба мусалмононро ҳавасманд сохта, пайваста таҳрик медод, на имони онҳо, балки омили дунявӣ, пеш аз ҳама сарват буд.

Зимни омӯзиши ҷиддӣ ва воқеъбинонаи таърихи дини ислом ва интишори он маълум мегардад, ки сарват ё боигарӣ омили муҳими

ҳаваскунанда барои ҷанг ва ғалаба аз болои қавмҳои ғайр будааст. Дар таълимоти динӣ ва таърихи интишори ислом сарвати бо зӯрӣ ғасбкардашудаи мусалмонон, ки тавассути шабохун задан, ғорат кардан, куштани ҷанговарон ё мардони қабилаю қавмҳои ғайр ба даст оварда мешуд, ғанимат номида мешавад. Дар фаҳмиши динӣ ғанимат амволе маҳсуб меёбад, ки онро Худо ба бандагони дар роҳи Худо ҷиҳодкунандааш додааст. Дар байни мусалмонон чунин қоида ҷорӣ буд, ки тамоми амволи ғасбгардида дар байни ҷанговарон тақсим мегардиду панҷяки он барои Муҳаммад гузошта мешуд. Агар амволи ин ё он қабила бидуни ҷангу куштор насиби мусалмонон мегардид, амволи мазкур пурра ҳаққи пайғамбар ҳисобида мешуд, зеро дар ба даст овардани он мусалмонон саҳме нагузоштаанд. Чун ҷанговари мусалмон медонист, ки аз ғасби қабилае ё минтақае соҳиби ғанимат мегардад, вай барои шабохун задан, ғорат кардан, дар ҷанг ғалаба кардан ҳамеша талош мекард, зеро барои он аз нигоҳи моддӣ манфиатдор буд. Ҳолати мазкурро мо дар тамоми рафти ғалаба ва интишори ислом равшан мушоҳида менамоем.

Аллакай баъд аз ҳашт моҳи иқомат дар Мадина ва бастани паймонҳо аъмоли ғоратгаронаи ҷамоавии мусалмонон аз болои корвонҳои тиҷоратӣ оғоз мегардад. Бори аввал Муҳаммад амаки худ Ҳамзаро бо сӣ савор аз муҳоҷирон ба соҳили дарё фиристод. Дар он ҷо бо сесад савор аз аҳли Макка бархӯрданд. Аммо барои ҷанг ҷуръат намекунанд. Бори дигар Муҳаммад Убайда ибни Ҳорисро бо шаст савори муҳоҷир фиристод. Онҳо дар лаби обе, ки дар ноҳияи Ҳиҷоз буд, бо гурӯҳе аз Қурайш, ки дусад нафар буданд ва Абусуфён сардастаи онҳо буд, вохӯрданд. Ин навбат низ бе ҷанг бозгаштанд. Бори сеюм Саъд ибни Абиваққос тибқи ривояте бо ҳашт, тибқи ривояте бо бист тан фиристода мешавад. Онҳо то замини Ҳиҷоз мераванд, вале ба мақсад нарасида бозмегарданд. Бори чорум баъд аз 12 моҳи иқомат дар Мадина Муҳаммад худаш дар паи Қурайш ва Банӣ Замра ба тарафи Абво ва Ваддон меравад. Лекин мардуми Қурайшро намеёбад ва бо тоифаи Замра паймон баста бармегардад. Баъд аз як моҳи дигар Муҳаммад бо дусад тан муҳоҷиру ансор ба тарафи Бувот меравад.

Ин навбат вай дар ҷустуҷӯи корвоне будааст, ки онро Умайя ибни Халаф ба уҳда доштааст. Он қофила аз ҳазору дусад шутур ва сад марди ҷангӣ баҳри посбонии он иборат будааст. Аммо корвонро намеёбад. Пас аз бозгашт аз Бувот Муҳамад бо дусад тан ба тарафи Ушайра рафта, чанд рӯз мунтазири корвоне мегардад, ки сарпарасти он Абусуфён буд. Аммо боз корвонро намеёбад. Инчунин Муҳаммад дар моҳи раҷаби соли дуюми ҳиҷрӣ Абдулло ибни Ҷаҳшро бо гурӯҳе аз муҳоҷирон бо мақсади мазкур сафарбар менамояд. Ба ӯ инчунин мактубе дода, амр мекунад, ки баъд аз ду рӯзи сафар мактубро кушода, тибқи он амал намояд. Баъд аз ду рӯз Абдулло ибни Ҷаҳш мактубро мекушояд, ки дар он навишта шуда буд: «Вақте ин номаро хондӣ, то Нахла – миёни Маккаву Тоиф бирав ва дар он ҷо мунтазири Қурайш бошу аз ахбори онҳо огоҳ шав». Онҳо дар моҳи ҳаром ба корвон ҳуҷум намуда, як нафарро ба қатл мерасонанд ва корвонро бо ду асир ба Мадина оварда, панҷяки ғаниматро барои Муҳаммад ҷудо намуданд. Дар ин амалкард низ арзиши дунявӣ – амволи корвон аз арзиши динӣ – манъ будани ҷанг дар моҳи ҳарам афзалтар маҳсуб ёфтааст, агарчанде ояти 217 аз сураи «Бақара» ҷанг дар моҳи ҳаромро асоснок менамояд.

Максад аз фиристодани сипоҳҳо ба сӯи корвонҳои тиҷоратӣ аз тарафи муҳаққиқон ҳар хел арзёбӣ мегардад. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал нуқтаи назари таърихнигоронеро, ки мақсад аз фиристодани дастаи сипоҳҳоро ҷангу хунрезӣ меноманд, рад намуда, арз медорад, ки барои онҳо бояд сабаби дигаре пайдо кард. Ӯ ақидаи муҳаққиқони дигарро, ки «мақсади мусалмонон аз ин кор яғмо кардану ғорати корвонҳо буд, зеро яғмогарӣ дар табиати саҳронишинон аст ва ясрибиён низ ба умеди ғанимату фоида бар хилофи паймони Акаба дар ин боб Муҳаммадро (с) пайравӣ карданд.» мегӯянд, носавоб шуморида, ҳамзамон қайд менамояд: «Вале муҳоҷирон ҳақ доштанд амволи худашонро, ки ба дасти мардуми Қурайш афтода буд, аз онҳо бозпас гиранд»[140]. Бешак ин асоснокунии аъмоли ғоратгаронаи мусалмонони аввалин аз тарафи М. Ҳ. Ҳайкал бепоя

[140]Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал, ҳамон ҷо; - С. 255.

аст. Аввалан, чӣ хеле ки маълум гардид, мусалмонон ба тарафи дилхоҳ корвони тиҷоратӣ сипоҳ фиристодаанд, яъне корвони тиҷоратие, ки ҳеҷ рабте ба Муҳаммад ва ранҷу озори вай дар Мадина надорад. Сонияи, дар аввал гурӯҳҳои хурд мефиристанд, ки онҳо ба ҷанг ҷуръат намекунанд, баъдан гурӯҳҳои калонтар мефиристанд. Солисан, агар дар оғоз сарпарастии сипоҳ ба зиммаи дигарон гузошта шуда бошаду бенатиҷа анҷом ёфта бошад, баъдан худи Пайғамбар бо гурӯҳҳои калонтар мебарояд. Илова ба ин, чунин сиёсат ва аъмоли ғоратгарона баъд аз ғасби Макка дар нисбати қавмҳои мухталифи Арабистон ва баъдан дар нисбати қавмҳои Руму Эрон ва баъд аз он дар нисбати мардуми тоҷик низ пайваста сурат гирифтааст. Ахиран, М. Ҳ. Ҳайкал баъд аз кӯшишҳои бепояи асосноккунии аъмоли ғоратгаронаи мусалмонон маҷбур мегардад, ки ҳақиқати воқеан раднашавандаро эътироф намояд: «Гарчи муҳоҷирон дар ин мавқеъ ҳақ доштанд амволи худашонро, ки дар дасти Қурайш буд, талаб кунанд, вале дар назари Худову пайғамбари ӯ (с) ин масъала бештар аҳамият дошт, ки мусалмонон дар ақидаи худ озод бошанд ва касе онҳоро аз дини худ бознагардонад. Ҷангу хунрезӣ низ барои расидан ба ин мақсад раво гардид»[141]. Дар робита ба масъалаи мавриди баҳс бояд таъкид намуд, ки тибқи ояти 15-16 аз сураи «Фатҳ» мақсади тохтутозҳо ба сӯи корвонҳои тиҷоратӣ сарвати савдогарон будааст, на чизи дигар. Тибқи мундариҷаи оятҳои мазкур баъзе бадавиҳо мехостанд дар ғасби сарвати Хайбар иштирок намоянд. Аммо ба сабаби иштирок накарданашон дар ҳаҷҷи умра ба Макка пайғамбар ба онҳо иҷозат намедиҳад. Зеро дар он ҳаҷҷи умра пайғамбар ғайримусулмонҳоро низ даъват карда буд, то сипоҳ хеле бузургу боҳашамат ба назар расад ва ҳаҷ бе мушкилӣ муяссар гардад. Аммо баъзе гурӯҳҳои бадавӣ аз хавфи ҷанг бо маккагиҳо тарсида, дар сафар иштирок накарда буданд. Чун ба хотири сарват онҳо хостанд дар ҳуҷум ба Хайбар иштирок кунанд, пайғамбар ба онҳо иҷозат надод, балки гуфт, ки дар пеш ғаниматҳои фаровонтар дар Руму Эрон шуморо интизор аст, агар нотарсида ҷанг намоянд.

[141]Ҳамон ҷо; - С. 258.

Ҳ.Ҳайкал ва ҳаммаслакони ӯ таъмини озодии ақидаи мусалмононро сабаби ҷангҳои мусулмонон арзёбӣ намуда, мехоҳанд он тохтутозҳоро асоснок намоянд. Аммо дар хусуси озодии ақидаи дигар қавмҳо боре ҳам андеша намекунанд. Ҳамин аст, ки баҳогузориҳо ба равандҳои таърих, аз ҷумла интишори ислом аз тарафи мубаллиғони исломӣ муғризона ва яктарафа сурат мегиранд ва ҳақиқати таърихро бозгӯ наменамоянд.

Қобили зикр аст, ки ҳамон корвоне, ки Муҳаммад дар паи он ба Ушайра рафту онро дарёфт накарда буд, ва бояд бозмегашт, ин навбат зери ҳадаф қарор гирифта буд. Ҳангоме, ки вақти бозгашти корвон наздик мешавад, Муҳаммад Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Саид ибни Зайдро фиристод то аз аҳволи корвон огоҳӣ ёбанд. Мунтазири ҷавоби онҳо нагардида, Муҳаммад аз дигар роҳ фаҳмид, ки дар корвон тамоми мардуми Макка чизе гузоштаанд, аз ин рӯ, корвон ниҳоят калон буда, қимати он тахминан панҷоҳ ҳазор динор аст. Ба хотири он ки корвон аз дасти онҳо раҳо наёбад, Муҳаммад мусалмононро даъват карда мегӯяд: «Ин корвони Қурайш аст, барои он бароед, шояд Парвардигор онро барои шумо ғанимат диҳад»[142]. Ба гурӯҳе, ки мусалмон набуданду мехостанд ба мусалмонон дар ғорат кардани корвон бипайванданд, Муҳаммад гуфт: “Агар мехоҳед бо мо биёед, мусалмон шавед”. Ҳамин тавр, мусалмонон барои ғорат намудани корвон аз Мадина берун мебароянд.

Ҳамзамон Абусуфён низ аз мақсади мусалмонон бохабар гардида, ба Макка шахсеро фиристода, хабардор менамояд, ки амволатон дар хатар аст. Агар амволи худро мехоҳед, ба ҳифзи он бароед. Вақте Муҳаммад мефаҳмад, ки тамоми мардуми Макка барои ҳифзи моли худ хестаанд ва шумораашон ниҳоят зиёд аст, вай бо тамоми мусалмонон, аз ҷумла бо гурӯҳи ансор низ машварат намуда, барои даст задан ба ҳадафи гузошташуда машварат менамояд. Вақте якдилона ҳамбастагии худро ба Муҳаммад изҳор медоранд, Муҳаммад аз паи дарёфти корвон мегардад.

---

142Шайх Муҳаммад Хузари. «Сирату-л-якин» тарҷумаи «Нуруляқин». Тарҷумаи Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ (Марҳум Домулло Эшонҷон). Душанбе, 2010. – С. 149.

Ин ҳангом Абусуфён аз ҳадафи мусалмонон бохабар гардида, корвонро бо дигар роҳ мегурезонад. Вақте хабари раҳо ёфтани корвон ба мусалмонон мерасад, онҳое, ки дар дил орзуи ғаниматро доштанд, бо Муҳаммад ба ҷадал бармехезанд ва мехоҳанд, ки ба Мадина баргарданду бо аҳли Макка рубару нашаванд. Дар робита ба ин мавзуъ ояти 7 аз сураи “Анфол” бахшида шудааст.

Омили муҳими таҳрикдиҳандаи ҷанг будани сарват аз он боз маълум мешавад, ки баъд аз ғалаба дар ҷанги Бадр дар байни мусалмонон барои ғанимат ихтилоф пайдо мешавад. Як гурӯҳ даъво менамоянд, ки чун ғаниматҳоро онҳо ҷамъ кардаанд, ғаниматҳо ба онҳо мансубанд. Гурӯҳи дигар мегӯянд, ки чун онҳо душманро таъқиб намудаанд, ғанимат насиби онҳост. Гурӯҳи сеюм мегӯянд, ки чун онҳо Муҳаммадро муҳофизат намудаанд, ғанимат насиби онҳост. Ахиран ғаниматҳоро ҷамъ карда, Муҳаммад худ онҳоро баробар тақсим менамояд.

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои шикасти мусалмонон дар ҷанги Уҳуд маҳз ғанимат будааст. Дар ҷанги мазкур мусмалмонон баъд аз ба ақиб партофтани душман ба ҷамъоварии ғанимат машғул мегарданд. Ҳолати мазкурро дида, тирандозоне, ки онҳоро Муҳаммад дар ақиби сипоҳ гузошта буд то ҳуҷуми душманро аз қафо пешгирӣ намоянд, мавқеи худро мегузоранд ва барои ҷамъовароии ғанимат мераванд. Дар натиҷа, Холид ибни Валид аз қафои мусалмонон савора ба ҳуҷум мегузарад. Ин ҳолро дида Қурайш низ аз нав ба ҳуҷум мегузарад.

Мавқеи ғанимат дар таҳрики мусалмон барои ҷанг аз ҳодисаи мазкур низ маълум мегардад. Пас аз як моҳ аз сулҳи Ҳудайбия Муҳаммад фармон медиҳад, ки ба ҷанги Хайбар омода шаванд. Аммо боз таъкид менамояд, ки танҳо онҳое метавонанд дар ҷанги Хайбар иштирок намоянд, ки дар ҳаҷҷи аввалин ба Каъба ширкат карда бошанд. Дигарон метавонанд ба сифати довталаб иштирок намоянд, вале аз ғанимат саҳме нахоҳанд дошт. Яъне, Муҳаммад онҳоеро, ки дар Ҳудайбия ҷони худро ба хатар гузошта ба ҷанг баромада буданд, онҳоро ҳавасманд менамояду онҳоеро, ки дар ширкат дар он ҷанг худдорӣ карда буданд, иштироки онҳоро низ ҷоиз

шумурд, лекин бидуни дастрасӣ ба ғанимат. Қобили зикр аст, ки маънои мазкур, чуноне ки аллакай дар боло қайд гардид, дар Қуръон, дар сураи «Фатҳ», оятҳои 15-21 низ ифода ёфтааст: «Вақте ки барои ба даст овардани ғаниматҳо  равона шавед, он пасмондагон ба ту хоҳанд гуфт: «Бигузоред моро, то аз паи шумо равем». Мехоҳанд, ки сухани Худоро табдил кунанд. Бигӯ: «Шумо ҳаргиз пайравии мо нахоҳед кард -Худо пеш аз ин ҳамчунин фармудааст»…(Ояти 15). «Ба пасмондагони аъробиён бигӯ: «Шумо барои корзори қавме  – дорои нерӯи сахти ҷангӣ - хонда хоҳед шуд, ки бо онҳо ҷанг кунед, ё он ки мусулмон шаванд. Пас, агар фармонбардорӣ кунед, Худо ба шумо музди нек бидиҳад. Ва агар рӯгардон шавед - чунон ки пеш аз ин рӯгардон шуда будед, Худо шуморо ба азоби дарддиҳанда азоб кунад» (ояти 16). «Ба дурустӣ ки Худо аз мӯъминон - вақте ки дар зери дарахт бо ту байъат мекарданд, - хушнуд шуд ва он чиро донист, ки дар дили онҳо аст. Пас, бар онҳо оромиш фуруд овард ва ба онҳо фатҳи наздик подош дод;» (ояти 18). «ва ғаниматҳои бисёр, ки онро ба даст оранд. Ва Худо Ғолиби Боҳикмат аст» (ояти 19). «Худо ба шумо ғаниматҳои бисёрро ваъда додаст, ки онҳоро ба даст меоред; пас, зуд ин (ғанимат)-ро ба шумо ато кард ва дасти мардумонро аз шумо боздошт, то ин [ҳама] барои мӯъминон нишонае бошад ва то Худо ба шумо роҳи ростро бинмояд» (ояти 20). «Ва низ ғаниматҳои дигар, ки ҳанӯз бар он даст наёфтаед. Ҳар оина Худо онро фаро гирифтааст ва Худо бар ҳама чиз Тавоно аст» (Ояти 21).

Дар оятҳои зикршуда пасмондагони аъроб он арабҳое мебошанд, ки барои бори аввал ҳаҷҷи Каъба намудан ба сабаби задухӯрди эҳтимолӣ паскашӣ карда буданд. Чун баъд аз сулҳи Ҳудайбия мавқеи мусулмонон хеле мустаҳкам мегардад ва имкони ба даст овардани ғаниматҳои зиёд пайдо мешавад, он пасмондагони араб хоҳони он мешаванд, ки дар ҷанги зидди яҳудиҳои Хайбар (минтақае, ки дусад километр аз Мадина дуртар воқеъ аст) иштирок намуда, соҳиби ғаниматҳо гарданд. Пайғамбар ба онҳо мегӯяд, ки инҳо метавонанд ҷиҳод намуда, дар ҷанг иштирок кунанд, лекин соҳиби ғанимат нахоҳанд шуд. Аз оятҳои баъдӣ чунин бармеояд, ки чунин

ашхос дар ҷангҳои баъдӣ бар зидди Форс ва Рум ҷангида, метавонанд соҳиби ғаниматҳои зиёд гарданд.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷангҳо ҳадафи молу сарват доштани мусалмонон аз ҳодисаи оғози ҷанги Хайбар низ маълум мегардад. Вакте мусулмонон ба Хайбар наздик меоянд, Муҳаммад тавассути ҷосусонаш муайян менамояд, ки ба яҳудиҳои Хайбар инчунин мушрикони Ғатафан низ мехостаанд ҳамроҳ шаванд. Бинобар ин, Муҳаммад ба мушрикони Ғатафан пешниҳод менамояд, ки ба ивази ҳосили солонаи хурмоҳои Хайбар аз ҷанг даст кашанд. Аммо онҳо ин таклифро рад менамоянд. Аммо аз тарси ҳуҷуми мусулмонҳо хобашон намебарад. Онҳо суханонеро мешунаванд, ки такрор ба такрор се маротиба чунин садо медод: «Одамони номаълум ба занҳо ва кӯдакони ғатафаниҳо ҳуҷум намуда, боигарии онҳоро ғасб намуданд». Онҳо се маротиба овози мазкурро шунида, рӯ ба гурез меоранд[143].

Баъд аз ҷанги Хайбар Муҳаммад ба яҳудони Фадак кас мефиристад, ки ё ба пайғамбарии ӯ имон биёранд ё амволи худро бидиҳанд. Онҳо тарсида як нимаи моли худро бе ҷанг ба Муҳаммад вогузор мекунанд. Бинобар ин, Хайбар мутааллиқ ба мусалмонон буду Фадак мутааллиқ ба худи пайғамбар, зеро мусалмонон онро бидуни ҷанг ба даст оварда буданд.

Қобили зикр аст, ки дар воқеъ ҳам ғанимат (амволи тавассути ҷанг ғасбкардашуда) омили муҳими таҳрик ба аъмоли истилогаронаи мусалмонон буд. Тибқи иттилои муаррихон барои истилои тоифаҳои Ҳавозин ва Сакиф «аҳли Макка ҳам савора ва ҳам пиёда, ҳатто ки занҳо ҳам пои пиёда ба умеди ғанимат баромада буданд»[144].

Дар ҷанг ба муқобили тоифаҳои Ҳавозин ва Сақиф дар Ҳунайн аввал мусалмонон ақибнишинӣ мекунанд. Муҳаммад онҳоро аз ақибнишинӣ боздошта барои ҳуҷум таҳрик медиҳад ва мегӯяд: ҳар кас мушрикеро

[143]Жизнь пророка Муҳаммеда. Проф. Док. Рамазан Айваллы. Мармаринский Университет, факултет теологии. Истанбул, 2008. – С. 222-223.

[144]Шайх Муҳаммад Хузари. «Сирату-л-якин» тарҷумаи «Нуруляқин». Тарҷумаи Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ (Марҳум Домулло Эшонҷон). Душанбе, 2010. – С. 309..

бикушад, либосу силоҳи ӯро соҳиб шавад[145]. Дар ин ҷанг бисту ду ҳазор шутуру чил ҳазор гӯсфанд ва чаҳор ҳазор авқияи нуқра ба даст оварданд.

Нақши сарватро дар мусалмонгардонии мардум баъд аз ҷанги Тоиф равшан мушоҳида менамоем. Пайғамбар аз муҳосираи Тоиф баргашта, ба тақсими ғаниматҳо шурӯъ менамояд. Ӯ панҷякашро барои харҷи аскари ислом гирифта, боқимондаашро байни ҷанговарон тақсим менамояд. Муҳаммад аз он молҳои ғанимат барои мардуме, ки исломашон заиф буд, моли бисёр дод, аз ҷиҳати ошно ва моил гардонидани дили онон ба ислом ва меҳрубонӣ нисбати он. Ҳамчунин барои баъзе мардуме, ки мусулмон нашуда буданд, низ дод, то ки исломро барояшон маҳбуб гардонад. Аз ҷумлаи гурӯҳи аввал, яъне заифулисломҳо Абӯсуфён ибни Ҳарб буд. Ӯро Расули Худо як килову чорсад грамм нуқра ва сад шутур дод. Ҳамин қадар мол ба ду писараш Муъовия ва Язид дода мешавад. Бинобар ин, Абӯсуфён ба Расули Худо мегӯяд: Падару модарам фидои ту бод. Ҳар оина ту дар ҳоли сулҳ ва ҷанг бокарам ва хуб ҳастӣ[146].

Чун мусалмонон метарсанд, ки Муҳаммад ба ҳар касе, ки нав мусалмон мешавад, моле мебахшад, ва қисмати онҳо аз ғанимат кам мешавад, исрор мекунанд, ки ҳар кас қисмати худро аз ғанимат бигирад. Ин сухан ба гӯши Муҳаммад мерасад. Ӯ каме пашм аз куҳони шутур мегираду бо овози баланд мегӯяд: Эй мардум, ман дар ғаниматҳи шумо ва дар ин пашм ба ҷуз панҷяк ҳисса чизе надорам, онро ҳам ба шумо мебахшам.

Ҳангоме, ки бахшишҳои пайғамбар дар ҳаққи касоне, ки чанде пеш душман буданду ба тозагӣ мусалмон гардиданд, зиёд мегардад, ҳолати мазкур гурӯҳи ансорро нороҳат менамояд. Ин ҳангом пайғамбар ба онҳо мегӯяд: “Эй мардуми ансор! Оё аз андак моли дунё, ки ман ба дигарон бахшидам, то дар ислом устувор шаванд ва шуморо ба исломатон

---

[145]Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал, ҳамон ҷо, - С. 530.
[146]Сират-ул-яқин, ҳамон ҷо; - С. 313-314.

вогузоштам, дилгир шудед? Оё розӣ нестед, ки мардум гӯсфандону шутуронро бибаранду шумо пайғамбари Худоро ҳамроҳ бибаред?..”[147].

Зарурат ба таъкид аст, ки зери унвони “ғанимат”-и Худо ғорат намудани халқу миллатҳои ғайримусалмон берун аз ҳудуди Арабистон низ идома ёфтааст, ки онро мо аз ҳадиси зерин ба таври барҷаста бардошт менамоем: Вақте фармондеҳи лашкари Эрон аз фармондеҳи лашкари араб зимни оғоз намудани ҷанг дар Нахованд кӣ будани онҳоро мепурсад, фармондеҳи лашкари араб Нуъмон ибни Муқаррин чунин ҷавоб медиҳад: «Мо мардуме аз арабем, дар бадбахтии сахт ва балои сахт қарор доштем, аз гуруснагӣ пӯсту донак мемакидем ва либос аз мӯю пашми шутуру буз мепӯшидем ва гиёҳу санг мепарастидем. Ва он ҳангом, ки дар ин ҳол будем, Парвардигори осмонҳо ва Парвардигори заминҳо…пайғамбаре аз худи мо фиристод…Он пайғамбарамон…ба мо амр кард, ки бо шумо ҷанг кунем, то ин ки шумо ба парастиши фақат Худои Ягона бигароед ё адои ҷизяро ба гардан гиред. Ва пайғамбарамон…ба мо хабар додаст аз рисолати Парвардигорамон ки ҳар кӣ аз мо кушта шавад, дар биҳишт, дар хуррамие хоҳад буд, ки ҳаргиз мислу монандашро надидааст ва ҳар кӣ аз мо зинда монад, молики гарданҳои шумо хоҳад гардид»[148]. Аммо аз ҳадиси “Ҳар кас арабро душман бидорад, Худо душмани ӯст”[149] арабгароии пайғамбар хеле барҷаста маълум мегардад. Умуман, аз маънои ҳадисҳои баёнёфта чун ҳадиси “Ло илоҳа иллаллоҳ гӯед то араб тобеи шумою Аҷам хироҷгузоратон шавад” чунин натиҷа ҳосил мегардад, ки ҳадафи аслии Муҳаммад арзишҳои иқтисодию сиёсиянду арзишҳои динӣ ба сифати олат хидмат мекунанд. Аммо ҳадафи мазкур чунон моҳирона роҳандозӣ гардидааст, ки арзишҳои динӣ ҳадаф муайян гардидаанду арзишҳои ғайр васила. Ба қавли дигар, халқу миллатҳои ғайр бояд ё дини Муҳаммадро қабул кунанд ё ҷизя (маблағ) пардозанд, дар акси ҳол онҳоро ҷангу куштор интизор аст.

---

[147]Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал, ҳамон ҷо, - С. 541.
[148]Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Ҷилди 3. Душанбе, «Эр-граф», 2008, - С. 176).
[149]Ҷурҷи Зайдон. – С. 696.

Қобили зикр аст, ки сиёсати зикршуда баъд аз марги Муҳаммад аз тарафи идомадиҳандагони сиёсати ӯ дар нисбати дигар халқу миллатҳо низ идома меёбад, ки аз байни онҳо аҷдодони тоҷикон истисно нестанд. Аз ҷумла, Убайдуллоҳ ибни Зиёд аз Ҷайҳун гузашта, ба Пайканду Рометан мерасад ва баъди ғорат намудану гирифтани 4000 асир ба ғасби Бухоро тайёрӣ мебинад. Убайдуллоҳ баъди шикасти туркону суғдиён ба Хутакхотун шартномаи сулҳ пешниҳод менамояд ва баъди ситонидани товони ҷанг дар ҳаҷми як миллион дирҳам ба Ромдину Байканд ва Бухоро рӯ оварда, ба ғорату тороҷи мардум даст мезанад.

Вақте Саид ибни Усмон волии  Хуросон таъин мегардад, ӯ бо 5000 нафар лашкариёни худ ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр ворид мешавад ва баъди ҳамроҳ намудани дастаҳои дуздону зиндониён лашкари ӯ ба 40 000 нафар мерасад ва ҳамин тавр, нақшаи забти Бухороро бори сеюм тарҳрезӣ менамояд. Баъди расидани лашкари аз ғоратгароён таркибёфтаи Саид ибни Усмон Бухоро забт мегардад. Саид аз Бухоро 300 000 дирҳам ва тамоми дороии мардумро ғорат менамояд ва аз шоҳзодагон  80 нафарро гаравгон гирифта, ба сӯйи Самарқанд раҳсипор мешавад[150]. Саид ибни Усмон 700 000 дирҳам ва 80 нафар гаравгонро гирифта, ҳудуди Самарқандро тарк менамояд.

Сарлашкари дигари золими араб Қутайба соли 706 ба Байканд омада, баъд аз ду моҳи ҷанги пайваста, онро низ тасхир менамояд. Тибқи сарчашмаҳо аз он ҷо чандон зарфҳои тилло ва нуқра ба даст овардааст, ки шумор надоштааст. Дар Бухоро Қутайба амр медиҳад,  ки агар ҳар касе сари душмане биёрад, сад дирҳам ҷоиза мегирад. Пас аз содир шудани ин фармон дар қароргоҳи арабҳо аз сари ҷанговарони Мовароуннаҳр манораи бузурге ба вуҷуд омад[151].

Чӣ хеле ки маълумоти муаррихони мухталиф шаҳодат медиҳанд, аъмоли ғоратгаронаи арабҳо зери унвони “ғанимат” дар тамоми тӯли таърихи ислом вуҷуд доштааст ва яке аз омилҳои муҳиме барои ғалаба ва

---

[150]Саъид Нафисӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. - С. 120.
[151]Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе, Нашриёти муосир, 2020. – С.349.

интишори дини ислом маҳсуб меёфт. Дар робита ба мавзӯи мазкур инчунин маълумотҳои зерини Ҷурҷӣ Зайдон низ дар бораи тарзи ҳаёти Хулафои рошидин ва дороии саҳобаҳо хеле тааҷҷубовар буда, шахси эътиқоди динии қавидошаро ба андешаи амиқ водор месозад, зеро мусулмони соҳибақл ҳатман дар хусуси сарчашмаи он дороиҳо, тарзи ҷамъоварии онҳо ва одилона ва ё ноодилона будани ба дастоварии онҳо андеша менамояд: «Хулафои рошидин ба мулку мол эътино надоштанд. Ҳамин қисми соири асҳоби пайғамбар дар замони хулафои рошидин бо тақво ва зуҳд зиндагӣ мекарданд ва шояд ин барои он буд, ки ҳамзамони пайғамбар мезистанд ва ҳар қадар ки аз замони саодат дур мешуданд, ба дунё наздиктар мегаштанд ва он мулоҳизае, ки аз мақоми нубувват доштанд, рӯ ба костан мерафт ва аз қарори маълум дар авохири давраи хулафои рошидин кам-кам дунёхоҳии ёрони пайғамбар падидор гашт, чунон ки Масъудӣ муаррихи машҳур чунин менависад: «Дар замони Усмон ёрони пайғамбар мулку мол ҷамъ карданд ва рӯзе, ки Усмон кушта шуд, як миллион дирҳам ва саду панҷоҳ ҳазор динор пеши хизонадори худ захира дошт ва дар Ҳунайн ва Водиюлқуро амлоке ба ҳам зада буд, ки сад ҳазор динор меарзид ва шутуру гову гӯсфанди зиёде мутааллиқ ба вай буд. Ҳамин қисми Зубайр, ки пас аз марг ҳазор асб ва ҳазор каниз боқӣ гузорид ва баҳои яке аз матрукоти ӯ панҷоҳ ҳазор динор мешуд ва оид(даромад)-и Талҳа дар Ироқ ба рӯзе ҳазор динор мерасид ва дар ноҳияи Суръа беш аз он дарёфт мекард.

Дар истабл(асбхона)-и Абдураҳмон ибни Авф ҳазор асп ва ҳазор шутур ва даҳ ҳазор гӯсфанд ёфт мешуд ва чаҳоряки дороии ӯ пас аз маргаш ҳаштоду чор ҳазор динор шуд. Зайд ибни Собит ба қадре тилло ва нуқра аз худ боқӣ гузорид, ки пас аз маргаш онро бо табар хурд мекарданд, ба илова сад ҳазор динор баҳои амлок ва мазрааҳои ӯ мешуд. Зубайр дар Мисру Басра ва Куфа ва Искандария хонаҳо бино карда буд. Талҳа низ дар Куфа хонае сохт ва хонаи Мадинаашро бо гаҷу оҷур ва чӯби гаронбаҳо

боло бурд. Саъди Ваққос дар Ақиқ хонае бино кард, ки фазои васеъе дошт, сақфаш баланду дорои айвонҳо буд…»[152].

Хулоса, сарват ё бо таъбири динӣ ғанимат омили хеле муҳиме будааст, ки пайваста мусалмононро барои ғорат намудани ғайримусалмонҳо ё бо таъбири динӣ барои ба даст овардани ғанимат ҳавасманд месохтааст ва ҳамин тавр, дар таъмини ғалабаи дини ислом аз болои динҳои бегона ва интишори он дар манотиқи мухталиф саҳми бузург гузоштааст.

Дар бораи нақши омилҳои мухталифи дунявӣ сухан ронда на бояд маҳорат ва тактикаи ҷангии мусалмонҳоро ҳамчун яке аз омилҳои ғалабаи онҳо дар ҷангҳои сершумор аз мадди назар дур намоем. Арабҳо худ марди ҷанговар буданд, ки ин аз сатҳи инкишоф ва муҳити зисти онҳо вобаста буд. Муносибатҳои қабилавӣ-авлодӣ ва ҷангҳои пайвастаи байниқабилавӣ онҳоро нотарс, далер, чолок ва ҷанговар гардонда буд. Шабохун зада тороҷ намудани душман шакли ҳастии араби бадавӣ буд. Сифатҳои фавқуззикр пурра мероси мусалмонон гардида буд. Онҳо дар оғоз ба ин ё он қабила ё қавм ҳуҷум намуда, ғорат мекарданд, заиф месохтанд ва баъдан ҳукумати худро пурра мустақар месохтанд.

Яке аз хусусиятҳои ҷангии арабҳо аз он иборат буд, ки онҳо дар ҳолати ногувор ҳамеша роҳи бозгашт ё ақибнишиниро боқӣ мегузоштанд. Яъне, барои пешгирии талафоти зиёд ва ҳифзи ҳаёти ҷанговарон ҳатман роҳи гурезро низ пешакӣ муайян мекарданд. Дар ҳолати бебарор анҷом ёфтани ҳуҷум роҳи гурезро пеш мегирифтанд. Ҳамин буд, ки мусалмонон қабилаҳои хурдро ба зудӣ бо як ҳамла, лекин халқиятҳои қавиеро, чун тоҷикон дар натиҷаи чандин ҳамлаҳои такрор ба такрори ғоратгарона мутеъ сохта буданд.

Яке аз омилҳои мустаҳкам гардидани ҷамоаи мусалмонон дар манотиқи забтшуда аз он иборат буд, ки дар бисёр ҳолатҳо мусалмонон дар манотиқи ғасбгардида ҳокимони маҳалиро нигоҳ медоштанд. Сиёсати

---

[152]Таърихи тамаддуни ислом, - С. 62.

мазкур имкон медод, ки аҳли минтақа тавассути ҳокимони худӣ дар итоати бегонагон нигоҳ дошта шавад.

Ҳамчунин машварат низ аз худи пайғамбар сар карда яке аз роҳҳои дурусти ҳалли мушкилот мавриди истифода қарор мегирифт. Аз ҷумла, вақте мусалмонон барои ҷанг бар зидди мушрикони Макка дар канори оби Бадр фуруд меоянд, ин ҳангом Ҳабоб ибни Мунзир, ки он сарзаминро хуб мешинохт, ба пайғамбар мегӯяд: “Оё ин маҳалро ба ихтиёр интихоб кардӣ ва метавон онро иваз кард ё Худо туро дар ин ҷо фуруд оварду тағйири он раво нест? Муҳаммад мегӯяд: “Дар ҳолате, ки масолеҳи ҷангӣ талаб кунад, тағйири маҳал монеае надорад”. Ҳабоб мегӯяд: “Дар ин сурат дар ин ҷо истодан муносиб нест. Ба мардум дастур деҳ ҳаракат кунанд, то ба канори обе, ки ба душман наздиктар аст, бирасем. Дар он ҷо фуруд меоем ва чоҳҳоеро, ки пушти сари мо аст, пур мекунем. Пас аз он ба канори об ҳавзе бино мекунем ва барои ҷанг омода мешавем. Бо ин тартиб мо об дорем, вале душман барои об дар заҳмат меафтад”. Муҳаммад чун мефаҳмад, ки раъйи мазкур ба савоб наздик аст, онро ба кор мегирад ва эълон медорад, ки ӯ низ монанди онҳо башар асту корҳояш бо машварат сурат мегиранд. Дар ҳолати ҷанг бошад, Муҳаммад мегӯяд: “Ба Худо, ҳар кас аз шумо кушта шавад, ҷои ӯ биҳишт аст”. Ё дар ҷанги Хандақ барои муқовимати дуруст нишон додану пешгирӣ намудани воридшавии душманони аз ҷиҳати шумора афзалиятдошта бо пешниҳоди Салмони Форсӣ хандақ мекананд, ки дар натиҷа ғалаба насиби мусалмонон мегардад.

Барои таъмини ғалаба мусалмонон аз тамоми имкониятҳо истифода мебурданд. Чуноне ки пештар аллакай зикр гардид, мусалмонон дар баъзе ҷангҳо барои шикасти душман дар ҳолати зарурӣ манҷаниқ истифода мебурданд ё токзору киштзорҳоро оташ мезаданд, ки дар баъзе аз онҳо Муҳаммад худ сарварӣ карда буд. Бояд ёдовар шуд, ки мусалмонҳо барои таъмини ғалаба дар ҷанг ҳатто аз истифодаи duздону ғоратгарон низ рӯй намегардонданд. Аз ҷумла, Умар, ки аз шикасти «Ҷанги Пул» дар ғазаб шуда буд, дар соли 644 лашкари пурқуввате бо сардории Саъд ибни Абиваққос ва Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ созмон дода, мефармояд, ки

дар роҳ аз ҳар қабилаи араб дуздону ғоратгаронро бо ваъдаҳои зиёд барои истисмори эрониён бо худ барад. Баъд аз шикасти шадиди арабҳо дар «Ҷанги Пул» ҳуҷумҳо ва лашкаркашиҳои арабҳо хосияти тарғиботӣ-динии пешинаашро аз даст дода, табиати ғоратгаронаро ба худ касб менамояд[153]. Чӣ хеле ки дар боло қайд намудем, Саид ибни Усмон, вақте волии Хуросон мегардад, сипоҳи худро аз 5 000 нафар тавассути дуздону зиндониён ба 40 000 нафар мерасонад.

Маълумотҳои таърихӣ собит менамоянд, ки мусалмонон барои тезтар забт намудани минтақаҳои нав сарлашкарони худро ҳавасманд месохтаанд. Халифа Усмон Абдуллоҳ ибни Омирро фармондеҳи Басра ва Саъид ибни Осро фармондеҳи Куфа, таъин намуда, амр додааст, ки ҳар кӣ пештар Хуросонро забт намояд, амири Хуросон хоҳад шуд. Яъне, Усмон байни ду сарлашкар барои истилои Хуросон як мусобиқа ташкил менамояд.

Омӯзиши таърихи ислом бар он далолат менамояд, ки арабҳо қавмҳои забтшударо ҳамзамон бар зидди ҳамдигар истифода мебурдаанд. Зимни истилои Суғд ихшиди Суғд Ғузак ба пеши Қутайба кас фиристода, мегӯяд: «бо кӯмаки бародаронам ва аҳли хонадонам аз мардуми Аҷам бо ман ҷанг мекунӣ? Арабҳоро сӯйи ман бифирист». Қутайба аз сухани ӯ хашмгин шуда, бар зидди суғдиён манҷаниқҳоро истифода мебарад.

Хулоса, дар ғалаба ва интишори дини ислом маҳорат ва тактикаи ҷангии мусалмонҳо низ барои пешрафти мусалмонону шикасти душманонашон ба андозаи зиёд мусоидат намудааст.

Аз таҳқиқи боби мазкур моро чунин бардошт ҳосил хоҳад шуд, ки муҳити сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии Арабистон дар нимаи аввали асри VII барои пайдоиши дини ислом тамоми заминаҳоро омода карда буд. Дар қисмати ҷанубу шимоли нимҷазира аллакай шоҳигариҳо ташкил шуда буданд ва Арабистони Марказӣ дигар дар ҳолати муносибатҳои қабилавӣ-авлодӣ зиста наметавонист. Ҳамзамон дар қисматҳои номбурда динҳои

---

[153]Ғуломов Т.М. Густариши ислом дар Хуросони бузург. – С. 121.

тавҳидии яҳудияю масеҳия, дар қисмати ғарбии нимҷазира бошад, дини зардуштия барои ҷойгузини бутпарастӣ гардидан байни худ рақобат мекарданд. Яъне, бутпарасатӣ худ рӯзҳои охирини худро мегузаронд. Мушкилоти мавҷударо дарк намуда, шахсиятҳои гуногуне дар гӯшаю канори нимҷазира худро пайғамбар муаррифӣ мекарданд. Дар ин рисолати нубувватӣ Муҳаммад устувории қатъӣ нишон дода ғолиб баромад ва ҳамаи онҳоро ба ғайр аз худ пайғамбари козиб эълон намуд.

Талаботу арзишҳои дунявӣ на танҳо дар пайдоиш, балки дар ғалаба ва интишори ислом низ нақши ҳалкунанда бозидаанд. Ҳатто Қуръон бо вуҷуди ночиз шумурдани арзишҳои дунявӣ дар баъзе ҳолатҳо ба онҳо арзишеро қоил мегардад. Агар Қуръонро сарчашмаи назариявии ислом ба қалам диҳему фаъолияти ҳаётии мусулмононро амалияи исломӣ ном барем, нақши муайянкунандаи арзишҳои дунявиро дар фаъолияти рӯзмарраи мусулмонон, махсусан дар ғалаба ва интишори ислом хеле барҷаста мушоҳида менамоем. Таҳлилу таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки худи шахсияти Муҳаммад бо иродаи қавӣ ва кордонии ғайримуқаррарии худ аввалин омили муассир дар ғалаба ва интишори ислом маҳсуб меёбад. Маҳз паймонҳои бастаи ӯ бо роҳбарони қавмҳои мухталиф шахсияти ӯро ҳамчун сиёсатмадор ошкор намуда, барои густариши ислом заминаи қавӣ мегузоранд. Ҳамзамон нақши сарватро низ набояд нодида гирифт. Сарват омили таҳрикдиҳандаи ҷанговарон барои пирӯзиҳои мусулмонон буд. Дар баробари ин маҳорат ва тактикаи ҷангии мусулмонон низ аз ҳар ҷиҳат барои пирӯзӣ ва интишори ислом мусоидат намудаанд. Зеро бохти мусулмонон дар муҳорибаҳо маънои аз байн рафтани дини исломро дошт. Маҳз ба сабаби маҳорат ва тактикаи ҷангии махсус мусулмонон имкон пайдо менамоянд, ки давлатҳои бузургу кишварҳои дурдастро зина ба зина тасхир намоянд.

Ҳамин тариқ, на ин ё он омили фавқуттабиӣ, балки маҳз омилҳои дунявии тавсифёфта дар ҳамбастагӣ ғалабаи дини ислом ва интишори онро дар манотиқи ғайр таъмин намуданд.

## Боби 3. Ҳаракатҳои дунявигароии муосир дар олами ислом

### 3.1. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун шакли зуҳури дунявият дар ислом

Дар шароити авҷ гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тезутунд гардидани бархӯрди арзишҳо, махсусан арзишҳои дунявию динии бунёдгаро мақом ва нақши фарҳанги таҳаммулпазирӣ дар таъмини сулҳу субот ва оромии ҷомеа ниҳоят бузург мебошад. Ногузирии ҳамзистии фарҳангҳои гуногун ва зарурати пешбурди ҳаёт инсонро водор сохтааст, ки роҳи созишу муросо ва сабру таҳаммулро коркард намояд ва ба зиндагӣ бо нигоҳи нав – некбинонаю хайрхоҳона назар кунад.

Истилоҳи «таҳаммулпазирӣ» аз ду вожа: калимаи арабии «таҳаммул» ва калимаи тоҷикии «пазируфтан» сохта шудааст. Вожаи арабии «таҳаммул» маъноҳои «бардоштан, ба гардан гирифтан, босабр будан» - ро ифода менамояд. Калимаи «пазируфтан» муродифи «қабул кардан» аст. Ҳамин тариқ, мафҳуми «таҳаммулпазирӣ» ҳолати босабру таҳаммул будани шахс, гурӯҳ, ниҳод, ташкилот ва ё ҷомеаро нисбат ба арзишҳо, фарҳангҳо, ҷаҳонбиниҳо, анъанаҳо, тарзи зиндагӣ ва урфу одати дигар шахс, гурӯҳ, ниҳод, ташкилот ва ё ҷомеаро дар назар дорад. Аз як нигоҳ таҳаммулпазирӣ ба бетафовутӣ наздик менамояд, аммо нашояд онҳоро ҳамвазни ҳамдигар маънидод намуд. Зеро бетафовутӣ маънои муносибати ғайрифаъоли шахс ва ё ташкилотро нисбат ба арзишҳои бегона ифода менамояд. Яъне, дар бетафовутӣ хомӯш будани амали маърифатии шахс, мушаххасан изҳор накардани ягон навъи эҳсосе дар нисбати фарҳангу ҷаҳонбинии ғайр ифода меёбад.

Таҳаммулпазирӣ бошад, маънои қабул намудани ҷаҳонбинии ғайрро низ дар назар надорад. Дар зери мафҳуми мазкур инчунин гузашт кардан ё чашмпӯшӣ кардан низ фаҳмида намешавад. Яъне, аз он набояд чунин маъноро бардошт намуд, ки шахс ё ниҳод нисбат ба беадолатии иҷтимоӣ босабр бошад, аз эътиқоди худ даст кашад, ба эътиқоди дигарон гузашт намояд, ё эътиқоди худро ба дигарон ҳамл намояд.

Дар таҳаммулпазирӣ шахс ё ташкилот нисбат ба фарҳанг ё ҷаҳонбинии ғайр муносибати маърифатии фаъол зоҳир месозад. Яъне,

ҳамчун тарзи муносибат вай фарҳанг аст. Ҳамчун фарҳанг вай маҳсули муносибати созанда, эҷодкорона ва инсондӯстонаи шахс ё ниҳод дар муқобили амали ғайр аст. Фарҳанги таҳаммулпазирӣ ба дигар арзишҳои фарҳангӣ эҳтиром қоил буда, ҳаққи зисти онҳоро мадди назар наменамояд. Чуноне ки ҳастии ба камолрасида аз нигоҳи ҳастишиносӣ дар моҳияти худ ноқисро истисно менамояд, аммо аз нигоҳи маърифатӣ ҳастии худро тавассути маърифати ҳастии ноқис ба маъраз мегузорад, фарҳанги таҳаммулпазирӣ низ ҳамчун ҳолати камоли маънавӣ ҳар гуна таҳдиду хатарро аз ҷониби ғайр мадди назар менамояд. Яъне, шахс, ниҳод ё фарҳанги таҳаммулпазири ҷомеа ба хубӣ дарк мекунад, ки фарҳанг ё ҷаҳонбинии ғайр ба ӯ қобили қабул нест, бо вуҷуди ин дар нисбати онҳо оқилона ва эҳтиромона рафтор намуда, онҳоро аз ҳаққи зистан ва фаъолият намудан бенасиб намегардонад. Пас, фарҳанги таҳаммулпазирӣ ҳамчун сатҳи баланди камоли маънавӣ ё ҷаҳонбинии пешқадами шахс ё ниҳод ба зоҳир мерасад. Чун худ дар камол аст, аз ҳеҷ чиз ҳазар надорад. Агар фарҳанг ё ҷаҳонбинӣ ноқис бошад, вай аз таҳдидҳои танг намуда шудан, фишор оварда шудан, радди маърака шудан, надоштани имконияти рақобатпазирӣ дар ҳарос хоҳад буд. Аз ин нигоҳ, фарҳанги таҳаммулпазирӣ танҳо ба низомҳои комил, ҷаҳонбиниҳои худкофӣ, принсипҳои илман ва мантиқан коркардшуда ва асоснок, ақлҳои рушдкарда, ниҳоду ташкилотҳои арзишҳояшон инсондӯстона хос мебошад.

Таҳаммулпазирӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосии принсипи дунявият баромад намуда, моҳияти онро ба таври хос ҷилвагар месозад. Дунявият ба маънои васеъ ва фаҳмиши имрӯза дар баробари эътирофи аҳамияти муайнкунандаи арзишҳои дунявӣ ҳаққи мавҷудияти арзишҳои диниро низ эътироф намуда, барои амалкарди онҳо фазои муносибро боз медорад. Яъне, эътирофи ҳаққи ҳамзистии фарҳангҳои мухталиф, махсусан динҳо ва гузашта аз ин, барои иҷрои талаботи динии онҳо шароит фароҳам овардан худ арзиш қоил будан ба мақому манзалаи индунёии онҳост. Агарчанде динияти динҳо тавассути унсурҳои мобаъдуттабиӣ ба зоҳир расида, қудсият пайдо мекунад, лекин дар низоми таълимоти худ эътироф

намудани қудсияти адёни ғайр ва барои мавҷудияту фаъолияти онҳо шароит муҳайё намудан аз зуҳури таҳаммулпазирӣ дар ин дин дарак медиҳад.

Зимни кашф ва таҳқиқи мундариҷаи дунявият ҳамчун мафҳум ва ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба осонӣ дарк карда мешавад, ки зиндагӣ дар фазои орому осоишта ва сулҳу салоҳ яке аз арзишҳои олии инсонӣ маҳсуб ёфта, шарти асосии пешрафти ҷомеа ба шумор меравад. Барои ноил гардидан ба чунин арзиш ва сифати зиндагӣ амалкарди таҳаммулпазирӣ ҳамчун унсури асосии принсипи дунявият зарурати аввалиндараҷаи худро ба маъраз мегузорад. Зеро зиндагии орому осоишта тақозо менамояд, ки ҳар як субъекти ҳаёти ҷамъиятӣ, новобаста аз мансубияти этникӣ ё динӣ-мазҳабии худ ба арзишҳои эътиқодии субъекти дигар эҳтиром қоил гардад ва аз ҳар гунна муносибати ихтилофангез нисбат ба онҳо иҷтиноб варзад. Риоя нагардидани талаботи мазкур дар зинаи аввал ба беэҳтиромӣ, дар зинаи дуюм ба таҳқир (дар шакли арзишҳои эътиқодии худро ҳақ ва авло шуморидан) ва дар зинаи сеюм ба инкори арзишҳои эътиқодии ҷониби дигар оварда мерасонад. Оқибатуламр хоҳем дид, ки маҳз ба сабаби риоя нагардидани талаботи таҳаммулпазирӣ яке аз арзишҳои олии низоми дунявӣ – зиндагӣ дар фазои сулҳу дӯстӣ халалдор мегардад. Халалдор гардидани фазои сулҳу дӯстӣ, ки ба сабаби риоя нагардидани талаботи таҳаммулпазирӣ падид омад, метавонад ба маҳрум шудан аз арзиши олитарини инсоният – ҳаёт сабаб гардад. Дурустии ҳақиқати мазкурро мо дар вазъи сиёсӣ-иҷтимоии иддае аз кишварҳои мусулмоннишин, ки дар он ҷо гурӯҳҳои ифротии бунёдгарои динӣ мавқеи муайянкунанда ва тақдирсоз доранд, равшан мушоҳида менамоем.

Аз ин нуқтаи назар, эътирофи таҳаммулгароӣ ҳамчун унсури асосии принсипи дунявият ва эҳтирому арҷ гузоштан ба он ҳамчун кафили воқеии таъмини сулҳу салоҳ ва дӯстию рафоқат талаби замон буда, ифодаи камоли маънавии субъекти ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳанги башардӯстонаи ӯ ба ҳисоб меравад.

Дар таърихи фарҳанги башарӣ ҳар миллат бо фарҳанги динии хоси худ ба ҷаҳониён муаррифӣ мегардад. Агарчанде ҳар дин барои ҳифзи арзишҳои бунёдии худ то андозае хусусиятҳои иртиҷоӣ, худситоӣ, худафзалшуморӣ дошта, маҳз дар натиҷаи муқовимат ва муқобилати фаъол ба фарҳанги динии мавҷуда, нузулкардаистода, ба буҳронгирифторшуда, ва аз ин нуқтаи назар, марҳилаҳои охирини ҳаёти худро сипарикардаистода арзи ҳастӣ менамояд, бо вуҷуди ин, қариб дар ҳамаи онҳо дар ин ё он сатҳ ҷанбаҳои таҳаммулпазирона низ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо бевосита инъикоси шароитҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоию фарҳангии муҳите мебошанд, ки дар он дини мазкур шакл гирифтааст.

Агар ба таърихи фарҳанги ниёгони хеш назар андозем, мебинем, ки аҷдодони мо нисбат ба ҳар як халқи дигар бештар таҳаммулпазириро пеша карда будаанд. Ба масъалаи мазкур дахл намуда, муҳаққиқи шинохта Қ. Нурулҳақов барҳақ менависад, ки «таълимоти зардуштия дар бораи инсон ҷузъи таълимоти кайҳоншиносии он буда, мувофиқи ин таълимот Аҳурамаздо ҳамчун худои яктою бузург ва офаридгори тамоми олами ҳастӣ ба тамоми башарият яксон нигаристааст, ба қавме ё табақае афзалият надодааст, ӯ пуштибони тамоми кайҳон ва кулли инсоният буда, ҳадафи ниҳоияш пойдор кардани адлу инсоф ва ҳақиқат дар ҷаҳон аст, ки он тавассути амали неки инсон сурат мегирад»[154]. Бешак инъикоси таъсири ҳамин фарҳангу оини башардӯстонаи Зардушт дар муносибати Куруши Кабир нисбат ба дигар халқҳо ва оини онҳо мушоҳида мегардад. Воқеан ҳам агар ба таърихи фарҳанги диндории мардуми ориёинажод дар даврони ҳукмронии Куруши Кабир назар андозем, мебинем, ки фарҳанги мазкур аз ҷумлаи таҳаммулпазиртарин ва дунявитарин фарҳанг ба назар мерасад. Дар Эъломияи Куруш, ки бо номи «Устувонаи Куруш» машҳур асту дар яке аз мақолаҳои пурмуҳтавои сарвари мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо номи «Густариши давлатдорӣ ва тамаддуни ориёӣ дар аҳди Ҳахоманишиён»

[154]Нурулҳақов Қ. Таҳаммулпазирӣ – андешаи калидии динӣ-мазҳабии ниёгон.//Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе «Андалеб Р».2016. – С.220.

оварда шудааст, амалан татбиқ шудани таҳаммулпазирӣ ҳамчун принсипи муҳими дунявият дар ҷомеа аллакая дар асри VI пеш аз милод бисёр равшану возеҳ ба чашм мерасад. Куруш дар Эъломияи хеш гуфтааст: «Вазъи дохилии Бобул ва амкинаи муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳама мардум дар парастиши худои худ озод бошанд ва бединонро наёзоранд.Худои бузург аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба писарам Камбуҷия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард.Пошоҳоне, ки дар ҳама мамолики олам дар сарзаминҳои худ нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи пойин ва подшоҳони ғарб тамоман хироҷи сангин оварданд ва дар Бобул ба пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Шуш ва Акад…ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маобидеро, ки баста шуда буд, бикушоянд. Ҳама худоёни ин маобидро ба ҷойҳои худ баргардондам, то ҳамеша дар он ҷо муқим бошанд. Аҳолии ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва манозили онҳоеро, ки хароб карда шуда буданд, аз нав сохтам ва худоёни Сумеру Акадро беосеб ба қасрҳои онҳо, ки «шодии дил» ном доранд, бозгардондам. Сулҳу оромишро ба тамоми мардум ато кардам». Бояд эътироф намуд, ки дар ин гуфтаҳои Куруш шакли олӣ ва барҷастаи зуҳури дунявият ҳам ба маънои маҳдудаш, яъне эътироф ва таъмини баробарҳуқуқии эътиқодии одам ва ҳам ба маънои васеяш, яъне ҳамчун роҳандозӣ намудани фаъолияти созандагӣ ва таъмини ободӣ ва сулҳу оромиш дар ҷомеа ба мушоҳида мерасад. Сарвари мамлакат Эмомалӣ Раҳмон эъломияи мазкурро мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор дода, ба чунин хулосаи воқеан ҳам дақиқу одилона расидаанд: «Ин эъломияи башардӯстона, ки метавон нахустин санади кафолати озодии мазҳабу эътиқоди динӣ ва гузашта аз ин эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандони гуногунмиллату мухталифоин шумурд, аз тамаддуни ориёӣ сарманшаъ гирифтааст. Шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломия нахустин иқдомест сӯи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути рӯшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи

ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард[155]». Дар воқеъ ҳамин муносибати на танҳо дунявигароёна ва таҳаммулпазирона, балки ҳатто комилан башардӯстонаи Куруш (барои барқарорсозии Байтулмуқаддас амр медиҳад) дар нисбати дини яҳудия, сабаб гардидааст, ки вай дар Таврот дар китоби Ишаёи набӣ бо номи массеҳ (наҷотбахш) зикр гардад.

Дар таърихи фарҳанги башарӣ нақши буддоия низ дар рушди афкори таҳаммулгароёна бузург мебошад. Буддо худ гуфтааст, ки нисбат ба дигар динҳо таҳаммулпазир бояд буд. Муҳаққиқон М.С. Уланов, В.Н. Бадмаев[156] чунин меҳисобанд, ки ҳатто дар ибтидои мавҷудияти худ буддоия бо таҳаммулпазирии худ фарқ менамуд. Моҳиятан Буддо дар таърихи ҷаҳонӣ аввалин шуда принсипи таҳаммулпазирии диниро эълон доштааст, ки тибқи он ҳеҷ кас ҳақ надорад ғояҳои диниро, новобаста ба он ки онҳо чӣ гуна бошараф ва аъло ҳастанд, таҳмил намояд. Тибқи таълимоти Буддо ҳар инсон худ бояд то сатҳи ковишҳои маънавӣ бирасад ва барои дониши муқаддас назди устод ояд.  Шахси маънои ҳаётро ҷӯянда ҳақ дорад, ки худ ин ё он таълимотро қабул кунад ё маънавиёти воқеиро мустақилона ҷӯяд. Имрӯз буддоия ба пайравони дигар фарҳанг иҷозат медиҳад, ки аз анъанаҳои фарҳангии худ робитаро наканда, таълимоти буддоро омӯзанд ва амалӣ намоянд. Далай-лама ба кишварҳои Ғарб ташриф оварда, пайваста такрор менамояд, ки барои амалӣ намудани таълимоти буддоия аз таълимоти масеҳия ё яҳудия робитаро кандан шарт нест. Ӯ ба аврупоиён ва америкоиён тавсия медиҳад, ки аз буддоия он ҷойҳоеро бипазиранд, ки бо масеҳия ва яҳудия ихтилоф надоранд. Дар натиҷа дар Ғарб масеҳиёну яҳудиёни зиёде пайдо шудаанд, кибо амалияи буддоӣ машғул ҳастанд. Например, устоди машҳури буддоия дар ШМА Сильвия Бурштейн ҳамзамон худро яҳудизани содиқ мешуморад. Бетти Леви, католикзан аз Вайтхаус Стейши мегӯяд: «Рӯзҳои якшанбе одатан пагоҳӣ ман ба калисо меравам, аммо баъди нисфирӯзӣ ба маркази буддоия». Леви чунин

---

[155]Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. London and Flint river edition. Great Britain. – С. 84.
[156] Cyberleninka.ru/n/buddiyskie –tsennosty- i-problema-tolerantnosty-v- sovremennom -mire

меҳисобад, ки ба шарофати омӯзиши буддоия вай масеҳизани хуб шудааст». Ҳамин тавр, буддоия имконияти зиёди таҳаммулпазирӣ дорад, ки ин яке аз сабабҳои интишори васеи он дар Ғарб мебошад.

Новобаста аз ин, дар байни муҳаққиқон оид ба масъалаи таҳаммулпазирӣ дар буддоия мавҷудияти ихтилоф низ қайд мегардад. Пол Фуллер дар бораи имконияти бетаҳаммулӣ дар байни буддоиҳои Шри-Ланка ва Мьянма, ва махсусан дар муносибат мусулмонон масъалагузорӣ намудааст.

Андешаҳои таҳаммулпазирӣ дар Таврот низ, ки китоби муқаддаси яҳудия маҳсуб меёбад, ба чашм мерасанд. Китобҳои Хуруҷ, Ададҳо(Левит), Такрори шариат шомили муносибати таҳаммулпазирона нисбат ба бегонагон мебошанд. Аз ҷумла, дар китоби Хуруҷ 22:21 гуфта мешавад: «Ва ғарибро фиреб надеҳ, ва ӯро ба танг наовар, зеро ки дар замини Миср ғариб будед». Матнҳои мазкур ба хотири даъват ба дилсӯзию таҳаммул дар мавъизаҳо дар нисбати онҳое, ки дар муқоиса бо мо қудрати нисбатан камтар доранд, зуд-зуд истифода мегарданд. Масали Аҳди Ҷадид дар бораи алафи бегона, ки дар он гуфта мешавад, ки гандумро аз алафи бегона то ҷамъи ҳосил фарқ кардан душвор аст, ҳамчунин барои ҷонибдорӣ аз таҳаммули динӣ истифода мегардад. Ҳамзамон зикр менамоем, ки Таврот андешаҳои бетаҳаммулии зиёде низ дорад, ки аз зикри онҳо худдорӣ менамоем, чун ҳадафи мо дигар аст.

Агар ба масъалаи таҳаммулпазирӣ дар масеҳия таваҷҷуҳ кардани шавем, апологетҳои дини мазкур аз китобҳои Марқӯс ва Луқо андешаи «зеро ҳар ки зидди шумо нест, вай тарафдори шумост» (Луқо, 9:50; Марқӯс, 9:40), аз китоби Юҳанно қиссаи мусоҳибаи Исоро бо зани сомирӣ (4:1-42) ва ҳолати мулоқоти Исоро бо зани зинокарда (8:1-11) ҳамчун нишонаи таҳаммулпазирӣ қайд менамоянд. Аммо онҳо ба саволи «Оё Исо нисбат ба дигар динҳо таҳаммулпазир буд?» ҷавоби рад медиҳанд. Мавқеи онҳо зимни баҳогузорӣ ба дигар динҳо ҳамон мавқеест, ки ба пайравони тамоми динҳо хос аст. Апологети фавқуззикр менависад: «Моро зарур аст, ки мусулмонҳо, ҳиндуҳо, буддоиҳо ва атеистҳоро дӯст дорем, эҳтиром намоем

ва ҳатто қадронӣ намоем, лекин ҳамзамон, то он қадаре, ки аз мо вобаста аст, ба онҳо таъсир расонда, даъват намоем, ки ба дини дурӯғини худ аз нав назар андозанд ва масеҳӣ шаванд»[157]. Ин ҷо бори дигар низ таъкид менамоем, ки ҳамаи динҳо аз ҷанбаҳои бетаҳаммулӣ низ холӣ нестанд. Ба таври мисол, ин ҷо аз китоби Матто, боби 10 бандҳои 34-36-ро метавон зикр кард: «Гумон накунед, ки омадаам то осоиштагӣ бар замин биёрам; наомадаам, ки осоиштагӣ биёрам, балки шамшер; зеро, ки омадаам, то одамро аз падараш, духтарро аз модараш ва келинро аз модаршӯяш ҷудо кунам».

Таҳаммулпазирӣ ба ҷуз эҳтиром ба арзишҳои динии дигар халқҳо боз мантиқан муносибати хушбинона, некбинона, ифодаи эҳсоси ҳамдардию ҳамдилӣ ва некхоҳиро низ ифода менамояд. Зеро, чӣ арҷ гузоштан ба арзишҳои фарҳангии дигар халқҳо ва чӣ некхоҳ будан ба онҳо мантиқан сифати ботинии субъекти муносибатро ифода намуда, моҳиятан як ҳадафро дунболагирӣ менамоянд. Дар ҳадафи пайгиришаванда имконияти ҳамзистии мусолиматомез, агарчанде барҷаста набошад ҳам, нуҳуфта аст.

Дар асоси мантиқи баёнгардида метавон иброз намуд, ки дини ислом низ, бо вуҷуди он ки худ бо зӯри шамшер интишор ёфтааст, аз худ таҳаммулгароии назаррасе ба маъраз мегузорад. Чунин як шакли зуҳури таҳаммулгароӣ муносибати некхоҳонаи дини ислом нисбат ба тамоми башарият новобаста аз эътиқоди динии онҳо аст. Чунин муносибати некхоҳона дар ғояи исломии «Фарогири ҳама будани раҳмати Худо» ифода ёфтааст.  Доир ба ғояи мазкур мушаххасан дар Қуръон омадааст: «Ва мо туро нафиристодем магар аз рӯи меҳрубонӣ бар оламиён» (21:107); «Бигӯ: «Эй бандагони Ман, ки бар худ аз ҳад таҷовуз кардед, аз раҳмати Худо ноумед машавед. Ҳар оина, Худо ҳамаи гуноҳонро якҷоя меомурзад; ба ростӣ, ки Ӯ ҳамоно омурзгори меҳрубон аст» (39:53).

Қобили зикр аст, ки ғояи “Фарогири ҳама будани раҳмати Худо”  на танҳо дар Қ уръон, балки дар аҳодис низ ифода ёфтааст: “Ба дурустӣ, ки

---

157 Icocnews.ru/izuchenie –biblii. Рӯзи муроҷиат: 2.08.2021. соати 20-00.

ман на ҳамчун лаънаткунанда, балки чун раҳмат фиристода шудаам” – “Саҳеҳ»-и Муслим, №2599; «Адиб»-и Бухорӣ, №321; «Эй мардум, ҳар оина ман раҳмати аз сӯи Худо фиристодашудаям», «Сунан»-и Даримӣ, № 15.

Оёту аҳодиси овардашуда собит месозанд, ки Худо тавассути паёмбари худ ба тамоми башарият мурочиат намудааст, яъне вай маҳз мусалмононро шомили раҳмати худ нахонда, балки бо мафҳумҳои «оламиён», «бандагони ман», «эй мардум» тамоми башарият – мушрикону кофирон ва ҳатто мулҳидонро вориди раҳмати худ хондааст. Бидуни шак тавассути оёти зикршуда муносибати некхоҳонаи дини ислом дар нисбати тамоми аҳли башар ифода меёбад. Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки дар Қуръон боз оёте, чун «Ба дурустӣ, Худо онро, ки барои ӯ шарик муқаррар карда шавад, намеомурзад; ва ғайри он ҳар киро хоҳад меомурзад. Ва ҳар ки барои Худо шарик муқаррар кардааст, ҳамоно ба гуноҳи бузург ифтиро кардааст” (4:48); «Ба ростӣ, онон, ки кофир шуданд ва (мардумро) аз роҳи Худо боздоштанд, сипас дар ҳоли кофир будан бимурданд, Худо ҳаргиз онҳоро нахоҳад омурзид» (47:34), ки доираи ашхоси мағфиратшавандаро маҳдуд месозанд, дучор мегарданд. Ба андешаи Тавфиқ Иброҳим чунин оёт ба чумлаи оёти “педагогӣ”, хусусияти тарбиявӣ-тарсонандадошта дохил мешаванд ва маънои онро надоранд, ки чазо абадист[158]. Ӯ барои тақвияти ғояи “Фарогири ҳама будани раҳмати Худо” ҳадисҳои рақами 6000 ва 6469-ро аз “Саҳеҳ”-и Бухорӣ: “Худо раҳмат офарида, онро ба сад қисм тақсим намуд. Як раҳматро дар олами паҳн кард – ҳамоне, ки ба сабаби он махлуқҳо ба ҳам раҳм мекунанд. Наваду нуҳ қисми боқимондаро дар назди худ нигоҳ дошт то дар рӯзи қиёмат онҳоро ба мардум зоҳир намояд. Бинобар ин, “агар кофирон аз он миқдор раҳмати Худо огоҳ мешуданд, онҳо аз ба даст овардани чаннат ноумед намешуданд” (Сахих Бухари, №6000,6469)[159]; “Дар воқеъ раҳмати ман аз ғазаби ман афзунтар аст”; “Ман ҳамонам, ки бандаи ман доир ба Ман гумон дорад. Пас, бигзор, чӣ тавре

[158]Тауфик Ибрагим. Коранический гуманизм (Толерантно-плюралистические установки). Москва, ИД. «Медиана», 2015. – С.119.
[159]Ҳамон чо; - С.119.

ки хоҳад, гумон намояд"("Саҳеҳ"-и Бухорӣ, №7405, 7505; "Саҳеҳ"-и Муслим №2675; "Муснад"-и Даримӣ, №2731; "Муснад"-и Ибни Ханбал, №15586, 16531[160] асос ҳисобидааст.

Чӣ хеле ки дида мешавад, оятҳою аҳодиси баёнгардида ба тамоми аҳли ҷомеа муносибати некухоҳонаи дини исломро ба маъраз гузошта, аз мавқеи таҳаммулгароёнаи дини мазкур шаҳодат медиҳанд. Мавқеи таҳаммулгароёнаи дини ислом дар оятҳою аҳодиси набавӣ сароҳатан низ баён ёфтаанд. Аз ҷумла, дар Қуръон омадааст: "Ва бо аҳли китоб ҷуз ба он сурате, ки некӯ бошад, муҷодала макунед, магар бо касоне аз онҳо (муҷодала кунед), ки ситам карданд ва бигӯед: "Ба он чӣ ба сӯи мо фуруд оварда шуд ва ба он чи ба сӯи шумо фуруд оварда шуд, имон овардем ва худои мо ва Худои шумо Яке аст ва мо ба Ӯ фармонбардорем" (29:46); "Ва бар он чӣ мегӯянд, сабр кун ва онҳоро некӯ тарк бикун"(73:10); "Бисёре аз аҳли китоб - пас аз он, ки ба онҳо ҳақ равшан шуд, ба сабаби ҳасади дар хеш (дошта) дӯст доранд, ки шуморо баъд аз имон (оварданатон) кофир гардонанд.Пас, даргузаред ва бибахшед, то он ки Худо фармони худро (фуруд) оварад" (2:109);"Пас, ба сабаби паймони хешро шикастанашон онҳоро лаънат кардем ва дилҳояшонро сахт гардонидем: Калимаҳоро аз ҷойҳояшон таҳриф мекарданд ва ҳиссаеро аз он чӣ ба он панд дода шуданд, фаромӯш карданд. Ва ҳамеша ба хиёнате аз онҳо – магар андаке аз онҳо огоҳ мешавӣ. Пас, онҳоро афв кун ва аз онҳо даргузар;ба дурустӣ, ки Худо некӯкоронро дӯст медорад"(5:13); "Пас, ба сабаби меҳрубонии Худо барои онҳо нарм шудӣ; ва агар дурӯштхӯи сахтдил мешудӣ, аз атрофи ту пароканда мешуданд. Пас, аз онҳо даргузар ва барои онҳо омурзиш бихоҳ ва дар ин кор бо онҳо машварат кун"(3:159). Дар оятҳои мазкур ҳам сатҳи баланди таҳаммулгароиро пеша намудан ва ҳам бо ғайримусулмонон машварат намудан аз тарафи Худо ҳукм шудааст. Ва ҳангоме, ки паёмбар нороҳат мешавад аз он ки қавми Макка якравӣ намуда, имон намеоранд, Худованд амр медиҳад: Онҳоро ба ҳоли худ гузор ва бигӯ "салом". Мавқеи таҳаммулпазиронаи дини ислом инчунин дар Мадина низ идома меёбанд.

[160]Ҳамон ҷо; - С.126.

Вақте Муҳаммад баъд аз ҷанги Уҳуд мегӯяд, ки магар шахсе, ки рӯи паёмбари худро хунолуд месозад, наҷот меёбад, дар ҳолате, ки вай онҳоро ба сӯи Худо мехонад? Хадиси мазкур дар "Саҳеҳ"-и Бухорӣ зери рақамҳои 4073- 4075 ва дар "Саҳеҳ"-и Муслим зери рақами 1979 зикр шудааст. Ба паёмбар ваҳй нозил мешавад, ки дар салоҳияти ту нест. Ҷазо медиҳад ё авф менамояд, аз Худо вобаста аст (3:128).

Қобили зикр аст, ки афкору ақоид ва аъмоли таҳаммулпазирона на танҳо дар дар сарчашмаҳои асосии таълимоти исломӣ, балки дар таълимоти донишмандони муътабари исломӣ низ равшан ба чашм мерасанд. Дар ин самт пешвои ҳанафимазҳабон Имом Абӯҳанифа сатҳи олии таҳаммулпазириро нишон додааст.

Баъд аз сурат гирифтани ихтилоф дар байни баъзе аз хулафои рошидин олами ислом ба таври воқеӣ ва ҷиддӣ ба ду гурӯҳи мухолиф ҷудо шуда буд. Зиддият дар байни онҳо тезутунд гардида, дар ҳолати нерӯгирӣ қарор дошт. Муайян намудани мавқеъи солим ва оқилона дар нисбати хулафои рошидин, махсусан Усмон ва Алӣ барои олами ислом ҳам аҳамияти бузурги амалӣ ва ҳам назариявӣ дошт. Мавқеи солим, оқилона, дурандешона, муросокорона ва таҳаммулпазирона имконият медод, ки пеши роҳи тезутундшавии минбаъдаи қазияи мазкур гирифта шавад. Маҳз бо мақсади мазкур ва ҳамзамон заиф сохтани ихтилоф дар байни ду равияи як дин ва гирифтани пеши роҳи нерӯ гирифтани адовату тафриқаи минбаъда дар дохили онҳо Имоми Аъзам ба ҳар яке аз хулафои рошидин баҳои муносиби таърихӣ дод. Ӯ навишта буд: "Беҳтарини одамиён пас аз паёмбари Худор (с) Абубакр буд. Пас аз ӯ Умар буд. Пас аз ӯ Усмон буд ва пас аз ӯ Алӣ. Онҳо ҳама мардони поке буданд ва ба адл рафтор карданд[161].

Ақидаи Таҳовия сухани Имоми Аъзамро бештар шарҳ дода менависад: "Мо эътиқод дорем, ки Абубакр беҳтарини мардумон пас аз расули Худо (с) аст. Мо ҳаққи ӯро бар хилофат муқаддам бар дигарон медонем; пас аз ӯ ҳаққи Умар; пас аз ӯ Усмон ва саранҷом ҳаққи Алиро – ва

[161]Мулло Алии Қорӣ. Шарҳи фиқҳ-ул-акбар. Деҳлӣ.1348-1922. – С. 84-87.

онҳо хулафои рошидин ва пешвоёни дурусткирдор ҳастанд"[162]. Бешак чунин мавқеъгирии Имоми Аъзам ба хотири ҳифзи фазои солим дар олами ислом ва гирифтани пеши роҳи хушунату бадбинӣ дар байни мусулмонон роҳандозӣ шудаанд.

Яке аз шаклҳои зуҳури хусусияти таҳаммулпазиронаи таълимоти Абӯҳанифа аз имон ҷудо ҳисобидани амал аст. Чунин мавқеъро интихоб намудани Имоми Аъзам аҳамияти бузурги методологӣ дошта, аз дурандешии оқилона ва ҳикмати болиғаи ӯ дарак медиҳад. Бегумон маҳз чунин мавқеъ яке аз сабабҳои воқеии интишори васеи таълимоти Абӯҳанифа маҳсуб ёфта, муҷиби пойдорию устувории таълимоти ӯ гардид ва дурустии таълимоти ӯро амалан собит намуд. Гурӯҳҳое, ки амалро ҷузъи имон донистанд, ба мушкилоти амиқи ақидавӣ дучор гардиданд. Ба таври мисол равияи хавориҷ, ки ба сабаби гумроҳӣ зимни ҳалли масоили мухталифи динию сиёсӣ дер напоид ва зуд аз байн рафт. Он гурӯҳҳое, ки баръакси таълимоти Абӯҳанифа амалро ҷузъи имон ҳисобиданд ва ё имрӯз чунин меҳисобанд, бояд ба сабаби хурдтарин амали ғайриисломӣ пайрави худро хориҷ аз дин ё муртад маҳсуб донанд. Чун тағйиротҳои охирини ҷомеа ва нақши мумтози арзишҳои дунявӣ дар он дар шароити "исломи ибтидоӣ" зиндагӣ намуданро ғайриимкон гардонидааст, мантиқан тамоми пайравони ақидаи мазкур бояд торикимон маҳсуб дониста шаванд. Ва баръакс ҷудо донистани амал аз имон маънои ба инобат гирифтани гуногунпаҳлӯии ҳаёти дунявӣ, ногузирии аъмоли дунёпарастона ва тағйирпазирии арзишҳои зиндагиро ифода менамояд. Огоҳӣ аз таълимоти Имоми Аъзам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вай тамоми паҳлӯҳои масъалаи мазкурро ба инобат гирифтааст ва ақидаи хулосавии "як муъмин мумкин аст, ки хатокор бошад, бе он ки кофир бошад"[163] ё "гунаҳгорон дар миёни пайравони Муҳаммад (с) ҳама муъминанд, на кофир"[164] иброз доштааст. Ҷои шакке нест, ки Абӯҳанифа ба чунин таълимоти қуръонӣ, ки "ҳар

---

[162]Ибни Абилъиззи Ҳанафӣ. Шарҳ-ут-таҳовия, Дор-ул-маориф. Миср. 1373-1953. – С. 403-416.
[163]Мулло Алии Қорӣ, ҳамон ҷо.
[164]Мулло Ҳусайн, «ал-Ҷавҳарату-л-мунифа фи шарҳи васияти-л-имом Абӯҳанифа», Доирату-л-маориф, Ҳайдаробод, 1321-1903. - С.6.

нафаре, ки тавҳид ва нубувватро пазирад ва қалбан ба он эътиқод дошта бошад,мусулмон аст”, такя намудааст[165]. Бо такя ба далели мазкур Абӯҳанифа муътазила, қадария, ҷаҳмия ва ғайраро кофир намедонад ва ҳамчунин он ҳадисеро, ки тибқи он дар миёни ҳафтоду ду фирқа сирф яке аз онҳо мустаҳиққи биҳишт аст ва дигарон дӯзахианд, беэътибор меҳисобад. Мутаассифона, чуноне ки муҳаққиқи таълимоти Абӯҳанифа – Шиблии Нуъмонӣ менависад, “мутааххирини ҳанафиҳо ба ин усули Имом амал нанамуда, садҳо, балки ҳазорҳо масоили куфрро эҷод намудаанд, ки китоби фиқҳ аз онҳо мамлуъ аст”[166].

Қобили зикр аст, ки хусусиятҳои таҳаммулпазирии таълимоти Абӯҳанифа дар масоили ҷузъӣ низ равшан ба чашм мерасанд. Вобаста ба ин бояд ёдовар шуд, ки тибқи ақидаи муҳаққиқон дар мавриди аҳкоми шаръӣ дар ислом аз рӯзи аввал ду ақида вуҷуд доштааст. Тибқи ақидаи аввал аҳком ҳама аҳкоми тааббудиянд, яъне дар он ҳеҷ гунна асрор ва маслиҳат(ба маънои манфиат) вуҷуд надорад. Масалан, шаробхӯрӣ ва фисқу фуҷур ба хотири он амали нописандида ҳисобида мешаванд, ки шариат онҳоро мамнуъ эълом доштааст ва хайру закот ба хотири он амали нек ҳисобида мешаванд, ки шариат онҳоро таъкид намудааст, варна ин аъмол дар табиати худ нек ё бад намебошанд. Имом Шофеӣ маҳз ҳамин ақидаро дастгирӣ менамояд. Дар баробари ин боз ақидае вуҷуд дорад, ки тамоми аҳкоми шариат дар заминаи масолеҳ(манфиатҳо) бунёд ёфтаанд. Маслиҳат ва ғоят(ба маънои ҳадаф, мақсад)-и тамоми масъалаҳои муҳим дар Қуръон зикр шудаанд ва Қуръон низ ба муқобили кофирон чунин тарзи далеловариро истифода мебарад. Аз ҷумла, дар бораи маслиҳати намоз дар Қуръон гуфта мешавад: “Аз аъмоли фаҳш ва нописандида бозмедорад», дар бораи манфиати рӯза мегӯяд: «Эҳтимол парҳезгор шавед»[167]. Муҳаққиқи таълимоти Абӯҳанифа Шиблии Нуъмонӣ менависад, ки «мазҳаби Имом Абӯҳанифа ҳам ҳамин аст ва ин усул дар масоили

---

[165]Шарҳи фиқҳи акбар. Шайх Абулмунтаҳо Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Манғиёсӣ. Мутарҷим Муҳаммад Юнус Ҳайрон (Ба хати форсӣ), Бе с/н. – С. 49.

[166]Афкор ва рӯзгори Имоми Аъзам аз нигоҳи муҳаққиқон.ба кӯшиш ва таҳияи Ҷаъфар Ранҷбар. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – С. 234.

[167]Афкор ва рӯзгор. – С. 259.

фиқҳии ӯ риоят гардидааст ва дар асари ҳамин аст, ки фиқҳи ҳанафӣ комилан бо ақл ва мантиқ мутобиқат дорад»[168]. Ба ақидаи муҳаққиқи мазкур « ин иддаоро, ки мазҳаби Имом Абӯҳанифа бо ақл мувофиқат дорад, пайравони мазҳаби шофеӣ ва дигарон ҳам мункири он нестанд. Зеро дар назди онҳо аҳкоми шаръӣ, хусусан ибодат ҳар қадар аз ақл ба дур бошад, ба ҳамон андоза далолат бар сиҳҳат ва хубии он дорад. Имом Розӣ дар баҳси закот навиштааст, ки «Мазҳаби Имом Шофеӣ нисбат ба мазҳаби Имом Абӯҳанифа саҳеҳтар аст ва иллати он ин аст, ки мазҳаби Имом Шофеӣ аз ақл ва қиёс ба дур аст»[169].

Аз маълумотҳои боло бидуни шак на танҳо ақлгароию таҳаммулпазирии таълимоти Абӯҳанифа собит мегардад, балки ҷанбаи дунявии ӯ низ ба зоҳир мерасад. Вақте Имом Абӯҳанифа дар ҳар як аҳкоми шаръӣ асрор ва маслиҳатеро мебинад, пас ин амал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вай омили дунявиро сарчашмаи аҳкоми шаръӣ маҳсуб медонад. Яъне, ҳар як амал вобаста ба нафънокӣ ва зарарнокии худ бояд мавриди ҳукм қарор гиранд. Дар заминаи манфиатҳо бунёд ёфтани аҳкоми шаръӣ ҳамзамон маънои онро дорад, ки шариат бояд манфиатҳои аҳли ҷомеаро ифода намояд. Дар акси ҳол он зарурат ва ногузирии худро аз даст медиҳад. Пас, дин ва шариат бояд барои ҷомеа бошанд, на ҷомеа барои дин ва шариати он. Ҳамин тавр, Имом Абӯҳанифа манофеи аҳли ҷомеаро дар мадди аввал гузошта, ба таълимоти хеш хусусияти дунявӣ мебахшад. Аз дидгоҳи мазкури ӯ чунин хулоса ҳосил мегардад, ки агар манофеи ҷомеа муайянкунанда бошанд, ва онҳо бо дигаргун гардидану ба пешрафт ноил шудани ҷомеа тағйир ёбанд, пас аҳкоми шаръии бар асоси манофеъ бунёдёбанда низ бояд тағйир ёбанд. Яъне, аҳкоми шаръӣ наметавонанд муддати дароз бетағйир боқӣ монанд. Чун масолеҳу асрор тағйир ёфт, аҳкоми шаръӣ низ бояд тағйир ёбанд. Ҳамин тариқ, Абӯҳанифа дар асоси масолеҳ ва асрор бунёд ёфтани аҳкоми шаръиро мантиқан ва ба таври

---

[168]Ҳамон ҷо;
[169]Ҳамон ҷо;

муътамад асоснок намуда, хусусияти дунявӣ доштани таълимоти худро сареҳатан ба маъраз мегузорад.

Чӣ хеле ки дар боло таъкид гардид, мазҳаби Имом Абӯҳанифа аз дигар мазоҳиби исломӣ бо хусусияти равшани таҳаммулпазирӣ ва башардӯстонаи худ низ фарқ менамояд. Ба ҳамагон маълум аст, ки барои duздӣ шариати ислом ба буридани даст ҳукм менамояд. Барои Абӯҳанифа ҳаҷми моли дуздидашуда (нисоб), ки ба сабаби он амал дуздӣ маҳсуб меёбад, аз дигар имомҳо чор маротиба зиёдтар аст. Ё агар дар як амали дуздӣ чанд нафар шарик бошанд, тибқи таълимоти Абӯҳанифа дасти ҳеҷ нафари онҳо бурида намешавад. Дар назди Имом Аҳмад дасти ҳамаи онҳо бурида мешавад. Назди Абӯҳанифа дасти тифли нодон барои дуздӣ бурида намешавад. Назди Имом Молик бурида мешавад. Назди Абӯҳанифа зан ё шавҳар моли якдигарро дузданд, буриши даст лозим намегардад. Назди Имом Молик лозим мегардад. Агар фарзанд амволи падарро дуздад, назди Абӯҳанифа дасти ӯ бурида намешавад, назди Имом Молик бурида мешавад. Касоне, ки хеши наздик бошанд, мисли бародару амак ва ғайра барои дуздӣ назди Абӯҳанифа  даст бурида намешавад, назди дигар имомҳо бурида мешавад.  Барои дуздии чӯб ва дигар чизҳое, ки зуд хароб мешаванд, назди Имом Абӯҳанифа буридани даст лозим намегардад. Назди дигар имомҳо дар чунин ҳолатҳо буридани даст лозим мегардад.

Масъалаи дигаре, ки ба ҷанбаи ақлонии таълимоти Абӯҳанифа далолат менамояд, ҳуқуқ ва соҳибихтиёрии зан аст. Дар назди Имом Шофеъӣ ва Имом Аҳмад ибни Ҳанбал зан, агар оқил ва болиғ ҳам бошад, дар мавриди никоҳ  соҳибихтиёр нест. Ихтиёри ӯ ба валии ӯ дода мешавад. Валии вай бо зӯрӣ ба ҳар кас хоҳад, ӯро никоҳ менамояд ва зан ҳуқуқи инкорро надорад. Дар назди Имом Абӯҳанифа бошад, зани болиға дар никоҳи худ сохибихтиёр аст. Агар қабл аз балоғаташ валияш ӯро ба ягон шахс никоҳ карда бошад, баъд аз балоғаташ вай метавонад никоҳи мазкурро бекор намояд ё бипазирад.  Ба ҳамин монанд Абӯҳанифа дар масъалаи шаҳодат додани занҳо низ  нисбат ба дигар имомҳо дурандешонатар рафтор намудааст. Назди Абӯҳанифа дар муомилот, чун

никоҳ, талоқ, итқ ва ғайра ба шаҳодати занҳо чун шаҳодати мардҳо эътибор дода мешавад, дар ҳолате ки назди Имом Шофеъӣ шаҳодати занҳо дар ҳолате, ки теъдодашон аз чор кам бошад, қобили қабул нест.

Қобили зикр аст, ки нуқтаи назари Имом Абӯҳанифа дар масъалаи доғи рӯзи ҷомеаи мо – талоқ низ хеле дурандешона ва оқилона аст. Ҳалли масъалаи мазкур аз он сабаб барои ҷомеаи мо муҳим аст, ки мардуми мо пайрави Имом Абӯҳанифа ҳастанду лек аз таълимоти ӯ ба хубӣ огаҳӣ нестанд. Маҳз ба сабаби ноогоҳӣ имрӯз дар байни ҷавонони мо вайроншавии тасодуфии оилаҳо зиёд ба чашм мерасад. Ҳол он ки пешвои мазҳаб дар ин бора гуфтааст: “Ат-Талоқу маъа истиқомати ҳоли-з-завҷайни ҳаромун”. Яъне вақте ки ҳамсарон якҷоя зиндагӣ менамоянд, талоқ ҳаром аст. Агар дар ҳолати маҷбурӣ ва зарурат талоқ сурат гирифта бошад ҳам, ӯ тариқаи онро тавре муайян намудааст, ки ислоҳи он имконпазир бошад. Яъне, дар се марҳила бояд талоқ бидиҳад ва дар миёни ҳар талоқ як моҳ бояд фосила бошад, то дар ин муддат шавҳар дар бораи қарори худ биандешад ва агар бихоҳад аз тасмими худ бигардад[170]. Ҳамчунин қобили зикр аст, ки барои сурат гирифтани никоҳ дигар имомҳо шартҳои сахтро пеш гузоштаанд. Аз ҷумла, дар мазҳаби Имом Шофеӣ гувоҳони никоҳ бояд одил бошанд. Чунин талабот хеле мушкил мебошад, зеро дар шароити вазнини зиндагӣ ёфтани гувоҳ бо чунин сифат кори осон нест. Ҳамчунин дар мазҳаби Имом Шофеъӣ ва Имом Аҳмад ибни Ҳанбал шоҳидон ё гувоҳон бояд мард бошанд. Аз нигоҳи Имом Абӯҳанифа бошад, занҳо ҳам гувоҳ шуда метавонанд, ки ин андеша аз дурандешию сифати ақлонии таълимоти ӯ дарак медиҳад.

Чӣ хеле ки дар боло зикр намудем, таълимоти Абӯҳанифа ҳамчунин аз сифати баланди башардӯстона низ бархӯрдор мебошад. Ин башардӯстии таълимоти Имом Абӯҳанифа дар он ифода меёбад, ки зиммиҳо, яъне касоне, ки мусулмон набуда, дар таҳти ҳукумати мусулмонон мутеона зиндагӣ менамоянд, дар муқоиса бо таълимоти дигар мазоҳиб шомили озодиҳои бештар мебошанд. Муҳаққиқи таълимоти Абӯҳанифа Шиблии

---
[170]Ҳамон ҷо; - С. 271.

Нӯъмонӣ менависад, ки “ҳуқуқеро, ки Имом Абӯҳанифа барои зиммиҳо додааст, то кунун дар ҳеҷ гӯшаи дунё ҳеҷ ҳукумат ва давлат ақвоми ғайрро нadодааст”[171]. Ба ақидаи ӯ “Имоми Аъзам ба таври умум дар тамоми муомилот ҳуқуқи зиммиҳоро бо муслимин мусовӣ қарор додааст”[172].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилу баррасии ҷиддӣ ва амиқи таълимоти Имоми Аъзам ба чунин хулоса хоҳем расид, ки вай аллакай 1200 сол пеш зимни ташаккул додани таълимоти хеш доир ба баъзе аз масоили иҷтимоӣ маҳз манфиатҳои аҳли ҷомеа, ба қавли дигар манофеи як инсони мушаххаси ҷамъиятиро маҳак қарор дода, сатҳи баланди ақлонию таҳаммулпазирии таълимоти хешро ба маъраз гузоштааст. Ба назар чунин мерасад, ки Имоми Аъзам 1200 сол пеш ногузирии баланд бардоштани мақоми зан, баробарҳуқуқии мусулмонон ва ғайримусулмонон, зарурати ба иноат гирифтани манофеи дунявии инсон ва вобаста ба он содир намудани аҳкоми шаръиро дарк намуда буд. Ҳамин дурандешии амиқи Абӯҳанифа дар иддае аз масоили иҷтимоӣ ба таълимоти ӯ хусусияти дарозумрӣ бахшида, манфиатбахшу татбиқшаванда ва ҳамзамон ҳамқадами замон будани онҳоро собит намудааст.

Қобили зикр аст, ки аз пайравони баъдинаи Имоми Аъзам Мавлоно Абдулҳайи Лакнавӣ то ҳадде асли таҳаммулпазириро дар таълимоти хеш роҳандозӣ намудааст. Ӯ ихтилофҳои дар байни имомони аҳли суннат суратгирандаро чун аз “ихтилофи назари саҳобагон ва ихтилофҳои аҳодис” маншаъгиранда баҳогузорӣ намуда, таъкид менамояд, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки барои ихтилоф дар раъю назар шахси мухолифи худро фосиқ ё гумроҳ ном барад[173]. Абдулҳайи Лакнавӣ ҳамзамон мутаасибони замони худро зери маломат қарор дода, безории худро аз онҳо эълом доштааст.

Бояд тазаккур дод, ки хусусиятҳои мазкури таълимоти Абӯҳанифаро Муҳаммад Иқбол низ таъкид намуда, ҳамзамон аз мухолифони вай низ ёдовар шудааст:“Хӯрдагирии эшон (Имом Молик ва Имом Шофеъӣ – А.

---

[171]Ҳамон ҷо; - С. 275.
[172]Ҳамон ҷо; - С. 276.
[173]Ғ.Мирзозода. Абдулҳайи Лакнавӣ – муҷаддиде дар мазҳаби ҳанафӣ. –Душанбе «Паёми ошно»,2014. – С. 45

К.) бар Абӯҳанифа ва мазҳаби ӯ сабаби озодии умури ғайримуҷаррад ё айнӣ аз қайду банд шуд ва ин заруратро пеш овард, ки дар тафсири усули қазоӣ ва ҳуқуқӣ ба мушоҳидаи ҳаракату танаввуъи зиндагӣ бипардозанд. Бад-ин тартиб мазҳаби Абӯҳанифа, ки натоиҷи ин ихтилофи назарро ба хубӣ ҷазб кард, аз лиҳози асли асосии худ озодии мутлақ дорад ва аз ҳар мазҳаби фиқҳии дигар қобилияти интибоқи халлоқи он бештар аст. Вале ҳанафиёни ҷадид бар хилофи рӯҳи ин мазҳаб тафсиру таъбирҳои муассиси ин мазҳаб ва пайравони билофасли ӯро ҷанбаи абадият бахшида ва ҳамон ранги суботу абадиятеро, ки мухолифони Абӯҳанифа ба фатовии баёншуда дар ҳолоти айнии хос медоданд, инон низ ба фатовии Абӯҳанифа ва пайравони вай додаанд”[174]. Дар шароити тағйироту дигаргуниҳои босуръати иҷтимоию фарҳангӣ зиста, бо андешаи мазкури мутафаккири бузург розӣ нашудан душвор аст. Мутаассифона, пайравони имрӯзаи соҳибмақоми Имоми Аъзам дар ҷомеаи мо хусусияти ақлонию башардӯстона ва озодгароии таълимоти Абӯҳанифаро дарк накарда, таълимоти Имомро ба низоми пур аз банду қайд мубаддал сохтаанд. Ҳол он ки Муҳаммад Иқболи таҳаввулгар боз ҳам таъкид менамояд: “Иддаои насли ҷадиди мусулмонони пайрави озодагарӣ ба ин ки мехоҳанд усули ҳуқуқии асосии исломро дар партави таҷрибаи худ ва авзои ҷадиди зиндагӣ аз нав тафсир кунанд, ба ақидаи ман иддаои комилан барҳақе аст. Таълими Қуръон ба ин ки зиндагӣ фароянди офариниши тадриҷӣ аст, биззарура мусталзими он аст, ки ҳар насл ба раҳнамоӣ ва на дар зери қайду банди корҳои гузаштагон муҷоз бошад, ки масоил ва душвориҳои махсус ба худро ҳал кунад”[175].

Бинобар ин, он шахшудамондагӣ, бетағйирӣ, қафомондагие, ки дар таълимоти пайравони Имом мушоҳида мегарданд, ҳеҷ умумияте бо таълимоти асосгузори он надошта, баръакс маҳсули тахайюли худи онҳо маҳсуб мебошанд. Аз ин лиҳоз, зарурат ба таъкид аст, ки чун Абӯҳанифа дар қарни VIII зиста асли озодагарию ақлониятро зимни ҳалли масоили

[174]Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. Душанбе «Эр-граф», 2010. – С. 228.
[175]Ҳамон ҷо; - С. 218.

иҷтимоӣ ба роҳбарӣ гирифтааст, пас пайравони ӯ дар қарни XXI бояд аслҳои зикршударо бештар мавриди истифода қарор диҳанд, чун маҳз аслҳои  мазкур кафили боэътимоди пешрафту саодати башар маҳсуб меёбанд.

Хулоса, таҳаммулпазириро ҳамчун падидаи зарурӣ, ногузир ва ҳатмӣ дар ҳаёти башарӣ таъкид намуда, мехоҳем тазаккур диҳем ки он дар шаклҳои гуногун  ҳамчун воситаи мусолиматомези ҳамзистии халқиятҳои мухталиф  дар таърихи тамоми фарҳангҳо  ҷой доштааст. Дар таҳаммулпазирӣ ба инобат гирифта шудани манофеи заминии халқиятҳои мухталиф василаи равшани зуҳури принсипи дунявият ба шумор рафта, ҳамзамон олати боэътимоди пешгирии ҳама гуна хушунату бадбинӣ ва муқовимати ғоявӣ баромад менамояд. Андешаҳои хешро ҷамъбаст намуда, мухтасаран зикр менамоем, ки фарҳанги таҳаммулпазирӣ, ки аз ақли солим, дониши васеъ ва сиришти комилан инсонӣ маншаъ мегирад, шомили арзиши воло буда, василаи ягонаи зиндагии мусолиматомези тамоми халқу миллатҳо ва фарҳангу тамаддунҳо дар ҷомеаи пурихтилофи имрӯза ба ҳисоб меравад.

## 3.2. Ҳаракати дунявигароӣ дар олами араб

Оид ба пайдоиш, маншаъ ва интишори дунявият ё ҳаракати дунявигароӣ дар олами араб муҳаққиқон бар он назаранд, ки вай дар зери таъсири фарҳанги Аврупо пайдо шудааст. Аммо дар хусуси марҳилаи оғози ин ҳаракат нигоҳи муҳаққиқон аз ҳам фарқ менамояд. Фуод Закариё , ки яке аз дунявигароҳои маъруф дар олами муосири араб шинохта мешавад,  дар рушди дунявигароӣ дар олами араб ду марҳиларо қайд менамояд. Марҳилаи якум аз бархӯрди фарҳанги араб бо тамаддуни аврупоӣ оғоз мегардад. Ин марҳила аз нимаи дуюми қарни XIX оғоз гардида то миёнаи қарни XX идома ёфтааст. Марҳилаи дуюм аз охири солҳои 1970 оғоз ёфтааст. Ба андешаи Закариё дунявият дар марҳилаи

аввал бо се хусусияташ фарқ менамояд: аввалан, вай кӯшидааст, ки ҷомеаи арабро тибқи модели аврупоӣ аз нав созад; сониян, муосирсозии тамоми ҷанбаҳои ҳаёт тибқи модели намунаи ғарбӣ; сеюм муносибати манфӣ ба Аврупо ва истисморчигии аврупоӣ[176].

Мувофиқи андешаи Алберт Ҳурани бошад, дар қарни 19 ду насли мутафаккирони нави араб вуҷуд дошт. Насли аввал (1830-1870) аз онҳое иборат буд, ки ба ниҳодҳои саноатӣ, нақлиётӣ ва саноатии Ғарб таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамуданд ва онҳоро на таҳдид, балки намуна барои тақлид маҳсуб медонистанд. Насли дуюм аз соли 1870 то соли 1900 арзи ҳастӣ намудааст, ки Ғарб ҳам душман ва ҳам намуна барои тақлид маҳсуб дониста шудааст. Барои зиёиёни насли дуюм масъалаи асосӣ аз он иборат буд, ки чӣ тавр ислом аз нав маънидод карда шавад ва он ба ҳаёти ҷамъиятии ҳозира мутобиқ гардонида шавад[177]. Дар байни зиёиёни насли якум ашхоси зеринро метавон зикр намуд: ал-Таҳтовӣ (1801-1873) аз Миср, Хайраддин (1810-1899) аз Тунис, Бутрус ал-Бустонӣ (1819-1883) аз Лубнон, аз байни намояндагони насли дуюм Ҷамолуддин Афғонӣ(1839-1897), Муҳаммад Абду (1849-1905) ва Абдураҳмон ал-Кавокиби (1854-1902).

Омӯзиши ҳаракати дунявигароӣ дар олами араб аз он шаҳодат медиҳад, ки дунявигароӣ дар байни арабҳои масеҳӣ аллакай аз насли аввал оғоз мегардад, аммо дар байни арабҳои мусалмон аз насли дуюм шуруъ мешавад. Яъне, дар оғоз аксарияти арабҳои дунявигаро масеҳӣ буданд. Ин ба сабаби он буд, ки арабҳои масеҳӣ дар муқоиса бо арабҳои мусалмон барои дунявият ниёзи бештар доштанд.

Сохтори иҷтимоии ҷомеа низ дар таълимоти баъзе муҳаққиқон яке аз омилҳои ташаккули нигоҳи дунявӣ маҳсуб дониста шудааст. Дар династияи уммавиҳо чор қишри иҷтимоӣ вуҷуд дошт: арабҳои мусалмон, арабҳои ғайримусалмон, зиммиҳо, ки масеҳиён, яҳудиён, зардуштиён ва дигар ҷамоаҳои диниро дарбар мегирифт, ва ғуломон ҳамчун қишри поён.

[176] Fouad Zakariyya, Myth and Reality in the Cotemporary Islamist Movement, translated and with an introduction and Boblography by Ibrahim M. Abu-Rabi' (London: Pluto Press, First Edition, 2005). – С.15-16.

[177] Albert Hourani, al-Fikr al-Arabi fi Asr al-Nahdah (1798-1939), translated into Arabic by Karim 'Azqul (Beirut: Naufal, 2001). – С.5-6.

Империяи усмонӣ ба чор миллат (ҷамоаи этникӣ-динӣ-сиёсӣ) тақсим шуда буд: мусалмонон, юнониҳо, арманиҳо ва яҳудиҳо. Барои арабҳои масеҳӣ «гузоштани асос барои давлати дунявӣ, ки дар он мусалмонон ва масеҳиён комилан баробар ширкат карда тавонанд», барои дастгирии дунявият ҳадафи асосӣ маҳсуб меёфт[178]. Сабаби дигари дастгирии онҳо аз дунявият аз он иборат буд, ки вай барои масеҳиён бештар қобили қабул буд. «Аз сабаби он ки дини масеҳӣ баръакси дини ислом бо аъмоли дунявӣ бевосита кор намегирад, тааҷҷубовар нест, ки барои масеҳиён ишғол намудани мавқеи дунявӣ хеле осонтар буд[179]».

Ҳамин тариқ, ба ҷумлаи дунявигароҳои (секулярист) асосии масеҳии араби миёнаҳои қарни 19 то миёнаи қарни 20 инҳо шомил буданд: Шибли Шумайл (1850-1917), Яъқуб Сарруф (1852-1927), Фарис Нимр (1856-1951), Ҷурҷӣ Зайдон (1861-1914), Фараҳ Антун (1874-1922), ва Саломат Мусо (1887-1958).

Қобили зикр аст, ки донишманди араб Аҳмад Идрис ат-Таъон, ки мавқеи комилан зиддидунявӣ дорад, дар асараш «Дунявигароҳо ва Қуръони карим» масъалаи дунявият ва интишори онро дар кишварҳои арабӣ мавриди таҳлилу омӯзиши амиқ ва васеъ карор дода, тавсеа ёфтани раванди дунявигароиро бо таъсири фарҳанги аврупоӣ сахт алоқаманд медонад. Ӯ дуруст таъкид менамояд, ки дунявият ба кишварҳои арабӣ тавассути Лубнон ва Миср ворид шудааст. Кишварҳои ғарбӣ ба ақаллиятҳои масеҳӣ дар Лубнон ва Сурия таваҷҷуҳ доштанд, ки ин бе ҳадаф набуд. Бисёре аз донишгоҳҳо ва мактабҳо дар Италия ва Фаронса донишҷӯёни масеҳии Шарқро қабул мекарданд. Илова ба ин, новобаста аз ихтилофҳо дар байни калисои католикии ғарбӣ ва калисои православии шарқӣ робита мавҷуд будааст.Таърихи фаъолияти намояндагии миссионерии хориҷӣ ба Шом аллакай аз қарни XVII оғоз мегардад ва иезуитҳо аз фаъолтарини он ҷамъиятҳо буданд, ки робитаашон ба Шом

178 Azzam Tamimi, The Origins of Arab Secularism, in Azzam Tamimi and John L. Esposito, ed., Islam and Secularism in the Middle East (NY: New York University Press, 2000). – C.22.
179 Nazik Saba Yared, Secularism and the Arab World (1850-1939) (London: Saqi Books, 2002). – C.24.

соли 1625 оғоз гардидааст.  Аммо пештар аз ин дар байни ҳокими Лубнон Амир Фахриддини сонӣ (1572-1632) ва Поп Григорийи XIII (1585-1605) робита вуҷуд доштааст. Амири мазкур барои донишҷӯёни лубнонӣ барои омӯзиш дари рафтан ба Румро боз дошта, онҳоро  бо додани замин ва истиқоматгоҳ  дастгирӣ мекардааст  ва соли 1584 барои онҳо мадрасаи махсуси моруниро низ таъсис додааст. Аз ин рӯ, аврупоиён ӯро «ҳомии масеҳия дар Шарқ» номидаанд. Аз зумраи чунин донишҷӯён Иброҳим ал-Ҳоқилонӣ(1605-1664), ал-Мутрон Ҷирмонус Фарҳот (1670-1732), Юсуф ас-Самъонӣ (1687-1778)-ро метавон зикр намуд, ки маърифат ва донишҳои ғарбиро омӯхта будаанд[180].

Дар интишори ҳаракати дунявигароӣ таъсиси мактабҳо низ нақши калон бозидаанд. Нимаи дуюми қарни XIX давраи рақобати шадид барои иншои мактабҳо буд. Дар натиҷа, мактаби Айнтура, мактаби ал-Қудайс Юсуф, мактаби миллӣ, мактаби инглисии суриягӣ, мактабҳои ҷамъияти халқӣ чун мактаби ал-Батриркия, мактаби Ақмор, мактаби Ҳикмат, мактаби Кифтайн, ки онро Фараҳ Антун хатм намудааст, пайдо шуданд. Соли 1863 бошад, Бутрус ал-Бустонӣ (1819-1883) дар Бейрут мактаби миллӣ таъсис медиҳад.

Яке аз зуҳуроти харакати дунявигароӣ инчунин таъсиси донишгоҳҳо буд. Донишгоҳи амрикоии протестантӣ, ки шомили чопхона буд, дар Бейрут соли 1866 таъсис ёфт. Ин донишгоҳ яке аз марказҳои асосӣ дар Шарқ буд, ки ҳадафи асосияш эҳёи афкори масеҳӣ ва паҳн намудани фарҳанги ғарбӣ аввалан, дар муҳити масеҳӣ ва баъдан, дар муҳити исломӣ буд. Ашхоси зерин: Шиблӣ Шумайл, Яъқуб Суруф, Форис Нимр, Ҷурҷӣ Зайдон аз ҷумлаи аввалин дунявигароҳое ҳисобида мешаванд, ки донишгоҳи мазкурро хатм кардаанд.

Қобили зикр аст, ки дар байни ниҳодҳои ғарбии фарҳанги аврупоиро тарғибу ташвиққунандае, мисли Донишгоҳи амрикоии протестантӣ ва намояндагии дипломатии католикии фаронсавӣ, ки барои ҳифзи арзишҳои

---

[180]Аҳмад Идрис, ат-Таъон, Ал-алмониюнав-ал-Қуръон-ул-карим (Дунявиҳо ва Қуръони карим). Ар-Риёз, 1428. – С. 132.

католикӣ аз таъсири таълимоти протестантӣ саъй мекард, ҳатто рақобати шадид вуҷуд дошт. Дар натиҷа дар Бейрут ва Сайдо мактабҳо мунташир гардиданд ва соли 1875 мисли Донишгоҳи амрикоӣ факултаи католикӣ таъсис дода шуд. Фаронса чунин роҳро дар доираи мубориза барои нуфуз дар байни худ ва Америко дар Лубнон роҳандозӣ намуда буд.

Гурӯҳбозиҳои шадиди дар Лубнон мунташиргардида ба куштори сахт дар байни лубнониҳо дар солҳои 60-ум оварда расонид. Дар натиҷаи ин куштор 11 ҳазор лубнониҳо фавтиданд[181] ва як қисмии зиёиён ба Миср ҳиҷрат намуданд.

Ба интишори афкори дунявигароӣ дар Миср бошад, ба ғайр аз ҳиҷрати лубнониҳои дунявигаро ба ин кишвар боз ҳуҷуми Наполеон низ мусоидат намуд. Ҳуҷуми мазкур, ки соли 1898 сар шуда буд, аз ҷангҳои пешинаи салибӣ бо он фарқ мекард, ки олимону донишмандон низ дар он ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Бинобар ин, ҳуҷуми мазкур, ба қавли Аҳмад Идрис ат-Таъон ҳам таъсири мусбӣ дошт ва ҳам манфӣ. Таъсири мусбии ин ҳуҷум дар он ифода ёфтааст, ки вай «нақши барқи электрикиро бозидааст, яъне хобидаро водор кардааст, ки бедор шавад, беморро маҷбур намудааст, ки ба по хезад ва фаъол шавад. Ин ҳуҷум таваҷҷуҳи мусалмононро ба воқеияти афтандаашон, пастравии шиддатёбандаашон аз корвони тамаддун ҷалб намудааст»[182]. Ҳуҷуми мазкур, чуноне ки зикр гардид, таъсири манфӣ ҳам дошт. Ат-Таъон ин таъсири манфиро дар он дидааст, ки Наполеон ба ғайр аз ғояҳое, ки дар зеҳни гурӯҳҳои зиёд кошт ва ин ғояҳо нумӯъ намуда, дар шахсияти Саломат Мусо ва амсоли онҳо самар доданд, боз ба интишори сару либоси нав, одату ахлоқи дигар дар ҷомеаи Миср мусоидат намуд. Чуноне ки ат-Таъон менависад, фаронсавиҳо бо худ ҳамаи он чиро, ки мо имрӯз аз зуҳуроти дунявият дар ахлоқ, тарзи зист ва андеша мушоҳида менамоем, бо худ оварданд. Наполеон миқдори зиёди донишмандонро кушт, сарбозонаш муқаддасотро

---

[181]А. А. Кузнецов. Политический процесс в Ливане на рубеже XX-XXI веков. Москва, «Институт Ближнего востока», 2017. Саҳ. 13. – 224 саҳ. Book.iimes.su/wp-content/ upload/main/kuznetsov_fin17.pdf. Рӯзи муроҷиат: 4.07.1022. соат: .15-15.
[182]Аҳмад Идрис ат-Таъон, - С.134.

тавҳин намуданд, барои мисриён ба муқобили динашон амалкардҳои шармандаоварро ҷорӣ намуданд. Дар зери таъсири онҳо зани мисрӣ аз ҳолати хоксорӣ ва боҳиҷобӣ баромад ва бо он амалкардҳо мухталит гардид. Ҳадафи асосии фаронсавиҳо анъанаҳои исломии мисриро тағйир додан буд[183].

Баъд аз он ки фаронсавиҳо аз Миср мебароянд, Муҳаммад Алӣ (1805-1848) ҳокимиятро дар Миср ба даст меоварад. Муҳимтарин чизе, ки дар ин самт ба ӯ нисбат дода мешавад, ба Фаронса фиристодани гурӯҳои дипломатӣ буд. Шайх Рафоат Таҳтовӣ (1801-1873) роҳбари гурӯҳи аввал буд.

Аз нигоҳи ат-Таъон пешоҳангони дунявият ва наҳзат Саломат Мусо, Рафоат Таҳтовӣ, Муҳаммад Абду, Фараҳ Антун, Шибли Шумайл, Ҷамолуддин Афғонӣ, Тоҳо Хусейн ва ғайра ҳисобида мешаванд. Аммо, Рафоат Таҳтовӣ, Ҷамолуддин Афғонӣ ва Муҳаммад Абду, ба андешаи ат-Таъон, маҷбурӣ ва золимона ба гурӯҳи ғарбигароён ворид карда шудаанд. «Дар ин рисола, мегӯяд ӯ, вазифаи мо дифоъ аз ин се нафар нест, лекин ба хотири нест нашудани ҳақиқат ва таҳриф нагардидани воқеият зарур мегардад таъкид намоем, ки Таҳтовӣ аз ҷараёне, ки дунявигароҳои муосир ӯро ба он нисбат медиҳанд, хеле дур буд. Қироати китобаш «Истихроҷи тиллои холис дар шарҳи равшан» инро собит менамояд. Вай сароҳатан мегӯяд, ки вай хуб намешуморад, магар чизеро ки «мухолифат накарда бошад бо матни шариати муҳаммадӣ (с)»[184]. Ба ақидаи муҳаққиқ тарафдорони маорифпарварӣ зимни хондани китоби Таҳтовӣ байни тавсиф ва таърих, аз як ҷиҳат, ва хуб шуморидану қабул намудан, аз ҷиҳати дигар, бояд фарқ намоянд. Таҳтовӣ таърихнигор буд ва китобашро дар усули Ашъарӣ, Шаҳристонӣ ва дигар муаррихони мусалмон навиштааст. Ба андешаи ат-Таъон доиёни маорифпарвар ба Таҳтовӣ чизеро нисбат медиҳанд, ки ӯ нагуфтааст. Дар воқеъ Таҳтовӣ гӯё сароҳатан барои напазируфтани фарҳанги фаронсавӣ андеша меронда бошад, зеро

[183]Ҳамон ҷо; - С. 135.
[184]Рафоат Таҳтовӣ Тахлис-ул-ибриз.1/62 - табат-ут-танвир – ал-ҳайатул-мисрият-ул-омма л-ил-китоб.1994. Аттаъон. – С. 136.

фарҳанги мазкур ба бетарафгардонии дин, худо шуморидани ақл ва иҷоза ба ҳама гунна аъмоли ахлоқӣ асос ёфтааст[185]. Бояд таъкид намуд, ки ин андешаҳои ат-Таъон аз мавқеи исломгароёна баён ёфта, моҳиятан яктарафа мебошанд. Зеро Таҳтовӣ агарчанде донишгоҳи исломии ал-Азҳарро дар Қоҳира хатм карда бошад ҳам, бо вуҷуди ин, вай дар Миср дар солҳои 1837-1849 Мактаби тарҷумаро роҳбарӣ намуда, бо шогирдонаш қариб ду ҳазор асари муаллифони аврупоиро ба забони арабӣ тарҷума намудааст. Аз ҷумла, тарҷумаи «Марселеза», ки аз тарафи Таҳтовӣ аз фаронсавӣ ба арабӣ тарҷума шудааст, машҳур мебошад. Таҳтовӣ ташкилотчии бузурги маорифи халқ дар Миср маҳсуб ёфта, яке аз аввалин муборизони таҳсили занҳо ҳисобида мешавад. Соли 1864 дар бораи Фаронса китобе чоп намуд, ки дар шинохти мисриҳо бо афкори ҷамъиятии пешқадами Фаронса нақши калон бозид. Вай инчунин барои ҷорӣ намудани низоми парламентӣ баромад кардааст[186].

Аҳмад Идрис ат-Таъон ҳамчунин китоби Муҳаммад Абду «Ислом ва масеҳия байни илм ва фарҳанг» - ро далел мешуморад, ки доиёни маорифпарвар барои хидмат ба аҳдофи ғарбигароӣ китоби зикршударо таҳриф намудаанд. Ат-Таъон муносибати зиддидунявии худро дар ин шакл изҳор доштааст, ки мақсади вай дифоъ аз Таҳтовӣ ё Муҳаммад Абду набуда, балки ҳадафаш ишора кардан аст, ки ғояи дунявӣ ҳама навъи маълумотро дар матбуот, телевизион ва умуман соҳаи эҷодиёт дар роҳи таҳрифи ҳақиқати таърих, ва маҳз таърихи нав, ки далелҳояш маҳфузанду ва қайдҳо дар дасти муҳаққиқон аст, ҷойгир кардааст. Баъд аз ин, ат-Таъон савол мегузорад: кӣ ба золимӣ бештар сазовортар аст: исломиҳо ё дунявигароҳо?

Зарурат ба таъкид аст, ки ба саволи гузоштаи ат-Таъон худи маълумоти овардашуда, ки аз як тараф, Таҳтовӣ фарҳанги фаронсавиро намепазируфта бошад, ва, аз тарафи дигар, маълумоти васеъ паҳнгардида,

[185]Ҳамон ҷо; - С.136.
[186]Wikiwand.com/ru/Тахтави_Rufaa. Рӯзи муроҷиат. 7.07.2022 . С. 14-51

ки Таҳтовӣ бо гурӯҳи мутарҷимон қариб ду ҳазор адабиёти аврупоиро ба арабӣ тарҷума намудааст, ҷавоби хуб мебошад.

Хеле тааҷҷубовар аст, ки ат-Таъон ҳамчун мухолифи дунявият ва дунявигароӣ андешаҳои яктарафаи худро доир ба се шахсияти маъруфи зикршуда ба таври зер асоснок карданӣ мешавад: Ин маънои онро надорад, ки Муҳаммад Абду, Таҳтовӣ ва Ҷамолуддин Афғонӣ аз хато ва таъсири фарҳанги ғарбӣ пок буданд. Бешак бархӯрд бо фарҳанги ҷавони фитнаангез ё аҳволи мусалмонони дар ҳамаи самтҳо ба поён афтанда ҳар як инсонро ба ларза медарорад. Лекин инсони боистеъдод, чун ларзид худро медорад, чун афтид мехезад, чун хатояшро ёфт, аз роҳаш бармегардад. Се шайхи зикршуда чунин буданд. Лекин гурӯҳе, ки афтид, лекин нахест, ларзид, лекин худро надошт, кӯр шуд, лекин бино нагардид, ниҳоят бисёр буд. Онҳоро империализм шир дода, сабзонид. Ҳамаи ин бо шароитҳое, ки барои онҳо лаҳзаи зуҳурро омода кардаанд, ҳамроҳӣ шудаанд[187].

Ин ҷо ат-Таъон истило гардидани Алҷазоир, Марокаш, Тунис, Ироқ, Фаластин, Миср ва Ҳиндро аз тарафи кишварҳои ғарбӣ қайд менамояд. Ин истилоро, ба андешаи ат-Таъон, кӯшишҳои пайдарпай барои ҷудо намудани халқҳои мусалмон аз гузаштаашон, аз меросашон, динашон, забонашон ва характерашон ва паҳн намудани аъмоли номатлуб ва одатҳои ғарбӣ дар байни мусалмонон ҳамроҳӣ кардаанд. Ба ҳамаи ин фақри шадиде мусоидат намуд, ки ҷомеаҳои мусалмонро ҳамчун натиҷаи истисмор фаро гирифта буд. Дар натиҷаи ин истисмор ҷаҳлу бесаводӣ тавсеа ёфта буду таълим танҳо бо табақаҳои бой ва оилаҳои ашрофон маҳдуд гардида буд.

Мутаассифона, муҳаққиқ дар хусуси содир шудани фишорҳо аз болои аҳли улуми табиатшиносӣ дар олами ислом, сабабҳои пайдо шуда рушд намудану лек оммавӣ нагардидану дар ҳаёт татбиқ нашудани он илмҳо, сабабҳои аз рушд мондани улуми зикршуда, сабабҳои воқеии қафомонии

[187]Ат-Таъон, ҳамон ҷо; - С. 138.

олами ислом ва муҷиби пешрафти фарҳангии Ғарб ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз, баъд аз анҷоми истисморчигӣ тамоми олами исломро фаро гирифтани маҳсули дастовардҳои илмии Ғарб чизе намегӯяд, лекин боз саволгузорӣ менамояд, кӣ золимтар аст: исломгаро ё дунявигаро?

Дар хусуси афкори дигар шахсияти маъруфи олами ислом Ҷамолуддин Афғонӣ ҳаминро бояд таъкид намуд, ки вай ҳам андешаҳои пешқадам дошт ва ҳам андешаҳои бунёдгароёнаи ифротӣ. Яке аз андешаҳои пешқадами вай ҳамин буд, ки вай мусалмононро барои омӯзиши улуми табиатшиносӣ даъват менамуд. Зарурати омӯзиши улуми табиатшиносиро вай ба таври зер асоснок намудааст: “Замину осмон ва ҳар он чӣ ки дар онҳост, ҳамаи он station маншаи шинохти худованд аст, чунки фақат аз ҳамин роҳ аст, ки метавон ба шиносоии ҳақиқат даст ёфт. Аммо барои ин кор бояд улуми ҷадид ва сайенсро фаро гирифт; фалсафа ва риёзӣ, табииёт ва нуҷум ва қонунро мутолиа кард ва ба хусус рози тараққии кишварҳои пешрафтаро бояд дарк намуд”[188]. Аз ин маълум мегардад, ки вай сабаби пешрафти кишварҳои Ғарбро амиқ омӯхта, аз он хулосаи дуруст баровардааст. Ӯ мегуфт:“Фақру тангдастӣ, зиллат ва маскинат, накбат ва парешонӣ ҳангоме тасаллути худро мегустуронад, ки ҷаҳолати мардум бештар шавад. Тоҷи раҳбарии дунё “илм” аст...бидуни илм на касе ба шиносоии ҷаҳон даст меёбад ва на ёфта аст. Ҷаҳл ҷуз ин чорае надорад, ки пешонӣ бар остони илм бимолад. Давлату сарват ҳама натиҷаи илм аст.”[189]

Андешаи дигари пешқадами вай ба таълим фаро хондани занҳо буд. Ӯ мегуфт:“Ин дуруст нест, ки танҳо мардон ҳаққи таҳсилро доранд ва занон аз он маҳруманд. Ман шуморо огоҳ месозам, ки мусалмонон агар ба занон иҷозаи таҳсилро надиҳанд, аз заъф, ҷаҳолат ва расвоӣ наҷот намеёбанд. Тифл дар оғуши модар худ таълими ибтидоӣ, тафаккур ва ахлоқро фаро мегирад ва оғуши модар аввалин мадрасаи фитрии инсон аст, ки дар он тифл аз масоли дин ва дунё огоҳ мегардад ва ахлоқу

---

[188]Шоҳ Абдулқайюм. Сайид Ҷамолуддини Афғон, шахсият ва афкор. Мутарҷим: Абдураҳим Аҳмад Парвонӣ. -Кобул: Бунгоҳи интишорот ва матбааи Майванд, 2010. – С. 25.
[189]Ҳамон ҷо, - С. 26.

шахсияташ шакл мегирад. Нақше, ки дар тифлӣ дар зеҳни инсон нақш мебандад, то охири умр маҳф намегардад. Дурӯғ гуфтан, дуздӣ кардан гуноҳ аст, моли дигаронро ғасб кардан нодуруст аст, ғайбат кардан гуноҳ аст, фарогирии адаб ва шавқи таҳсил инҳо ҳама хусусиёт ва дарсҳое аст, ки атфол дар мактаби оғуши модар фаро мегирад. Ба ҳамин сабаб аст, ки модар бояд огоҳ ва ба усули иҷтимоъ ва ниёзҳои он воқиф бошад"[190].

Чуноне зикр гардид, Ҷамолуддин Афғонӣ андешаҳои ифротии бунёдгароёна низ дошт. Ин андешаҳои ӯ воқеан ҳам хусусияти экстремистӣ дошта, барои ҷомеаи башарӣ хатарнок маҳсуб меёбад. Яке аз андешаҳои хатарноки ӯ тафовут нагузоштан байни ислом ва сиёсат аст. Яъне, ӯ андешаи сиёсисозии исломро дастгирӣ намудааст[191], дар ҳолате, ки воқеияти имрӯза нодуруст ва хато будани ин андешаро ҳам аз ҷиҳати амалӣ ва ҳам назарӣ собит намудааст.

Дигар ҷанбаи бунёдгароёнаи таълимоти Афғонӣ дастгирии ӯ аз низоми халифагӣ мебошад, агарчанде халифа, ба ақидаи вай, бояд интихобӣ бошад. Ҷанбаи дигари манфии таълимоти Ҷамолуддин Афғонӣ ҳақ баровардани интишори ислом тавассути шамшер дар оғози таърихи ислом аст. Ин мавқеи ӯ зимни ҷавоб ба муаррихи шинохтаи фаронсавӣ Э. Ренан, ки таърихи воқеии исломро воқеъбинона ифшо намудааст, мушоҳида мегардад. Э. Ренан дар суханроние зери унвони "Ислом ва илм" гуфтааст: "Ислом зойидаи тафаккури аъроби бодиянишин аст, ки тавонистанд ба зӯри шамшер маданияти қадими Руму Сосониро аз байн баранд. Ислом, ки дар ибтидои пайдоиши худ заиф буд ва ба ҳамин ҷиҳат натавонист илму донишро дар манотиқи мутасаррифа дар асраъи вақт аз байн барад, вақте аз қувват ва нерӯ бархӯрдор гашт, раҳбарони динӣ ва ҳуккомаш дар табонӣ бо ҳам фалсафа, улуми ақлӣ ва истидлолиро бо қувват дарҳам кӯбиданд. Ӯ гуфт, ки дини ислом таслими маҳз ба тақдирро ривоҷ дода ва дастур медиҳад мардум ба ҳар гуфтааш чашму гӯш баста, муътақид гарданд. Ин дин бар зеҳну андеша қуфл баста ба тақлиди кӯр-

[190]Ҳамон ҷо; - С. 109.
[191]Ҳамон ҷо; - С. 103.

кӯрона исрор меварзад ва ҳар гуна мухолифат, интиқод ва табассурро дар боби дастурҳои худ ноҷоиз шумурда, ва гуноҳ мепиндорад"[192]. Муаллифи китоб инчунин суханони зерини Э. Ренанро меорад: "Ононе, ки дар замони аббосиён ба таблиғ ва густариши озодии фикрӣ ва фалсафа мепардохтанд, араб на, балки аз нажоди иронихо ва онхо сирф ба зоҳир мусалмон ва қалбан ба ислом имон наёварда буданд"[193]. Ҷамолуддин Афғонӣ дар радди афкори зикршуда ва ҳамчунин андешаи Э. Ренан "Ислом зотан дар мухолифат бо илм қарор дорад" баён доштааст: "қавме, ки дар аҳди ҷоҳилият мезистанд, чӣ гуна метавонист дар овони ҳаракати худ як мартаба сухан аз дониш ва илм бизанад.Чӣ гуна метавонад ахлоқ ва таҳзибро ба олитарин меъёр бирасонад ва соҳоти мухталифи зиндагии иҷтимоӣ ва динии худро ба сурати илмӣ танзим намояд". Сайид Афғонӣ дар ин боб боз илова намудааст: "Миллате, ки дар марҳилаи нахусти инкишофи иҷтимоӣ қарор медошта бошад, мумкин нест ба соддагӣ ва ба сурати фаврӣ битавонад роҳи хубу бад, муфид ва ғайримуфидро ташхис диҳад ва бидуни устод ва ё раҳбаре дар масири тараққӣ ва инкишоф қарор бигирад ва ин роҳро тай кунад ва ё ин ки дар он замон ба ваҳдонияти парвардигори воҳид пай бибарад ва парда аз рози коинот бардорад"[194].

Ҳамчунин ба андешаи зерин Э. Ренан "Ислом ба хотири густариш, таблиғ ва ишоати худ ба лашкаркашӣ пардохт ва мамоликро фатҳ кард ва ё ба таъбири дигар, ислом ба зӯри шамшер инкишоф ёфт ва ҷаҳонӣ шуд ва дар натиҷа забони арабӣ ва фарҳанги исломиро бо зӯр мураввоҷ сохт", Сайид Ҷамолуддини Афғонӣ чунин посух додааст: "Дар он замон ба ҷуз аз ин шева кадом шеваи дигаре маъмул набуд, аммо лашкариёни ислом дар ҳар сарзамине, ки гом гузоштанд, агар муқовимате дар баробари эшон ба роҳ афтод ва ё ин ки ҷанги муназзаме алайҳи эшон ба роҳ меафтод, пас ин лашкариён маҷбур буданд то аз аслиҳа кор гиранд ва ба ҷавоби мутақобил бипардозанд.

---

[192]Ҳамон ҷо; - С. 60-61.
[193]Ҳамон ҷо; - С. 62.
[194]Ҳамон ҷо; - С. 64.

Таърих шоҳид аст, ки муқаррароте, ки ислом дар бораи ҷанг вазъ карда, худ ба он сахт побанд будааст. Яъне, ислом қабл аз иштиғоли ҷанг ибтидо мухолифинро ба дини ислом даъват карда ва дар сурати адами қабул, пардохти ҷизяро пешкаш намудааст. Дар ҳар ду ҳолат дар ҳеҷ кишваре мусалмонон мардумро ба тарки забон, боварҳо ва анъанаташон водор накардаанд”[195]. Аз суханони Ҷамолуддин Афғонӣ бармеояд, ки вай бо гуфтаҳои таърихнигори машҳури фаронсавӣ пурра розӣ аст, вай танҳо ҳамон аъмоли ҷангу кушторро зимни интишори ислом асоснок намудаасту халос. Яъне, моҳиятан Ҷ. Афғонӣ зид нест, ки ислом барои ҳифзи манфиатҳояш аз зӯри шамшер кор гирад.

Дигаре аз донишмандони пешқадами олами араб, ки дар интишори дониш ва равандҳои дунявӣ саҳми назаррас гузоштааст, Абдураҳмон ал-Кавокибӣ (1849-1902) маҳсуб меёбад. Вай дар шаҳри Ҳалаби Сурия дар оилаи бонуфуз таваллуд шудааст. Ӯ фаъолияташро бо мақоланависӣ дар матбуот оғоз менамояд. Дар рӯзномаи ”ал-Фурот”-и Ҳалаб муҳаррир таъин гардида, бар зидди фасоди ҳокимон, ки рамзи зулму истибдод меҳисобид, мақолаҳо менависад.

Кавокибӣ ҳаёташро ҳамчун ислоҳотгар ва доӣ барои рушду инкишофи миллати араб сарф намудааст. Ӯ клубҳои ислоҳотчигӣ ва ҷамъиятҳои хайриявӣ ташкил намудааст, ки онҳо бо маърифатноккунии мардуму баланд бардоштани сатҳи шуурнокии онҳо машғул будаанд. Кавокибӣ мусалмононро барои озод намудани ақлҳояшон аз хурофот даъват намудааст[196].

Бори дигар таъкид менамоем, ки тибқи андешаи ат-Таъон ғарбишавӣ пуле будааст, ки тавассути он дунявият ба Шарқ интиқол ёфтааст. Вай ишора намудааст, ки ғарбгароӣ дар ҳамаи сатҳҳо ва соҳаҳои фикр, чун адабиёт, санъат, фалсафа, таърих ва фарҳанг паҳн гардида, ақлҳои нухбагонро фаро гирифтааст. Ғарбгароӣ дар ду шакл ба зоҳир расидааст:

---

[195]Ҳамон ҷо; - С. 66-67.
[196]Мирзохоҷо Шодиев. Таъриху адаб-ил-арабий-ил-муосир. Ал-ҷузъ-ул-аввал. Душанбе-2020. – С. 73.

-даъват барои қабули намунаи ғарбӣ дар ҳама чиз;

-даъват барои қатъи дониши комил дар бораи мероси арабӣ ва фарҳанги исломӣ.

Ҳамчун намунаи ғарбгароӣ Ат-Таъон иддае аз андешаҳои ду нафар - Саломат Мусо ва Тоҳо Ҳусейнро мавриди таҳлил қарор додааст. Саломат Мусо ду шакли зуҳури ғарбгароиро ба ниҳоитарин ҳудуд расонидааст ва ин даъвати ӯ барои ғарбгароӣ бо бекор намудани хилофат дар Туркия, ба итмом расонидани зуҳуроти ислом дар он ҷо, инчунин бо интишори ду китоб: "Ислом ва принсипҳои идоракунӣ"-и Алӣ Абдуррозиқ дар соли 1925 ва китоби " "Доир ба шеъри ҷоҳилия"-и Тоҳо Ҳусейн дар соли 1926 ҳамзамон афтодааст. Мақолаҳои Саломат Мусо дар ду соли зикршуда дар китобаш "Имрӯз ва фардо" ҷамъ оварда шудаанд. Саломат Мусо, ба қавли ат-Таъон, "тақдирро ситоиш менамояд, ки халқи Миср аз лиҳози зоҳир ва хислатҳои ботинӣ аврупоӣ мебошанд. Аз сохтори ваҷҳ ва хислат онҳо ба англисҳо ва итолиҳо наздиктаранд. Дар Сурия ва Шимоли Африқо низ ҳол чунин аст. Мардумони ин кишварҳо низ аз лиҳози зоҳир ва хислат аврупоӣ мебошанд. Пас, барои чӣ, изҳор медорад Саломат Мусо, ҳама якҷоя фарҳанг ва тамаддуни аврупоиро қабул намуда, либоси осиёиро аз худ бадар накунем? Ин мазҳаби ман аст, ки тибқи он дар тӯли ҳаётам пинҳону ошкор амал мекунам. Ба дурустӣ, ки ман кофир ба Шарқ ва муъмин ба Ғарб мебошам. Дар ҳар чизе, ки ман менависам, кӯшиш мекунам, ки дар зеҳни хонандагонам ҳамон хусусияҳоеро корам, ки бо он Аврупо дар асри нав тавсиф меёбад ва хонандагонамро водор мекунам, ки рӯяшонро ба Ғарб гардонанд"[197].

Саломат Мусо муносибати манфии худро ба фарҳанги арабӣ сароҳатан иброз дошта, таъкид менамояд, ки "ин эътиқод , ки мо шарқӣ ҳастем, дар мо чун беморӣ ҷой гирифтааст. Ин беморӣ дар ҳолати шадидшавӣ қарор дорад. Ин беморӣ, ба ақидаи ӯ, дар он ифода меёбад, ки мо дар зеҳнамон ҷой мекунем, ки моро воҷиб аст, ки ба фарҳанги арабӣ содиқ бошем, китобҳои арабиро омӯзем, ибороти онро аз самими қалб

[197]Ат-Таъон, ҳамон ҷо, - С. 141.

омӯзем, чуноне ки адибони мискинамон чу Мозанию Рофеӣ мекарданд, Ибни Румиро омӯзем, дар бораи асли Мутанаббӣ баҳс намоем, дар бораи Алӣ ва Муовия суҳбат кунем, байни онҳо фазл гузорем, барои Ҷоҳиз таассуб варзем ва кӯшиш намоем собит намоем, ки арабҳо илмҳоро медонистанд...”[198].

Муносибати манфии Саломат Мусо ба фарҳанги арабӣ дар ҷумлаҳои зерини ӯ боз ҳам шакли шадидтарро гирифтааст: “Ҳар оина, бар мо барои араб ягон навъи садоқат воҷиб нест. Ҳирсона омӯзиши фарҳанги онҳо барои ҷавонон марговар буда, исрофи нерӯяшон аст”[199]. Фарҳанги арабро барои ҷавонон марговар маҳсуб донистани Саломат Мусо ба он маъно аст, ки фарҳанги мазкур барои онҳо манфиатовар нест. Аз ин рӯ, омӯзиши он исрофи нерӯ буда, ҷавононро аз омӯзиши фарҳанги пешрафта бозмедорад. Бешак чунин андешаҳои Саломат Мусо хеле пешқадамона буда, аз кӯшишу талошҳои ӯ барои ҳамқадами замон будани фарҳанги Миср далолат менамояд.

Қобили зикр аст, ки Саломат Мусо ба санъати рақсу мусиқаи ғарбӣ низ эҳтиёҷ доштани мардуми Мисрро таъкид намудааст:“Ҳар оина  мо ба чизе эҳтиёҷ дорем, ки дилҳои моро ба ҳаяҷон меорад ва онҳоро бо эҳсоси боварӣ ба ҳаёт пур мекунад. Он чизро мо маҳз дар робита бо Ғарб ва аз ғарбиён гирифтани рақс, оҳанг ва мусиқа пайдо карда метавонем. Аммо шеъри арабӣ, қофияҳои якрангаш дилбазании моро эҷод менамояд ва он таблзании судониёнро мемонад”[200].

Барои Саломат Мусо забони арабӣ низ “забони бадавист, ки агар дар муҳити бо ҳолати фарҳангии тараққикунанда дучор ойӣ, чуноне ки айнан ҳозир дар чунин ҳолат зиндагӣ менамоем, қариб ки иҷрои вазифаашро кафолат намедиҳад. Ана, ман дар ҳуҷрае ҳастам, ки намедонам, мебели онро ба арабӣ чӣ тавр тавсиф намоям, лекин метавонам, ки онро ба англисӣ тавсиф кунам”[201].

---

[198]Саломат Мусо. Имрӯз ва фардо, - С. 148.
[199]Саломат Мусо,- С. 235-236.
[200]Ҳамон ҷо; - С. 242.
[201]Ҳамон ҷо; - С. 237.

Саломат Мусо муътақид аст, ки забони арабӣ василае мебошад, ки мардумро бо фарҳанги қадима пойбаст карда, онро аз пешравиҳо, дигаргуниҳо, навгониҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бозмедорад. Ӯ дуруст қайд мекунад, ки аз интишору тақвият ёфтани забони мазкур дар байни аҳли ҷомеа қишрҳои махсус манфиатдор мебошанд ва пайваста барои тавсеа ёфтани фазои истифодаи он кӯшишу талошҳои зиёде ба харҷ медиҳанд. Ба ақидаи Саломат Мусо маҳз қишри мазкурро мо бояд аз раванди таълими аҳли ҷомеа дур гардонем то таълиму тарбия самти дилхоҳро касб намояд. Дар ин бора ӯ навиштааст: "Ҳар оина, забони арабӣ, идома медиҳад Саломат Мусо, дар эътиқоди ман, танҳо забони навишт буд, яъне ҳатто дар замони зуҳури Қуръон забони мурда буд. Лекин омӯзиши забони арабӣ дар Миср тавассути шайххоe, ки мағзи сарашонро бо омӯзиши фарҳанги арабӣ, яъне фарҳанги қарнҳои торик банд аст, идома меёбад. Пас, то ин шайххоро аз таълими он бознадорем ва таълимро ба ашхосе, ки дар фарҳанги нав ба масофаи дур рафтанд, таслим нанамоем, мо баислоҳи таълим даст зада наметавонем. Мо, ҳар оина, ба забони қадимаи мардуми араб майл дорем, чун дар зеҳнҳои мо аз он қарзи аблаҳона реша давондааст, ки мо шарқиёнем ва бар мо воҷиб аст, ки каромати халқи арабро ҳифз намоем, таърихи онро ҳимоя намоем. Эътиқоди мо дар шарқӣ буданамон моро бар як қатор бадбахтиҳое дучор мегардонад, ки садоқат ба забон аз ҷумлаи сабуктарини онҳо нест.[202]

Барои Саломат Мусо на танҳо тағйири фарҳангу низоми таълим, балки тарзи либоспӯшӣ низ яке аз омилҳои муҳими ворид намудани шахс ба тамаддуни нав мебошад. Ӯ дуруст қайд менамояд, ки пазируфтани ин ё он тарзи либос, ки метавонад одат гардад, ифодагари муносибати шахс ба тамаддуни нав ва кашфи олами ботинии ӯст. Яъне, дар қабули тарзи либос ё тарзи зист як навъ робита байни олами зоҳирию олами ботинии шахс мавҷуд мебошад. Инсон тарзи либоси нав, яъне қулай, осон, муфид, сабук ва маъқулиро қабул намуда, бо ин роҳ, аз як тараф, қатъи робитаи худро

[202]Ҳамон ҷо, - С. 238.

бо анъанаҳои қадимаи  хурофотӣ, аз тарафи дигар, ҳамқадами замон будану майли бо арзишҳои нав зистани худро ба маъраз мегузорад. Дар робита ба андешаи баёнгардида нуқтаи назари Саломат Мусо доир ба зарурат ва аҳамияти кӯлоҳ хеле ҷолиб мебошад: “Дар воқеъ истифодаи кӯлоҳ (қубъа) аз чизе, ки дар байни мо ва бегонаҳо қаробат ворид менамояд, бузургтар аст ва он моро уммати ягона мегардонад.  Вай рамзи фарҳанг буда, онро ҳар як марди мутамаддин мепӯшад...Ва мо чун кӯлоҳро мепӯшем, бо он мо на танҳо либоси аврупоиро мепӯшем, балки либосеро истифода мебарем, ки мардуми мутамаддин барои дар сар гузоштанаш иттифоқ кардаанд...Дар воқеъ мардуми мутамаддин одатҳое доранд, ки бо он одатҳо онҳоро мешиносанд ва пазируфта мешаванд. Қабули кӯлоҳ аз ҷумлаи чунин одатҳост... То он даме, ки мо кӯлоҳро барои мардонамон ва занонамон напазирем ва ҷудо шудани худро аз Шарқ эълон накунем, ҳар оина мо дар назари худ ва назари аврупоиён мардуми шарқӣ боқӣ хоҳем монд”[203].

Чӣ хеле ки аз навиштаҳои Саломат Мусо бармеояд, дар андешаи ӯ мафҳуми “шарқӣ” ифодагари фарҳанги қафомонда, пойбанди хурофот ва дур аз фарҳангу тамаддуни пешрафта аст. Барои дар радифи мардуми пешқадами ҷаҳон будан қатъи омӯзишу таълими арзишҳои қадима ва роҳандозӣ намудани арзишҳои нав, ки Саломат Мусо онҳоро дар ҷорӣ намудани фарҳанги аврупоӣ мебинад, зарур аст. Хулоса, дунявият дар таълимоти Саломат Мусо дар шакли ғарбишавӣ ҷилвагар гардидааст.

Донишманди шинохтаи Миср Тоҳо Ҳусейн низ чун Саломат Мусо роҳи ҳалли мушкилоти Мисрро дар пайравӣ ба Ғарб мебинад. Ӯ дар китобаш “Ояндаи фарҳанг дар Миср” маҳз таҷдиди таълиму фарҳанги Мисрро баъд аз истиқлолият масъалаи асосии кишвари Миср ва роҳи ягонаи расидан ба накӯаҳволии халқ маҳсуб медонад. Яъне, барои мутафаккир арзишҳои дунявии муосирро бар ивази арзишҳои қадима дар ҳаёти мардуми Миср роҳандозӣ намудан калиди тамоми мушкилоти

[203]Саломат Мусо, - С. 254.

мардуми Миср маҳсуб дониста мешавад. Тоҳо Ҳусейн дар “Муқаддима”-и китоби мазкур қайд менамояд, ки ду масъалаи хеле муҳим: вазифаҳои ҳалталаби дар назди аҳли ҷомеа истода баъд аз  ба даст даровардани истиқлолият ва дигаре таассурот аз иштирок дар конфронсҳои гуногун дар Париж  сабаби навишта шудани китоб гардиданд. Воқеан ҳам истиқлолият барои мардуми Миср ҳуқуқҳо ва имкониятҳои васеъ барои таҷдиди ҳаёт фароҳам оварда буд. Тоҳо Ҳусейн бо супориши ҳам вазорати маориф ва ҳам донишгоҳ барои иштирок дар ду конфронс ба Париж сафар менамояд ва дар рафти сафар ғайр аз иштирок дар кори конфронсҳо боз дар чорабиниҳои  зиёди фарҳангии дигар ширкат меварзад. Ӯ азм менамояд, ки таассуроти худро дар шакли ду ҳисобот ба ду муассисаи номбаршуда пешниҳод намояд. Аммо тамоми таассуроти худро дар шакли китоб ба чоп расонида, дар он вазифаҳои аввалиндараҷаи мардуми Мисрро муайян менамояд, ки онҳо, аз нигоҳи Тоҳо Ҳусейн, реша дар худи фарҳанг ва таълим доштаанд. Тоҳо Ҳусейн дар охир меҳру муҳаббати бепоёни худро ба ҷавонони Миср иброз дошта, таъкид менамояд, ки падарону устодон хеле талош карданд, то асри ҷавонон аз асри падарону устодон хеле хубтар бошад ва ҷавонони Миср барои кишвар шараф, бузургӣ ва неъмату накӯаҳволӣ, ки дар таҳқиқи онҳо падарон оҷиз монда буданд, биёранд.

Тоҳо Ҳусейн аввалин мавзӯи китобашро “Фарҳанг ва илм - асоси тамаддун ва истиқлол” ном ниҳода, нақши ин ду арзиши муҳими дунявиро дар ҳифзи озодию истиқлолият ба таври муътамад таъкид намудааст. Ӯ дуруст қайд менамояд, ки халқҳои зиёде соҳиби озодӣ ва истиқлол буданд, лекин ин халқҳо аз он озодию истиқлол на нафъе бурданд, ва на онҳо пеши роҳи зулму тааддии дигар кишварҳоро аз болои онҳо гирифт. Ба ақидаи мутафаккир ин озодию истиқлолро  бояд тамаддуне, ки бар асоси фарҳанг ва илм бунёд меёбад, нерӯе, ки аз фарҳанг ва илм маншаъ мегирад  ва сарвате, ки онро фарҳанг ва илм ба вуҷуд меоварад, ҳамроҳӣ намояд[204]. Агарчанде дар рисолаи хеш Тоҳо Ҳусейн бевосита  мавзӯи дунявиятро матраҳ накардааст, лекин тамоми саъю талош ва кӯшишҳои ӯ барои

[204]Тоҳо Ҳусейн. Мустақбал-ус-сақофати фи Миср. Миср. Ҳиндови, 2012. – С. 14.

ҷомеаи дунявӣ гардонидани Миср равона шудаанд. Аз ин ҷост, ки вай маҳз арзишҳои дунявии созандаеро чун фарҳанг ва илм асоси пойдорию субот ва таҳкими озодию истиқлолияти кишвар ба қалам медиҳад.

Тоҳо Ҳусейн дар нимаи аввали қарни 20 зиндагӣ намуда, аз пешрафти Аврупо он қадар мутаассир гардида буд, ки ягона роҳи халосӣ аз мушкилоти мавҷудаи кишварро дар пайравӣ аз Аврупо медонист. Бо ин мақсад ӯ ҳатто хеле саъй намуда, исбот карданӣ мешавад, ки Миср  на аз лиҳози ҷуғрофӣ, балки аз лиҳози фарҳангӣ ба Аврупо наздиктар аст. Ҳоло низ, ба ақида Тоҳо Ҳусейн, ҳаёти моддии мардуми Миср дар қишрҳои рушдкарда комилан аврупоӣ буда, дар қишрҳои дигар вобаста ба тавону имконоти афрод баъзе ба аврупоӣ наздиктар ва баъзе дуртар мебошад. Ҳаёти маънавии мардуми Миср низ новобаста ба ихтилофи зуҳурот ва рангаш аврупоӣ мебошад. Низоми идоракунӣ пурра авроупоист[205].

Ҳамин тариқ, Тоҳо Ҳусейн зарурати пайравӣ ба аврупоиёнро ҳаматарафа асоснок намуда, таъкид менамояд, ки "роҳи мо возеҳ, равшан, рост буда, дар он каҷу килебӣ нест ва он роҳи ягонаест, ки вайро анвоъи дигар нест. Ва мо тарзи зисти аврупоиёнро интихоб намуда,  роҳи онҳоро пайравӣ менамоем то барои онҳо анбозу дар тамаддунашон, хуб аст ё бад, талх аст ё ширин, маҳбуб аст ё макруҳ, сазовори ситоиш аст ё накӯҳиш, шарик бошем"[206].

Тоҳо Ҳусейн ошкоро ва бидуни дудилагӣ изҳор медорад, ки ҳар касе барои мо роҳи дигарро пешниҳод мекунад, ё фиребгар аст ё фиребхӯрда. "Тааҷҷубовар аст, ки- мегӯяд Тоҳо Ҳусейн, - мо бо ин тарзи ҳаёт зиндагӣ дорем, дар ҳаёти амалии ҳаррӯзаамон бо ин роҳ рафта истодаем, лекин дар лафзҳоямон, ақидаҳоямон ва дар замири диламон инро инкор менамоем. Пас, мо дар дурӯягии нафратоваре қарор дорем, ки ман наметавонам онро фурӯ барам ва на ба он такя намоям. Агар мо дар он чӣ ки  эълон медорем ва  аз нафратамон ба ҳаёти аврупоӣ хурсандӣ мекунем, ростқавл ва самимӣ бошем, пас, чӣ моро бозмедорад, ки мо пурра аз он даст кашем, аз он пурра

[205]Ҳамон ҷо, - С. 34-35.
[206]Ҳамон ҷо, - С. 44.

рӯ гардонем ва онро пурра яктараф партоем? Агар мо ҳар рӯз дар ҳар гардише аз гардишҳои ҳаёти амалиямон аз тақлиду пайравии аврупоиён дар ҳар чизе, ки дар он қадам мениҳем, ростқавл ва самимӣ бошем, пас, чӣ моро бозмедорад, ки байни гуфторамон ва рафторамон, ва байни раъйҳоямон ва тарзи зистамон мувофиқат роҳандозӣ нанамоем? Ва ин дурӯягӣ онҳоеро, ки худро бузург мешуморанд ва мехоҳанд, ки нафсҳои худро боло аз пастию нуқсҳо бидонанд, сазовор нест?”[207]

Қобили зикр аст, ки Тоҳо Ҳусейн пайравӣ ба аврупоиёнро хеле боваринок ва бо далелҳои ҷиддии мантиқӣ асоснок менамояд. Ва ин асосноккунии ӯ боз ҳам дар заминаи зарурати ҳифзи озодӣ ва истиқлол сурат мегиранд. Ӯ дуруст таъкид менамояд, ки барои мо зарур аст, ки нерӯи дифои миллии мо ба муқобили он нерӯе, ки ба хотири ҳуҷум бо мо рӯбарӯ мегардад, кифоякунанда бшад. Бо ин мақсад зарур аст, ки ҷавонони мо зимни хидмат дар сипоҳамон дар ҳамон сатҳе омода бошад, ки ҷавонони Аврупо барои сипоҳашон омода ҳастанд. Ва сарбозони рутбадори сипоҳи мо бояд шомили ҳамон илму фарҳанге бошанд, ки сарбозони рутбадори Аврупо аз он бархӯрдоранд. Ин маънои онро дорад, ки фарзандони мо дар кори ҷанг мисли мутахассисони он миллатҳое бояд бошад, ки рӯзе метавонад ба мо ҳуҷум намояд. Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки дифоъ аз қаламрави кишвар, ҳифзи муқаддасотамон ва ҳимояи истиқлолият моро вазифадор менамояд, ки барои умури ҳарбӣ омода бошем, чуноне ки аврупоиён ба он омода мегарданд. Мо бояд ҳамон навъи таълиму тарбияеро роҳандозӣ намоем, ки аврупоиён зимни омода кардани фарзандонашон барои дифои марзу бумашон аз он кор мегиранд. Тоҳо Ҳусейн дуруст таъкид менамояд, ки ҳар кӣ сипоҳи аврупоии қавӣ хоста бошад, пас вай бояд тарбияи аврупоию таълими аврупоиро, ки ҷавононро барои бунёди сипоҳи қавии мустаҳкам омода мекунад, хоста бошад.

Тоҳо Ҳусейн ҳамчуноне, ки эҳтиёҷ ба таҳкими нерӯи дифои миллиро таъкид менамояд, ҳамчунин ӯ дар бораи истиқлоли иқтисодӣ ба хотири

[207]Ҳамон ҷо, - С. 44.

ҳимояи сарвату боигариҳои кишвар сухан меронад. Дар ин самт ӯ таъкид менамояд, ки мо намехоҳем, ки дар соҳаи иқтисодиёт дар муқоиса бо Ҳиҷоз, Яман, Шом ва Ироқ мустақил бошем, балки мехоҳем, ки дар муқоиса ба Аврупо ва Амрико мустақил бошем. Чуноне, ки василаҳои мо барои ҳимояи марзу буми кишварамон, - идома медиҳад Тоҳо Ҳусейн,- ҳамон василаҳое ҳастанд, ки аврупоиён барои ҳимояи кишваразшон истифода мебаранд ва василаҳои мо барои ҳимояи иқтисоди миллиямон истифода мебарем, ҳамон василаҳое мебошанд, ки аврупоиён ва амрикоиён барои ҳимои сарваташон истифода мебаранд, пас зарур аст, ки ҷавононамонро барои муборизаи иқтисодӣ дар ҳамон шакле, ки аврупоиён ва амрикоиён ҷавононашонро тайёр мекунанд, омода намоем. Зарур аст, ки мактабҳоу институтҳое таъсис диҳем, ки барои чунин мубориза дар он шакле омода бошанд, ки амрикоиёну аврупоиён мактабҳоюю институтҳои таъсисдодаашонро барои он мубориза омода кардаанд.

Мо, мегӯяд Тоҳо Ҳусейн, истиқлоли илмӣ, техникӣ ва адабиро мехоҳем, ҳамонеро мехоҳем, ки ба мо имкон диҳад, ки ҷавонони қодир барои ҳимояи ватанро омода намоем, ҳамонере мехоҳем, ки ба аврупоиён фаҳмонем, ки мо ашёро ҳамон тавре мебинем, ки онҳо мебинанд, ҳамон тавре ашёро арзиш муайян менамоем, ки онҳо муайян менамоянд, ҳамон тавре дар бораи ашё ҳукм менамоем, ки онҳо ҳукм менамоянд. Чун мо истиқлоли ақлӣ ва рӯҳиеро мехоҳем, ки танҳо тавассути истиқлоли илмӣ, техникӣ ва адабӣ бошад, пас, мо ҳатман василаи таҳқиқи онро мехоҳем. Василаи таҳқиқи он ҳамин аст, ки мо таълим бигирем, чуноне, ки як аврупоӣ таълим мегирад, мо эҳсос намоем,чуноне, ки як аврупоӣ эҳсос менамояд, ҳукм намоем, чуноне, ки як аврупоӣ ҳукм менамояд, амал намоем, чуноне, ки як аврупоӣ амал менамояд, ва ҳаётро бигзаронем, чуноне, ки як аврупоӣ мегузаронад[208].

Роҳи он, хулосагирӣ мекунад Тоҳо Ҳусейн, якто аст, на дуто. Ва он бунёди таълим дар заминаи устувор аст[209].

---

[208]Ҳамон ҷо, - С. 45.
[209]Ҳамон ҷо, - С. 47.

Аз таҳлили андешаҳои Тоҳо  Ҳусейн ҳамчун зиёии миллатдӯсту ватанпарвар ва донишманди асилу ҳақбин ба чунин хулоса хоҳем расид, ки вай нисбат ба тақдири ояндаи кишвари худу мардуми он бетараф набудааст. Ҳамчун як фарди озодихоҳу истиқлолхоҳи миллат роҳи ягонаи ҳалли тамоми мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеаро на дар пайравӣ ба муллоҳои ҷоҳили замони худ, балки дар тақлид ва пайравӣ ба мардуми Аврупою Амрико, ки дар он замон дар сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ қарор доштанд, мебинад. Ба қавли дигар, мутафаккиро на масъалаи баъдимаргии мардуми Миср, балки масъалаи заминӣ, индунёии мардуми Миср чун ҳифзи истиқлол, ҳимояи сарватҳои кишвар ва дифоъ аз ҳуқуқу озодиҳои занҳои Миср нороҳат мекард. Вай воқеан ҳам дуруст қайд намуда буд, ки агар мо мехоҳем чун аврупоиён зиндагӣ намоем, бояд таълиму тарбияи фарзандони худро чун таълиму тарбияи фарзандони аврупоӣ ба роҳ монем.

Хулоса, агарчанде Тоҳо Ҳусейн дар асари маъруфаш “Ояндаи фарҳанг дар Миср” мавзӯи муқаддам будани дунявият ва ё арзишҳои дунявиро бевосита матраҳ накардааст, лекин дар ҳаёти мардуми Миср роҳандозӣ намудани маҳз таълиму тарбия ва тарзи зисти аврупоиро, ки дар умум рабти назаррасе бо дин надошт, ҳадафи хеш қарор дода, ҳамин тавр, бо кӯшиши аврупоикунонии ҷомеаи худ дунявигарои собитқадам будани худро ба маъраз гузоштааст.

Дар байни уламои исломӣ бошад, Шайх Алӣ Абдулрозиқ (1888- 1966) аз Миср пешоҳанги дунявият шинохта шудааст. Вай махсусан баъди нашри китобаш дар соли 1925 бо номи «Ислом ва принсипҳои идоракунӣ» (Ислом ва усул-ал-ҳукм) машҳур  мегардад. Баъд аз чопи китоби мазкур дар олами ислом байни ислоҳотчиёну бунёдгароён баҳсҳои зиёде сурат мегирад. Ба сифати ҷазо  вай мавриди муҳокимаи Шӯрои Уламои Аъзами ал-Азҳар гардида, аз ҳуқуқи фаъолият маҳрум мешавад. Баъд аз як рӯзи ҳукми Уламо хабарнигоре аз ӯ хоҳиш мекунад, ки идеяи асосии китобашро шарҳ диҳад.Ӯ ҷавоб медиҳад, ки идеяи асосии  китоб, ки ба сабаби он вай маҳкум шудааст, аз он иборат аст, ки ислом на режими хосе муайян

намудааст ва на баҳри мусулмонон системаи махсусеро мукаллаф сохтааст, ки тибқи талаботи онҳо ҷомеаи мусулмонон бояд идора карда шавад. Баръакс, вай ба онҳо озодии мутлақ додааст то мутобиқи шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавие, ки дар онҳо қарор доранд, бо назардошти рушди ҷомеаю тақозои замон давлатро ташкил намоянд[210].

Абдулрозиқ дар нахустин андешаи хеш комилан равшану фаҳмо изҳор доштааст, ки ду сарчашмаи нақлии ислом, яъне Қуръон ва аҳодиси паёмбар ҳеҷ ёде аз хилофат ва ё ягон шакли давлат нанамудаанд. Оёти қуръоние, ки фуқаҳои анъанавӣ онҳоро далели қонунӣ будани хилофат маҳсуб медонанд, воқеан ҳеҷ нисбате ба он надоранд. Албатта, оёте, ки мусулмононро ба итоати худою паёмбар ва «улуламр» (соҳибони амр) амр мекунанд, вуҷуд доранд, аммо андешаҳо дар хусуси маънои истилоҳи «амр» гуногун мебошад. Дар тафсири Табарӣ бо такя ба қавли Абу Ҷаъфар ба амирон ва волиҳо ишора шудааст[211].

Арзиши дигари ғайриоддии китоби Абдурrозиқ дар инкори андешае ифода меёбад, ки «халифат дар асоси иҷмоъ бунёд ёфтааст». Тибқи андешаи муаллифи китоб халифат ба ҷуз зарурати сиёсӣ ба чизе асос наёфтааст. Яъне, мусулмонон ҳеҷ гоҳ дар ҳолати ягон навъи интихоби озод, ки ба он иҷмо асос ёфта бошад, қарор надоштаанд. Баръакс, мусулмонон маҷбур будаанд, ки мавриди уқубати «Халифатҳои истибдодӣ» гарданд, ки намунаашон дар таърихи ислом бисёр аст.

Дар робита ба андешаҳои Шайх Алӣ Абдулрозиқ бояд таъкид намуд, ки нақз шудани динията ва ҳамзамон ба инобат гирифта шудани омили дунявӣ қариб дар тамоми марҳилаҳои таърихи ислом ба мушоҳида мерасад[212].

Ҳамин тариқ, андешаи дунявигароӣ дар зеҳни донишмандон ва мутафаккирони пешқадами олами араб на дар шакли ҷудоии дин аз давлат ё тарҷеҳ додани арзишҳои дунявӣ аз болои арзишҳои динӣ, балки дар

---

[210]http://www.guardian.co.uk/commentis-free/belief /2009/apr/09/religion-islam-egypt.
[211]Ал-Қуръон-ул-Карим – Тафсир-ут-Табари. Quran.ksu.edu. sa
[212]Ниг.Таърихи ислом. Пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ.Зери назари Ҳ.П.Малколн, А.К.С. Ламбтон.Тарҷимаи Аҳмади Ором.Теҳрон-1386. – С.71,81,89,95,114,116,117 ва ғ.

шакли ғарбгарой ҷилвагар шудааст. Зеро олами Ғарб бо заиф сохтани мавқеи дин дар ҷомеа ва рушд бахшидан ба улуми табиӣ ба дастовардҳои назаррас дар ҳаёти моддӣ-маишии худ расида буданд. Маҳз аз ҳамин лиҳоз кишварҳои ғарбӣ бо тарзи ҳаёти дунявии худ барои донишмандону мутафаккирони пешқадами олами араб идеал маҳсуб меёфтанд ва маорифпарварон пайравӣ ба чунин тарзи ҳаётро муҷиби наҷот аз буҳрони дар ҷомеа амиқ решадавонда ба қалам медоданд. Таърихан раванди мазкур дар ду марҳила сурат мегирад. Марҳилаи аввал дар қарни 17 бо таълими масеҳиёни Лубнону Сурия дар мактабу мадрасаҳои Аврупо оғоз мегардад. Марҳилаи дуюм бо сиёсати истилогаронаи кишварҳои аврупоӣ алоқаманд мебошад. Дар ибтидои қарни XIX Фаронса Мисрро забт намуда, ба интишори тарзи ҳаёти аврупоӣ замина мегузорад. Дар миёнаҳои қарни мазкур донишмандони пешқадами Сурияю Лубнон ба кишварҳои пешрафтаи Ғарб сафар намуда, бо як ҷаҳон таассуроти нек ва пешқадам ба ватан бармегарданд ва баҳри ҷорӣ намудани арзишҳои пешқадами кишварҳои ғарбӣ дар ватани хеш талош менамоянд. Исломшиноси шинохта Ш. Абдуллозода вазъияти дар Шарқ ба вуҷуд омадаро ба таври зер ифода намудааст: «Дар чашми бисёре аз равшанфикрон ва ҷавонон ягона сабаби ақибмондагии Шарқ ҳамин дини ислом ва догмаҳои тағйирнопазири он буд. Аз ин рӯ, дар ин давра тамоюли секуляризатсия-аз давлат ҷудо кардани дастгоҳи динӣ ва аз дин ҷудо кардани муассисаҳои таълимӣ, маданӣ-маишӣ ва ғайра ривоҷ пайдо мекунад. Дар аксари кишварҳои исломӣ ба ҷои шариати исломӣ кодексу қонунҳои граждании дар асоси системаҳои ҳуқуқиву қонунгузории ғарбӣ тадвин шуда, ба кор гирифта шуданд. Қонуни асосии бисёре аз кишварҳои исломӣ низ дар асоси тақлид ба конститутсияҳои ғарбӣ тартиб дода шуданд, ки бештар моҳияти секуляристӣ доштанд».[213]

Бояд таъкид намуд, ки рушд накардани андешаи дунявигарой дар қисмати дигари олами араб маънои онро надорад, ки барои онҳо дунявият ва ё арзишҳои дунявӣ бегона бошанд. Агарчанде ба сабаби решаи қавӣ

[213]Шерзот Абдуллоев. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ. – Душанбе: Маориф, 2021. – С. 15.

доштани арзишҳои динӣ дар кишварҳои мазкур андешаҳои дунявӣ рушд накарданд, лекин раванди ҷаҳонишавии фарогир ба онҳо бетаъсир набудааст, ки аз тарзи зиндагӣ, ташкили ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва ҳаёти маишии мардуми ин кишварҳо равшан маълум мегардад. Таҳлилу омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки арзишҳои дунявӣ дар кишварҳои мазкур девори диниятро сӯрох намуда, дар ҳаёти моддии онҳо мавқеи устуворро касб намудаанд. Яъне, дунявият ва арзишҳои дунявӣ ҳамчун асл ва низоми ҳатмию ногузир дар кишварҳои араб дар ҳолати интишору рушд қарор дорад.

## 3.3. Ғояҳои дунявигароии маорифпарварони мусулмони Эрон ва Ҳиндустон

### 3.3.1.Дунявигароии маорифпарварони Эрон

Қобили зикр аст, ки зимни таҳқиқи падидаи дунявият ва дунявигароӣ дар Эрон бо чунин андешаи донишмандони дингарои ҷомеаи мазкур дучор меоем, ки падидаи мазкур падидаи ғарбӣ буда, хостгоҳи маърифатшинохтии он Мағрибзамин аст[214]. Бояд ёдовар шуд, ки чунин андеша, чуноне ки дар қисмати пешин нишон додем, барои тамоми дингароҳои кишварҳои мусулмоннишин хос мебошад. Аз ин нуқтаи назар, онҳо падидаи мазкурро воридотӣ ва барои воқеияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавии ҷомеаи мусулмонон бегона ва носозгор ба қалам медиҳанд.

Бояд таъкид намуд, ки андешаи мазкур бепоя буда, орӣ аз далоили илмӣ мебошад. Вақте ки таърихи рушди ҷомеаи башарӣ ва қонуниятҳои инкишофи онро воқеъбинона мавриди таҳқиқ карор медиҳем, маълум мегардад, ки дунявият ва дунявигароӣ на ҳамчун мафҳум, балки ҳамчун тарзи пешбурди ҳаёт марбут ба ин ё он минтақа ё нажоди одамӣ нест. Вай моҳиятан барои тамоми башарият хос мебошад, зеро талаботу манфиатҳои дунявӣ шакли ҳастии инсон маҳсуб меёбанд ва дар ҷомеаҳое, ки асли дунявиятро ба сифати қутбнамо қабул намудаанд, талаботу манфиатҳои

[214]http://ensani.ir/fa/articleҚ.Пешкаровулони секулоризм дар Эрон
Рӯзи муроҷиат: 31.08.2022, соати 10-00

дунявӣ танҳо хусусияти ҳамагонӣ ва аввалиндарачаро касб менамоянду халос. Дар ҷомеаҳое, ки асли дунявиятро қабул надоранд, ин маънои онро надорад, ки ҷомеаҳои мазкур унсурҳои дунявиро сарфи назар мекарда бошанд. Унсурҳои дунявӣ ҳамчун шакли ҳастии ҳаёти башарӣ дар чунин ҷомеаҳо низ мавқеи муҳим доранд, аммо қишри дингарои ҷомеа барои ҳифзи манфиатҳои дунявии худ, ки бетағйир нигоҳ доштани мавқеи иҷтимоии ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва бад-ин васила фиреб намудани қишрҳои поёнии ҷомеаро дар назар дорад, ба унсурҳои дунявӣ дар таълимотҳои динии худ расман мавқеи дуюмдараҷа, ғайриасосӣ ва ҳошиявиро мутааллиқ медонанд. Яъне, дар дилхоҳ ҷомеа сабаби маъмулӣ ва шакли асосии пешрафти ҷомеа нагаштани принсипҳои дунявият қишри дингарои ҷомеа бо идеологияи он маҳсуб меёбад, ки қафомонии ҳаматарафаи ҷомеаро ба дунбол меорад.

Дар мисоли Эрон ва дигар кишварҳои мусулмоннишин мо дармеёбем, ки унсурҳои дунявӣ дар ин кишварҳо воқеан ҳам баъд аз дучор гардидани ин кишварҳо бо душворию мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва маърифатӣ ва зарурати огоҳӣ бо тамаддуни Аврупо фаъол мегарданд. Равшанфикрони ҷомеаҳои мазкур муайян менамоянд, ки сабаби пешрафти Аврупо раҳоӣ аз банду баст ва қолабҳои рехта ва устувори бар асоси таълимотҳои динӣ бунёдёфта будааст. Яъне, мардуми Аврупо чун дар асрҳои миёна на дар паи таҳлилу таҳқиқи масоили динӣ, балки дар паи омӯзиш ва дарёфти роҳи дуруст ва манфиатбахши инкишофи моддию маънавии ҷомеаи худ будаанд, ки имрӯз ба чунин сатҳи инкишоф расидаанд. Интихоби чунин роҳ ва пайгирӣ аз онро ба ҷуз аз пайгирӣ аз принсипи дунявият наметавон ба дигар шакл ном ниҳод. Яъне, масоили мобаъдуттабииро баръакси асрҳои миёна дар ҳошия қарор дода, масъалаҳои рушди иқтисодию сиёсӣ ва маърифатии ҷомеаро ҳадафи асосии хеш қарор додан худ нишони барҷастаи пайгирӣ аз принсипҳои дунявият маҳсуб меёбад. Воқеан ҳам вақте ба таърихи гузашта назар меандозем, мебинем, ки дар мамолики мусулмоннишине, ки бар пояи таълимотҳои динӣ устувор буданд, ҳама гунна тағйиротро дар ҷомеа ба

нерӯи фавқуттабиа вобаста медонистанд ва масъалаи инкишофи моддию маънавии ҷомеаро ба таври зарурӣ мавриди ҳаллу фасл қарор намедоданд. Бояд эътироф намуд, ки чунин шакли фаъолияти ҳаётӣ барои пешвоёни дин хеле мусоид буд, зеро онҳо аз мавқеи хуб, манфиатовар ва афзалиятноки иҷтимоӣ бархӯрдор буданд ва ҳама гунна тағйиротро мухолифи аҳдофи динию дунявии худ арзёбӣ мекарданд. Ба ҳамин сабаб буд, ки ҷомеаҳои дар асоси принсипҳои динӣ ҳаёт ба сар баранда муддати тӯлонӣ дар ҳолати шахшудамондагӣ ва бетағйирӣ қарор доштанд. Ба таври мисол агар тарзи зисти мусулмони садаи XIX-ро бо тарзи зисти мусулмони садаи IX ё X муқоиса намоем, дар байни онҳо тағйироти назаррасро кам мушоҳида менамоем. Яъне, ҷомеа дар тӯли қариб 700 ё 800 сол дар ягон бахши ҳаёт қадаме ҳам ба пеш намеравад, ва баръакс дар бахши рушди улуми табиӣ ҳатто ба ақибмонии ҷиддӣ мувоҷеҳ мешавад.

Дар баробари ин, агар боре ба хусусиятҳои фарҳангии Аврупои марҳилаҳои Эҳёю Маорифпарварӣ назар андозем, мебинем, ки равшанфикрони ҷомеаи мазкур арзишу талаботҳои диниро дар ҳошия қарор дода, дар баробари тараққии иқтисодиёт масъалаи маърифатноккунии саросари ҷомеаро дунболагирӣ намудаанд. Сиёсати мазкур рушди босуръати иқтисодии ҷомеаро таъмин намуд, ки вай дар навбати худ сиёсати мустамликадориро, чун сиёсати зӯр аз болои заиф ба бор овард.

Бояд эътироф намуд, ки ҳамин сиёсати мустамликадории аврупоиён чашми аҳли хоболуди динзадаи ҷомеаи вақтро кушод ва барои пиёда намудани тағйиротҳои мушаххас дар баъзе самтҳои ҳаёти ҷомеа водор намуд. Андешаҳои мазкурро пайдоишу рушди равшанфикрӣ дар Эрон ба таври барҷаста собит менамоянд. Равшанфикрони эронӣ, чун иддае аз равшанфикрони араб роҳи раҳоиро аз мушкилоти мавҷуда дар пайравӣ ба Ғарб медиданд. Ба андешаи Шамсуллоҳ Муриҷӣ «идеяи секулорисм дар кишварҳои исломӣ ва Эрон ба сурати ғарбгуна шудан ва ғарбзадагӣ ва

таҷаддудгарой ворид шудааст»[215]. Ин ҳам бесабаб нест. Чун равшанфикрони ҷомеа пешрафтҳои иқтисодӣ ва сиёсии Аврупоро бо чашми худ медиданд, роҳи рушди онҳоро ягона роҳи дуруст ва наҷотбахши ҷомеа аз қафомондагӣ ва ҷаҳолат арзёбӣ менамоянд. Ба ҳамин асос аст, ки исломшиноси маъруфи тоҷик Ш. Абдуллозода навиштааст: «Муваффақиятҳои илмию техникии мамлакатҳои капиталистии Ғарб аз як сӯ ва эҳсоси акибмондагии Шарқ аз сӯи дигар дар байни гурӯҳҳои номбурдаи кишварҳои исломӣ як рӯҳияи некбинии илмию технократӣ ва баъзе тамоилҳои ғарбзадагиро ба вуҷуд оварда буд. Онҳо гумон мекарданд, ки ягона роҳи пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ тақлид ба Ғарб ва истифода аз илму технологияи ғарбӣ мебошад»[216].

Аз маврид истифода намуда таъкид намудан мехоҳем, ки дингароёни ҷомеа ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз барои пешрафти ҷомеаи худ роҳи маҳсулнокеро пешниҳод намекунанд, аммо роҳи пешниҳоднамудаи равшанфикронро бо мафҳуми «ғарбзадагӣ» ифода мекунанд, ки чунин муносибат бешак ба ҷуз нотавонбинии қишри мазкур чизе беш нест. Ин мавқеи онҳо аз таърифи ба равшанфикрӣ додаи онҳо равшан маълум мегардад: «Равшанфикрӣ истилоҳе аст барои баёни тарзи фикр ва тамоюлоти ақлонии озодманишонаи гуманистӣ ва илмӣ, ки дар Аврупои садаи ҳаждаҳум роиҷ буд; вижагии умдаи ин ҷараён имон ба илм, ба таҷриба ва ақл буда, шаккокият ва нигариши илмӣ, инчунин тардид нисбат ба масоили динӣ ва суннатӣ ва ҳамчунин навгарой ва навандешӣ аз хусусиятҳои фарққунандаи он буданд. Ифрот дар эътиқод ба асолати тааққул ва таҷриба ва парастиши илм аз дигар мушаххасоти омилини ин ҷараён буд»[217]. Бояд эътироф намуд, ки таърифи ба равшанфикрӣ додаи як дингаро мантиқан саҳеҳ аст. Дар таъриф воқеан ҳам дуруст таъкид шудааст, ки ба роҳбарӣ гирифтани ақл, таҷриба, илм, навгароию

---

[215]Ҳамон ҷо;
[216]Шерзот Абдуллоев. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ. – Душанбе: Маориф, 2021. – С.14-15.
[217]http://ensani.ir/fa/articleҚ.Пешкаровулони секулоризм дар Эрон
Рӯзи мурочиат: 31.08.2022, соати 10-00

навандешӣ ва вобаста ба онҳо муносибати тардидӣ ба масоили динӣ асоси равшанфикрӣ маҳсуб меёбад. Бидуни тардид сифатҳои баёншудасифати хоси Аврупои пешрафта буд. Мантиқан, пайравӣ аз онҳо аз сифатҳои аввалиндараҷаи ҳар як равшанфикр маҳсуб дониста мешавад. Сифатҳои зикршуда яке аз шаклҳои амалии зуҳури дунявият дар Аврупо буданд ва дар ҳамин шакл ба дигар кишварҳо интиқол ёфтанд. Ҳамин тариқ, равшанфикрӣ василаи татбиқ ё роҳандозӣ намудани асли дунявият дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, равшанфикрони эронӣ, чун равшанфикрони дигари мамолики исломӣ тақлид ба Ғарбро роҳи асосӣ ва бехатои рушди ҷомеаи худ пазируфта буданд.

Бори дигар ёдовар мешавем, ки сабаби асосии рӯоварии равшанфикрони ҳам эронӣ ва ҳам иддае аз кишварҳои исломӣ мавҷудияти мушкилот дар ҳалли масоили дунявӣ, ба вижа қафомонии ҳаматарафаи ҷомеа буд. Дар мисоли Эрон бошад, маҳз шикастҳои пайдарпаи артиши Эрон аз артиши Русия муҷиби воқеии рӯоварӣ ба Ғарб ва тавлиди равшанфикрӣ гардида буданд. Артиши Эрон танҳо дар нимаи аввали садаи XIX ду маротиба (1804-1813, 1826-1828) аз артиши Русия шикаст хӯрда буд. Сабаби асосии ин шикастҳо қафомонии техникии артиши низомии Эрон аз артиши низомии Русия буд.Ин шикастҳои низомӣ сарони ҳукумати Қоҷорро барои бартараф намудани қафомонӣ водор менамоянд.

Яке аз шахсоне, ки дар амри ислоҳи вазъият ҷаҳди зиёд харҷ менамояд, Аббос Мирзо буд. Бинобар ин, решаи шаклгирии ҷараёни равшанфикрӣ дар Эрон ба давраи ислоҳоти Аббос Мирзо рафта мерасад. Ӯ худ, кидар шикасти артиши Эрон дар ҷанг бо Русия ба сабаби қафомонии технологӣ ва санъати ҷангӣ шоҳид гардида буд, аввалин шуда иддае аз донишҷӯёни эрониро барои баҳраварӣ аз малакаю маҳорат ва санъати ҷангӣ ба Аврупо равон менамояд. Гурӯҳи аввалини таҳсилкардагони эрониро Мирзо Фатҳалӣ Охундзода (Охундов), Мирзо Мелкумхон, Мирзо Оғохони Кирмонӣ ва дигарон ташкил менамуданд.

Пас аз муддате дар ҷомеаи Эрон қишри наве ба вуҷуд омад, ки ба ғайр аз огоҳӣ аз технологияи нав ва дониши илмӣ бо худ тафаккури навро низ оварданд.Онҳо мафҳумҳое, чун ҳукумати машрута, озодӣ, қонун ва парлумонро ба фазои сиёсӣ-ҳуқуқии Эрон ворид намуда, кӯшиш мекарданд, тавассути мақолаю китобҳои худ моҳияти мафҳумҳои мазкурро ба мардум фаҳмонанд. Зеро онҳо чунин андеша мекарданд, ки решаи тамоми пешрафтҳои Ғарб маҳдуд намудани қудрати истибдодии ҳукуматҳо будааст.

Равшанфикрон барои натиҷабахш гардонидани фаъолияти равшанфикрии худ гурӯҳҳо ва анҷуманҳои пинҳонӣ ташкил мекарданд. Фаромӯшхонаи Мирзо Мелкумхон, Лажи бедории Эрон, Анҷумани одамият ва Анҷумани тараққӣ аз ҷумлаи чунин анҷуманҳо маҳсуб меёбанд. Ин гурӯҳу анҷуманҳо бо пахши эъломияҳо ва интишори рӯзномаҳо афкори худро мунташир мекарданд. Онҳо, махсусан, зарурати ислоҳоти низоми арзӣ ва идорӣ, кам намудани нақши рӯҳониёнро дар ҷомеа ва маҳдуд сохтани фаъолияти ҳокимонро дар чаҳорчӯби қонун таъкид мекарданд.

Яке аз шахсиятҳои муҳиме, ки дар ташаккули равшанфикрии эронӣ таъсири зиёд гузоштааст, Мирзо Фатҳалӣ Охундзода (Охундов) (1812-1878) мебошад. Ӯ худ аз мардуми Табрез буд, лекин дар Гурҷистони Русия истиқомат мекард. Бо вуҷуди ин китобҳои зиёде ба форсӣ менависад, ки яке аз муҳимтарини онҳо «Мактуботи Камол-уд-давла» мебошад. Ин китобро баёнияе шӯрангез бар зидди суннатҳои эронии асри қоҷорӣ маҳсуб медонанд. Ӯро бунёнгузори адабиёти нав дар Эрон, нахустин намоишноманависи эронӣ, пешрави фани намоишнависиии аврупоӣ дар Осиё ва аз пешгомони ҷунбиши тараққихоҳӣ ва миллатгароии эронӣ медонанд. Андешаҳои ӯ бар андешамандони ҷунбиши машрутияти эрон аз ҷумла Мирзо Оғохони Кирмонӣ, Мирзо Мелкумхон, Абдураҳим Толибуф, Мирзо Оғохони Табрезӣ ва дигарон таъсири зиёд гузоштааст. Ӯ тарафдори тағйири алифбо буд

Вай машрутаро бо мафҳуми ғарбии он баррасӣ мекард. Ӯ ҷанбаи зидиисломии машрутаи ғарбиро ба шеваи бисёр равшан ва озод баён менамуд. Мавзӯъҳои озодӣ, миллатдӯстӣ ва қонунгузорӣ аз муҳимтарин андешаҳои сиёсии ӯ маҳсуб меёбанд. Вай поягузори ғояи миллатдӯстии нав, ҳукумати ба қонун асосёфта ва ҷудоии сиёсат аз дин дар Эрон маҳсуб дониста мешавад. Дар намоишномаҳои худ ғояи миллатдӯстиро дунбол мекард. Ба ақидаи вай бояд тухми миллатдӯстию ватанпарастиро дар дилҳо кошт ва таассуби Ватанро ба ҷои таассуби динӣ ҷойгузин намуд.

Барои ҷомеаи онвақтаи Эрон рисолаи «Мактуботи Камол-уд-давла» аҳамияти бузург дошт. Ҷавҳари ин рисоларо интиқод бар сиёсат ва диёнат, яъне муҳимтарин бунёдҳои иҷтимоӣ ташкил менамояд ва ангезаи вай ба гуфтаи худаш «парвариши ҳушёрии таърихӣ аст нисбат ба гузашта ва эҷоди тафаккури миллӣ ва ислоҳ ва тараққии ҷомеа аст дар ҳол ва оянда то истибдоди сиёсӣ тағйир пазирад ва машрутияти ҳукумат ва ҳукумати қонун ҷойгузини он бошад. Зулмату торикӣ барафтад, ислоҳи дин аз роҳи протестантизми исломӣ таҳаққуқ пазирад. Сиёсат ва дин аз якдигар ба куллӣ тафкик гарданд ва дин тасарруфе дар умури дунёӣ надошта бошад. Ва билохира пардаи авҳомро аз миён бардорем ва ба рушноии хирад гом ниҳем»[218].

Қисмати муҳими андешаҳои сиёсии ӯро инчунин ҳифзи Ватан аз тасаллути бегонаҳо, раҳоӣ аз асирию ҳимоя аз озодӣ ва истиқлол ташкил менамуданд. Ӯ бовар дошт, ки бо гузашти замон эътиқодҳои динӣ аз миён хоҳанд рафт[219].

Аз дидгоҳи ӯ салоҳи мамлакат дар он замона дар он буд, ки додгоҳҳои шаръӣ бардошта шаванд ва амри мурофиа ва қазовот аз уламои рӯҳонӣ гирифта ва ба уҳдаи вазорати адлия гузошта шаванд. Ӯ пешниҳод менамуд, ки танҳо умури динӣ, яъне ваъз ва пешнамоз ва издивоҷу талоқ ва дафну амвот ва амсоли он дар дасти уламои рӯҳонӣ боқӣ бимонанду халос.

---

[218]Fa.m.wikipedia.org. Мирзо Фатҳалӣ Охундзода (Ба форсӣ). Рӯзи муроҷиат: 09.09.2022. соати 10-36.

[219]Одамият Фаридун. Андешаҳои Мирзо Фатҳалӣ Охундзода. Теҳрон, Хоразмӣ. 1349. (Ба хати форсӣ), - С. 32-33.

Дар дидгоҳи ӯ офарандаи қонун миллат аст. Миллат конститутсия, яъне қонуни асосиро навишта, пояи ҳукумати мутлақ ва салтанати золимро бармечинад. Дар асоси қонуни таълифнамудааш миллат давлат ё ҳукумати қонуниро ба вуҷуд меоварад. Ӯ бовар дошт, ки чунин ҳукумат аз миллат ҷудо нест, зеро аз табақоти мухталифи мардум намояндагӣ дорад ва ҳифзкунандаи манфиатҳои мардуму истиқлоли кишвар мебошад. Ӯ мафҳумҳои давлату миллатро ҳамвазн ҳисобида, заминаи бунёди давлати миллӣ ва ҳукумати миллӣ меҳисобад.

Охундзода ҳукумати он давраи Эрон, яъне ҳукумати қоҷориро ҳукумати золиму истибдодӣ дониста, дар ҳаққи онҳо мегӯяд: «шаҳриёрони қоҷор намедонанд, ки саросари сарзамин заррае адолат нест ва ҳамааш ба хотири набуди қонун аст; ва як китоби қонун дар даст нест ва ҳар кас ҳар чизе ба ақлаш мерасад, анҷом медиҳад ва ҳар чӣ мехоҳад, мекунад»[220].

Ба андешаи Охундзода ҳар инсоне, ки пой ба дунё мегузорад, бояд аз неъмати озодии комил баҳраманд бошад. Озодии комил аз ду навъи озодӣ ташкил меёбад: яке озодии рӯҳонӣ ва дигаре озодии ҷисмонӣ. Ба ақидаи ӯ озодии рӯҳониро дин аз мардум гирифтааст. Пас дар ин навъи озодӣ аз неъмати озодии комил маҳрумем. Дар робита ба озодии ҷисмонӣ ӯ муътақид аст, ки фармонравоёни золим озодии ҷисмониро аз мо гирифтаанд ва моро дар ин дунё ба қабули умури худ водор кардаанд. Ин ҷо низ мо аз озодӣ бебаҳраем. Ӯ мегӯяд, ки ду навъи озодӣ-озодии рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ, ки озодии комилро ташкил менамоянд, дар китобҳои қонунгузории фарангиён муфассал тавзеҳ дода шудаанд. Ӯ муътақид аст, ки мардуми Осиё аз озодии комил бебаҳра буда, аз лаззати баробарӣ ва неъмати ҳуқуқи башарият комилан маҳрум мондааст ва ҳатто аз фаҳми ин маҳрумият низ оҷиз аст.

Дар даврае, ки аксарияти навгароён ва андешамандони Эрон доир ба вазъияти занон сукут ихтиёр карда буданд, Охунзода яке аз аввалин навгароёни эронӣ буд, ки доир ба озодии занону баробарҳуқуқии онҳо

[220]Ҳамон ҷо;

ҳарф задаст. Бовар доштан ба озодии занон, бекор намудани бисёрзанӣ, таъмини баробарии зан ва мард дар ҳамаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, таълиму тарбияи онҳо ва озодӣ дар доштани ҳиҷоб аз пешқадамтарин афкори ӯ ба ҳисоб мераванд ва дар ин маврид ӯ пешрави навгароёни олами ислом маҳсуб меёбад. Андешаҳои баёнгардида дар намоишномаҳои ӯ хеле бадеӣ ва равшан ба маъраз гузошта шудаанд.

Шахсияти дигари равшанфикри даврони қоҷорӣ Мирзо Мелкумхон (1834-1908) буд. Мирзо Мелкумхон Нозимуддавла сиёсатмадор, андешаманд, рӯзноманигори давраи қоҷорӣ аст, ки андешаҳои муосири равшанфикриро дар Эрон бунёд ниҳода, ба ташаккули равшанфикрии замони худ таъсири зиёд гузошт. Ӯ ҳамчун яке аз нахустин таҳсилкардагони эронӣ узви ҳукумат буд ва кӯшиш мекард, ки ба мафҳуми қонун дар Эрон расмият бахшад. Падари Мирзо Мелкум Мирзо Яъқуб писарашро дар даҳсолагӣ барои таҳсил ба Париж мефиристад. Мирзо Мелкум баъд аз ҳафт соли таҳсил дар Париж ба Эрон бармегардад ва дар Вазорати умури хориҷа ба сифати мутарҷим ба кор медарояд.

Ӯ боре мавриди хашми Носириддиншоҳ гардида, ба Ироқ бадарға мешавад. Аммо бо миёнҷигии Мирзо Ҳусайнхон Мушируддавла (сипаҳсолор) афв мешавад ва сафири Эрон дар Миср таъин мегардад. Ҳангоме ки мансаби вазири умури хориҷа ба Мирзо Ҳусайнхон супорида мешавад, ӯ Мирзо Мелкумхонро аввал мушовири худ, баъд сафири Эрон дар Англия таъин менамояд. Пас аз марги Носириддиншоҳ дар давраи Музаффаридиншоҳ Мирзо Мелкумхон ба сифати сафир ба Рим фиристода мешавад ва то охири умраш дар ин вазифа боқӣ мемонад.

Мирзо Мелкумхон аз худ осоре боқӣ гузоштааст, ки барои таърихи афкори сиёсӣ муҳим ба ҳисоб мераванд. Аз байни онҳо «китобчаи ғайбӣ, дафтари танзимот, дастгоҳи девон, усули тараққӣ, интизоми лашкар, маҷлиси танзимот, дафтари қонун, манофеи озодӣ, ҳуррият, нидои адолат» ва ғайраҳо мазмуну мундариҷаи дунявӣ дошта, баҳри ворид намудани ислоҳот дар низоми идории кишвари Эрон навишта шудаанд.

Яке аз хидматҳои Мелкумхон роҳандозӣ намудани рӯзномаи «Қонун» буд. Гарчи ин рӯзнома ба қасди мубориза ба шоҳ ва ҳукумати ӯ интишор мегардид, аммо дар аснои кор корбурди дигаре пайдо кард. Он корбурд аз ин иборат буд, ки рӯзнома барои мардуме, ки солиёни дароз аз истибдоди Қоҷор ва табоҳиҳои он хаста шуда буданд, ифодагари орзӯҳояшон буд.

Дар навиштани матолиби рӯзномаи «Қонун» афроди равшанфикри дигаре низ даст доштанд. Носириддиншоҳ ва Амин ас-Султон, ки аз интишори рӯзномаи «Қонун» дар Эрон ба хашм омада буданд, дастур доданд, ки назоратро пурзӯр намуда, аз вуруди он ба Эрон ҷилавгирӣ кунанд. Бо вуҷуди муроқабатҳои шадид рӯзномаи «Қонун» ба дасти хонандагонаш мерасид ва ҳатто барои баъзе афрод ба сурати мустақим ва бо нишонии худи онҳо ирсол мешуд. Рӯзномаи «Қонун» ва рисолаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии пурмазмуни Мелкум, ки гоҳе бе имзо ва гоҳе бо имзои ӯ чоп мешуд, ба сабаби соддагӣ ва наздикӣ ба забони гуфтугӯӣ дар бедории мардум таъсири зиёд дошт. Вай ба пешоҳангони машрутиятхоҳон писанд афтода, сармашқи фаъолияти озодихоҳии онҳо гардида буд.

Мирзо Мелкумхон Нозим-уд-Давла аз ҷумлаи равшанфикроне буд, ки бо навиштани рисолаҳои зиёд дар мавзӯъҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ дар бедории иҷтимоии эрониён саҳми босазо дошт. Ӯ инчунин дар мавзӯи сабабҳои парешонии эрониён ва роҳҳои наҷот аз он низ мактубҳои зиёде навиштааст.Яке аз ҷанбаҳои пурмуҳтавои афкори ӯ таваҷҷуҳ ба масъалаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ аст. Ӯ рушду тараққии Ғарбро дар ривоҷи илмҳо ва босаводии мардум дида, ақибмондагии кишварҳои исломиро дар бесаводӣ ва сабаби бесаводиро дар алифбо ва хат медид. Мирзо Мелкумхон таблиғгари фаъолиислоҳоту навсозӣ ва ривоҷбахшандаи идеяҳо ва ниҳодҳои замонавӣ буд. Дар замони худ вай бештар аз ҳама дар огоҳ сохтани мардум бо тамаддуни ҷаҳон, манфиатҳои қонун ва хусусиятҳои ҳукумати миллӣ саъй ва кӯшиш кардааст.Таъсири афкори ӯ дар равшан кардани замири мардум ва пайдоиши машрутият хеле гарон мебошад. Андешае вуҷуд дорад, ки Мирзо Мулкам гӯё тухми

қонунро дар Эрон кошта бошад. Аз ин рӯ, вай бо номи Мирзо Мулками қонунӣ низ маъруф гардида буд. Нозим ул-Ислом Кирмонӣ ӯро бедоркунандаи Эрон ва аз раҳбарони наҳзати озодӣ номида, дар бораи ӯ мегӯяд: «Мақоми принс Мулкамхон дар Эрон ҳамон мақоми Волтер, Жан-Жак Руссо ва Виктор Гюго дар миллати Фаронса аст». Ва Зул Алстон Мелкумро, ки муаллими забони фаронсавияш будааст, «файласуф, муаллими аввал ва мисли Арасту ва Афлотуни он рӯз ва балки аз онҳо бартар»[221] мешуморад.

Дар марҳилаҳои охири давраи ҳукмронии Носириддин Шоҳ рӯзномаҳои нашрашон манъшуда, ки дар хориҷ аз кишвар ба чоп мерасиданду дар Эрон ба таври махфӣ паҳн мегардиданд, дар рушди ҷараёни равшанфикрӣ нақши калон мебозанд. Махсусан, се шахсият - Мирзо Оғохони Кирмонӣ, Мирзо Мелкумхон ва Толибови табрезӣ ба рушди адабиёти машрутахоҳии Эрон, ки бар пояи равшанфикрӣ буд, таъсири зиёд мерасонанд. Оғохони Кирмонӣ ба вижа бо китоби ҷанҷолии худ «Се мактуб» ва дигар китобҳое, ки дар нақди таърихи Эрон навишта буд, талош менамояд, ки фалсафаи таърихи эрониро бунёд бигзорад. Оғохон муқими Истанбул буд ва дар рӯзномаҳои фаъоли он замон - рӯзномаи Қонун ва рӯзномаи Ахтар мақола менавишт. Ӯ аз осори равшанфикрон ва файласуфони маорифпарвари фаронсавӣ ва англисӣ, ба вижа Руссо, Волтер ва Спенсер баҳра гирифта буд. Оғохон бо супориши Музаффаруддин Шоҳи Коҷор ба қатл расонида мешавад. Вай нахустин равшанфикри қатлкардашудаи Эрон маҳсуб dониста мешавад.

Равшанфикрони эронӣ баъд аз пирӯзии мувaққатии машрутахоҳон ва дар матбуот ба даст овардани озодии нисбӣ дар ҷомеа ҷойгоҳи иҷтимоӣ ва сиёсии худропайдо менамоянд. Қобили зикр аст, ки онҳо аз ҳамон оғоз бо рӯҳоният ва дарбори подшоҳӣ дар ҳолати бархӯрд қарор доштанд. Аз

[221]https://www.irna.ir/news/84405689 Мирзо Мулкамхон ва ҷараёни равшанфикрӣ дар Эрон (Ба хати форсӣ). Рӯзи мурочмат: 29.08.2022, соати 15-21.

ҷумлаи муҳимтарин рӯзноманигорони равшанфикр Ҷаҳонгирхони Сури Исрофил ва Алӣ Акбари Деҳхудоро метавон зикр намуд. Сури Исрофил дар ҷараёни шиканҷаҳо ба қатл расонида мешавад ва ҳамин тавр, ба яке аз шахсиятҳои таърихии ҷараёни равшанфикрӣ табдил меёбад. Ба ҷумлаи равшанфикрони муассири фаъолияти сиёсиро самтгирифта Алиқулихон Сардор ва Асъад Бахтиёрӣ дохил мешаванд. Алиқулӣ яке аз се фотеҳи Теҳрони замони машрутият буд, ки ба мақоми вазири ҷанг ва сардори сипоҳ расида буд. Ӯ ду давра дар Париж иқомат дошт ва ниҳоятан барои мубориза бо Муҳаммад Алӣ Шоҳ ба Эрон меояд ва бо қушуни Бахтиёрӣ дар Теҳрон пайваст мегардад.

Пас аз машрута равшанфикронро бо номи фаронсавии «Интелектуал» ва ба арабӣ «Мунаввирулфикр» ном мебаранд. Баъдтар истилоҳи равшанфикр ва то андозае равшанандеш ривоҷ меёбад. Дар давраи мазкур равшанфикрони Эронӣ ба сӯи кишвари Фаронса майл менамоянд. Фаронса, агарчанде таъсири мустақиме дар таҳаввулоти Эрон надошт ва ҳамзамон рақиби ҷиддии истеъмори англис маҳсуб меёфт, бо вуҷуди ин барои таҳсил ва иқомати эрониён ба сифати пойгоҳ хидмат менамояд. Аз он замон то замони Паҳлавии Дуюм барои қишри болоии ҷомеаи эронӣ огоҳӣ бо забони фаронсавӣ зарурӣ маҳсуб меёбад. Воқеан ҳам ҷойгоҳи анъанавии забони арабирозабони фаронсавӣ ҳамчун забони аҳли илму фазл соҳиб мегардад. Тақрибан ҳамаи осори адабӣ, фалсафӣ ва таърихии ғарбӣ тавассути забони фаронсавӣ ба форсӣ баргардонида мешавад. Яъне, метавон гуфт, ки забони фаронсавӣ дар давраи мазкур ҷойгоҳи забони арабиро танг намуда, дар интишори арзишҳои дунявӣ саҳмгузор гардидааст.

Ҳамзамон дар раванди мазкур таъсири андеша ва фарҳанги англисро ҳам набояд нодида гирифт. Барои равшанфикрони эронӣ низоми сиёсии конститутсионии англис, ки дар он ҳуқуқҳои подшоҳ маҳдуд гардида буду худи подшоҳ ба тоаври рамзӣ мақоми муайянро ишғол намуда буд ва ба сиёсат дахолат намекард, намунаи хуб буд. Дар баробари ин набояд

инчунин нақши Амрикоро ба унвони як нерӯи саввум дар муборизаи зидди сиёсати мустамликадории рус ва англис дар Эрон сарфи назар кард. Баръакс, Русияи тсезарӣ муҳимтарин душмани равшанфикрон ба қалам дода мешуд, агарчанде онҳо баъдтар ба низоми шуравӣ муносибати эҳтиромона доштанд.

Дар ҷараёни равшанфикрии эронӣ пас аз машрута Сайид Ҳасан Тақизода, Муҳаммад Алӣ Тарбият, Аллома Қазвинӣ, Мирзода Ишқӣ, Маликушшуаро Баҳор, Иброҳим Пури Довуд, Муҳаммад Алӣ Ҷамолзода ва Ҳусайн Козимзода Эроншаҳрӣшахсиятҳои муҳимтарин буданд, ки бархе аз онон ба рӯзноманигорӣ машғул буданд ва бархе аз онон дар маҳаллаи Эроншаҳр ва маҳаллаи Кова бо якдигар ҳамкорӣ карданд.  Гурӯҳи мазкур ба ҳамроҳии равшанфикроне, чун Ҳасани Парниё, Муҳаммад Алӣ Фурӯғӣ, Абдулҳусайн Темуртош, Сайид Аҳмад Касравӣ, Фархӣ Эзидӣ, Арбоб Кайхусрав Шоҳрух, Сайид Зиёуддин Таботабоӣ, Эраҷ Мирзо ва Ориф Қазвинӣ дар таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии Эрон, аз ҷумла зуҳури Ризошоҳ нақши муҳиме бозидаанд.

Дар умум мавзуъҳои дунявӣ дар даврони машрутиятхоҳии мардуми Эрон рангу таҷаллии махсусро касб менамояд. Давраи машрутиятхоҳӣ даврае буд, ки мардуми Эрон баъд аз муборизаҳои бардавоми озодихоҳӣ ба он даст ёфта буданд.  Низоми машрутият моҳиятан маҳдуд сохтани ҳокимияти шоҳ ва танзими ҳаёти сиёсӣ-иҷтиморо тибқи Конститутсия дар назар дошт.  Агарчанде давраи мазкур бар асари сиёсати зиддимардумӣ ва манфиатҷӯёнаи баъзе кишварҳои ғосиби хориҷӣ, чуноне ки мебоист, натиҷаи дилхоҳ надод, вай ба шоирони миллатдӯст ва меҳангарои эронӣ таъсири амиқ гузошт ва муайянкунандаи мазмуну мундариҷаи ашъори онҳо гардид. Яъне, барои шоирони меҳангаро ашъори хусусияти сиёсӣ-иҷтимоидоштаи озодии кишвар, ҳифзи арзишҳои миллӣ, тантанаи адолат ва амсоли инҳо мавзӯъҳои хеле мубрам ва ҳалталаб маҳсуб меёфтанд. Агар матлабро соддатар баён намоем, дар ашъори шоирони давраи мазкур

мавзӯъҳои дигари дунявӣ ҳам ҷой доштанд, аммо мавзӯъҳои фавқуззикр бештар чашмрас ва ҷавобгӯи талабот буданд.

Мушаххасан муҳимтарин хусусиятҳои равшанфикрони насли мазкур аз он иборат буд, ки аввалан, нигоҳи дутарафа (на комилан мусбат ва на комилан манфӣ) ба Ғарб доштанд. Аз як тараф, онҳо дастовардҳои фикрӣ ва илмии Ғарбро ба вижа дар ҳавзаи сохтори сиёсӣ ва ҳукумат (низоми мардумсолорӣ) ситоиш мекарданд. Аммо аз сӯи дигар ба сиёсатҳои мустамликадории давлатҳои ғарбӣ ба шиддат ҳамла мекарданд. Дар ин замина метавон ба ашъори Мирзозода Ишқӣ, Ориф Қазвинӣ, Маликушшуаро Баҳор, Сайид Ашрафиддини Гелонӣ, Фаррухи Эзидӣ ва Эраҷ Мирзо ишора кард.

Яке аз чунин шоирони барҷастаи меҳангаро, ки дар аксарияти ашъораш арзишҳои дунявиро асоси зиндагӣ маҳсуб медонад, Маликушшуаро Баҳор (1886-1951) мебошад. Ӯ ба ҳизби демократии Эрон, ки соли 1910 ташкил мегардад, аъзо гардида, ба раёсати он баргузида мешавад ва рӯномаи «Навбаҳор» - ро, ки органи ҳизби мазкур буд, таъсис дода мунташир мегардонад. Аммо нерӯҳои зиддимардумии дохилию хориҷӣ ин рӯзномаро мебанданд. Маликушшуаро Баҳор соли 1916 бо номи «Донишкада» маҳфили адабие ташкил намуда, ҳамзамон бо ҳамин ном нашрияе низ мунташир мегардонад. Шоири миллатдӯст бори дигар интишори рӯзномаи «Навбаҳор» - ро ба роҳ мемонад. Аммо боз ҳам рӯзнома баста мешавад. Шоири ширинкалом дар шеъри зерин озодиро арзиши олӣ ба қалам дода, беадолатиҳои замонаро мавриди танқид қарор медиҳад:

Мурғи гирифтор

Ман нагӯям, ки маро аз қафас озод кунед,
Қафасам бурда ба боғеву дилам шод кунед…
Ҷаври бедод кунад умри ҷавонон кӯтоҳ,
Эй бузургони Ватан бахри Худо дод кунед.
Гар шуд аз ҷаври шумо хонаи мӯрон вайрон
Хонаи хеш муҳол аст, ки обод кунед.
Кунҷи вайронаи зиндон шуд агар саҳми Баҳор,
Шукри озодиву он ганҷи худодод кунед.

Шоири дигари пурчӯшу хурӯштарини даврони мазкур Сайид Муҳаммадризо Ишқӣ (1894-1925) мебошад. Шоири меҳанпараст вазъи сиёсии Эронро дар шеъри зеринаш хеле воқеъбинона ва муассир ба қалам кашидааст.

Машриқзамин

Хирагӣ бингар, ки дар Мағрибзамин ғавғо ба пост,
Ин ҳаме гӯяд, ки Эрон аз ман, он гӯяд зи мост.
Эй гурӯҳи поки Машриқу Ҳинду Эрон, Турку Чин,
Бар сари Машриқзамин шуд чанг дар Мағрибзамин.
Дар Аврупо Осиёро луқмае пиндоштанд,
Ҳар як андар хӯрданаш чигилҳо бардоштанд.
То нахобад Шарқ, кай Мағриб барояд офтоб,
Ғарбро бедорӣ он гаҳ шуд, ки шуд шарқӣ ба хоб.
Дорам умед он ки гар шарқӣ биёбад иқтидор,
Аз пайи осоиши халқ иқтидор ояд ба кор.
На чун ғарбӣ одамеро ронда аз ҳар ҷо кунад,
Одамеро одамият чунин расво кунад.

Чӣ хеле ки аз мазмуни шеър бармеояд, шоири меҳанпарастро сиёсати истилогаронаи Ғарб сахт нороҳат намудааст. Ӯ дар шеъри худ аз он шиква намудааст, ки чун шарқӣ дар «хоб» мондааст, Ғарб чунин сиёсати ғосибонаро пиёда намудааст. Бо вуҷуди ин шоир умед бастааст, ки Шарқ низ рӯзе соҳибиқтидор гардида, осоиши халқро таъмин хоҳад намуд.

Шоири меҳанпарасти дигари даврони машрутият Орифи Қазвинист, ки аз харобазхор шудану маскани дуздон гардидани Эрон ба шиква омада, умед мебандад, ки Машрута мушкилоти иҷтимоӣ-сиёсии кишварашро ҳал хоҳад карпд:

…Харобае шуда Эрону маскани дуздон,
Кунам чӣ чора, ки ин ҷо пинҳонгоҳи ман аст.
Агарчӣ ишқи ватан мекушад маро, аммо
Хушам ба марг, ки ин дӯст хайрхоҳи ман аст.

-----------------------------------------------------------------------------

Паём душам аз пири Майфурӯш омад,
Бинӯш бода, ки як миллате ба ҳуш омад.
Ҳазор парда зи Эрон дарид истибдод,
Ҳазор шукр, ки Машрута пардапӯш омад.
Зи хоки поки шаҳидони роҳи озодӣ,
Бибин, ки хуни Сиёвуш чӣ сон ба ҷӯш омад…
Садои нолаи Ориф ба гӯши ҳар кӣ расид,

Чу даф ба сар заду чун чанг дар хурӯш омад.

Орифи Қазвинӣ дар мисраҳои мазкур аз он хурсанд гардидааст, ки миллати Эрон пардаи зулму истибдодро дарида, низоми Машрутаро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ҷорӣ намудааст. Шоири ватандӯст ин дастовардро маҳсули мубориза и шаҳидони роҳи озодӣ ба қалам додааст.

Аз ҷумлаи маҳбубтарин ва мардумитарин шоирони даврони машрутият инчунин Сайид Ашрафиддини Гелонӣ (Ҳусейнӣ) (1869-1935) зикр мегардад, ки бо тахаллуси «Насими Шимол» маъруф гардидааст.Ӯ дар шеъри «Гӯши шунаво кӯ?» вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии Эронро хеле ҷозибанок ва воқеӣ ба риштаи назм кашидааст:

То чанд кашӣ наъра, ки қонуни Худо кӯ,
Гӯши шунаво кӯ?
Он кас, ки диҳад гӯш ба арзи фуқаро ку,
Гӯши шунаво кӯ?
Мардум ҳама масту маланганд ба бозор,
Аз дин шуда безор?
Инсофу вафову сифату шарму ҳаё кӯ,
Гӯши шунаво кӯ?
Дар илму тараққӣ, ҳама офоқ иваз шуд,
Ахлоқ иваз шуд.
Моро ба сӯи илму яқин роҳнамо кӯ,
Гӯши шунаво кӯ?
Дар хонаи ҳамсоя арусист, о, мулло,
Баҳ-баҳ, боракаллоҳ!
Он шохи наботе, ки шавад қисмати мо кӯ?
Гӯши шунаво кӯ?
Афканда дусад ғулғула бар гунбади гардун
Савти граммофон,
Ҷӯши уламову фуқаҳову фузало кӯ,
Гӯши шунаво кӯ?
Як нимаи Эрон зи маориф ҳама дуранд
Ниме шалу кӯранд,
Андар кафи кӯрони ситамдида асо ку,
Гӯши шунаво кӯ?

Гелонӣ дар мисраҳои мазкур аз муҳити замои худ шикоят намуда, таъкид сохтааст, ки дар ҷомеа риояи қонуни Худо дида намешавад, ба арзи фақирон касе гӯш намедиҳад, мардум аз дин безор шудааст. Тамоми олам ба илм рӯ оварда, ахлоқро иваз намудаанд, моро бошад, ба сӯи илм

роҳнамое нест. Нисфи мардуми Эрон аз илму маърифат дур монда, бесавод гардидаанд. Ин дардро ба кӣ бояд гуфт, кист роҳнамо?

**Порчаҳо аз «Асри қадим ё асри ҷадид»**

Ҳамчу Гаршосп далере дошта ин сарзамин,
Золу Рустам наррашере дошта ин сарзамин.
Коваосон он амире дошта ин сарзамин,
Чун Фаридун мулкгире дошта ин сарзамин.
Боз Ширин дар бари Фарҳод гардад, ғам махӯр,
Мешавад Эрони мо обод гардад, ғам махӯр!..
Хоки Эрон чун Аврупо мешавад гулшан шавад,
Аз пайи дафъи аду миллат ба тан ҷавшан шавад.
Дафъи ҳар дузду хиёнаткору ҳар душман шавад,
Он замон чашми умуми мардум равшан шавад.
Муртафеъ ҳар ҷавру бедод гардад, ғам махӯр,
сМешавад Эрони мо обод гардад, ғам махӯр!

Аммо дар мисраҳои мазкур бошад, шоири меҳанпараст таърихи гузаштаю имрӯзаи Эронро бо ҳам пайваст намуда, баояндаи дурахшон умед мебандад. Ӯ аҳли ҷомеаро тасалло дода, таъкид менамояд, ки боз рӯзе Эрон обод мегардаду чун Аврупо пешрафт менамояд, душманонро аз раҳи худ дур андохта, зулму бедодиро решакан менамояд.

Дуввумин хусусияти муҳими фаъолияти равшанфикрони насли зикршуда аз озодии занон дифоъ намудан, баробарии марду занро талаб намудан ва расмҳою анъанаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиеро, ки барои ҳузур ва фаъолнокии занон дар ҷомеа монеа мешуданд, зери танқид гирифтан буд. Дар ин замина низ шоирони равшанфикри дар боло зикршуда - Мирзозода Ишқӣ, Маликушшуаро Баҳор, Ориф Қазвинӣ ва Эраҷ Мирзо ба муқобили ҳиҷоби занон шеърҳо эҷод карда буданд, зеро онҳо ҳиҷобро аз ҷумлаи муҳимтарин мавонеи ҳузури занон дар ҷомеа маҳсуб медонистанд.

Хусусияти сеюми фаъолияти равшанфикрии шоирони зикршуда танқиди мазҳаб ва ниҳодҳои мазҳабӣ буд. Онҳо мазҳабро ба сабаби омехтанаш бо хурофот танқид намуда, ҳамзамон таассуби фикрии бархе аз мазҳабиёнро низ зери ҳамла қарор медоданд. Албатта, дар ин замина, бархе монанди Эраҷ Мирзо ба мазҳаб ва унсурҳои мазҳабӣ ҳамла

мекарданд, дар ҳоле ки бархе дигар аз равшанфикрон монанди Мирзозода Ишқӣ ва Маликушшуаро Баҳор шамшери танқиди худро ба сӯи мардуми аввом ва рӯҳониён нигаронида буданд.

Чаҳорумин хусусияти равшанфикрон танқиди худи ҷомеа ва мардуми он буд. Онҳо одатан он расму русум ва анъанаҳои фарҳангиеро зери танқид мегирифтанд, ки боиси ақибмондагии кишвари Эрон ва монеаи рушду тараққӣ ва муосиршавии он буданд.

Хулоса, мазмуну мундариҷаи ашъори шоирони равшанфикри Эронро дар даврони машрутият ва ҳатто пештар аз он аксаран на масоили ирфонӣ, балки масоили умдаи ҳаётӣ, ки ҳам барои давлати Эрон ва ҳам халқи он муҳим буданд, ташкил менамуданд.

Зарурат ба таъкид аст, ки баъд аз ба сари қудрат омадани Ризошоҳшароити муносибе, ки барои фаъолияти равшанфикрон пас аз содир гардидани фармони машрутият ба вуҷуд омада буду фазои кушоди сиёсиро таъмин менамуд, аз байн меравад. Яъне, Ризошоҳ дар ин самт сиёсати духӯраро роҳандозӣ менамояд. Аз як тараф, иддае аз равшанфикронро зери фишор қарор медиҳад, аз тарафи дигар, ба рушди афкори динӣ низ монеа эҷод намуда, дунболагирӣ намудани роҳи дунявиро ҳадафи хеш қарор медиҳад. Дар натиҷа идҳои динии расмӣ, чун Муҳаррам ва Ошуро ва тантанаҳо мамнуъ мегарданд ва ба руҳонияти аҳли шиа тарғиб намудани ғояҳои ифротӣ манъ карда мешавад. Агарчанде анъанагароёни динӣ ӯро танқид менамоянд ва мушоҳидакорони хориҷӣ сиёсати ӯро авторитарӣ маҳсуб медонанд, Ризошоҳ кӯшиш мекард, ки Эронро кишвари дунявӣ намояду таъсири рӯҳонияти шиаро бар ҳокимият ва ҷомеа дур намояд. Бо вуҷуди ин дар давраи ҳукмронии ӯ дар Эрон аввалин ҳолатҳои ифротгароии исломӣ ва тундгароӣ ҳамчун вокуниш ба сиёсати дунявии ӯ пайдо мегардад. Масалан, нависанда ва сиёсатмадори дунявӣ Аҳмади Касравӣ аз тарафи ифротгароёни мусулмон кушта мешавад.

Алиасғари Шеърдӯст вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии нимаи авали садаи XX Эрон ба таври зер тасвир намудааст: «Ризо Паҳлавӣ бо ҳимояти Инглис ба шоҳӣ расид ва давлати англис аввалин давлате буд, ки ӯро ба расмият шинохт ва бад-ин тариқ пои истеъмсори Инглис ба таври густурдае дар Эрон боз шуд ва ба чаповули сарвату ғорати манобеи миллӣ пардохт ва ба хусус ширкатҳои инглисӣ нафти Эронро ба ғорат бурданд ва Ризошоҳ барои фиреби мардум ва ҷилавгирӣ аз норизоияти онҳо бо тазоҳур ба меҳандӯстӣ ва исломгароӣ ва ширкат дар маросими мазҳабӣ ва рафтан ба зиёрати атибои олия саъй мекард то назари мардум ва мусулмононро ба худ ҷалб кунад. Аммо ӯ дар ботин қасди решакан кардани дин ва мазҳабро дошт ва чанде нагузашт, ки бо уламо ва рӯҳониён ба мухолифат бархост ва бисёре аз маросиму ойинҳои азодориро мамнуъ эълон кард ва ҳатто дастур ба террор ва қатли рӯҳонии мубориз оятуллоҳ Мударрис дод… ва соли 1939 ӯро масмум карданд ва ба шаҳодат расониданд»[222].

Чуноне ки қайд намудем, Ризошоҳ – чӣ дар давраи нахуствазирӣ ва чӣ дар даврони салтанат – саъй менамояд, ки фаъолияти бархе аз насли аввали равшанфикронро маҳдуд созад ё онҳоро ҷисман аз миён бардорад. Мирзозода Ишқӣ соли 1925 бо супориши раиси шаҳр дар хонааш ҳадафи тирборон қарор гирифт ва кушта шуд ва Фаррухи Эзидӣ дар ҳаҷдаҳуми меҳри соли 1318 (1940) дар зиндони қаср ба дасти табиб Аҳмадӣ бо ампули ҳаво ба қатл расид. Равшанфикрони дигар монанди Маликушшуаро Баҳор ва Ориф Қазвинӣ зиндонӣ, табъид ё хонашин шуданд.

Тибқи андешаи муҳаққиқон бо бар тахт нишастани Ризошоҳ давраи аввали равшанфикрӣ ба поён мерасад ва насли дуввуми равшанфикрӣ ба вуҷуд меояд[223]. Ин насли равшанфикрӣ бо намунагирӣ аз Ғарб кӯшиш менамуд, ки мафҳумҳои ҷадиди ғарбиро дар Эрон роҳандозӣ намоянд. Сиёсати ҳамгунсозии фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар он давра маҳбубияти

---

[222]Алиасғари Шеърдӯст. Шеъри муосири Эрон. Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, Душанбе- 2012, - С. 20.
[223]Ҳамон ҷо;

фаровоне ёфта буд, зеро дар Ғарб низ чунин идеяҳое тарафдорони бисёре доштаанд. Дар паи роҳандозии чунин сиёсат ниҳодҳои наве, чун мадраса ва донишгоҳҳо аз тарафи равшанфикрон эҷод мегарданд. Ин насл чун насли пешин ба ҷуз аз талошҳо барои муосирсозӣ ва ғарбишавӣ бар имконниятҳои фарҳангӣ ва таърихии Эрон низ такя мекард. Аз ин ҷост, ки идеяҳое, чун тамаддуни бузург ва ё таърихи ҳазорон сола ва амсоли инҳо маҳсули ин насли равшанфикрон дониста мешавад.

Дар давраи Ризошоҳ дар натиҷаи эҷоди донишгоҳу мадрасаҳо ва сафарбарии бештари донишҷӯёни Эронӣ ба Аврупо эрониён бо суръати бештаре бо андешаҳои ғарбӣ ошно мешаванд. Бад-ин тартиб заминаи эҷоди насли саввуми равшанфикрӣ ба вуҷуд меояд, ки дар даврони паҳлавии дуввум аз худ дарак медиҳанд.Бо вуҷуди ин, пас аз сарнагунии Ризошоҳ ва кушта шудани Аҳмади Кисравӣ руҳоният ва нигоҳи динӣ бар нигоҳи дунявӣ ва равшанфикрӣ афзалият пайдо менамояд. Тадриҷан дар натиҷаимаҳдудии озодиҳо раванди равшанфикрии дунявӣ ба шиддат маҳдуд ва саркуб мегардад. Аз байни равшанфикрони насли мазкур метавон аз Ҳамид Иноят, Парвиз Нотили Хонларӣ ва Сайид Фахриддини Шодмон ёдовар шуд.

Ҳамин тариқ, баъд аз он ки Ризошоҳ бо зӯрӣ аз тахт сарнагун карда мешавад ва бо қушунҳои шуравию британӣ зимни воридшавияшон ба Эрон бадарға карда мешавад, давраи дунявият дар Эрон ба анҷом мерасад. Аз соли 1941 то соли 1953 дар Эрон демократия дар шакли зарурӣ барқарор карда мешавад, аммо рӯҳонияти шиа низ ба сабаби дастгирияш дар манотиқи деҳотии Эрони Марказӣ тавонист, ки ба сатҳи пешинаи ҳокимият ва таъсири худ баргардад.

Баъд аз соли 1953 ҳукумати Эрон ҷанбаҳои демократии худро тадриҷан аз даст дода, барои барқарор намудани сиёсати авторитарии Ризошоҳ ва бартараф намудани таъсири рӯҳонияти шиа ва дини муташаккил дар ҳукумат ва ҳаёти ҷамъиятӣ ҳар чӣ бештар чораҷӯӣ менамояд.Дар охири солҳои 60-ум Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ руҳониёни

динии итоаткорро водор менамояд, ки ба донишгоҳҳои давлатӣ рафта, чун мактабҳои католикӣ ва масеҳии фиқҳӣ сертификатсияи динӣ ва литсензия барои мавъизакунӣ гиранд. Муҳаммад Ризошоҳ дар солҳои 1970-ум барои маҳрум сохтани руҳонияти шиа аз ширкат дар парлумон ва барои ҷорӣ намудани маҳдудият барои зуҳуроти расмии дин ва риоя кардани маросими динӣ баъзе иқдомҳоро низ роҳандозӣ менамояд.

Ҳам Ризошоҳ ва ҳам Муҳаммад Ризошоҳ аз мактабҳои сиёсии классикии амрикоӣ ва фаронсавии баъдиинқилобӣ, ки барои ҷудоии дин аз давлат талош мекарданд, таассурот гирифта буданд, ва ҳар дуи онҳо дар рушди исломгароӣ ва исломи радикалӣ дар Эрон ва Шарқи Наздик британиягиҳоро гунаҳгор менамуданд. Аз ин рӯ, Эрони паҳлавӣ бо Фаронса ва ШМА муносибатҳои зичро фаъолона ба роҳ мемонад. Соли 1979 баъди сарнагун кардани ҳукумати сарвазир Шопур Бахтиёр дар моҳи феаврали ҳамон сол ҳукумати муваққатӣ дар зери роҳбарии сарвазир Бозаргон ташкил мегардад. Ин ҳукумат кӯшиш менамояд демократияи исломии миллӣ ба вуҷуд биёрад.  Ҳукумат сиёсати иқтисодии озоди бозоргониро роҳандозӣ менамояд, ки ба хоҳишу нақшаҳои Оятулло Руҳулло Ҳумайнӣ ва фраксияи ӯ, ки барои бунёди Республикаи исломӣ мубориза мебурд, мухолиф буданд. Ахиран ҳукумати Бозоргон ноябри соли 1979 ба таври оммавӣ баъди ғасби сафорати ШМА аз ҷониби донишҷӯёни ифротӣ ба анҷом мерасад. Интиҳои ҳукумати Бозаргон маънои интиҳои ҷорикунии дунявият дар Эронро дошт. Моҳи феврали соли 1980 ҳизби исломии ҷумҳуриявӣ ҳукумати теократии имрӯзаи Эронро бо Оятулло Ҳумайнӣ ба сифати Пешвои олии Эрон муқаррар намуд. Мухолифонидунявии ҳукумати исломӣ дар кишвар то соли 1984 фаъолият менамояд. Баъд аз он руҳоният онҳоро бо муртад будану бидъаткор будан гунаҳгор ҳисобида, дучори маҳбас мегардонад, ва ахиран ё ба қатл мерасонад ё бадарға менамояд.

Пурсиши Онлайн, ки соли 2020 гузаронида шудааст, 8,8 % эрониён худро атеист меҳисобанд, 22,2% динеро ибодат намекунанд ва танҳо 40%

худро мусалмон меноманд. Ҳолати мазкур ҳамчун гузариши эрониҳо ба дунявият зикр мегардад[224].

Ҳамин тариқ, агар ҳаракати дунявигароиро дар Эрон мавриди таҳқиқ қарор диҳем, мебинем, ки вай ба шакли барҷаста, чашмрас ва муҷалло аз нимаи аввали садаи XIX оғоз мегардад. Яъне, мо ҳаракати дунявигароиро бо раванди равшанандешии мардуми Эрон дар робитаи зич ва мустақим мебинем. Раванди равшанандешӣ низ дар навбати худ баъд аз он оғоз мегардад, ки шахсиятҳои пешқадам ва меҳанпарасти Эрони дар баҳри арзишҳои динӣ-хурофотии асримиёнагӣ ғӯтида ақибмонии ҳаматарафаи кишвари худро равшан эҳсос мекунанд. Онҳо масъалаи дунявии барои ҷомеаи онрӯзаи Эрон хеле муҳим ва зарурӣ – тараққӣ додани ҷомеаро дар мадди аввал гузошта, роҳи ягонаи ноилшавӣ ба ин ҳадафро дар оғоз дар ғарбгароӣ мебинанд. Аҳли ҷомеаро аз лиҳози илму маърифат ақибмонда ҳисобида, ҷавононро барои таҳсил ба Ғарб мефиристанд. Ҳамзамон онҳо нашри рӯзномаҳои мухталифи хусусияти таълимӣ ва раҳнамоидоштаро ба роҳ монда, дар онҳо ҳадафҳои дунявии хешро мунташир менамуданд. Шоирони ватандӯст дар ашъори худ озодиро ҳамчун арзиши оолӣ ситоиш намуда, сиёсати ғоратгарона ва мустамликачигии кишварҳои ғарбиро зери танқид қарор медоданд. Дар давраи ҳукмронии ҳар ду Ризошоҳ дар умум раванди дунявигароӣ дар Эрон нерӯ мегирад. Аммо кишварҳои ғарбӣ гирифтани пеши роҳи рушди Эронро ҳадафи худ қарор дода, бо ин мақсад раванди дингароиро ҳамчун силоҳи маҳсулнок ва муассири монеаи рушди ҷомеа ҳаматарафа пуштибонӣ менамоянд ва ахиран нерӯҳои дингароро ба сари қудрат меоранд. Нерӯҳои мазкур тадриҷан тамоми шахсиятҳои дунявигароро дар Эрон ҷисман нобуд месозанд. Аммо равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти мардуми Эрон низ бетаъсир намемонад ва мо мебинем, ки Эрон зоҳиран динӣ ва моҳиятан дунявӣ гашта истодааст.

---

[224]https://en.wikipedia.org/wiki/Secularism_in_Iran#:~:text=Secularism%20in%20Iran%20was%20established,exception%20of%20the%20mustache)%20illegal. Рӯзи муроҷиат: 18-08-2022. Соати 15-22

## 3.3.2. Ҷанбаҳои дунявӣ дар фаъолияти ислоҳотчигии маорифпарварони Ҳиндустон

Пайдоиш ва рушди ҳаракати дунявигароӣ дар байни мусулмонони Ҳиндустон бо фаъолияти Сайид Аҳмадхон сахт марбут аст. Муҳити сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии зист дар ӯ як шахсияти солимфикр, пешқадам, равшанфикр, некбин ва ислоҳгарро ташаккул додааст. Сайид Аҳмад Хон соли 1817 дар Деҳлӣ, ки ҳанӯз пойтахти империяи муғул дар ҳудуди Ҳиндутсон буд, таваллуд ёфтааст. Оилаи онҳо дар давраи император Акбар аз Афғонистон муҳоҷир шуда будааст[225]. Аз он вақт ин ҷониб оилаи онҳо дар дарбори шоҳ пайваста мақоми баландмартабаро ишғол мекардаанд.

Ҳодисаҳое, ки дар пеши чашми Сайид Аҳмад Хон сурат мегирифтанд, албатта ба ҷаҳонбинӣ ва муносибати вай ба ин ҳодисаҳо бетаъсир буда наметавонистанд.Ӯ чунин меҳисобид, ки мусулмонон на бояд бо британиягиҳо душманӣ варзанд, балки бояд маорифи англисҳоро аз худ намуда, ба сохтори ҳукумат ворид шаванд.

Вай аз он нороҳат мегардид, ки бисёре аз меъёрҳои анъанавии ислом ниҳоят сахт мебошанд ва бо афкори исломии замони ҳозира ҳамоҳанг шуда наметавонанд.

Ислоҳгар ва маорифпарвари дигари мусулмонони Ҳиндустон Сайид Амир Алӣ аст, ки соли 1849 дар Одишаи Ҳиндустон таваллуд шуда, соли 1928 дар Лондон вафот намудааст. Вай низ чунин мепиндошт, ки мусулмонон бояд шаъну шарафи гумкардаи худро танҳо тавассути пешрафт дар илму дониш бояд баргардонанд. Чун Сайид Аҳмад Хон ӯ низ чунин меҳисобид, ки мусулмонон бояд ба дастгирии британиягиҳо даст ёбанд.

Вай инчунин бо унвони «Мавқеи қонунии занҳо дар Ҳиндустон» китобе навишта, тағйиротҳои иҷтимоиро дар муносибат ба мавқеи занон ҳимоя менамояд ва мехост, ки дар нигоҳи мардони мусулмон дар

[225]https://proza.ru/2011/11/14/1169. Фатима Манзур. Исламский реформатор Индии Сэр Саид Ахмед Хан. Рӯзи муроҷиат: 07. 10. 2022. соат -10-55

муносибат ба занон тағйирот ворид созад. Аз ин лиҳоз вай ба бисёрзанӣ муқобил буд.

Аз байни ислоҳгарони дин Ваққум Муҳаммад Абдулқадир Мавлавӣ низ ҷаҳд менамуд, ки дар байни мусулмонон маорифи муосирро интишор намуда, онҳоро аз лиҳози сиёсӣ низ соҳибмаълумот намояд. Вай донандаи забонҳои малаялам, арабӣ, урду, форсӣ ва англисӣ буд. Вай ба забони малаялам як рӯзнома ва ду маҷалла ба нашр мерасонад. Ғайр аз ин вай маҷалаи арабие бо номи «Ал-ислом» низ ба чоп мерасонад. Муҳаммад Абдулқодир дар тарҷима намудани китобҳо аз забонҳои урду, форсӣ, арабӣ ва англисӣ дар Малаялам саҳми калон гузоштааст. Ваққум Мавлавӣ падари ислоҳоти иҷтимоӣ-динӣ дар Керала шинохта шудааст.

Дар қисмати ғарбии Ҳиндустон, ки Бенгал номида мешавад, саҳми Бегим Рокия дар интишори илму дониш дар байни занҳо ва зиёд намудани ваколатҳои онҳо хеле чашмрас мебошад. Вай пешоҳанги раванди маърифатноккунии занҳо дар Ҳиндустон маҳсуб меёбад. Вайро набудани озодии занҳо ва вобаста ба ин нақши маҳдуди онҳо дар рушди ҷомеаи мусулмонон нороҳат менамуд. Ӯ муътақид буд, ки танҳо тавассути илму маориф занҳои мусулмон метавонанд, ки кулбаи ҷаҳолат ва қафомонии иқтисодиро дарҳам шикананд. Бо ин мақсад вай соли 1911 дар Калкута аввалин мактабро барои духтарон таъсис медиҳад. Барои духтаронро ба мактаб овардан ӯ ба дари хонаи ҳар оила рафта, падару модаронро барои фиристодани духтарҳояшон ба мактаб розӣ мекунонд. Ғайр аз таъсиси мактабҳо вай инчунин ба фаъолияти феминистӣ низ машғул мегардад. Бо ин мақсад вай Иттиҳодияи Занҳои Мусулмонро бунёд менамояд ва соли 1926 Конфронси ин иттиҳодияро бахшида ба маорифи занҳои Бенгал раисӣ менамояд.

Бегим Рокия ҳомии баробарии занҳо ва мардҳо буд. Вай муътақид буд, ки ҳиҷоб дар рушди иҷтимоию иқтисодии занҳои мусулмон монеаи калонтарин маҳсуб меёбад. Ӯ афсус мехӯрд, ки занҳои мусулмон ба сабаби паст будани сатҳи илму донишашон ҷойи кор надоранд.

Бегим Рокия ғояҳои худро тавассути навиштаҳояш низ интишор менамуд. Вай ҳикоянавис ва новелист низ буд. Дар ҳикоя ва новелаҳои худ ӯ ба занҳои мусулмон талқин менамуд, ки торикию ҷаҳолат ва мардбартариро паси сар намоянд. Новелаи ӯ «Зани маҳдуд» ба муқоли ҳиҷоб нигаронида шуда буд. Новелаи дигари вай «Орзӯи Султона» олами хайёлиеро тасвир менамояд, ки дар он занҳо нақши пешбаранда доранд. Мубориазаҳои ӯ ҳосил доданд ва занҳои мусулмони Бенгал дар соҳаи илму маориф пешрафтҳои назаррас намуданд. Духтаре бо номи Фазилатуннисо аввалин духтари мусулмони соли 1926 донишгоҳи Дхакаро хатм намуда буд. Вай бар хилофи муқовимати муллоҳо барои илму дониши васеъ ва амиқ саъю талош намуд.

Ислоҳгари динии дигари нимаи дуюми садаи XIX Сайид Мумтоз Алӣ маҳсуб дониста мешавад. Вай низ аз ҷумлаи ҳомиҳои қавии ҳуқуқҳои занҳо буд ва муътақид буд, ки ислом мақоми занҳоро нисбат ба мардҳо паст намедонад. Вай мегуфт, ки аз нигоҳи Қуръон занҳо ва мардҳо баробаранд. Дар шахсияти вай ҳамин ҷанба хеле ғолиб аст, ки вай инсони маълумоти муосирдошта набуд, балки Дорулулуми Девбандро хатм намуда буд ва Қуръон ва фиқҳро дар назди Мавлоно Қосим Нанавтавӣ омӯхта буд. Новобаста ба ин, Сайид Мумтоз Алӣ доир ба занҳо нигоҳи инқилобӣ дошт, ки инро руҳонияти замонаш хуш надоштанд. Нигоҳу ғояҳои ӯ то андозае пешқадам буданд, ки ҳатто Сайид Аҳмад Хон ба ӯ маслиҳат медод, ки китобашро чоп накунад. Аммо ӯ китобашро зери унвони «Ҳуқуқ-ун-нисван» ба чоп расонд.  Китобро руҳоният намепазирад.

Баъзе далелҳои ғолибе, ки ӯ дар масъалаи баробарии занҳо ва мардҳо пешниҳод намуда буд, аз инҳо иборат мебошанд:

- Дар ҷавоб ба далели донишмандони дин дар хусуси мақоми поёнии занҳо дар нисбати занҳо бо такя ба Қуръон, ки бар ивази як шоҳиди мард шоҳидии ду занро зарур медонад, Сайид Мумтоз Алӣ иқрор менамуд, ки барои шаҳодат ду занро зарур шуморидани Қуръон на барои он аст, ки занро аз мард поён мешуморад, балки барои он аст, ки занҳо чун ҳайзбинӣ, ҳомиладоршавӣ ва ғайра проблемаҳои муайяне доранд, ки мардҳо

надоранд. Бинобар ин, ду зан ҳамчун шоҳид маслиҳат дода мешавад ба он мақсад, ки агар як зан омада натавонад, дуюмӣ шоҳидӣ дода тавонад.

- Дар ҷавоб ба далели дигари донишмандони исломӣ, ки ислом занро аз мард поёнтар медонад, зеро ягон пайғамбар аз ҷинси зан набудааст, Сайид Мумтоз Алӣ ҷавоб мегардонад, ки Худо мегӯяд, ки вай 124 ҳазор пайғамбар ба дунё фиристода аст, вале номи ҳамаи пайғамбарон маълум нестанд. Дар ҳолате, ки номи тамоми пайғамбаронро мо намедонем, чӣ тавр мо метавонем гӯем, ки ягон зан пайғамбар набуд?

Ҳамин тавр, Сайид Мумтоз Алӣ тамоми изҳороти донишмандони динро дар хусуси мақоми поёнии занҳо бо такя ба оёти Қуръон рад менамуд.

Сайид Мумтоз Алӣ ҳамчунин тафсири шаш ҷилдаи Қуръонро бо номи «Тафсир-ул-баён фи мақосид-ил-Қуръон навиштааст, ки аз тарафи донишмандони бузурги исломӣ, мисли Анваршоҳ Кашмирӣ, Мавлоно Абулкалом Озод ва Сайид Сулаймон Надвӣ баҳогузорӣ шудааст.

Сайид Мумтоз Алӣ инчунин маҷалае барои занонро бо унвони «Таҳзиб-ун-нисван» интишор менамояд, ки ба чоп расонандааш ҳамсараш Муҳаммадӣ Бегим буд.

Дар қатори ислоҳгарони дини мусулмонони Ҳиндустон инчунин саҳми Муҳаммад Насируддин, ки соли 1918 маҷалаи «Шавқат» - ро дар Бенгалӣ ба чоп расонда буд, дар самти огоҳии иҷтимоии занҳои Бенгал на бояд нодида гирифт. Дар маҷаллаи мазкур вай занҳои мусулмонро барои навиштани мақолаҳо дар бораи мушкилоташон дастгирӣ намуда, илҳом мебахшад.Дар он рӯзҳо занҳои мусулмон барои шавқ пайдо намудан ба адабиёт дастгирӣ намеёфтанд. Он занҳое, ки дар бораи ҳувияти худ пинҳонӣ менавиштанд, навиштаҳои онҳо бо номи мустаор ё номи шавҳарҳояшон ба чоп мерасид. Масалан, навиштаҳои Рокия Бегим зери унвони Р.Ш. Ҳусейн (Рокия Шақават Ҳусейн) чоп мегардид. Илова ба ин, чопи суратҳои занҳои саҳмгузор табу буд. Аммо чопкунандаи «Шавқат» ин анъанаро мешиканад. Вай навиштаҳои занҳоро бо номи воқеӣ ва суратҳояшон ба чоп мерасонд. Ин ҳолат муллоҳоро ноором мегардонд.

Онҳо Муҳаммад Насируддинро барои интишори бешармӣ дар байни занҳо ва вайрон намудани талаботи ҳиҷоб зери танқид мегиранд. Бо вуҷуди ин, бисёр занҳои нависанда бо номҳои шахсии худ менавиштагӣ шуданд.

Муҳаммад Насируддин ҳатто ба Фазилатуннисо, аввалин зани мусулмон, ки донишгоҳи Дҳакаро хатм намуда, барои таҳсили минбаъда ба хориҷа меравад, илҳом мебахшад. Ин ҳолат муллоҳоро ба хашм меорад ва дар зери таъсири иғвоҳои онҳо баъзе мусулмонон дар кӯча Муҳаммад Насируддинро зери лату куб қарор медиҳанд.

Барои рушди интеллектуалии мусулмонони Ҳиндустонҳамчунин Мавлоно Абулкалом Озод низ тавассути китобҳо ва маҷаллаҳои худ саҳмгузорӣ намудааст. Вай бар зидди таассуби динӣ мубориза бурда, ҷаҳонбинии либералиро дар байни мусулмонони Ҳиндустон тарғиб менамуд. С. Аршад менависад, ки «Ба шарофати таъсири идеологияи миллӣ ва дунявии ӯ буд, ки мусулмонони Ҳиндустон тавонистанд симои ҷомеаи мусулмононро, ки рӯҳияи дунявию либералӣ дошта, аз тафаккури ифротию тундгароӣ озод буд, ҳифз намоянд»[226].

Ғайр аз ин ислоҳотчиён боз баъзе фаъолон ва донишмандони дигаре низ буданд, ки дар ҳудуди қудрати маҳдуди худ дар ислоҳ намудани ҷомеаи мусулмонони Ҳиндустон саҳмгузорӣ намудаанд.

Дар хусуси саҳми маорифпарварони Ҳиндустонӣ дар интишори ғояҳои дунявигароӣ сухан ронда мо наметавонем андешаҳои пешқадам ва дунявигароёнаи Зиёуддини Сардори покистониро аз madди назар дур қарор диҳем. Қобили зикр аст, ки Зиёуддин Сардор, ки андешаҳои хешро бо номи «Ҷустуҷӯи исломи дунявӣ» дар маҷаллаи «Ҳуманист», ба табъ расонидааст, зуҳури дунявиятро дар таърихи ислом бисёр ҷолиб нишон додааст[227]. Қобили зикр аст, ки зимни баррасии масъалаи мазкур худи раванди фаолияти ҳаётии ӯ қобили таваҷҷӯҳи махсус мебошад. Ӯ дар солҳои 70-ум дар даврони донишҷуии худ вазифаи Муншии Умумии

---

[226]Ҳамон ҷо;

[227]http://www.guardian.co.uk/commentis-free/belief /2009/apr/09/religion-islam-egypt.

Иттиҳодияи Ҷамоаҳои Исломии Донишҷӯён (FOSIS) – ро ба уҳда доштааст. Чун дигар аъзоёни ҷамоа ин ҳангом ӯ дар зери таъсири сахти «Ихвон-ул-муслимин» - и Миср ва «Ҷамоати исломӣ» - и Покистон қарор доштааст, ки бар онҳо ҳамеша хуб будани ислом ва бад будани дунявиятро талқин менамудаанд. Танҳо баъд аз он ки ӯ таърихи исломро меомӯзад, дарк менамояд, ки таносуби мазкур, яъне муносибати байниҳамдигарии ислом бо дунявият на он қадар пурихтилоф аст. Дунявият ба ислом бегона нест. Вай дар таърихи ислом на танҳо мавқеи устувор доштааст, балки дар ташаккули афкори классикии исломӣ нақши интегралиро низ бозидааст.

Чизе, ки аслан ӯро ба тааҷҷуб овардааст, ҳамин будааст, ки давлатҳои исломӣ дар таърихи ислом на ҳамчун як ҳодисаи зарурӣ, балки чун ҳодисаи тасодуфӣ вуҷуд доштаанд. Империяҳои бузурги Уммавиҳою Аббосиҳо(661-1258) дар асоси қавоиди шахсию авторитарӣ устувор будаанд. Мутобаатии онҳо ба дин комилан расмӣ будааст. Ҳадди ақал онҳо давлатҳои нимдунявӣ будаанд. Дар таърихи ислом аз ин ҷиҳат ягона истисно давлати Фотимиҳо дар Миср ва Сурия (909-1171) будааст. Ҳамаи давлатҳое, ки баъдан пайдо шудаанд, таъкид месозад З. Сардор ҳатто бештар дунявӣ будаанд. Ҳокимони Фотимиҳо бошад, исмоилиҳои мутаассиб будаанд. Бо вуҷуди ин, ҳатто онҳо қодир набудаанд, ки ҳукми имони хешро бар давлат таҳмил созанд. Дар бисёр ҳолатҳо онҳо аъмоли давлатиро аз диди теологии исмоилӣ ҷудо қарор дода буданд.

Ба андешаи З. Сардор дунявият дар ислом барвақт зуҳур намудааст. Ақлгароёне, ки дар таърихи ислом бо номи муътазила, фалосифа, шуаро, худамои давлатӣ ва ғ. фаъолият намудаанд, аз зуҳури дунявият дарак медиҳанд. Чунин андешаи ақлгароён, ки тавассути ақли холис шахс медонад, ки чӣ тавр хушахлоқона рафтор намояд, нишонаи равшани дунявият мебошад.

Хулоса, ҷанбаи дунявии фаъолияти ислоҳгарони дини мусулмонони Ҳиндустон дар нукоти зерин ифода меёбад:

- онҳо кӯшиш менамуданд, ки дини исломро ба талаботҳои илму тағйиротҳои нави ҷомеаи муосир мутобиқ гардонанд;

- саросар маърифатноккунии аҳли ҷомеаро яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷомеа ба қалам медоданд;
- ҳиҷобро барои пешрафти занҳои мусулмон ҳамчун монеа арзёбӣ мекарданд;
- кӯшиш мекарданд, ки дар ҷомеа байни занҳо ва мардҳо баробарӣ вуҷуд дошта бошад. Бо ин мақсад оятҳои Қуръонро аз диди худ шарҳ медоданд;
- нақши занҳои мусалмонро баланд бардошта, саъй менамуданд, ки фаъолияти онҳо дар рушди ҷомеа назаррас бошад;

## 3.4. Муосирсози (Модернсозӣ) - и дини ислом ҳамчун омили амиқ ва қавӣ гардидани дунявият

Барои дарки дуруст ва таҳқиқи воқеъбинонаи мавзуи мазкур зарурати шарҳи вожаи «модернизатсия» пеш меояд. Дар луғатномаи «Толковый словарь русского языка» дар зери муаллифии С.И Ожегов ва Н.Ю Шведова феъли «модернизировать», ки бо исми мазкур як маъниро ифода менамояд, ба таври зер шарҳ дода шудааст: «Такмил додан, ба талаботи замони ҳозира ҷавобгӯ сохтан». Маънии зикршуда дар луғатномаи «Большой эниклопедический словарь» қариб бетағйир такрор шудааст. Дар сарчашмаҳои интернетӣ инчунин маъноҳои зерини вожаи мазкур дучор мегарданд: «Модернизация (аз англ.modern-муосир, пешқадам, таҷдидшуда) – раванди таҷдид намудани объект, онро ба меъёрҳо ва талаботҳои нав, шароитҳои техникӣ мутобиқ гардонидан»[228].

Дар сарчашмаҳои форсӣ шарҳи зерини мафҳуми зикршуда дучор мегардад: «Мудернити (Modernity) ба маънои таҷаддуд ва навгароӣ аст, яъне гузиниши он чӣ ҷадид ва мудерн аст ва гароиш ба он, мудерн (modern), яъне он чӣ ҷадид, нав, имрӯзӣ ва муосир аст. Ба инсони мутаҷаддид ва навгаро инсони мудерн гуфта мешавад. Ва мудернизм (modernism), яъне асолат додан ба он чӣ мудерн ва ҷадид аст. Ба иборати дигар, идеяи равиши ҷадидро бар идеяи равиши суннатӣ ва собиқ тарҷеҳ додан ва ба он асолат ва эътибор бахшидан.

---

[228]Ru.m.wikipedia.org. Рӯзимуроҷиат. 30.11.2022. С. 14-16.

Вожаи мудерн баргирифта аз калимаи лотинии (Modernus) аст, ки худ аз калимаи Modo иштиқоқ ёфта аст. Лафзи Modo ба маънои ин авохир, ба тозагӣ ва гузаштҳои бисёр наздик аст. Гуфта шудааст: румиён дар авохири қарни панҷуми мелодӣ лафзи (moderni)-ро дар мавриди арзишҳо ва боварҳои машкуки ҷадид ба кор мебаранд, арзишҳое, ки дар муқобили боварҳое пазируфта шуда, қадимӣ буданд ва бо лафзи (Antiqui) аз онҳо таъбир меоварданд»[229].

Ҳамчунин нуқтаи назаре вуҷуд дорад, ки модерният (modernity) сифати муосир, ҳозира, имрӯза будан аст, ки тарзи ҳозира ё имрӯзаи зиндагӣ ё тафаккурро дар назар дорад. Модерният одатан ҳамчун даврае тасвир карда мешавад, ки ба хотири низомҳо ва меъёрҳои нав ва тезрушдкунандае, чун ақлгароӣ, озодии шахсӣ, фардгароӣ, пешрафти иҷтимоӣ, илмӣ ва технологӣ, саноатикунонӣ, касбишавӣ, дунявигароӣ, мардумсолории намояндагӣ, таҳсилоти ҷамъиятӣ ва ғайра бо шак овардан ё инкор намудани анъана ва якшаклии нормативии вай, ҳамчунин якнавъии сохторин вай фарқ менамояд[230].

Дар асоси гуфтаҳои зикршуда агар матлабро мушаххас баён намоем, пас модернизатсия ё муосиргардонӣ аз меъёру низомҳои пешина даст кашида, меъёру низомҳои навро вобаста ба муҳити нав роҳандозӣ намудан аст. Бидуни тардид қонунияти мазкур барои дин низ хос мебошад.

Дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ аз ҳаёти моддии одамон, махсусан муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ ва сиёсию маънавии онҳо вобастагии зич дорад. Ин вобастагӣ дар пайдоишу инкишофи анвои мухталифи дин –аз шакли анимистии дин ибтидо ёфтан ва ба шакли дини тавҳидии ҷаҳонӣ расидан ифодаи равшан ва барҷастаи худро меёбад. Ҳамин вобастагӣ дар шакли мутобиқшавии дин ба шароитҳои нави ҳаётӣ амалӣ мегардад. Ин мутобиқшавӣ дар навбати худ бо хоҳишу ирода, ҳадафҳо ва сатҳи шуурнокии офарандагону рушдбахшандагони дин

---

[229]Ислом ва мудернити. Алӣ Рабонӣ Гулбойгонӣ//Каломиисломӣ. 1382, шумора 46.Ensani.ir. Рӯзи муроҷиат: 30.11.2022. Соати 14-31.
[230]Islamandmodernity.https://www.islamicity.org/9110/islam-and-modernity/ Рӯзи муроҷиат: 30.11.2022 С.8-48.

робитаи зич дорад. Ба қавли дигар, рушди ҳаёти моддии одамон, ки пешрафти қобилияти маърифатии онҳо, аз ҷумла таҳаввули шуури динии онҳоро низ дар назар дорад, ҳамзамон дар шаклҳои нисбатан пешрафтатар ва фарогиртари дин инъикос мегардад.Назарияи мазкур тавассути таҳқиқоти бархе аз диншиносон бо далелҳои равшан ва муътамад собит карда шудааст[231].

Раванди мутобиқшавии шуури диниро ба сатҳи пешрафти ҳаёти моддӣ ё муҳити моддии тағйирёфта метавон ҳамчун модернизатсияи дин (ё муосиргардии дин низ) ном бурд. Қонунияти мазкур, яъне робитаи байни шароитҳои моддӣ ва тағйир ёфтани навъи дин дар шакли ба худ хос дар таърихи таҳаввули ҳатто як дин низ ба зоҳир мерасад[232]. Дар ҳолати мазкур на худи дин, балки баъзе ҷанбаҳои таълимоти динӣ тағйир ёфта, ба муҳити нав мутобиқ гардонида мешавад. Аз ин андеша на бояд чунин хулосаи мутлақ баровард, ки муҳит дигар гардид, пас дин низ дигар мегардад. Албатта, ҳолати мазкур низ истисно нест, мисли он ки муҳити сиёсии Осиёи Миёна зери дасти арабҳо гардид, онҳо дини мардуми маҳаллиро нест карда, ба ҷойи он дини худро ҷорӣ карданд. Ё император Константин дини масеҳиро дини расмии империя эълон намуд, баъд аз он тамоми динҳои дигар тадриҷан рӯ ба нестӣ оварданд. Муроди мо аз андешаи фавқуззикр на тағйиротҳои куллии тағйири динро воҷибкунанда, балки тағйиротҳои ҷузъие дар ҳаёти мардум аст, ки онҳо низ дар навбати худ тағйироти ҷузъиро дар баъзе самтҳои таълимоти динӣ тақозо менамоянд. Ба таври мисол, агар мо муҳити сиёсию маънавии давраи халифа Маъмунро пеши назар оварем, мебинем, ки таълимоти ҷараёни муътазилӣ

[231]Ниг.Абдулхаев Кароматт Абдухалилович. Историко-философский анализ эволюции идеи бога. Автореферат на соискание ученой степени кандидата философских наук по специальности религиоведение, философия культуры, философская антропология, Душанбе: 2005; Агасиева Азиз кызы. Философско-методологические аспекты модернизации ислама в современной Турции. https://www.dissercat.com/ Рӯзи муроҷиат: 26.11.202, соати 9-00.
[232]Агасиева Азиз кызы. Философско-методологические аспекты модернизации ислама в современной Турции. https://www.dissercat.com/ Рӯзи муроҷиат: 26.11.2022, соати 9-00.

дар ҷомеа ҳукмрон гардид, аммо баъди халифа Маъмун, чун муҳит дигар гардид, таълимоти ҳукмрони динии ҷомеа низ тағйир ёфт. Ба ҳамин монанд, агар фаъолияти рисолатии пайғамбари исломро дар Маккаи пеш аз истило ва Мадина муқоиса намоем, мебинем, ки нигоҳ ва муносибати пайғамбар ба баъзе масъалаҳо тағйир ёфтааст. Аз ин нуқтаи назар модернизация вобаста ба муҳит муаррифӣ намудани таълимоти исломро дар назар дорад. Ба қавли дигар, агар модернизатсия барои мо мутобиқшавӣ ба талаботҳои муҳити иҷтимоию фарҳангии қарни XXI бошад, пас барои мусулмони қарни XVIII ё қарни VII модернизатсия мутобиқшавӣ ба муҳити сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии қарнҳои зикршуда мебошад.

Агар раванди модерншавиро дар дини ислом мавриди таҳқиқ қарор диҳем, мо ба зоҳир расидани онро дар ду самт баръало мушоҳида менамоем. Ин ду самт яке исломи амалист ва дигаре исломи назариявӣ. Манзури мо аз исломи амалӣ дар ҳаёт ва фаъолияти амалии мусулмонон вобаста ба муҳит ва тақозои замон ба зоҳир расидани тағйироту дигаргуниҳо аст. Дар зери ибораи исломи назариявӣ бошад, мо андешаи донишмандони исломиеро дар назар дорем, ки таълимоти исломро вобаста ба муҳит ва хусусиятҳои замони нав шарҳу эзоҳ медиҳанд. Дар самти мазкур андешаи ҳам донишмандони муосири олами ислом, ҳам муфассирони Қуръон ва ҳам ислоҳотчиёни дин дар назар дошта мешавад.

Дар заминаи мантиқи баёншуда метавон изҳор дошт, ки дар дини ислом модернизатсия аллакай аз давраи пайғамбар оғоз гардидааст. Яъне, пайғамбари ислом Муҳаммад шахсияти модерн буд. Худи тавлиди дини ислом аз тарафи Муҳаммад раванди модернсозии ҷомеаи араб аст. Муҳаммад чун ба хубӣ дарк менамояд, ки берун аз ҳудуди Арабистон аллакай ба яккахудоӣ пардохта, кайҳо аз парастиши бут даст кашидаанд ва ин раванд ба ҳудуди Арабистон ворид шуда, густариш ёфта истодааст, дар заминаи динҳои ҳукмрони мавҷуда дини исломро тавлид менамояд. Яъне, аз корвони умумии таърих қафо намонам гӯён бо истифода аз дин қавми арабро чун қавмҳои гирду атроф муттаҳид намуда, соҳибдавлату яккахудо

гардонд. Аммо бо ин фаъолияти модернсозии Муҳаммад ба анҷом намерасад. Таҳлилу таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки пайғамбар дар тамоми тӯли ҳаёташ вобаста ба муҳит амал менамуд. Фаъолияти ӯ дар Маккаи ҳоло истилонашуда аз фаъолияти ӯ дар Мадина куллан фарқ менамояд. Дар Макка ӯ то андозае сархамона ва муросокорона амал менамояд. Дар Мадина ӯ аллакай ба фаъолияти истилогарона, таҳдидгарона, ғоратгарона даст мезанад. Амалҳои ӯ вобаста ба нерӯ гирифтани ҷамоаи мусулмонон аз ҳам фарқ менамоянд. Яку якбора ӯ қавмҳои яҳудро аз Мадина пеш намекунад. Вай онҳоро яке баъди дигаре баъд аз ғалабаҳояш аз болои душмани асосияш-мушрикони Макка аз Мадина меронад. Дар муносибат бо қавмҳои яҳуди Мадина вай усулҳои гуногунро истифода мебарад. Агар як қавмро бо чизу чораашон пеш карда бошад, мардони қавми дигарро сар задааст. Дар ҷангҳо низ вай вобаста ба муҳити сиёсию имконият ва иқтидорҳо роҳҳои гуногунро истифода намудааст. Агар дар ҷанги Хандақ Муҳаммад бо маслиҳати Салмони Форсӣ кандани Хандақро истифода карда бошад, ҳамзамон вай усули тафриқа андохтан дар байни душманонро низ истифода бурдааст. Дар тақсими амволи ғоратгардида низ вай ҳамеша принсипи ягонаро истифода намебурд.  Аз ҷумла, баъди ҷанги Тоиф Муҳаммад ба Абу Суфён, ки дар байни қурайшиҳо нуфузи зиёд дошт, ва фарзандони вай бештар моли ғоратшударо медиҳад, то тавассути онҳо нерӯи худро боз ҳам нерӯмандтар гардонад. Яъне, ҳукми муҳити сиёсию иҷтимоӣ муайянкунандаи фаъолияти рисолатии пайғамбар буданд.

Ҳамин тариқ, модернизатсия дар шакли мутобиқ ба муҳити нав амал намудан қариб дар ҳамаи давраҳои таърихи дини ислом дар шаклҳои гуногун вуҷуд дошт. Ин ҷо месазад, ки намунаеро аз рафтори баъзе халифаҳо, ки пештар зикр шуда буд, бори дигар ёдовар шавем. Тибқи маълумоти таърихнигорон халифаҳои рошиддин ба халқ наздик буда, бо халқ якҷоя намоз мехонданд, дар ҳолате, ки халифаи умавӣ Валид ибни Абдумалик (705-715) зимни иҷрои ҳаҷ дар масҷиди пайғамбар дар Мадина ҳамаи одамони оддиро аз он ҷо пеш менамояд. Падари ӯ, халифаибо сахтгирияш машҳур Абдумалик ибни Марвон(685-705) бошад, ба

муосирони худ гуфтааст: «Шумо аз ман ҳамон сифатҳои ахлоқиеро талаб мекунед, ки Абубакр ва Умар доштаанд, оё худи шумо метавонед ҳамон тавре зиндагӣ намоед, ки одамон дар ҳамон қарн зиндагӣ намудаанд?»[233]. Барои он ки рафтори ду халифи зикршуда воқеъбинона баҳогузорӣ карда шаванд, зарур мегардад, ба мавқеи ислом доир ба масъалаи зикршуда равшанӣ андозем. Дар Қуръон гуфта шудааст: «Ба дурустӣ, ки барои шумо – барои касе, ки (савоби) Худо ва рӯзи охирро умед дорад ва Худоро бисёр ёд мекунад, дар (кори) пайғамбари Худо иқтидои писандидае ҳаст» (Аҳзоб, 33:21). Яъне, рафтору кирдори пайғамбар барои мусулмон намунаи нек ва муҷиби пайравист. Пайравӣ аз пайғамбар аз лиҳози динӣ суннат арзёбӣ мегардад. Пайғамбар бошад, пӯшидани либосҳои қиматбаҳо, хӯроку нӯшокиҳои баландарзишро хуш надошт. Муъминон бояд аз доштани зару зеварҳои қиматарзиш канораҷӯӣ намоянд. Худи пайғамбар оддӣ мепӯшид. Ба худ пӯшидани либоси шоҳӣ ва дигар либосҳои қиматро ҷоиз намешуморид. Ҳатто баъди пайғамбар шуданаш низ либосҳояшро худаш мешӯст ва дарбеҳ менамуд. Дар баробари либосҳояш хӯрокаш низ хеле оддӣ буд. Меваи хурмо, нони ҷавӣ, шир, хӯроки анъанавии ӯ будааст. Гӯштро тахминан як маротиба дар як ҳафта истеъмол менамуд. Ба сабаби хоксорӣ ва доштани сару либоси якхела бо атрофиёнаш ӯро аз дигарон фарқ намудан ғайриимкон буд. Шахсе, ки ӯро намешинохт, ба масҷид омада, аз байни намозгузорон ӯро фарқ карда наметавонист. Боре ба назди ӯ духтараш Фотима меояду аз мушкилоташ дар обкашонӣ ва бо даст майда намудани гандум шикоят менамояд. Ин ҳангом пайғамбар дар байни мусулмонон ғулому канизҳоро тақсим менамуд. Аммо ӯ ба ҷуз дуое, ки падараш омӯзонида буд, ҳеҷ кӯмаке намегирад. Боре дигар, вақте Умар ба хонаи Пайғамбар меояду хонаро аз назар мегузаронад ва дар хона ба ҷуз бурёи аз барги палма бофташуда ва андаке ҷав дар халтаи кӯҳнаи дар мех овезонкардашуда чизе намеёбад, аз чашмонаш об мерезад. Пайғамбар

[233]Шайх Муҳаммад Хузарӣ. «Сират-ул-яқин» тарҷумаи «Нур-ул-яқин». Тарҷумаи Мулло Мустазъафи Қаротекгинӣ. Душанбе, 2010. – С.398-399.

мепурсад, ки чаро ту гиря мекунӣ? Умар ҷавоб медиҳад, ки чӣ тавр гиря накунам? Тсезар (шоҳи Рум) ва Хусрав (шоҳи Форс) аз лаззатҳои ин дунё баҳра мебаранд, аммо расули Худо ба ҷуз он чӣ, ки мебинам, чизе надорад». Муҳаммад рафиқи содиқи худро таскин намуда, мегӯяд: «Умар, магар ту розӣ нестӣ, ки тсезар ва Хусрав ин чизҳоро дар ҳаёти заминӣ доранд, аммо барои мо тамоми ҳаёти оянда ба пуррагӣ тааллуқ хоҳад дошт». «Ва ононро, ки зару нуқраро захира мекунанд ва онро дар роҳи Худо харҷ наменамоянд, аз азоби дарднок хабар деҳ» (Тавба, 9: 34)[234].

Агар хукми ояти мазкур ва тарзи зиндагонии пайғамбарро ҳамчун суннат бо тарзи зиндагии халифаҳои ислом муқоиса намоем, мо дармеёбем, ки ин фарзу суннат барвақт тарк шуда буду олами ислом дар доираи имконот модерн гардида буд.

Ба қавли дигар, агар мо тарзи ҳаёти пайғамбарро, ки пайравӣ аз онро Қуръон фармудаасту имрӯз аз тарафи дингароҳои ҷомеа ҳамчун пайравӣ аз суннат таблиғу тарғиб карда мешавад, асоси зиндагии исломӣ қарор диҳем, пас модерншавии ҳаёти мусулмононро мо на танҳо дар рафтори ду халифаи зикршуда, балки дар аъмоли халифаҳои аввал мушоҳида менамоем. Дар ин хусус исломшинос А.Б.Оришев дуруст қайд менамояд, ки «ҳамаи он чӣ, ки баъди пайғамбар буд, ин мубориза барои ҳокимият байни шахсони мушаххас буд, ки даҳҳо ҳазор, ва баъзан миллионҳо шахсони ниёзмандро фиреб намуда, худро сайёдони нафс ва ҳокимони олами ҳастӣ вонамуд мекарданд. Ҳар як халиф дар бораи ислом тасаввуроти худро дошт ва ҳар яке барои нотакрор будан талош мекард. Илова ба ин, дар байни саҳобагони пайғамбар ҳатто зимни дар ҳаёт будани ӯ ашхосе низ буданд, ки аз чизе норизо буданд»[235].

Бо вуҷуди ин, агар рафтори ду халифаро баҳогузорӣ намоем, мебинем, ки дур қарор гирифтани онҳо аз марҳилаи ибтидоии пайдоиши ислом, махсусан давраи зиндагии пайғамбар, ки шомили ҳар чӣ бештари

---

[234] https://applied-research.ru/ru/article/view?id=7064 Оришев А.Б. Принципы ислама: Эволюция вероучения // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2015. – № 8-1. – С. 167-171;URL: Рӯзи муроҷиат: 26.11.2022.
[235]Ҳамон ҷо.

динияту қудсият буд, ифодаи амалии худро дар муносибати халифаҳои зикршуда ба мусулмонон ёфтааст. Амали Валид ибни Абдумалик ба он ишора менамояд, ки муқаррароти динии баробарии одамон зимни ибодат барои ӯ аллакай моҳияти худро гум кардааст. Рафтору гуфтори халиф Абдулмалик ибни Марвон бошад, далели равшани таъсири муҳити нави иҷтимоӣ дар фаъолияти ҳаётии мусулмонон мебошад. Яъне, муҳити нав ҳам халиф ва ҳам мусулмононро аллакай дигар намудааст. Ба қавли дигар, ҳамагӣ панҷоҳ сол кифоят намудааст, ки дар маркази ҷаҳони ислом муносибат ба дин ва талаботҳои динӣ тағйир ёбаду аз як
нигоҳ, раванди десакрализатсия, ва аз нигоҳи дигар, раванди модернизатсия сурат гирад.

Ҳамчунин, дар давраи халифа Маъмун мазҳаби расмии хилофат гардидани таълимоти муътазиларо метавон ҳамчун модернизатсия ба қалам дод. Чун дар хилофат дар баробари таълимоти динӣ ақлгароӣ низ рушд менамуд, халифа Маъмун, ки шахсияти соҳибилму ақлгаро буд, мазҳаби мазкурро мазҳаби расмии хилофат қарор дод. Ин мазҳаб дар хилофат то он вақте вуҷуд дошт, ки нерӯҳои кӯҳнапарасту иртиҷоӣ ба сари қудрат наомаданд, яъне баъди марги Маъмун.

Чи хеле, ки аллакай зикр гардид, самти дигари модернизатсия - исломи назариявист, яъне ба инобат гирифта шудани хусусиятҳои муҳити нави сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар таълимоти донишмандони исломӣ. Чуноне ки таҳлилу таҳқиқҳо далолат менамоянд, дар исломи назариявӣ низ қариб дар тамоми бахшҳо модернизатсия мушоҳида мешавад. Ин ҷо мо азм менамоем, ки сурат гирифтани модернизатсияро тибқи нақшаи зерин мавриди таҳқиқ қарор диҳем: модернизатсия дар афкори муфассирони Қуръон, модернизатсия дар афкор ва ақоиди ислоҳгарони дин ва маорифпарварон ва модернизатсия дар афкори донишмандони муосири дин.

Новобаста ба он, ки худи Қуръон китоби нимаи аввали асри VII аст, дар андешаи муфассирон зимни шарҳи баъзе оятҳо вобаста ба муҳит ва тақозои замон тағйиротҳо ба чашм мерасанд. Ҳолати мазкурро мо зимни

ошноӣ бо шарҳи ояти 201 аз сураи «Бақара», ки аз тарафи мардум зимни дуохонӣ пайваста садо медиҳад, равшан мушоҳида менамоем. Ояти мазкур чунин садо медиҳад: «Ва аз мардум касе ҳаст, ки мегӯяд: «Эй Парвардигори мо, ба мо дар дунё неъмат ва дар охират неъмат бидеҳ ва моро аз азоби оташ (-и дӯзах) нигоҳ дор!». Бояд гуфт, ки калимаи «неъмат», ки дар оят дида мешавад, дар шакли арабияш «ҳасана» аст ва он дар тафсирҳо ба маъноҳои гуногун омадааст. Муфассири маъруф Ибни Аббос, ки дар қарни VII зиндагӣ намудааст, дар зери мафҳуми «ҳасана» (неъмат)-и дунё «илм, ибодат, покӣ аз гуноҳ, шаҳодат ва ғанимат» - ро фаҳмидааст[236]. Муфассири дигари машҳур Ибни Касир, ки дар қарни XIV зиндагӣ намудааст, дар зери мафҳуми «ҳасана» маъноҳои «саломатӣ, меҳмонхона, зани хуб, мулки васеъ, донишҳои хуб, аъмоли нек, нақлиёти қулай, номи нек» ва амсоли инҳоро зикр намудааст[237]. Муфассири маъруфи нимаи дуюми қарни XX Ваҳбаи Зуҳайлӣ, ки тафсираш «Тафсир-ул-мунир», соли 1995 дар олами ислом китоби беҳтарин дониста шуд, дар шарҳи мафҳуми «ҳасана» ба калимаҳои «тавфиқ, саломатӣ ва неъмат» ишора намудааст[238]. Агар мундариҷаи шарҳҳоро муқоиса намоем, мебинем, ки дар шарҳи Ибни Аббос асосан арзишҳои диние, чун илм, ибодат, покӣ аз гуноҳ, шаҳодат ва ғанимат зикр гардидаанд. Қобили зикр аст, ки ин ҷо дар зери мафҳуми «илм» танҳо донишҳои динӣ, яъне донистани маълумотҳои динӣ дар назар дошта мешаванд. Барои муҳити динии он замон фаҳмиши «илм» ҳамчун маҷмӯи донишҳои назариявие, ки ҳақиқати онҳо тавассути таҷриба собит аст, бегона буд, чуноне ки имрӯз бегона аст. Дар зери мафҳуми «ғанимат» арзишҳои моддие фаҳмида мешаванд, ки тавассути ҷанг ба даст оварда мешаванд. Аммо дар тафсири Ибни Касир ва Ваҳбаи Зуҳайлӣ, ки яке

---

236http://www.shamela.ws. ал-мактабату-ш-шомилату. Ал-Қуръон-ул-карим ва тафсируҳу.
237http://play.google.com>store>apps>details. Коран.Перевод Э.Кулиева (Т. ас-Саади и Ибн Касира).
238http//www.fikr.com. ал-Ваҳба аз-Зуҳайлӣ. ат-Тафсир-ул-мунир фи-л-ақидат в-аш-шариат в-ал-манҳаҷ. Дор-ул-фикр.Димашқ.

муфассири асрҳои миёна ва дигарӣ муфассири муосир аст, дар зери мафҳуми «ҳасана» мо аслан зикр шудани арзишҳои дунявиро мушоҳида менамоем.

Ҳамчунин шарҳи ояти зерин низ дар тафсири муфассири замони пайғамбар, муфассири асрҳои миёна ва муфассири муосир хеле ҷолиб мебошад: «Ва ҳамчунин Қуръони арабиро ба сӯи ту ваҳй фиристодем, то аҳли Макка ва касонеро, ки гирдогирди он ҳастанд, битарсонӣ ва аз рӯзи қиёмат, ки дар он ҳеҷ шубҳае нест, битарсонӣ: гурӯҳе дар биҳишт бошанд ва гурӯҳе – дар дӯзах» (Шуро, 42:7). Ояти мазкур аз тарафи мо ба хотири он мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифт, ки тибқи ояти мазкур Қуръон ба забони арабӣ танҳо барои тарсонидани мардуми Макка ва атрофи он фиристода шудааст. Бояд гуфт, ки тарҷимаи тоҷикии пешниҳодшуда комилан дуруст аст. Аммо шарҳи оят дар тафсири Ибни Аббос ба таври зер омадааст: «Ҳамчунин нозил кардем ба сӯи ту Ҷабраилро бо Қуръон ба забони арабӣ то бо Қуръон мардуми Макка ва кишварҳои атрофи онро бо рӯзи қиёмат, ки дар он аҳли замину осмон ҷамъ меоянд, битарсонӣ». Дар тафсири мазкур истифодаи мафҳуми «кишвар» дар асоси фаҳмиши муфассир сурат гирифтааст.

Шарҳи ояти зикршуда дар тафсири Ибни Касир дар шакли зер омадааст: “Ҳамчуноне, ки пайғамбаронро то ту талқин намудем, ба ту низ бо ваҳйи Қуръон ба забони арабӣ ба забони равшан ва фаҳмо талқин намудем, то ту модари шаҳрҳоро, яъне Макка ва онҳоеро, ки дар атрофи он ҳастанд, яъне заминҳои боқимондаро дар Шарқ ва Ғарб огоҳ намоӣ”[239]. Тафсири Ибни Касир низ бо тарҷимаи тоҷикии оят мувофиқат менамояд, лекин зикр шудани Шарқ ва Ғарб эҷоди муфассир мебошад.

Шарҳи оят дар тафсири муфассири муосир Абдураҳмон ибни Носир ас-Саъдӣ шакли зеринро гирифтааст: “Суханони Китоби ба ту ваҳй фиристодашуда фаҳмоянд ва маънояшон равшан аст. Бинобар ин, ту бояд, дар навбати аввал қабилаи арабро хабардор намоӣ, ва баъдан тамоми

---

[239]Ҳамон ҷо. (Дар оянда андешаҳои муфассирон Ибни Касир ва ас-Саъдӣ дар асоси сарчашмаи фавқуззикр истифода мешаванд).

инсониятро”. Шарҳи мазкур аз маънои асли оят тафовут дорад. Дар он ба ҷои Макка “қабилаи араб” омада, ба ҷои “мардуми атрофи он” ибораи “тамоми инсоният” омадааст.

Аз таҳлилу муқоисаи мундариҷаи шарҳҳо бармеояд, ки муфассирон оятро тибқи фаҳмиши худ вобаста ба муҳити нав шарҳ додаанд. Махсусан, дар тафсири муфассири муосир Абдураҳмон ибни Носир ас-Саъдӣ андешае дида мешавад, ки дар муфассирони пешин нест. Яъне, на дар тафсири Ибни Аббос ва на дар тафсири Ибни Касир дар зери мафҳуми “Макка ва атрофи он” тамоми инсоният дар назар дошта намешавад. Ибораи “тамоми инсоният” маҳсули эҷоди муфассири муосир Абдураҳмон ибни Носир ас-Саъдӣ аст.

Ҳамчунин мо шарҳи ояти 32 аз сураи “Духон”-ро, китаваҷҷуҳангез мебошад, мавриди муқоиса қарор додем. Тарҷимаи тоҷикии оят чунин аст: “Ва ба ростӣ, ки банӣ Исроилро дониста бар оламиён баргузидем”. Ояти мазкур дар тафсири Ибни Аббос дар шакли зер омадааст: “Бани Исроилро, чуноне, ки донистем, бар мардумони замонашон бо манн, салво, китоб, расулон, наҷот аз Фиръавн ва қавмаш  ва наҷот аз ғарқ баргузидем”. Яъне, Ибни Аббос аз кадом ҷиҳат баргузида шудани Банӣ Исроилро зикр намудааст.

Донишманди машҳури асрҳои миёна Ибни Касир ояти мазкурро ба тavри зер шарҳ додааст: “Мо онҳоро баргузидем ва нисбат ба дигар халқҳо дар асоси дониш баландмақом гардондем”. Муҷоҳид гуфтааст: “Маълум мегардад, ки онҳо нисбат ба дигар халқҳое, ки дар он вақт зиндагӣ кардаанд, баландмақом гардонда шуда будаанд.”Қатода гуфтааст: “Аз байни дигар халқҳои он замон баргузида шуда будаанд”. Ибни Касир дар асоси сарчашмаҳо нисбат ба дигар халқҳо баландмақом гардонида шудани қавми мазкурро таъкид намудааст.

Муфассири муосир Абдураҳмон ибни Носир ас-Саъдӣ маънои оятро дар шакли зер пешниҳод намудааст: “Аз ибтидо ба Аллоҳ маълум буд, ки яҳудиҳо ба раҳмати Худо ба онҳо беэътиноӣ менамоянд.Новобаста аз ин, Вай фарзандони Исроилро баргузид ва нисбат бар халқҳои дигар, ки то

онҳо зиндагӣ карда буданд ва ё баъди онҳо омаданд,баландмақом гардонд, то он вақте ки ҷамоаи пайғамбар Муҳаммад(с) пайдо шуд. Ҳангоме, ки дар рӯи замин ҷамоаи мусулмонони тақводор пайдо шуд, Аллоҳ онҳоро нисбат ба халқҳои боқимонда ва изроилиҳо баландмақом гардонд. Мусулмонҳо аз байни тамоми халқиятҳои рӯи замин аз оғоз то имрӯз беҳтарин халқ гардиданд ва Аллоҳ онҳоро он қадар шарафманд гардонд, ки то онҳо ҳеҷ халқро чунин шарафманд нагардонда буд".

Агар мундариҷаи се тафсирро доир ба мақоми исроилиҳо муқоиса намоем, мо дар байни онҳо тафовути ҷиддиро мушоҳида менамоем. Дар тафсири Ибни Аббос баргузида шудани Бани Исроил бо сифатҳои мазкур, яъне доштани манн, салво, китоб, расулон, наҷот аз Фиръавн ва қавмаш ва наҷот аз ғарқ таъкид мегардад. Дар тафсири Ибни Касир бидуни зикри аломате баргузида шудани қавми мазкур таъкид мегардад. Аммо дар тафсири ас-Саъдӣ бошад, маънои ба оят мухолиф пешниҳод гардидааст. Яъне, баргузида шудани Бани Исроил падидаи муваққатӣ маҳсуб ёфта, дар асл Худо ҷамоаи мусулмононро баргузида будааст. Пас, ас-Саъдӣ мазмуни ояти Қуръонро бо дарназардошти вазъи сиёсии замони имрӯза, махсусан муносибати манфии олами ислом нисбат ба Банӣ Исроил тағйир додааст. Ба қавли дигар, андешаеро, ки дар оят нест, ас-Саъдӣ он андешаро дар тафсири худ ворид намудааст.

Вақте доир ба мавзуи модернизм дар ислом сухан меронем, дарҳол мавзуи мақоми илм дар ислом низ пеши назар ҷилвагар мешавад. Мавзуи мазкур низ хеле муҳим ва ҳалталаб маҳсуб меёбад. Аввалан, вожаи илм дар Қуръон васеъ истифода мегардад. Сонияи, ба ҳеҷ кас пушида нест, ки аз асрҳои миёна то ин ҷониб пешвоёни дин бо ҳар васила ба сабаби дарки ихтилофи таълимоти дин ба таълимоти илм пеши роҳи рушди илмро мегирифтанд. Ахиран, дар таълимоти ислоҳгарони дин, махсусан модернгароёни дини ислом, чуноне ки поёнтар хоҳем дид, созгории дини ислом бо илм, яъне набудани мушкил дар муносибати байниҳамдигарии дин ва илм ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии истифодаи вожаи "илм" дар Қуръон ва маъное, ки дар зери он дар назар дошта мешавад,

ҳамчунин муқоиса намудани он маъно бо таълимоти модернгароён хеле муҳим мебошад.

Дар Қуръон дар сураи “Сабаъ”, ояти 6 гуфта шудааст: “Ва касоне, ки ба онҳо илм дода шудааст, мебинанд, ки он чи аз ҷониби Парвардигорат ба ту фуруд оварда шуд, рост аст ва ба сӯи роҳи (худои) Ғолиби Сутудакор далолат мекунад”. Ибни Аббос ояти мазкурро ба таври зер шарҳ додааст: “Онон, ки ба онҳо илм, яъне дониши Таврот дода шуд, манзур Абдуллоҳ ибни Салом ва асҳобаш мебошанд, мебинанд, ки он чӣ аз сӯи Парвардигорат ба сӯи ту фиристода шуд, яъне Қуръон, ҳақ аст ва ба сӯи роҳи ғолиб ҳидоят мекунад, яъне ба дини ғолиби сутудакор далолат мекунад”. Дар шарҳи мазкур дар зери мафҳуми “илм” донистани Таврот дар назар дошта шудааст. Мафҳуми “илм” дар тафсири Ибни Касир ба таври зер шарҳ дода шудааст: “Вақте муъминон бо чашмони худ фарорасии Қиёмат ва ҷазою сазо гирифтани гунаҳгорону солеҳонро мебинанд, инчунин онҳое, ки тибқи китобҳои пешинаи Аллоҳ амал карданд, мегӯянд: “Ва ба дурустӣ, ки фиристодагони Парвардигори мо ба ростӣ омаданд”(Аъроф, 7: 43). Яъне, дар зери мафҳуми илм фарорасиии қиёмат ва ҷазою сазо гирифтани гунаҳгорону солеҳон фаҳмида мешавад. Дар тафсири ас-Саъдӣ дар зери мафҳуми мазкур дониши равшан дар бораи дурустии Китоби Аллоҳ фиристодашуда фаҳмида мешавад. Хулоса, дар зери мафҳуми “илм”, ки дар ояти 6 аз сураи “Сабаъ” оварда шудааст, ба ҳеҷ ваҷҳ донишҳои илмии муосир бояд дар назар дошта нашаванд.

Фаҳмиши маънои вожаи илм дар ояти зерин низ, ки дар шакли арабияш “илм” истифода шуда, дар шакли тоҷикӣ “дониш” тарҷима гардидааст, ҳамчунин ҷолиб мебошад: “Ва бигӯ: Эй Парвардигори ман, маро доনише биафзой”.(Тоҳо,20:114). Қобили зикр аст, ки воизони имрӯзаи ҷомеа ояти мазкурро фаровон истифода намуда, дар зери он донишҳои илмии муосирро дар назар гирифта, даъво менамоянд, ки Қуръон аз ибтидо донишҳои илмии пешрафтаро тарғибу ташвиқ менамуд. Ҳол он ки ояти мазкурро Ибни Аббос ба таври зер шарҳ додааст: “Ва бигӯ, эй Муҳаммад, Парвардигори ман илми маро зиёд намо, яъне аз лиҳози

хотира, фаҳмиш ва ҳукм ба Қуръон". Дар тафсири Ибни Касир доир ба ин оят гуфта мешавад, ки вақте Муҳаммад ояти Қуръонро мехонд, вай дар изтироб афтода, лабону забонашро меҷунбонд. Аз ин рӯ, қисмати аввали оят ҳукм мекунад, ки дар Қуръон шитоб макун то тамоми Қуръон нозил гардад. "Ва бигӯ: "Парвардигори ман, дониши маро зиёд намо, яъне ба ман дониши зиёдтар аз Худат деҳ". Дар тафсири ас-Саъдӣ низ маънои мазкур такрор гардидааст. Яъне, ҳукми ояти "Парвардигоро, дониши маро зиёд намо", маҳз дониш дар бораи Қуръонро дар назар дорад, на донишҳои дунявии муосирро, чуноне ки воизони имрӯза бардурӯғ оятро шарҳ медиҳанд.

Хулоса, вожаи илм дар Қуръон ҳеҷ умумияте бо фаҳмиши имрӯзаи мафҳуми "илм" надорад. Нуктаи мазкурро инчунин нигоҳи донишманди хеле машҳур, вале мутаассиби олами ислом Муҳаммад Ғазолӣ низ собит менамояд. Ӯ дар хусуси илм сухан ронда, онро шомили даҳ асл медонад ва ҳамаи даҳ асл ба омӯзиши зоту сифоти Худо ва дигар масоили динӣ бахшида шудаанд[240].

Вобаста ба мундариҷаи мафҳуми "дониш" бошад, зикр намудани нуқтаи назари донишманди дигари машҳури олами ислом Ибни Қаййими Ҷавзӣ аз манфиат холӣ нест: "Дониш ин сухани Аллоҳ, сухани расули Ӯ ва он аст, ки саҳобаҳо гуфтаанд, на дурӯғи бо зебоӣ баёнкардашуда; вай муқобилгузории аблаҳонаи афкори фақеҳон ба суханони Расул ва инкори сифатҳои Аллоҳ, ки бо кӯшиши иҷтиноб намудан аз шабеҳ шумурдани Холиқ ва махлуқ асоснок карда мешавад, нест"[241].

Чӣ хеле ки андешаҳои донишмандони маъруфи олами ислом далолат менамоянд, дини ислом дар зери мафҳумҳои "илм" ва "дониш" танҳо донишҳои диниро дар назар дорад. Аз ин рӯ, ҳама гуна кӯшиши дар зери мафҳумҳои зикршуда ифода намудани донишҳои илмии муосир нигоҳи модерн маҳсуб меёбад.

---

[240]Муҳаммад Ғазолӣ. Китоб-ул-арбаин. Тарҷимаи Бурҳониддин Ҳамдӣ. (Ба хати форсӣ). Теҳрон-1381. – С. 19-42.
[241]Asar-forum.com. «Таков наш призыв»-шейха аль-Албани. Рӯзи муроҷиат: 30.12.2022. Соати 20-50.

Бахши хеле муҳими раванди модернгароиро дар исломи назариявӣ таълимоти ислоҳгарон, маорифпарварон ва таблиғгарони дунявият ташкил менамояд. Дар қисмати пешин доир ба афкори дунявигароӣ дар олами араб, кишвари Эрон ва Ҳиндустон сухан ронда будем. Қобили зикр аст, ки дар таълимоти аксари ислоҳгарони дину маорифпарварон ҷанбаи модернгароӣ хеле равшан ба мушоҳида мерасад. Аз як нигоҳ худи фаъолияти ислоҳгароёна ва маорифпарваронаи онҳо ҳамзамон метавонад, ки модернгароӣ номида шавад. Аз ин рӯ, аз баррасии муфассали модернгароӣ дар таълимоти ислоҳгарону маорифпарварон худдорӣ намуда, ҷанбаи модернгароиро дар афкори яке аз ислоҳгарони маъруфи олами ислом Ҷамолуддин Афғонӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Агарчанде дар қисмати пешин доир ба афкору ақоиди Чамолуддин Афғонӣ маълумот дода будем, лекин ҷанбаи модернгароёнаи таълимоти ӯ водор менамояд, ки ба он бори дигар таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ дар асл як шахсияти мутаассиби динӣ ва ифротгарост. Вай ба фармудаҳои дақиқ ва равшани қуръонӣ чашм пӯшида, дар зери таъсири равандҳои имрӯзаи ҷаҳонишавӣ мефармояд: “Фақру тангдастӣ, зиллат ва маскинат, накбат ва парешонӣ ҳангоме тасаллути худро мегустуронад, ки ҷаҳолати мардум бештар шавад. Тоҷи раҳбарии дунё “илм” аст...бидуни илм на касе ба шиносоии ҷаҳон даст меёбад ва на ёфта аст. Ҷаҳл ҷуз ин чорае надорад, ки пешонӣ бар остони илм бимолад. Давлату сарват ҳама натиҷаи илм аст”[242]. Албатта, дар дурустии ин андешаҳо шубҳае нест. Дар андешаи мазкур дар зери мафҳуми “илм” Ҷамолуддин Афғонӣ маҳз донишҳои муосирро дар назар дорад, на он фаҳмишеро, ки Муҳаммад Ғазолӣ ё Ибни Қаййим ифода намудаанд. Дар заминаи андешаҳои Ҷамолуддин Афғонӣ ҳамчунин саволе бармеояд, ки андешаҳои мазкури ӯ  бо баъзе аҳкоми қуръонӣ ва андешаи баъзе аз донишмандони имрӯзаи афғон, ки “ризқу рӯзиатро на аз касбат, балкӣ аз Худо дон” мегӯянд, то ба кадом андоза мутобиқат менамоянд? Ба ҳамин

[242]Шоҳ Абдулқайюм. Сайид Ҷамолуддини Афғон, шахсият ва афкор. Мутарҷим: Абдураҳим Аҳмад Парвонӣ. –Кобул. Бунгоҳи интишорот ва матбааи Майванд, 2010. – С. 26.

монанд боз саволе пайдо мешавад, ки андешаи зерини шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ Ҷозеф Эрнст Ренанро, ки дар суханронияш зери унвони “Ислом ва илм” ироа кардааст, чӣ тавр баҳогузорӣ намуд:“Ислом зойидаи тафаккури аъроби бодиянишин аст, ки тавонистанд ба зури шамшер маданияти қадими Руму Сосониро аз байн баранд. Ислом, ки дар ибтидои пайдоиши худ заиф буд ва ба ҳамин ҷиҳат натавонист илму донишро дар манотиқи мутасаррифа дар асраъи вақт аз байн барад, вақте аз қувват ва нерӯ бархӯрдор гашт, раҳбарони динӣ ва ҳуккомаш дар табонӣ бо ҳам фалсафа, улуми ақлӣ ва истидлолиро бо қувват дарҳам кубиданд. Ӯ гуфт, ки дини ислом таслими маҳз ба тақдирро ривоҷ дода ва дастур медиҳад мардум ба ҳар гуфтааш чашму гӯш баста, муътақид гарданд. Ин дин бар зеҳну андеша қуфл баста ба тақлиди кӯр-кӯрона исрор меварзад ва ҳар гуна мухолифат, интиқод ва табассурро дар боби дастурҳои худ ноҷоиз шумурда, ва гуноҳ мепиндорад”[243]. Дар робита ба ин андешаи шарқшиноси маъруф Э. Ренан ҳаминро метавон гуфт, ки ҳақиқати андешаҳои ӯ, чуноне ки зимни огоҳӣ бо ҳукми баъзе аз оятҳои қуръонӣ поёнтар хоҳем дид, бебаҳс мебошанд.

Дар муқобили ин гуфтаҳо андешаҳои зерини Ҷамолуддин Афғонӣ таваҷҷуҳангез буда, нигоҳи модерн маҳсуб меёбанд: “Сайид Афғонӣ дар ин иртибот ба мардум мегуфт, ки замину осмон ва ҳар он чӣ ки дар онҳост, ҳамаи он маншаи шинохти худованд аст, чунки фақат аз ҳамин роҳ аст, ки метавон ба шиносоии ҳақиқат даст ёфт. Аммо барои ин кор бояд улуми ҷадид ва сайенсро фаро гирифт; фалсафа ва риёзӣ, табииёт ва нуҷум ва қонунро мутолиа кард ва ба хусус рози тараққии кишварҳои пешрафтаро бояд дарк намуд”[244].

Андешаи Сайид Афғонӣ: “Маншаи шинохти Худованд будани замину осмон ва ҳамаи чизе, ки дар онҳост” шахсро ба чунин андеша водор менамояд, ки мусулмонон баҳри шинохти Худованд бояд пеш аз ҳама ба табиат рӯ оваранд, на “илм”-еро чун илоҳиётшиносӣ эҷод намоянд. Ин

[243]Ҳамон ҷо; - С. 60-61.
[244]Ҳамон ҷо; - С. 25.

андеша дар олами исломи имрӯза модерн маҳсуб меёбад. Зеро нигоҳи мазкур аслан бо табиати таълимоти динӣ созгор нест. Бе сабаб нест, ки дар асрҳои миёна омӯзиши улуми ба истилоҳи имрӯза ҷадид, фалсафа ва табииёт мамнуъ буд ва донишмандони илмҳои зикршуда ҳатто зери таъқиб низ қарор мегирифтанд.

Бинобар ин, ҷои шакке нест, ки андешаҳои баённамудаи Ҷамолуддин Афғонӣ на танҳо ба мавқеъ ва нигоҳи донишмандони асрҳои миёнаи исломӣ зид аст, балки ҳукми бархе аз оятҳои қуръониро низ зери андеша қарор медиҳад. Яъне, дар зери таъсири тағйиротҳои муосири ҷомеаи башарӣ рӯ овардани ислоҳгарон ва модернгароёни исломӣ ба навовариҳо дар дин онҳоро водор месозад, ки ба оятҳои ба қудрати беинтиҳои Худованд ишоранамоянда бояд шарҳи нав пешниҳод намоянд. Барои равшанӣ андохтан ба масъалаи мавриди таҳқиқ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки чанд ояти Қуръон, ки ҳукмашон бо андешаҳои мазкури Ҷамолуддин Афғонӣ дар хусуси “фаро гирифтани улуми ҷадиду сайенс ва дарк намудани рози тараққии кишварҳои пешрафта” ихтилоф доранд, пешниҳод гардад:

-ҳукми ояти 117 аз сураи “Бақара”: “Бишав!” ва мешавад”. Вобаста ба ҳукми ояти мазкур савол пайдо мешавад, ки амри баёншуда, ки аз иродаи Худованд вобаста будани ҳама чизро ифода менамояд, магар зарурати илм ва технологияи ҷадидро дар пешрафти ҷомеа истисно намегардонад?

-ҳукми ояти 212 аз сураи “Бақара”:“Худо ба ҳар кӣ хоҳад, бешумор рӯзӣ медиҳад”. Дар робита ба мазмуни ояти мазкур пурсида мешавад, ки вақте рӯзии шахс аз хости Худо вобаста аст, пас барои омӯхтани рози тараққии кишварҳои пешрафта, чӣ зарурате вуҷуд дорад?

-ҳукми ояти 26 аз сураи “Оли Имрон”:Бигӯ: “Бор Худоё,эй Худованди подшоҳӣ, ба ҳар ки хоҳӣ, подшоҳӣ медиҳӣ; ва аз ҳар кӣ хоҳӣ подшоҳиро бозмегирӣ; ва ҳар киро хоҳӣ, арҷманд месозӣ; ва ҳар киро хоҳӣ, хор месозӣ”.

-ҳукми ояти 73 аз сураи “Оли Имрон”: “Неъмат ба дасти худо аст, онро ба ҳар кӣ хоҳад медиҳад”.

-ҳукми ояти 2 аз сураи “Фурқон”: Ва ҳар чизеро биофарид, пас, онро ба андозаи дақиқ андоза кард”. Ояти мазкурро Ибни Касир шарҳ дода навиштааст: Ҳама чиз дар зери назорат, идора, роҳбарӣ ва тақдири муайяннамудаи Ӯст”. Абдураҳмон Ибни Носир ас-Саъдӣ низ дар шарҳаш ҳамин маъниро ифода намуда, онро бо оятҳои 1-3 аз сураи 87 (Номи Парвардигори аз ҳама Бартарини худро ба покӣ ёд кун - Он [Худое], ки бофарид ва дурустандом кард” ва он [Худое], ки андоза кард, пас, роҳ намуд;) тақвият додааст. Тибқи оятҳои охир инсон аз озодии ирода маҳрум аст. Пас, андешаи Ҷ. Афғонӣ дар хусуси “рӯ овардан ба улуми нав ё сайенс ва дарк намудани рози кишварҳои пешрафта” модернгароӣ маҳсуб меёбад.

Қобили зикр аст, ки дар Қуръон оятҳо бо маънои зикршуда зиёданд ва чанд ояти овардашуда ҳақиқати гуфтаҳои Э. Ренанро собит сохта, модерн будани нигоҳи Ҷамолуддин Афғониро асоснок менамоянд.

Ҳамчунин нигоҳи Ҷамолуддин Афғонӣ нисбат ба занҳо низ модерн маҳсуб меёбад, зеро дар тӯли асрҳои пешин занҳо дар олами ислом ва дар Афғонистон ҳатто имрӯз низ комилан аз ҳаққи таҳсил маҳрум буданд. Дигаргуниҳои азими иҷтимоӣ сабаби тағйирёбии нигоҳи як шахсияти ифротии динӣ дар нисбати занҳо гардидаанд. Сайид Ҷамолуддин Афғонӣ дар соли 1889 гуфтааст: “Ин дуруст нест, ки танҳо мардон ҳаққи таҳсилро доранд ва занон аз он маҳруманд. Ман шуморо огоҳ месозам, ки мусалмонон агар ба занон иҷозаи таҳсилро надиҳанд, аз заъф, ҷаҳолат ва расвоӣ наҷот намеёбанд. Тифл дар оғуши модар худ таълими ибтидоӣ, тафаккур ва ахлоқро фаро мегирад ва оғуши модар аввалин мадрасаи фитрии инсон аст, ки дар он тифл аз масоли дин ва дунё огоҳ мегардад ва ахлоқу шахсияташ шакл мегирад. Нақше, ки дар тифлӣ дар зеҳни инсон нақш мебандад, то охири умр маҳф намегардад. Дурӯғ гуфтан, дуздӣ кардан гуноҳ аст, моли дигаронро ғасб кардан нодуруст аст, ғайбат кардан гуноҳ аст, фарогирии адаб ва шавқи таҳсил инҳо ҳама хусусиёт ва дарсҳое аст, ки атфол дар мактаби оғуши модар фаро мегирад. Ба ҳамин сабаб аст, ки модар бояд огоҳ ва ба усули иҷтимоъ ва ниёзҳои он воқиф

бошад”[245]. Модерн будани андешаҳои мазкури Афғониро воқеияти олами ислом то садаи XX ва вазъи занон дар Афғонистони имрӯзапурра собит менамоянд.

Қобили зикр аст, ки афкори модернгароӣ ҳатто дар чунин самти хеле шахшуда, чун фиқҳи исломӣ низ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, яке аз шахсиятҳои маъруфи олами ислом, ки номаш дар радифи пайравони ташкилоти террористӣ-экстремистии Ихвонулмуслимин низ зикр мегардад, собиқ раиси Шӯрои уламои олами ислом Юсуф Қарзовӣ китобаш «Муъҷиботу тағайюр-ил-фатво фи асрино» - ро (Воҷибкунандагони тағйири фатво дар замони мо) маҳз ба масъалаи мазкур бахшидааст.

Ю. Қарзовӣ донишмандони муосири олами ислом Муҳаммад Рашид Ризо, шайхи Азҳар Маҳмуд Шалтут, Муҳаммад Абӯ Заҳро, Мустафо Зарқо, ва бисёре аз муфтиҳои Миср ва дигар донишмандони шинохтаро бо асарҳои ба фатво бахшидаашон зикр намуда, ҳамзамон таъкид менамояд, ки яке аз боризтарин чизе, ки дар ин фатвоҳо бояд ба он аҳамият дод, таваҷҷуҳ намудан ба воҷибкунандагони тағйири фатво аст, ки муҳаққиқон аз уламои уммат ба он ишора намудаанд. Яъне, онҳо ба воҷиб будани тағйири фатво вобаста ба тағйири замон, макон, урф ва ҳолат сухан гуфтаанд. Ю. Қарзовӣ ба воҷибкунандагони мазкур боз чанд воҷибкунандаи дигарро, ки замона онҳоро тибқи андешаи ӯ тақозо менамудааст, изофа карда, шумораи онҳоро ба даҳ расонидааст. Воҷибкунандагони иловагии тағйири фатво аз нигоҳи Қарзовӣ инҳоянд: тағйири маълумот, тағйири ҳоҷатҳои одамон, тағйири қудрат ва имкониятҳояшон, умуми будани балоюю бадбахтиҳо, тағйири вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, тағйири раъй ва фикр.

Қобили зикр аст, ки донишмандони исломӣ барои тағйири фатво боз ҳам ба далелҳои қуръонӣ рӯ овардаанд. Бо ин мақсад Ю Қарзовӣ оятҳои 65 ва 66 аз сураи «Анфол»-ро зикр намудааст. Дар ояти 65 гуфта мешавад, ки агар аз шумо бист нафар босабр бошад, бар дусад нафар, ва агар сад нафар

[245]Ҳамон ҷо, - С. 109.

босабр бошад, бар ҳазор нафар ғолиб хоҳад шуд. Аммо дар ояти баъдӣ гуфта мешавад, ки акнун Худо ба шумо ба сабаби заъфатон сабукӣ дод. Пас, агар шумо сад нафар босабр бошед, бар дусад нафар ғолиб мешавед. Яъне, мутобиқи фармудаи Худо таносуби як бар даҳ ба сабаби заъф бар як бар ду иваз гардид. Ба қавли дигар, ҳатто дар Қуръон низ зимни баёни ҳукм хусусиятҳои муҳит ба инобат гирифта шудааст. Қарзовӣ доир ба зарурати тағйири фатво инчунин ҳадисҳои зеринро низ нақл менамояд: шахсе аз пайғамбар дар бораи мубошара (ҳамхобӣ) барои рӯзадор мепурсад. Ба ӯ иҷозат медиҳад. Шахси дигар меояд ва айнан ҳамон чизро мепурсад. Пайғамбар ба ӯ ҷавоби рад медиҳад. Оне, ки ба ӯ иҷозат медиҳад, мӯйсафед будааст, ва оне, ки ба вай ҷавоби рад додааст, ҷавон будааст. Қарзовӣ ҳадиси зикршударо заифсанад ва ғайри эътимод дониста, боз ҳадиси зерро овардааст. Ӯ аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ривояти зернинро овардааст: Мо дар назди пайғамбар будем, ҷавоне омад ва пурсид: Ё расулаллоҳ, метавонам бӯса кунам, дар ҳолате, ки рӯзадор бошам. Пайғамбар гуфт: не. Пас, пире омад ва гуфт: Ё расулаллоҳ, метавонам бӯса кунам, дар ҳоле, ки ман рӯзадорам. Пайғамбар гуфт: оре. Мо ба сӯи ҳамдигар назар андохтем. Пайғамбар гуфт: ман аз сӯи ҳамдигар назар андохтанатон фаҳмидам. Ҳар оина мӯйсафед нафсашро медорад.

Акнун саволи мубрам аз он иборат аст, ки дар заминаи даҳ воҷибкунандаи тағйири фатво ва намунаҳои аз Қуръону аҳодис овардаи Ю Қарзовӣ чӣ бардоште ҳосил мегардад?

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки тағйири фатво моҳиятан модерносозии таълимоти исломӣ маҳсуб меёбад. Чизе, ки дар ин самт қобили таваҷҷуҳ аст, бо истифода аз Қуръон ва аҳодис асоснок гардидани тағйири фатво аст. Яъне, вақте ки худи Қуръон вобаста ба вазъ ва қудрату имконият тағйири ҳукм намудааст, вақте ки пайғамбар вобаста ба ҳолат тағйири амр намудааст, вақте ки донишмандони маъруфи олами ислом вобаста ба шароит тағйири фатворо воҷиб мешуморанд, пас дар қарни XXI зиста, боз ҳам ислом ва таълимоти онро тибқи фаҳмиши мусулмонони замони пайғамбар шарҳу эзоҳ додан маънои нодида гирифтани аҳкоми баъзе аз

оёти Қуръонро дорад. Дар нисбати чунин муносибат боз ҳам Қуръон мефармояд:"Оё ба порае аз Китоб имон меоред ва ба порае кофир мешавед? Пас, ҷазои касе, ки аз шумо чунин кунад, ба ҷуз хорӣ дар зиндагонии дунё чист? Ва дар рӯзи қиёмат ба сӯи сахттарин азоб гардонида шаванд. Ва Худо аз он чи мекунед, бехабар нест." (Бақара, 2:85). Аз тарафи дигар, маълум мегардад, ки аксари донишмандони исломӣ ҳанӯз таълимоте, чун модернгароиро ба сатҳи зарурӣ дарк накардаанд ва дар татбиқ намудани он беҷуръатӣ зоҳир менамоянд. Солисан, чуноне аз таҳқиқи таълимоти модернгароёнаи Ҷамолуддин Афғонӣ ва таноқузи он бо таълимоти иддае аз оятҳои Қуръон бармеояд, масъалаи носиху мансух[246] дар Қуръон ва ҳалли он аз ҷумлаи масоили мубрам ва ҳалталаби таълимоти исломӣ маҳсуб меёбад. Зарурати ҳалли масъалаи носиху мансух низ бо ҳукми ояти Қуръон "Ҳар чиро, ки аз ояте насх мекунем, ё онро фаромӯш мегардонем, беҳтар аз вай, ё монанди вайро меорем." (Бақара, 2:106) асоснок мегардад.

Хулоса, дар асоси таҳлили мисолҳои овардашуда ҳам аз таърихи ислом ва ҳам аз таълимоти донишмандони маъруфи исломӣ доир ба зуҳури модернгароӣ ба хулосае меоем, ки модернгароӣ худ як шакли зуҳури дунявигароист. Дар фаъолияти ҳам парчамбардорони ислом дар гузашта ва ҳам донишмандони маъруфи исломӣ имрӯз пайхас карда мешавад, ки онҳо пайваста талош кардаанд, то мундариҷаи таълимоти динро ба шароити нав мутобиқ гардонанд. Мутобиқ гардонидани таълимот ба шароити нав худ маънои ба инобат гирифтани омилҳои дугнявиро дар нназар дорад.

Ҳамин тариқ, вуҷуд доштани ҷанбаҳои модернгароӣ дар Қуръону аҳодис, дар фаъолияти амалии пайғамбар, дар рафтору кирдори халифаҳо ва ба таври васеъ истифода намудани донишмандони исломӣ аз дастовардҳои бузурги илмӣ-техникии замони муосир олами исломро водор менамояд, ки ба таълимоти дини ислом аз нигоҳи имрӯза назар андохта,

[246]Абдулхаев К.А. Роҳи ҳалли масъалаи носиху мансух дар ислом// Ахбори АИ ҶТ, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ,2019, №1. – С.50-57.

баҳогузорӣ намоянд. Яъне, вақти он расидааст, ки дингароёни мутаассиби ҷомеа аз кӯҳнапарастӣ даст бикашанду барои ҳамқадами замон будан саъй намоянд. Аз воҷибкунандагони тағйири фатво  ва далоили Ю. Қарзовӣ метавон ба чунин хулоса расид, ки вобаста ба макон, замон, маълумот ва ғайра фатвоҳо бояд гуногун бошанд. Яъне, фатвоҳо дар Арабистон, Тоҷикистон ва Аврупо бояд аз ҳам фарқ намоянд.  Ҳамчунин фатвоҳо дар қуруни вусто, қарни XVII ва замони муосир бояд аз ҳам тафовут дошта бошанд. Ба ҳамин монанд фатвоҳо дар нисбати соҳибмаълумоту бемаълумот ва амсоли онҳо бояд якранг набошанд. Дар асоси далоили овардашуда ва мушоҳидаҳои имрӯзаи ҳаёти мусулмонон мо ба хулосае хоҳем расид, ки модернгароӣ дар олами ислом як раванди ногузир, ҳатмӣ ва зарурӣ буда, новобаста аз пофишориҳои кӯҳнапарастонаи донишмандони мутаассиби динӣ таҳаққуқ хоҳад пазируфт.

## Боби 4. Ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон

### 4.1.Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини ҳамзистии фарҳанги динӣ ва дунявӣ

Шоёни таҳсин аст, ки ҷилваи боризи дунявигароӣ дар олами ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чашм мерасад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери роҳбарии хирадмандона ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низоми дунявии рушди ҷомеаро ба роҳ андохта, ҳамзамон аз арзишҳои динии аҳли ҷомеа собитқадамона дифоъ менамояд. Бинобар ин, бо дилпурӣ метавон зикр намуд, ки ҳаракати дунявигароӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон либоси амалии худро маҳз дар ҳаёти ҷамъиятии мардуми мусулмони кишвар хеле барҷаста ба бар кардааст.

Дар робита ба матлаби баёнгардида бояд тазаккур дод, ки баъзе муҳаққиқон[247] дунявият ва динро арзишҳои хилофи ҳамдигар ба қалам дода, онҳоро ба ҳам муқобил мегузоранд, лекин таҷрибаи таърихии Тоҷикистон дар даврони истиқлол амалан исбот намуд, ки ба ҳам муқобилгузории онҳо орӣ аз асосҳои илмӣ буда, ба ягон навъи танқид тобовар нест. Чунин муҳаққиқон ба дунявият ва дин аз нигоҳи равиши метафизикӣ назар андохта, онҳоро чун низом ва ниҳоди комилан шахшудамонда арзёбӣ менамоянд, ки чунин равиш усулҳои диалектикии таҳқиқро сарфи назар менамояд. Онҳо дарк намекунанд, ки мафҳумҳо ифодакунандаи робита ва муносибатҳои муҳим ва зарурии ҳаёти ҷамъиятӣ буда, бо тағйирёбии муҳити зист ё татбиқи ду унсури фавқуззикр мафҳумҳо низ аз лиҳози мундариҷа тағйир меёбанд. Аз ин ҷо мантиқан чунин бардошт ҳосил мегардад, ки ду мафҳуми зикршударо ҳамчун мафҳумҳои

---

[247]Аҳмад Идрис, ат-Таъон, Ал-алмониюна в-ал-Қуръон-ул-карим, Ар-Риёз, 1428. – С.132; Мухаммад Шакир Аш-Шариф. Секуляризм и его отвратительные последствия, Powered by mir – www. Panerevis.ru

шахшудамонда набояд баррасӣ намуд. Ба таври мисол агар диндории мардуми имрӯзаро бо диндории мардуми ҷомеаи ибтидоӣ муқоиса намоем, мебинем, ки байни онҳо тафовути зиёд вуҷуд дорад. Ин тафовутҳо маҳсули муҳитҳои мухталифи ҳастии дин маҳсуб меёбанд. Ба ҳамин монанд шароитҳои амалӣ гардидани асл ё низоми дунявият низ мухталиф мебошанд. Агар дар як муҳит дар зери мафҳуми дунявият ҳамзистии мусолиматомези адёни мухталиф фаҳмида шавад, дар муҳити дигар ҷудоии дин аз давлат фаҳмида мешавад. Ба ҳамин монанд муҳити хоси ҳамзистии онҳоро на ҳамчун муҳите, ки ду унсур ҳамдигарро истисно мекунанд, балки муҳите, ки ин унсурҳо ҳамдигарро дар назар доранд, бояд арзёбӣ намуд. Диншиноси шинохтаи кишвар, профессор С. А. Ахмедов ба яке аз арзишҳои муҳими дунявӣ дар оғози пайдоиш ва ташаккули дини ислом – ҳаёти сиёсӣ дахл намуда, таъкид менамояд, ки "ҳаёти сиёсӣ ба қонуни илоҳӣ (шариат) тобеъ мегардад. Ин принсипҳо зимни идора намудани ҷамоаи исломӣ (умма) аз тарафи пайғамбар (с.) иҷро шуда буданд. Ин ягонагии унсури дунявӣ ва маънавӣ инчунин дар системаи халифат низ ҳифз шуда буд"[248]. С.А.Ахмедов андешаи хешро идома дода, қайд менамояд, ки " агар ҳокимияти сиёсӣ дар ислом дар оғоз ба ҳокимияти динӣ (руҳӣ) пурра тобеъ шуд, таҷзия шуда бошад, пас, баъд аз асри X ҳолати баръакс мушоҳида мешавад"[249]. Аз таҳқиқи муҳаққиқи шинохта бармеояд, ки ҳокимияти динӣ чун унсури динияти ва ҳокимияти сиёсӣ чун унсури дунявият дар марҳилаҳои мухталифи таърихи ислом бо таносуби гуногун вуҷуд доштаанд.

Қобили зикр аст, ки муҳити ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон чунин муҳитест, ки дар он унсурҳои гуногуни динияти ва дунявият, албатта на дар шакли ибтидоии он, балки дар шакли хос ва мутобиқ ба талаботҳои имрӯза бо дарназардошти талаботҳои маънавии тамоми аҳли ҷомеа ҳамзистӣ менамоянд. Аммо ин муҳити созандаю инсонпарварона, ҳам динию ҳам

[248] Ахмедов С.А. Светские и религиозные элементы в национальном государстве // Построение доверия между исламистами и секуляристами. – таджикский эксперимент. – Душанбе, 2004. – С.92.

[249] Ҳамон ҷо; - С.93.

дунявӣ, муҳити хирадсолор  худ ба худ пайдо нашудааст. Ин муҳит аз тарафи шахси дурандеш, ақлгаро, ватандӯст, ғамхори воқеии миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҷод гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон вазъи маънавии ҷумҳуриро баъд аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ амиқ ва ҳаматарафа таҳлил намуда, ягона роҳи дурустро барои ояндаи миллат дар ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ диданд. Вазъияти ба вуҷудомадаро Пешвои миллат дертар дар асарашон «Уфуқҳои истиқлол» ба таври зер тавсиф намудаанд: «Дар он рӯзҳо, ки мо ба тозагӣ аз зери идеологияи мутлақгаро озод шуда будем, доираҳои муайяни хориҷӣ бесуботии сиёсию идеологии ҷомеаро пайти муносиб дониста, мехостанд ҷомеаи моро ба зери идеологияи дигар даровarda, сохти дилхоҳи давлатии худро дар Тоҷикистон бунёд созанд. Баъзе неруҳои аз назари сиёсӣ бетаҷрибаи дохилӣ зери таъсири ғояҳои онҳо сохтани як давлати идеологии дигарро саросемавор дастгирӣ намуданд. Аммо онҳо ин воқеиятро ба эътибор нагирифтанд, ки низоми сиёсию идеологии дарназардоштаашон ба воқеияти Тоҷикистони пасошӯравӣ, ба сатҳу тарзи тафаккури мардуми кишвар ва ба хусусиятҳои равандҳои сиёсию геополитикии минтақа созгор нест. Агар Тоҷикистон ба ин варта фурӯ мерафт, мо ҳаргиз аз гирдоби ихтилофоти ақидавии дохилӣ ва низоъҳои беохир бо кишварҳои ҳамсоя ва ҷаҳони хориҷ берун намеомадем. Аз ин рӯ, интихоби тарзи давлатдории дунявӣ  интихоби дуруст,огоҳона ва ҷиддии ҷомеаи Тоҷикистон дар он рӯзҳои  мушкил буд»[250].

Дар дурустии андешаҳои Пешвои миллат ҷои шубҳа нест. Воқеан ҳам баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки аҳли ҷомеаро дар рӯҳияи идеологияи тоталитарии марксистӣ тарбия менамуд, дар Тоҷикистон қишрҳои мутаассиби дингаро дар зери таъсири нерӯҳои муайяни манфиатҷӯи хориҷӣ қувват гирифта буданд. Дар як муддати кутоҳ тез нерӯ гирифтани қишрҳои дингаро ба сабаби он буд, ки дини ислом дар байни аҳли ҷомеа, ки ҳамагӣ мусулмон буданд, таъсиру нуфузи қавӣ дошт. Аз

[250]Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. - Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 15-16.

диндории мардуму тағйирёбии вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳам нерӯҳои хориҷӣ ва ҳам қишрҳои дингаро хеле хуб истифода бурданӣ шуданд. Аз ин рӯ, қишри мутаассиби ҷомеа бо дастгирии нерӯҳои ифротии хориҷӣ ба майдони сиёсат ворид шуда, барпо намунани низоми диниро дар кишвар ҳадафи хеш қарор дода буданд. Дар ин росто нерӯҳои солимфикру ақлгаро низ ба майдони мубориза ворид гардида, аз арзишҳои дунявии хеш дифоъ намуданд. Вазъияти баамаломада хеле мушкил ва мураккаб буд. Барои пешгирии парокандашавии миллат, пойдории сулҳу субот, ҳифзи якпорчагии кишвар, ваҳдати миллӣ, ояндаи дурахшони миллат ба инобат гирифтани орзую ормонҳои маънавии тамоми қишрҳои ҷомеа зарур ва ҳатмӣ буд. Бар дӯши сарвари  миллат вазифаи воқеан ҳам хеле мушкил ва масъулиятталаб истода буд. Миллатро аз парокандагӣ раҳо ва давлатро аз нобудшавӣ наҷот додан лозим буд. Ба хотири расидан ба ин ҳадафи воло ва тақдирсоз бояд роҳе интихоб мегардид, ки тамоми қишрҳои ҷомеаро муттаҳид менамуд, миллатро аз парокандашавӣ наҷот медоду сулҳу суботро дар қаламрави кишвар таъмин менамуд.

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки роҳи бар асоси таълимоти динӣ муқарраргардида ҷомеаро ба ҳадафҳои стратегияш бурда намерасонид. Зеро дар давоми 1400 соли ҳукмронии низоми динии то инқилоб вуҷуддошта дар ягон гӯшаи олами ислом рушди назарраси моддию маънавии ҷомеа ба назар нарасидааст. Ба истисноӣ рушди илму фарҳанг дар аҳди Сомониён, ки он замон низ муллоҳои мутаассиб илмро барои таълимоти дини ислом хатари бузург арзёбӣ намуда, аҳли илмро ба куфр мутаҳҳам менамуданд ва бо ин роҳ барои пешрафти илму озодандешӣ монеа эҷод менамуданд. Маҳз ҳамин муқобилияти шадиди онҳо буд, ки илму фарҳанг баъд аз рушд дар замони Сомониён  тез латукӯп гардид ва барои интишори минбаъда имконият пайдо накард. Чунин воқеияти талхи таърихӣ ба ҳамагон маълум буд. Аз ин рӯ, низоми динӣ ё низоми ба таълимоти динӣ такякунанда ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист роҳнамои кишвар бошад. Аксарияти кулли ҷомеа, бахусус зиёиёни воқеӣ ва равшанфикри ҷомеа нағз медонистанд, ки барои низоми ба дин такякунанда назарияи

рушди иқтисодию  сиёсӣ ва фарҳангӣ бегона аст. Табиати роҳи динӣ пешрафту тараққиро намепазирад. Сонииян, роҳи зикршуда, пеш аз ҳама, манфиатҳои  мардуми озодфикру ақлгаро ва дунявимаобро  сарфи назар менамуд. Солисан, пешвоёни дин қодир набуданд, ки зимни пешбурди ҷомеа бо дарназардошти талаботҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир рушди ҷомеаро ба роҳ монанд. Ахиран, таҷрибаи баъзе кишварҳои мусулмоннишин амалан нишон медод, ки дар садаи XXI зиста, арзишу меъёрҳои асримиёнагиро роҳнамои хеш қарор додан хатои бузург буда, оқибат бо пушаймонӣ анҷом хоҳад ёфту насли имрӯза дар назди наслҳои минбаъда абадан гунаҳгор хоҳад монд. Аз ин рӯ, ягона роҳи дуруст роҳи бунёди ҷомеаи дунявӣ буд. Муҳимият ва зарурати роҳи дунявии рушдро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аллакай ҳамон вақт ба хубӣ дарк карда буданд. Аз ин рӯ, Пешвои миллат аллакай дар Сессияи XVI Шӯрои Олӣ таъкид карда буданд:  «Шахсан ман тарафдори давлати дунявиям!».

Ҳамин тариқ, маҳз бо ташаббус ва нишондодҳои оқилона ва дурандешонаи сарвари миллат ҷомеаи тоҷик роҳи давлатдории дунявиро пеш гирифт ва таърихи 30-соли сипаригардида ба таври возеҳ собит намуд, ки дар ин самт вай роҳи ҳақиқатан ҳам созанда, мурососоз, бунёдкорона ва ободкориро интихоб намудааст. Афзалияти роҳи интихобшударо сарвари миллат дар китоби зикршудаашон хеле равшан ва оммафаҳм ба таври зер баён намудаанд: «Бартарии низоми дунявии давлатдорӣ дар он аст, ки дунявият дар муқобили ҳеҷ мафкураи дигар қарор намегирад ва ихтилофи идеологиро ба вуҷуд намеоварад. Ба таври дигар, дунявият як шароит буда, аз як тараф, баробарӣ ва фаъолияти баробару яксони мафкураҳои гуногунро  дар назди қонун кафолат медиҳад, аз ҷониби дигар, имкон намедиҳад, ки як мафкура худро идеологияи давлатӣ эълон карда, пайравони мафкураҳои дигарро зери фишор қарор диҳад. Ин моҳияти низоми дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банди  ҳаштуми Конститутсияи

кишварамон сабт шудааст»[251]. Чӣ хеле ки мебинем, Пешвои миллат моҳият ва таъиноти дунявиятро хеле возеҳ ва оммафаҳм фаҳмониданд. Пеш аз ҳама дунявият шароити зисти яксони мафкураҳои мухталиф мебошад. Воқеан ҳам дунявият дар доираи қонунҳои қабулшуда ба тамоми мафкураҳо имконияти баробари рушд ва нумуъро фароҳам оварда, бо ин роҳ пеши роҳи ҳама гуна ихтилофоти идеявиро мегирад ва ҳамин тавр, фазои сулҳу оромиро дар ҷомеа таъмин менамояд. Ба қавли дигар, дар фазои дунявӣ ҳама гуна ниҳод ё иттиҳодия маҳз ба иҷрои рисолати хеш машғул гардида, аз доираи он берун намебарояд.

Қобили зикр аст, ки масъалаи ҳамзистии фарҳанги дунявию динӣ дар бисёре аз асарҳои Пешвои миллат хеле ҳакимона ва дурандешона бо назардошти ҳам хусусиятҳои рушди илмиву техникии ҷаҳони муосир ва ҳам осори ғании диниву миллии мардуми тоҷик матраҳ гардидааст.

Пешвои миллат роҳи наҷоти миллатро дар низоми дунявӣ дида, яке аз вазифаҳои низоми дунявиро ҳифзи дин ва арзишҳои динӣ маҳсуб донистаанд. Ҳамин ҳадафи дурандешона ва оқилона ва ҳамин нияти пок ва эҳтиром ба арзишҳои динӣ асос гардиданд, ки Пешвои миллат пайғамбари исломро «Бузургтарин марди ҷаҳон ва паёмбари дини барҳақ»[252] номиданд. Худи ҳамин тавсифи пайғамбар аз тарафи Пешвои миллат нишони эҳтироми бузурги ӯ ба дини ислом аст. Муносибати эҳтиромонаи Пешвои миллат дар нисбати пайғамбари ислом дар мақолаи ба пайғамбари ислом бахшидааш, махсусан дар андешаҳои зерини ӯ хеле барҷаста ифода ёфтаанд: «Таълимоти ислом саршори ғояҳои баробарӣ, бародарӣ, адолати иҷтимоӣ буда, аз миён бурдани тафриқаи нажодӣ, имтиёзҳои табақавӣ, мансубияти миллию маҳаллӣ ва ҳама гунна нобаробариҳои ҷомеаро пеш мегузошт ва табиист, ки дар атрофи Паёмбар (с) Салмони Порсӣ барин солимфикрону хирадмандони адолатпарварро гирд меовард»[253]. Чӣ хеле, ки аз баҳогузорӣ ва нигоҳи мусбии Эмомалӣ Раҳмон маълум мегардад, Пешвои Миллат ба табиати адолатпарваронаи

[251]Ҳамон ҷо; - С. 16.
[252]Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «Эр-Граф», 2016, - С. 129.
[253]Ҳамон ҷо; - С. 131.

таълимоти ислом боварӣ доранд ва бад-ин сабаб аз он пуштибонӣ намудаанд.

Муносибати некбинона ва хайрхоҳонаи Пешвои миллат ба дини ислом зимни таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти Имоми Аъзам-пешвои ҳанафимазҳабони ҷаҳон низ ифода ёфтааст. Пешвои миллат барҳақ таъкид намудаанд, ки «Корномаи ин шахсияти бузург ва нобиғаи асил дар дунёи илму маонӣ то ба ҳанӯз асрори зиёди нокушуда дорад, ки пажӯҳиши доманадорро тақозо менамояд. То имрӯз сари мавзӯи ватани аҷдодӣ ва насабу куняи ӯ баҳсу мунозираҳо идома доранд. Аммо таъкиди ин ҳақиқат бамаврид аст, ки аксари муаллифони пешин ва муҳаққиқони муосир эътироф намудаанд, ки Имоми Аъзам бидуни шакку шубҳа аслан тоҷике аз сарзамини тамаддунхези Хуросони Бузург, саҳеҳтар гӯем, аз шарқи ин хиттаи бузург будааст, ки дар он ҷо аҷдодони асили тоҷикон зиндагӣ доштанд ва фарҳанги пурбори ҷаҳоншумулро эҷод намуданд»[254].

Дар робита ба иқтибоси овардашуда бояд қайд намуд, ки Пешвои миллат дар ин навишта на танҳо шахсияти бузургу нотакррор будани Имоми Аъзамро таъкид намудаанд, балки ҳамзамон аз мансубияти ӯ ба миллати тоҷик ёдовар шуда, бо ин роҳ аз ҳисси баланди ифтихори миллии хеш, фарҳангдӯстии аҷдодони асили тоҷикон  ва саҳми ин миллати фарҳангдӯсту фарҳангофар дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ҳарф задаанд.

Пешвои муаззами миллат ба эҷодиёти Имоми Аъзам баҳои баланд дода, аҳамияти онро барои ҷомеаи имрӯза низ таъкид намудаанд: “Тоҷикистони соҳибистиқлол имрӯз дар асоси барномаҳои мушаххасе, ки дар онҳо ҳам арзишҳои миллӣ  ва ҳам дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологии замони нав инъикос ёфтаанд, рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакатро таъмин карда истодааст. Мо саъю кӯшиш дорем,  ки як давлати муосиру мутамаддин бунёд намоем ва хоҳони онем,  ки мардуми мо дар тамоми соҳаҳои илму ҳунар ва технология пешрафта  ва дар айни замон аз расму ойинҳо ва арзишҳои волои миллию динии худ огоҳ бошанд.

---

[254]Ҳамон ҷо; - С. 158-159.

Ин дар навбати худ яке аз роҳҳои беҳтарини истодагарии мардуми тоҷик дар муқобили ҳама гуна тундравию ифротгариҳо мебошад, ки ин бахши муҳиме аз таълимоти Имоми Аъзам аст”[255].

Агар ба муҳтавои иқтибоси овардашуда таваҷҷуҳи ҷиддӣ намоем, мебинем, ки Пешвои миллат роҳи ҳамзистии фарҳанги дунявию диниро роҳи мусолиматомези рушди ҷомеа дар шароити имрӯза ба қалам додаанд. Дар ин роҳ ҳам ҳадафи бунёди ҷомеаи мутамаддин ва ҳам огоҳии мардум аз арзишҳои волои миллию динӣ нуҳуфта аст. Ба андешаи Пешвои миллат маҳз ҳамин роҳ роҳи беҳтарини истодагарӣ ба муқобили равандҳои тундравию ифротгароӣ дар ҷомеа мебошад. Воқеан ҳам равандҳои тундравию ифротгариҳое, ки имрӯз аҳли ҷомеаро нороҳат карда истодааст, на танҳо сарвари кишвар, бадки ягон фарди меҳанпарасту зиёиро бетараф гузошта наметавонад. Равандҳои мазкур на танҳо ба ҳастии низоми дунявӣ, балки ба таълимоти башардӯстона ва таҳаммулгароёнаи Имоми Аъзам низ ҳаматарафа таҳдид менамояд. Аз ин рӯ, Пешвои миллат ба муқобили чунин равандҳои номатлуб бо истифода аз таълимоти Имоми Аъзам истодагарӣ намуданро маслиҳат додаанд.

Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон аз арзишҳои созандаи ислом дифоъ намуда, ҳама гуна сӯиистифода аз дини исломро маҳкум намудаанд. Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд намудаанд, ки “Имрӯз афроди тундраве ҳастанд, ки огоҳона ё бар асари нашинохтани асолати миллӣ ва динии мо мехоҳанд мардуми мусулмонро дар хоби ғафлат ва таҳти таъсири афкори хурофотӣ нигоҳ дошта, бо сӯйиистифода аз сатҳи начандон баланди маърифати диниву маънавии як қисми мусулмонон майдони фаъолияти худро густариш диҳанд ва дар зери ниқоби дин ғаразҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои нопоки худро амалӣ намоянд. Агар равшантар ифода намоем, ин нерӯҳо мехоҳанд, ки динро чун саҳнаи бозиҳои сиёсӣ истифода намуда,

---

[255] Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам – асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгаро//Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С. 191.

пойдории сулҳу субот, бақои ваҳдати миллӣ, ҳаёти осоиштаи мардум, амнияти ҷомеа ва ҳифзи тартиботро халалдор созанд”[256].

Пешвои муаззами миллат аҳли ҷомеаро ҳушдор сохтаанд, ки мутаассифона, имрӯз афроди тундраве пайдо шудаанд, ки мехоҳанд динро ҳамчун васила барои ҳалли ғаразҳои сиёсии худ маккорона истифода баранд. Бидуни тардид чунин кӯшишу талошҳои онҳо барои ҷомеа хатари азим ба бор хоҳад овард. Бинобар ин, Пешвои миллат аҳли ҷомеа, бахусус олимонро вазифадор намудааст, ки неъмати бебаҳои истиқлолиятро беш аз ҳарвақта пуштибонӣ намоянд ва бо кору пайкори созанда, ахлоқи ҳамида ва рисолати неки ояндасозӣ ифротгароию тундгароиро чун падидаҳои хатарбору марговар барои тамоми башарият шадидан маҳкум намоянд ва ватандӯстиву ватанпарастиро воҷиботи имониву қарзи инсонии худ қарор диҳанд.

Зарурат ба ёдоварист, ки сиришти таҳаммулгароёна, башардӯстона ва тамаддунофари Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон бахусус зимни арҷгузории таълимоти инсонпарваронаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хеле барҷаста ба зоҳир мерасад. Пешвои миллат эҷодиёти мутафаккири бузургро таҳқиқ намуда, дар он нуктаҳоеро ёфта, баҳогузорӣ намудаанд, ки барои ҷомеаи дунявӣ хеле муфид ва зарур мебошад. Пешвои миллат аз ҷумла қайд намудаанд:“Барои Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ тафриқаи мазҳабӣ, нажодӣ ва милливу фарҳангӣ бегона мебошад ва дар тафаккури иҷтимоии ӯ баробарии равияву ҷараёнҳои мазҳабӣ дар эътиқоду эҳтироми Ҳақ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар назди ӯ намояндагони дину мазҳаб, қавму миллат, ҳиндуву мусалмон, шиаву суннӣ баробар буда, касонеро, ки миёни онҳо фарқ мегузошт, сахт мазаммат мекунад ва ихтилофи “мову ман”-ро дур шудан аз ҷамоли Ҳақ медонад. Ин таъкиди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ имрӯз ҳам моҳияти худро гум накардааст. Зеро “мову ман”, “куфру имон” ва “бидъату суннат” гуфтанҳои бархе аз мусалмонон дар баъзе кишварҳои олам, мисли Сурия,

[256]Эмомалӣ Раҳмон. Шамси Табрезӣ – Шахсияти бузург ва камназири олами ирфон. //Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С.252.

Ироқ, Яман, Лубнон, Миср ва Афғонистон оқибатҳои нангинеро пеш овардааст, ки имрӯз тамоми дунё аз он нигаронӣ менамояд”[257].

Бе муболиға метавон гуфт, ки чунин таҳлили эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҷониби Пешвои миллат як таҳқиқи амиқи илмӣ ва воқеъбинона буда, ба дарёфти нигоҳи дунявигароёна дар осори як мутафаккири дини ислом ишора менамояд. Бешак, нигоҳе, ки дар он ҳамаи инсонҳо баробар буда, байни дину мазҳабҳо ихтилофе нест, шакли хеле хуби дунявигароӣ маҳсуб меёбад. Агарчанде мутафаккир чунин ихтилофро дурӣ аз ҷамоли Худо арзёбӣ карда бошад ҳам, бо вуҷуди ин бартараф сохтани чунин ихтилоф аслан таъиноти иҷтимоӣ дорад. Зеро бартараф намудани ихтилофи диниву мазҳабӣ воситаи хеле маҳсулноки таъмини сулҳу осоиш дар кишвар маҳсуб меёбад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон маҳз аз ҳамин гӯша ба масъала назар андохта, аҳамияти иҷтимоии таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадониро таъкид намудаанд.

Воқеан ҳам, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳеро барои ҷомеа интихоб намуданд, ки дар он ҳам фарҳанги дунявӣ ва ҳам фарҳанги динӣ муросокорона фаъолият менамоянд ва барои рушду фаъолияти озодонаи якдигар мусоидат менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, бояд эътироф намуд, ки ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар давраи истиқлолият амалӣ гардид, аз нодиртарин падидаҳои таърихии башарият маҳсуб меёбад, ки меъмори бевоситаи он Пешвои миллат маҳсуб меёбанд. Ҳамин ғамхории Пешвои миллат ва дурандешии ӯ сабаб гардид, ки имрӯз дар кишвар фазои сулҳу оромӣ ҳукмрон аст ва намояндагони тамоми миллатҳо ва мазҳабҳо бародаронаю дӯстона умр ба сар мебаранд. Зеро роҳе, ки Пешвои миллат нишон дод, роҳи сулҳу дӯстӣ, бародарию баробарӣ ва ҳамзистии арзишу фарҳангҳои мухталиф буд. Ин роҳ бешак аз замири қалби Пешвои миллат, аз табиати пурмеҳри инсондӯстонаю

[257] Эмомалӣ Раҳмон. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – таблиғгари фарҳанги сулҳ ва хостори ваҳдату субот. //Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С.273.

фарҳангмаобонаи Пешвои миллат маншаъ мегирад. Муҳаққиқони фаъолияти созандагии Пешвои миллат дуруст қайд менамоянд, ки «Нияти ӯ, мароми ӯ нек буд, ки ҳама ба некӣ анҷомид. Ӯ мисли як ситораи бахт, як рӯшноии фараҳбахш аз миёни мушкилию монеаҳо, торикию зулмот на танҳо солим гузашт, балки бо ғами халқ, фикри мардум ва умеди наҷоти миллат шарик ва ҳамдастон шуда, аз рӯҳи ниёгони миллат ғизо гирифта, бо нияти неки худ аз мадади Худованд баҳраманд шуда, мисли офтоб зимистони қаҳратуни миллатро ба баҳори сарсабз табдил дод»[258]. Муҳаққиқон воқеан ҳам хеле дуруст қайд намудаанд, ки чун ниятҳои Пешвои миллат нек буданд ва барои ифодаи манфиатҳои мардум нигаронида шуда буданд, аз ин рӯ, ҳамаи онҳо ба некӣ анҷом ёфта, амалӣ гардиданд. Онҳо воқеъбинона хеле бамаврид таъкид намуданд, ки Пешвои миллат аз рӯҳи ниёгони миллат ғизо гирифта, тамоми кӯшишу ғайрат ва ҳастии худро баҳри наҷоти миллат сафарбар намуд. Ҳамин роҳи наҷот барои миллат ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ буд, ки имрӯз дар ҷомеаи муосири тоҷик баъд аз ба даст овардани истиқлолият мо онро бо чашмони оддии худ равшану барҷаста мебинем.

Қобили зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон заминаи ҷомеаи дунявиро бунёд намуда, ҳамзамон аз арзишҳои волои инсонии дини ислом амалан ҳам дифоъ намудаанд. Далели дифои ӯ аз арзишҳои инсонпарваронаи дини ислом иқдомҳои зерини ӯ маҳсуб меёбанд:

1.Сардори давлат ҳар сол зимни таҷлили идҳои Рамазон ва Қурбон мардуми мусулмони кишварро бо фарорасии идашон пайваста табрик менамояд ва барои онҳо орзуҳои некро таманно менамояд. Аз ҷумла, дар Паёми соли гузаштаи Пешвои миллат ба муносибати моҳи Рамазон омадааст: «Ҳамватанони азиз! Ҳамаи шуморо ба муносибати моҳи шарифи Рамазон, ки фардо фаро мерасад, самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар файзу баракат, рӯзгори ободу осуда ва сулҳу оромӣ орзу

---

[258]Холиқзода А. Ғ., Шарифзода М.М., Шосаидзода Ш.Ш. Пешво ва мактаби давлатдорӣ (Пешвои миллат – поягузори давлати миллӣ) –Хуҷанд: Ношир, 2022. – С. 51.

менамоям. Дар ин моҳи муборак, баробари ба ҷо овардани фаризаву суннатҳои динӣ, иҷрои амалҳои солеҳ, аз ҷумла хайру эҳсон ва дастгириву навозиши ятимону маъюбон ва камбизоатҳову муҳтоҷон аз сифатҳои шоиставу башардӯстонаи ҳар як мусулмони савобҷӯ мебошанд… Бори дигар фаро расидани моҳи шарифи Рамазонро ба кули мардуми шарифи Тоҷикистон табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар тандурустӣ, ризқу рӯзии фаровон ва имони комил орзу менамоям. Фарорасии моҳи шарифи Рамазон муборак бошад, ҳамватанони азиз!»[259]. Чӣ хеле, ки мебинем, Пешвои миллат ба арзишҳои динӣ эҳтироми самимӣ қоил мебошанд ва ҳар сол мардуми шарифи Тоҷикистонро бо ин иди динияшон табрику таҳният менамоянд.

2. Имрӯз дар кишвар қариб панҷ ҳазор масҷид амал менамояд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳар кишвари собиқ шуравӣ нисбат ба ҳар сари аҳолӣ зиёдтар мебошад. Ба таври мисол дар Русия, ки 209 миллион мусулмон дорад, ҳамагӣ шаш ҳазор масҷид фаъолият менамояд.Илова ба ин, қариб дар аксари масҷидҳои кишвар тамоми шароитҳо барои тоату ибодат муҳайё мебошанд. Бояд қайд намуд, ки масҷидҳои имрӯза аз масҷидҳои замони шуравӣ ба маротиб зеботар, фарохтар ва бо тамоми лавозимот муҷаҳҳазтар мебошанд.

3. Дар Тоҷикистон бо супориши Пешвои миллат Қуръон ба забони тоҷикӣ тарҷима шудааст, то ин ки мардуми мусулмони кишвар аз таълимоти ислом бохабар бошанд. Бо ҳамин мақсад сарчашмаи дигари асосии таълимоти ислом “Саҳеҳ”- и Бухорӣ низ ба тоҷикӣ тарҷима шудааст.

4. Соли 2009 бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Ҷашни байналмиллалии 1310 солагии асосгузори мазҳаби ҳанафия - Имом Абӯҳанифа дар кишвар таҷлил гардид, ки ин падида аз муносибати эҳтиромонаи Пешвои миллат ба арзишҳои динӣ далолат менамояд.

[259]Паёми шодбошии Пешвои миллат ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон. 01.04.2022.

Вобаста ба таҷлили солгарди ин донишманди бузурги тоҷиктабори дини ислом дар кишвар конфронси байналмилалӣ доир гардид, ки дар он донишмандони дин аз нуқтаҳои мухталифи дунё ширкат варзиданд ва фаъолияти илмӣ-динии Имоми Аъзамро васеъ таҳқиқ намуда, даҳҳо китоб ба нашр расониданд. Дар соли зикршуда филми таърихӣ –бадеӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти Имоми Аъзам тавассути телевизиони марказӣ пахш гардид, ки бешак аз сиёсати динпарварони ҳукумати ҷумҳурӣ дарак медиҳад. Ҳамчунин соли 2010 шаҳри Душанбе Маркази Фарҳанги Исломӣ эълон гардиду ҷашни 1200 солагии Имом Бухорӣ, ки китобаш “Саҳеҳ”-и Бухорӣ муътамадтарин маҷмӯаи ҳадисҳои пайғамбари ислом эътироф шуда, баъд аз Қуръон сарчашмаи дуюми таълимоти исломӣ ба ҳисоб меравад, таҷлил гардид. Ҳамаи ин, аз муносибати эҳтиромонаи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан нигоҳи мусбии Пешвои миллат ба дин ва арзишҳои динӣ шаҳодат медиҳанд.

5. Дар ҷумҳурӣ муассисаи махсус дар сатҳи вазорат фаъолият менамояд, ки вазифааш аз танзими оқилонаи фаъолияти динӣ дар ҷомеа иборат мебошад. Қобили зикр аст, ки ҳар сол ҳазорҳо шаҳрвандони Тоҷикистон дар зери роҳбарии муассисаи мазкур маросими ҳаҷро дар Макка адо менамоянд.

6. Ҳамчунин дар кишвар тавассути ташкилотҳои мустақил дар тӯли сол адои ҳаҷҷи умра ба роҳ монда шудааст, ки ин амал боиси хушнудии аҳли кишвар гаштааст. Иқдоми мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳукумати ҷумҳурӣ, ба хусус Пешвои муаззами миллат нисбат ба арзишҳои динӣ бетараф нестанд. Дар баробари ин таҳлилу мушоҳидаҳои зиёд гардидани шумори ҳоҷиҳои умрарав аз он шаҳодат медиҳад, ки агарчанде аҳли ҷомеа дар зери қонунҳои дунявӣ зиндагии хешро пеш мебаранд, бо вуҷуди ин онҳо нисбат ба иҷрои рукнҳои асосии дини ислом бетараф нестанд ва дар доираи имконот ва қудрати худ онҳоро ба иҷро мерасонанд.

7. Дар кишвар донишкадаи махсуси исломӣ амал менамояд, ки вазифааш аз омода намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи дин иборат мебошад. Таъсиси чунин ниҳод ва маблағгузорӣ шудану дастгирӣ ёфтани

он аз тарафи давлат низ аз тавачҷуҳи сарвари кишвар ба ҳифзи арзишҳои динӣ шаҳодат медиҳад.

8. Ҳамчунин дар кишвар бо ташаббуси Пешвои миллат муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки ҳадафи асосии он таҳқиқи илмии масоили марбут ба дин мебошад. Дар баробари Кумитаи дин ва Донишкадаи исломӣ таъсис намудани ниҳоди махсусгардонидашуда оид ба омӯзиши дин ва равандҳои динии ҷомеа далели равшан барои эҷоди шароити неку ҳаматарафа мақбул барои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеа маҳсуб ёфта, ҳамзамон барои пешгирӣ намудани равандҳои ифротгароӣ ва мусоидат намудан ба тавсеа ёфтану қавӣ гардидани равандҳои дунявигароӣ дар ҷомеа иқдоми муҳиме арзёбӣ мегардад.

9. Бояд эътироф намуд, ки имрӯз дар кишвар чунин як фазои ҳамзистии динию дунявӣ ҳукмрон аст, ки бешак гувоҳи сиёсати дурандешона ва ақлгароёнаи Пешвои миллат мебошад. Ба ҳамон андозае, ки дар ҷомеа ниҳоду муассисаҳои дунявӣ фаъолият мекунанд, ба ҳамон андоза диният бо тамоми ҳастии худ  ба зоҳир мерасад. Яъне, аҳли ҷомеа аксаран ашхоси дунявиянд, бо вуҷуди ин онҳо ҳамчун мусулмон кӯшиш мекунанд, ки дар доираи имкон ва қудрати худ меъёру муқаррароти дини исломро ба иҷро расонанд. Чунин зуҳури аълои диниятро махсусан дар рӯзҳои ҷумъа мушоҳида кардан мумкин аст. Иддае аз афродро дидан мумкин аст, ки зоҳиран дунявиянд, лекин дар вақти таъиншуда ба масҷид мешитобанд. Раванди ба масҷидшитобии одамон чунин таассуроте эҷод менамояд, ки ҷомеа гӯё ҷомеаи динӣ бошад, дар ҳолате ки нисфи афрод худ дунявиянд.

Хулоса, ҷомеае, ки имрӯз дар Тоҷикистон бунёд ёфта, намунаи барҷастаи ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ маҳсуб меёбад, аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарҳрезӣ гардида, роҳнамоӣ шуда истодааст. Дар бунёди чунин ҷомеаи тамаддунофару хирадсолор, ки фарҳангҳои гуногун муросокорона

ҳамзистӣ менамоянд, нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеан ҳам хеле бузург мебошад. Зеро маҳз худи Пешвои миллат низоми дунявиро пешниҳод намуда, дастгирӣ карданд ва ҳамзамон барои арзишҳои волои динии мардуми ҷомеа, махсусан донишмандони бузурги динии кишвар арҷ гузоштанд. Худи Пешвои миллат бо гуфтори ҳакимона ва рафтори оқилонаи худ ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро нишон доданд ва аҳли ҷомеаро ба ин роҳи мусолиматомез, роҳи сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ ва орӣ аз ҳар гуна ифроту таҳдиди динӣ ҳидоят намуданд. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмор ва наққоши модели тоҷикии дунявият, ки муҷиби таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон шудааст, шахсияти сиёсие маҳсуб меёбанд, ки бо хидматҳои таърихияшон дар баҳамоварии фарҳангҳои гуногун дар зеҳни фарзандони равшанфикри миллат абадӣ нақш хоҳад баст.

## 4.2. Асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар Тоҷикистон

Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва дар пайи он тавсеа ва ҳукмрон гардидани фазои нави маънавӣ, ки аз як тараф, дар нерӯ гирифтани афкору ақоиди динӣ, аз тарафи дигар, дар тавсеа ёфтани равандҳои дунявигароӣ ифода меёбад, масъалаи ҳамзистии таҳаммулгароёнаи ду ҷаҳонбинии то андозае зидро муҳим ва ҳалталаб гардонидааст. Бархе аз муҳаққиқон[260] ба масъалаи мазкур дахл намуда, барои ҳалли он пеш аз ҳама шарҳи мафҳумҳои «диният» ва «дунявият» - ро ногузир мешуморанд. Ба ақидаи онҳо унсурҳои мундариҷавии диният (диндорӣ) – ро ғояҳои маъносозандаи шуури динӣ, ғояи ҳақиқат, муҳаббат, гуноҳ,тавба, порсоӣ, фурӯтанӣ, наҷот ташкил медиҳанду диндории калисогӣ, диндории дунявӣ ва диндории дурӯғин ба сифати шаклҳои диндорӣ баромад менамоянд. Ба

[260] https://cyberleninka.ru/article/n/svetskoe-i-religioznoe-v-sovremennom-obschestve/viewer Дата обр. 19.01.2024. Вр 16-46.

ақидаи онҳо дар давраи бозсозӣ диндории калисогиро диндории дунявӣ иваз намудааст.

Муҳаққиқони номбурда дар бораи моҳияти дунявият сухан ронда, се навъи шарҳи онро пешниҳод намудаанд: дунявият ҳамчун зиддидинӣ, дунявият ҳамчун ҳолати бединӣ, дунявият ҳамчун а-динӣ (арелигиозный). Навъи сеюми шарҳи дунявият маъмулӣ буда, аз ҷиҳати идеологӣ нисбат ба дин бетарафиро ифода менамояд. Дар зерматни чунин равиш дунявият маънои нав касб намуда, инкори вобастагии манфӣ ба динро дар назар дорад. Ба қавли дигар, - қайд мекунанд муҳаққиқон, - шарҳи мазкури дунявият имконияти баҳамойии оқилонаи диният ва дунявиятро дар шахс ва ҷомеа боз менамояд[261].

Дар робита ба андешаи мазкури муҳаққиқони номбурда бояд таъкид намуд, ки агарчанде навъи сеюми шарҳи дунявият аз лиҳози назариявӣ танҳо имрӯз маъмулӣ гардидааст, аммо ифодаи амалии худро дар ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дер боз ёфтааст ва намунаи беҳтарини ҳамзистии ду фарҳанги номбурдаро ба маъраз гузоштааст.

Қобили зикр аст, ки ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ, ки бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон роҳандозӣ гардид ва имрӯз дурустӣ ва одилона будани худро ҳамчун модели мусолиматомез муаррифӣ карда истодааст, аз заминаҳои устувор ва боэътимоди ҳуқуқӣ бархӯрдор мебошад. Муҳаққиқони масоили давлатдории дунявӣ дуруст қайд намудаанд, ки “ҳарчанд дар низоми давлатдории дунявӣ иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо ҳастанд, вале давлати дунявӣ ба дин ҳамчун ҷузъи устувори фарҳанги миллӣ муносибат мекунад ва ҳатто барои рушди дин ба ҳайси падидаи фарҳангӣ-ахлоқӣ шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ муҳайё месозад”[262]. Заминаҳои асосии ҳуқуқии ин моделро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,

---

[261] Ҳамон ҷо;

[262] Баротзода Ф., Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2017. – С. 36.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин, Дар бораи стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 гузоштаанд.

Муқаррароти асосӣ ва умумиро доир ба тарз ва гунаи ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштааст. Аллакай дар моддаи якуми Конститутсия таъкид шудааст, ки “Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад”. Агар ба мундариҷаи моддаи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ намоем, ба хубӣ дарк менамоем, ки аллакай моддаи мазкур барои ҳамзистии фарҳангҳои динӣ ва дунявӣ тарҳи устуворро гузоштааст. Мафҳуми “соҳибихтиёр будан” маънои онро дорад, ки Тоҷикистон тамоми масъалаҳои дохилию хориҷии худро мустақилона бидуни дахолати ғайр ва ё таълимоти таҳмилӣ бо такя ба хоҳишу манфиатҳои халқи худ ҳаллу фасл менамояд. Пас, иродаю хоҳиши халқ меъёри асосии муайян намудани самти рушди ҷомеа маҳсуб меёбад. Мафҳуми “демократӣ” ба сарчашмаи ҳокимият будани халқ, ба иштироки фаъолонаи халқ дар ташкили ҳокимият ва ба манфиати халқ нигаронида шудани сиёсати давлат ишора менамояд (Моддаи 6). Мафҳуми “ҳуқуқбунёд” ба он ишора менамояд, ки дар Тоҷикистон зимни ҳалли тамоми масоил ба авлавияти қонун таваҷҷуҳи асосӣ дода мешавад ва мутобиқи принсипи мазкур, ки ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандонро дар назар дорад, ҳаёти ҷамъиятӣ сурат мегирад. Мафҳуми “дунявӣ” чунин маъно дорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёти гуногунпаҳлӯ ва серҷабҳаи халқро на дар заминаи таълимоти динӣ, балки дар асоси Конститутсияи аз тарафи халқ қабулшуда идора ва роҳандозӣ менамояд. Аммо ин чунин маъно надорад, ки талаботу ниёзҳои динии мардум сарфи назар мешуда бошанд. Талаботу ниёзҳои динии мардум дар кишвари дунявии Тоҷикистон дар

асоси муқаррароти қонун ба инобат гирифта мешаванд, аммо ба инобат гирифта шудани талаботу ниёзҳои динии мардум на худсаронаю муғризона ва таҳмилӣ, балки оқилонаю мақсаднок бо назардошти манфиатҳои заминии инсон сурат мегирад. Яъне, аз он таълимоту арзишҳои диние, ки барои ҷомеа мушкилзо ва хатаровар мебошанд, иҷтиноб карда мешавад ва он талаботу арзишҳое, ки барои таъмини сулҳу осоиши ҷомеа муфид мебошанд, роҳандозӣ карда мешаванд.

Дар робита ба матлаби баёнгардида месазад, ки ҳамчунин аз моддаи 5-уми Конститутисия ёдовар шавем. Дар моддаи мазкур гуфта мешавад:

"Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд.

Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд".

Вақте дар хусуси ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳарф мезанем, бешак ҳуқуқу озодии доштани дин ва ё тарзи зиндагӣ, ба шарте ба қонунгузорӣ мухолифат накунад, низ дар назар дошта мешавад. Бояд қайд намуд, ки моддаи 14-уми Конститутсия низ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандро тавассути Конститутсия кафолат додааст. Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, ки доштани ҳуқуқу озодиро дар масоили эътиқодӣ низ, яъне доштану надоштани дин ва ё пешбурди тарзи зиндагии дунявиро ҳам дар назар дорад, қутбнамои асосӣ ва муайнякунандаи ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар қаламрави кишвар дар заминаи Конститусияи ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

Чуноне ки мебинем, заминаи ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути эътироф ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, бо моддаю бандҳои алоҳидаи Конститутсия ҳамчун қонуни асосии кишвар таъмин карда мешаванд. Бояд гуфт, ки худи Конститутсия аз тарафи халқ қабул шудааст ва ифодакунандаи орзую омоли халқ мебошад. Пас, Конститутсия ба ҳамзистии ду фарҳанги номбаршуда асоси ҳуқуқӣ дода, иродаю манфиатҳои халқро ифода мегамояд.

Дар оғоз моддаи 1-уми Конститутсияро аввалин заминаи ҳуқуқии ҳамзистии ду фарҳанги номбаршуда арзёбӣ намуда будем. Аз ҷумла, таъкид намуда будем, ки худи “давлати дунявӣ” номида шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи аввалин ва муътамадро барои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ мегузорад. Дар робита ба матлаби баёншуда таъкид менамоем, ки моҳияти “давлати дунявӣ” - ро моддаи ҳаштуми Конститутсия хеле хуб шарҳ додааст. Дар моддаи мазкур омадааст, ки «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад». Дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ маънои онро дорад, ки ҳам фарҳанги дунявӣ ва ҳам фарҳанги динӣ баробарарзиш буда, дар шафати ҳамдигар бидуни доштани мақоми афзалиятнок дар муқобили якдигар фаъолият менамоянд. Ба қавли дигар, қонуни асосии кишвар худ ҳамзистии фарҳангҳои мухталиф, аз ҷумла фарҳангҳои дунявию диниро на танҳо ҷоиз, балки шакли пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ ба қалам медиҳад. Ҳадафи мазкур, яъне ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ, махсусан, дар моддаи 26-уми боби ду-юми Конститутсия боз ҳам равшантару возеҳтар баён ёфтааст: «Ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд». Тибқи моддаи мазкур шахс метавонад ҳар динеро, ки хоҳад пайравӣ намояд. Шахс метавонад ҳатто бедин, яъне мулҳид (атеист) бошад, касе ҳақ надорад, ки вайро барои бединияш гунаҳгор ҳисобад. Шахс метавонад ин ё он маросими диниро иҷро кунад ва ё накунад, касе ҳақ надорад, ки вайро таънаю сарзаниш намояд. Фароҳам овардани чунин шароит аз ҳолате дарак медиҳад, ки дар он намояндагони фарҳангҳои мухталиф новобаста аз хоҳишу иродаашон бояд арзи ҳастӣ намоянд, яъне фаъолият намоянд.

Мувофиқи моддаи мазкур тарғиби гаравидан ба дин тавассути ишора ба ҷанбаҳои ахлоқии дин ҷоиз аст, аммо зимни тарғиби гаравидан набояд

ба омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, сатҳи пасти зиндагӣ, гумроҳнамоӣ ва дигар усулҳои ғайриоқилона такя намуд. Аз мундариҷаи моддаи мазкур бармеояд, ки зимни ба қабули дин даъват намудан набояд ба таҳқири дину оинҳои дигар ва ё истифодаи омили сиёсию иқтисодӣ роҳ дод. Зеро истифодаи омили ғайриахлоқӣ барои даъват ба дин, чун сабабҳои сиёсию иқтисодӣ ва ё иҷтимоӣ ногузир боиси барангехтани ихтилоф ва хусумату бадбинӣ дар байни аҳли ҷомеа мегардад. Чӣ хеле ки мебинем, боби мазкур сароҳатан озодии шахсро дар қабул намудан ё рад намудани дин таъкид намуда, ҳамзистии фарҳангҳои дунявию диниро дар сатҳи қонун дар назар дорад, ки ин яке аз талаботҳои асосии принсипи дунявият маҳсуб меёбад. Дар боби мазкур ҳамзамон таъкид мегардад, ки намояндаи ҳеҷ як фарҳанг - хоҳ фарҳанги динӣ, хоҳ дунявӣ ҳақ надорад, ки тарафи муқобилро барои диндор будан ва ё диндор набудан таҳқир намояд, ки ин нишондод низ яке аз омилҳои хеле хуб ва натиҷабахши таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, дар боби мазкур мо асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро хеле барҷаста мушоҳида менамоем. Ин маънои онро дорад, ки ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар сатҳи Конститутсияи кишвар низ заминаҳои қавӣ ва боэътимоди ҳуқуқӣ дорад.

Зарурат ба таъкид аст, ки асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», ки 26.03.2009 қабул шудааст, боз ҳам муфассалтар баён ёфтаанд. Бояд қайд намуд, ки қонуни мазкур дар заминаи Конститутсияи кишвар таҳия шудааст. Вай масоили матраҳшавандаро боз ҳам муфассалтар ва дақиқтар тарҳрезӣ менамояд. Аллакай дар муқаддимаи қонуни мазкур оварда шудааст: «Бо эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин баробарии ҳама дар назди қонун, новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод, дар асоси он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ аст, бо арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо, бо эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва

ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон, Қонуни мазкур қабул карда мешавад». Агар ба мундариҷаи андешаи баёнгардида таваҷҷуҳ намоем, мо дар он чанд омили хеле муҳимеро мушоҳида менамоем, ки онҳо воқеан ҳам шароити ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро ба таври амалӣ муҳайё менамоянд. Омилҳои муҳими таъкидшуда иборатанд аз:

- эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин;
- баробарии ҳама дар назди қонун новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод;
- таъкид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати давлати дунявӣ;
- арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо;
- эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон.

Бояд таваҷҷуҳ намуд, ки тибқи «Муқаддима»-қонуни зикршуда тамоми дину мазҳабҳо баробар буда, ба ҳеҷ яке аз онҳо авлавият дода намешавад. Аммо нақши мазҳаби ҳанафӣ дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқ эътироф гардидааст, зеро аҳолии кишвар ҳанафимазҳаб буда, муайянкунандаи фарҳанги ӯ ҳисоб меёбад. Дар андешаи баёнгардида ғайр аз эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафӣ дар инкишофи фарҳанги миллӣ боз “давлати дунявӣ” будани Тоҷикистон зикр шудааст. Ин маънои онро дорад, ки худи қонунгузории ҶТ, ки моҳияти дунявӣ дорад, ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро расман ҷоиз шуморида, модели тоҷикии дунявиятро рӯи кор овардааст. Аз таҳлили мундариҷаи “Муқаддима” – мазкур ба чунин бардошт омадан мумкин аст, ки панҷ омили зикршуда дар якҷоягӣ шоҳсутунҳои сиёсию фарҳангии ҷомеаи имрӯзаро поягузорӣ намудаанд, ки дар болои онҳо ду фарҳанг – фарҳанги дунявию динӣ дар заминаи созишу муросо бо ҳуқуқу имкониятҳои баробар қомат афрохтаанд.

Омили хеле қавӣ ва боэътимоди ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ банди 4-уми моддаи 4-уми Қонуни мазкур низ маҳсуб меёбад. Андешаи дар

моддаи мазкур баёнгардида: «Ҳеҷ кас уҳдадор нест, ки дар бораи муносибати худ ба дин маълумот диҳад” ба чунин маъно ва фаҳмиш ишора менамояд, ки ҳар шахс имкони пурра дорад, ки зиндагии худро озодона бо руҷуъ ба олами ботинии худ бидуни таҳмили ғояи бегона пеш барад. Банди мазкур озодии эътиқодию виҷдонии шахсро пурра кафолат додааст, ки воқеан ҳам яке аз омилҳои хеле қавии таъмини фазои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар кишвар маҳсуб меёбад. Зеро дар ҳолати мавҷуд будани имконияти махфӣ нигоҳ доштани муносибати шахс ба дин дар ҷомеа шароит пайдо мешавад, ки мафкураҳои мухталиф бидуни изҳори табиати худ ҳамзистӣ дошта бошанду бо ҳам муросо намоянд. Мусаллам аст, ки дар чунин шароит омили динӣ имкон пайдо наменамояд, ки барои ҳамзистии мафкураҳои мухталиф монеа эҷод намояд. Идомаи ҳукми қонуни зикршуда дар шакли “Шахс ҳангоми муайян кардани муносибати худ ба дин, ба пайравӣ ё дасткашӣ аз пайравии дин, ба иштирок кардан ё накардан дар ибодати динӣ, дигар расму оин ва маросими динӣ, дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, дар таълими дин маҷбур карда намешавад» талаботи пешинаро комил намуда, шакли олии озодии динии шахсро баён менамояд. Моддаи мазкур аслан ба ҳуқуқу озодии шахс дар муносибат ба дин дахл намуда, таъкид намудааст, ки ин амал пурра хусусияти инфиродӣ дорад ва шахс барои интихобаш дар самти мазкур маҷбур карда намешавад. Моддаи мазкур ба сатҳи баланди таъмини озодии виҷдон дар кишвар далолат намуда, ҳамзамон шароити фаъолияти муросокоронаи ду фарҳанг-фарҳанги дунявӣ ва диниро аз лиҳози қонунӣ ба вуҷуд овардааст.

Дар хусуси ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ ҳарф зада, ҳамзамон бояд қайд намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини мусолиматомези фарҳанги дунявӣ ва динӣ инчунин он омилҳоеро низ, ки ин ҳамзистиро халалдор менамоянд, ба назар гирифтааст. Ба қавли дигар, озодиҳое, ки қонунҳои ҶТ ба шаҳрвандон медиҳанд, набояд омили сар задани мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар гарданд. Барои пешгирӣ намудани ҳолати мазкур дар банди 7-уми моддаи мазкур таъкид шудааст: «Озодии пайравӣ ба дин тавассути қонун дар бораи ҳимояи сохти

конститутсионӣ, тамомияти арзӣ, ҳифзи амният, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ, ҳамчунин ҳуқуқ ва озодии дигар шахсон метавонад маҳдуд карда шавад». Дар робита ба мундариҷа ва ҳадафи қонуни мазкур метавон гуфт, ки дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар кишвар нақши қонуни мазкур низ хеле бузург мебошад. Зеро қонуни мазкур ба он омилҳое, ки чунин ҳамзистиро халалдор менамоянд, монеа гузоштааст. Сониян, аз мундариҷаи қонуни мазкур бармеояд, ки ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ бо талаботи дар қонуни фавқуззикр баёнёфта робитаи зич дорад. Ҳамзистии ду фарҳанг бояд дар шакле ба роҳ монда шавад, ки тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти кишвар, сохти конститутсионӣ, озодиҳои мухталифи дигар шаҳрвандон ва ҳатто саломатию ахлоқи онҳо халалдор нагарданд. Чун ҳамзистии ду фарҳанг маҳсули талаботҳои номбаршуда мебошад, пас ду фарҳанг бояд дар доираи талаботҳои баёншуда арзи ҳастӣ намояд. Ба қавли дигар, қонунҳои мазкур тавассути ба танзим даровардани самтҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамзамон барои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ низ шароит эҷод менамоянд.

Аз матлаби баёнгардида ҳамчунин бармеояд, ки ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ ҳамзамон кафили таъмини сулҳу оромӣ ва фазои дӯстӣ дар байни шаҳрвандони дину мазҳабашон мухталиф ва ё ашхоси бедин низ ба ҳисоб меравад. Эҳтиром намудани арзишҳои динию эътиқодии дигарон бешак пеши роҳи ҳама гуна ихтилофоти ақидавӣ ва хусумату бадбинии миллию мазҳабиро гирифта, заминаи боэътимоди дӯстию бародарӣ, кафили сулҳу осоиш ва шарти ҳамзистии мусолиматомези фарҳангҳои мухталиф, махсусан фарҳанги дунявӣ ва динӣ хоҳад буд. Бо мақсади таъмини ҳадафҳои баёнгардида банди 8-уми моддаи зикршуда эълом медорад: “Барангехтани ҳар гуна кинаву адоват ва низои динӣ, таҳқири ҳиссиёти динӣ ва атеистии шаҳрвандон манъ мебошад». Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки имрӯз дар бисёр нуқоти олами ислом ихтилофҳо маҳз дар заминаи гуногунандешӣ, гуногунмазҳабӣ ва таҳқири ҳиссиёти динии шаҳрвандон сар мезананд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз барои пешгирӣ

намудани ихтилофоти мазҳабӣ ва таъмини ҳамзистии фарҳангҳои гуногунсамт талаботи зикршударо ба тасвиб расонидааст. Қобили зикр аст, ки банди 10-уми моддаи мазкур дар шакли: «Айбдор кардани шахс бо сабаби диндорӣ ё бединӣ ва ё тарки дин манъ аст» банди 8-умро мантиқан пурра намуда, боз ҳам ба таъмини муҳити орому осуда дар кишвар нигаронида шудааст ва бешак шарти таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ маҳсуб меёбанд.

Дар хусуси заминаҳои қонунии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ сухан ронда, дар ин самт масъулияти давлатро махсус таъкид нокардан номумкин аст. Зеро дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" моддаи 5-ум банди 1-ум омадааст, ки "Давлат барои таъмини озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони диндор ва иттиҳодияҳои динӣ шароити мусоид фароҳам меорад". Дар робита ба мавзуи матраҳшаванда профессор С. А. Ахмедов дуруст қайд намудааст, ки "хусусияти дунявии давлат дар соҳаи ҳаёти маънавӣ ҳуқуқу озодии шаҳрвандонро нисбатан пурратар таъмин менамояд. Вай динро кори хусусии шаҳрвандон эътироф намуда, пеш аз ҳама, ҷудоии динро аз давлат дар назар дорад"[263]. Аз ин бармеояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз бо назардошти манфиатҳои шаҳрвандон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо чунин шароити ҳамзистиро ба вуҷуд овардааст. Яъне, сиёсати ҳамзистии фарҳангҳои мухталиф дар ҷомеа мақсаднок, дурандешона ва оқилона сурат гирифта истодааст.

Зарурат ба таъкид аст, ки масъулияти давлат барои таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар зербанди 5-ми қисмати мазкур боз ҳам равшантар ва фаҳмотар баён ёфтааст: "Давлат барои пойдории таҳаммул ва эҳтироми байни шаҳрвандони диндору бедин, байни иттиҳодияҳои динии дину мазҳабҳои гуногун, инчунин байни пайравони онҳо мусоидат менамояд, ба зуҳуроти таассуб ва ифротгароӣ дар

[263] Ахмедов С. А. Светские и религиозные элементы в национальном государстве // Построение доверия между исламистами и секуляристами. – таджикский эксперимент. – Душанбе, 2004. – С.89.

фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ роҳ намедиҳад”. Чуноне ки аз талаботи мазкур бармеояд, давлат шароити ҳамзистии фарҳангҳои гуногунро ба вуҷуд оварда, ҳамзамон барои ҳифзи чунин шароит саъй намуда, ба муқобили омилҳои халалдорсозанда, чун таассуби динию ифротгароии аз ҷониби ашхоси алоҳида ва ё иттиҳодияҳои динӣ сарзананда мубориза мебарад.

Чуноне, ки дида мешавад, низоми дунявии ҷомеа дар баробари фароҳам овардани шароити мусоиди ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ ҳам арзишҳои миллӣ ва ҳам диниро аз ҳама гуна хатарҳои хусусияти ҳам динию ҳам сиёсидошта ҳифз намуда, барои рушди онҳо шароити лозимаро фароҳам меоварад. Дар низоми мазкур, чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, «асли дунявият маънои махсусро пайдо менамояд. Шахс баъди муайян намудани диёнати худ хоҳ ба танҳоӣ ва ё хоҳ як ҷо бо диндорон наметавонад масъулияти умумиҷамъиятӣ ва умумиинсониро фаромӯш намояд. Иттиҳодияҳои динӣ ва ҳизбҳои сиёсии характери динӣ дошта низ наметавонанд аз ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон сӯистифода намоянд»[264]. Пешвои миллат воқеан ҳам дуруст ва хеле зарифона маънои махсус пайдо намудани дунявиятро таъкид намудаанд. Бидуни тардид мафҳуми “дунявият” дар зери таъсири равандҳои мухталифи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию иқтисодӣ аз лиҳози мундариҷа васеъ мегардад, хусусияту зуҳуроти нав касб менамояд. Мусаллам аст, ки муҳити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳитҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии дигар кишвпрҳои ҷахон комилан фарқ менамояд ва сабаби вижагиҳои хосаш ба мундариҷаи мафҳуми “дунявият” маънои навро ворид намудааст.

Яке аз шартҳои таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар кишвари мо, чуноне ки аз гуфтаҳои Пешвои миллат бармеояд, дар он ифода меёбад,  ки шахс новобаста аз диндории худ аз масъулиятҳои умумиҷамъиятию умумиинсонӣ дар канор буда наметавонад. Вай барои

[264] Эмомалӣ Раҳмон. Эмоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ. Душанбе – 2009. - С. 29.

тамоми бурду бохти кишвар масъул аст. Бинобар ин, ӯро зарур мегардад, ки бахри рушду тавсеа ёфтани арзишҳои умумиинсонӣ талош намояд.

Таҳлили бандҳо ва моддаҳои алоҳидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба чунин андеша меорад, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми масъалаҳои ба дин алоқаманд озодӣ ва хушбахтии заминии аҳли ҷомеаро арзиши олитарин маҳсуб дониста, барои ноил шудан ба он принсипи дунявиятро қутбнамои марказӣ муқаррар намудааст, ки он ҳамзамон оқилона ва одилона ба танзим даровардани ҳаёт ва фаъолияти зиндагии мардумро ҳамчун ҳадафи асосӣ дар назар дорад. Пас, дунявият ҳам шароит ва ҳам василаи таъмини хушбахтии заминии мардум ба ҳисоб меравад.

Ҷанбаи муҳими низоми дунявӣ, чуноне ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, дар он ифода меёбад, ки «муносибати давлат бо иттиҳодияҳои динӣ дар асоси принсипҳои ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлат, ба корҳои давлат мудохила накардани ташкилотҳои динӣ, озодии фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар доираи қонунгузориҳои ҷорӣ»[265] ба роҳ монда мешаванд. Аз талаботи мазкур набояд чунин бардошт ҳосил гардад, ки дин ба давлат ё давлат ба дин муқобил гузошта шуда бошанд. Онҳо муқобил нестанд, онҳо танҳо бояд тибқи вазифа, таъинот ва мақоми худ фаъолият намоянд. Давлат ташкилоти сиёсиест, ки идоракунии ҷомеаро дар қаламрави муайян ба ухда дорад. Барои дуруст идора намудани ҷомеа давлат вазифадор мегардад, ки фаъолияти тамоми ниҳодҳоро дар ҳудуди кишвари муайян ба танзим дарорад. Чун дин ниҳодест, ки ҳадафи асосии он ибодати Худост, пас бояд маҳз ҳамин ҳадафро пайгирӣ намояд. Чун ҳадафи дин ва ҳадафи давлат аз ҳам ҷудо мебошанд, пас дин ва ташкилотҳои динӣ ҳамчун ниҳоди тобеи давлат на бояд ба корҳои он дахолат намоянд. Зеро фаъолияти давлат ҷанбаҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангию иҷтимоии хосеро шомил мебошад, ки онҳо бо тағйирёбию пешрафти ҷомеа тағйир хоҳанд ёфт. Дар

[265] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. – Душанбе: “Ганҷ-нашриёт”, 2018. - С. 318.

ҳолате, ки дин бо таълимоти худ хусусияти тағйирнопазир ва устувор дошта, ҷавобгӯи навгониҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии замони нав нест. Аз ин рӯ, ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлат барои ҳар ду ниҳод як амри ногузир ва муфид маҳсуб ёфта, кафили ҳамкориҳои самарабахши онҳо маҳсуб меёбад. Ҳамчунин талаботи «озодии фаъолияти ташкилотҳои динӣ дар доираи қонунгузории ҷорӣ» низ ба хотири фароҳам овардани шароити хуб ва созанда барои ҳамзистии фарҳангҳои динию дунявӣ, таъмини шароити созандаю инсонпарварона барои мардум, пешгирӣ намудани воридшавии ҳама гуна андеша ва афкори ифротӣ сурат мегирад. Яъне, ин ҷо дар зери ифодаи «озодии фаъолияти ташкилотҳои динӣ дар доираи қонунгузории ҷорӣ» низ мақсади давлат баъд аз ҳифзи сулҳу салоҳ дар кишвар, таъмини ҳуқуқу озодиҳои динии мардум боз ҳифзи арзишҳои пок ва созандаи динӣ аз таъсири андешаҳо, таълимотҳо ва ғояҳои ифротии ташкилотҳои хатаровари динсурат, ки ҳадафашон коштани тухми тафриқаю низоъ ва ангехтани ихтилофи мазҳабӣ дар байни аҳли ҷомеа аст, маҳсуб меёбад. Аз ин нуқтаи назар, талаботи мазкур низ барои таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявию динӣ нигаронида шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар қатори санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии номбаршуда инчунин Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин низ барои таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ нигаронида шудааст. Консепсияи мазкур дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистион “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” таҳия шуда, мантиқан такмил ва идомабахши онҳо маҳсуб меёбад. Ба таври мисол дар банди 3-юми Консепсия таъкид шудааст: “Сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин дар пояи ғояҳои дунявӣ, озодии виҷдон, озодии пайравӣ ба дин, гуногунандешии динӣ, таҳаммулпазирию эҳтиром ба тамоми дину мазҳабҳо ва баробарии пайравони тамоми динҳо дар назди қонун амалӣ карда мешавад”. Ҳадафҳои Консепсия бо мақсади таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар банди 4-уми он боз ҳам равшантар ва дақиқтар бо муҳтавои зерин баён ёфтааст: “Ҳадафи асосии

Консепсия муқаррар намудани дурнамои дарозмуҳлат ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои динии инсон ва шаҳрванд, рушди пояҳои давлати дунявӣ, густариши таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба тамоми дину мазҳабҳо, таъмини амният ва ҳамдигарфаҳмиву ризоият дар фазои динии кишвар мебошад". Чуноне, ки аз бандҳои мазкури Консепсия бармеояд, ҳадафи санади мазкур низ таъмини фазои осоиштаю ором, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ҳамзистии мафкураҳои гуногунҳадаф маҳсуб меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки барои таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар кишвар бандҳои алоҳидаи моддаи 8-уми боби 2-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар" низ нигаронида шуда, дар ин самт, яъне дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ то андозае саҳмгузор мебошанд.

Хулоса, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосии кишвар, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" ва Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин дар умум барои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам оварда, василаи асосии таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва кафили боэътимоди сулҳу осоиш дар ҷомеа маҳсуб меёбанд.

### 4.3. Вижагиҳои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон

Имрӯз ҷомеаи башарӣ дар асри 21 қарор дорад ва ҷои шубҳае нест, ки дар дилхоҳ ҷомеаи имрӯза ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ заруратест, ки ягон шакли инкори он вуҷуд надорад. Зеро агар ҷомеаҳо фарҳанги динии худро чун мероси гузаштагон ва тақлиди анъанаҳои шахшудамонда ва устуворгардида ҳифз карда бошанд, пас, пайравӣ аз фарҳанги дунявӣ чун қонунияти ногузире баромад менамояд, ки рушди ҳатмии ҳама гуна ҷомеаро тибқи қонунҳои инкишофи ҷомеа дар назар дорад. Аз ин нуқтаи назар ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар

ҷомеаҳои имрӯза маҳсули равандҳои таърихии инкишоф буда, моҳиятан объективона сурат мегиранд. Ҳамин аст, ки дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳамзистии ду фарҳанги баёншударо бараъло мушоҳида менамоем. Агар ҷомеа динӣ бошад, онро аз пайравӣ аз арзишҳои дунявӣ ҷои гурез нест ва агар ҷомеа дунявӣ бошад ҳам, қисмате аз аҳли ҷомеа ногузир пойбанди фарҳанги динӣ хоҳанд буд.

Новобаста аз ҳукми ногузирии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаҳои имрӯза ҳамзистии ду фарҳанги баёншуда дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дорои баъзе вижагиҳои хос мебошад, ки муҳимтарини онҳо иборатанд аз:

- роҳнамоӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон;
- доштани заминаи ҳуқуқии боэътимод;
- дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ такя ба таълимоти башардӯстона ва ақлгароёнаи Имоми Аъзам;
- муқовимат ва муборизаи ҷиддӣ бар муқобили равандҳои сиёсисозии ислом ва ифротгароии динӣ ҳамчун омили халалдоркунандаи ҳамзистӣ;
- ба роҳ мондани ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар зерматни ҳифзи фарҳанги миллӣ;
- иҷтиноб аз тақлиди кӯр-кӯронаи фарҳанги ғарбӣ ва бартарият додан ба дунявияти аслан миллӣ;
- бунёди модели тоҷикии дунявият.

Дар робита ба вижагии аввал, яъне роҳнамоӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ таъкид менамоем, ки асоси ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон маҳз дар сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифода меёбад. Яъне, бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ҳимоя аз дину арзишҳои динӣ шоҳсутуни сиёсати дохилии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил менамояд. Чун дар зербоби аввал доир ба нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ,

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумот додем, ин ҷо аз шарҳи ин вижагӣ худдорӣ менамоем.

Ба ҳамин монанд аз шарҳи вижагии дуюми ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, яъне заминаи ҳуқуқии боэътимод барои ҳамзистӣ низ худдорӣ менамоем, зеро мавзӯи мазкур дар зербоби дуюм мавриди баррасии махсус қарор гирифтааст. Инҷо танҳо бо ҳамин нукта иктифо менамоем, ки дар замони ҳукмронии ҳокимияти шуравӣ сокинони кишвар аксаран тарзи ҳаёти дунявӣ мебурданд. Профессор С.А.Ахмедов ба бунёди давлати миллӣ дар Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дахл намуда, дуруст таъкид месозад, ки "вижагии дунявӣ ҳамчунин яке аз принсипҳои асосии бунёди давлати миллӣ буд. Ба ин ҳамчунин чунин ҳолат мусоидат намуд, ки аксарияти асосии аҳолӣ дар замони ҳокимияти советӣ ба тарзи дунявии давлат одат карда буд"[266]. Воқеан ҳам тарзи зисти аксаран дунявӣ дар замони шуравӣ барои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар замони соҳибистиқлолӣ заминаи хуб муҳайё намуда буд.

Дар робита ба вижагии сеюм - такя ба таълимоти башардӯстона ва ақлгароёнаи Имоми Аъзам дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ қайд менамоем, ки таълимоти Имоми Аъзам дар муқоиса ба таълимоти дигар пешвоёни мазҳабҳои исломӣ ҳам хусусияти дунявӣ ва ҳам ақлгароёнаю башардӯстона дорад. Зимни таҳқиқи ҷиддии таълимоти Имоми Аъзам барои мутахассиси огоҳ дарк намудан душвор нест, ки таълимоти ин абармарди тоҷиктабори дини ислом, ки дар ҷомеаи мо ба он эҳтироми хос қоил ҳастанд, дар баробари ҷанбаи таҳаммулпазирӣ аз талаботҳои принсипи дунявият низ баҳраманд мебошад. Барои собит намудани матлаби баёнгардида бояд ёдовар шуд, ки тибқи ақидаи муҳаққиқон дар мавриди аҳкоми шаръӣ дар ислом аз рӯзи аввал ду ақида вуҷуд доштааст. Тибқи ақидаи аввал аҳком ҳама аҳкоми тааббудиянд, яъне

[266] Ахмедов С.А. Светские и религиозные элементы в национальном государстве // Построение доверия между исламистами и секуляристами. – таджикский эксперимент. – Душанбе, 2004. – С.96.

дар он ҳеҷ гуна асрор ва маслиҳат(ба маънои манфиат) вуҷуд надорад. Масалан, шаробхӯрӣ ва фисқу фуҷур ба хотири он амали нописандида ҳисобида мешаванд, ки шариат онҳоро мамнуъ эълом доштааст ва хайру закот ба хотири он амали нек ҳисобида мешаванд, ки шариат онҳоро таъкид намудааст, варна ин аъмол дар табиати худ нек ё бад намебошанд. Имом Шофеӣ маҳз ҳамин ақидаро дастгирӣ менамояд. Дар баробари ин боз ақидае вуҷуд дорад, ки тамоми аҳкоми шариат дар заминаи масолеҳ (манфиатҳо) бунёд ёфтаанд. Маслиҳат ва ғоят(ба маънои ҳадаф, мақсад) - и тамоми масъалаҳои муҳим дар Қуръон зикр шудаанд ва Қуръон низ ба муқобили кофирон чунин тарзи далеловариро истифода мебарад. Аз ҷумла, дар бораи маслиҳати намоз дар Қуръон гуфта мешавад: “Аз аъмоли фаҳш ва нописандида бозмедорад», дар бораи манфиати рӯза мегӯяд: «Эҳтимол парҳезгор шавед». Муҳаққиқи таълимоти Абӯҳанифа Шиблии Нуъмонӣ менависад, ки «мазҳаби Имом Абӯҳанифа ҳам ҳамин аст ва ин усул дар масоили фиқҳии ӯ риоят гардидааст ва дар асари ҳамин аст, ки фиқҳи ҳанафӣ комилан бо ақл ва мантиқ мутобиқат дорад». Ба ақидаи муҳаққиқи мазкур «ин иддаоро, ки мазҳаби Имом Абӯҳанифа бо ақл мувофиқат дорад, пайравони мазҳаби шофеӣ ва дигарон ҳам мункири он нестанд. Зеро дар назди онҳо аҳкоми шаръӣ, хусусан ибодат ҳар қадар аз ақл дур бошад, ба ҳамон андоза далолат бар сиҳҳат ва хубии он дорад. Имом Розӣ дар баҳси закот навиштааст, ки «Мазҳаби Имом Шофеӣ нисбат ба мазҳаби Имом Абӯҳанифа саҳеҳтар аст ва иллати он ин аст, ки мазҳаби Имом Шофеӣ аз ақл ва қиёс ба дур аст»[267].

Аз маълумотҳои боло бидуни шак на танҳо ақлгароию таҳаммулпазирии таълимоти Абӯҳанифа собит мегардад, балки ҷанбаи дунявии ӯ низ ба зоҳир мерасад. Вақте Имом Абӯҳанифа дар ҳар як аҳкоми шаръӣ асрор ва маслиҳатеро мебинад, пас ин амал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вай омили дунявиро сарчашмаи аҳкоми шаръӣ маҳсуб медонад. Яъне, ҳар

[267] Афкор ва рӯзгори Имоми Аъзам аз нигоҳи муҳаққиқон. Ба кӯшиш ва таҳияи Ҷаъфар Ранҷбар. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – С. 259.

як амал вобаста ба нафънокӣ ва зарарнокии худ бояд мавриди хукм қарор гирад. Дар заминаи манфиатҳо бунёд ёфтани аҳкоми шаръӣ ҳамзамон маънои онро дорад, ки шариат бояд манфиатҳои аҳли ҷомеаро ифода намояд. Дар акси ҳол он зарурат ва ногузирии худро аз даст медиҳад. Пас, дин ва шариат бояд барои ҷомеа бошанд, на ҷомеа барои дин ва шариати он. Ҳамин тавр, Имом  Абӯҳанифа манофеи аҳли ҷомеаро дар мадди аввал гузошта, ба таълимоти хеш хусусияти дунявӣ мебахшад. Аз дидгоҳи мазкури ӯ  чунин хулоса ҳосил мегардад, ки агар манофеи ҷомеа муайянкунанда бошанд, ва онҳо бо дигаргун гардидану  ба пешрафт ноил шудани ҷомеа тағйир ёбанд,  пас аҳкоми шаръии бар асоси манофеъ бунёдёбанда низ бояд тағйир ёбанд. Яъне, аҳкоми шаръӣ наметавонанд муддати дароз бетағйир боқӣ монанд. Чун масолеҳу асрор тағйир ёфт, аҳкоми шаръӣ низ бояд тағйир ёбанд. Ҳамин тариқ, Абӯҳанифа дар асоси масолеҳ ва асрор бунёд ёфтани аҳкоми шаръиро мантиқан ва ба таври муътамад асоснок намуда, хусусияти дунявӣ доштани таълимоти худро сареҳатан ба маъраз мегузорад.

Бидуни тардид дар асоси таҳлилу баррасии ҷиддӣ ва амиқи таълимоти Имоми Аъзам ба чунин хулоса хоҳем расид,  ки вай аллакай 1200 сол пеш зимни ташаккул додани таълимоти хеш доир ба баъзе аз масоили иҷтимоӣ маҳз манфиатҳои аҳли ҷомеа, ба қавли дигар манофеи як инсони мушаххаси ҷамъиятиро  маҳак қарор дода, сатҳи баланди ақлгароию таҳаммулпазирии таълимоти хешро ба маъраз гузоштааст.

Ҳамин тариқ, хусусияти дигари барҷаста ва муҳими ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар кишвари мо пайрави аз мазҳаби таҳаммулгарои Имоми Аъзам аст, ки модели тоҷикии дунявиятро мепазирад ва бо он ба хубӣ ҳамзистӣ менамояд. Хусусияти характерноки таълимоти Имоми Аъзамро Пешвои миллат дар мақолаи ба таҳқиқи таълимоти ӯ бахшидааш ба таври зер ифода намудааст: «Имом Абӯҳанифа бо нубуғ ва заковати фитрии хеш ба дурустӣ дарёфт, ки урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ метавонанд сарчашмаи муассири танзими зиндагӣ ва

умуман иҷтимоиёти мардум гарданд. Ин арзишҳо ҳосили таҷрибаи тӯлонӣ буда, дар масири таърих бо заковату хиради инсон ва таҳаммулпазирии иҷтимоӣ такмил ёфтаанд. Табиист, ки мазмуни таърихӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳо мураккаб ва зиддиятнок аст. Онҳо дар мафкураи таърихӣ ва ҷаҳоншиносии иҷтимоии миллату халқиятҳо мақоми боарзишеро соҳиб мебошанд»[268]. Агар ба мундариҷаи суханони Пешвои миллат дақиқтар таваҷҷуҳ намоем, вай дар баробари арҷгузорӣ ба қудрати фитрӣ ва саҳми бузурги Имоми Аъзам дар ташаккули фарҳанги динӣ, ҳамзамон ба ҳамзистии фарҳанги динӣ ва дунявӣ ишора намудаанд. Воқеан ҳам Пешвои миллат хеле дақиқ ва заковатмандона дарёфтаанд, ки урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ, ки дар таълимоти фиқҳии Имоми Аъзам мақоми муайянеро дар танзими афъоли динии мусулмонон шомил мебошад, маҳсули таҷрибаи тӯлонии таърихӣ буда, тавассути заковати мардум мукаммал гардидаанд.

Чуноне, ки зикр намудем, яке аз вижагиҳои муҳим ва шарти зарурии таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон муқовимат ва муборизаи ҷиддӣ бар муқобили равандҳои сиёсисозии ислом ва ифротгароии динӣ ҳамчун омили халалдоркунандаи ҳамзистии мазкур маҳсуб меёбад.

Миллати тоҷик натиҷаи фалокатбори сиёсисозии исломро ҳам дар таҷрибаи худ дар тӯли солҳои ҷанги таҳмилӣ ва ҳам дар таҷрибаи иддае аз кишварҳои мусулмоннишин дид ва боварӣ ҳосил намуд, ки сиёсисозии ислом моҳиятан бо табиати дин ҳеҷ робитае надорад. Раванди мазкур лоиҳае маҳсуб меёбад, ки тарроҳони бурунмарзӣ ба хотири пиёда намудани аҳдофи геополитикии худ  дар дилхоҳ гӯшаи замин бо истифода аз дини ислом ба нақша мегиранд. Дар робита ба ин масъала муҳаққиқи дақиқбин С. Ятимов ба маврид таъкид намудааст, ки “бозингарони геополитикӣ талош меварзанд, ки теъдоди ками кишварҳо аз шакли давлатдории клерикалӣ дур шаванд, бахусус дар нимкураи шарқӣ – мамлакатҳои мусулмоннишин. Барои нигоҳ доштани  сатҳи баланди диндорӣ дар

[268]Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «Эр-Граф», 2016, - С. 163.

кишварҳои мавриди назар дастурҳои махсуси сиёсати хориҷӣ ҷой дорад"[269]. Ҳадафи асосӣ аз сиёсисозии ислом, ки доираҳои махсуси бурунмарзӣ дар кишварҳои мусулмоннишин мехоҳанд роҳандозӣ намоянд, коштани тухми нифоқ ва тафриқа дар байни аҳли ҷомеа ва бо ин роҳ бо сӯиистифода аз парешонию парокандагии миллату давлат пиёда намудани ҳадафҳои геополитикӣ ва ғорат намудани сарватҳои ғании кишварҳо маҳсуб меёбад. Мантиқи чунин сиёсатро сиёсатшиноси нуктасанҷ С.Ятимов хеле воқеӣ шарҳ додааст: "Барои чӣ ба дигар халқу миллатҳо имкон дода шавад, ки дар сулҳу субот зиндагӣ ба сар баранд, вақтро сарфаи инкишофи илму азхудкунии технологияҳои нав намоянд, аз ҷиҳати дониш ба миллати рақиб табдил ёбанд ва ҳамин тариқ ба бозигарони идоранашавандаю мустақили геополитикӣ табдил ёфта, дар танҳоӣ захираҳои табииашонро аз худ намоянд?"[270] Воқеан ҳам, иддае аз нерӯҳои сиёсии бурунмарзӣ манфиатдор ҳастанд, ки барои гирифтани пешрафт ва рушд дар дигар кишварҳо ва дар зери таъсир ва вобастагӣ нигоҳ доштани онҳо омили хеле қаввӣ ва муассир – дини исломро истифода баранд. Дастгирии ҷанбаҳои ифротии таълимоти исломӣ имкон медиҳад, ки дар кишварҳои мусулмоннишин даргириҳои қавмию мазҳабӣ сар зананд ва аҳли ҷомеаро аз илму маърифат дур андохта, раванди инкишофро дар ин манотиқ ба даҳсолаю садсолаҳо ба қафо партоянд. Бинобар ин, "давлати навини тоҷикон ба хотири амну субот ва ваҳдати мардуми кишвар, ҳарчанд ягон мафкура, аз ҷумла диниро ба ҳайси мафкураи расмӣ намепазирад, вале он бо ҳамин васила барои рушди дин ҳамчун як ҷузъи фарҳанги миллӣ заминаи ҳуқуқӣ омода месозад, ба афзун гардидани нақши фарҳангӣ-ахлоқии он дар ҷомеа мусоидат мекунад, зуҳури ақидаҳои динӣ-ифротӣ ва нақши "исломи сиёсиро дар фазои динӣ-сиёсӣ" маҳдуд мекунад, ки яке аз омилҳои муҳими пешгирӣ аз ифротгароии динӣ мебошад"[271].

---

[269] Ятимов С. Идеология ва манфиати миллӣ// С. Ятимов Асарҳо. Ҷилди 7. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 22.
[270] Ҳамон ҷо; - С. 23.
[271] Баротзода Ф., Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф». 2017. – С. 19.

Ҳамин тавр, дар ҷомеа роҳандозӣ намудани ифротгароии динӣ низ чун сиёсисозии ислом барои ҳамзистии фарҳанги дунявию динӣ оқибати фоҷиабор дорад. Яъне, вай на танҳо аз лиҳози назариявӣ мушкилзост, балки амалан пеши роҳи ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро мегирад. Ба таври мисол аз тарафи ифротиҳо интишор додани шарҳи нодурусти "тавҳид" ва дар заминаи он тоғут ҳисобидани ҳам низоми идоракунӣ, ҳам қонунгузории дунявӣ ва ҳам роҳбарон барои омода намудани нерӯи исёнгар аз байни мардум бар зидди низоми дунявии ҳукмрон нигаронида шудааст ва ҳадафи он ҷуз коштани тухми низоъ дигар чизе нест.

Бо назардошти таҳдиди хатарноки равандҳои сиёсисозии ислому пешгирӣ намудани тавсеаёбии ифротгароии динӣ дар ҷомеа такя намудан ба таълимоти таҳаммулгароёна ва мусолиматомези Имоми Аъзам хеле ба маврид арзёбӣ мегардад. Нерӯи азими зиддиифротӣ доштану воситаи боэътимоди ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ будани таълимоти Имоми Аъзамро, пеш аз ҳама, Пешвои миллат дарк намуданд ва онро ба таври зер ифода намуданд: «Имрӯз дар кишвари мо ба шарофати истиқлолият арзишҳои ахлоқии имониву динӣ мақому манзалати хоса пайдо кардаанд. Мо ин арзишҳоро чун мазҳари ваҳйи Илоҳӣ ва улуми Раббонӣ сарчашмаи мусаффои ахлоқи ҳамида, василаи муассири тарбияи наслҳо ва чароғи раҳнамои худогоҳиву худшиносии мардум мешуморем. Ин аст, ки мо дар баробари ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ масъулияти худро дар самти нигоҳдории покиву асолати арзишҳои динӣ ва дар айни замон пешгирӣ кардани ҳар гуна зуҳуроти ифротгароии динӣ эҳсос мекунем. Ин роҳро мо аз мактаби гузаштагони некному бузургамон, аз ҷумла, пири мазҳабамон – Имоми Аъзам омӯхтаем»[272]. Воқеан ҳам дар заминаи суханони мазкури Пешвои миллат хусусияти дигари ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ барои мо ошкор мегардад, ки он дар «нигоҳдории покиву асолати арзишҳои динӣ ва дар айни замон пешгирӣ кардани ҳар гуна зуҳуроти ифротгароии динӣ» ифода меёбад. Пешвои миллат комилан дуруст таъкид намудаанд, ки арзишҳои ахлоқии динӣ "сарчашмаи мусаффои ахлоқи

[272] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «Эр-Граф», 2016, - С.187.

ҳамида, василаи муассири тарбияи наслҳо ва чароғи раҳнамои худогоҳиву худшиносии мардум” маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, ҳифз намудани онҳо аз ҳама гуна зуҳуроти ифротгароии динӣ хеле муҳим ва тақдирсоз мебошад. Ҳифз накардани арзишҳои динӣ-мазҳабӣ воқеан ҳам боиси тавлиди андешаҳои ифротии динӣ, ташаккули шахсиятҳои бегонапарасту миллатситез ва таҳдиди ҷиддӣ ба фарҳанг ва ҳувияти миллӣ хоҳад гардид. Аз ин рӯ, Пешвои миллат тамоми қишри миллатдӯсту меҳанпарасти ҷомеаро барои ҳифзи арзишҳои динӣ аз таъсири андешаҳои ифротии динӣ масъул маҳсуб медонанд. Зеро имрӯз ифротгароии динӣ дар кишварҳои мухталифи асосан мусулмоннишин реша давонда, то андозае ба кишвари мо низ роҳ ёфтааст. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки ифротгароии динӣ ҳамчун бемории сirояткунанда тез интишор меёбад ва тадриҷан динҳои суннатиро заҳролуд гардонида, тавассути онҳо пояҳои давлати миллиро заиф гардонида, ахиран нобуд мегардонад. Низоми дунявии ҷомеа бошад, дар муқобили ин харобкориҳои андешаҳои ифротии динӣ дини анъанавии расмиро ҳимоя намуда, ҳамзамон пояҳои давлати миллиро нерӯ мебахшад. Дар ин замина низ боз ҳам ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат мебошад, ки гуфтаанд: «Давлатдории миллиро бе ин асос тасаввур кардан мумкин нест, дар такя ба ин асл мо метавонем сохтори ҷамъиятӣ, истиқлолият ва амнияти миллиро таъмин намоем, арзишҳои миллиро ҳифз намуда, барои инкишофи минбаъдаи давлати Тоҷикистон заминаҳои мусоид фароҳам созем»[273].

Яке аз хусусиятҳои муҳими ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон ба роҳ мондани ҳамзистии мазкур дар зерматни ҳифзи фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбад. Дар робита ба мавзӯи матраҳшаванда бояд тазаккур дод, ки миллат умумияти этникист, дар ҳолате, ки дин умумияти эътиқодист. Маҳз чунин тафовут дар таносуби онҳо то андозаи муайян таъсиргузор мебошад. Дин ҳамчун умумияи эътиқодӣ бо такя ба эътиқоди мардум марзҳои этникиро убур менамояд ва ҳатто дар бисёр ҳолатҳо арзишҳои фарҳанги миллиро нодида мегирад ва ё

[273]Эмомалӣ Раҳмон. Эмоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ. Душанбе-2009. – С. 29.

онҳоро ба арзишҳои бунёдии динӣ мухолиф арзёбӣ намуда, инкор менамояд. Дар ҳолате, ки миллат ҳамчун умумияти этникӣ маҳсули зинаи муайяни рушди ҷомеа аст ва мақому манзалаи фарҳанги миллӣ ва эҳсоси зарурати ҳифзи он аз сатҳи рушди моддии аҳли ҷомеа, махсусан дарки манфиатҳои умумӣ ва худшиносию худогоҳии ҳар фарди миллат вобастагӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар таносуби онҳо аз сатҳи рушди ҷомеа вобастагии зич дорад. Ба ҳамон андозае, ки аҳли ҷомеа қафомонда ва эътиқодӣ бошад, ба ҳамон андоза арзишҳои динӣ соҳибнуфуз гардида, доираи густариши арзишҳои миллиро танг менамоянд. Ва баръакс ҷомеаи пешрафта дунболи арзишҳои миллӣ роҳ гирифта, арзишҳои диниро чун мероси аҷдодон дар ҳошия қарор медиҳад.

Бо назардошти он ки дини ислом дини космополитикист, яъне фаромиллист, вай дар худ имконият ва қудрати фарохи фурӯ бурдани ақаллиятҳои миллиро дорад. Дар тӯли таърих вай ин қудрати худро дар нисбати забонҳои миллии Сурия, Миср, Тунис, Ливия ва ғайра амалан нишон дод. Яъне дини ислом на танҳо унсурҳои эътиқодии ин кишварҳо ва бисёр кишварҳои мусулмонии дигарро ба нестӣ бурд, балки унсурҳои фарҳанги миллӣ, пеш аз ҳама забони онҳоро ба фаромӯшӣ супурд. Чунин таҳдид дар тӯли таърих дар нисбати унсурҳои фарҳанги миллии мардуми тоҷик вуҷуд дошт ва имрӯз низ вуҷуд дорад. Хушбахтона, таҳдиди мазкур имрӯз хеле заиф гардонида шудааст.

Сиёсати хирадмандона ва фарҳангдӯстонаи роҳбарияти олии кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фазои созанда ва фарҳангпарваронае эҷод намуд, ки дар он ҳам фарҳанги динӣ ва ҳам фарҳанги миллӣ чун шакли зуҳури фарҳанги дунявӣ ба тavри ногузир ҳамзистӣ менамоянд. Агарчанде имрӯз баъзан таҳдиду муборизаҳо бар зидди баъзе унсурҳои фарҳанги миллӣ, чун Наврӯз, Сада, Меҳргон аз тарафи баъзе пешвоёни мутаассиби дин мушоҳида мегардад ва ҳатто то андозае зеҳни бархе аз аҳли ҷомеаро осебпазир низ сохтааст, бо вуҷуди ин аҳли ҷомеа бар зидди ин равандҳои номатлуб мубориза бурда, аз арзишҳои волои фарҳанги миллӣ дифоъ карда истодааст.

Бинобар ин, муҳити динӣ-миллии ҷомеаи мо имрӯз чуноне шакл гирифтааст, ки онҳо набояд ба муқобили ҳамдигар мубориза бурда, яке дигареро истисно намоянд, балки ҳамдигарро таҳаммул намуда, дар ҳамзистӣ бояд рушд кунанд. Дар робита ба ин ҳамзистӣ бояд тазаккур дод, ки фарҳанги миллии мо хусусияти созандагӣ ва инсонпарварона дошта, табиати зиддидинӣ надорад. Баръакс, ҷанбаҳои инсондӯстона ва фаромилии фарҳанги миллии ҷомеаи мо ба вай имкон медиҳанд, ки ҳудуди аслан миллии худро убур намуда, дар доираи фарҳангҳои ғайр низ ҷойи худро ёбад, ки ин ҷо дини ислом истисно нест. Чуноне, ки имрӯз воқеият нишон медиҳад, чунин ҷашнҳои комилан миллии мо, мисли Наврӯз, гуштигирӣ, бузкашӣ ва ғайра то андозае тобиши исломӣ касб намудаанд.

Дар заминаи гуфтаҳои мазкур ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки арҷгузорӣ ба фарҳанги миллӣ аҳамияти дунявӣ дошта, моҳиятан, агарчанде бар зидди дине нигаронида нашудааст, вай мақоми яккаҳукмронии динро дар фазои фарҳангӣ заиф мегардонад. Зеро дин тамоми миллатҳоро зери шиори ягонаи тавҳид ҷамъ оварда, унсурҳои фарҳанги миллиро нолозим ва ҳатто халаловар арзёбӣ мекунад. Аз ин нуқтаи назар ҳифз ва арҷгузории  фарҳанги миллӣ имкон фароҳам меоварад, ки дин худро ба шароити нав мутобиқ созад.

Воқеан ҳам имрӯз таҷлил гардидани ҷашни миллии Наврӯз, Меҳргон, Сада ва барпо гардидани мусобиқаҳои варзишии гуштигирию бузкашӣ ҳамчун чорабиниҳои пурра хусусияти дунявидошта динро водор кардааст, ки баъзе принсипҳои худро нодида гираду бо фарҳанги нав ҳамзистӣ намояд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо дар мавсими ҷашни Наврӯз дар масҷидҳо баъд аз хӯрок қироат намудани ояте аз Қуръон аст. Ба ҳамин монанд мусобиқаҳои варзишӣ низ бо руҷуъ ба “кӯмак”-и Худо ва ё ҳамду сано ба он баъди пирӯзӣ сурат мегирад.

Дар робита ба матлаби баёншуда месазад, ки талошу кӯшишҳои дингароёни ифротиро, ки бо ҳар роҳ мехоҳанд динро ба фарҳанги миллӣ муқобил сохта, унсурҳои фарҳанги миллиро нобуд созанд, ба таври мисол зикр намуд. Ба ҳамагон маълум аст, ки дингароёни ифротии бурунмарзӣ ва

дар зери таъсири онҳо иддае аз дингароёни дохилӣ имрӯз кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд, ки дар кишвари мо ҷашни миллии Наврӯз ба таври зарурӣ таҷлил нагардад. Онҳо Наврӯзро ба дини тоисломӣ марбут донистa, онро василаи дурравӣ аз ислом ба қалам медиҳанд. Бинобар ин, дингароёни мутаассиб таҷлили ҷашни Нарӯзро ҳаром ва таҷлилкунандагонро берун аз ислом арзёбӣ мекунанд.

Аммо ҳама гуна муҳит: чӣ муҳити динӣ, чӣ сиёсӣ ва чӣ фарҳангӣ аз тарафи инсон сохта мешавад. Чун имрӯз роҳбари давлат, Пешвои миллат Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ҳифзи арзишҳои динӣ аз фарҳанги миллӣ низ дифоъ менамояд, ва қисми бофарҳангу мутамаддини ҷомеа низ барои ҳифзи фарҳанги миллӣ талош меварзанд, динро аз мутобиқшавӣ ба муҳити нав чора нест. Вай маҷбур аст, ки фарҳанги миллиро пазируфта, ҳамзистиро бо он пеша намояд. Чуноне, ки дин ва амалияи динӣ имрӯз аз амалияи динии сад ё дусадсола пеш фарқ намуда, ба муҳити нав – муҳити илму технологияи ҷадид ва фарҳанги зисти муосир мутобиқ шудааст, ҳамин тавр вай ба арзишҳои фарҳанги миллӣ низ мутобиқ гардида, ночор бо он низ ҳамзистӣ менамояд.

Дар хусуси ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон сухан ронда ҳамзамон қайд менамоем, ки дунявияти ҷомеаи мо хусусияти миллӣ дошта, аз тақлиди кӯр-кӯронаи фарҳанги ғарбӣ орӣ аст. Дунявияти Ғарб дар бисёр самтҳои ҳаёти ҷомеа дорои баъзе вижагиҳост, ки ба дунявияти хусусияти миллӣ доштаи ҷомеаи мо мувофиқат намекунад. Махсусан, масъалаҳои танҳо ба фарҳанги ғарби хоси масъулияти байниҳамдигарии зану шавҳар, тарбияи фарзанд, тарзи либоспӯшии аз ҳад зиёд либералии духтарону писарон, муносибат ба волидайн, ҳамҷинсгароӣ ва ғайра аз ҷумлаи масоиле маҳсуб меёбанд, ки дар ҷомеаҳои дар заминаи арзишҳои миллӣ рушднамоянда наметавонанд қабули ҳамагон бошад. Дуруст аст, ки доир ба масоили зикршуда аҳли ҷомеаи мо низ озоданд ва озодиро арҷгузорӣ менамоянд. Аммо фарҳанги дар давоми асрҳо шаклгирифта, ки имрӯз низ арзиш ва волоияти худро собит менамояд ва бо он аҳли ҷомеа мефахранд, вижагии хоси дунявияти

ҷомеаи моро ташкил менамояд. Махсусан, масъалаҳое, чун эҳтиром ва бузургдошти волидон, меҳмоннавозӣ, дасткушодию саховатпешагӣ, риояи талаботи шарму ҳаё ва иффат дар муносибати байниҳамдигарии зану мард, тарзи либоспӯшии хусусияти миллӣ дошта ва ғайра аз ҷумлаи масоиле мебошанд, ки вижагии хоси фарҳанги дунявии ҷомеаи моро ба маъраз мегузорад ва василаи хуб ва боэътимод барои ҳамзистӣ бо фарҳанги динӣ маҳсуб меёбад. Ба қавли дигар, фарҳанги дунявии ҷомеаи мо аз фарҳанги дунявии Ғарб ҳамаи он унсурҳоеро, ки бо фарҳанги миллӣ ва динӣ мухолифат надоранд, ҳамчун маҳсули зинаи пешрафта ва мутамаддини ҷомеа қабул менамояд ва он унсурҳои бо фарҳанги миллию динӣ мухолифатдоштаро номақбул мешуморад.

Ҳамин тариқ, агарчанде ҷомеаи мо ҷомеаи дунявист ва ба арзишҳои дунявӣ арҷгузорӣ менамояд, набояд ин дунявиятро мисли Саломат Мусо ва Тоҳо Ҳусайни мисрӣ тақлиди кӯр-кӯронаи дунявияти Ғарб маънидод намуд.

Ва дар заминаи хусусияти баёнгардида хусусияти дигари ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз худ дарак медиҳад. Ин хусусият модели нави ҷомеаи дунявист. Ин модел дар заминаи ба инобат гирифтани дину диндории мардуми кишвар ба миён омадааст. Агар дар моделҳои дигари ҷомеаҳои дунявӣ дунявият дин ва арзишҳои диниро маҳдуд намоянд ва ё онҳоро инкор намоянд, модели тоҷикии ҷомеаи дунявӣ барои дин ва арзишҳои динӣ шароити мусоиди татбиқ муҳайё менамояд. Яъне, дунявияти ҷомеаи тоҷик диниятро инкор не, балки дар назар дорад. Ба қавли дигар, дунявияти ҷомеаи тоҷик бидуни динийят арзи вуҷуд карда наметавонад. Инкор намудани динийят ва ё бидуни динийят арзи вуҷуд намудани дунявият маънои ба инобат нагирифтан ё инкор намудани дини мардуми кишварро дар назар дорад, ки ин имконнопазир аст. Зеро аҳли ҷомеа қариб пурра мусулмон буда, арзишҳои диниро пос медоранд. Агарчанде онҳо тарзи зиндагии дунявиро роҳандозӣ менамоянд, лекин талаботҳои асосии дини исломро риоя менамоянд.

Хулоса, вижагии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки вай заминаи қавӣ ва муътамади ҳуқуқӣ дошта, ба дастуру нишондодҳои хирадмандони Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такя менамояд ва дар заминаи ҳифз ва рушди арзишҳои созандаи миллию динӣ роҳандозӣ мегардад.

Боби мазкурро ҷамъбаст намуда, таъкид менамоем, ки ҳам диният ва ҳам дунявият дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон аз ҷумлаи арзишҳои хеле муҳим ва пурқимати инсонӣ маҳсуб меёбанд. Пазируфтани якеву рад намудани дигаре тавозунро дар ҷомеа халалдор намуда, боиси ихтилофоти шадиди ҳам сиёсию иҷтимоӣ ва ҳам фарҳангӣ хоҳад гардид. Бинобар ин, ҳамзистии фарҳанги дунявию динӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи  Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардиду тавассути Конститутсия ва дигар санадҳои танзимкунанда асоси ҳуқуқӣ ёфт, беҳтарин модел буда, кафили сулҳу салоҳ, дӯстию бародарии халқҳо ва рушди мунтазами ҷомеа маҳсуб меёбад.

## Хулоса

Барои дарки дурусти моҳият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқотӣ доштани тасаввуроти илмӣ доир ба мафҳумҳои “Дунявият” ва “арзишҳои динӣ” хеле муҳим ва зарур мебошад. Дар заминаи таърифҳои мухталиф, ки доир ба мафҳуми «Дунявият» дар вожаномаҳои гуногун баён гардидаанд, маънои дар мафҳум дарназардоштаи аввалин истифодабарандаи истилоҳ Ҷ. Ҳолук ва ҳамчунин иборaҳои дар фазои илмию фарҳангии ҷомеаи имрӯза серистеъмоли «низоми дунявӣ ва низоми динӣ”, “тафаккури дунявӣ ва тафаккури динӣ”, “давлатдории дунявӣ ва давлатдории динӣ”, “либоси дунявӣ ва либоси динӣ”, “барномаи дунявӣ ва барномаи динӣ”, “мусиқаи дунявӣ ва мусиқаи динӣ” “шахсияти дунявӣ ва шахсияти динӣ” ва амсоли инҳо моро чунин бардоште ҳосил мегардад, ки дунявият асл ё принсипест, ки тибқи он ҳам низоми идоракунии ҷомеа ва ҳам тарзи пешбурди ҳаёти одамон мувофиқи талаботу ниёзҳо ва меъёру қавонини муайянкардаи худи онҳо сурат мегирад. Аз ин нуқтаи назар, мундариҷаи мафҳуми дунявият аз фазои ҳукмрони сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷомеа вобастагии зич дорад ва бо тағйирёбии соҳаҳои зикршуда мундариҷаи мафҳум низ метавонад тағйир ёбад. Ҳамзамон қобили зикр аст,ки ибораи “арзишҳои дунявӣ” аз фаҳмиши фавқуззикри мафҳуми “дунявият” бармеояд.

Дар робита ба фаҳмиши баёнёфтаи мафҳуми “дунявият” ва ибораи “арзишҳои дунявӣ” мутмаинона таъкид менамоем, ки арзишҳои дунявӣ ҳеҷ гоҳ аз инсон канда набуданд ва дар зинаи муайяни рушди ҷомеа дар зеҳни инсон афкори дунявӣ ташаккул ёфта, тадриҷан рушд менамояд. Анъанаи фалсафӣ таълимот ва ҷаҳонбинии Эпикурро саромади афкори дунявӣ ба қалам медиҳад. Дар таълимоти Эпикур ғояи дунявӣ дар хушбахтона зиндагӣ намудан дар ҳаёти заминӣ ифода меёбад. Хушбахтии Эпикур дар навбати худ бо касби лаззат, ки дар зиндагии оқилона доштан, дар талабот муътадил будан ва раҳоӣ аз дарду азоби зиндагӣ ифода меёбад, амалӣ мегардад[2-М, 5-М, 12-М, 16-М, 21-М] .

Дар асрҳои миёна афкори дунявӣ дар таълимоти Марсили Падуянӣ хеле барҷаста ифода ёфтааст. Ӯ, ки аз таълимоти файласуфони маъруф Афлотуну Арасту сахт баҳра бурдааст, бо такя ба лаҳзаҳои мухталифи ҳаёти Исои Масеҳ, нишондодҳои Инҷил ва таълимоти ҳавворихои муқаддас ҷудо будани динро аз давлат собит сохтааст ва аз руҳониёни кишвараш даъват ба амал овардааст, ки дар ин самт ба Исо пайравӣ намоянд[5-М, 7-М, 13-М, 21-М].

Арзишҳои дунявӣ дар меҳвари эҷодиёти иддае аз мутафаккирони давраи Эҳё низ қарор дошт. Масъалаҳои озод гардонидани ақли инсонӣ аз таъсири догмаҳои шахшудамондаи динӣ, ба сӯи мавзӯъҳои хусусияти дунявӣ дошта, чун инсондӯстӣ, инсонмеҳварӣ, масоили ахлоқии тарбияи инсони нав, таҳқиқи илмии табиат, истифодаи эксперимент ҳамчун василаи дарёфти ҳақиқати илмӣ, ба сӯи маърифати ба эҳсосот такянамоянда самт гирифтани тафаккур дар эҷодиёти мутафаккирони давраи мазкур мавқеи муҳим касб намуда, барои рушди ғояҳои дигари дунявӣ дар оянда замина мегузоранд [5-М, 7-М,12-М, 16-М].

Дар таълимоти мутафаккири маъруфи Замони Нав Ҷ.Локк масъалаи дахлнопазир будани ҳаёт, саломатӣ, боигарӣ ва озодии инсон ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд, ки он аз самти дунявӣ доштани тафаккури ӯ дарак медиҳад. Ин нигоҳи ӯ аз таълимоти фалсафии «ҳуқуқи табиӣ»-и ӯ бардошт мегардад. Сонияи, мутафаккир ҷудоии дин ва давлатро ба сабаби вазифаҳои мухталифро ҳадафи хеш қарор доданашон амали ногузир маҳсуб медонад, ки ин мавқеи ӯ низ аз нигоҳи дунявии ӯ дарак медиҳад[5-М, 12-М, 16-М, 20-М] .

Умуман, агар мо масъалаи таносуби арзишу падидаҳои дунявӣ ва диниро дар таърихи ҳаёти башарӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор доданӣ шавем, ба хулосае хоҳем расид, ки агар ҳар чӣ бештар мо ба умқи таърих назар андозем, ба ҳамон андоза бартарияти арзишҳои диниро мушоҳида менамоем, ва баръакс, ҳар чӣ бештар ба ҷомеаҳои навину пешрафта назар

андозем, коҳиш ёфтани арзишҳои динӣ ва авлавияти арзишҳои дунявиро дарк менамоем.

Аз байни динҳои сомӣ дар яҳудия арзишҳои дунявӣ мақому манзалаи хеле баланд дошт. Ҳатто метавон гуфт, ки мундариҷаи тамоми китобҳои пайғамбарони яҳудро арзишҳои дунявие, чун озодии яҳуд аз асорат, мақому манзалаи қавм, шарафу номуси занони яҳуд ва амсоли инҳо ташкил менамоянд. Дар баробари ин, агарчанде дар сарчашмаи асосии дини масеҳия – китобҳои муқаддаси он арзишҳои дунявӣ мақоми арзишманде надошта бошанд ҳам, аммо дар ниҳоди татбиққунандаи арзишу ҳадафҳои динӣ – калисо арзишҳои дунявӣ, махсусан ҳокимият ва сарват мақоми муҳимро дошт [12-М, 13-М, 16-М].

Пеш аз он ки дар хусуси ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар ислом сухан ронем, таъкид менамоем, ки дар арафаи пайдоши ислом масъалаҳои зарурати ташкили умумияти сиёсӣ, муттаҳид намудани аъроб, ҳифзи марзу буми кишвар, таҳаввули дин, ҷорӣ намудани муносибатҳои нави ахлоқӣ, ташаккули шахсияти роҳбари ягона ва ғайра пурра пухта расида буданд.

Ба қавали дигар, худи ниёзмандӣ ба арзишҳои дунявие, чун зарурати таҳаввулоти динӣ, ногузирии ташкили умумияти сиёсии пешрафта, ваҳдати этникии қавму қабилаҳо, ислоҳи ахлоқии ҷомеа муҷиби тавлиди дини ислом гардидаанд[3-М, 17-М, 26-М, 31-М] .

Таҳқиқи арзишҳои дунявӣ дар сарчашмаи асосии таълимоти ислом – Қуръон моро ба хулосае меорад, ки арзишҳои дунявӣ дар он дар умум хеле беарзиш, ночиз ва беаҳамият нишон дода шудаанд. Ба шахси дини исломро қабулнамуда талқин карда мешавад, ки ин дунё бо тамоми арзишҳояш бо шумули зану фарзанд ва оила дар муқоиса бо арзиши олии динӣ – ба даст овардани ризоияти Худо ночиз аст, аз ин рӯ, вай бояд барои сазовор гардидан ба ҳаёти ҷовидона бо зиндагии пурфараҳу лаззатбахш дар он дунё талош намояд. Новобаста ба таълимоти мазкур Қуръон ба ҷанбаи иҷтимоии ҳаёти мусулмонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои ба танзим даровардани самти мазкур дастурҳое арза доштааст, ки аслан маҳз

барои давраи пайдоиши ислом бештар созгору муфид мебошанд[3-М,15-М, 17-М,32-М].

Аз таҳқиқи мавзуи арзишҳои дунявӣ дар ислом чунин натиҷагирӣ карда мешавад, ки ҳокимият аз байни дигар арзишҳои дунявӣ мақоми махсусан баландро шомил будааст. Агарчанде масъалаи мазкур дар сарчашмаи асосии таълимоти ислом - Қуръон бевосита матраҳ нагардидааст, лекин ин масъала дар амалияи исломӣ, яъне ҳаёти амалии мусулмонон, махсусан фаъолияти нубувватии пайғамбар ва халифаҳои аввалин ҷойгоҳи махсусан муҳимро ишғол намуда будааст. Агар ташкили ҳокимият дар давраи Муҳаммад бо шартномаи дуюми Ақаба оғоз гардида, дар шакли интишори таъсиру нуфузи пайғамбар аз худ дарак дода бошад, баъд аз сулҳи Ҳудайбия ҳокимияти ӯ қавӣ мегардад. Баъд аз марги пайғамбар бошад, маҳз ҳокимият сабаби тақсими дини ислом ба равияҳои мухталиф ва ҷангу ҷидолҳо дар байни саҳобаю халифаҳо мегардад[3-М, 8-М, 17-М, 24-М, 32-М].

Дар баробари ҳокимият ҳамчунин сарват низ ҳамчун арзиши дунявӣ дар интишору нерӯ бахшидан ба дини ислом саҳми калон гузоштааст. Ҳатто худи пайғамбар сарватро ҳамчун омили қавӣ гардонидани имон истифода бурдааст[8-М, 17-М, 20-М. 32-М].

Зарурат ба таъкид аст, ки ташвиқу тарғиби васеъ ва ҳамаҷонибаи арзишҳои дунявӣ дар олами ислом баъд аз оқибатҳои сиёсати мустамликачигии кишварҳои ғарбӣ оғоз мегардад. Кишварҳои исломӣ ба зери истилои давлатҳои пешрафтаи Ғарб афтода, қафомонии ҳаматарафаи худро дарк мекунанд ва аз пайи ислоҳи вазъ меафтанд. Аввалин иқдоми ислоҳгарони кишварҳои исломӣ пайравӣ аз Ғарб буд[8-М, 16-М, 17-М, 20-М].

Ҳамин тариқ, андешаи дунявигароӣ дар зеҳни донишмандон ва мутафаккирони пешқадами олами ислом на дар шакли ҷудоии дин аз давлат ё тарҷеҳ додани арзишҳои дунявӣ аз болои арзишҳои динӣ, балки дар шакли ғарбгароӣ ҷилвагар шудааст. Зеро олами Ғарб бо заиф сохтани

мавқеи дин дар ҷомеа ва рушд бахшидан ба улуми табиӣ ба дастовардҳои назаррас дар ҳаёти моддӣ-маишии худ расида буданд. Маҳз аз ҳамин лиҳоз кишварҳои ғарбӣ бо тарзи ҳаёти дунявии худ барои донишмандону мутафаккирони пешқадами олами ислом идеал маҳсуб меёфтанд ва маорифпарварон пайравӣ ба чунин тарзи ҳаётро муҷиби наҷот аз буҳрони дар ҷомеа амиқ решадавонда ба қалам медоданд.

Дар асоси таҳлили мисолҳои овардашуда ҳам аз таърихи ислом ва ҳам аз сарчашмаҳои асосии таълимоти исломӣ доир ба зуҳури модернгароӣ ба хулосае меоем, ки модернгароӣ худ як шакли зуҳури дунявигароист. Дар фаъолияти ҳам парчамбардорони ислом дар гузашта ва ҳам донишмандони маъруфи исломӣ имрӯз пайхас карда мешавад, ки онҳо пайваста талош кардаанд, то мундариҷаи таълимоти динро ба шароити нав мутобиқ гардонанд. Мутобиқ гардонидани таълимот ба шароити нав худ маънои ба инобат гирифтани омилҳои дугнявиро дар назар дорад.

Умуман, таҳқиқи ҷиддии масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар ислом моро ба чунин андешае меоварад, ки мавқеи арзишҳои дунявӣ дар сарчашмаи асосии таълимоти исломӣ – Қуръон бетағйир аст, зеро мундариҷаи он тибқи таълимоти худи он набояд мавриди тағйир қарор гирад.

Аммо дар амалияи исломӣ масъалаи зикршуда пурихтилоф аст. Дар оғози пайдоиш ва ташаккули ислом арзишҳои дунявие, чун сарват, ҳокимият, аҳдҳо барои таҳкиму густариши ислом мусоидати зиёд кардаанд. Новобаста ба он,ки сарвату ҷоҳталабӣ, ки дар таълимоти исломӣ маҳкум мегардад, дар рафтори аксари саҳобаю халифаҳо мушоҳида мегардид. Бо вуҷуди хилофи таълимоти исломӣ будани талош баҳри арзишҳои мазкур аз тарафи пешвоёни дини ҷамоаи мусулмонон он арзишҳо ҳамчун василаи таҳкими ҷамоаи мусулмонон васеъ истифода мешуд.

Баъдтар, ҳангоме, ки дини ислом дар ҷомеа мавқеи устувори худро ёфт, таълимоти исломӣ дар зеҳни аҳли ҷомеа реша давондан гирифт ва ҳар гуна талош баҳри арзишҳои дунявӣ ва ҳатто рушди улуми дунявиро дар

ҷомеа хилофи таълимоти ислом ба қалам дода, зидди он мубориза бурд. Ҳамин буд, ки ҷомеаи исломӣ дар ҳолати карахт ва шахшудамонда муддати дароз боқӣ монд. Ин ҳолат то он даме давом кард, ки сиёсати мустамликачигии Ғарб чашми қишри бофарҳанг ва соҳибилми кишварҳои қафомондаи исломро накушод. Дарки қафомонии ҳаматарафаи ҷомеаҳои исломӣ муҷиби ба ҷомеа ворид намудани арзишҳои нави дунявӣ гардиданд. Чун қишрҳои пешрафтаи ҷомеаҳои исломӣ сабаби қафомонии худро маҳз носозгор будани низоми таълимӣ дар ҷомеаҳои худ маҳсуб донистанд ва муҷиби пешрафти онҳоро дар таълими улуми табиатшиносӣ диданд, ин қишрҳо низ пайравӣ аз кишварҳои пешрафта ва ворид намудани тағйиротро дар низоми таълиму тарбияи худ, ба қавли дигар ғарбикунонии ҷомеаҳои худро сабаби раҳоӣ аз мушкилоти ҳаматарафаи ҷомеаҳои худ арзёбӣ карданд.

Ҳамин тариқ, дар ҷомеаҳои муосири исломӣ зарурати арзишҳои нави дунявӣ – таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба низоми маориф, рушди улуми табиатшиносӣ ва аз лиҳози пешрафти технологӣ рақиби кишварҳои ғарбӣ будан ҳар чи бештар аз худ дарак медиҳад.

Хулоса, таҳқиқи раванди дунявият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол аз он гувоҳи медиҳад, ки ҳам диният ва ҳам дунявият аз ҷумлаи арзишҳои хеле муҳим ва пурқимати инсонӣ маҳсуб меёбанд. Пазируфтани якеву рад намудани дигаре тавозунро дар ҷомеа халалдор намуда, боиси ихтилофоти шадиди ҳам сисиёсию иҷтимоӣ ва ҳам фарҳангӣ хоҳад гардид. Бинобар ин, ҳамзистии фарҳанги дунявию динӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардиду тавассути Конститутсия ва дигар санадҳои танзимкунанда асоси ҳуқуқӣ ёфт, беҳтарин модел буда, кафили сулҳу салоҳ, дӯстию бародарӣ ва рушди мунтазами ҷомеа маҳсуб меёбад[4-М, 10-М, 17-М, 18-М, 29-М].

**Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1.Зина ба зина зиёд гардидани таассуби динӣ дар байни аҳли ҷомеа ва қатъ нагардидани шомилшавии ҷавонон ба ҳаракату равияҳои тундраву ифротӣ дидани чораҳои таъхирнопазирро дар ҷомеа дар мадди аввал мегузоранд. Яке аз чунин чораҳо аз он иборат аст, ки шарҳу маънидоднамоии дастраси моҳияти мафҳуми дунявият ва робитаи мантиқии он бо арзишҳои дунявӣ пайваста бо роҳу василаҳои мухталиф ба роҳ монда шавад.

2.Таҳаввули мундариҷаи мафҳуми дунявият ва хусусияти зиддидинӣ надоштани он бояд бо мисолҳои мушаххас ҳам аз сарчашмаҳои исломӣ, аз таърихи худи ислом ва ҳам таҷрибаи ҳаётии мусулмонони имрӯза бояд ба самъи аҳли ҷомеа расонида шавад.

3.Чун таърихи ислом вав таълимоти сарчашмаҳои асосии ислом саршори арзишҳои дунявиянд, пас давлат бидуни эҳсоси бархӯрд бо арзишҳои динии кишвар, ки аксаран мусулмонанд, метавонад раванди дунявигароиро дар кишвар вусъат бахшад.

4.Чун сиёсати дунявигароӣ аз оғози таърихи ислом, пеш аз ҳама дар фаъолияти сиёсӣ-динии поягузорони аввалини дин вуҷуд доштааст, бояд ин сиёсат новобаста аз муқовиматҳои ҷоҳилонаи бунёдгароёни дин тақвият дода шавад.

5.Дунявигароӣ ягона роҳи боэътимод ва самарабахши пешбурди ҳаёти ҷомеа маҳсуб меёбад. Маҳз бо истифода аз ин роҳ мушкилоти ҷомеа дар ҳамаи соҳаҳо ҳал ва қафомонии ҷомеа бартараф карда шавад.

6.Дунявигароӣ чун дар таълимоти худи донишмандони диндида мешавад, месазад, ки моҳият ва аҳамияти он дар байни аҳдли ҷомеа, бахусус қишри дингарои ҷомеа шарҳ дода шавад.

7.Сабабҳои ҳаракати дунявигароӣ дар кишварҳои мусулмоннишин ва таъсири мусбии он ба рушди ҷомеа бояд барои тамоми аҳолӣ, ба хусус қишри мутаассиб ва дингарои ҷомеа фаҳмонида шавад.

8.Моҳияти таълимоти дунявигароҳои олами ислом, ки сад сол пеш дар хусуси зарурати рушди улум, маърифатноккунии занҳо ва баробарҳуқуқии зану мард баён ёфта буданд, бояд мавриди муҳокима, омӯзиш ва шарҳу эзоҳ дар байни аҳли ҷомеа гардонида шавад.

9.Вуҷуд доштани ҷанбаҳои модернгароӣ дар Қуръону аҳодис, дар фаъолияти амалии пайғамбар, дар рафтору кирдори халифаҳо ва ба таври васеъ истифода намудани донишмандони исломӣ аз дастовардҳои бузурги илмӣ-техникии замони муосир олами исломро водор менамояд, ки ба таълимоти дини ислом аз нигоҳи имрӯза назар андохта, баҳогузорӣ намоянд. Яъне, вақти он расидааст, ки дингароёни мутаассиби ҷомеа аз кӯҳнапарастӣ даст бикашанду барои ҳамқадами замон будан саъй намоянд.

10. Ба роҳбарӣ гирифтани дастуру нишондодҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар самти арҷгузории арзишҳои миллию динӣ, мубориза бо ифротгароии динӣ, рушд бахшидани улуми табиатшиносӣ ва ғ. дар тарбияи шахсиятҳои солим, меҳанпарвар ва ба арзишҳои миллӣ содиқ кӯмаки зиёд хоҳад расонид.

11. Дар ҷомеаи дунявӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин зистан ва фаъолият намудан таъмини боэътимоди ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро кафолат медиҳад.

## ФЕҲРИСТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ:

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

[1] Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016) бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 64с.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №3, мод. 82; с. 2011, №6, мод. 450; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1497). Mit.tj/ gonuni_ozodii_vijdon. (санаи муроҷиат: 12.03.2023).

[3]Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин. Mit.tj/consepsiya (санаи муроҷиат: 13.04.2023).

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, соли 2016, №3. (аз 15.03.2016с. №1294; аз 17.05.2018с. №1532. https://mfa.tj. (санаи муроҷиат: 12.03.2022).

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №6. (ҚҶТ аз 28.08.2017с. №1461 https://mfa.tj. (санаи муроҷиат: 02.01.2022).

**Монография, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ**

[6] Абдуллоев Шерзот. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ.[Матн] / Шерзот Абдуллоев.– Душанбе: “Маориф”, 2021. -502с.

[7] Абдуллозода Шерзот. Асосҳои диншиносӣ. [Матн] / Ш. Абдуллозода.– Душанбе: «Дониш»: 2001. – 441с.

[8] Абдуллозода, Ш. Муқаддима ба исломшиносӣ.[Матн] / Ш. Абдуллозода. – Душанбе: “Ирфон”, 1998. – 133с.

[9] Абдуллозода, Ш. Фалсафаи одамият. Масъалаи инсон ва гуманизм дар адьён.[Матн] / Ш. Абдуллозода – Душанбе: Эр-граф, 2003. – 106с.

[10] Абдуллоев, Ш. Исломи муосир дар арсаи сиёсат ва идеология.[Матн] / Ш.Абдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1990. -152 с.

[11] Абдуллоев, Ш. Револютсияи илмӣ-техникӣ ва ислом. Текст] / Ш. Абдуллоев – Душанбе: Ирфон, 1984. -144.

[12] Абдулло Раҳнамо. Уламои исломӣ дар Тоҷикистон. [Матн] /Раҳнамо Абдулло.– Душанбе: Ирфон, 2009. -235 с.

[13] Абдулло Раҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ.[Матн] / Раҳнамо Абдулло. – Душанбе,2008. – 226 с.
[14] Абдулҳусайни Зарринкуб. Таърихи Эрон баъд аз ислом. Чопи даҳум. Ҷ.3.[Матн] / А.Зарринкуб. - Теҳрон. Муассисаи интишороти кабир. 1383.
[15] Абдулхаев, Караматуллоҳ Абдухалилович. Основы эволюции идеи Бога в семитских религиях. [Текст] / К. Абдулхаев. Душанбе, 2003.
[16] Абдухалилзода, Кароматулло Абдухалил. Диншиносӣ. [Матн] / К.А.Абдухалилзода. – Душанбе, 2022. – 457 с.
[17] Абуласан, ал-Ашъарӣ. Ал-ибона ан усул-ид-диёна. (Ба забони арабӣ). [Матн]/ ал-Ашъарӣ Абулҳасан. -Тунис, 1994. – 69с.
[18] Абуҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. (Иборат аз 16 ҷилд дар 8 китоб). Мутарҷим Абулқосими Поянда. Китоби 2, иборат аз ҷилдҳои 3,4. [Матн]/ Табарӣ Абу муҳаммад. – Душанбе, 2014. [19] Абӯалӣ, ибни Сино. Дар ақсоми улуми ақлия. //Осор. Ҷ.4.[Матн] / Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе, 2007. -921с
[20] Абӯалӣ, ибни Сино. Ҳикмати машриқия. Осор. Ҷ.2. [Матн] / Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе: Дониш, 2005. -802с.
[21] Абӯалӣ, ибни Сино. Рисола дар ахлоқ. Осор. Ҷ. 2. [Матн] / Ибни Сино. - Душанбе, 2005. -802с.
[22] Абӯалӣ ибни Сино. Рисола дар тадбири манзил. Осор. Ҷ.4.[Матн] / Ибни Сино. - Душанбе, 2007. -921с.
[23] Абӯбакр, Муҳаммад Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. [Матн] / Закариёи Розӣ. – Душанбе, 1989. – 153.
[24] Абӯбакр, Муҳаммад Закариёи Розӣ. Тибби Мансурӣ. [Матн] / Закариёи Розӣ. – Душанбе: “Дониш”, 2016. – 450с.
[25] Абӯлфазл, Бурқонии фараҳонӣ. Фалсафаи ҳуқуқи хонавода дар ислом. [Матн] /Абӯлфазл Фараҳонӣ. – Теҳрон, 1389. – 165с.
[26] Абӯнаср, Форобӣ. Андешаҳои аҳли мадинаи фозила. Тарҷумаи Саид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. [Матн] / Форобӣ Абӯнаср. - Теҳрон: Шӯрои олии фарҳангу ҳунар, 1379. -320с.

[27] Абӯнаср, Форобӣ. Сиёсати мадина. Тарҷумаи Ҷаъфари Саҷҷод. [Матн] / Форобӣ Абӯнаср. - Теҳрон: Анҷумани фалсафаи Эрон. 1358. – 155с.
[28] Абӯнаср, Форобӣ. Эҳсо-ул-улум. Мутарҷим: Ҳусайн Хидев Ҷам.[Матн] / А. Форобӣ. –Теҳрон, 1381. -119с.
[29] Абӯнаср, Форобӣ. Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн (Ҳамоҳангии афкори ду файласуф «Афлотун ва Арасту»). Тарҷумаи Абдулҳусайн Машкут ад-Динӣ. [Матн] / А. Форобӣ. –Теҳрон, 1391. -289 с.
[30] Абӯҳомид, Муҳаммади Ғазолӣ. Эҳё улум ад-дин. Рубъи ибодот (1).[Матн] / Ғазолӣ Муҳаммад. - Душанбе, «Эр-гарф». 2008. саҳ 628
[31] Абӯҳомид, Муҳаммади Ғаззолӣ.Кимиёи саодат. Ҷ.1.[Матн] / Муҳаммад Ғаззолӣ. - Душанбе, 2008. – 660с.
[32] Абӯҳомид, Муҳаммади Ғаззолӣ.Кимиёи саодат. Ҷ.2. [Матн] / Муҳаммад Ғаззолӣ. - Душанбе, 2008. – 657с.
[33] Авесто. / Таҳияи М. Диловар, аз гузориш ва пажуҳиши доктор Ҷалили Дустхоҳ [Матн]. – Душанбе: «Конуният», 2001. – 792 с.
[34] Алиасғари Шеърдӯст. Шеъри муосири Эрон. Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон.[Матн]/ -Душанбе - 2012. - 475с
[35]Аль-Фараби. Гражданская политика // Аль-Фараби. Социально-этические трактаты [Текст] – Алма-ата: «Наука», 1973. -400с.
[36] Аль-Фараби. О достижении счастья // Аль-Фараби Социально-этические трактаты [Текст] – Алма-ата: «Наука», 1973. -400с.
[37] Амирхонов, Ш.Т. Философско-этические воззрения в мистицизме Ахмада Газали. [Матн] / Ш.Т. Амирхонов. –Душанбе, 2018. -152с.
[38] Анри, Корбен. История исламской философии // Перевод с французского и примечания А.Кузнецова. [Текст] / А. Корбен. - М.: Прогресс-радиция, 2010. -360с.
[39] Арасту. Сиёсат. Тарҷумаи Ҳамид Иноят. [Матн] / Арасту. - Теҳрон, 1381. -482с.

[40] Арасту. Ахлоқи Никомах. Тарҷумаи Муҳаммад Ҳасан Лутфӣ. [Матн] / Арасту. - Теҳрон 1378. -414с.
[41] Аристотель. Политика. Наука об управлении государством. [Текст] / Аристотель. - М.: «Эксмо»; СПб.: Terra Fantastika. 2003. –С.309.
[42] Аристотель. Политика. Афинская полития. / Предисл.: Темнова Е.И. [Текст] / Аристотель. – М.: «Мысль», 1997. – 458с.
[43] Асмус, В.Ф. Платон. [Текст] / В.Ф. Асмус. - М.: Мысл, 1969. -220с.
[44] Афкор ва рӯзгори Имоми Аъзам аз нигоҳи муҳаққиқон. Ба кӯшиш ва таҳияи Ҷаъфар Ранҷбар.[Матн] / Ранҷбар Ҷаъфар. – Душанбе: Эр-граф, 2009. - 431с.
[45] Ахмедов, С.А. Философия калама в современном исламе. [Матн] /С.А.Ахмедов. – Душанбе, 2004. – 278с;
[46] Ахмедов С. Социальная доктрина ислама.[Техст] / С. Ахмедов. – М., 1982. – 270с.
[47] Ахмед Азиз. Модернизм ислама в Индии и в Пакистане (1857-1964). [Техт]/ А.Ахмед. – Лейбциг.1967.
[48]. Аҳмад Идрис ат-Таъон. Ал-алмонийюна в-ал Қуръон-ул-карим. [Матн] / ат- Таъон Аҳмад Идрис. – Ар - Риёз, 1428. – 780с.
[49] Аҳмадов, С. Баъзе хусусиятҳои фиқҳ ва каломи Абӯҳанифа [Матн] / С. Аҳмадов. – Душанбе, 2009. – 169с.
[50] Аҳмадов, С. Абӯҳанифа [Матн] / С. Аҳмадов. – Душанбе: «Соҳибкор», 2009. – 204с.
[51] Бартольд В.В. Ислам. Акад. Бартольд В.В. Соч. Т. 6. [Техт] / В.В.Бартольд. - М,1966. – С.81-139.
[52] Бартольд В.В. К вопросу о сабеях. Акад. Бартольд В.В. Соч. Т. 6. [Техт] /В.В.Бартольд. - М,1966. – С.469-486.
[53] Бартольд В.В. Мусейлима. Акад. Бартольд В.В. Соч. Т. 6. [Техт]/ В.В.Бартольд. - М,1966. - С.549-574.
[54] Бекзода, К. Бозгашти Ҷамшед: мусоҳибаи зиндагӣ бо марг. [Матн] / К. Бекзода. - Душанбе, 2019. – 194с.

[55] Бекзода, Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. [Матн] / К. Бекзода. - Душанбе, 2012. - 433с.
[56] Беляев Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в ранее средневековье. [Техт] / Е. А. Беляев. - М.: 1965. -236с.
[57] Бердиев, Ш.П., Шомуродов, Б.Б. Этика. [Матн] / Ш.П. Бердиев, Б.Б. Шомуродов. - Душанбе, 2016. - 525с.
[58] Библия. Навиштаи муқаддас. Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид. [Матн]/ Библия. - Стокгольм, 1992.
[59] Библия. Книги священного писания Ветхого и Нового Завета. Канонические. Russian Bible. [Техт]/ Библия. - United Bible Societies 1995.
[60] Биҳиштӣ, Оятуллоҳ. Худо аз дидгоҳи Қуръон. [Матн]/ О. Биҳиштӣ. - Теҳрон, 1368. – 244с.
[61] Богомолов, А. Античная философия. [Текст] / А. Богомолов. -М.: Изд-во 1985. -367с
[62] Боннар, А. Греческая цивилизация. Т.1. От Илиады до Парфенона/ Пер. с франц. О.В.Волкова; Предисл. проф. В.И.Авдиева. [Текст] / А. Боннар. –М.: Исскуство, 1992. -269с.
[63] Бородай, Т.Ю. Платон// Античная философия: Энциклопед. Словарь. [Текст] / Т.Ю. Бородай. - М.: «Прогресс-Традиция», 2008. С.565-574
[64] Большая советская энциклопедия. 2-е изд. [Текст] – М.: «Советская Энциклопедия». 1957. Т. 40. – 648с.
[65] Брагинской, М. Л. Гаспарова, С. А. Жебелева и др.; общ. ред. А. И. Доватура] [Текст] / Аристотель. – М.: «Мысль», 1983. – 830с.
[66] Вазиров, З. Очерки социальной философии калама и футуввата. [Текст] / З. Вазиров. – Душанбе: Дониш, 1991. – 278с.
[67] Вебер, М.О некоторых категориях понимающей сотсиологии. Избранные произведения. [Текст] / М. Вебер. - М.: Прогресс. 1990.-808с.
[68] Витгенштейн, Л. Логика - философский трактат. [Текст] / Л. Витгенштейн. Пер.Добросельский Л. -М.: АСТ, 2020. -160с.
[69] Вундт, В. Введение в философию. [Текст] / В. Вундт. - М., 2011. -432с

[70]Гаибов М.Д. Вклад школы Саида Джамаладдина Афгани и Махмуда Тарзи в развитии культурной и политической культуры Востока и Запада. [Техт] / М.Д.Гаибов. –Душанбе, 2010. – 244с.
[71] Гегель Г.В.Ф. Философия религии в двух томах. Том 1. Изд. Соцально-экономической литературы «Мысль». [Техт] / Г.В.Ф.Гегель. - Москва – 1975. – 530с.
[72] Гегель, Г.В.Ф. Философия духа. [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. –М.: 2020. - 160с.
[73] Гегель, Г.В.Ф. Философия религий. [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. - М.1979. - 1106с.
[74] Гиденс, Э. Устроение общества. [Текст] / Э. Гиденс. –М.: 2003. - 542с.
[75] Гибб Х.А. Модернистские тенденции в исламе. [Техт] / Х.А.Гибб. – Чикаго, 1947. – 248с.
[76] ГончароваТатяна. Эпикур. Жизн замечательных людей. Серия биографий основана в 1933 году М.Горьким. Выпуск 3 (685). [Техт] / Т.Гончарова. – Москав: «Молодая гвардия», 1988. – 303.
[77]Грюнебаум Г.Э. фон. Классический ислам. [Техт] / Г.Э.Грюнебаум. - М.: 1988. -198с.
[78] Грюнебаум, Г. Э. Основные черты арабо-мусульманской культуры: Статьи раз. лет. [Переводы] [Текст] / Г. Э. Грюнебаум. – М.: «Наука», 1981. - 227с.
[79] Ғазолӣ, Имом Муҳаммад. Китоб-ул-арбаин.Тарҷумаи Бурҳониддин Ҳамдамӣ. Интишороти иттилоот. Теҳрон -1381. – 288с.
[80] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
[81] Ғуломов Т.М. Густариши ислом дар Хуросони бузург (Дар асрҳои VII - VIII). [Матн] / Т.М. Ғуломов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. - 266с.
[82] Дастамбуев, Н.Ш. Фалсафаи иҷтимоии исмоилияи муосир: масоили марбута ва ҳалли онҳо: Монография. [Матн] /Н.Ш. Дастамбуев. – Душанбе: «Душанбе-Принт», 2020. -152с.
[83] Дафтарӣ Фарҳод. Таърих ва ақоиди исмоилия. Тарҷимаи Доктор

Фаридун Бадраӣ. Чопи саввум. [Матн] / Фарҳод Дафтарӣ. - Теҳрон,1383.
[84] Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе: «Дониш», 2011. – 407с.
[85] Диноршоев, М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино. [Матн] / М. Диноршоев. - Душанбе: «Эр-граф», 2017. -656с.
[86] Диноршоев, М. Философия Насириддина Туси [Текст] / Диноршоев, М. Душанбе: Дониш, 1968. - 187с.
[87] Доварӣ, Р. Форобӣ файласуфи фарҳанг. [Матн] / Р. Доварӣ. - Теҳрон. 1389. – 368с.
[88] Додихудоев, Х. Очерки философии исмаилизма [Текст] / Х.Додихудоев. - Душанбе: Дониш,1975. - 145с.
[89] Додихудоев, Х. Философия кристянского бунта [Текст] / Х.Додихудоев. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 432с.
[90] Додихудоев, Х. Философский исмаилизм. [Текст] / Х. Додихудоев. - Душанбе: ЭР-граф, 214. - 495с.
[91] Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. [Матн]. -Теҳрон 1383. Ҷ.6. - 752с.
[92] Доиратулмаорифи форсӣ. Ҷ.1. Бо сарпарастии Ғуломҳусайн Мусоҳиб [Матн]. - Теҳрон: 1345 ҳ.ш. –1004с.
[93] Донишномаи арабӣ-форсӣ. [Матн]. - Теҳрон, 1383. Ҷ.4. –864с.
[94] Жданов Н.В., Игнатенко А.А. Ислам на пороге XXIв. [Техт]/Н.В.данов, А.А.Игнатенко. – М.,1989.
[95] Жизнь пророка Муҳаммеда. Проф. Док. Рамазан Айваллы.
Мармаринский Университет, факултет теологии. [Техт]/ Айвалли Рамазан. Истанбул, 2008. – 336с.
[96] Зайдон Ҷурҷӣ. Таърихи тамаддуни ислом. [Матн]/ Ҷурҷӣ Зайдон. - Теҳрон, 1382. – 1031с.
[97] Заркулӣ, Хайриддин. Ал-элом. [Матн] / Х. Заркулӣ. Қоҳира, 1927. - 580с.
[98] Заҳабӣ, Шамсуддин. Дувал таърих-ал-ислом. Бо кӯшиши Мозин ибн Салим. [Матн] / Ш. Заҳабӣ. – Теҳрон: Дор-ул-муғнӣ, 1998. - 784с.

[99] Заҳиддин, Муҳаммад ибн Аҳмад. Сияру аъломинубало. [Матн] / М.А. Заҳиддин Бейрут: Висваден. 1961. -624с.
[100] Заҳиддин, Муҳаммад ибн Аҳмад. Таърих-ул-ислом. Ба кӯшиши Умар Абдусалом Тадмирӣ. [Матн] / М.А. Заҳиддин. - Бейрут, 1992-1993. -912с.
[101] Зиёев, Х.М. Мавлавия ва таърихи таҳаввули он. [Матн] / Х.М. Зиёев. – Душанбе: Ирфон, 2004. -216с.
[102] Зиёев, Х.М. Мавлоно. [Матн] / Х.М. Зиёев. – Душанбе: Дониш, 2007. -196с.
[103] Зиёев, И.Ғ., Зиёева З.И. Ахлоқ ва Зебоишиносӣ. [Матн] / И.Ғ. Зиёев, З.И. Зиёева. – Душанбе, 2019. -480с.
[104] Зиёзода, И.Ғ. Ахлоқ. [Матн] / И.Ғ. Зиёзода. – Душанбе, 2020. -420с.
[105] Зиёзода, И.Ғ. Зебоишиносӣ. [Матн] / И.Ғ. Зиёзода. – Душанбе, 2020. -304с.
[106] Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. [Матн] / Г.Н. Зокиров. - Душанбе, 2007. - 602с.
[107] Зокиров, Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ. [Матн] / Г.Н. Зокиров. - Душанбе: «Истеъдод», 2010. -392с.
[108] Ибни Абилъиззи Ҳанафӣ. Шарҳ-ут-таҳовия, Дор-ул-маориф. [Матн]/Ибни Абилъиззи ҳанафӣ, - Миср. 1373-1953. – 210с.
[109] Ибни Мискавайҳ, Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад. Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷума ва тавзеҳи Алӣ Асғар Ҳалабӣ. [Матн] / Ибни Мискавайҳ. - Теҳрон: «Асотир», 1381. - 325с.
[110] Ибни Надим, Муҳаммад ибн Исҳоқ. Ал-феҳраст. Ба кӯшиши Ризо Таҷаддуд. [Матн] / Ибни Надим. - Теҳрон, 1346. -278с.
[111] Ибни Халдун, Абдураҳмон. Муқаддима. Ҷ.2.Чопи панҷум. [Матн] / Ибни Халдун. - Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ,1366. -952с.
[112] Ибн, Халдун. Муқаддима. Тарҷумаи форсии Муҳаммад Парвин Гунободӣ. Ҷ.1. [Матн] / Ибн Халдун. - Теҳрон, 1345. -1046с.

[113] Ибни, Халдун. Муқаддима. Ҷ.1-2. [Матн] / Ибн Халдун. – Душанбе, 2020. - 624с.
[114] Ибрагим, Тауфик. Коранический гуманизм (Толерантно-плюралистические установки). [Текст]/ Тауфик Ибрагим. - Москва, ИД. «Медиана», 2015. – 425с.
[115] Ибрагим, Тауфик. Коранические чтения. III. «Неужто они не разумеют!». [Текст]/ Тауфик Ибрагим. – Москва – Нижный Новгород: Издательский дом «Медина», 2008. – 75с.
[116] Игнатенко, А. А. Ислам и политика. [Текст]/ А.А.Игнатенко. – М.,2004. – 220с.
[117] Игнатенко, А.А. Халифы без халифата. [Текст]/ А.А.Игнатенко. – М., 1998. – 236с.
[118] Игнатенко, А.А. Философское наследие и современная идеологическая борьба в арабских странах. – Философия народов Востока и современность. [Текст]/ А.А.Игнатенко. – М.,1983. – 242с.
[119] Игнатенко, А.А. В поисках счастья. [Текст] / А.А. Игнатенко. М.: Мысль, 1989. -253с.
[120] Идибеков, Н.И. Этика Насириддина Туси в свете его теории свободны воли [Текст] / Идибеков, Н.И. - Душанбе: Дониш, 1987. - 92с.
[121] Идиев, Х. У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х.У. Идиев. – Душанбе: «Дониш», 2013. – 382с.
[122] Исоев, М. Ҳикмати амалии Мискавейҳ [Матн] / М.Исоев. -Душанбе, 2003. -176с.
[123] История таджикской философии (с древнейших времен до XV в.) Т.1. [Текст] /Под общей редакции А.А. Шамолова, Душанбе: «Дониш», 2011. – 502с.
[124] История таджикской философии (с древнейших времен до XV в.) Т.2. [Матн] /Под общей редакции А.А. Шамолова, Душанбе: «Дониш», 2011. – 776с.

[125] История философии: Запад – Россия – Восток». Книга вторая: Философия XV-XIXвв.: Учебник для вузов. [Техт]/ - М.: Академический проект, 2012. – 485с.
[126]Каждан, А. Как человек создал бога. [Техт]/А.Каждан. - Москва, Изд. Сов. Рос. 1959. -126с.
[127] Кант, И. Сочинения. В 6 т. Т. 4. Ч. 2. [Текст] / И. Кант; под общ.ред. В.Ф. Асмуса, А.В. Гулыги, Т.И. Ойзермана. – М.: «Мысль», 1965. - 478с.
[128] Кант, И. Трактаты и письма. [Текст] / И. Кант. - М.: Книга по требованию, 2021. -708с.
[129] Карл, Поппер. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷ.1. [Матн] / П. Карл. - Душанбе: «ЭР-грф». 2020. – 376с.
[130] Карл, Поппер. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷ.2. [Матн] / П. Карл. - Душанбе: «ЭР-грф». 2020. – 436с
[131] Кахаров, Г. Г. Социальная стратификация таджикистанского общества (монография). [Техт]/ Г.Г.Кахаров. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 264с.
[132] Керов, В.Л. в Борьба народных масс против католической церкви в Франции в конце XIII- начале XIV вв. [Техт]/В.Л.Керов. - М.:1977. – 234с.
[133] Комилов, Р. С. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик [Матн] / Р. С. Комилов. – Душанбе: «Маориф», 1996. –288с.
[134] Комилов, Р.С. Фалсафаи тоҷик (аз аҳди қадим то имрӯз). [Матн] / Р.С. Комилов. - Душанбе, 2012. -304с.
[135] Корбен, А. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷума аз забони фаронсавӣ Ҷавод Таботабоӣ. Ҷ.2. [Матн] / А.Корбен. –Теҳрон 1369ҳ. -536с.
[136] Корбен, А. Ду сарчашмаи дин ва ахлоқ. Тарҷумаи Ҳасан Ҳабибӣ. [Матн]/ А.Корбен. -Теҳрон, 1979. -356с
[137] Корелип, М. С.Важнейшие моменты в истории средневекового папства. [Текст], М.С.Корелип. - СПб. 1901. 264с.
[138] Кори иҷтимоӣ бо оила / Зери таҳрири Д. Баҳромбеков. – Душанбе, 2012. -284с.

[139] Кузнецов, А. А. Политический процесс в Ливане на рубеже XX-XXI веков. [Техт]/ А.А.Кузнецов. - Москва, «Институт Ближнего востока», 2017. – 224 саҳ.
[140] Кунов, Г. Возникновение религии и веры в бога. Перевод и предисловие И.Степанова. [Техт]/ - М.: книгоиздательства «Коммунист». 1919. - 210с.
[141] Қарзовӣ, Юсуф. Муҷиботу тағайюри –л- фатво фи асрино. [Матн]/ Ю.Қарзовӣ. - Бейрут, 2011. – 105с.
[142] Қироатӣ Муҳсин. Дарсҳое аз Қуръон. [Матн]/ М.Қироатӣ. - Теҳрон, 1370. – 206с.
[143] Қурбонов, А.Ш. Вазъи маориф ва илм дар шароити истиқлоли давлатӣ. [Матн] / А.Ш. Қурбонов. Душанбе, 2021. – 354с.
[144] Қурбонов, А. Ш. Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) [Матн] / А.Ш. Қурбонов.-Душанбе: «Ирфон», 2019. – 220с.
[145] Қуръони карим. Матни асл ва тарҷимаи маънохои он ба забони тоҷикӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2011. – 640с.
[146] Локк Дж. Послание о веротерпимости/Сочинения в 3 т. Т. 3. [Техт]/Дж.Локк. –М.: Мысль, 1988. – 87с.
[147]Локк Дж. Опыт о веротерпимости/Сочинения в 3 т. Т. 3. [Техт]/Дж.Локк. –М.: Мысль,1988. – 96с.
[148] Маркс, К. Энгельс Ф. Ленин В. И. О социальной справедливости [Текст]/ К.Маркс, Ф.Энгельс, В.И.Ленин. – М.: «Политиздат», 1987. – 303с.
[149] Маркс, К., Энгельс, Ф. Немецкая идеология [Текст] // Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. Изд. 2-ое. Т. 3. – М.: «Госполитиздат», 1955. – 544с.
[150] Марксистская этика: Учебное пособие для вузов (Обш. Ред. А.И.Титаренко,[Текст]. - М.: Политиздат, 1986. - 366с.
[151] Материалисты древней Греции. Собрание текстов Гераклита, Демокрита и Эпикура / Общ. ред. и вступ. ст. проф. М.А. Дынник. [Текст] – М.: «Госполитиздат», 1955. – 239с

[152] Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. [Матн]/Н.Маҳмадизода. - Душанбе, 2022. –324с.
[153] Мец, А. Мусульманский ренессанс. [Текст] / Мец, А. - М.: Наука, 1966. - 458с.
[154] Мирзозода, Ғ. Абдулҳайи Лакнавӣ – муҷаддиде дар мазҳаби ҳанафӣ. – [Матн]/Ғ.Мирзозода. - Душанбе: «Паёми ошно», 2014. – 195с.
[155] Михневич, Д.И.  Очерки из истории католической реакции. [Техт]/ Д.И.Михневич. - М.:1955. – 230с.
[156] Муборакпурӣ, Сафийюрраҳмон. Гулшани таърих. [Матн]/ Сафийюрраҳмон Муборакпурӣ. - Душанбе – 2004. - 286с.
[157] Музаффари, М. Системная антропология. Книга в трех частях. Часть 1. [Текст] / М. Музафар. - Душанбе, 2021. – 218с.
[158] Музаффарӣ, М. Антропологияи ориёӣ [Матн] / М. Музаффарӣ. - Душанбе, 2006. -124с.
[159] Мулло, Алии Қорӣ. Шарҳи фиқҳ-ул-акбар. [Матн]/ Алии Қории. - Деҳлӣ.1348-1922. - 110с.
[160] Мулло, Ҳусайн, «Ал-Ҷавҳарату-л-мунифа фи шарҳи васияти-л-имом Абӯҳанифа», Доирату-л-маориф, [Матн]/ Ҳусайн Мулло. - Ҳайдаробод, 1321-1903. - 164с.
[161] Муминджанов, Х. Философские проблемы зороастризма. [Текст] / Х. Муминджонов. -Душанбе, 2000. -244с.
[162] Муминзода, Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ. Ҷилди 1-2. [Матн] / Ҳ. Муминзода. - Душанбе, 1993. -346с.
[163] Муминджонов, Х. Идеи непрерывного движения и всеобщего развития в Авесте// Арийская цивилизация в контексте евроазиатских культур. - Душанбе: Дониш, 2006. - С. 466 – 482.
[164] Муминҷонов,Ҳ. Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёҳо. [Матн] / Ҳ. Муминҷонов. - Душанбе, 2004. -297с.
[165] Мухаммад-Али, М. Введение в антропологию. [Текст] / М.Мухаммад Али. - Душанбе, 2009. -130с.

[166] Мухаммаджонова М.Т. Этические взгляды Джалолиддина Руми. [Текст] / М.Т. Мухаммаджонова. –Душанбе, 2001. -166с.
[167] Муҳаммад, Абдулҳайи Қунавии Ҳиндӣ. Фавод-ул-баҳия. [Матн] / Муҳаммад Абдулҳай. - Ҳайдаробод, 1240. -262с. 328
[168] Муҳаммад, А., Идиев, Х. Андешаҳои иҷтимоию сиёсии Абубакр Закариёи Розӣ. [Матн] / М. Абдураҳмон, Х. Идиев. - Душанбе: Дониш 2016. – 50с.
[169] Муҳаммад, Алӣ Табрезии Хиёбонӣ. Райҳонат-ул-адаб. [Матн] / Муҳаммад Алӣ. - Теҳрон, 1331. -346с.
[170] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Насиҳат-ул-мулук. [Матн] /Ғаззолӣ Муҳаммад. - Душанбе: Ирфон, 2011. -175с.
[171] Муҳаммадхоҷаев, А. Андешаҳои перомуни ирфон ва фалсафа. [Матн] / А. Муҳаммадхоҷаев. –Душанбе: «Дониш», 2012. -323с.
[172] Муҳаммад, Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. [Матн]/ Иқбол Муҳаммад. - Душанбе «Эр-граф», 2010. – 266с.
[173] Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Мухаммад (с), ҷилдҳои 1-2.(нашри сеюм). Тарҷумаи Абулқосими Поянда. [Матн]/ Ҳусайни Ҳайкал Муҳаммад. –Душанбе: Русская литература, 2018. – 521с.
[174] Назариев, Р. Социальная философия «Ихван-ас-сафа» и Насира Хусрава: (сравнительный анализ) [Текст] / Р. Назариев. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 329 с.
[175] Назри Яздонӣ. Ҳикмати озодагон. [Матн] / Н. Яздонӣ. – Душанбе, 2009. – 276с.
[176] Назаров Х. Саид Джамал-ад-динал-Афгани и его общественно-политическая школа. [Матн]/ Х.Назаров. - Душанбе: Дониш, 1993. – 268с.
[177] Нафисӣ, Саид. Таърихи иҷтимоии Эрон. Аз инқирози Сосониён то инқирози Умавиён. [Матн]/ Саид Нафисӣ. -Теҳрон, «Донишгоҳ»,1342. – 346с.
[178] Ниёзӣ, Ё.Б. Таснифоти илм дар машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик. [Матн] / Ё.Б. Ниёзӣ. - Душанбе, 2022. –331с.

[179] Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба чоп таёркунанда А. Девонақулов. [Матн] / Низомулмулк. –Душанбе: «Адиб» 1989. – 198с. 329
[180] Низам ал-Мульк. Сиясатнаме. Книга о правлении вазира XI в. Низам аль-Мулька. / Пер. проф. Б. Н. Заходера [Текст] / Низам ал-Мульк. –М.: Издво АН СССР, 1949. –380с.
[181] Нитсше, Ф. Чунин гуфт Зардушт. Тарҷумаи Раҳим Ғуломӣ. [Матн] / Ф. Нитсше. - Теҳрон, 1389. -376с.
[182] Новая философская энциклопедия: в 4 т. Т. 3. [Текст] – М.: «Мысль», 2001. –693с.
[183] Нурулҳақов, Қамар. Салафияи ифротӣ. [Матн]/ Қ. Нурулҳақов. - Душанбе-2018. -147с.
[184] Одамият, Фаридун. Андешаҳои Мирзо Фатҳалӣ Охундзода. [Матн]/ Фаридун Одамият. - Теҳрон, Хоразмӣ. 1349. – 166с.
[185] Олимов, К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ. [Матн] / Олимов, К.- Душанбе: Дониш, 1988 -134 с.
[186] Олимов, К. Баррасиҳо дар тасаввуф. [Текст] / К. Олимов. – Душанбе: «Шарқи озод», 1999. – 138с.
[187] Олимов, К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар қарнҳои X-XII [Текст] / К. Олимов. – Душанбе: «Дониш», 2019. – 332 с.
[188] Олимов, К. Хорасанский суфизм (опыт историко-философского анализа). [Техт]/К.Олимов. -Душанбе, 1993. – 285с.
[189] Олимов К. Мировоззрение Саноӣ. [Техт]/ К.Олимов. –Душанбе: Дониш, 1973. – 136с.
[190] Орифӣ, М. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик[Текст] / Орифӣ, М. - Душанбе, 1962. -143 с.
[191] Оростаҳӯ, Муҳаммад. Бо нақд ва нигариш ба фарҳанги истилоҳоти илмӣ-иҷтимоӣ. [Матн] / Муҳаммад Оростаҳӯ. - Теҳрон, 1381. -684с.
[192] Осимӣ, М. Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ. [Матн] / М. Осимӣ. – Душанбе, 1970. –140с.
[193] Очерки по истории этики [Текст]. -М.: Мысль. 1969. - 430с.

[194] Очеркҳои таърихи фалсафа. [Матн]. - Душанбе: «Дониш» - 1982. -287с.
[195] Парсонс, Т. Система современных обществ. [Текст] / Т. Парсонс. - М. 2002. -402с.
[196] Падуанский, Марсилий.Защитник мира. Defensor pacis/ Марсилий Падуанский: Пер. с франц. Б. У. Есенова; науч. ред., вступит, ст., примеч. Г.П.Лупарев. [Техт]/М.Падуанский. – М.: Изд.-торг.корпорация «Дашков», 2014. – 656с.
[197] Петерсен, Джим. Евангелизм как образ жизни. [Техт]/ Д.Петерсен. – 204с.
[198]Петрушевский И. П. Ислам в Иране в VII-Хвв. [Техт] / И. П. Петрушевский. – Л., ЛГУ, 1996. -400с.
[199]Пиотровский М.П. Коранические сказания. [Техт] / М. П. Пиотровский. – М.: Наука.1991. -219с.
[200] Платон. Диалоги. /Пер. с др.-греч. С. Я.Шейнман-Тоншейн; сост., вступит. ст., общ. ред. А. Ф. Лосева; примеч. А. А. Тахо-Годи [Текст] – М.: «Мысль», 1986. – 607 с.
[201] Платон. Избранное: [научно-популярное издание]: [пер. с древнегреч.] [Текст] / Платон. – М.: «ООО Издательство АСТ», 2004.– 493с.
[202] Платон. Сочинения в четырех томах. Т. 3. Ч. 1. [Текст] / Платон. – СПб.: Изд-во СПб. ун-та; «Изд-во Олега Абышко», 2007. – 752 с.
[203] Платон. Государство/ Перевод А.И. Егунова// Сборник сочинений. В 4т. Т.3. [Текст] / Платон. - М. 1994. VI. 492 d.
[204] Платон. Сочинения в трех томах. Том 1. [Текст] / Платон. - М.: «Мысль», 1968. - 623с.
[205] Попов, Л. А. Десять лекций по этике [Текст] / Л. А. Попов. – М.: «Ось-89», 2001. – 192 с.
[206] Раджабов, М. Философские и социально-этические взгляды Амир Хусрава Дехлави. [Текст] / Раджабов, М. - Душанбе: Ирфон, 1982. -95 с.
[207] Рассел, Б. Таърихи фалсафаи Ғарб. Ҷ.1. Тарҷумаи Наҷафи Дарёбандарӣ. [Матн] / Б. Рассел. - Теҳрон: «Парвоз»,1360.

[208] Расулов, С.Х. Психологияи эмотсия ва хиссиёт. [Матн] / С.Х. Расулов. - Душанбе: «ЭР-граф». 2022. – 336с
[209] Рахимов, М. Абуали ибн Сина (Авиценна). Философия человека [Текст] / М. Рахимов. – Душанбе: «Ирфон», 2018. – 648 с.
[210] Рахимов, С. Эстетика зороастризма [Текст] / С. Рахимов. – Душанбе: «Дониш», 2006. – 406 с.
[211] Раҳмонӣ, Ғуломризо. Омӯзиши фалсафаи машшоӣ ва ишроқӣ. Ғуломризо Раҳмонӣ. - Қум. 1390. – 330с.
[212] Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди даҳум. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: «Ирфон», 2011. –576с. 331
[213] Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002. -128с.
[214] Раҳмонов, Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: Шарқи озод, 2007. -144с.
[232] Раҳмонов, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: ЭР-граф, 2009. -372с.
[215] Раҳмонов, Э. Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: Шарқи озод, 2009. -368с.
[216] Раҳмонов, Э. Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: Шарқи озод, 2009. -320с.
[217] Раҳмонов, Э. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: Бухоро, 2012. -132с.
[218] Раҳмонов, Э. Чеҳраҳои мондагор. [Матн] /Э.Рамонов. –Душанбе: ЭР-граф, 2016. -364с.
[219] Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. London and Flint river edition.[Матн]/ Э.Раҳмонов. -Great Britain. -120с.
[220] Раҳмон Эмомалӣ. Уфуқҳои истиқлол.[Матн]/ Э.Раҳмон. - Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. - 435 с.
[221]Раҳмон Эмомалӣ. Эмоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ. [Матн]/ Э.Раҳмон. Душанбе-2009. – 120с.

[222] Раҷабов, М. Аз таърихи афкори иҷтимоию хаёлии Шарқ [Матн] / М. Раҷабов. – Душанбе: «Ирфон», 1998. – 164 с.

[223] Рашидадин, Фазлулоҳ Ҳамадонӣ. Ҷоме-ут-таворих. [Матн] / Рашидадин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. - Теҳрон, 1338. -674с.

[224] Рашшод, Муҳаммад. Фалсафа аз оғози таърих. [Матн] / М. Рашшод. Душанбе: «Ирфон», 1990. –480с.

[225] Рашшод, Муҳаммад. Фалсафа аз оғози таърих. Ҷ. 3-4. [Матн] / М. Рашшод. - Душанбе: «Ирфон», 2002. -368с.

[226] Сагадеев, А.В. Ибн Сина [Авиценна]. [Текст] / А.В. Сагадаева. – М.: Мысл, 1980. -239с.

[227] Садыков, А.У. Политические взгляды Аду Насра ал-Фараби. [Текст] / А. У. Садыков. – Душанбе, 2006. – 135с

[228] Саидзода, Зафар. Густариши ахлоқи миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. [Матн] / З.Ш. Саидзода. - Душанбе, 2014. – 258.

[229] Самиев, А. Х. Историческое сознание как самопознание общества: социально-философский анализ [Текст] / А. Х. Самиев. – Душанбе: РТСУ, 2009. – 411 с.

[230] Саломат, Мусо. Ал-явм в-ал-ғад (Имрӯз ва фардо). [Матн]/ М.Саломат. - Ҳиндовӣ, 2019. – 154 с.

[231] Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Ҷилди 3. [Матн]/ - Душанбе, «Эр-граф», 2008.

[232] Содиқов, А. У. Ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Абӯ Наср ал-Форобӣ [Матн] / А. У. Содиқов. – Душанбе: ДМТ «Сино», 2009. – 153 с.

[233] Содиқов, А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ. [Матн] / А. Содиқов. - Дшанбе: Ирфон, 1989. - 144 с.

[234] Содиқов, А.У. Ҷаҳонбинӣ ва ахлоқ аз назари мутафаккирони тоҷик. [Матн] / А.У. Содиқов. - Душанбе 2004. -203с.

[235] Спиноза Б. Религиозно-политический трактат. Б.Спиноза.
Избранные произведение в двух томах. Том второй. [Техt] / Б. Спиноза. - М.: Гос. Изд. Полит. литература. 1957. -725стр.

[236] Спиноза, Б. Этика. [Текст] / Б. Спиноза. – Мн.: Харвест, М.: Аст, 2001. – 359с.
[237] Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино [Матн] / У. Султонов. -Душанбе. 1975. - 168 с.
[238] Суханони ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: ҶДДМ «Контраст», 2017. – 464с.
[239] Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. (Фалсафаи аҳди бостон). Нашри дуюм. –Душанбе, 2014. –581с.
[240] Таърихи фалсафаи тоҷик (аз қадим то асри XX). Дар панҷ ҷилд. Ҷ.2. Муҳар. масъул: А. Шарипов [Матн] – Душанбе: «Дониш», 2016. –892 с.
[241]Тайлор, Эдуард Бернетт. Первобытная культура. [Техт]/ Э.Б.Тайлор. - М.:Изд. полит. лит. 1989. – 534с.
[242]Таърихи динҳо. [Матн]/ Таърихи динҳо. - Душанбе: «Дониш», 2014. – 368с.
[243]Таърихи ислом. Пажӯҳиши донишгоҳи Кембридж.Зери назари Ҳ. П. Малколн, А. К. С. Ламбтон. Тарҷимаи Аҳмади Ором.[Матн]/ Таърихи ислом. - Теҳрон-1386. – 946с.
[244]Тафсири кобулӣ (Тарҷима аз урду ба форсӣ), [Матн.]/ Тафсири кобулӣ. - Пешовар, Покистон. Бе с/н.
[245]Таҳтовӣ, Рафоат.Тахлис-ул-ибриз.1/62 - табат-ут-танвир – ал-ҳайатул - мисрият-ул-оммал-ил-китоб.[Матн] / Р. Таҳтовӣ. - Миср,1994. – 224с.
[246]Тоҳо, Ҳусейн. Мустақбал-ус-сақофати фи Миср. [Матн]/ Ҳусейн Тоҳо. - Миср. Ҳиндови, 2014. – 315с.
[247] Фалсафа дар аҳди Сомониён. [Матн]. - Душанбе: «Дониш» 1999. -300с.
[248] Хайруллоев, М.М. Мировозрение Фараби и его значение в истории философии [Текст] / М.М. Хайруллоев. - Ташкент: ФАН, 1967. -335с.
[249] Хайруллоев, М.М. Абу Наср -ал-Фараби. [Текст] / М.М. Хайруллоева. - М.: Наука, 1982. -303с.

[250] Хоҷа, Насириддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. [Матн] / Тӯсӣ Насириддин. - Теҳрон, 1339ҳ. –263с. [299] Ҳазраткулов, М. Эътиқодоту анъанаҳои бостонии Аҷам [Матн] / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: «Дониш», 1986. –286 с.
[252] Ҳазратқулов, М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. [Матн] / М. Ҳазратқулов. - Душанбе: Дониш, 2006. - 578с.
[253] Ҳайдаров, Р. Ҷ. Тоҷикистон дар масири таҳкими истиқлолияти давлатӣ: Ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ [Матн] / Р. Ҷ. Ҳайдаров. –Душанбе: «Шоҳин С.», 2020. –108с.
[254] Ҳалабӣ, Алиасғар. Таърихи фалсафаи эронӣ аз оғоз то имрӯз. [Матн] / А. Ҳалабӣ. - Теҳрон, 1381. -786с.
[255] Шайх Муҳаммад Хузари. «Сирату-л-якин» тарҷумаи «Нуруляқин». [Матн]/Муҳаммад Хузари. - Душанбе, 2010. – 446с.
[256] Шакир-заде, А.С. Эпикур. Издательство социально-экономической литературы. [Техт]/ А.С.Шакир-заде. - Москва. 1963. – 222с.
[257] Шакурӣ, А. Фалсафаи сиёсии Ибни Сино ва таъсири он ба адвори баъдӣ. [Матн] / А. Шакурӣ. - Теҳрон, 1384. –326с.
[258] Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе, «Дониш», 1997. –360 с.
[259] Шамолов, А.А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насириддина Туси. [Текст] / А.А. Шамолов. – Душанбе: Ирфон, 1994. -180с.
[260] Шамолов, А.А. Ҳуҷҷат-ул-ислом Ғазолӣ: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ. [Матн] / А.А. Шамолов. – Душанбе, 1996. -320с.
[261] Шамолов, А.А. Философско-теологические воззрения Газали. [Текст] / А.А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2002. -362с.
[262] Шамсиддинов, Ҷ. Фалсафа ва дониши илмӣ. [Матн] / Ҷ. Шамсиддинов. – Душанбе, 2009. –112с
[263] Шарль, де Бросс.О фетишизме. [Техт]/ де Бросс Шарл. - М.: Изд. «Мысль».1973. – 267с.

[264] Шарҳи фиқҳи акбар. Шайх Абулмунтаҳо Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Манғиёсӣ. [Матн]/Шаҳи фиқҳи акбар. Бе с/н.
[265] Шафф, Ф. История христианской церкви. Т. VI. Средневековое христианство. [Техт]/ Ф.Шафф. - М., 2009. - 266с.
[266] Шодиев, Мирзохоҷа. Таъриху адаб-ил-арабий-ил-муосир. Ал-ҷузъ-ул- аввал. [Матн]/ М.Шордиев. - Душанбе-2020. – 334с.
[267] Шоихтиёров, Х. Социальная философия НасириддинаТуси [Текст] / Х. Шоихтиёров. –Душанбе: «Дониш», 2007. – 240с.
[268] Шоҳ, Абдулқайюм. Сайид ҶамолуддиниАфғон, шахсият ва афкор. Мутарҷим: Абдураҳим Аҳмад Парвонӣ. [Матн]/ А.Шоҳ. -Кобул: Бунгоҳи интишорот ва матбааи Майванд, 2010. - 116с.
[269] Фейербах, Людвиг. Избранные философские произведения в 2-х томах. Т.2. [Матн]/ Л.Фейербах. - М.: Госполитиздат,1955. Сущность религии (1845). – 168с.
[270] Флавий, Иосиф. Иудейская война.[Техт]/ И.Флавий. - Минск. 1991. - 368с.
[271] Фрэзер, Д. Д. Золотая ветвь. [Техт]/ Д.Д.Фрэзер. - М.: Политиздат,1980. -430с.
[272] Холиқзода, А. Ғ., Шарифзода М.М., Шосаидзода Ш.Ш. Пешво ва мактаби давлатдорӣ (Пешвои миллат – поягузори давлати миллӣ) [Матн]/ А.Ғ.Холиқзода, М.М.Шарифзода, Ш.Ш.Шосаидзода. - Хуҷанд: Ношир, 2022. – 512с.
[273] Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства. [Текст] / Ф. Энгельс. - М.: ЛКИ. 2007. -240с.
[274] Энгельс Ф. Сочинения. Изд. 2-ое. Т. 6. – М.: «Госполитиздат», 1957. - 800с.
[275] Энгельс, Ф. Диалектика природы. [Текст] / Ф. Энгельс. - М., 1950. – 398с.

[276] Этическая мысль: Науч.публ.чтения. [Текст]. -М.: Политиздат, 1988. -384с.
[277] Якубов, Ю. Религия Древного Согда. [Текст] / Ю. Якубов. - Душанбе: «Дониш», 1996. -360с.
[278] Ятимов, С. Илм ва амният [Матн] / С. Ятимов. – Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2019. –192 с.
[279] Ятимов, С. Асарҳо. Ҷ.4. Унсуралмаолии Кайковус дар бораи хирад. [Матн] / С.Ятимов. - Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2019. –256с.
[280] Ятимов, С. Асарҳо. Ҷ.5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. [Матн] / С. Ятимов. - Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2019. –304с.
[281] Ятимов, С. Асарҳо. Ҷ.8. Аристотел: давлат ва сиёсат. [Матн] / С. Ятимов. -Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2019. –504с.
[282] Ятимов, С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат [Матн] / С. Ятимов. -Хуҷанд: «Ношир», 2020. –168с.

**Мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо**

[283]Абдуллоев Ш. Ислом ва ҳаёти маънавии ҷомеа: Таносуби дин ва маданият[Матн]/ Ш.Абдуллоев. // Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. – 1992, №4, С. 23-34.
[284]Абдулло Раҳнамо. Потребность и адаптации политического ислама к задачам построения национального государства в Таджикистане [Тext] /Р.Абдулло //Построение доверия между исламистами и секуляристами-таджикский экспернимент. – Душанбе, 2004. - С.161-184.
[285]Абдулҳаев К.А. Роҳи ҳалли масъалаи носиху мансух дар ислом [Матн]/ А.А.Абдулҳаев // Ахбори АИ ҶТ, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, 2019, №1. - С.50-57.
[286]Абдулҳаев К. А. Ҷойгоҳи дин дар ҷомеаи мутамаддин [Матн] / К.А.Абдулҳаев //Ахбори Академия илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2016, №4. - С. 40-49.

[287] Абдулҳаев К.А. Шабоҳати маонӣ дар Авасто в Қуръон [Матн] / К.А.Абдулҳаев //Ахбори Академия илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2017, №3. - С. 49-58.
[288] Абдухализода К.А. Ҷанбаҳои дунявӣ дар таълимоти М. Падуянӣ [Матн] /К.А.Абдухалилзода//Ахбори Академия илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021, №4. - С. 7-12.
[289] Абдухалилзода К.А. Ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ дар дини ислом [Матн] / К. А. Абдухалилзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022, №12. - С.169-175
[290] Ахмедов С. Светские и религиозные элементы в национальном Государстве [Текст] / С.Ахмедов // Построение доверия между исламистами и секуляристами. – таджикский эксперимент. – Душанбе, 2004. – С.88-108.
[291] Баранов, В. *Ф*. Политическое учение Марсилия Падуанского и его связь с коммунальным движением Северной и Средней Италии // Ученые записки Петрозаводского государственного университета: Сб. статей. Т. 16. Вып. 7. Вопросы истории. [Текст] /В.Ф.Баранов. - Петрозаводск, 1970. – 216с.
[292] Бекзода К. Свободомыслящие идеи Джамаладдина Афғани в его работах [Текст]/ К.Бекзода // Исследование в истории таджикской и персидской философии (XVI- начало XX в.): Журн. науч. стат. – Душанбе: Матбуот, 2002. – С.548-549.
[293] Диноршоев М.Д. Абу Хамид ал-Газали в поисках достоверного Знания [Текст]/ М.Д.Диноршоев //Известиф Академии наук РТ. Серия: философия и право. –Душанбе, 2008, №3. - С.23-29.
[294] Диноршов М.Д. Вклад эпохи саманидов в развитие духовной культуры Центральной Азии [Текст]/ М.Д.Диноршоев //Фалсафа дар аҳди Сомониён. –Душанбе: Дониш,1999. - С.66-81.
[295] Диноршоев М.Д. Каломи Мотридӣ [Матн]/ М.Д.Диноршоев // Фалсафа дар аҳди Сомониён. – Душанбе. –Душанбе: Дониш, 1999. – С.50-65.

[296] Идиев, Х. Таълимоти иҷтимоию сиёсии Арасту ва инъикоси он дар тафаккури иҷтимоии муосир [Матн] / Х. Идиев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – №4. – С. 14-19.
[297] Муминов А. Светское и религиозное в интерпретации ‘улама ’ в средневековой Центральной Азии [Текст]/А.Муминов // Ислам и светское государство (по материалам Международного научно- теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. В Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). - С.86-92.
[298] Мунавваров З. Становление нового соотношения между светскость и религиозностью в Республике Узбекистан [Текст]/ З.Мунавваров // Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. В Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). - С.129- 137.
[299] Нурулҳақов Қ. Таҳаммулпазирӣ – андешаи калидии динӣ-мазҳабии ниёгон. [Матн]/Қ.Нурулҳақов //Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе «Андалеб Р».2016. – С.45-67.
[300] Олимов К. Диалектика светскогои религиозного мировоззрения в условиях построения национального государства [Текст]/ К.Олимов // Построение доверия между исламистакми и секуляристами. –таджикский эксперимент. – Душанбе, 2004. – С. 65-78.
[301] Паёми шодбошии Пешвои миллат ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон.01.04.2022
[302]Полонская Л.Р. Новые тенденции модернизации ислама (на примере Пакистана) [Текст]/ Л.Р.Полонская //Религия и общественная мысль стран Востока. – М., 1974. – С.7-35.
[303] Прозоров С.К. К проблеме верховной власти в исламе [Текст]/ С.К.Прозоров // Ислам и светское государство (по материалам

Международного научно- теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. В Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). - С.31-35.
[304]Руткевич Е. Д. Западная социология о перспективе религии [Текст]/ Е.Д.Руткевич//Религия в самосознании народа (Религиозный фактор в идентификационных вопросах). М.: 2008. –С. 234-268.
[305] Самсонова Г.И. Критика монашества в произведениях итальянского гуманиста XV в. Поджо Браччолини [Текст]/ Г.И.Самсонова //Общество и государство в древности и средние века в странах Западной Европы. Изд. Московского университета. 1985. – 161с.
[306] Стам *С.* М. Гуманизм и церковно-реформаторская идеология [Текст]/ С.М.Стам // Культура эпохи Возрождения и Реформация. JL, 1981.
[307] Сюкияйнен Л. Мусульманско-правовая культура и светское государство (на примере Росии и стран Центральной Азии) [Текст]/ Л.Сюктяйнен // Ислам и светское государство (по материалам Международного научно- теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. В Мемориальном комплексе Имамал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). - С.78-86.
[308] Шнайдер-Детерс В. Светское государство и пробуждение ислама в постсоветской Центральной Азии (Некоторые политические выводы) [Текст] / В.Шнайдер-Детерс //. Ислам и светское государство (по материалам Международного научно- теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. В Мемориальном комплексе Имам ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). - С.122-129.
[309] Шоисматуллоев, Ш. Сохтори иҷтимоӣ ҳамчун омили устувории ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ// Раванди ваҳдат ва назарияи он. [Матн] / Ш. Шоисматуллоев. - Душанбе, 2013. –С.42-43.
[310] Хаким Рахнамо. О сосуществовании светского и религиозного в

Таджикистане [Текст]/ Р.Хаким //Зайферт А., Крайкемайер А. О совместимости политическогоислама и безопасности в пространстве ОБСЕ. – Душанбе: Шарқи Озод, 2003. –С.141-167.
[311] Хасанов А. Первая мусульманская община: переход от религиозности к секуляризму [Текст]/ А.Хасанов // Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. В Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). - С.26-31.
[312] Эршахин С. Джадидистские политические партии Туркестана о светском государстве (1917-1920) [Текст]С.Эршахин // Ислам и светское государство (по материалам Международного научно-теоретического симпозиума «Ислам и светское государство», состоявшегося 5-6 июня 2002 г. В Мемориальном комплексе Имама ал-Бухари, Республика Узбекистан). (28.11.2013. 16:53). - С.26-31.

**Адабиёти хориҷӣ**

[313] Collins Cobuild Advanced Learner's English Dictionary. New Edition. Canada.2006.
[314] Dhahabi, Shams al-Dīn. Dhayl taʾrīkh al-Islām. Edited by Māzin b. Sālim Bā.
[315] Gauba, G.P. An introduction to political theory. 7th edition thoroughly Revised. India. Al-Aziz Book Binding House, Sahibabad (U.R.).2014.
[316] Geiger, W. Civilisation of the Eastern Iranians in Ancient Times: With an Introduction on the Avesta Religion. Translated from Germany by Darab Dastur Peshotan Sanjana. Kessinger Publishing, LLC2, 2010.
[317] Hourani Albert, al-Fikr al-Arabi fi Asr-al-Nahdah (1798-1939), translated into Arabic by Karim 'Azqul (Beirut: Naufal), 2001.
[318] Muhammad Jawad Chirry. Inquiries about Islam. Michigan.The Islamic center of America. 1996.
[319] Nazik Saba Yared, Secularism and the Arab World (1850-1939)

(London: Saqi Books, 2002).
[320] Oxford Advanced Leaner's Dictionary of Current English.Seventh Edition.A S Hornby Oxford University Press.
[321] Oxford Encyclopedic English dictionary. Clarend press. Oxford.1991.
[322] RonaldRolheiser. Secularity and gospel. The Crossroad Publishing Company, New Yourk, 2006.
[323] Tamimi Azzam.The Origins of Arab Secularism, in AzzamTamimi and John L. Esposito, ed., Islam and Secularism in the Middle East (NY: New York University Press, 2000).
[324]Thomson W.F. The practical philosophy of Mohammad an people. London, 1849.
[325] Zakariyya Fouad, Myth and Reality in the Cotemporary Islamist Movement, translated and with an introduction and Boblography by Ibrahim M. Abu-Rabi' (London: Pluto Press, First Edition, 2005).

**Диссертация ва авторефератҳо**

[326] Абдулхаев, К. А. Историко-философский анализ эволюции идеи бога. Дисс… на соискание уч. степ. к.ф.н., [Texт] / К. А. Абдулхаев. - Душанбе: 2005. – 156с.
[327] Ахмедов, С. Философия калама в современном исламе. – Дисс...на соискание уч. степ.д.ф.н. [Texт] / С.Ахмедов. – Душанбе, 2005. – 349с.
[328] Баратов, Н.Ю. Основные принцыпы этики Фараби и их развитие в трудах персидских мыслителей: Дис...канд. филос.наук. [Текст] / Н.Ю. Баротов. - Ташкент, 1681. – 159с.
[329] Воропаева, Ю. П. Этика человеческого достоинства в условиях глобализации: Дис...канд. филос.наук. [Текст] / Ю.П. Воропаева. – М., 2015. – 189с.
[330] Диноршоева З. Муҳаммад ал-Газали и его отношение к философии. Дисс…на соиск.учен.степ. канд. философ. наук. [Текст]/ З.Диноршоева. – Душанбе, 2000. – 147с.

[331] Диноршоева, З.М. Гражданская философия аль-Фараби: Дис...док. филос.наук [Текст] / З.М. Диноршоева. – Душанбе, 2006. – 304с.
[332] Мирзоев, Г.Дж. Реформаторские концепции и обновленческие движения в исламе (Философско-критический анализ). [Текст]/ Г.Дж. Мирзоев. –Душанбе, 2020. – 302с.
[333] Назар, М. А.Автореферати дисс…барои дарёфти дараҷаи илмсии доктори илмҳои фалсафа. [Матн]/ М.А.Назар. – Душанбе, 2022. – 106с.
[334] Рахимов, С. Х. Философско-эстетические идеи зороастризма. Диссертация на соискание ученой степени доктора философских наук. [Текст] /С.Х. Рахимова. - Душанбе, 2007. -320с.
[335] Саидов, Н. С. Сопоставительный анализ учений Аристотелья и Ибн Сины о челевоке: Автореферат дисс… док. филос. наук. [Текст] / Н.С. Саидов. - Душанбе, 2009. – 46с.
[336] Талбонӣ, А. Ш. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ: Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа. [Матн]/ А.Ш.Талбонӣ. – Душанбе, 2023. – С. 347с.

**Захираҳои электронӣ (Электронный ресурс)**

[337] Агасиева, Азизкызы. Философско-методологические аспекты модернизации ислама в современной Турции. - [Электронный ресурс], - Низоми дастрасӣ: https://www.dissercat.com/ (Дата обращения: 26.11.202).
[338] Албани, Насыруддин. «Таков наш призыв». - [Элетронный ресурс], - Низоми дастрасӣ: Asar-forum.com. (Дата обращения: 30.12.2022).
[339] Албани, Насыруддин. Бедствие исламского мира и обязанность мусульман в отношении этого. Перев. с араб. Абу Идар аш-Шаркаси (01.09.2014. 03.09) //Некоторые фатвы… Asar-forum.com. (Дата обращения: 02.01.2023).
[340] Ал-мактабату-ш-шомилату. Ал-Қуръон-ул-карим ва тафсируҳу. - [Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ: http: // www. shamela.ws.

[341] Белкина, Т.Л. и Комаров А. С. Апология свободы совести в трудах Джона Локка. - [Электронный ресурс], -Низомидастрасӣ http: //cyberleninka. ru/article/n/apologiya- svobody-sovesti –v–trudah - dzhona-lokka /viewer. (Дата обращения: 30.06.2021).
[342] Бенси, Джованни. Великий раскол или борьба за власть в Церкви. - [Электронный ресурс], - Низомидастрасӣ:https://www.ng.ru › ng_religii › 2_raskol. (Дата обращения: 15.09.2021).
[343] Ваҳба аз-Зуҳайлӣ. Ат-тафсир-ул-мунир фи-л-ақидати ва-ш-шариати ва–л-манҳаҷ. Димишқ.2003.- [Захираи электронӣ],- Низоми дастрасӣ: http: //www.fikr.com.И
[344] Гулбойгонӣ, Алӣ Рабонӣ. Ислом ва мудернити//Каломи исломӣ. 1382, шумора 46. [Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ:-Ensani.ir.
(Рӯзи муроҷиат 30.11.2022. соати 14-31.
[345] Коран. Перевод Э. Кулиева (Т. ас-Саади и Ибн Касира). [Электронный ресурс], - Низоми дастрасӣ: http://play.google. com>store>apps>details.
[346] Ал-Қуръон-ул-Карим – Тафсир-ут-Табари. - [Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ: Quran.ksu.edu. sa
[347] Оришев, А.Б. Принципы ислама: Эволюция вероучения // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2015.– № 8-1.–С.167-171;URL: - [Электронный ресурс],- Низоми дастрасӣ: https: // applied-research.ru/ru/article/view?id=7064. (Дата обращения: 26.11.2022).
[348] Охундзода, Мирзо Фатҳалӣ. -[Захираи электронӣ], -Низоми дастрасӣ: Fa.m.wikipedia.org. (Рӯзи муроҷиат: 09.09.2022).
[349] Пешкаровулони секулоризм дар Эрон.-[Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ: http: //ensani.ir/fa/articleҚ. (Рӯзи муроҷиат:31.-08.2022).
[350]Тафсир-ул-анвор (Баргузидае аз се тафсир: “Фатҳулқадир”-и Шавконӣ, Тафсири Ибни Касир, ва”Тафсир -ул –мунир”- и Ваҳбаи Зуҳайлӣ). Тартиб ва тарҷимаи Абдурраufи Мухлис. -[Захираи электронӣ],

- Низоми дастрасӣ: http: // www. qurancomplex. com; Copyright@ 2008 ahlesonnat. com.
[351] Тахтави,Rufaa.-[Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ: Wikiwand. com/ru/ (Рӯзи муроҷиат. 7.07.2022).
[352]Уланов, М.С., Бадмаев В.Н. Буддийские ценности и проблема толерантности в современном мире. – [Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ. Cyberleninka.ru/n/buddiyskie –tsennosty- i-problema-tolerantnosty-v- sovremennom -mire
[353]Фатима, Манзур.Исламский реформатор Индии Сэр Саид Ахмед Хан. -[Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ:https://proza.Ru /2011 /11/ 14/1169. (Рӯзимуроҷиат 07.10.2022).
[354] Элиаде, Мирча История веры и религиозных идей. Том.3. От Магомета до Реформации – royallib. ru.
[355] Bingbing Wu (2007) Secularism and Secularization in the Arab World, Journal of Middle Eastern and Islamic Studies (in Asia), 1:1, 55-65, - Захираи электронӣ],-Низоми дастрасӣ. -https: // www. tandfonline. com/doi/pdf/10.1080/19370679. (Рӯзи мурочиат: 20.06.2022).
[356]Icocnews.ru/izuchenie –biblii. -[Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ (Рӯзи мурочиат:2.08.2021).
[357] Free/belief /2009/apr/09/religion-islam-egypt.- [Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ http://www.guardian.co.uk/commentis.
[358]Muslim Social and Religious Reformers of India.-[Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ:https://www.newageislam.com/islamic-society/s-arshad-new-age-islam / muslim-social-religious-reformers-india/d/123774. (Рӯзи мурочиат: 26. 10.2022).
[359] Secularism_in_Iran. -[Захираи электронӣ], - Низоми дастрасӣ https://en.wikipedia.org/wiki/ (Рӯзимурочиат: 18-08-2022).
[360] Мирзо Мулкамхон ва ҷараёни равшанфикрӣ дар Эрон (Ба хати форсӣ). https://www.irna.ir/news/84405689 (Рӯзимурочиат: 29.08.2022).

[361] Алмония (Дунявият) Захираи электронӣ],- Низоми дастрасӣ /http://ar. wikipedia,org
/w/index.phr.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I.Монография:**

[1-М] Абдухалилзода К. А. Арзишҳои дунявӣ дар ислом [Матн] /К. А. Абдухалилзода – Душанбе: Эр-граф, 2023. – 342с.

II.**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[2-М] Абдулҳаев К.А. Худтакмилдиҳӣ ҳамчун масъалаи ахлоқӣ [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Авҷи Зуҳал - 2011. - № 2. – С. 64-68.

[3-М] Абдулҳаев К.А. Масъалаи дунявият дар ислом [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Ахбори АИ ҶТ, силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ - 2013. - № 1-2 – С.77-82.

[4-М] Абдулҳаев К.А. Асосҳои интеллектуалии дунявият дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Авҷи Зуҳал. - 2013. - № 2. – С. 58-64.

[5-М] Абдулҳаев К.А. Таҳаввули мундариҷаи мафҳуми дунявият [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Авҷи Зуҳал. - 2014. - № 3. – С. 75-81.

[6-М] Абдулҳаев К.А. Зарурат ва мушкилоти таълими динӣ дар Тоҷикистон [Матн] / К. А. Абдулҳаев // Ахбори АИ ҶТ, шуъбаи илмҳои ҷомеашиносӣ, - 2014. - №3. –С.59-66.

[7-М] Абдулҳаев К.А. Ҷойгоҳи дин дар ҷомеаи мутамаддин[Матн] / К.А.Абдулҳаев // Ахбори АИ ҶТ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2016. - №4. –С.40-49.

[8-М] Абдулҳаев К.А. Қурбон гардидани арзишҳои миллӣ ва динӣ дар раванди низоъҳои сиёсӣ-идеологии ҷаҳони ислом [Матн] / К.А.Абдулҳаев, Ш.Р.Ахмедов // Авҷи Зуҳал. - 2016. - № 1. – С. 71-77.

[9-М] Абдулҳаев К.А. Шабоҳати маонӣ дар Авасто ва Қуръон[Матн] /К.А.Абдулҳаев // Ахбори АИ ҶТ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2017. - № 3. – С.49-58.

[10-М] Абдулҳаев К.А. Проблемаи носиху мансух дар ислом [Матн] / К.А.Абдулҳаев, Ҳ.К.Иброҳимов // Авҷи Зуҳал. - 2018. - № 1. – С. 108-114.

[11-М] Абдулхаев К.А. Роҳи ҳалли масъалаи носиху мансух дар ислом[Матн] / К.А. Абдулхаев // Ахбори АИ ҶТ, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2019. - №1. – С.50-57.

[12-М] Абдулхаев К.А. Озодандешӣ ва дин[Матн] / К.А. Абдулхаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. – 2019. - №3. – С.116-119.

[13-М] Абдухалилзода К.А. Ҷанбаҳои дунявӣ дар таълимоти М. Падуянӣ[Матн] К.А.Абдухалдилзода // Ахбори АИ ҶТ, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. - 2021. - №4. – С.7-12.
[14-М] Абдухалилзода К.А. Хусусиятҳои зиддиинсонии андешаҳои динии ифротӣ[Матн] / К.А.Абдухалилзода // Паёми донишгоҳи Миллии Точикистон. - 2021. - №7. – С. 122-128.
[15-М] Абдухалилзода К.А. Ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ дар дини ислом [Матн] / К.А.Абдухалилзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. - №12. – С. 169-175.
[16-М] Абдухалилзода К.А. Таносуби арзишҳои дунявӣ ва динӣ[Матн] / К. А. Абдухалилзода// Ахбори АИ ҶТ, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2022. -№3. – С.71-75.
[17-М] Абдухалилзода К.А.Ҷудонопазирии дунявият ва ислом [Матн] / К.А.Абдухалилзода //Ахбори АИ ҶТ, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2022. - № 4. - С.7-13.
[18-М] Абдухалилзода К.А. Ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / К.А.Абдухалилзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. - № 11, қисми 2. – С. 93-101.
[19-М] Абдухалилзода К.А. Тағйирёбии мундариҷаи мафҳумҳои “дин” ва “диндор” дар зери таъсири равандҳои дунявӣ [Матн] /К.А.Абдухалилзода // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. - №4/3 (65). – С.335-345.
[20-М] Абдухалилзода К.А. Ғарбгароӣ ҳамчун зуҳури дунявигароӣ (дар мисоли олами араб) [Матн] / К.А.Абдухалилзода //Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2024. №1. (29). – С. 57-64.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[21-М] Абдулҳаев К. А. Нақши боризи Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ [Матн] / К.А.Абдулхаев // Маводи конфронси донишгоҳии илмӣ-амалӣ бахшида ба 10-солагии Ваҳдати Миллӣ. – Душанбе. – 2007. – С.7-11.
[22-М] Абдулҳаев К. А. Арзишҳои олии инсонӣ дар таълимоти ИмомиАъзам [Матн] / К.А.Абдулхаев // Маҷмӯаи корҳои илмии устодон. - Душанбе-2009. – С.33-38.
[23-М] Абдулҳаев К. А. Ақоиди педагогии Имом Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ [Матн] / К.А.Абдулхаев // Авҷи Зуҳал, Нашрияи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино. - 2011. - № 4. – С. 75-79.
[24-М] Абдулҳаев К. А. Таносуби аҳдофи динӣ ва сиёсӣ дар фаъолияти салафия [Матн] / К.А.Абдулхаев // Маҷмӯаи мақолаҳои Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ». – Душанбе. - 2015. –С. 89-105.

[25-М] Абдулҳаев К. А. Таҳдидҳои ифротгароии динӣ дар ҷомеаи муосир [Матн] / К.А.Абдулхаев // Маҷмӯаи мақолаҳои Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ". – Душанбе: «Андалеб Р». - 2015. – С. 171-204.

[26-М] Абдулҳаев К. А. Башардӯстӣ дар таълимоти ислом [Матн] / К.А.Абдулхаев // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ифротгароии динӣ ва роҳҳои амали ипешгирии он дар маҳалҳо» - Бохтар. - 2018. – С. 49-61.

[27-М] Абдухалилзода К. А. Афкори ифротии динӣ дар фазои иттилоотии ҷомеа [Матн] / К.А.Абдухалилзода // Мақом ва нақши ислом дар ҶумҳурииТоҷикистон. IV/Душанбе: «Мусъаб-1». - 2019. – С. 255-270.

[28-М] Абдухалилзода К. А. Оятҳои қуръонӣ ва дидгоҳи илмӣ [Матн] / К.А.Абдухалилзода // Илм ва ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ. - 2020. -№4. –С.98-115.

[29-М] Абдухалилзода К. А. Истиқлолияти давлатӣ ва роҳҳои ҳифзи он аз хатару таҳдидҳои ҳаракату ҷараёнҳои ифротии динӣ [Матн] / К.А.Абдухалилзода // Маҷмӯаи мақолаҳои Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи арзишҳо имиллӣ". - Душанбе: «Эр-граф». - 2021. – С. 69-83.

[30-М] Абдухалилзода К. А. Хурофотро танҳо илму дониш решакан менамояд! [Матн] / К.А.Абдухалилзода // Илм ва ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ. - 2022. - №1. –С.83-89.

[31-М] Абдухалилзода К. А. Мушкилоти ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар ҷомеа [Матн] / К.А.Абдухалилзода // Илм ва ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ. - 2022. - №2. –С. 37-46.

[32-М] Абдухалилзода К.А. Нақши арзишҳои дунявӣ дар интишори ислом [Матн]/ К.А.Абдухалилзода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзӯи "Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ" бахшида ба 75- солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (03 октябри соли 2023). Душанбе-2023. –С. 217-229.